ISSN 2410-2903

Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан

National center of legislation under the President of the Republic of Tajikistan

Қонунгузорӣ
Законодательство
Legislation

№ 1 (57), 2025
январ – март

Маҷаллаи илмӣ-таҳлилии Қонунгузорӣ-и Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 31 майи соли 2018 ба Номгӯи маҷалла ва нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардида, дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

Маҷалла дар Махзани маълумоти таҳлилӣ – Шохиси илмии тақризшавандаи Россия шомил аст.

Хулосаю ақидаҳо ва шарҳу тафсири дар нашрияи мазкур зикргардида мавқеи муаллифон буда, мавқеи Марказро ифода наменамоянд.

* * *

Научно-аналитический журнал Законодательство Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан 31 мая 2018 года включен в Перечень ведущих рецензируемых журналов и изданий Высшей аттестационной комиссии при Президенте Республики Таджикистан. Зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан.

Журнал также включен в Аналитическую базу данных – Российский индекс научного цитирования.

Приводимые в настоящем издании данные, заключения, мнения и интерпретации являются позицией авторов и никак не могут рассматриваться как отражающие позицию Центра.

* * *

The scientific and analytical journal Legislation of the National Center for Legislation under the President of the Republic of Tajikistan was included in the List of reviewed journals and publications of the Higher Attestation Commission under the President of the Republic of Tajikistan on May 31, 2018. It was registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan.

The journal is also included in the Analytical Database - Russian Science Citation Index.

The data, conclusions, opinions and interpretations presented in this publication are the position of the authors and cannot express the position of the Center.

САРМУҲАРРИР
ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР
CHIEF EDITOR
Саидзода Иззатулло Ҳабибулло – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
кандидат юридических наук, доцент
candidate of legal sciences, associate professor

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ
РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ
EDITORIAL TEAM

Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
доктор юридических наук, профессор, член-корреспондент Национальной Академии наук Таджикистана (12.00.01)
doctor of law, professor, corresponding member of the National Academy of Sciences of Tajikistan
Алимов Суробшо Юсуфшоевич,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
doctor of law, professor (12.00.02)
Исмоилов Шавкат Маҳмудович,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
doctor of law, professor (12.00.06)
Ғаюрзода Шукурулло Караматулло,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
doctor of law, professor (12.00.13)
Маҷидзода Ҷурахон Зоҳир,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
doctor of law, professor (12.00.08)
Муртазозода Ҷамшед Сайдалӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
doctor of law, professor (12.00.03)
Ғафурзода Абдухалил Давлаталӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
doctor of law, professor (12.00.04)
Диноршоҳ Азиз Мӯсо,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
doctor of law, professor (12.00.02)
Азиззода Убайдулло Абдулло,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
doctor of law, professor(12.00.01)
Сангинзода Дониёр Шомаҳмад,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
doctor of law, professor (12.00.07)
Соҳибзода Муҳаммадҷон Маҳмадалӣ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент (муовини сармуҳаррир)
кандидат юридических наук, доцент (заместитель главного редактора)
candidate of legal sciences, associate professor (deputy chief editor) (12.00.03)
Маҳмадшозода Фарҳод Абдураҳмон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
кандидат юридических наук
candidate of legal sciences (12.00.03)
Маҳмудов Иззатулло Тешаевич,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
кандидат юридических наук, доцент
candidate of legal sciences, associate professor (12.00.11)
Абдуллоев Парвиз Саъдуллоевич,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
кандидат юридических наук, доцент
candidate of legal sciences, associate professor (12.00.09)
Соибов Зайниддин Маҳмадшарифович,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
кандидат юридических наук, доцент
candidate of legal sciences, associate professor (12.00.14)
Бобокалон Ғоиб Мерган,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
кандидат юридических наук, доцент
candidate of legal sciences, associate professor (12.00.05)
Саймухторов Алишер Абдухолиқович,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
кандидат юридических наук, доцент
candidate of legal sciences, associate professor (12.00.10)
Табаров Неъмон Амонович,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
кандидат юридических наук, доцент
candidate of legal sciences, associate professor (12.00.15)

МУҲАРРИР: Искандаров С.

ШУРОИ МАШВАРАТӢ
РЕДАКЦИОННЫЙ СОВЕТ
EDITORIAL COUNCIL

Раҳмон Озода Эмомалӣ,
Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
Руководитель Исполнительного аппарата Президента Республики Таджикистан, кандидат юридических наук
Head of the Executive Office of the President of the Republic of Tajikistan, candidate of legal sciences

Ализода Зариф,
Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - намояндаи комилҳуқуқи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
Помощник Президента Республики Таджикистан по правовой политике - полномочный представитель Президента Республики Таджикистан в Маджлиси Оли Республики Таджикистан, доктор юридических наук, профессор
Assistant to the President of the Republic of Tajikistan for legal policy - plenipotentiary representative of the President of the Republic of Tajikistan in the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, doctor of law, professor

Воҳидзода Ҳабибулло Сайдулло,
Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Генеральный прокурор Республики Таджикистан
Prosecutor General of the Republic of Tajikistan

Маҳмудзода Маҳкам Азам,
академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
академик Национальной академии наук Таджикистана
academician of the National Academy of Sciences of Tajikistan

Мирзозода Рустам Пираҳмад,
Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Председатель Верховного Суда Республики Таджикистан
Chairman of the Supreme Court of the Republic of Tajikistan

Бобозода Умед,
Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
Уполномоченный по правам человека в Республике Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент
Commissioner for Human Rights in the Republic of Tajikistan, candidate of legal sciences, associate professor

Саидвализода Барно Саиднабӣ,
Вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
Депутат Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли РТ, кандидат юридических наук, доцент
Deputy of the Majlisi Namoyandagon Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, candidate of legal sciences, associate professor

Худоёрзода Бахтиёр Табар,
Раиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
Председатель Центральной комиссии по выборам и референдумам Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент
Chairman of the Central commission for elections and referendums of the Republic of Tajikistan, candidate of legal sciences, associate professor

Ҷонибдори густариши гуногунандешӣ будани маҷалла маънои ҳамақидаи муаллифон будани ҳайати таҳририяро ифода наменамояд. Масъулият барои интихоб ва дақиқии далелҳо ва иқтибосҳо ба зиммаи муаллифон аст.

Ба дастнависҳое, ки барои нашр пешниҳод мегарданд, тақриз дода намешавад ва баргардонида намешаванд. Ҳангоми истифодаи маводи маҷалла истинод ба сарчашма ҳатмист.

Журналом поддерживается многообразие точек зрений, что не означает согласие редакционной коллегии. Ответственность за подбор, точность фактов, цитат и данных несут авторы опубликованных материалов.

Рукописи, предоставляемые для опубликования, не рецензируются и не возвращаются. При использовании материалов настоящего издания ссылка на источник обязательна.

The journal supports a diversity of points of view, which does not mean the consensus of the editorial board. The authors of published materials are responsible for the selection and accuracy of facts, quotes and data.

Manuscripts submitted for publication will not be reviewed and returned. When using materials from this publication, reference to the source is required.

МУНДАРИҶА

Саидзода И.Ҳ. Интихобот – василаи иштироки мардум дар ҳаёти сиёсӣ…….11-12

12.00.01 – НАЗАРИЯ ВА ТАЪРИХИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ; ТАЪРИХИ ТАЪЛИМОТ ОИД БА ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ

Зоир Ҷ.М.,, Давлатова М.М. Ҳокимияти қонунгузорӣ: ташаккул ва рушд.....13-19
Шарифзода С.Ш., Сафарализода П.Б. Нақши принсипи ошкорбаёнӣ ва шаффофият дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ: таҳлили назариявӣ-амалӣ…….....20-24
Муҳаммадиев И.С., Ҷалолозода С. Масоили назариявӣ-ҳуқуқии назорати прокурорӣ оид ба иҷроиши қонунгузории замин дар ҷумҳурии тоҷикистон.....25-33
Раҳимов Р.Л. Раванди мукаммалгардии қонунгузории ҶШС Тоҷикистон дар самти муқовимат ба коррупсия.....34-40
Табаров Н.А. Масъалаҳои назариявӣ-ҳуқуқии принсипҳои мурофиавӣ.....41-46
Раҳимов С. Таҳкими таносуби ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон тавассути мақомоти судӣ ва дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ.....47-52
Шарифзода П.Р., Заробидинзода С.З Мафҳум ва моҳияти ҳуқуқвайронкунӣ дар соҳаи муносибатҳои зӯроварӣ дар оила.....53-57
Махмудов Р.Б. Аз таърихи таъсисёбии институти адвокатура дар ҶШСА Тоҷикистон.....58-65
Мирзоев П.И. Асосоҳои фалсафии ҳуқуқ.....66-69
Сабурзода Н.М., **Холализода А.С.** Техникаи ҳуқуқии таҳия, қабул ва интишори санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ.....70-77
Иброҳимов Н. Мафҳуми нотариат ва мавқеи он дар низоми мақомоти давлатӣ: таҳлили ҷанбаҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ.....77-83
Қаландарова К.А. Ҳадафҳо ва аҳамияти функсияҳои ҳуқуқи Тоҷикистон.....84-89
Бодомазода Н. Мафҳум ва мазмуни ҳуқуқ ба ёрии ҳуқуқӣ: масъалаҳои назариявӣ ва ҳуқуқӣ.....90-98

12.00.02 – ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИОНӢ, МУРОФИАИ СУДИИ КОНСТИТУТСИОНӢ; ҲУҚУҚИ МУНИСИПАЛӢ (НИЗОМИ НАМОЯНДАГӢ)

Ализода З., Соибов З.М. Конститутсия – арзиши муҳимми ҷаҳони муосир.....99-103
Хуршедзода М.Х. Мафҳум ва хусусиятои ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.....104-109
Одиназода Ш.Х., Ғафуров Қ.А. Асосҳои иштироки фаъолонаи шаҳрвандон дар интихобот: ҷанбаҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ.....110-115
Атобуллоев Ш.К. Асосҳои назариявӣ ва хислатҳои конститутсионии тамомияти арзӣ ва соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон.....116-125
Мирзоев С.А. Баъзе масъалаҳои ҳуқуқӣ – конститутсионии субъектони фаъолияти соҳибкорӣ дар Чумҳурии Тоҷикистон.....126-132
Авзалова Г.О. Ташаккул ва инкишофи фаъолияти қонунэҷодкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва проблемаҳои он.....133-140

12.00.03 – ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНӢ; ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ; ҲУҚУҚИ ОИЛАВӢ; ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ХУСУСӢ

Кабутов Э.Д. Инкишофи қонунгузорӣ оид ба баргузории савдо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.....141-151
Меликов У.А., Фирӯзи Т. Ҳуқуқу уҳдадориҳо доир ба маълумоти шахсӣ.....152-157
Настарани А. Тартиби бастани шартномаҳои байналмилалӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.....158-162
Қодиров Ш.Б. Вазъи ҳуқуқии сервитути ихтиёрӣ тибқи қонунгузории Ҷумуҳурии Тоҷикистон.....163-170

Кабирова С.Б. Хусусиятхои умумии ухдадории чуброн дар натичаи расонидан зарар ба мол (кор, хизматрасон).....171-179
Шерзода Б.С., Абдулазизи А. Шартномаи эскроу (амонатгузории шартӣ) дар низоми ҳуқуқии Тоҷикистон.....180-188
Абдусамадзода С. Ҷанбаҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар кишварҳои хориҷӣ.....189-194
Исматзода И.Б. Хусусиятҳои инкишофи меъёрҳои коллизионӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.....195-200
Исмоилова М.И. Рушди қонунгузориии ҷумҳурии тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ.....201-207

12.00.05 – ҲУҚУҚИ МЕҲНАТӢ; ҲУҚУҚИ ТАЪМИНОТИ ИҶТИМОӢ

Бобокалон Ғ.М. Ҷиноят ва дигар намуди ҷавобгарӣ барои ба таъхир андохтани муҳлатҳои пардохти музди меҳнат.....208-214

12.00.06 – ҲУҚУҚИ ЗАМИН; ҲУҚУҚИ САРВАТҲОИ ТАБИӢ; ҲУҚУҚИ ЭКОЛОГӢ; ҲУҚУҚИ КИШОВАРЗӢ

Одиназода Ш.Х. экспертизаи қонуни ҷумҳурии тоҷикистон “дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ”: ҷанбаҳои илмӣ-ҳуқуқӣ ва амалӣ.....215-226
Идрисов Я.А. Баҳсҳои замин оид ба бақайдгирии ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ва ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин.....227-231

12.00.08 – ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ ВА КРИМИНОЛОГИЯ; ҲУҚУҚИ ИҶРОИ ҶАЗО

Маннонзода Н.М. Тасарруф ё вайрон кардани ҳуҷҷат, штамп, мӯҳр-навъи ҷиноятҳои бо савдои одамон алоқаманд.....232-237
Сабурзода Н.М. сиёсати ҳуқуқӣ ҷиноятӣ оид ба муқовимат бо терроризм ва экстремизм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.....238-247
Қодирзода Б. Мафҳуми ҷиноятҳо бо аломатҳои алтернатвии таркиби онҳо.....248-254
Рустамзода З. Тактикаи амалигардонии амалҳои алоҳидаи тафтишотӣ оид ба муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор тавассути ҳомилҳои иттилоотӣ-интернетӣ.....255-259
Арабҷонов Ш.А. Баъзе аз масъалаҳои мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм.....260-266

12.00.09 – МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ

Оралбаев Ҳ.Ҳ., Табаров Н.А. Дар бораи баъзе масъалаҳои баҳсноки мафҳуми шакли мурофиавии ҷиноятӣ.....267-273
Хоҷаева Н.Б. Далелҳои электронӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ ва проблемаҳои истифодаи онҳо дар раванди исботкунӣ.....274-280

12.00.10 – ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ; ҲУҚУҚИ АВРУПО

Қодиров Н.А., Қурбонзода М.С.Асосҳои байналмилалӣ – ҳуқуқии ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмони озуқаворӣ ва кишоварзии созмони миллали муттаҳид (ФАО).....281-286

12.00.14 – ҲУҚУҚИ МАЪМУРӢ; МУРОФИАИ МАЪМУРӢ

Нуриддинзода С.Н. Баъзе аз проблемаҳои амалӣ ва норасогии қонунгузорӣ оид ба баррасии парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ.....287-292.
Шарифзода С.Ш. Кафолатҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии корманди мкд ҷумҳурии тоҷикистон: замина барои амалигардонии вазъи маъмурӣ-ҳуқуқӣ.....293-302

СОДЕРЖАНИЕ

Саидзода И.Х. Выборы – средство участия народа в политической жизни……..11-12

12.00.01 – ТЕОРИЯ И ИСТОРИЯ ПРАВА И ГОСУДАРСТВА; ИСТОРИЯ УЧЕНИЙ О ПРАВЕ И ГОСУДАРСТВЕ

Зоир Д.М., Давлатова М.М. Законодательная власть: формирование и развитие 13-19
Шарифзода С.Ш., ***Сафарализода П.Б.*** Роль принципа гласности и прозрачности в правотворческой деятельности: теоритико-практический анализи……20-24
Мухаммадиев И.С., Джалолозода С. Теоретико-правовые вопросы прокурорского надзора за исполнением земельного законодательства в республике таджикистан 25-33
Рахимов Р.Л. Процесс совершенствования законодательства таджикской сср в направлении противодействия коррупции.....34-40
Табаров Н.А. Теоретико-правовые вопросы процессуальных принципов.....41-46
Рахимов С. Усиление соотношения защиты прав и свобод человека через судебные органы и другие государственные органы.....47-52
Шарифзода П.Р., Заробидинзода С.З Понятие и сущность правонарушения в сфере насильственных отношений в семье.....53-57
Махмудов Р. Б. Из истории формирование института адвокатуры в Таджикской АССР…....58-65
Мирзоев П.И. Философские основы права..... 66-69
Сабурзода Н.М., Холализода А.С. юридическая техника составления, приема и публикации нормативно-правовые акты.....70-77
Иброхимов Н. Понятие нотариат и его место в системе государственных органов: анализ теоретико-правовых аспектов.....78-83
Каландарова К.А. Цели и значение функций права Таджикистана..... 84-89
Бодомазода Н. Понятие и содержание права на юридическую помощь: теоретические и правовые вопросы.....90-98

12.00.02 – КОНСТИТУЦИОННОЕ ПРАВО; КОНСТИТУЦИОННЫЙ ПРОЦЕСС; МУНИЦИПАЛЬНОЕ ПРАВО (ПРЕДСТАВИТЕЛЬНАЯ СИСТЕМА)

Ализода З., Соибов З.М. конституция – важная ценность современного мира..... 99-103
Хуршедзода М.Х. Понятие и характеристика конституционных прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан.....104-109
Одиназода Ш.Х., Гафуров К.А. Основы активного участия граждан в выборах: нормативно-правовыеаспекты.....110-115
Атобуллоев Ш.К. Теоретические основы и конституционные особенности территориальная целостность и суверенитет Республики Таджикистан.....116-125
Мирзоев С.А. Некоторые правово-конституционные вопросы субъектов предпринимательской деятельности в Республике Таджикистан.....126-132
Авзалова Г.О. Формирование и развитие законодательной деятельности в Республике Таджикистан и ее проблемы.....133-140

12.00.03 – ГРАЖДАНСКОЕ ПРАВО; ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЕ ПРАВО; СЕМЕЙНОЕ ПРАВО; МЕЖДУНАРОДНОЕ ЧАСТНОЕ ПРАВО

Кабутов Э.Д. Развитие законодательства о проведении торгов в Республике Таджикистан.....141-151
Меликов У.А., Фирузи Т. Права и обязанности в отношении персональных данных.....152-157
Настарани А. Порядок заключения международных договоров в соответствии с законодательством Республики Таджикистан.....158-162

Кодиров Ш.Б. Правовой статус добровольного сервитута в соответствии с законодательством Республики Таджикистан.....163-170
Кабирова С.Б. Общая характеристика обязательства по возмещению вреда, причиненного вследствие недостатка товаров (работ, услуг) 171-179
Шерзода Б.С., Абдулазизи А. Договор эскроу (условного депонирования) в правовой системе Таджикистана.....180-188
Абдусамадзода С. Правовые аспекты организации и деятельности коммерческих туристических организаций в зарубежных странах.....189-194
Исматзода И.Б. Особенности развития коллизионных норм в законодательстве Республики Таджикистан.....195-200
Исмоилова М.И. Развитие законодательства республики таджикистан в сфере инновационной деятельности.....201-207

12.00.05 – ТРУДОВОЕ ПРАВО; ПРАВО СОЦИАЛЬНОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ

Бобокалон Г.М. Уголовная и иные виды ответственности за задержку сроков выплаты заработной платы.....208-214

12.00.06 – ЗЕМЕЛЬНОЕ ПРАВО; ПРИРОДОРЕСУРСНОЕ ПРАВО; ЭКОЛОГИЧЕСКОЕ ПРАВО; АГРАРНОЕ ПРАВО

Одиназода Ш.Х. Экспертиза Закона Республики Таджикистан “О личном подсобном хозяйстве”: научно-правовые и практические аспекты.....215-226
Идрисов Я.А. Земельные споры по вопросам оформления права пользования земельным участком и документов, подтверждающих право пользования земельным участком.....227-231

12.00.08 – УГОЛОВНОЕ ПРАВО И КРИМИНОЛОГИЯ; УГОЛОВНО-ИСПОЛНИТЕЛЬНОЕ ПРАВО

Маннонзода Н.М. Похищение или повреждение документов, штампов, печатей- как разновидность преступлений, связанных с торговлей людьми.....232-237
Сабурзода Н.М. Уголовно-правовая политика по противодействию терроризму и экстремизму в республике таджикистан.....238-247
Кодирзода Б. Понятие преступлений с альтернативными признаками состава.....248-254
Рустамзода З.. Тактика проведения отдельных следственных действий по незаконному обороту наркотических средств через информационно-интернет-носители.....255-259
Арабжонов Ш.А. Некоторые вопросы борьбы с терроризмом и экстремизмом.....260-266

12.00.09 -УГОЛОВНЫЙ ПРОЦЕСС

Оралбаев Х.Х., Табаров Н.А. О некоторых спорных вопросах понятии уголовно-процессуальной формы……...267-273
Ходжаева Н.Б. Электронные доказательства в уголовном судопроизводстве и проблемы их использования в процессе доказывания.....274-280

12.00.10 – МЕЖДУНАРОДНОЕ ПРАВО; ЕВРОПЕЙСКОЕ ПРАВО

Кодиров Н.А., ***Курбонзода М.С.*** Международно-правовые основы сотрудничества республики таджикистан с продовольственной и сельскохозяйственной организацией объединенных наций (ФАО)……...281-286

12.00.14 – АДМИНИСТРАТИВНОЕ ПРАВО; АДМИНИСТРАТИВНЫЙ ПРОЦЕСС

Нуриддинзода С.Н. Некоторые практические проблемы и недостатки законодательства о рассмотрении дел об административных правонарушениях.....287-292
Шарифзода С.Ш. Гарантии социальной и правовой защищённости сотрудника овд республики таджикистан: предпосылка реализации административно-правового статуса.....293-302

CONTENT

Saidzoda I.KH. Elections are a means of people's participation in political life……11-12

12.00.01 – THEORY AND HISTORY OF LAW AND STATE; HISTORY OF TEACHINGS ON LAW AND STATE

Zoir J.M; Davlatova M.M. legislative power: formation and development……13-19
Sharifzoda S.Sh., Safaralizoda P.B. The role of the principle of disclosure and transparency in legal creative activity: a theoretical-practical analysis……20-24
Mukhammadiev I.S., Jalolozoda S. Theoretical and legal issues of prosecutorial supervision of the implementation of land legislation in the Republic of Tajikistan ……25-33
Rahimov R. The process of improving the legislation of the tajik ssr in the direction of combating corruption.....34-40
Tabarov N.A. Theoretical and legal issues of procedural principles……41-46
Rahimov S. Strengthening the ratio of protection of human rights and freedoms through judicial authorities and other state authorities……47-52
Sharifzoda P.R., Zarobidinzoda S.Z. The concept and essence of offense in the sphere of violent relationships in the family……..53-57
Mahmudov R.B. From history formation of the institute of advocacy in the tajik autonomous soviet socialist Republic……...58-65
Mirzoev P.I. Philosophical foundations of law.....66-69
Saburzoda N.M., Kholalizoda A.S. Legal technique of compilation, reception and publication regulatory legal acts…….....70-77
Ibrohimov N. The concept of a notary and its place in the system of state bodies: analysis of theoretical and legal aspects……..78-83
Qalandarova K. A. Goals and significance of the functions of the law of Tajikistan……..84-89
Bodomazoda N. Concept and content of the right to legal assistance: theoretical and legal issues……90-98

12.00.02 – CONSTITUTIONAL LAW; CONSTITUTIONAL PROCESS; MUNICIPAL LAW (REPRESENTATIVE SYSTEM)

Alizoda Z., Soibov Z.M. Constitution – an important value in the modern world…….....99-103
Khurshedzoda M.K. Concept and characteristics of constitutional rights and freedoms of human and citizen in the Republic of Tajikistan……104-109
Odinazoda S. K., Gafurov K.A. Basics of active participation of citizens in elections: regulatory and legal aspects……...110-115
Atobulloev *S.K.* Theoretical foundations and constitutional features territorial integrity and sovereignty of the Republic of Tajikistan……...116-125
Mirzoev S.A. Some legal and constitutional issues of business entities in the Republic of Tajikistan……126-132
Avzalova G.O. Formation and development of legislative activity in the republic of tajikistan and its problems……133-140

12.00.03 – CIVIL LAW; BUSINESS LAW; FAMILY LAW; INTERNATIONAL PRIVATE LAW

Kabutov E.D. Development of legislation n tendering on the Republic of Tajikistan……141-151
Melikov U.A., Firuzi T. Rights and obligations regarding personal data……152-157
Nastrani A. The procedure for concluding international agreements in accordance with the legislation of the Republic of Tajikistan……..158-162
Qodirov S.B. The legal status of a voluntary easement in accordance with the legislation of the Republic of Tajikistan…….163-170
Kabirova S.B. General characteristics of the obligation to compensate for damage caused by deficiencies of goods (works, services)…….. 171-179

Sherzoda B.S., Abdulazizi A. Escrow (conditional deposit) agreement in the legal system of Tajikistan.....180-188
Abdusamadzoda S. Legal aspects of the organization and activities of commercial tourism organizations in foreign countries……...189-194
Ismatzoda I.B. Features of the development of conflict of laws rules in legislation in the Republic of Tajikistan……...195-200
Ismoilova M.I. Development of legislation of the Republic of Tajikistan in the field of innovation……...201-207

12.00.05 – LABOR LAW; SOCIAL SECURITY LAW

Bobokalon G.M. Criminal and other types of liability for delay in payment of wages……...208-214

12.00.06 – LAND LAW; NATURAL RESOURCE LAW; ENVIRONMENTAL LAW; AGRICULTURAL LAW

Odinazoda S.K. Expertise of the law of the republic of tajikistan "on personal subsidiary farm": scientific, legal and practical aspects…….215-226
Idrisov Ya.A. Land disputes on issues of registration of the right to use a land plot and documents confirming the right to use a land plot…….227-231

12.00.08 – CRIMINAL LAW AND CRIMINOLOGY; CRIMINAL EXECUTIVE LAW

Mannonzoda N.M. Theft or damage to documents, stamps, seals - as a type of crimes related to human trafficking……..232-237
Saburzoda N.M. Criminal law policy on countering terrorism and extremism in the Republic of Tajikistan……...238-247
Kodirzoda B The concept of crimes with alternative signs of composition…….248-254
Rustamzoda Z. Tactics of conducting separate investigative actions on drug trafficking through information and internet media……255-259
Arabjonov S.A. *S*ome issues related to the fight against terrorism and extremism……..260-266

12.00.09 - CRIMINAL PROCEDURE

Oralbaev K.K., Tabarov N.A. About some controversial issues of the concept of criminal procedure form……..267-273
Khojaeva N.B. Electronic evidence in criminal proceedings and the problems of their use in the evidentiary process……274-280

12.00.10 – INTERNATIONAL LAW; EUROPEAN LAW

Qodirov N.A., Qurbonzoda M.S. The international legal framework for cooperation between the republic of tajikistan and the food and agriculture organization of the united nations (FAO)…… 281-286

12.00.14 – ADMINISTRATIVE LAW; ADMINISTRATIVE PROCESS

Nuriddinzoda S.N. Some practical problems and deficiencies in the legislation dealing with administrative offences……287-292
Sharifzoda S.SH. Guarantees of social and legal protection of employees of the internal affairs bodies of the republic of tajikistan: a prerequisite for the implementation of the administrative-legal status……...293-302

Саидзода Иззатулло Ҳабибулло,
Директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

ИНТИХОБОТ – ВАСИЛАИ ИШТИРОКИ МАРДУМ ДАР ҲАЁТИ СИЁСӢ

«Интихобот ҳамчун маъракаи муҳимми сиёсӣ аз ҳар як шаҳрванди кишвар ба хотири рушду ободии фардои мамлакат ва осоиши наслҳои оянда фарҳанги баланди сиёсӣ, ҳисси ватандӯстӣ ва масъулиятшиносиро тақозо менамояд».

Эмомалӣ Раҳмон

Нақши интихобот ҳамчун чорабинии муҳимми сиёсӣ дар рушди ҷомеа назаррас мебошад. Бо эътимоди комил метавон гуфт, ки тамоми дастовардҳо ва музаффариятҳое, ки мардуми шарифи Тоҷикистон дар тӯли солҳои соҳибихтиёрӣ ба онҳо ноил гардидааст, маҳз самараи падидаи сиёсӣ – интихобот ба шумор мераванд. Яке аз бузургтарин ва нодиртарин дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои аввали соҳибихтиёрӣ қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб мешавад. Қабули ин санади сарнавиштсоз замина гузошт, то дурнамои рушду пешрафти Тоҷикистон ҳамчун давлати демократӣ, соҳибихтиёр, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона муайян карда шавад.

Интихобот дар ҳаёти сиёсӣ ва рушди ҷомеа нақши муҳим мебозад, зеро он яке аз рукнҳои асосии низоми демократӣ маҳсуб мегардад. Маҳз тавассути интихобот шаҳрвандон метавонанд иродаи худро озодона изҳор намуда, дар шаклгирии сохторҳои ҳокимияти давлатӣ иштирок кунанд. Ин раванд ба ҳар як шаҳрванди кишвар имконият медиҳад, ки дар қабули қарорҳои муҳимми давлатӣ саҳм гузорад.

Интихобот на танҳо як раванди расмӣ, балки василаи муҳимми пайвандӣ миёни халқ ва давлат мебошад. Он на танҳо ба эътирофи расмии ниҳодҳои сиёсӣ мусоидат мекунад, балки субот ва рушди устувори ҷомеаро низ таъмин менамояд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳкимбахш ва кафолатдиҳандаи ҳуқуқои сиёсии шаҳрвандон мебошад. Дар қисми якуми моддаи 27 Конститутсия бевосита дарҷ карда шудааст, ки «шаҳрванд ҳуқуқ дорад дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ бевосита ва ба воситаи вакилонаш иштирок намояд». Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки моддаи мазкур идомаи мантиқии модди 6 Конститутсияи кишвар мебошад, ки мушаххасан ба халқ тааллуқ доштани ҳокимияти давлатиро пешбинӣ менамояд. Дар моддаи баррасишаванда асосан сухан дар бораи ҳуқуқи иштироки бевосита ва ё бавоситаи шаҳрвандон дар идоракунии корҳои давлатӣ меравад. Муқаррароти мазкур шаҳодат аз он медиҳад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати демократӣ иштироки шаҳрвандони худро дар ҳаёти сиёсии давлат кафолат медиҳад.

Мувофиқи моддаи 9 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳокимияти давлатӣ дар асоси тақсимияи он ба се шохаи асосӣ – ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ карда мешавад. Ҳамзамон, тибқи моддаи 48-и Конститутсия Маҷлиси Олӣ – парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори кишвар ба ҳисоб меравад.

Яке аз муҳимтарин дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он аст, ки маҳз тавассути интихобот шохаи асосии ҳокимияти давлатӣ – ҳокимияти қонунгузор ташаккул меёбад. Бесабаб нест, ки ба Маҷлиси Олӣ як боби мустақил – боби сеюми Конститутсия (моддаҳои 48-63) бахшида шудааст. Маҳз фаъолияти самарабахш ва устувори Маҷлиси Олӣ заминаи боэътимоди ҳуқуқӣ ва ташкилии давлатдории устуворро фароҳам меорад. Аз ин рӯ, интихоби дурусти вакилон омили муҳимми пешрафт ва рушди кишвар мебошад. Интихобот на танҳо як раванд, балки механизме барои таъмин намудани пешрафти ҷомеа ва идоракунии самараноки давлатӣ мебошад.

Интихобот дар ҷомеаи имрӯза дар ташаккули ҳокимияти қонунгузор, таъмини робитаи мустаҳкам миёни халқ ва давлат, таҳкими демократия ва волоияти қонун, рушди устувори ҷомеа ва баланд бардоштани масъулияти шаҳрвандон нақши калидӣ дорад.

Бояд қайд намуд, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4-уми декабри соли 2024, №882, интихоботи даъвати нави вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлисҳои

маҳаллии вакилони халқ 2-юми марти соли 2025 таъин гардидааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми декабри соли 2024 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» қайд намуданд, ки интихоботи дарпешистода бояд тибқи Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон шаффофу озод ва дар сатҳи баланд баргузор гардад ва интихобкунандагон номзадҳои арзандаи худро интихоб намоянд.

Мавриди ба зикр аст, ки овози ҳар як интихобкунанда барои тақдири минбаъдаи давлату миллат ҳалкунанда мебошад. Яъне, иштирок дар интихобот ин саҳм гузоштан ба инкишофу пешравии кишвар аст.

Таҷрибаи баргузории интихоботҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳанд, ки мардуми сарбаланди кишвар дар ин маъракаи муҳимми сиёсӣ бо руҳияи идона ва фаъолона иштирок менамоянд ва барои тақдири ояндаи худ бетараф нестанд.

Интихобот яке аз василаҳои муҳимми иштироки шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсӣ ва идоракунии давлатӣ маҳсуб мешавад. Аз ин рӯ, бовариҳо комил дорем, ки интихоботи даъвати нави вакилони халқ, ки санаи 2-юми марти соли 2025 баргузор мегардад, дар сатҳи баланди ташкилӣ, бо иштироки аксарияти интихобкунандагон, риояи меъёрҳои қонунгузории миллӣ ва стандартҳои байналмилалии интихобот баргузор мегардад.

12.00.01 – НАЗАРИЯ ВА ТАЪРИХИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ; ТАЪРИХИ ТАЪЛИМОТ ОИД БА ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ
12.00.01 – ТЕОРИЯ И ИСТОРИЯ ПРАВА И ГОСУДАРСТВА; ИСТОРИЯ УЧЕНИЙ О ПРАВЕ И ГОСУДАРСТВЕ
12.00.01 – THEORY AND HISTORY OF LAW AND STATE; HISTORY OF TEACHINGS ON LAW AND STATE

ТДУ: 342.52
Зоир Ҷурахон Маҳмидзода,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовадинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-майори милитсия
Email: Zoirov2009@mail.ru
Тел.: 221-65-85

Давлатова Манзура Мирзошарифовна,
магистри курси 2-юми шуъбаи ҳуқуқи давлатии ИФСҲ ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ

ҲОКИМИЯТИ ҚОНУНГУЗОРӢ: ТАШАККУЛ ВА РУШД

Калидвожаҳо: ҳокимият; мақомот; Конститутсия; парламент; қонунгузорӣ; интихобот.

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур ташаккул ва рушди ҳокомияти қонунгузорӣ мавриди таҳлил қарор гирифта шуд. Давраҳои ташаккули ҳокимияти қонунгузорӣ, инчунин ба палатаҳо ҷудо шудани парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши хокимияти халқ инъикос гардидааст.

Ташаккулёбии мақомоти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бунёди худ ба Конститутсияҳои ҶМШС Тоҷикистон, ҶШС Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон миннатдор буда, мувофиқи меъёрҳои муқаррар кардаи конститутсияҳои мазкур ба вуҷуд омада инкишоф ёфтааст. Давраҳои ташаккулёбии мақомоти қонунгузор гуногун буда, ба ҳам монанд нест, ки омили асосии онро дар давраи гузариш қарор доштани Тоҷикистон ташкил медод. Вобаста ба ин заминаҳои асосии ташаккулёбии мақомоти қонунгузорро ба се давраи калон ҷудо кардан мумкин аст:

- *давраи аввали* ташаккулёбии мақомоти намояндагӣ ва қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистонро қабул карда шудани Конститутсияи соли 1929 ҶМШС Тоҷикистон ташкил медиҳад, ки он то соли 1931 амал кард. Конститутсияи соли 1929 бори аввал дар таърихи Тоҷикистон низоми мақомоти намояндагӣ ва қонунгузорро муқаррар намуд, ки дар асоси моддаи 21 Конститутсияи мазкур мақомоти олии намояндагӣ ва қонунгузорро анҷумани Шӯрои умумитоҷикон ташкил медод, ки анҷумани Шӯрои умумитоҷикон дар ҳудуди ҶМШС Тоҷикистон ҳокимияти олӣ буда, аз далегатҳои (намояндагони) ВМКБ, вилоятҳо, ноҳияҳо ва шаҳрҳо, ки дар анҷумани Шӯроҳо интихоб карда мешуданд, таъсис меёфт.

- *давраи дуюми* ташаккулёбии мақомоти намояндагӣ ва қонунгузори Тоҷикистон ба таъсис ёфтани ҶШС Тоҷикистон ва қабули Конститутсияи соли 1931 рост меояд, ки ин давра то ба даст оварда шудани истиқлолияти давлатӣ, яъне то соли 1991 давом ёфта, тағйиротҳои куллиеро аз сар гузаронидааст. Гарчанде дар ин давра дигаргуниҳои зиёде ба вуҷуд омада буданд, лекин он натавонист дар таҷрибаи мақомоти намояндагӣ ва қонунгузори Тоҷикистон дигаргуниҳои назаррасеро ворид намояд.

- *давраи сеюми* ташаккулёбии мақомоти намояндагӣ ва қонунгузори Тоҷикистон давраи соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирад, ки дар ин давра ҳокимияти қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дигаргуниҳо ва ислоҳотҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ омада, тағйири мазмун намуда, роҳ ба сӯи ҷомеаи озоди шаҳрвандӣ гирифт. Ин давра дар ташккулёбии мақомоти намояндагӣ ва қонунгузор давраи тамоман нав буда, гузариши мақомоти намояндагиро аз ҷомеъаи Шӯроҳо ба ҷомеъаи либерал-демократӣ таъмин намуд.

2. Мутобиқи талаботи моддаи 48 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси Олӣ - парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - мақомоти олии намояндагӣ ва қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки он аз ду Маҷлис - Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон иборат аст. Аз ин рӯ, Маҷлиси Олӣ дорои ҳокимияти олӣ ва мақомоти ягонаи қонунгузорӣ буда, онро дар шаклу ҳудуде, ки Конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст, ба амал мебарорад.Дар асоси гуфтаҳои боло халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ба амал баровардани ҳокимияти худ мақомоти намояндагии интихобӣ - парламентро таъсис медиҳад, ки мазмун ва моҳияти асосии фаъолияти онро қабули қонунҳое ташкил медиҳад, ки онҳо барои ба манфиати тамоми интихобкунандагон ҳал карда шудани масоили мавҷуда равона карда шудааст. Аз ин ҷо таъиноти асосии парламентро ба ҳам пайваст намудани волоияти ҳокимияти халқ ва ҳокимияти давлатӣ ташкил медиҳад [5,с.546.]

Маҳз парламент ном гирифтани мақомоти олии намояндагӣ ва қонунгузории ҳокимияти давлатӣ вазифаи асосии он - намояндагии манфиати халқро ба вуҷуд меорад, ки бо воситаи он халқ намояндагии худро ба амал мебарорад. Ин гуфтаҳо маънои онро надорад, ки мо дар ин ҷо хусусияти намояндагии мақомоти олии намояндагӣ ва қонунгузории ҳокимияти давлатиро мавриди муҳокима қарор медода бошем. Аз ин ҷо он чиз қобили қабул аст, ки мақомоти олии намояндагии ҳокимияти давлатӣ инчунин вазифаи дигари муҳим - вазифаи қонунгузориро низ иҷро менамояд, ки ин маънои ба таври истисноӣ аз тарафи он қабул карда шудани санади меъёрии ҳуқуқии қувваи олии ҳуқуқӣ дошта - қонунро дорад. Аз тарафи парламент қабул карда шудани санади қувваи олии ҳуқуқӣ - қонун ҳадди охирони ваколати мақомоти ҳокимияти қонунгузор набуда, ҳамчунин он ваколати назоратиро низ ба амал мебарорад, ки моҳияти асосии ваколати назоратии мақомоти ҳокимияти қонунгузорро таҳти назорат қарор додани фаъолияти тамоми сохторҳое ташкил медиҳад, ки онҳо салоҳияти худро аз мақомоти ҳокимияти қонунгузор гирифтаанд. Мутобиқи ин гуфтаҳо хосиятҳои зерини парламентро ошкор намудан мумкин аст, ки онҳо парламентро ҳамчун мақомоти ҳокимияти қонунгузор хусусиятнок менамоянд: а) он танҳо дар низоми таҷзияи ҳокимияти давлатӣ арзӣ ҳастӣ карда метавонад; б) мақомоти доимоамалкунанда ва касбӣ ба шумор меравад; в) ба он тартиботи хоси парламентӣ тааллуқ дорад. [4,с.238.]

Мавқеи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақомоти ҳокимияти қонунгузор дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ бо Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон». [2] ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар карда мешавад, ки мутобиқ ба талаботи қисми 4, моддаи 48 Конститутсия тартиби ташкил ва фаъолияти Маҷлиси Олиро қонуни конститутсионӣ танзим менамояд, ки дар заминаи фаъолияти Маҷлиси Олӣ усули бисьёрҳизбӣ вогузор карда шудааст (дар ин ҷо асосан Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ дар назар дошта шудааст).[3]

Гуфтаҳои мазкур ишора ба он менамоянд, ки парламент ҳамчун унсури асосии демократияи намояндагӣ ба таври демократӣ интихоб шуда эътироф намегардад, ба шарте, ки агар дар он муборизаи ҳизбҳои сиёсӣ ва рақибии сиёсии онҳо барои соҳиб шудан ба мандатҳои вакилӣ дар парламент мушоҳида карда нашавад.[9,с.33.] Тибқи муқаррароти қисми 3, моддаи 48 Конститутсия ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳлати ваколати панҷсола муқаррар карда шудааст, ки мӯҳлати мазкури ваколат аз нуқтаи назари намояндагони илми ҳуқуқи конститутсионӣ қобили қабул буда, дар шароити Тоҷикистон боиси дастгирист, ки ин бо омилҳои зерин асоснок карда мешавад: *аввало*, мӯҳлати мазкур ба парламент имкон медиҳад дар муддати муайян ба таври мӯътадил фаъолият намояд, ки муқаррар карда шудани мӯҳлати аз ин зиёд ба фаъолияти парламент бе таъсир монда наметавонад. Зеро муқаррар карда шудани мӯҳлати нисбатан бештар ба касодии фаъолияти парламент асос мегардад, мӯҳлати аз ин камтар бошад ба он сабаб мегардад, ки ҳизбҳои сиёсӣ ба ҷои машғул шудан ба фаъолияти қонунгузорӣ ба тарғибу ташвиқоти сиёсӣ машғул шаванд; *сониян*, мӯҳлати панҷсола ба вакилон имкон медиҳад таҷрибаи дуруст андӯхта, онро дар муддати

нисбатан дуру дароз истифода намоянд; *солисан*, мӯҳлати панҷсола барои мутобиқ гардидани Маҷлиси Олӣ ба дигаргуниҳои куллии дар ҷомеа ба вуҷудоянда заминаи муосид фароҳам меорад.[6,с.127.]

Чи хеле ки ба ҳамагон маълум аст, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди гузаронида шудани ислоҳоти конститутсионии 26 сентябри соли 1999 парламенти дупалатадор таъсис дода шуд, ки бархилофи назардоштҳо аксарияти олимон ба он ақидаанд, ки парламенти дупалатадор ҳамчун қоида хоси давлатҳои федеративӣ буда, дар ин давлатҳо яке аз палатаҳо (одатан палатаи поёнӣ) аз тарафи халқ бевосита интихоб карда шуда манфиати халқро дар маҷмӯъ ифода месозад; палатаи дуюмӣ бошад (одатан палатаи болоӣ) манфиати минтақаҳо, субъектони федератсияро ифода намуда аз тарафи онҳо таъсис дода мешавад.[12,с.44.]

Дар баробари ин худи онҳо эътироф ба он мекунанд, ки дар шароити ҳозира раванди паҳншавии васеъи парламентҳои дупалатадор, аз ҷумла дар давлатҳои унитарӣ низ дида мешавад. Аз ин бармеояд, ки ақидаи танҳо хоси давлатҳои федеративӣ будани парламенти дупалатадор ақидаи нисбӣ буда, мутлақ нест. Вобаста ба ин дар аксарияти давлатҳои тараққикарда парламенти дупалатадор нисбати парламенти якпалатадор бартарият дорад, ки фаъолияти он боз ҳам мутташаккил ва касбӣ гашта, ҳаёти ҷомеъа ва давлат мӯътадил мегардад, ки дар фарқият аз парламенти якпалатадор парламенти дупалатадор дорои ҷиҳатҳои зерини мусбӣ мебошад: а) ҷамъият дар ҳаҷми пурра намояндагӣ мегардад; б) одатан ба номзадҳои палатаи болоӣ, нисбати вакилони палатаи поёнӣ талаботҳои бештар пешниҳод мегардад, Аз ин рӯ, бештар вақт ба палатаи болоӣ одамони ботаҷриба, соҳибэҳтиром ва калонсол интихоб мешаванд; в) мӯҳлати ваколати палатаи болоӣ дарозтар буда, қисм - қисм барқарор карда мешавад, ки ин барои бо тезӣ иваз шудани раванди сиёсӣ монеъ мегардад; г) палатаи болоӣ санадҳои палатаи поёниро назорат намуда, барои мавқеъи радикалиро интихоб намудани палатаи поёнӣ имкон намедиҳад; д) одатан палатаи болоӣ пароканда карда намешавад ва дар ҳолати пароканда шудани палатаи поёнӣ фаъолияти худро идома медиҳад. Дар ин ҷо муқаррароти моддаи 63 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷолиби диққат менамояд, ки он дар фаъолияти парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақомоти ҳокимияти қонунгузор паҳлӯҳои дигари норавшанро ба вуҷуд меорад. [1]

Мутобиқи муқаррароти моддаи мазкур Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон метавонанд пеш аз мӯҳлат дар ҷаласаҳои якҷояи худ бо тарафдории на камтар аз се ду ҳиссаи аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон ихтиёран пароканда шаванд. Таҳлили моддаи мазкур ва қонуни конститутсионӣ «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» нишон дод, ки на дар Конститутсия ва на дар қонуни конститутсионӣ асосҳои пароканда шудани Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешбинӣ карда нашудааст (ба истиснои бе ягон асос, ихтиёран пароканда шудан). Дар натиҷаи таҳлили мантиқии муқаррароти моддаи 63 Конститутсия ва қонуни конститутсионӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки палатаҳои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон наметавонанд дар алоҳидагӣ, новобаста аз ҳамдигар пароканда шаванд.

Талаботи мазкури Конститутсия ва қонуни конститутсионӣ фаъолияти Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро маҳдуд намуда, Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагонро дар вобастагии ҳамдигарӣ қарор медиҳад. Зеро нақшаи ихтиёран пароканда шудани Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, ки дар Конститутсия ва қонуни конститутсионӣ мустаҳкам карда шудааст, дорои як қатор муаммоҳо мебошад. *Аввало*, Маҷлиси намояндагон мутобиқи муқаррароти Конститутсия ва қонуни конститутсионӣ дар асоси низоми бисьёрҳизбӣ таъсис дода мешавад. Бинобар ин он чиз аз эҳтимол дур нест, ки Маҷлиси намояндагон аксар вақт ба майдони бӯҳрони сиёсӣ, ки асоси онро бархӯрди манфиатҳои ҳизбҳои сиёсӣ ташкил медиҳад, табдил ёбад. Дар ин маврид фаъолияти мӯътадили қонунгузорӣ зери хатар гузошта шуда, дар навбати аввал манфиатҳои сиёсии тарафҳои муқобил гузошта мешавад, ки ин ба натиҷаи фаъолияти парламент ва давлат бе таъсир монда наметавонад.[7,с.86.]

Вобаста ба ин дар ингуна ҳолатҳо роҳи асосии баромадан аз бӯҳрони сиёсӣ пароканда карда шудани парламент ба шумор меравад. Лекин барои пароканда карда шудани парламент бошад тарафдории аз се ду ҳиссаи шумораи умумии аъзо ва вакили Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон талаб карда мешавад. Ин маънои онро дорад, ки бе тарафдории аз се ду ҳиссаи тарафи дигар пароканда шудани палатаи дигар аз эҳтимол ниҳоят дур аст. *Сониян*, дар як вақт пароканда карда шудани палатҳои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳу нохоҳ барои боз дошта шудани фаъолияти қонунгузорӣ оварда мерасонад, ки ин боиси оқибатҳои номатлуби сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ гашта метавонад.[8,с.71.] Дар асоси

гуфтаҳои боло аз нуқтаи назари мо он чиз қобили қабул аст, ки ҳар яке аз палатаҳои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи пароканда карда шудани худро ба таври мустақилона, новобаста аз палатаи дигар мавриди баррасӣ қарор диҳад. Лекин дар ин ҷо муқаррароти моддаҳои 57, 58, 59 қонуни конститутсионӣ «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро аз мадди назар дур кардан лозим нест, ки онҳо ҳуқуқи қабул намудани қонунро танҳо ба Маҷлиси намояндагон додаанд. Маҷлиси миллӣ бошад қонунҳои қабулнамудаи Маҷлиси намояндагонро танҳо ҷонибдорӣ менамояду халос, ки ин масъала ҳангоми пароканда шудани палатаи поёнӣ аҳамияти назаррас дорад.

Ҷиҳати дигари масъалае, ки аз нуқтаи назари мо бояд ба таври қонунӣ танзими худро ёбад он аст, ки вақтҳои баргузор карда шудани ҷаласаҳои навбатии Маҷлиси миллӣ ва давомияти он бояд ба таври қонунӣ муқаррар карда шавад на бо қарори Раиси Маҷлиси миллӣ. Ин ба он асос мегардад, ки фаъолияти Маҷлиси миллӣ ба таври мушаххас ба нақша гирифта шуда, қонунҳои аз тарафи Маҷлиси намояндагон қабул гардида аз тарафи аъзоёни Маҷлиси миллӣ бе ягон саросемагӣ дар доираи мӯҳлати муқаррар карда шуда мавриди баррасӣ қарор дода шавад. Агар тартиби таъсис ва фаъолияти ҳокимияти қонунгузор бо Конститутсия ва қонунҳои конститутсионӣ ба танзим дароварда шуда бошад, пас тартиби баргузор карда шудани ҷаласаҳои ҳокимияти қонунгузор бо дастури палатаҳо ба танзим дароварда шудааст, ки дар он тартиби ҳаракати қонунҳо, тартиби таъсис дода шудани сохторҳои палатаҳо, аз ҷумла, фраксияҳо ва гурӯҳҳои вакилӣ, тартиби ба амал бароварда шудани салоҳияти палатаҳои Маҷлиси Олӣ ва дигар масъалаҳои ба салоҳияти Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон таалуқ дошта ба танзим дароварда шудааст.

3. Тоҷикистон низ ҳамчун қисми ҷудонашавандаи ҷомеъаи ҷаҳонӣ, дар натиҷаи раъйпурсии умумихалқӣ шакли идоракунии ҷумҳурии президентӣ, сохти давлатии ягона ва парламенти дупалатадорро бо дар назардошти тамоми бурду бохтҳояш қабул намуд, ки ин парламент даҳ соли охир бо тамоми бурду бохтҳояш фаъолият карда истодаст, ки эътироф гардидани парламенти дупалатадор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дигаргуниҳои зеринро ба вуҷуд овард: а) пайдо гардидани парламенти касбӣ ва доимамалкунанда; б) беҳтар гардидани сифати қонунгузорӣ; в) ба таври дахлдор таъмин карда шудани намояндагии тамоми ҷомеъа; г) ба вуҷуд омадани рақобати сиёсӣ; д) муайян шудани мавқеъи парламент дар низоми сиёсии ҷомеъа; е) мӯътадил гардидани вазъи сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Таъсис ёфтани парламенти дупалатадор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳодисаи ғайричашмдошт буда, ба таври худ муҳокима карда шудани он ба вуҷуд омад. Аз ин хотир дар хусуси заминаҳои асосии пайдоиши парламенти дупалатадор фикрҳои зиёде ҷой дорад, ки онро ба таври зайл гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст:

а) *ба вуҷуд омадани манфиатҳои гуногуни сиёсӣ*. Барҳам хӯрдани ИҶШС натанҳо барои Тоҷикистон, балки барои ҷумҳуриҳои дигари иттифоқӣ низ ҳодисаи ногаҳонӣ буд, ки онро ҷумҳуриҳои собиқи иттифоқӣ ба таври худ қабул намуда паси сар намуданд. Баъзе давлатҳо онро ба таври мӯътадил ва баъзе давлатҳои дигар онро бо мушкилиҳои зиёд аз сар гузарониданд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз ин қабил буд. Дар як муддати кӯтоҳ ба вуҷуд омадани ҳизбҳои гуногуни сиёсӣ аз қабили Растохез, Лаъли Бадахшон, Демократӣ ба вазъи он вақта бетаъсир монда натавонист, ки онҳо низ манфиатҳои муайянро намояндагӣ мекарданд;

б) *таъмин карда шудани намояндагии манфиатҳо*. Он чиз аён аст, ки дар ибтидои солҳои 90-ум қариб ҳар як минтақаи Тоҷикистони кӯчак барои ба даст овардани ҳокимият даъвогар буд. Дар асоси ин Тоҷикистон ба парламенте, аниқтараш ба мақомоте ниёз пайдо кард, ки то он тавонад намояндагии ин манфиатҳоро таъмин кунад. Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон парламенти дупалатадор фаъолият карда истодааст, ки палатаи болоӣ Маҷлиси миллӣ ном дошта дар асоси намояндагии ҳар як минтақаи Тоҷикистон дар асоси баробар - панҷ нафарӣ аз ҳар як вилоят таъсис меёбад.

4. Вобаста ба таҳлилҳои боло ҳокимияти қонунгузорӣ дар низоми тақзияи ҳокимияти давлатӣ мавқеи хос дорад, ки ин мавқеъ ба нақши ҳокимияти қонунгузорӣ дар амалӣ сохтани мақсаду вазифаҳои давлат вобаста аст. Ҳокимияти қонунгузорӣ тибқи вазъи конститутсионии худ аз ҳама бештар ба халқ иртибот дошта, дар фаъолияти он иродаи халқи Тоҷикистон ба худ шакли расмӣ ва амалӣ мегирад, ки вобаста ба он санадҳои ҳуқуқии ҳокимияти қонунгузорӣ иродаи халқро ба забони давлатӣ ифода карда, ба он шакли олии ҳуқуқӣ медиҳад. Дар ин ҷо онро фаромӯш набояд кард, ки ҳарчанд қонунҳо аз номи давлат ба тавсиб мерсанд, вале дар онҳо пеш аз ҳама бояд манфиатҳои халқ таҷассум карда шуда бошад, на ба мисли баъзе қонунҳо ба муқобили манфиатҳои он бе муқаррар карда шудани вариантҳои алтернативии он.

Дар баробари ин давлати демократӣ сиёсати худро дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёт бояд ба манфиату иродаи халқ мувофиқ гардонад. Мақомоти қонунгузоре, ки бо тартиби интихоботи озод ташкил ёфтааст, самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлатро бояд пеш аз ҳама аз рӯи ба инобат гирифта шудани манфиатҳои халқ муайян намояд.

Мувофиқи Конститутсия дар Тоҷикистон халқ соҳибихтиёрии худро инчунин тавассути вакилони халқ амалӣ мегардонад. Бинобар ин ҳокимияти қонунгузорӣ маҷмӯи салоҳият оид ба тасвиби қонунҳо буда, одатан ба воситаи парлумон, мақомоти олии умумимиллии намояндагӣ, ки ба таври демократӣ ва мутобиқ ба талаботи он интихоб гардидааст, ба амал бароварда мешавад. Дар ин ҷо бо он розӣ шудан мумкин аст, ки вазъи ҳуқуқии парламент вобаста ба шакли идоракунии қабулшудаи давлатӣ гуногун буда, аз ҳамдигар фарқ менамояд, лекин бо вуҷуди ин новобаста аз оне, ки вазъи ҳуқуқии он чигуна аст нисбати он ҳама вақт салоҳияти қонунгузорӣ нигоҳ дошта шуда, ҳамчун мақомоти ҳокимияти қонунгузор эътироф карда мешавад. [11,с.134.]

Дар баробари ин, чи хеле, ки таҷрибаи илми ҳуқуқи конститутсионӣ нишон медиҳад, ки аз эҳтимол холи набуда, дар баъзе мавридҳо аз салоҳияти қонунгузорӣ субъектони дигар, аз қабили президент, ҳукумат ва халқ низ истифода намоянд. [10,с.200.] Парламент ҳамчун мақомоти махсусгардонидашудаи ҳокимияти қонунгузорӣ таркиби мураккаб дорад, ки он барои ба амал бароварда шудани салоҳияти қонунгузории парламент мутобиқ гардонида шудааст. Масалан, дар асоси моддаи 2 Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагон, Шӯрои Маҷлиси намояндагон, Раис ва муовинони Раиси Маҷлиси намояндагон, кумита ва комиссия ҳои Маҷлиси намояндагон, фраксияҳо, гурӯҳҳо ва вакили Маҷлиси намояндагон мутобиқи тартиби муқарраркардаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», қонунҳои конститутсионӣ ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дастури ҷаласаҳои якҷояи Маҷлиси мил-лӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро амалӣ мегардонанд.

Ҳамитариқ, нақши ҳокимияти қонунгузор дар низоми мақомоти идоракунии давлатӣ бағоят назаррас буда, пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки он амаликунандаи иродаи халқи Тоҷикистон ба шумор рафта, яке аз шаклҳои асосии демократияи намояндагиро ташкил медиҳад.Ҳангоми омузиши давраҳои ташаулёби ва инкишофи фаъолияти мақомоти ҳокимияти қонунгузорӣ, ки фарогири ҷабҳаҳои амалӣ ва назариявро дорост, сабабгори хулосабарориҳои зерин мебошанд:

1.Нақши ҳокимияти қонунгузор дар низоми мақомоти идоракунии давлатӣ дар он зоҳир мегардад, ки он худ таъсисдиҳандаи мақомоти давлатӣ, аз ҷумла ҳокимияти иҷроия буда, назоратро аз болои фаъолияти онҳо ба амал мебарорад. Масалан, бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудани Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ, таъсис дода шудани мақомоти судӣ, тасдиқ карда шудани фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ба вазифа таъин в аз вазифа озод карда шудани Сарвазир ва дигар аъзоёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2.Ба ҳокимияти қонунгузор имкон дода шавад, ки тарзи дурусти ташкили фаъолияти мақомоти идоракунии давлатиро ба роҳ монда. Масалан назоратро аз болои фаъолияти мақомотҳои давлатӣ бо роҳи қабули ҳисоботдиҳӣд. Яъне ҳокимияти қонунгузор метавонад бо мақсади шиносоӣ бо фаъолияти мақомоти идоракунии давлатӣ вақти хониши парламентиро баргузор намуда, ба он намояндагони масъули мақомоти идоракунии давлатиро даъват намоянд, ки онҳо дар вақти хониши парламентӣ аз хусуси фаъолияти мақомоти худ маълумоти мушаххас пешниҳод менамоянд.

3. Аз тарафи мо он чиз пешниҳод мегардад, ки рӯзҳо ва давомияти баргузор гардидани ҷаласаҳои Маҷлиси миллӣ ба таври қонунӣ муқаррар карда шавад. Масалан, дар моҳҳои март, июн, сентябр ва декабр ба муддати то ду ҳафта баргузор карда шудани ҷаласаҳои Маҷлиси миллӣ. Чунин таҷрибаро дар интихоботи президенти ШМА мушоҳида кардан мумкин аст, ки ҳангоми наздик шудани ин мӯҳлат мақомоти дахлдор ба таври худкор барои баргузор намудани интихоботи навбатии президентӣ омодагӣ мегирад. Яъне ин онро дар назар дорад, ки рӯзҳои баргузории ҷаласаҳои навбати Маҷлиси миллӣ дар қонуни конститутсионӣ «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» муқаррар карда шавад.

.

Ключевые слова: власть; орган; Конституция; парламент; законодательство; выборы.

Аннотация. В данной статье анализируется формирование и развитие законодательной власти. Этапы развития законодательной власти, а также разделеные палат в парламенте Республики Таджикистан а также, роль народовластье было проанализировано.

Зоир Джурахон Маджидзода – доктор юридических наук, профессор, заведующий отдела государственной истории и права Института философии, политологии и права имени А. Баховадинова Национальной академии наук Таджикистана, заслуженный работник Республики Таджикистана, генерал-майор милиции. E-mail: Zorov2009@mail.ru, Тел.: 221-65-85.

Давлатова Манзура Мирзошарифовна **–** магистр 2-го курса отдела государственного права ИФПП имени А. Баховадинова НАНТ

LEGISLATIVE POWER: FORMATION AND DEVELOPMENT

Keywords: government; body; Constitution; parliament; legislation; elections.

Annotation. This article analyzes the formation and development of legislative power. The stages of development of legislative power, as well as the divided chambers in the Parliament of the Republic of Tajikistan, as well as the role of democracy were analyzed.

Zoir Jurahan Majidzoda – Doctor of Law, Professor, Head of the Department of State History and Law of the Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. Bakhovadinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Honored Worker of the Republic of Tajikistan, Major General of Police. E-mail: Zorov2009@mail.ru, Tel.: 221-65-85

Davlatova Manzura Mirzosharifovna – Master of the 2nd year of the Department of Public Law at the A. Bakhovadinov Institute of International Chamber of Commerce and Industry of the National Academy of Sciences.

Адабиётҳои истифодашуда:

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистн аз 6 ноябри соли 1994 бо тағиру иловаҳо 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016. – Душанбе, 2016. [Захираи электронӣ] : http://base.mmk.tj //(санаи мурочиат 29.03.2023). – С.5.
2. Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикис-тон» аз 19-уми апрели соли 2000 // АМО ҶТ, соли 2000, № 4, мод.108; соли 2004, № 5, мод.351; соли 2007, №5, мод.351; соли 2008, №10, мод.796;
3. Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳу-рии Тоҷикистон» аз 10-уми декабри соли 1999 // АМО ҶТ, соли 1999, № 12, мод. 296; соли 2004, № 7, мод.451; соли 2008, №10, мод.797.
4. Ашеулова А. Т. ҳуқуқи Конститутсионии Ҷумҳурии Қазоқистон / / таҳти таҳрир. Алмаато, 2001. Саҳ. 248.
5. Безуглов А.А., Солдатов С. А. ҳуқуқи Конститутсионии Русия. М., 2003. Саҳ. 546.
6. Диноршоев А. М. асосҳои Конститутсионии тақсимоти ҳокимият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Д., 2007. Саҳ. 124.
7. Зоир Алӣ.М.А. З., А. Г. Холиқзода., Р. С. Одиназода.Ҳуқуқи инсон ва рушди конститутсионӣ - ҳуқуқии Тоҷикистон. Душанбе, Меҳрон 2017. 2019. Саҳ.86. 279 с.
8. Каримов А. ҳуқуқи Парлумонии Русия. Дастури таълимӣ. М., 1999; ҳуқуқи Парлумонии Фаронса. М., 1998. Саҳ. 71.
9. Степанова и. М. ҳуқуқи Парламентии Русия. М., 2000. Саҳ. 33
10. Страшун Б. а. ҳуқуқи Конститутсионӣ (давлатӣ) - и кишварҳои хориҷӣ // таҳти таҳрир. М.: БЕК, 1999. Саҳ. 200
11. Имомов А.И. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ. - Д., 2008. - С.134
12. Якушев А. В. ҳуқуқи Конститутсионии кишварҳои хориҷӣ. М., 2004. Саҳ.44.

Список литературы

1. Конституция Республики Таджикистан от 6 ноября 1994 года с изменениями и дополнениями от 26 сентября 1999 года, 22 июня 2003 года и 22 мая 2016 года. - Душанбе, 2016. [Электронная резервная копия]: http://base.mmk.tj //(дата обращения 29.03.2023). – С.5.

2. Конституционный закон "О Маджлиси Оли Республики Таджикистан» тон" от 19 апреля 2000 года // АМО РТ, 2000 год, № 4, ст.108; 2004 год, № 5, ср.351; 2007 год, №5, ср.351; 2008 год, №10, ср.796;

3. Конституционный закон "О выборах Маджлиси Оли Республики Таджикистан" от 10 декабря 1999 года // АМО РТ, 1999 год, № 12, ст. 296; 2004 год, № 7, ср.451; 2008 год, №10, ср.797.

4. Ащеулова А.Т. Конституционное право Республики Казахстан // под редакцией. - Алматы, 2001. - С. 248.

5. Безуглов А.А., Солдатов С.А. Конституционное право России. - М., 2003. - С. 546.

6. Диноршоев А.М. Конституционные основы разделения властей в Республики Таджикистан. - Д., 2007. - С. 124.

7. Зоир Ҷ.М. Ҷ. З., А. Г. Холиқзода., Р.С. Одиназода. Права человека и конституционне- правовое развитие Таджикистана. – Душанбе, «Меҳрона- 2017». 2019. –С.86. 279 с.

8. Каримов А. Парламентское право России. Учебное пособоие. - М., 1999; Парламенткое право Франции. - М., 1998. –С.71.

9. Степанова И.М. Парламентское право России. - М., 2000. - С. 33

10. Страшун Б.А Конституционное (государственное) право зарубежных стран // под редакцией. - М.: БЕК, 1999. – С. 200

11. А. Имомов.И. Органы государственной власти. - Д., 2008. - С.134

12. Якушев А.В. Конституционное право зарубежных стран. - М., 2004. - С. 44.

List of literature

1. The Constitution of the Republic of Tajikistan dated November 6, 1994 with amendments and additions dated September 26, 1999, June 22, 2003 and May 22, 2016. - Dushanbe, 2016. [Electronic backup]: http://base.mmk.tj //(date of appeal 03/29/2023). – p.5.

2. The Constitutional Law "On the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan"tone" dated April 19, 2000 // AMO RT, 2000, No. 4, art. 108; 2004, No. 5, p.351; 2007, No. 5, p.351; 2008, No. 10, p.796;

3. The Constitutional Law "On the elections of the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan" dated December 10, 1999 // AMO RT, 1999, No. 12, Article 296; 2004, No. 7, Ms.451; 2008, No. 10, Ms.797.

4. Ascheulova A.T. Constitutional law of the Republic of Kazakhstan // edited by. Almaty, 2001, p. 248.

5. Bezuglov A.A., Soldatov S.A. Constitutional Law of Russia, Moscow, 2003, p. 546.

6. Dinorshoev A.M. Constitutional foundations of the separation of powers in the Republic of Tajikistan, Moscow, 2007, p. 124.

7. Zoir.M.Z., A. G. Holikzoda., R.S. Odinazoda. Human rights and constitutional and legal development of Tajikistan. – Dushanbe, "Metrona- 2017". 2019. –p.86. 279 p.

8. Karimov A. Parliamentary law of Russia. Textbook. - M., 1999; Parliamentary law of France. - M., 1998. –P.71.

9. Stepanova I.M. Parliamentary law of Russia. - M., 2000. - P. 33

10. Strashun B.A. Constitutional (state) law of foreign countries // edited by. - M.: BECK, 1999. – S. 200

11. A. Imomov.I. Organs of state power. - D., 2008. - p.134

12. Yakushev A.V. Constitutional law of foreign countries, Moscow, 2004, p. 44.

ТДУ: 342.52

Шарифзода Саъдӣ Шариф,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
E-mail: Sadi_m_90@mail.ru
Тел.: (+992) 918-99-59-09

Сафарализода Парвина Бахтиёр,
магистранти соли дуюми кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
Email: parvinsafaralizoda2001@gmail.com
Тел: (+992) 935714747

НАҚШИ ПРИНСИПИ ОШКОРБАЁНӢ ВА ШАФФОФИЯТ ДАР ФАЪОЛИЯТИ ҲУҚУҚЭҶОДКУНӢ: ТАҲЛИЛИ НАЗАРИЯВӢ-АМАЛӢ

Калидвожаҳо: ҳуқуқэҷодкунӣ; фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ; мафҳуми принсипҳои ҳуқуқэҷодкунӣ; намудҳои принсипҳои ҳуқуқэҷодкунӣ; мафҳуми ҳуқуқэҷодкунӣ; принсипи ошкорбаёнӣ; шаффофият; хусусият; аҳаммияти принсипи ошкорбаёнӣ ва шаффофият.

Аннотатсия. Принсипи ошкорбаёнӣ ва шаффофият яке аз принсипҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ба ҳисоб рафта, дар раванди эҷод, қабул, тағйир ва қатъӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба инобат гирифта мешавад. Аз ин рӯ, масъалаи мазкур ҳам аз нигоҳи назариявӣ ва ҳам амалӣ актуалӣ буда, дар адабиёти илмӣ-ҳуқуқӣ нуктаҳои назари зиёд ва гуногун мавҷуд мебошад. Бо дарназардошти нуктаҳои назари гуногуни илмӣ муаллифон дар мақолаи мазкур, мафҳуми ҳуқуқэҷодкунӣ, аз ҷумла мафҳуми принсипҳои ҳуқуқэҷодкунӣ ва аҳаммияти принсипи ошкорбаёнӣ ва шаффофиятро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода, андешаҳои худро оид ба ин масъала пешниҳод намудаанд.

Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ яке аз шаклҳои асосии баамалбарории фаъолияти давлат ва халқ мебошад, ки боиси қабул, тағйир, қатъ ва интишори муқаррароти меъёрии мегардад. Ин шакли фаъолият дар ҳар давлати алоҳида хусусиятҳои ба худ хосро дорад. Яъне, ҳуқуқэҷодкунӣ - заминаи эҷоди ҳуқуқи нав, қонуну санадҳои нави меъёрӣ, меъёру мафҳумҳои нави ҳуқуқӣ, ба шароити нави ҳаётӣ мутобиқ намудани санадҳои амалкунанда, аз байн бурдани меъёрҳои мухолифи шароити нави ҳаёт, бо меъёрҳои ҷадид ва тозабунёд иваз намудани меъёрҳои кӯҳна мебошад. Аз ин рӯ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавасути фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиёд қабул шудаанд, ки дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва низоми давлатдорӣ нақши ҳалкунанда доранд. Илова ба ин, оид ба мафҳум, хусусият ва принсипҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ фикру андешаҳои зиёд ва гуногун мавҷуд мебошад. Одатан, ду гурӯҳи андешаҳо вобаста ба масъалаи мазкур мавҷуд аст. Муҳаққиқони гурӯҳи аввал, фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро бо фаъолияти мақомоти давлатӣ алоқаманд дониста, қайд мекунанд, ки ҳуқуқэҷодкунӣ - «ин фаъолияти мақомоти ваколатдори давлат оид ба қабул, тағйир ва қатъи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва меъёрҳои ҳуқуқ», мебошад[2, с.185; 5, С.185].

Андешаҳои олимону муққиқони гурӯҳи дуюм ин аст, ки фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ба ғайр аз фаъолияти мақомоти давлатӣ, ҳамчунин бо «сохтори ғайридавлатӣ (мақомоти худидораи маҳаллӣ, иттифоқҳои касаба ва м.и.)» ва «халқ» алоқаманд мебошад. Дар ин хусус, профессор Шарофзода Р.Ш. бо дарназардошти талаботи фитри ҳуқуқӣ таъкид мекунад, ки ҳуқуқэҷодкунӣ – фаъолияти субъектони босалоҳият мебошад, ки бо мақсади қабул, тағйир ва қатъи муқаррароти меъёрии ҳуқуқӣ, эътирофи талаботи фитрӣ-ҳуқуқӣ анҷом дода мешавад[7, с.454]. Ба андешаи Раҳимов М.З. ва Нематов А.Р. фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ – фаъолияти субъекти ҳуқуқэҷодкунанда оид ба ба таҳия, қабул, интишор ва қатъи амали санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад[6, с.44].

Бо дарназардошти масъалаи мазкур, дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ самтҳои нави инкишофи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти истифодаи технологияҳои

иттилоотӣ ва рақамӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа муайян карда мешаванд. Илова ба ин, вобаста ба масъалаи мазкур, дар Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо аҳли илм ва маорифи кишвар санаи 30-юми майи соли 2024 таъкид карда шуд, ки самтҳои нави такмили қонунгузорӣ дар робита бо истифодаи технологияҳои зеҳни сунъӣ, татбиқи самараноки қонунҳое, ки бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, рақамӣ, инноватсионӣ робитаи бевосита доранд, муайян карда мешаванд[4].

Ҳамин тавр, хулоса кардан зарур аст, ки дар раванди таҳия, қабул, тағйир ва қатъӣ меъёрҳои ҳуҳуқ ва муқаррароти ҳуқуқӣ, ки дар маҷмуъ фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро дар бар мегиранд, принсипҳои ҳуқуқэҷодкунӣ низ масъалаи муҳим ва баҳсбарангез мебошад. Зеро дар адабиёти илмӣ ва қонунгузорӣ намудҳои зиёд ва гуногуни принсипҳои ҳуқуқэҷодкунӣ мавҷуд мебошад. Масалан, принсипҳои ҳуқуқэҷодкунӣ гуфта он нуқтаҳои асосиро меноманд, ки дар асоси онҳо фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ба роҳ монда мешавад[8, с.392]. Муҳаққиқони дигар менависанд, ки «айни замон Тоҷикистон дар давраи гузариш ба ҷомеаи рақамӣ, ки бо рақамигардонии соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа ва истифодаи технологияҳои зеҳни сунъӣ робита дошта, хамчун самтҳои муҳимми сиёсати ҳуқуқӣ дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки дар соҳаи рақамигардонии ҷомеа пайдо мешаванд, вобастагӣ дорад [10, с.117].

Бинобар ин, дар раванди фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ риояи принсипҳои он муҳим ва ҳатмӣ мебошанд, зеро принсипҳои ҳуқуқэҷодкунӣ – ғояҳои асосӣ, асосҳои пешбаранда, талаботи ҳуқуқии ҷавобгӯйи фаъолияти эҷоди ҳуқуқ мебошанд, ки ҳадафу мазмуни фаъолияти субъектони ҳуқуқэҷодкуниро муайян мекунанд. Аз ин рӯ, дар адабиёти ҳуқуқӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон намудҳои зиёди принсипҳои ҳуқуқэҷодкунӣ пешбинӣ гардидааст. Масалан, тибқи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ аз принсипҳои зерин иборат аст: - мутобиқат ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; - афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; - қонуният; - бартарияти меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабулгардида ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, нисбат ба қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ; - адолатнокӣ; - ошкорбаёнӣ ва шаффофият; - илмият; - касбият; - ба назар гирифтани афкори ҷамъиятӣ[1].

Ҳамчунин, мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои принспҳои болозикр, дар қонуни мазкур ба таври пурра шарҳ дода шудааст. Бинобар ин, ба инобат гирифтан ва риоя кардани принсипҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, ки дар қонунгузории давлат мустаҳкам шудаанд, дар раванди эҷод, қабул, тағйир ва қатъӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳатмӣ ва зарур мебошанд.

Вобаста ба масъалаи мазкур профессор Шарофзода Р.Ш. 14 намуди принсипҳои ҳуқуқэҷодкуниро пешниҳод намудааст. Аз ҷумла, - эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; - волоияти Конститутсия; - қонуният; - моҳияти демократии ҳуқуқэҷодкунӣ; - ошкорбаёнӣ; - таъмини адолати иҷтимоӣ; - касбият; - илмият; - ба инобат гирифтани афкори ҷамъиятӣ; - ҳимояи манфиатҳои миллӣ; - мутаносибии ҳамаи шаклҳои ҳуқуқэҷодкунӣ; - такмили мунтазами техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ; - истифодаи таҷрибаи ҳуқуқӣ; - фаврӣ будани ҳуқуқэҷодкунӣ пешниҳод намудааст[9, с.548]. Аз андешаи пешниҳод гардидаи муаллиф, маълум мегардад, ки ба ҷуз аз принсипҳое, ки дар қонунгузорӣ дарҷ гардидааст, дар раванди ҳуқуқэҷодкунӣ принсипҳои дигар низ ба монандӣ, ҳимояи манфиатҳои миллӣ; - мутаносибии ҳамаи шаклҳои ҳуқуқэҷодкунӣ; - такмили мунтазами техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ; - истифодаи таҷрибаи ҳуқуқӣ; - фаврӣ будани ҳуқуқэҷодкунӣ дар раванди ҳуқуқэҷодкунӣ ба бояд ба инобат гирифта шаванд.

Ҳамин тавр, принсипҳои ҳуқуқэҷодкунӣ зиёд ва гуногун буда, ба инобат гирифтан ва риоя кардани онҳо дар раванди эҷоди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳатмӣ мебошад. Аз ин рӯ, дар доираи мақолаи мазкур, танҳо яке аз принсипҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, ки «принсипи ошкорбаёнӣ ва шаффофият» ном дорад мавриди таҳили ҳамаҷониба қарор мегирад.

Бояд қайд кард, ки дар миёни принсипҳои ҳуқуқэҷодкунӣ принсипи ошкорбаёнӣ ва шаффофият нақши муҳим дорад, зеро принсипи мазкур, якум аз моҳияти демократии давлат шаҳодат медиҳад ва дуюм аз иҷтимоӣ будани давлат. Бинобар ин, принсипи мазкур моҳиятан аз ду принсипи мустақил иборат аст. Якум, принсипи ошкорбаёнӣ ва дуюм принсипи шаффофият. Илова ба ин, дар Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипи мазкур, ҳамчун мавзуи муҳим ва хусусияти илмию амалӣ дошта, чун самти афзалиятноки таҳқиқотҳои илмию ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ ба қайд гирифта шудааст.

Ҳамчунин, принсипи мазкур, дар қонунгузории давлатҳо низ мустаҳкам шудааст. Масалан, тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» яке аз принсипҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ин принсипи ошкорбаёнӣ ва шаффофият мебошад[1], ки дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ бо роҳҳои зерин таъмин карда мешавад. Якум, - пешниҳоди маълумот ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии манфиатдор оид ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ; - интишори санади меъёрии ҳуқуқии қабулгардида дар нашрияҳои расмӣ, воситаҳои дигари ахбори омма ё бо тарзу воситаҳои дигар расонидани ин санад ба маълумоти омма, аз ҷумла бо воситаҳои электронӣ; - муҳайё намудани имконият ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии манфиатдор барои шиносоӣ бо мазмуни санади меъёрии ҳуқуқии қабулгардида.

Дуюм, лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ барои муҳокимаи умум тавассути воситаҳои ахбори омма, инчунин дар сомонаҳои расмии субъектони ваколатдори ҳуқуқэҷодкунанда мумкин аст интишор карда шавад. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии манфиатдор ҳуқуқ доранд бо мазмуни чунин лоиҳа шинос шаванд. Таклифу пешниҳодҳои воридшуда ҳангоми такмили лоиҳа бояд аз ҷониби субъекти ваколатдори ҳуқуқэҷодкунанда баррасӣ гарданд.

Ҳамин тавр, хулоса кардан мумкин аст, ки принсипи ошкорбаёнӣ ва шаффофият маънои онро дорад, ки тамоми равандӣ эҷод, қабул, тағйир ва қатъ гардидани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бидуни ягон зарурият бояд ошкоро ба роҳ монда шавад, тавассути васоити ахбори омма ба мардум шинос карда шаванд, зеро санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои халқ қабул мешаванд. Ҳамзамон, дар қабули қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ягон намуди манфиатҳои шахсӣ набояд аз манфиатҳои давлативу ҷамъиятӣ боло гузошта шавад. Илова ба ин, дар ҳолатҳои истисноӣ принсипи мазкур, ба санади меъёрии ҳуқуқӣ ё лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқие, ки маълумоти дорои сирри давлатӣ ё сирри дигари бо қонун ҳифзшавандаро дар бар мегиранд, татбиқ намегардад, зеро ин гуна санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тибқи қонунгузорӣ набояд, ошкор карда шаванд ва дар тамоми дигар ҳолатҳои эҷоди меъёрии ҳуқуқ принсипи мазкур ба инобат гирифта шуда, риоя карда мешаванд.

Аз ин нуқтаи назар, тағйиру иловаи қонунгузории амалкунанда низ шакли эҷоди ҳуқуқ буда, аз мақоми эҷоди ҳуқуқ маҳорату истеъдод, сатҳи баланди касбӣ-ҳуқуқиро ҷиҳати ба инобат гирифтани принсипи мазкур талаб мекунад. Тавре солҳои соҳибихтиёрии Тоҷикистон вусъати фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, қабули шумораи зиёди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба онҳо аз ҷумлаи омилҳое мебошанд, ки зарурати омӯзиши ин масъаларо тақозо менамоянд.

РОЛЬ ПРИНЦИПА ГЛАСНОСТИ И ПРОЗРАЧНОСТИ В ПРАВОТВОРЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ: ТЕОРИТИКО-ПРАКТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗИ

Ключевые слова: правотворчество; правотворческая деятельность, понятие принсипов правотворчество, виды принсипов правотворчество, понятие правотворчество, принцип гласности (открытости); прозрачности; особенность; важность принципа гласности и прозрачности.

Аннотация. Принцип гласности и прозрачности является одним из принципов правотворческой деятельности и принимаются во внимание в процессе создания, принятия, изменения и прекращения нормативно-правовых актов. Поэтому, этот вопрос актуален с теоретической точки зрения, так и с практической, в научно-юридической литературе существует множество различных точек зрения. Учитывая разные научные точки зрения авторы по этому вопросу представили свои мысли, в этой статье используют понятие правотворчество, включая понятие принципов правотворчество и важность принципа гласности и прозрачности анализируется и обсуждается.

Шарифзода Саъди Шариф - канд. юрид. наук, доцент каф. теории и истории государства и права Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан), E-mail: Sadi_m_90@mail.ru Тел.: (+992) 918-99-59-09.

Сафарализода Парвина Бахтиёр - магистр кафедры теории и истории государства и права юридического факультета Таджикского национального университета. Email: parvinsafaralizoda2001@gmail.com Тел: (+992) 935714747

THE ROLE OF THE PRINCIPLE OF DISCLOSURE AND TRANSPARENCY IN LEGAL CREATIVE ACTIVITY: A THEORETICAL-PRACTICAL ANALYSIS

Keywords: law-making; law-making activity; the concept of principles of law-making; types of principles of law-making; the concept of law-making; principles of publicity; transparency; feature; importance of the principle of publicity and transparency.

Annotation. The principle of openness and transparency is one of the principles of law-making activity and is taken into account in the process of creating, adopting, amending and finalizing legal normative acts. Therefore, this issue is relevant both from a theoretical and practical point of view, and there are many and diverse points of view in the scientific and legal literature. Taking into account various scientific points of view, the authors of this article analyzed and considered the concept of law making, including the concept of the principles of law making and the importance of the principle of openness and transparency, and presented their views on this issue.

Sharifzoda Sadi Sharif **-** candidate in legal sciences, associate professor of the department of theory and history of State and Law under Tajik National University (Dushanbe, Tajikistan) e-mail: Sadi_m_90@mail.ru Тел.: (+992) 918-99-59-09

Safaralizoda Parvina Bakhtiyor **-** magistr department of the Theory and history of state and Law faculty Law Tajik National University. Email: parvinsafaralizoda2001@gmail.com Тел: (+992) 935714747

Рӯйхтаи адабиёт

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2017, №5, қ. 1, мод. 271).
2. Малько. А.В. Назарияи давлат ва ҳуқуқ / Зери таҳ.. – 2002. - С. 185.
3. Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар мулоқот бо аҳли илм ва маорифи кишвар 30-юми майи соли 2024 баён доштанд. – 12.06.2024, № 26/10-203.
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2023. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.prezident.tj/node (санаи мурочиат: 24.04.2025 с.).
5. Перевалов. В.Д. Назарияи давлат ва ҳуқуқ / муҳ.. В.Д. Перевалов. – 2001. - С. 182.
6. Раҳимов М.З. Нематов А.Р. Техникаи қонунгузорӣ. – Д.2011. – С.44.
7. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ҳуқуқ. –Д.2014.- С.454.
8. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат. – Душанбе, 2005.- С.392.
9. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. – Душанбе, 2018. – С.584.
10. Шарофзода Р.Ш., Сафарбекзода Ҳ.С. Дурнамои рушди сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар робита бо рақамигардонии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ. - (Маҷаллаи байналмилалии илмӣ) Фурӯғи илм. - № 3 (3), 2024. - С.117-125.

Список литературы

1. Закон Республики Таджикистан» О нормативных правовых актах " (Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. - 2017, №5, С. 1, мод. 271).
2. Малько. А.В. Теория государства и права / Под ред. – 2002. - С. 185.
3. План мероприятий по выполнению указаний и поручений Президента Республики Таджикистан, Лидера нации уважаемого Эмомали Рахмона, изложенных на встрече с представителями науки и образования страны 30 мая 2024 года. – 12.06.2024, № 26/10-203.
4. Послание Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 28 декабря 2023 года. [Электронная резервная копия]. - Источник доступа: http://www.prezident.tj/node (дата обращения: 24.04.2025 г.).).
5. Перевалов. В.Д. Теория государства и права / Отв. ред. В.Д. Перевалов. – 2001. - С. 182.
6. Рахимов М.З. А. Нематов.Р. Техника законодательства. – Д.2011. – С.44.
7. Сотиволдиев Р.Ш. Теория государства права. –Д.2014.- С.454.
8. Сотиволдиев Р.Ш. Общая теория права и государства. - Душанбе, 2005.- С.392.
9. Сотиволдиев Р.Ш. Теория государства и права. - Душанбе, 2018. – С.584.
10. Шарофзода Р.Ш. Сафарбекзода Х.С. Перспективы развития правотворческой политики в связи с оцифровкой правотворческой деятельности. - (Международный научный журнал) продажа науки. - № 3 (3), 2024. - С.117-125.

List of literature

1. The Law of the Republic of Tajikistan "On Normative Legal Acts" (Akhbori Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan. - 2017, No. 5, p. 1, mod. 271).

2. Malko. A.V. Theory of the state and law / 2002, p. 185.

3. Action plan for the implementation of the instructions and instructions of the President of the Republic of Tajikistan, Leader of the Nation Emomali Rahmon, outlined at a meeting with representatives of science and education of the country on May 30, 2024. – 12.06.2024, № 26/10-203.

4. Message of the President of the Republic of Tajikistan, Distinguished Emomali Rahmon, Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan dated December 28, 2023. [Electronic backup]. - Access source: http://www.prezident.tj/node (date of reference: 04/24/2025).).

5. Perevalov, V.D. Theory of State and Law / Ed. by V.D. Perevalov, 2001, p. 182.

6. Rakhimov, M.Z. A. Nematov.R. The technique of legislation. – D.2011. – p.44.

7. Sotivoldiev R.S. Theory of the state of law. 2014. p.454.

8. Sotivoldiev R.S. General theory of law and the state. - Dushanbe, 2005. - p.392.

9. Sotvoldiev R.S. Theory of the state and law. Dushanbe, 2018. pp.584. 1

0. Sharofzoda R.S. Safarbekzoda H.S. Prospects for the development of law-making policy in connection with the digitization of law-making activities. - (International Scientific Journal) sale of science. - № 3 (3), 2024. - Pp.117-1125.

ТДУ: 343.163

Муҳаммадиев Изатулло Сайфуллоевич,
профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ
E-mail: izatullomuhammadiev@gmail.com
Тел.: (+992) 92-701-00-02

Ҷалолозода Саидҷамол,
унвонҷӯи кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон
Тел.: (+992) 92-941-68-68

МАСОИЛИ НАЗАРИЯВӢ-ҲУҚУҚИИ НАЗОРАТИ ПРОКУРОРӢ ОИД БА ИҶРОИШИ ҚОНУНГУЗОРИИ ЗАМИН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Калидвожаҳо: таҳқиқоти назариявӣ, таҳқиқоти ҳуқуқӣ, назорат, назорати прокурорӣ, қонунгузории замин, иҷроиши қонунгузорӣ, иҷроиши қонунгузории замин, мақомоти давлатӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомти ваколатдори давлатӣ.

Аннотатсия: Дар мақолаи мазкур масоили назариявӣ-ҳуқуқии вазифаҳои назорати прокурорӣ оид ба иҷроиши қонунгузории замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси ғояҳои илмии муосири соҳаи назарияи ҳуқуқ, қонунгузории амалкунанда ва адабиёти соҳавӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Имрӯзҳо масъалаҳои назорати қонунгузории замин ва хосатан татбиқи ягонаи муқаррароти қонунгузории замин яке аз муаммоҳои фаъолияти амалии мақомоти ваколатдори давлатӣ ва мақомоти назораткунандаи давлатӣ мубаддал гардидааст. Дар байни таъсиррасониҳои давлатӣ оид ба риоя гардидани қонунгузории замин нақши назорати прокурорӣ оид ба иҷрои қонунгузории замин муҳим арзёбӣ мегардад.

Замин яке аз сарватҳои муҳими табиӣ буда, ҳамчун асоси ҳаёт ва фаъолияти инсон баромад мекунад. Ислоҳоти кишоварзӣ дар Тоҷикистон ба ташаккули шаклҳои мухталифи хоҷагидории кишоварзӣ, дигаргунсозиҳои ҷиддии муносибатҳои заминистифодабарӣ, бунёди иқтисодиёти рақобатнок мусоидат намуд. Рушди минбаъдаи соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ, хусусан кишоварзӣ, иқтисодиёт бо истифодаи оқилонаю самараноки замин зич алоқаманд буда, як самти алоҳидаи сиёсати давлатиро ташкил медиҳад ва барои баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии халқ, таъмин намудани зисту зиндагонии арзанда барои мардум равона гардидааст.

Қонунгузории амалкунанда, дастуру супоришҳои Президенти кишвар истифодаи самаранок ва муҳофизати заминро чун раванди афзалиятнок муайян намудааст. Раванди дохил шудани замин ба гардиши иқтисодӣ, таъмини истифодабарии дуруст ва самараноки он, ба таври дахлдор ба роҳ монда шудани фаъолияти субъектҳои заминистифодабарӣ, мақомоти давлатӣ ва назоративу санҷиширо аз болои риояи қонунгузории замин тақозо менамояд, ки он аз баъзаи мустаҳками қонунгузории кишвар ва механизмҳои тадбиқи ҳуқуқ вобастагии зич дорад.

Зарурати пурзур намудани назорати давлатӣ аз болои риояи қонунгузории замин аз он сабаб муҳим арзёбӣ мегардад, ки дар ин самт ҳуқуқвайронкуниҳо зиёд буда, ҳолатҳои истифодаи ғайриқонунӣ ва ғайримақсаднок, ғайриқонунӣ ҷудо кардан ва худсарона ишғол намудани қитъаи замин, хариду фурӯш ва қаллобӣ, зиёдшавии баҳсҳо дар соҳаи заминистифодабарӣ яке аз масъалаҳои ташвишовари соҳаи мазкур маҳсуб меёбад. Чи тавре Байдина О.Ю. зикр менамояд дар ҳақиқат “қонунвайронкуниҳо ҳам дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳам дар фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ роҳ дода мешаванд” [1, с.23.].

Муаллифони таҳқиқоти мазкур масъалаҳои истифодабарии самаранок ва оқилонаи заминро мақсад гузошта, диққати худро ба фаъолияти

прокуратура оид ба таъмини қонуният дар соҳаи заминистифодабарӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо равона намудаанд.

Барои амалӣ намудани мақсади аслии назорати прокурорӣ дар ин самт, ки иҷроиши дақиқ ва якхелаи қонунгузорӣ дар ҳудуди ҷумҳурӣ буда, ба ҳамин васила воло нигоҳ доштану ҳифз намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аст, ки мақсади меҳварии ҳамаи мақомотҳои давлатӣ маҳсуб меёбад.

Қонунгузории амалкунанда ваколатҳои мақомоти назоратию санҷиширо дар соҳаи муносибатҳои заминистифодабарӣ муайян намудааст. Ба ҷумлаи онҳо мақомоти давлатии заминсозӣ, геодезия, бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он, мақомоти давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, меъморию шаҳрсозӣ, бехдошти замин, хоҷагии ҷангал, назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкорӣ дохил мешаванд. Ин мақомоти санҷишӣ дар доираи ваколати худ тибқи қонунгузорӣ бо пешгирӣ, ошкоркунӣ ва бартараф намудани қонунвайронкунӣ дар соҳаи заминистифодабарӣ машғул буда, санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидорро амалӣ менамоянд.

Дар низоми ҳуқуқӣ назорати прокурорӣ нақши муҳим мебозад, риояи қонуният ва ҳимояи манфиатҳои давлат ва ҷамъиятро кафолат медиҳад, мустақилона фаъолият мебарад ва ба ягон шохаи ҳокимият тааллуқ надорад. Назорати прокурорӣ хусусияти хос дошта, аз номи давлат ба амал бароварда мешавад ва дар амали сохтани сиёсати давлатӣ дар соҳаи заминистифодабарӣ аҳамияти муҳимро касб намудааст. А.Я. Сухарев нақш ва вазифаи мақомоти прокуратураро дар системаи сохтори давлатӣ муайян намуда, менависад, ки прокуратура баъди такмил додани сохтораш дар феҳрести мақомоти давлатии мамлакат ҳамчун мақомоти назоратӣ мавқеи хосаи худро доро гаштааст. [8, с.6.].

Мустақилияти назорати прокуратураро моҳияти фаъолияти он муайян мекунад, ки аз назорати дақиқи риояи Конститутсия ва талаботи қонунҳо ва бартараф намудаи ҳуқуқвайронкуниҳои ошкоршуда иборат аст[11, с.204-206.].

Назорати риояи қонунгузории амалкунанда дар самти истифодабарии самараноку оқилонаи замин яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти прокуратураро ташкил медиҳад. Прокурорҳо дар мавриди амалӣ сохтани назорат аз болои иҷрои қонунгузории замин ваколатдор ҳастанд, ки вайронкунии қонунро ошкор намуда, барои бартараф намудани он ва ба ҷавобгарии гуногун кашидани шахсони ба вайронкунии қонунгузории замин роҳдода чораандешӣ намоянд[5, с.60-71.].

Санҷиши ҳолати иҷроиши қонунгузории зикршуда аз санҷишгар тайёрии ҳаматарафа ва малакаи баланди касбиро талаб менамояд. Бояд пеш аз оғози санҷиш ва дар рафти он муқаррароти қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда вобаста ба истифодабарии замин мавриди омӯзиш қарор гирад, аз ҷумла: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон”; Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ”; Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон; Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон; Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон; Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон; Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон; Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон; Кодекси ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон; Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон; Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон; Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ислоҳоти замин”, “Дар бораи баҳои замин”, “Дар бораи бақайдгарии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он”, “Дар бораи ҳифзи хок”, “Дар бораи заминсозӣ”, “Дар бораи хоҷагии деҳқони (фермерӣ)”, “Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ”, “Дар бораи чарогоҳ”, “Дар бораи мақомоти худидораи шаҳрак ва деҳот”, “Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ”, “Дар бораи ҳудудҳои табии махсус муҳофизатшаванда”.

Ба ин феҳрест метавон фармонҳои Президентити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки бо қарорҳои ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст шомил намуд. Асосан ингуна санадҳо барои истифодаи замин ва ҷудо намудани заминҳо барои таъиноти муайяни муқарраршуда мебошад.

Дар алоқамандӣ бо ин масоил бояд зикр намуд, ки дар замони ҳозира муносибатҳои доир ба замин дар байни субъектони заминистифодабаранда зиёд гардида, қабули санадҳои зиёди меъёри ва татбиқи ҳуқуқ ба роҳ монда шудааст. Мавриди зикр аст, ки бинобар махсусияти соҳавӣ доштани муносибатҳои заминистифодабарӣ субъектони истифодабарандаи замин дар як маврид пешбарандаи муносибатҳои замин низ мебошанд.

-Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлвтӣ.

-Мақомоти худидораи шаҳрак ва деҳот.

-Корхонаю ташкилотҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ.

-Мақомоти назоратӣ (заминсозӣ, маъмурӣ ва дигарон).

-Шаҳрвандон.

Инчунин, баъзе субъектҳои истифодабарандаи замин, ки ба зиммаи онҳо таъмини риояи қонунгузории замин вогузор шудааст, дар як вақт ба қонунвайронкуниҳо дар самти замин роҳ медиҳанд ва худ субъектҳои вайронкунандаи қонунгузории замин мебошанд. Ба ин гуруҳ метавон мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидораи шаҳрак ва деҳотро дохил намуд[10, с.8-12.].

Муҳаққиқон зикр намудаанд, дар бисёр ҳолатҳо қонунвайронкуниҳо дар соҳаи истифодабарии замин аз бемасъулятӣ, надонистани қонун ё қасдан нодуруст татбиқ намудани он аз ҷониби шахсони мансабдори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дигар мақомоти назоратӣ оғоз мегардад. Инчунин қайд шудааст, ки хавфи дучор омадан ба омилҳои коррупсионӣ дар сатҳи маҳалҳо дар мавриди амалӣ сохтани чорабиниҳои иҷозатдиҳӣ, истифодабарӣ ва ҳифзи замин меафзояд[2, с.60.].

Ҳамаи ин ҳолатҳо гувоҳи медиҳад, ки дар айни ҳол муносибатҳои заминистифодабарӣ на фақат масалаи ҳалталаби ҷомеа ва давлат, балки самти афзалиятноки назорати прокурорӣ низ мебошад, ки он ба роҳ мондани назорати самарабахши прокурорӣ ва ташкили фаъолияти пурмаҳсули тахассусноки касбиро дар ин ҷода талаб менамояд.

Вазифаҳои аз ҳама муҳими баланд бардоштани сифат ва самаранокии санҷишҳои прокурорӣ дар самти назорати қонунгузории замин, аз ҳисоби дуруст интихоб намудани объект, ҷалб намудани мутахассисон, ҳамкории зич бо коллективҳои меҳнатию мақомоти назораткунанда, ҷамоат ва шӯроҳои маҳаллӣ, инчунин ошкор ва бартараф намудани сабабҳое, ки боиси қонунвайронкунӣ шудаанд ва иштироки фаъолона дар кори бартараф намудани онҳо мебошад. Зарур аст, ки ҳар як корманди назоратбаранда тактика ва методикаи пурмаҳсули худро дошта бошад ва агар ба натиҷаи хуб ноил шавад, метавонад барои истифодаи умумии кормандони самти мазкур пешниҳод намояд.

Фаъолияти самарабахши назорати прокурорӣ он вақт муяссар мегардад, ки санҷиши ҳолати иҷроиши қонунгузории замин дар корхонаю муассиса ё минтақаи муайян бо назардошти вазъи риояи қонуният гузаронида шуда, нисбати шахсони масъул ва заминистифодабарандагоне, ки ба қонунвайронкунӣ роҳ медиҳанд, тамоми чораҳои ҳуқуқӣ ва таъсиррасонии прокурорӣ истифода бурда шавад. Аз натиҷаи санҷишҳо унвонии мақомоти назоратӣ ва ташкилоту муассисахо, баҳри бартараф намудани қонунвайронкуниҳо ва сабабу шароитҳои ба онҳо мусоидаткунанда санадҳои эътиноии прокурорӣ омода ва баҳри воқеъан бартараф намудани қонунвайронкуниҳо (ба хусус заминҳои худсарона ишғолгардида ё ғайриқонунӣ ҷудо ва вобаста гардида) чораандешӣ карда шавад. Масъалаи ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони масъул ба хусус роҳбарони мақомоти дахлдори давлатӣ, вазорату корхонаҳо ва муассисаву ташкилотҳое, ки ба вайрон намудани талаботи қонунгузорӣ дар ин самт даст задаанд ё ин ки нисбат ба иҷрои вазифаҳои хизматии худ муносибати хунукназарона намудаанд, гузошта шуда, вобаста ба ҳар як ҳолат зарари расонидашуда аз ҳисоби онҳо барқарор карда шавад.

Дар ҳолати ошкор гардидани қонунувайронкуниҳо бо замин алоқаманд буда, оид ба оғоз намудани истеҳсолот дар бораи ба ҷавобгарии маъмурӣ, интизомӣ, моддӣ кашидан ё оғози парвандаи ҷиноятӣ қарор қабул карда мешавад, ки он аз ваколати прокурор бармеояд ва дар расмиётҳои мурофиавӣ ва қонунгузории соҳавӣ мушоҳида намудан мумкин аст.

Роҳи дигари амалӣ сохтани ваколатҳои прокурор ва тарзи маъмули бартараф ва пешгирӣ намудани қонунвайронкуниҳои дар самти замин ошкоргардида ва сабабу шароитҳои ба он мусоидакунанда ин манзур намудани пешниҳод унвонии мақомоти марбутаи ваколатдор, шахсони мансабдор ва субъектҳое, ки барои ба баррасӣ ва ба бартараф намудани қонунвайронкуниҳо вазифадоранд ё ташкилотҳои болоии онҳо мебошад. Баррасии санадҳои эътиноии прокурорӣ дар муҳлатҳои муқаррар намудаи қонунгузорӣ амалӣ карда мешавад.

Бояд зикр намуд, ки тибқи маълумотҳои оморӣ дар соли 2024 аз ҷониби мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар натиҷаи санҷишҳои прокурорӣ ҷиҳати бартараф намудани қонунвайронкуниҳои ошкоргардида дар соҳаи заминистифодабарӣ 6500 санади зътиноӣ татбиқ гардида, 7190 нафар ба ҷавобгарии моддӣ, интизомӣ ва маъмурӣ кашида шуданд[8.].

Қобили зикр аст, ки назорат оид ба иҷроиши қонунгузории замин, яке аз самтҳои назорати

прокурорӣ буда, хусусиятҳои хоси худро доро мебошад. Назорати прокурорӣ аз мақомоти давлатии назоративу санҷишӣ ва субъектҳои истифодабарандаи замин (мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидораи шаҳрак ва деҳот, кумитаҳои идораи замин ва ғайра), ки ба зиммаи онҳо таъмини риояи қонунгузории замин вогузор шудааст, бо махсусияти назоратии худ куллан фарқ мекунад. Прокуратура чун яке аз сохторҳои муҳимми давлатии таъминкунандаи риояи қонунҳо дар самти ҳифз ва истифодаи самараноки замин назорати риояи қонунгузории заминро мустақилона аз номи давлат ба амал мебарорад.

Дар самти танзими муносибатҳои заминистифодабари таносуби мақомоти прокуратура аз дигар мақомоти давлатӣ боз дар он аст, ки прокурор ваколат дорад, ки назоратро ҳам аз болои заминистифодабарандагон ва ҳам аз болои мақомоти давлатии назоративу санҷишӣ, ки ба зиммаи онҳо таъмини риояи қонунгузории замин вогузор шудааст ба роҳ монад ва дар ҳолати ошкор намудани санадҳои ғайриқонунӣ, баҳри бекор кардани он ва бартараф намудани қонунвайронкуниҳо чораандешӣ менамояд. Агар санади ғайриқонунӣ қабул намудаи мақомоти дахлдор бекор нашуда, дар шакли асл боқӣ ва аз назорат берун монад ба истифодаи нодурусти замин ва халалдор гаштани ҳуқуқҳои заминистифодабарандагон оварда мерасонад, ки ин нишондоди манфӣ буда, дар бисёр ҳолатҳо боиси муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ унвонии мақомоти давлатӣ аз ҷумла прокуратура ва суд мегардад.

Дар алоқаманди бо ин масоил дар замони ҳозира муносибатҳо вобаста ба замин миёни заминистифодабарандагон зиёд гардида, ҳамчунин санадҳои зиёди меъёрӣ низ қабул шуда истодаанд. Ҳолатҳо мазкур аз он гувоҳи медиҳад, ки муносибатҳои доир ба истифодаӣ замин на фақат масъалаи доғу ҳалталаби ҷомеа ва давлат мебошад, балки дар ин ҷода зарурати ташкили фаъолияти тахассуснок ва ба роҳ мондани назорати самарабахши прокурорӣ ба миён омадааст.

Бо назардошти он, ки мафҳуми иҷрои қонун маънии васеъ дорад, маъмулан худи мафҳуми иҷроиши қонун дарки амали фаъоли худ, ба мавҷудияти қонуни навишташуда мебошад, ки ин монанди амали дигар шаклҳои ҳуқуқ, дар қатори риояи қонун, ки одамон ҳамчун натиҷаи манъшуда барқароркунии ҳуқуқ мешуморанд, ба ҳисоб меравад.

Дар маҷмуъ метавон мафҳуми умумиро доир ба назорати прокурорӣ оид ба иҷроиши қонунгузории замин пешниҳод намоем: назорати прокурорӣ оид ба иҷроиши қонунгузории замин - ин амалӣ сохтани ваколатҳои дар самти назорати умумӣ пешбинӣ намудаи қонун бо мақсади таъмини қонунгузори замин мебошад, ки дар натиҷаи он қонунвайронкуниҳо дар самти истифодабарии замин ва сабабу шароитҳои ба онҳо мусоидаткунанда ошкор карда шуда, барои бартараф намудан қонунвайронкуниҳо оид ба замин ва барқарор намудани ҳуқуқҳои вайронгардида, ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони гунаҳкор чораҳои ташкилӣ ва татбиқи ҳуқуқ андешида мешавад. Ҳангоми ошкор кардани қонунвайронкунӣ вобаста ба намуд ва шакли он тибқи муқаррароти қонунхои амалкунанда ба кирдорҳои субъектҳои ба қонунвайронкунӣ роҳдода баҳои ҳуқуқӣ дода шуда, чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ андешида мешавад.

Аз ин ҷо ба хулосае омадан мумкин аст, ки ваколатҳои назорати прокурорӣ оид ба иҷроиши қонунгузории замин чун ҷузъи воситаҳои ҳуқуқӣ метавонад ба ду шакл а)дар шакли мушаххасии амал ; б) дар шакли санади ҳуқуқии инфиродӣ ифода ёбад.

Дар масоили амалӣ сохтан ва иҷро намудани функсияи назоратии прокуратура, ки бо таъмини қонунгузорӣ дар соҳаҳои гуногун алоқаманд аст, муайян ва мушаххас намудани доираи объектҳои назорат ва ҳадди ваколатҳои прокурор зарур аст. Вобаста ба характери гузаронидани санҷиш ё ин ки пайдо шудани самтҳои нави назорати қонунгузорӣ марбут ба объекти назоратшаванда аз ҷониби прокурори болоӣ ё прокурори назоратбаранда самтҳои фаъолияти назоратӣ муайян карда мешавад. Дар рафти гузаронидани санҷиш прокурор ӯҳдадор аст, ки танҳо дар доираи қонун амал кунад ва ба фаъолияти хоҷагидориву соҳибкории объекти назоратшаванда дахолат накунад ва кори онро халалдор насозад.

Як нуқтаро инҷо бояд қайд кард, масъалаи риояи қонун аз сатҳи фаҳмиш ва фарҳанги ҳуқуқии ҳар як фард вобаста буда, дар таъмини иҷроиши қонунҳо субъекти муносибатҳо тағйир меёбад ва дар ингуна ҳолатҳо шахсони мансабдор, мақомоти давлатӣ ва ҷамъияти шомили ин муносибатҳо мегарданд.

Ҳудуд ё доираи назорати прокурорӣ дар ин ё он соҳаи назорати прокурорӣ ин гуруҳи нишондиҳандаҳое мебошад, ки сарҳади фаъолияти назоратро дақиқ мегардрнад[4, с.481.]. Дар ҳақиқат назорати прокурорӣ оид ба иҷроиши қонунгузории

замин ва дигар самтҳои назорати умумии прокурорӣ бояд, ки танҳо дар доираи санадҳои марбутаи қонунгузорӣ мавриди амал қарор дода шуда, вобаста ба далелҳои қонунвайрокунии ошкоргардида чораҳои гуногунии таъсиррасонии прокурорӣ татбиқ мегардад. Нисбати санадҳои ғайриқонунӣ қабулнамудаи субъектони алоҳида оид ба вобаста ва чудо намудани қитъаҳои замин ва қонунвайронкуниҳои хусусияти ошкоро дошта бошад, санадҳои махсуси эътиноии прокурорӣ аз қабили эътироз ва амри прокурор вобаста ба хусусияти қонунвайронкунӣ татбиқ карда, қонунвайронкуниҳои ошкор гардида бо ин роҳ бартараф карда мешавад.

Ҳамин тавр, фаъолияти назорати прокурорӣ оиди иҷроишии қонунгузории замин бо мақсади ошкор намудан, огоҳонидан ва бартараф намудани қонунвайронкуни оид ба замин равона гардида, дар доираи қонунгузории соҳавӣ амалӣ мегардад. Ҳудуд ё доираи назорати прокурорӣ дар самти иҷрои қонунгузории замин аз руи субъектҳои заминистифодабарӣ ки таҳти назорати прокурорӣ қарор доранд, аз руи санадҳои меёрию ҳуқуқӣ, ки муносибатҳои ҳуқуқии оид ба заминро ба танзим медароранд ва аз болои иҷрои онҳо прокурор назорат мебарад вобаста ба доираи он мақомотҳое, ки санадҳои инфиродии ҳуқуқӣ қабул мекунанд, муайян мегардад.

Асос барои амалӣ кардани назорати прокурорӣ дар самти қонунгузории замин дар ҳоле ба миён меояд, ки агар хатари содиршавии қонунвайронкунӣ вуҷуд дошта бошад ё қонунвайронкунӣ содир шуда бошад ё ин ки прокурор шоҳиди бевоситаи қонунвайронкунӣ ё ғайриқонунӣ истифодабарии замин шуда бошад, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд халалдор гардида, муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқи дар ин хусус ворид шуда бошад ё мақомоти санҷишиву назораткунанда бефаъолиятӣ ва хунукназарӣ зоҳир кунад ё содиршавии ингуна ҳолатҳоро пешгирӣ насозад, зарурати бевоситаи дахолати прокурорӣ ба миён меояд ва прокурор ё корманди прокуратура дар асоси супориши прокурор мустақилона санҷиш мегузаронад. Ба ваколати прокурор мустақилона бартараф намудани қонунвайронкунии ошкоркардшуда дохил намешавад, бинобар он тибқи конун прокурорҳо санадҳои таъсирасонии прокурорӣ қабул мекунанд, ки ин чузъи фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура мебошад.

Дар ҳолатҳои алоҳида ба монанди содиршавии қонунвайронкуниҳои маъмурӣ прокурор ба мақомоти дахлдор оид ба чавобгарии маъмурӣ кашидани субъекти қонунвайронкунӣ ва баррасии парвандаҳои маъмурӣ, ки дар асоси қарори прокурор оғоз мегардад санади дахлдор ирсол менамояд. Дар кирдорҳои ашхосе, ки ба қонунвайронкунии замин роҳ додаанд, мумкин аст, ки аломатхои таркиби ҷиноят ҷой дошта бошанд. Таснифи амалҳои шахсони гунаҳгор бо ин ва ё он моддаи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба вазифаи ишғол кардаашон ё кирдори содиркардаашон, ангезаю мақсади шахси гунаҳгор, мавҷуд будан ё набудани зарар ва ҳаҷми он ба амал бароварда мешавад.

Ҳангоми ба амал омадани зарурати оғози истеҳсолоти маъмурӣ доир ба қонунвайронкунии замин ё оғози парвандаи ҷиноятӣ татбиқи ҳуқуқ тибқи қонунҳои соҳавӣ, расмиётҳои мурофиавии маъмурӣ ва кодекси мурофиавии ҷиноятӣ сурат мегирад.

Барои ислоҳ ё бартараф гардидани қонунвайронкунии замин риоя намудани мӯҳлатҳои муқараршудаи баррасии санадҳои татбиқи ҳуқуқ нақши муҳим дорад, зеро дар ҳолати тул кашидани қонунвайрокунӣ ба манфиати давлат, ҷамъият ва шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мумкин аст, зарари бештар расонида шавад, ки ин алакай муносибатҳои оддии ислоҳшавиро ба муносибатҳои мураккаби барқарорсозӣ оварда мерасонад.

Фаҳмиши умумии мақсади назорати умумии прокурорӣ дар фазои таъминоти волоиятии қонун арзёбӣ мегардад. Прокурорҳо ваколатҳои худро дар соҳаи назорати умумӣ амалӣ намуда, якҷоя бо дигар ташкилотҳо масъалаҳои хусусияти сиёсӣ, иҷтимоӣ, молиявӣ, давлатӣ, ҷамъиятӣ ва маданӣ доштаро ҳаллу фасл менамоянд[3, с.49-53.]. Назорати умумӣ воситаи муҳимми пешгирии ҷиноятҳо ба ҳисоб меравад. Бо амалӣ намудани назорати умумӣ прокуророн ҷиноятҳоро ошкор ва ҷиҳати аз байн бурдани сабабу шароитҳои ба он мусоидаткунанда чораандешӣ меамоянд[7, с.133.].

Ҳангоми амалигардонии ин мақсад вазифаи асосӣ ноил гаштан ба ягонафаҳмии қонун ва нуқта гузоштан ба мухолифати қонунҳо мебошад. Чи тавре, ки Ю.Е. Винокуров зикр намудааст, ки вақтҳои охир вайроншавии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд паҳн гардида, дар натиҷаи афзудани миқдори парвандаҳои баррасишаванда кори судҳо бад шуда, хизмати ҳуқуқии адвокатҳо барои бисёр одамон бинобар камбизоатӣ дастнорас ва ҳимояи ҳуқуқии шаҳрвандон суст гаштааст, ки ҳамаи ин омилҳо зарурат ба миён овардааст, ки назорати прокурорӣ аз болои риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд такмил дода шуда ва фаъол гардад[6, с.196.]. Таъмини волоияти қонуни

асосӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои инсон ва шаҳрванд, ҳамчунин дастгирии сиёсати созандаи давлатӣ дар самти иҷрои қонунҳо мақсади асосиро ташкил медиҳад.

Моҳияти назорати прокурорӣ аз болои иҷроиши қонунҳоро чун фаъолияти мақомоти прокуратура оид ба қабул ва баррасии маълумотҳои воридшуда дар бораи вайрокунии қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои шаҳрвандон, гузаронидани санҷишҳои прокурорӣ ва қабули санадҳои эътиноии прокурорӣ бо мақсади бартаф намудани қонунвайронкуниҳои ошкоргардида мебошад.

Иҷрои қонунҳо дар амалҳо ва санадҳои ҳуқуқӣ ифода меёбад. Дар амалҳо ё беамалӣ ва санадҳое ки оқибати ҳуқуқӣ доранд ирода ва манфиатҳои халқ, ки ба қонун дароварда шуда, моддӣ кунонида шудааст. Бо воситаи онҳо функсияи асосии қонун чун батартибдарорандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ ба амал бароварда мешавад. Қонунҳо ҳамаи соҳаҳои фаъолияти ҳуқуқтатбиққунро дарбар гирифта, амал ва санадҳои ҳуқуқӣ чун шакли иҷрои қонунҳо хизмат мекунад[9, с.203.].

Дар рафти назорати иҷроиши қонунгузории замин риояи принсипи волоияти қонун ва ҳамчунин танзими ҳуқуқии муносибатҳои замин, саҷиши санадҳои меёрию ҳуқуқии марбут ба муносибатҳои заминистифодабарӣ, таъмини иҷроиши дақиқ ва якхелаи қонунгузорӣ, ҳифз намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мақсади асосии самти мазкур қарор дода мешавад. Мазмуни мафҳуми назорати иҷроиши қонунҳоро амалҳои фаъолонаи прокурор оид ба амалӣ сохтани нишододи дар қонунҳо дарҷ гардида, риоя намудани меёрҳои пешбинишуда оид ба манъкунӣ ва худдорӣ намудан аз амалҳое, ки қонун онҳоро нораво медонад, ташкил медиҳад[9, с.203.].

Барои амалигардонии назорат прокурор бояд дақиқан функсияи худро донад ва иҷроиши ваколати худро таъмин намояд, ки аз дигар навъҳои фаъолияти санҷишии давлатӣ фарқ дорад. Ҳамин тавр яке аз вазифаҳои асоси фаъолияти прокурорӣ бурдани назорат аз болои мақомот ва шахсони мансабдори мақомоти назоратию санҷишӣ мебошад, ки аз прокурорн малакаи хуб, дониши амиқ ва тахассусмандиро талаб мекунад.

Прокурорҳо ваколатҳои худро амалӣ намуда, дар соҳаи назорати умумӣ якҷоя бо дигар мақомотҳо ва ташкилотҳо ҳамкорӣ мекунанд. Аз нуқтаи назари қонун прокуратура ба ҳамаи шохаҳои ҳокимият таъсиргузор буда, ба онҳо барои ҳамкорӣ ва дар мувофиқа иҷро намудани вазифаҳояшон мусоидат мекунад[3, с.49.]. Ҷорӣ намудан ва амалӣ сохтани назорати прокурорӣ кори мақомоти назоративу санҷиширо фаъол намуда, барои бартараф намудани монеъаҳои соҳавию маҳаллӣ, омилҳои коррупсионӣ ва таъсири ҷиноӣ кумак мекунад. Дахолат ба фаъолияти прокурорҳо мумкин нест. Ҳамкории назорати прокурорӣ ва мақомоти назоративу санҷишии соҳавӣ воситаи боэътимодест, ки барои таъмини қонуният имконият фароҳам меорад[3, с.50.].

Вазифаҳои назоратие, ки оиди санҷиши санадҳо равона карда мешавад бояд дар ҳаҷми пурра мавриди барраси қарор диҳад. Ба ғайр аз санҷиши мақомоти назораткунандаю санҷишӣ дар сохторҳои болоии корхонаю муассиса ва мақомоти давлатӣ гузаронидани санҷиш, ки бо кумаки прокурорҳои болоӣ амалӣ мегардад аз манфиат холӣ нест, ки метавонад то андозае ба кам гаштани қонунвайронкуниҳо дар самти номбурда ва бартараф гаштани ҳолатҳои поймол гаштани ҳуқуқ ва озодиҳои иинсон ва шаҳрванд мусоидат кунад.

Ин ҷо бояд зикр намуд, ки назорати прокурорӣ дар фаъолияти мақомоти дахлдори давлатӣ, ки ҳуқуқи татбиқи ҷазои маъмуриро дар ин самт доранд, вазифаи муҳим буда, муносибати ҷиддиро талаб менамояд, зеро ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ дар соҳаи заминистифодабарӣ аз қонунвайронкуниҳои паҳнгардида дар ҳудуди ҷумҳурӣ ба шумор рафта, ба истифодаи самараноку оқилонаи замин таъсири манфӣ мерасонад.

Амалияи назорати прокурорӣ шаҳодат медиҳад, ки заминистифодабарандагон бештар ба ҳуқувайронкуниҳои маъмурии ба монанди худсарона истифода бурдан ва ё азонихуд кардани қитъаҳои замин, истифодаи ғайримақсадноки замин, напардохтани маблағи андози замин, истифодаи замин бе ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ҳуқуқи истифодаи он ва бе сабаҳои узурнок истифода набурдани қитъаи замин даст мезананд. Ғайр аз ин, ҳолатҳои аз ҷониби заминистифодабарандагон ва шахсони масъули мақомоти дахлдори давлатӣ ҷой доштани қонунвайронкуниҳо аз қабили сохтмонҳои худсарона дар қитъаҳои замини худсарона ишғолгардида, ғайриқонунӣ додани замин, бо роҳи қаллобӣ хариду фурӯши замин, сохтакорона омода намудани ҳуҷҷатҳои танзими замин ва ғайра бештар ба назар мерасад.

Бинобар он аз ҷониби прокурор донистани қонунвайронкуниҳои маъмул барои таъмини дараҷаи дахлдори тайёрӣ ба санҷиш ва ҳам барои натиҷанок гузаронидани санҷиш ва таъмини самаранокии чораҳои эътиноии прокурорӣ зарур

аст. Диққати ҷиддӣ ба баррасии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ва риояи мӯҳлатҳои баррасии маводҳо аз тарафи мақомоти назоратию санҷишӣ, суд, прокуратура ва мақомоти корҳои дохилӣ дода шавад.Масъалаҳои риоя намудани тартиб ва мӯҳлати баррасии муроҷиати шаҳрвандон оиди ҷудо намудани қитъаи замин барои ташкили хоҷагиҳои деҳқонӣ, сохтани биною иншоотҳо, заминҳои наздиҳавлигӣ ва хоҷагиҳои ёрирасонӣ шахсӣ барои таъмини қонуният ва адолати иҷтимоӣ хеле муҳим аст.

Ҳамин тариқ, назорати прокурорӣ оиди иҷроиши қонунгузории замин, бо мақсади дар як тавозуни муайян амалӣ сохтани ҳамаи санадҳои меъёрӣ оид ба замин, таъмини амният заминдорӣ ва истифодаи самаронку оқилонаи он, қонунӣ ва пурра будани чораандешӣ нисбати ҳуқуқвайронкуниҳо, баррасии саривақтӣ ва қабули қарори қонунӣ аз руи муроҷиатҳои шаҳрвандон, таъмин намудани риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро ташкилдиҳанда мебошад.

Аз гуфтаҳои боло бар меояд, ки дар ҳақиқат ҳам назорати прокурорӣ оиди иҷроиши қонунгузории замин дар замони ҳозира яке аз қисматҳои муҳими назорати умумии прокурориро ташкил медиҳад, ки аҳамияти муҳими ҷамъиятӣ ва давлатиро доро мебошад, ки барои амалӣ намудани ҳуқуқ ва озодиҳои инсону шаҳрванд дар ин соҳа маҳсулноктарин фаъолият ба ҳисоб меравад.

Рецензент: н.и.ҳ., доцент Кодирзода М.А.

ТЕОРЕТИКО-ПРАВОВЫЕ ВОПРОСЫ ПРОКУРОРСКОГО НАДЗОРА ЗА ИСПОЛНЕНИЕМ ЗЕМЕЛЬНОГО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Ключевые слова: теоретические исследования, правовые исследования, надзор, прокурорский надзор, земельное законодательство, законодательная реализация, реализация земельного законодательства, государственные органы, нормативные правовые акты, Республика Таджикистан, уполномоченный государственный орган.

Аннотация: В статье рассматриваются теоретические и правовые вопросы прокурорского надзора за исполнением земельного законодательства в Республике Таджикистан на основе современных научных идей в области теории права, действующего законодательства и отраслевой литературы. В настоящее время вопросы контроля за соблюдением земельного законодательства, и в частности единообразного исполнения положений земельного законодательства, стали одной из проблем практической деятельности уполномоченных государственных органов и органов государственного надзора. Среди мер государственного воздействия на соблюдение земельного законодательства важной считается роль прокурорского надзора за исполнением земельного законодательства.

Мухаммадиев Изатулло Сайфуллоевич – профессор кафедры теории и истории государства и права Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики, доктор юридических наук, E-mail: izatullomuhammadiev@gmail.com, Тел.: (+992) 92-701-00-02.

Джалолозода Саиджамол – соискатель кафедры теории и истории государства и права Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики, Тел.: (+992) 92-941-68-68.

THEORETICAL AND LEGAL ISSUES OF PROSECUTORIAL SUPERVISION OF THE IMPLEMENTATION OF LAND LEGISLATION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Keywords: theoretical research, legal research, supervision, prosecutorial supervision, land legislation, legislative implementation, implementation of land legislation, state bodies, normative legal acts, the Republic of Tajikistan, authorized state body.

Abstract: The article examines theoretical and legal issues of prosecutorial supervision over the implementation of land legislation in the Republic of Tajikistan based on modern scientific ideas in the field of legal theory, current legislation and industry literature. At present, issues of control over compliance with land legislation, and in particular uniform implementation of land legislation provisions, have become one of the problems of practical activities of authorized state bodies and state supervision bodies. Among the measures of state influence on compliance with land legislation, the role of prosecutorial supervision over the implementation of land legislation is considered important.

Mukhammadiev Izatullo Saifulloevich – professor of the department of theory and history of state and law of the Tajik State University of Law, Business and Politics, doctor of legal sciences, E-mail: izatullomuhammadiev@gmail.com, Тел.: (+992) 92-701-00-02.

Jalolozoda Saidjamol – applicant of the Department of Theory and History of State and Law of the Tajik State University of Law, Business and Politics, Тел.: (+992) 92-941-68-68.

Адабиёт:

1. Байдина О.Ю. Назорати прокурорӣ оид ба риояи хукуки замини шахрвандон// Ахбори конференсияхои илмӣ.-2017.-№1-5(17)-С.23-25.

2. Калугана О.В. Назорати прокурорӣ аз болои қонунӣ будани санадҳои ҳуқуқии мунисипалӣ, ки муносибатҳои заминро танзим мекунанд //SPS “Consultant Plus”; Отческая Т.И. Назорати прокурорӣ аз болои ичрои конунхо дар бораи мухофизати замин ва хок. Бюллетени Университети ба номи О.Е. Кутафин (МСАЛ) No6, 2024.-С. 60-71.

3. Майоров А.В., Литовченко С.А.Асосҳои назариявии назорати прокурорӣ оид ба риояи қонунҳо/Бюллетени Донишгоҳи давлатии Челябинск. Силсилаи қонун.-2020.-Ҷилди 5, нашри 1.-С.49-53.

4. Китоби рӯимизии прокурор. / Таҳрири С.И.Герасимов. М.: Эколит, 2002. – 840 с.

5. Олческая Т.И. Назорати прокурорӣ аз болои ичрои қонунҳо дар бораи муҳофизати замин ва хок. Бюллетени Университети ба номи О.Е. Кутафин (МСАЛ) No6, 2024.-С. 60-71.

6. Назорати прокурорӣ. курси лексияҳо ва амалия. Китоби дарсӣ, зери таҳрири Ю. Е Винокуров, Москва, имтихон. 2006.-С. 196.

7. Раҳмон Ю.А. Назорати прокурорӣ. Китоби дарсӣ. Душанбе, Ирфон, 2019.- С.133.

8. Садои мардум–нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, №17 аз 04-уми феврали соли 2025. // маводи электронӣ: манбаи дастрасӣ: https://sadoimardum.tj/ (санаи мурочиат: 12.04.2025)

9. Сухарев А.Я. Назорати прокурорӣ. Китоби дарсӣ барои донишгоҳҳо. Москва, нашриёти. НОРМА, 2004. – 496 с.

10. Харков В.Н. Мақсад ва вазифаҳои қонунгузории замин ҳамчун асоси мазмуни муносибатҳои ҳуқуқии замин //Ҳуқуқи экологӣ. Москва: ҳуқуқшинос, 2013, No2.-С.8-12

11. Шайхлисломов Э.Р., Ганеев Т.Ф. Моҳияти назорати муосири прокурорӣ // Маҷаллаи байналмилалии илмҳои гуманитарӣ ва табиатшиносӣ. 2020. № 9-2 (48). - С. 204-206.

Литература:

1. Байдина О.Ю.Прокуроский надзор за соблюдением земелӣнҷх прав граждан// Вестник научных крнференций.-2017.-№1-5(17)-С.23-25.

2. Калугина О.В. Прокурорский надзор за законностью муниципиальных правовых актов регулирующтх земельноые отношения //СПС “Консултант Плюс”; Отческая Т.И.Прокуроский надзор за исполнением законодательства о защите земли и почвы.Вестник университета имени О.Е.Кутафина (МГЮА) №6, 2024.-С. 60-71.

3. Майоров А.В., Литовченко С.А. Теоретические основы прокурорского надзора за союблюдением законов / Вестник Челябинского государственного университета.Серия право.-2020.-Т.5вып 1.-С.49-53.

4. Настольная книга прокурора./ под ред.С.И.Герасимова.М.: Эколит, 2002. –С.481(840с.)

5. Олческая Т.И. Прокуроский надзор за исполнением законодательства о защите земли и почвы.Вестник университета имени О.Е.Кутафина (МГЮА) №6, 2024.-С. 60-71.

6. Прокурорский надзор.Курс лекций и практикум.Учебник, под ред.Винокурова Ю.Е.Москва, Экзамен.2006.-С.196.

7. Раҳмон Ю.А. Прокурорский надзор. Учебник. Душанбе, Ирфон, 2019.- С.133.

8. Садои Мардум – издание Маджлиси Оли Республики Таджикистан, №17 от 04 февраля 2025 года. // электронный материал: источник доступа: https://sadoimardum.tj/ (дата обращения: 12.04.2025)

9. Сухарев А.Я. Прокурорский надзор .Учебник для вузов.Москва, изд. НОРМА,2004. – 496 с.

10. Харков В.Н.Цели и задачи земельного законодательства как основа содержания земельных правоотношений//Экологическое право.М.:Юрист, 2013ю№2.-С.8-12

11. Шайхлисламов Э.Р.,Ганеев Т,Ф.Сущность современного прокурорского надзора // Международный журнал гуманитарных и естественных наук.2020.№9-2(48).-С.204-206.

Literature:

1. Baidina O.Yu. Prosecutor's supervision over compliance with citizens' land rights// Bulletin of scientific conferences.-2017.-№1-5(17)-P.23-25.

2. Kalugina O.V. Prosecutor's supervision over the legality of municipal legal acts regulating land relations // SPS "Consultant Plus"; Otcheskaya T.I. Prosecutor's supervision over the implementation of legislation on the protection of land and soil. Bulletin of the University named after O.E. Kutafin (MSAL) No. 6, 2024.-P. 60-71.

3. Mayorov A.V., Litovchenko S.A. Theoretical Foundations of Prosecutor's Supervision over Compliance with Laws / Bulletin of Chelyabinsk State University. Law Series.-2020.-Vol.5, Issue 1.-P.49-53.

4. Prosecutor's Handbook. / edited by S.I. Gerasimov. Moscow: Ecolit, 2002. - 840 p.

5. Olcheskaya T.I. Prosecutor's Supervision over the Implementation of Legislation on the Protection of Land and Soil. Bulletin of the University named after O.E. Kutafin (MSAL) No. 6, 2024.-P. 60-71.

6. Prosecutor's Supervision. Lecture Course and Workshop. Textbook, edited by Yu.E. Vinokurov. Moscow, Exam. 2006.-P.196.

7. Rakhmon Yu.A. Prosecutor's Supervision. Textbook. Dushanbe, Irfon, 2019. - P. 133.

8. Sadoi Mardum - publication of the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, No. 17 dated February 4, 2025. // electronic material: access source: https://sadoimardum.tj/ (date of access: 04/12/2025)

9. Sukharev A.Ya. Prosecutor's supervision. Textbook for universities. Moscow, pub. NORMA, 2004. - P. 496

10. Kharkov V.N. Objectives and tasks of land legislation as the basis for the content of land legal relations // Environmental law. M.: Jurist, 2013, No. 2. - P. 8-12

11. Shaikhlislamov E.R., Ganeev T.F. The essence of modern prosecutorial supervision // International journal of humanitarian and natural sciences. 2020. No. 9-2 (48). - P. 204-206.

ТДУ: 340.1
Раҳимов Равшан Лақаевич,
унвонҷӯи кафедраи назария ва
таърихи давлат ва ҳуқуқи
факултети ҳуқуқшиносии ДМТ
Тел: (+992) 987-48-32-75

РАВАНДИ МУКАММАЛГАРДИИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶШС ТОҶИКИСТОН ДАР САМТИ МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ

Калидвожаҳо: раванд, мукаммалгардонӣ, таҷриба, муқовимат, коррупсия, қонунгузорӣ, сабабҳои коррупсия, сатҳи коррупсия, порахӯрӣ, ҶШС Тоҷикистон.

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур масъалаи такмили таҷрибаи муқовимат ба коррупсия дар Тоҷикистони шуравӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф, зимни таҳқиқот андешаҳои олимони ватанию хориҷиро таҳлил намуда, раванди такмилёбии таҷрибаи муқовимат ба коррупсияро дар Тоҷикистони шуравӣ асоснок намудааст. Дар натиҷаи таҳқиқот, муаллиф чунин хулосабарорӣ кардааст, ки таҷрибаи бойи давлати шуравӣ барои кишвари мо арзиши бешубҳа дорад, зеро ҷиноятҳои коррупсионӣ то имрӯз вуҷуд доранд. Бинобар ин, таҳлили дурусти амалияи муборизаи зидди он ва хулосаҳои дурусти он ба паст шудани сатҳи ин ҷиноятҳо дар замони мо кӯмак мекунад. Қонунгузории ҷиноятии давраи шуравӣ аз қонунгузории ҷиноятии амалкунанда бартарияти калон дошта наметавонад. Баръакс, КҶ ҶТ аз соли 1998 нисбат ба қонунгузории ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон мукаммал буда, хеле инсондӯстона мебошад. Ҷавобгарии ҷиноятиро барои ҳама намуди ҷиноятҳои коррупсионӣ муқаррар кардааст. Аммо, монандӣ танҳо дар як масъала ба андешаи мо ҷой дорад. Мутаассифона, сатҳи самаранокии меъёрҳои қонунгузорӣ, чун қонунгузории давраи шуравӣ на он қадар қаноаткунанда мебошад.

Коррупсия яке аз падидаҳои манфии таърихӣ ба ҳисоб рафта, дар ҳама давру замонҳо ба он муқовимат нишон дода мешуд. Маҳз дар ҳамин раванд механизми мукаммали муқовимат ба коррупсия таҳия гарддааст. Тоҷикистони шуравӣ низ дар такмил ёфтани механизми муқовимат ба коррупсия нақши назаррас гузоштааст. Таҷрибаи бузурги давраи шуравӣ дар такмили қонунгузории муосир, механизми муқовмат ба коррупсия заминаи боэътимод гузошта, самаранокии муқовиматро зиёд намудааст.

Бояд тазаккур дод, ки таърихан вуҷуд доштани коррупсияро касе рад карда наметавонад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ атрофи масъалаи мазкур андешаҳо низ ҷой доранд. Аз ҷумла, олимони ватанӣ А.И. Сафарзода ва А.Х. Авзалов қайд намудаанд, ки коррупсия аз замонҳои қадим башариятро ҳамроҳӣ мекард. Сабабҳои пайдоиши коррупсия вобаста ба давраи таърихӣ ва марҳилаи рушди иҷтимоию иқтисодии кишварҳо хеле гуногунанд ва аз ин рӯ таҳияи баъзе воситаҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии универсалии пешгирӣ ва рафъи он ғайривоқеӣ ба назар мерасад. Мушкилоти мубориза бо коррупсия на танҳо барои Тоҷикистон, балки барои тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ хос аст [7, с. 75]. Дар ин хусус, М.М. Холинова низ иброз доштааст, ки коррупсия таърихи қадим дошта, марҳила ба марҳила дар шаклҳои гуногун вусъат ёфтааст [10, с. 14]. Тавре бармеояд, коррупсия аз замонҳо қадим пайдо шуда, давра ба давра ташаккул ёфта, шаклҳои навро ба худ касб намудааст. Дар баробари ин, мехнизм ва чораҳои муқовимат ба он низ дар ин марҳилаҳои таърихӣ мукаммал гардида, ба яке аз таҷрибаҳои пурғановат табдил ёфтааст.

Бо фармони Президиуми КИМ ИҶШС аз 12-уми июни соли 1929 ҶМШС Тоҷикистон аз ҶШС Ӯзбекистон ҷудо карда шуда, ба ҶШС Тоҷикистон, ки ба ҳайати ИҶШС дохил буд, табдил дода шуд [8, с. 242-243; 3, с. 256-262]. Соли 1932 ИҶШС Қонун «Дар бораи ҳифзи моликияти корхонаҳои давлатӣ, колхозҳо ва кооператсия ва таҳкими моликияти ҷамъиятӣ (сотсиалистӣ)» ва Қарори ШКХ ИҶШС аз соли 1933 «Дар бораи тадбирҳои пурзӯр кардани мубориза бар зидди дуздӣ ва исрофкорӣ дар корхонаҳои давлатӣ ва кооперативӣ» [6, с. 18] қабул намуд, ки дар он чораҳои пурзӯр кардани баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молҳо ва арзишҳои моддӣ дар ташкилотҳои савдо нишон дода шуд. Ин санадҳои қонунгузорӣ дар мубориза бо сӯиистифода ва тасарруф бар зидди ҷиноятҳои иқтисодӣ дар ҶШС Тоҷикистон аҳаммияти калон доштанд [12, с. 106]. Ҳамин тавр, дар марҳилаи то соли 1935 як қатор ҳуҷҷатҳои дахлдор ҷиҳати муқовимат ба коррупсия қабул

карда шуданд. Аммо, сатҳи коррупсия гуногун чун ҳозира гоҳе баланд мегардид ва гоҳе коҳиш меёфт.

Аз соли 1935 марҳилаи нави муқовимат ба коррупсия оғоз гардида, дар ин давра санадҳои ҳуқуқии нави мукаммал қабул карда шуданд [2, с. 50-74]. Аз ҷумла, 20-уми августи соли 1935 бо Қарори иҷлосияи давлатии КИМ ҶШС Тоҷикистон Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон қабул гардид. Кодекси мазкур нахустин санади кодификатсионие ба ҳисоб меравад [1, с. 60], ки ҷавобгариро барои порахӯрӣ дар ҶШС Тоҷикистон муқаррар менамуд. Ин санад барои қабули қонунгузории минбаъда заминаи муҳими ҳуқуқӣ гардидааст.

Дар соли 1937 дар ҳайати шуъбаи милитсияи коргару деҳқон барои мубориза ба муқобили дуздидани моликияти шуравӣ, спекулятсия ва порахӯрӣ шуъбаи махсус ташкил карда шуд. Солҳои 1940 ва 1950, махсусан дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ, бинобар вазъи ҳарбӣ дар ИҶШС, пурзӯр намудани назорати давлатӣ ва ҷазо барои ҳама гуна ҷиноятҳо, ришвахӯрӣ амалан вуҷуд надошт [5, с. 40]. Аммо, ба андешаи мазкур розӣ шудан душвор аст. Зеро маҳз дар чунин вазъиятҳои ҷангию нооромӣ сатҳи амалҳои коррупсионӣ баланд мегардад. Ба андешаи Ш.М. Шарифзода, дар солҳои 1940-1950 порагирӣ ҳамчун мероси капитализм ҳисобида мешуд ва чунин ба ҳисоб мерафт, ки баробари сохтани сотсиализм он аз байн хоҳад рафт. Махфияти шадид, набудани таблиғ ва озодии сухан, инчунин мавҷудияти маълумоти оморӣ ин падидаро барои омма ноаён гардонида чунин тасаввурот дод, ки он аз байн рафтааст. Аммо, далелҳои зиёде мавҷуданд, коррупсия дар ҳама сатҳҳои низоми судии кишвар маъмул буданд [12, с. 106]. Дар ин хусус қайд мегардад, ки дар замони ҷанг коррупсия аз он сабаб афзоиш ёфт, ки барои ҳалли ин мушкилот кадрҳои соҳибихтисос ва захираҳои моддӣ кофӣ набуданд. Дар давраи баъд аз ҷанг (1948-1949) дар ИҶШС бо мақсади решакан кардани коррупсия дар кишвар роҳбарият аз рӯи парвандаҳои марбут ба коррупсия дар Суди шаҳри Маскав ва як қатор парвандаҳои дигар, аз ҷумла дар Суди Олии ИҶШС як қатор мурофиаҳои пушида гузаронида шуд. Дар натиҷа, миқдори зиёди сӯистеъмолкунии хизматчиён ошкор карда шуда, маърузаи Прокурори ИҶШС Г. Сафронов пешниҳод карда шуда, дар он гуфта мешавад, ки тамоми низоми судӣ бо порахӯрӣ пурра печидааст. Ба ғайр аз ин, мавҷи пурсарусадо дар вазорату корхонаҳо ва идораҳо тамоми мамлакатро фаро гирифта буд. Азбаски порахӯрӣ ва дуздидани моликияти халқро осори буржуазӣ ҳисоб мекарданд, дар ИҶШС одат шуда буд, ки дар баробари барпо кардани сотсиализм ин ҳодисаҳо «дар давлати ҷавони мо» тадриҷан аз байн мераванд. Аммо ин дуруст набуд. Ҷиноятҳои асосии порахӯрони шуравӣ ба ғайр аз порахӯрӣ аз инҳо иборат буданд: ҷудо кардани таҷҳизот ва масолеҳ; тасҳеҳ ва кам кардани ҳадафҳои пешбинишуда; таъин ба вазифаҳои масъул; пинҳон кардани қаллобӣ; бақайдгирии оммавӣ ва ғайра. Чӣ дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва чӣ дар солҳои баъд аз ҷанг аз сабаби нарасидани молҳои зарурӣ ва озуқаворӣ ҷиноятқории иқтисодӣ зиёд шуд. Мавҷи ҷиноятҳои коррупсионӣ афзоиш меёфт. Фактҳои бештари маъмули порахӯрӣ, ҳамкории мақомотҳои давлатӣ ва шахсони мансабдор бо унсурҳои ҷиноятӣ мебошанд. Дар баробари ин, муҷозот барои ин амалҳо аз ҳад зиёд сабук буд.

Марҳилаи сеюми ташаккули қонунгузорӣ дар самти муқовимат ба коррупсия аз соли 1958 оғоз меёбад. Дар ин марҳила, муҳимтарин ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ қабул гардида, ба коррупсия муқовимати қавӣ нишон дода шудааст. Зеро дар ин марҳила санадҳои байналмилалӣ низ таъсири худро расониданд. Санади минбаъдаи меъёрие, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои порахӯрӣ танзим мекунад, Укази Президиуми Шурои Олии ИҶШС аз 20 феврали соли 1962 «Дар бораи пурзур намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои порахӯрӣ» буд. Он асоси қонунгузории ҷиноятиро ташкил дод, ки ҷавобгариро барои порахӯрӣ танзим мекард. Дар ин хусус, қайд мегардад, ки пас аз қабули Асосҳои қонунгузории ҷиноятии ИҶШС дар соли 1958, санади меъёрии зидди коррупсия муҳимтарин Укази Президиуми Шурои Олии ИҶШС аз 20-уми феврали соли 1962 «Дар бораи пурзӯр кардани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ришва» ба ҳисоб мерафт, ки он ҷазои қатлро барои гирифтани пора дар ҳаҷми махсусан калон вазнин намуд. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои гирифтан ё додани пора шахсан ё тавассути миёнаравҳо, бо маслиҳати пешакии гурӯҳи ашхос баланд бардошта шуд. Чунин кирдор бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз панҷ то понздаҳ сол бо мусодираи молу мулк ҷазо дода мешуд [12, с. 106]. Тибқи он, гирифтан ё додани пора бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то даҳ сол бо мусодираи молу мулк ҷазо дода мешавад. Агар пора аз ҷониби як гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ё такроран ё бо тамаъҷӯӣ алоқаманд содир шуда бошад, ба гунаҳкорон бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз панҷ то понздаҳ сол бо мусодираи молу мулк ҷазо дода мешавад. Тавре маълум мегардад, маҳз дар ҳамин марҳила

ҷиноятҳои коррупсионӣ дар қисмҳои гуногун вобаста ба дараҷаи хавфнокии ҷамъиятиашон муқаррар шудаанд. Мазмуни меъёри санади мазкур ба меъёрҳои қонунгузории имрӯзаи ҷиноятӣ, ки такриби ҷиноятро дар якчанд қисмҳо пешбинӣ мекунанд, шабеҳ мебошад. Бинобар ин, гуфтан мумкин аст, ки заминаи меъёрии ҳуқуқии КҶ ҶТ аз соли 1998 оид ба ҷиноятҳои коррупсионӣ аз Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон аз соли 1961 бармеояд.

Дар давраи Брежнев дар солҳои 1960-1980 назорати номенклатуравӣ суст шуда, ходимони беназорат оҳиста-оҳиста системаро вайрон мекарданд. Коррупсия дар ҳама ҷо, дар ҳамаи зинаҳо, дар ҳамаи ҷумҳуриҳо ва вилоятҳои ИҶШС вусъат ёфт. Иқтисоди пинҳонӣ ҳамзамон бо коррупся рушд кард. Муҳим на ҷамъоварии сарват, балки ҷойгоҳ дар система ва тавони ҳифзи ин макон аз ҳамлаҳои эҳтимолӣ ба ҳисоб мерафт [9, с. 141]. Дар ин хусус, дар дигар адабиёти ҳуқуқӣ қайд мегардад, ки дар давраи ҳукмронии Брежнев, дар сурати набудани манбаи дигари қонунии даромад, мансабдорони баландпоя аксар вақт ба амалҳои ғайриқонунӣ даст мезаданд. Ҳамин тавр, мувофиқи маълумоти шуъбаи мақомоти маъмурии КМ ҲКИШ аз 21-уми май соли 1981 «...дар соли 1980-ум 6000 ҳодисаи порахӯрии расмӣ ошкор карда шуд, ки ин назар ба соли 1975 ду баробар зиёд аст» [4, с. 22]. Олимони ватанӣ низ дар ин хусус изҳор доштаанд, ки дар бораи паҳн шудани коррупсия дар охири замони сотсиализм на танҳо аз маводҳои мурофиаҳои судӣ ва матбуоти солҳои 1970-1980, балки аз тадқиқи ин проблема, ки яке аз онҳо дар соли 1900-ум дар як қатор ноҳияҳои собиқ ИҶШС гузаронида шуда буд, ишора менамоянд [11, с. 25]. Яке аз монеаҳое, ки дар роҳи мубориза бо ришвахӯрӣ дар миёнаҳои солҳои 80-ум мукаммал нашудани қонунгузорӣ буд. Илова бар ин, як қисми заминаи меъёрӣ аллакай аз ҷиҳати маънавӣ кӯҳна шуда, ба шароити объективии он замон мувофиқат намекард.

Давраи «навсозӣ» бо афзоиши якбораи ришвахӯрӣ дар миёни элитаи ҳизбӣ хос буд, зеро номенклатураи собиқ барои таҳкими мавқеъҳои худ кӯшиш мекард ва элитаи ҳукмрон ба далели қонунигардонии иқтисоди сояфкан имкони бештаре пайдо кард, ки дар навъҳои гуногуни ришваситонӣ, аз ҷумла суиистеъмол кардани вазифаи хизматӣ, ба хусус дар азхудкунии маблағҳо ифода ёфтааст. Ба ҳамаи ин проблемаҳои соҳаи назорат ва норавшан набудани баъзе масъалаҳои ташкили хадамот низ мусоидат кард. Гузашта аз ин, номутобиқатӣ дар рафти сиёсӣ ва «терапияи шок» вазъи давлатро танҳо бадтар кард, ки дар натиҷа соҳаи иҷтимоӣ бӯҳронро аз сар гузаронда, дараҷаи зиндагонии аҳолӣ хеле паст шуд. Нуфузи мақомот бо суръат аз байн мерафт, низоми маъмурию фармонфармоӣ пош мехурд, ҷузъи идеологӣ низ барҳам мехурд. Вазифаҳои роҳбарони корхонаҳои давлатӣ интихобӣ шуданд, ҳаракатҳои кооперативӣ инкишоф ёфтанд, ки дар натиҷаи ин маблағҳои ғайринақдии бюджет аз ҳисоби корхонаҳои давлатӣ дар зери пардаи барпо намудани иқтисодиёти омехта ва пинҳонӣ ба пули нақдӣ гузаштан ба муносибатҳои бозорӣ дохил мешуданд. Ҳамин тавр, ИҶШС обруи ҳокимиятро на танҳо дар доираи худ, балки дар арсаи байналхалқӣ ҳам аз даст дод.

Давраи шуравии рушди қонунгузории ҷиноятии ватанӣ дар самти мубориза бо коррупсия ҳамчун дар тағйироти такрории сиёсати ҷазодиҳии давлат нисбат ба порахӯрон зоҳир мегардад. Дар ин давра чораҳои нисбатан сабук бо ҷавобгарии вазнини ҷиноятӣ ва таъини ҷазои қатл ҳангоми мавҷуд будани ҳолатҳои махсусан вазнинкунанда иваз карда шуданд. Ҳамзамон, интадбирҳо ба сатҳи ҷиноятҳои коррупсионӣ дар кишвар таъсири ҷиддӣ нарасонданд [12, с. 107]. Ҳамин тавр, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои коррупсионӣ аз замонҳои қадим ҷой дошт, аммо заминаи асосӣ барои қабули КҶ ҶТ амалкунанда асосан дар замони шуравӣ гузошта шуда буд. Аммо қонунгузории ҷиноятии шуравӣ ба монанди қонунгузории амалкунанда бо истилоҳи «коррупсия» шинос набуд, ҳолати мазкур ҳангоми бандубасти ҷиноятҳо дар ин самт як қатор мушкилиҳоро ба пеш меовард. Давраи шуравии рушди қонунгузории ҷиноятии ватанӣ дар самти мубориза бо коррупсия ҳамчун дар тағйиротҳои такрории сиёсати ҷазодиҳии давлат нисбат ба порахӯрон зоҳир мегардад. Дар ин давра чораҳои нисбатан сабук бо ҷавобгарии вазнини ҷиноятӣ ва таъйини ҷазои қатл ҳангоми мавҷуд будани ҳолатҳои махсусан вазнинкунанда иваз карда шуданд. Ҳамзамон, ин тадбирҳо ба сатҳи ҷиноятҳои коррупсионӣ дар кишвар таъсири ҷиддӣ нарасонданд.

Ба андешаи Ш.М. Шарифзода, таҷрибаи таърихии андӯхташуда оид ба муқовимат алайҳи коррупсия барои қабули КҶ ҶТ соли 1998 заминаи хуб фароҳам овард. Кодекси қаблан амалкунанда дар масоили ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои коррупсионӣ, аз ҷумла ҷинояти порахӯрӣ, бартарии зиёд дошт [12, с. 108]. Ҳарчанд андешаи мазкур дар хусуси заминаи муҳими ҳуқуқӣ гузоштани қонунгузории ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон ҷой дошта бошад ҳам, вале наметавон гуфт, ки санадҳои давраи шуравӣ аз қонунгузории

ҷиноятии амалкунанда бартарияти калон дорад. Баръакс, КҶ ҶТ аз соли 1998 нисбат ба қонунгузории ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон мукаммал буда, хеле инсондӯстона мебошад. Ҷавобгарии ҷиноятиро барои ҳама намуди ҷиноятҳои коррупсионӣ муқаррар кардааст. Аммо, монандӣ танҳо дар як масъала ба андешаи мо ҷой дорад. Мутаассифона, сатҳи самаранокии меъёрҳои қонунгузорӣ, чун қонунгузории давраи шуравӣ на он қадар қаноаткунанда мебошад. Зеро, қонунгузории ҷиноятии ҷорӣ низ, чун давраи шуравӣ вазифаи худро оид ба пешгирии амалҳои коррупсионӣ самаранок иҷро карда натавониста истодааст. Бо ин назардошт, мо пешниҳод менамоем, ки аз санксияҳои ҷиноятҳои коррупсионӣ ҷазои ҷарима бардошта шавад. Зеро пардохти ҷарима барои чунин субъектони ҷиноят на он қадар душвории ҷиддиро ба миён меоварад. Ба ақидаи мо, ҷазоҳои ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои коррупсионӣ бояд тағйир дода шавад. Аз ҳама бештар ҷазои корҳои ҳатмӣ барои онҳо мувофиқи мақсад мебошад, махсусан агар корҳои фоиданоки ҷамъиятӣ дар назди омма бошад. Субъектони ҷиноятҳои коррупсионӣ бештар аз мақоми худ ифтихор карда, аз паст шудани мақоми худ дар назди ҷомеа ҳарос доранд. Бинобар ин, корҳои фоиданоки ҷамъиятӣ дар назди мардум ҷазои вазнинтар маҳсуб рафта, на танҳо чунин ашхосро ислоҳ мекунад, балки боиси пешгирии чунин ҷиноятҳо хоҳад гардид.

Дар асоси гуфтаҳои боло бояд эътироф кард, ки санадҳои ҳуқуқӣ ва институтҳои ҷамъиятии назорат ва мувозинат, ки дар Иттифоқи Шуравӣ ба вуҷуд оварда шудаанд, имкон доданд, ки ба муқобили коррупсия бомуваффақият мубориза бурда шавад. Давраи шуравӣ дар замони ҳозира аз ҷиҳати таҷрибаи қабули санадҳои ҳуқуқӣ ва татбиқи онҳо манфиати муайяни илмӣ ва амалӣ дорад. Ин маълумотҳо метавонанд барои бунёди системаи муассири зидди коррупсия дар Тоҷикистони муосир дар асоси таҷрибаи таърихӣ ва дарсҳои таҷрибаи ҳуқуқии ҷаҳонӣ истифода шаванд.

Дар асоси таҳлили инкишофи ҷиноятҳои коррупсионӣ ва қонунгузории зиддикоррупсионӣ дар давра шуравӣ якчанд хулоса баровардан мумкин аст:

Аввалан, барои муборизаи муассир бо ришвахӯрӣ бояд роҳи сиёсат дақиқ муайян ва пайваста бошад. Роҳбарияти олии давлат бояд ба муқобилият ёрӣ расонад ва ба он халал нарасонад, чунон ки дар давраи ҳукмронии Л. Брежнев ва М. Горбачёв чунин буд.

Сониян, шиддатнокӣ ва ногузирии ҷазо дар паст кардани сатҳи коррупсия нақши бениҳоят муҳим дорад. Чун қоида, на танҳо коррупсия, балки тарси ҷазо аз содир шудани ҳар гуна ҷиноят монеъ мешавад.

Севум, қонунгузорӣ оид ба мубориза бо коррупсия такмили пайвастаро тақозо мекунад, то ба воқеиятҳои объективӣ ва рӯҳияи замон мувофиқат кунад.

Чаҳорум, ҳарчанд ҷузъи идеологӣ омили боздоранда бошад ҳам, аз суистифодаи мансабдорон ҳифзи комилро таъмин намекунад.

Панҷум, тағйироти қатъии сохти давлатӣ боиси афзудани шумораи ҷиноятҳои коррупсия мегардад, ки инро таҷрибаи ҳам давлати шуравӣ ва ҳам Германияи фашистӣ шаҳодат медиҳад.

Шашум, сатҳи муносиби маоши хизматчиёни давлатӣ низ ба коҳиши амалияи ришвахӯрӣ мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, таҷрибаи бойи давлати шуравӣ барои кишвари мо арзиши бешубҳа дорад, зеро ҷиноятҳои коррупсионӣ то имрӯз вуҷуд доранд. Бинобар ин, таҳлили дурусти амалияи муборизаи зидди он ва хулосаҳои дурусти он ба паст шудани сатҳи ин ҷиноятҳо дар замони мо кӯмак мекунад.

Қонунгузории ҷиноятии давраи шуравӣ аз қонунгузории ҷиноятии амалкунанда бартарияти калон дошта наметавонад. Баръакс, КҶ ҶТ аз соли 1998 нисбат ба қонунгузории ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон мукаммал буда, хеле инсондӯстона мебошад. Ҷавобгарии ҷиноятиро барои ҳама намуди ҷиноятҳои коррупсионӣ муқаррар кардааст. Аммо, монандӣ танҳо дар як масъала ба андешаи мо ҷой дорад. Мутаассифона, сатҳи самаранокии меъёрҳои қонунгузорӣ, чун қонунгузории давраи шуравӣ на он қадар қаноаткунанда мебошад. Зеро, қонунгузории ҷиноятии ҷорӣ низ, чун давраи шуравӣ вазифаи худро оид ба пешгирии амалҳои коррупсионӣ самаранок иҷро карда натавониста истодааст. Бо ин назардошт, мо пешниҳод менамоем, ки аз санксияҳои ҷиноятҳои коррупсионӣ ҷазои ҷарима бардошта шавад. Зеро пардохти ҷарима барои чунин субъектони ҷиноят на он қадар душвории ҷиддиро ба миён меоварад. Ба ақидаи мо, ҷазоҳои ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои коррупсионӣ бояд тағйир дода шавад. Аз ҳама бештар ҷазои корҳои ҳатмӣ барои онҳо мувофиқи мақсад мебошад, махсусан агар корҳои фоиданоки ҷамъиятӣ дар назди омма бошад. Субъектони ҷиноятҳои коррупсионӣ бештар аз мақоми худ ифтихор карда, аз паст шудани мақоми худ дар назди ҷомеа ҳарос доранд. Бинобар ин, корҳои фоиданоки

ҷамъиятӣ дар назди мардум ҷазои вазнинтар маҳсуб рафта, на танҳо чунин ашхосро ислоҳ мекунад, балки боиси пешгирии чунин ҷиноятҳо хоҳад гардид.

Муқарриз: д.и.ҳ., профессор Аззизода У.А.

ПРОЦЕСС СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА ТАДЖИКСКОЙ ССР В НАПРАВЛЕНИИ ПРОТИВОДЕЙСТВИЯ КОРРУПЦИИ

Ключевые слова: процесс, совершенствования, опыт, сопротивление, коррупция, законодательство, причины коррупции, уровень коррупции, взяточничество, Таджикская ССР.

Аннотация. В статье анализируется и обсуждается вопрос совершенствования опыта сопротивление с коррупцией в Советском Таджикистане. В ходе исследования автор проанализировал мнения отечественных и зарубежных ученых и обосновал процесс совершенствования опыта сопротивление с коррупцией в Советском Таджикистане. В результате исследования автор пришел к выводу, что богатый опыт советского государства представляет несомненную ценность для нашей страны, поскольку коррупционные преступления существуют и сегодня. Поэтому правильный анализ практики борьбы с ним и его правильные выводы будут способствовать снижению уровня этих преступлений в наше время. Уголовное законодательство советского периода не может иметь существенных преимуществ перед действующим уголовным законодательством. Напротив, Уголовный кодекс Республики Таджикистан с 1998 года является более полным и гуманным, чем уголовное законодательство Таджикской ССР. Устанавливается уголовная ответственность за все виды коррупционных преступлений. Однако, по нашему мнению, сходство существует только в одном вопросе. К сожалению, уровень эффективности законодательных норм, как и законодательства советского времени, не очень удовлетворительный.

Рахимов Р.Л. **-** соискатель кафедрой теория и история государства и права юридический факультет ТНУ, Тел: (+992) 987-48-32-75

THE PROCESS OF IMPROVING THE LEGISLATION OF THE TAJIK SSR IN THE DIRECTION OF COMBATING CORRUPTION

Keywords: process, improvements, experience, resistance, corruption, legislation, causes of corruption, level of corruption, bribery, Tajik SSR.

Annotation. The article analyzes and discusses the issue of improving the experience of resistance to corruption in Soviet Tajikistan. During the study, the author analyzed the opinions of domestic and foreign scientists and substantiated the process of improving the experience of resistance to corruption in Soviet Tajikistan. As a result of the study, the author came to the conclusion that the rich experience of the Soviet state is of undoubted value for our country, since corruption crimes exist today. Therefore, the correct analysis of the practice of combating it and its correct conclusions will help to reduce the level of these crimes in our time. The criminal legislation of the Soviet period cannot have significant advantages over the current criminal legislation. On the contrary, the Criminal Code of the Republic of Tajikistan since 1998 is more complete and humane than the criminal legislation of the Tajik SSR. Criminal liability is established for all types of corruption crimes. However, in our opinion, the similarity exists only in one issue. Unfortunately, the level of effectiveness of legislative norms, as well as the legislation of the Soviet era, is not very satisfactory.

Rahimov R. **-** applicant of the department of theory and history of state and law Faculty of Law TNU, Tel: (+992) 987-48-32-75

Рӯйхати адабиёт:

1. Азиззода, У.А., Бобохонов, Ф.А. Защита прав человека от морального вреда в советской правовой системе [Текст] / У.А. Азиззода, Ф.А. Бобохонов // Вестник Филиала Московского государственного Университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе / Серия гуманитарных и экономических наук. – 2021. – № 2 (18). – С. 50-64.

2. Бобохонов, Ф.А. Ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ дар низоми ҳуқуқи шурави Тоҷикистон [Матн] / Ф.А. Бобохонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – № 2. – С. 256-262.

3. Бобохонов, Ф.А. Ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ ва назариявӣ-ҳуқуқӣ [Матн] / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Азиззода У.А. – Душанбе: Ашуриён, 2024. – 216 с.

4. Касьянов, В.С. Коррупция и борьба с ней в Советской России [Текст] / В.С. Касьянов // Государственное и муниципальное управление. Ученые записки. – 2014. – № 4. – С. 16-25.

5. Лимонов, П.В. Коррупция и борьба с ней в Советском государстве в 1917-1991 гг [Текст] / П.В. Лимонов // Основные тенденции развития современного права: проблемы теории и практики: Материалы IV Всероссийской научно-практической конференции (с международным участием), Казань, 06–07 февраля 2020 года / Под редакцией Р.Ф. Степаненко, С.Н. Тагаевой. – Казань: Университет управления «ТИСБИ», 2020. – С. 36-42.

6. Малиновский, И.Б. Коррупция: проблемы уголовной ответственности государственных и муниципальных служащих: учебное пособие [Текст] / И.Б. Малиновский. – М.: Московский университет МВД России, 2004. – 132 с.

7. Сафаров, А.И., Авзалов, А.Х. Соотношение понятий коррупции и коррупционной преступности по законодательству Республики Таджикистан [Текст] / А.И. Сафаров, А.Х. Авзалов // Юридическая наука: история и современность. – 2016. – № 3. – С. 174-183.

8. Теоретические и прикладные проблемы науки о человеке и обществе: монография [Текст] / У.А. Азиззода и др. – Петрозаводск: МЦНП «Новая наука», 2022. – 494 с.;

9. Фиалковская, И.Д. Исторический опыт противодействия коррупции в системе государственной службы России [Текст] / И.Д. Фиалковская // Вестник Нижегородского университета им. Н.И. Лобачевского. – 2017. – № 4. – С.139-143.

10. Холинова, М.М. Давраҳои ташаккул ва пайдоиши коррупсия дар таърихи башарият [Матн] / М.М. Холинова // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2021. – №1 (37). – С. 13-15.

11. Хушвахтзода, Х.Х., Хайруллозода, Л.М. История законодательства о противодействии коррупции [Матн] / Х.Х. хушвахтзода, Л.М. Хайрулозода // Академический юридический журнал. – 2020. – №1 (33). – С. 23-26.

12. Шарифзода, Ш.М. Муқовимат бо коррупсия дар давраи шуравӣ [Матн] / Ш.М. Шарифзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2022. – № 2 (54). – С. 102-110.

Список литературы:

1. Азиззода, У.А., Бобохонов, Ф.А. Защита прав человека от морального вреда в советской правовой системе [Текст] / У.А. Азиззода, Ф.А. Бобохонов // Вестник Филиала Московского государственного Университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе / Серия гуманитарных и экономических наук. – 2021. – № 2 (18). – С. 50-64.

2. Бобохонов, Ф.А. Защита прав человека от морального вреда в советской правовой системе Таджикистана [Текст] / Ф.А. Бобохонов // Вестник Таджикского национального университета / Серия социально-экономических и общественных наук. – 2022. – № 2. – С. 256-262.

3. Бобохонов, Ф.А. Защита прав человека от морального вреда: историко-правовое и теоретико-правовое исследование [Текст] / Под ред. д.ю.н., профессора Азиззоды У.А. – Душанбе: Ашшуриён, 2024. – 216 с.

4. Касьянов, В.С. Коррупция и борьба с ней в Советской России [Текст] / В.С. Касьянов // Государственное и муниципальное управление. Ученые записки. – 2014. – № 4. – С. 16-25.

5. Лимонов, П.В. Коррупция и борьба с ней в Советском государстве в 1917-1991 гг [Текст] / П.В. Лимонов // Основные тенденции развития современного права: проблемы теории и практики: Материалы IV Всероссийской научно-практической конференции (с международным участием), Казань, 06–07 февраля 2020 года / Под редакцией Р.Ф. Степаненко, С.Н. Тагаевой. – Казань: Университет управления «ТИСБИ», 2020. – С. 36-42.

6. Малиновский, И.Б. Коррупция: проблемы уголовной ответственности государственных и муниципальных служащих: учебное пособие [Текст] / И.Б. Малиновский. – М.: Московский университет МВД России, 2004. – 132 с.

7. Сафаров, А.И., Авзалов, А.Х. Соотношение понятий коррупции и коррупционной преступности по законодательству Республики Таджикистан [Текст] / А.И. Сафаров, А.Х. Авзалов // Юридическая наука: история и современность. – 2016. – № 3. – С. 174-183.

8. Теоретические и прикладные проблемы науки о человеке и обществе: монография [Текст] / У.А. Азиззода и др. – Петрозаводск: МЦНП «Новая наука», 2022. – 494 с.;

9. Фиалковская, И.Д. Исторический опыт противодействия коррупции в системе государственной службы России [Текст] / И.Д. Фиалковская // Вестник Нижегородского университета им. Н.И. Лобачевского. – 2017. – № 4. – С.139-143.

10. Холинова, М.М. Периоды становления и возникновения коррупции в истории человечества [Текст] / М.М. Холинова // Юридический академический журнал. – 2021. – № 1 (37). – С. 13-15.

11. Хушвахтзода, Х.Х., Хайруллозода, Л.М. История законодательства о противодействии коррупции [Текст] / Х.Х. Хушвахтзода, Л.М. Хайрулозода // Академический юридический журнал. – 2020. – № 1 (33). – С. 23-26.

12. Шарифзода, Ш.М. Борьба с коррупцией в советское время [Текст] / Ш.М. Шарифзода // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. – 2022. – № 2 (54). – С. 102-110.

List of literature:

1. Azizzoda, U.A., Bobokhonov, F.A. Protection of human rights from moral harm in the Soviet legal system [Text] / U.A. Azizzoda, F.A. Bobokhonov // Bulletin of the Branch of Moscow State University named after M.V. Lomonosov in Dushanbe / Series of humanitarian and economic sciences. - 2021. - No. 2 (18). - P. 50-64.

2. Bobokhonov, F.A. Protection of human rights from moral harm in the Soviet legal system of Tajikistan [Text] / F.A. Bobokhonov // Bulletin of the Tajik National University / Series of socio-economic and social sciences. - 2022. - No. 2. - P. 256-262.

3. Bobokhonov, F.A. Protection of human rights from moral harm: historical-legal and theoretical-legal research [Text] / Ed. by Doctor of Law, Professor Azizzoda U.A. – Dushanbe: Ashuriyon, 2024. – 216 p.

4. Kasyanov, V.S. Corruption and the fight against it in Soviet Russia [Text] / V.S. Kasyanov // State and municipal administration. Scientific notes. - 2014. - No. 4. - P. 16-25.

5. Limonov, P.V. Corruption and the fight against it in the Soviet state in 1917-1991 [Text] / P.V. Limonov // Main trends in the development of modern law: problems of theory and practice: Materials of the IV All-Russian scientific and practical conference (with international participation), Kazan, February 06-07, 2020 / Edited by R.F. Stepanenko, S.N. Tagaeva. - Kazan: University of Management "TISBI", 2020. - P. 36-42.

6. Malinovsky, I.B. Corruption: problems of criminal liability of state and municipal employees: a tutorial [Text] / I.B. Malinovsky. - M .: Moscow University of the Ministry of Internal Affairs of Russia, 2004 .- - 132 p.

7. Safarov, A.I., Avzalov, A.Kh. The relationship between the concepts of corruption and corruption crime under the legislation of the Republic of Tajikistan [Text] / A.I. Safarov, A.Kh. Avzalov // Legal science: history and modernity. – 2016. – No. 3. – P. 174-183.

8. Theoretical and applied problems of the science of man and society: monograph [Text] / U.A. Azizzoda et al. – Petrozavodsk: MCNP "Novaya Nauka", 2022. – 494 p.;

9. Fialkovskaya, I.D. Historical experience of combating corruption in the civil service system of Russia [Text] / I.D. Fialkovskaya // Bulletin of the Nizhny Novgorod University named after N.I. Lobachevsky. – 2017. – No. 4. – P.139-143.

10. Kholinova, M.M. Periods of formation and emergence of corruption in the history of mankind [Text] / M.M. Kholinova // Legal academic journal. – 2021. – No. 1 (37). – P. 13-15.

11. Khushvakhtzoda, HH, Khairullozoda, LM History of Legislation on Combating Corruption [Text] / HH Khushvakhtzoda, LM Khairullozoda // Academic Law Journal. – 2020. – No. 1 (33). – P. 23-26.

12. Sharifzoda, Sh.M. The Fight against Corruption in Soviet Times [Text] / Sh.M. Sharifzoda // Works of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan. – 2022. – No. 2 (54). – P. 102-110.

ТДУ: 342.59
Табаров Неъмон Амонович,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.
E-mail: nemon.tabarov.65@mail.ru
Тел: (+992) 907-97-65-12.

МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВӢ-ҲУҚУҚИИ ПРИНСИПҲОИ МУРОФИАВӢ

Калидвожаҳо: соҳаи ҳуқуқ; принсипҳои ҳуқуқ; принсипҳои мурофиавӣ; ҳуқуқи мурофиавии конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиавии маданӣ; ҳуқуқи мурофиавии иқтисодӣ; ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ; ҳуқуқи мурофиавии маъмурӣ; принсипҳои умумимурофиавӣ; принсипҳои хусусимурофиавӣ.

Аннотатсия: Мақола ба таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ- ҳуқуқии принсипҳои мурофиавӣ бахшида шудааст. Муаллиф андешаҳои олимонро нисбати таснифи принсипҳои мурофиавӣ таҳлил намуда, ба хулоса меояд, ки чунин таснифоти принсипҳои мурофиавиро ба принсипҳои умумимурофиавӣ (дар вақте ки принсипҳои мурофиавӣ дар ду ва зиёда соҳаҳои ҳуқуқи мурофиавӣ вомехӯранд) ва принсипҳои хусусимурофиавӣ (дар вақте ки принсипҳои мурофиавӣ танҳо дар як соҳаи ҳуқуқи мурофиавӣ вомехӯранд) қайд кардан мумкин аст.

Қобили зикр аст, ки принсипҳо барои мурофиа муқаррароти ҳуқуқие мебошанд, ки сабти қонунгузориашонро ёфтаанд, яъне дорои аломатҳои муайянии расмӣ, умумиҳатмӣ, ҳокимиятӣ, меъёрӣ, мебошанд, ки татбиқсозии худро ба таврҳои гуногун вобаста аз давраи мурофиа амалӣ менамоянд. Таваҷҷӯҳи илмӣ дар мавриди таҳлили моҳияти ҳуқуқӣ ва амалии чунин категорияҳо ба монанди «принсипҳои мурофиавӣ» комилан асоснок аст, зеро он барои муайян намудани хусусиятҳои тафриқаи соҳавӣ ва байнисоҳавие, ки ба самт ва ташаккули фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ таъсир мерасонанд, аҳамияти калон доранд.

Принсипҳои мурофиавии баррасишаванда дар илмҳои алоҳидаи соҳавии ҳуқуқшиносӣ таваҷҷӯҳи бештарро ба худ ҷалб мекунанд. Масъалаи мазкур дар илмҳои соҳавӣ дар асарҳои Б.Т. Безлепкин [2], С.Ш. Болтуев [3], А.А. Власов [4], Н.М. Коршунов [9], М.К. Треушников [10], В.П. Божьев [11] ва дигарон тадқиқ шудаанд.

Омӯзиш ва таҳлили маънои принсипҳои ҳуқуқ имкон медиҳанд, ки моҳият, мазмун ва хусусиятҳои хоси ин ё он соҳаи ҳуқуқ муайян карда шавад.

С.Ш. Болтуев қайд мекунад, ки принсипҳо дар меъёрҳои ҳуқуқӣ инъикос ёфта ҷанбаҳои муносибатҳои ҷамъиятиро инъикос менамоянд ва ба танзим медароранд. Онҳо сиёсати ҳуқуқии давлатиро ифода карда, ба раванди пайдошавӣ, татбиқ ва ташаккули меъёрҳои ҳуқуқӣ, дар такмили ҳама низоми ҳуқуқӣ ва асосҳои демократии он таъсири ҳалкунанда доранд [3, с. 49].

Ба андешаи А.Л. Захаров [5, с. 16] ҳамон як принсипҳое, ки дар соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ амал мекунанд, ба таври гуногун — мувофиқи хусусиятҳои предмети дахлдори соҳаи танзими ҳуқуқӣ зоҳир мешаванд. Дар ҳар як соҳаи ҳуқуқ онҳо мазмуни махсуси худро доранд, ки ба онҳо мазмуни мустақил медиҳанд. Мушаххасгардонии принсип дар доираи як соҳаи алоҳидаи ҳуқуқ, ки барои як қатор соҳаҳои он амал мекунад, тавассути таҳлили институтҳои мушаххаси соҳаи алоҳидаи ҳуқуқ ва муқаррароти ҳуқуқие, ки барои ин институтҳо умумианд, ошкор карда метавон. Дар баробари ин, соҳаҳои ҳуқуқ мустақилияти худро гум намекунанд, зеро дар таркиби онҳо мавҷуд будани қоидаҳое, ки принсипҳои якхела ё ҳамномро сабт менамоянд, муттаҳидшавиро дар як соҳа талаб намекунад. Ҳамин тариқ, вобаста аз доираи тақсимот принсипҳои умумиҳуқуқӣ, байнисоҳавӣ ва соҳавӣ ҷудо карда мешаванд.

Принсипҳои умумиҳуқуқӣ – ин оғозҳои васеи иҷтимоӣ, ахлоқӣ-ҳуқуқии танзими ҳуқуқӣ (демократизм, таъмини ҳуқуқҳои шахс, инсондустӣ, адолат, қонуният, баробарҳуқуқӣ) мебошанд [6, с. 23].

А.Л. Захаров хусусиятҳои хоси принсипҳои байнисоҳавии ҳуқуқро ба назар гирифта, чунин

ҳисоб мекунад, ки онҳоро метавон ҳамчун як ғояи асосие, ки барои ду ё зиёда соҳаҳо умумӣ буда, робитаҳои қонунии инкишофи муносибатҳои ҷамъиятиро инъикос карда, дар ҳуқуқи позитивӣ ба таври меъёрӣ сабт гардида, танзими ҳуқуқиро раҳнамоӣ карда ва моҳияту таъиноти иҷтимоии ҳуқуқро муайян менамояд, баррасӣ кард [5, с. 20].

Принсипҳои соҳавӣ принсипҳое мебошанд, ки дар доираи як соҳаи ҳуқуқ амал мекунанд. Агар ба ҳуқуқи мурофиавии маданӣ муроҷиат кунем, он гоҳ барои он принсипи диспозитивият хос аст, дар холате ки барои ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ эҳтимолияти бегуноҳӣ хос аст, гарчанде С.Г. Бандурин [1, с. 33] онро ҳамчун байнисоҳавӣ муайян мекунад.

Бо проблемаи принсипҳо бевосита ва бавосита проблемаҳои назарияи ҳуқуқи мурофиавӣ алоқаманданд [7; 12; 14], зеро маҳз маҷмӯи принсипҳои мурофиавии судии сабтгардида ва кафолатнок имкон медиҳад, ки дар бораи ҳаҷм ва кафолатҳои ҳифзи ҳуқуқҳои инсон баҳс намуд. Дар илм принсипҳои моддӣ ва мурофиавии ҳуқуқро ҷудо менамоянд.

Принсипҳои моддӣ ғояҳои асосӣ, меъёран батартибандохташуда, нуктаҳои ибтидоии асоси ташаккул, инкишоф ва фаъолияткунии ҳуқуқро дар тамоми гуногунии муносибатҳои ҷамъиятӣ ифода мекунанд. Маҳз принсипҳои мазкур ҷанбаи мазмунии муносибатҳои мурофиавиро тавассути батартибандозии қонунгузории имкониятҳои императивӣ ва диспозитивии субъектҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ муайян мекунанд.

Ба принсипҳои мурофиавии ҳуқуқ хусусиятҳои категорияи «принсипҳои ҳуқуқ» хос мебошанд: 1. танзимкунандагӣ, яъне принсипҳои ҳуқуқ рафтори одамонро муайян мекунанд, ба он самти фаъолияткунӣ ва инкишофро медиҳанд, онро ба доираи муайян медароранд; онро мақсаднок ба тартиб меандозанд [8, с. 78].

В.Н. Кудрявтсев ва А.В. Наумов ҳисоб мекунанд, ки принсипҳои ҳуқуқӣ на инъикоси ғайрифаъолонаи воқеият ва на хоҳишҳои абстрактӣ, балки воситаи муҳими танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошанд [15, с. 55]; 2. хосияти аксиоматикӣ: принсипҳои ҳуқуқ нисбат ба дигар меъёрҳои ҳуқуқ бартарӣ доранд. Ҳамаи меъёрҳо бояд аз принсипҳо бароянд; 3. вайроннашавандагӣ: вайрон кардани принсипҳои ҳуқуқ бояд боиси бекоркунии ҳатмии санади меъёрӣ гардад. Вобаста ба ин Л.С. Явич қайд кардааст, ки «беэътиноӣ нисбат ба принсипҳо, вайрон кардани онҳо аз ҷониби қонунгузор ё суд ба устувории низоми ҳуқуқ, тартиботи ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ халал мерасонад, ба ҳолати шуури ҳуқуқӣ таъсири манфӣ расонида, қобилияти вайрон кардани танзими ҳақиқии ҳуқуқиро доранд»[16, с. 149]; 4. универсалӣ будан (ягонагии принсипҳо): принсипҳо барои ҳамаи ҳуқуқ умумӣ мебошанд; 5. системанокӣ: вобастагии ҳамдигарӣ, мустақилияти принсипҳо, тағйирпазирӣ; 6. меъёрӣ будан: аз сабти принсипҳои ҳуқуқ дар меъёрҳои ҳуқуқ иборат аст. То он вақте, ки ғояи асосии довталаби нақши принсипи ҳуқуқ дар қонун ифода наёфта бошад, вай принсипи ҳуқуқ шуда наметавонад. Вай фақат ғояи назариявӣ, илмӣ, ғоя-принсип боқӣ мемонад. Меъёрӣ будан мақомоти ҳуқуқэҷодкунӣ, ҳуқуқтатбиққунӣ ва ҳифзи ҳуқуқ, ҳамаи шаҳрвандон, шахсони мансабдор ва ташкилотҳои ҷамъиятиро вазифадор (уҳдадор) мекунад, ки дар фаъолияти худ принсипҳои ҳуқуқро ба роҳбарӣ гиранд.

Аз ҳама бештар муҳимаш ҳангоми амалӣ намудани адолати судӣ дар судҳои юрисдиксияи (салоҳияти) умумӣ принсипҳои мурофиаи маданӣ ва ҷиноятӣ мебошанд, бинобар ин, ба назар мувофиқ менамояд, ки як қатор хусусиятҳои тавсифкунандаи принсипҳои мазкурро қайд кардан бамаврид аст.

Муайян кардани принсипҳо ҳамчун муқаррароти асосии ҳуқуқ, ки муайянии расмӣ доранд, барои шарҳ додани мавҷудияти ба истилоҳ асосҳои бечунучарои бекор кардани ҳалномаҳо ва ҳукмҳо дар мурофиаи судӣ кумак мекунад. Вайрон кардани муқаррароти принсипиалии ҳуқуқ, чун қоида, боиси бекор кардани ҳалномаи суд, сарфи назар аз моҳияти дурустии он мегардад. Вайрон кардани меъёри муқаррарии ҳуқуқ на ҳамеша боиси бекор кардани ҳалнома мегардад. Муқаррароти асосии ҳуқуқ барои дуруст шарҳ додани меъёрҳои алоҳидаи ҳуқуқ аҳамияти калон доранд. Ҳангоми мавҷуд набудани меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ (маданӣ, оилавӣ, меҳнатӣ ва ғ.) принсипҳои ҳуқуқ ба пайдо кардани қонуни монанд кумак мекунанд ва ҳангоми мавҷуд набудани қонуни монанд онҳо асос барои ҳал кардани парвандаи маданӣ мебошанд.

Тавсифи намудии принсипҳои мурофиавии ҷиноятиро қайд карда истода, ба назар мувофиқ менамояд, ки он ба хусусиятҳои ҷанбаи таснифӣ, ки аз ҷониби ҳуқуқшиносони гуногуни илмӣ-амалӣ таъкид шудаанд, асоснок карда шавад.

В.П. Божьев низоми принсипҳои худро баён карда, ба ҷиҳатҳои такягоҳие, ки дар Конститутсия ба тартиб андохта шудаанд, асос менамояд. Вай қайд мекунад, ки принсипҳои мурофиаи судии ҷиноятиро метавон ҳамчун дар Конститутсия ва дар асоси он дар Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ сабт гардидани ғояҳои асосии ҳуқуқӣ, ки сохтори

тамоми мурофиаи ҷиноятӣ, моҳияти он, хусусияти демократизмро муайян мекунанд, баррасӣ кард [11, с. 73]. Таърифи мазкур бо яктарафагии назар ба гуногуннамудӣ ва системавии принсипҳо тавсиф мешавад, зеро гуногуннамудии принсипҳо маҳз дар соҳаи мурофиавии ҷиноятӣ вуҷуд надорад.

Ӯ қайд мекунад, ки принсипҳои зикргардида дар давраи муҳокимаи судӣ амал мекунанд. Дар давраи тафтишоти пешакӣ ва таҳқиқ баъзеи онҳо амал намекунанд ва ё дар доираи маҳдуд амал мекунанд (амалӣ намудани адолати судӣ танҳо аз ҷониби суд, мустақилияти суд, бевосита ва шифоҳӣ будани муҳокимаи судӣ). Як қатор принсипҳо ҳангоми ҳал намудани масъалаҳои мурофиавӣ ва моддӣ-ҳуқуқӣ, дар давраи иҷрои ҳукм (ҳуқуқи шикоят аз амал ва қарорҳои мурофиавӣ) амалӣ карда мешаванд.

Дурустии мавқеи В.П Божьев дар он ба назар мерасад, ки принсипҳо хусусияти танзим кардан, васеъ намудан, пурра кардани маънои мафҳумиро танҳо дар ин ё он давраи мурофиа вобаста ба нозукиҳои муносибатҳои ҳуқуқии танзимшаванда доранд. Бо вуҷуди ин, аҳамияти махсус дар хусусияти ғояҳои ҳуқуқии маҳз ин ё он соҳаи ҳуқуқ зоҳир мегардад ва азбаски принсипҳои умумиҳуқуқӣ дар Конститутсия ифода ёфтаанд, аҳамиятнокии асосии онҳо бебаҳс аст. Ба мақсад мувофиқ аст, ки таснифоти намудии принсипҳои мурофиаи ҷиноятиро оварда истода, ба ғояҳои такягоҳии маҳз мурофиаи ҷиноятӣ, яъне тавсифи соҳавӣ диққат додан лозим аст. Дар акси ҳол тамоми моҳияти соҳавӣ аз даст меравад.

Аммо бо вуҷуди ин, нуқтаи назари муқобилро Б.Т. Безлепкин меорад, ки принсипи мурофиаи ҷиноятиро асосӣ, қоида-талабот меномад, ки ба он на давраҳои алоҳида ва махсусан амалҳои алоҳидаи мурофиавӣ, балки тамоми тартиби истеҳсолот аз рӯи парвандаи ҷиноятӣ сохта шудааст ва ба он ҷавобгӯ мебошад [2, с. 231]. Дар ҳақиқат бошад принсипҳои умумиҳуқуқӣ амали худро дар тамоми давоми фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ нигоҳ медоранд ва инҳо афзалиятан ҳамон принсипҳое мебошанд, ки В.П. Божьев қайд кардааст, вале ба ҳар ҳол ба принсипҳои соҳавӣ, байнисоҳавӣ ва институтсионалӣ додани аҳамияти ёрирасон беасос ба назар мерасад, зеро инъикоси фаъолияткунии мурофиавии судии ҷиноятии онҳо дар ин ё он давраҳои мурофиа ба таври гуногун зоҳир мегардад, ки ин дар ниҳоят моҳияти тамоми мурофиаи ҷиноятиро зоҳир менамояд.

Дар ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ чунин намудҳои таснифи принсипҳо, ба монанди принсипҳои мурофиаи судӣ (фаъолияти мурофиавии судро ба тартиб меандозанд) ва принсипҳои сохтори судӣ (принсипҳои ташкили адолати судӣ) мавҷуданд.

А.А. Власов ки тамоми принсипҳои мурофиаи ҷиноятиро аз рӯи ҳадафҳо тақсим мекунад: 1) ба таъминкунандагони ҳалли вазифаҳои мурофиавӣ (оммавият, ҳамаҷонибагӣ, пуррагӣ ва объективият, мубоҳисагӣ, мустақилияти судяҳо); 2) таъминкунандагони ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиёни мурофиа ва шахсони дигар (дахлнопазирии шахсият, манзил, эҳтимолияти бегуноҳӣ, ҳифзи шаъну шарафи шахс); 3) кафолатдиҳандагони ҳамзамони ҳам ҳалли вазифаҳои мурофиавӣ ва ҳам риояи ҳуқуқҳои субъектҳои он (таъмини ҳуқуқи айбдоршаванда ва гумонбаршуда ба ҳимоя, назорати прокурорӣ ва судӣ)[4, с. 46].

Ҳамин тавр, принсипи ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ имконият медиҳад, ки мавқеи бунёдии ҳокимият, ки хусусияти марҳалаи муайяни инкишофи таърихии ҷомеаро инъикос карда, муайянии расмӣ дошта, тамоми давраҳо ва институтҳоро фаро гирифта, барои ҳамаи иштирокчиёни мурофиа ҳатмӣ мебошад, муайян карда шавад.

Оид ба таҳлили принсипҳои мурофиаи маданӣ дахл карда, бояд қайд намуд, ки онҳо низ дар муносибат дар ҷомеаи илмӣ ба таърифи ин категория ва ҷанбаҳои таснифотӣ норавшаниро аз сар мегузаронанд.

М.К. Треушников маънои этимологиро асос карда, принсипҳои ҳуқуқи мурофиавии маданиро муқаррароти бунёдии он, ақидаҳои асосии ҳуқуқие, ки дар меъёрҳои ҳуқуқии аз ҳама бештар хусусияти умумидошта ифода ёфтаанд, меномад [10, с. 62].

Ҳамин тавр, хусусиятҳои муҳими тавсифкунандаро таҳлил намуда, мувофиқи мақсад аст, ки принсипҳои ҳуқуқи мурофиавии маданиро ҳам ҳамчун асосҳои ҳокимиятӣ, ба таври меъёрӣ батартибандохташуда, ки моҳияти мурофиаи маданиро ифода намуда, тағйироти ҷамъиятӣ-сиёсӣ, иҷтимоиро инъикос мекунад ва ҳам ҳамчун натиҷаи ҳаёти қонунэҷодкунии ҷамъият, ки барои ҳамаи иштироккунандагони мурофиа умумиҳатмӣ мебошанд, муайян кард.

Дар ҷомеаи илмӣ масъалаи таснифи навъии принсипҳои ҳуқуқи мурофиавии маданӣ хеле муҳим ва баҳснок мебошад. Р.Л. Иванов [6, с. 152], Н.М. Коршунов, Ю.Л. Мареев [9, с. 215], М.К. Треушников [10, с. 64] қайд мекунанд, ки принсипҳои мурофиаи маданӣ ба ду гурӯҳи калон тақсим мешаванд: принсипҳои ташкилӣ-

функционалӣ (баъзан онҳоро принсипҳои ташкили адолатӣ судӣ ё сохтори судӣ меноманд) ва принсипҳои функционалӣ (баъзан онҳоро принсипҳои мурофиаи судӣ меноманд).

В.М. Семёнов [13, с. 56] се аломати таснифкуниро пешниҳод менамояд, ки аз рӯи хусусияташон гуногунанд: самти амал (байнисоҳавӣ ва соҳавӣ), сарчашмаҳо (конститутсионӣ ва соҳавӣ), нақши онҳо дар танзими ҳуқуқӣ (муайянкунандаи хусусияти фаъолияти суд ва шахсони дар мурофиа иштироккунанда).

В.М. Семёнов ҳамчун қайд мекунад, ки таснифи принсипҳои мурофиаи маданӣ вобаста аз нақши онҳо дар тавсифи вазъи ҳуқуқӣ ва фаъолияти ҳуқуқии суд ва дигар иштирокчиёни мурофиа низ имконпазир аст. Чунин навъи тақсимоти принсипҳо, пеш аз ҳама, ба вижагиҳои муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавӣ ва хусусияти фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии суд дар ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шахсони манфиатдор сабаб шудааст, ки мақсади ниҳоии мурофиаи маданиро аз рӯи парвандаи мушаххас ташкил медиҳад.

Аз рӯи ин асос вай таснифоти зерини принсипҳои мурофиаи судии маданиро пешниҳод мекунад: а) принсипҳое, ки мавқеи махсуси суд ва шартҳои умумии демократии фаъолияти судиро тавсиф мекунанд: амалӣ намудани адолати судӣ танҳо аз ҷониби мақомоти судӣ, интихобӣ будани судяҳо, мустақилияти судяҳо ва итоати онҳо танҳо ба қонун, шифоҳият, бевоситагӣ, бетанаффусӣ, ошкоройӣ; б) принсипҳое, ки мавқеи шахсони иштирокчии мурофиаро тавсиф мекунанд: забони миллии мурофиаи судӣ, дастрасии ҳифзи судӣ, баробарии шаҳрвандон дар назди қонун ва суд, диспозитивият, баробарии тарафҳо дар мурофиа, шакли мубоҳисавии мурофиаи судӣ.

В.В. Ярков якчанд асосҳоро барои тасниф намудани принсипҳои ҳуқуқи мурофиавӣ қайд мекунад [8, с. 42-44]: аз рӯи қувваи ҳуқуқии сарчашмае, ки принсипҳоро сабт мекунад (принсипҳои конститутсионӣ ва принсипҳое, ки дар дигар қонунгузорӣ сабт гардидаанд); аз рӯи доираи амалӣ принсипҳо (принсипҳои умумиҳуқуқӣ, байнисоҳавӣ, институтсионалӣ); аз рӯи функсияҳо (ташкилӣ-ҳуқуқӣ, мурофиавӣ-ҳуқуқӣ).

Бояд қайд кард, ки дар вақти ҳозира низоми ҳуқуқи мурофиавӣ ба ғайр аз ҳуқуқи мурофиавии маданӣ ва ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ, боз ҳуқуқи мурофиавии конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиавии иқтисодӣ ва ҳуқуқи мурофиавии маъмуриро низ дарбар мегирад, ки онҳо бевосита ё бавосита бо фаъолияти мурофиавии судҳои низоми судии Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманданд.

Вобаста ба ин, чунин таснифоти принсипҳои мурофиавиро ба принсипҳои умумимурофиавӣ (дар вақте ки принсипҳои мурофиавӣ дар ду ва зиёда соҳаҳои ҳуқуқи мурофиавӣ вомехӯранд) ва принсипҳои хусусимурофиавӣ (дар вақте ки принсипҳои мурофиавӣ танҳо дар як соҳаи ҳуқуқи мурофиавӣ вомехӯранд) қайд кардан мумкин аст.

Масалан принсипи қонуният қариб дар ҳамаи соҳаҳои ҳуқуқи мурофиавӣ вомехӯрад (масалан, дар ҳуқуқи мурофиавии иқтисодӣ, ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ, ҳуқуқи мурофиавии маъмурӣ), бинобар ин онро метавон ба принсипҳои умумимурофиавӣ мансуб донист. Принсипи дахлнопазирии манзил танҳо дар ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ вомехӯрад, принсипи ботантана гузаронида шудани мурофиаи судӣ бошад танҳо дар ҳуқуқи мурофиавии конститутсионӣ вомехӯрад, бинобар ин онҳоро метавон ба принсипҳои хусусимурофиавӣ мансуб донист.

Аломатҳои асосии принсипҳои мурофиавӣ инҳоянд: объективнокии мундариҷа; сабти қонунгузорӣ; омирона будан; умумиҳатмӣ будан; истифодабарӣ нисбат ба он муносибатҳои мурофиавӣ (институтҳо, даврaҳо), ки барои онҳо пешбинӣ шудаанд; асосҳои рафъи камбудиҳои ҳуқуқ; асоси бечунучаро барои бекор кардани қарори аз рӯи парванда қабулшуда.

Дар хотима, принсипҳо ҳамчун муқаррароти асосии меъёрӣ сохтор ва хусусиятҳои муҳими ҳуқуқи мурофиавиро муайян мекунанд, муқаррароти умумие, ки мундариҷаи онро муайян мекунанд, тамоми қоидаҳо ва институтҳоро дарбар мегиранд, мақсади мурофиа ва методҳои амалӣ намудани ин мақсадро нишон медиҳанд, хусусият ва мундариҷаи фаъолияти субъектҳои ҳуқуқи мурофиавиро муайян мекунанд. Принсипҳо устуворанд, вале вобаста ба талаботи нави ҳаёти ҷамъият инкишоф меёбанд.

Муқарриз: д.и.ҳ., профессор Исмаилов Ш.М.

ТЕОРЕТИКО-ПРАВОВЫЕ ВОПРОСЫ ПРОЦЕССУАЛЬНЫХ ПРИНЦИПОВ

Ключевые слова: отрасль права, принципы права, процессуальные принципы, конституционное процессуальное право, гражданское процессуальное право, экономическое процессуальное право,

уголовно-процессуальное право, административно-процессуальное право, общепроцессуальные принципы, частно-процессуальные принципы.

Аннотация. Статья посвящена исследованию теоретико-правовых вопросов процессуальных принципов. Автор анализируя мнения ученых относительно классификации процессуальных принципов, приходит к выводу, что можно отметить такую классификацию процессуальных принципов как на общепроцессуальные принципы (когда процессуальные принципы встречаются в двух и более отраслях процессуального права) и частно-процессуальные принципы (когда процессуальные принципы встречаются только в одной отрасли процессуального права).

Табаров Неъмон Амонович *–* кандидат юридических наук, доцент кафедры экономического, финансового и антикоррупционного права Таджикского государственного финансово-экономического университета. E-mail: nemon.tabarov.65@mail.ru, Тел: (+992) 907-97-65-12.

THEORETICAL AND LEGAL ISSUES OF PROCEDURAL PRINCIPLES

Key words: branch of law, principles of law, procedural principles, constitutional procedural law, civil procedural law, economic procedural law, criminal procedural law, administrative procedural law, general procedural principles, private procedural principles.

Annotation. The article is devoted to the study of theoretical and legal issues of procedural principles. The author, analyzing the opinions of scientists regarding the classification of procedural principles, comes to the conclusion that such a classification of procedural principles can be noted as general procedural principles (when procedural principles are found in two or more branches of procedural law) and private procedural principles (when procedural principles are found in only one branches of procedural law).

Tabarov Nemon Amonovich *–* candidate of Legal Sciences, Associate Professor of the Department of Economic, Financial and Anti-Corruption Law of the Tajik State Financial and Economic University. E-mail: nemon.tabarov.65@mail.ru, Tel: (+992) 907-97-65-12.

Рӯйхати адабиёт:

1. Бандурин С.Г. Ошкорбаёнӣ ҳамчун принсипи мурофиаи судии ҷиноятӣ ва амали он дар давраи оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ. ... дисс. номз. илм. ҳуқуқ.: 12.00.09. – Саратов, 2004. – 209 с.
2. Безлепкин Б.Т. Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ. – М., 2006. – 487 с.
3. Болтуев С.Ш. Мурофиаи гражданӣ. Қисми умумӣ. – Хуҷанд: Ношир, 2019. – 384 с.
4. Власов А.А. Мурофиаи ҷиноятӣ. Воситаи таълимӣ. – Вологда, 2003. – 116 с.
5. Захаров А.Л. Принсипҳои байнисоҳавии ҳуқуқ. ... дисс. номз. илм. ҳуқуқ.: 12.00.01. – Самара, 2003. – 357 с.
6. Иванов Р.Л. Принсипҳои ҳуқуқи советӣ. ... дисс. номз. илм. ҳуқуқ.: 12.00.01. – Л., 1988. – 218 с.
7. Котов О.Ю. Таъсири қарорҳои Суди Конститутсионӣ ба мурофиаи судии гражданӣ. ... дисс. номз. илм. ҳуқуқ.: 12.00.15. – М., 2001. – 177 с.
8. Мурофиаи арбитражӣ: Китоби дарсӣ / Таҳти таҳр. В.В. Ярков. – М.: Юристъ, 2002. – 480 с.
9. Мурофиаи гражданӣ: Китоби дарсӣ / Таҳти таҳр. Н.Н. М.Коршунов. – М.: Норма, 2006. – 848 с.
10. Мурофиаи гражданӣ: Китоби дарсӣ / Таҳти таҳр. М.К. Треушников. – М.: Нашриёти «Городец», 2008. – 784 с.
11. Мурофиаи ҷиноятӣ / Таҳти таҳр. В.П. Божъев. – М.: Спарк, 2002. – 704 с.
12. Селезнев Н.В. Суди Конститутсионӣ ва мурофиаисудии ҷиноятӣ. ... автореф. дисс. номз. илм. ҳуқуқ.: 12.00.02. – М., 1999. – 40 с.
13. Семенов В.М. Принсипҳои конститутсионии мурофиаи судии гражданӣ. – М.: Адаб. ҳуқуқ., 1982. – 152 с.
14. Федоров И.В. Мурофиаи судии гражданӣ ва арбитражӣ ҳамчун предмети танзими муштараки байналмилалӣ-ҳуқуқӣ ва дохилидавлатӣ. ... автореферати дисс. номз. илм. ҳуқуқ.: 12.00.10. – Қазон, 2002. – 32 с.
15. Ҳуқуқи ҷиноятии Россия. Қисми умумӣ: Китоби дарсӣ / Бородин С.В., Кудрявтсев В.Н., Кузнетсова Н.Ф., Наумов А.В. ва диг.; Таҳти таҳр.: Кудрявтсев В.Н., Наумов А.В. – М.: Спарк, 1997. – 454 с.
16. Явич Л.С. Назарияи умумии ҳуқуқ. – Л.: Нашриёти ун-ти Ленинград, 1976. – 287 с.

Список литературы:

1. Бандурин С.Г. Публичность как принцип уголовного судопроизводства и его действие в стадии возбуждения уголовного дела. … дисс. канд. юрид. наук: 12.00.09. – Саратов, 2004. – 209 с.
2. Безлепкин Б.Т. Уголовное процессуальное право. – М., 2006. – 487 с.
3. Болтуев С.Ш. Гражданский процесс. Общая часть. – Худжанд: Ношир, 2019. – 384 с.
4. Власов А.А. Уголовный процесс. Учебное пособие. – Вологда, 2003. – 116 с.
5. Захаров А.Л. Межотраслевые принципы права. …дисс. канд. юрид. наук: 12.00.01. – Самара, 2003. – 357 с.
6. Иванов Р.Л. Принципы советского права. …дисс. канд. юрид. наук: 12.00.01. – Л., 1988. – 218 с.
7. Котов О.Ю. Влияние решений Конституционного Суда на гражданское судопроизводство. …дисс. канд. юрид. наук: 12.00.15. – М., 2001. – 177 с.
8. Арбитражный процесс: Учебник / Под ред. В.В. Яркова. – М.: Юристъ, 2002. – 480 с.
9. Гражданский процесс: Учебник / Под ред. Н.М. Коршунова. – М.: Норма, 2006. – 848 с.
10. Гражданский процесс: Учебник / Под ред. М.К. Треушникова. – М.: Издательский Дом «Городец», 2008. – 784 с.
11. Уголовный процесс / Под ред. В.П. Божьева. – М.:Спарк,2002. – 704 с.
12. Селезнев Н. В. Конституционный Суд и уголовное судопроизводство. …автореф. канд. юрид. наук: 12.00.02. – М., 1999. – 40 с.
13. Семенов В.М. Конституционные принципы гражданского судопроизводства. – М.: Юрид. лит., 1982. – 152 с.
14. Федоров И.В. Гражданское и арбитражное судопроизводство как предмет совместного международно-правового и внутригосударственного регулирования. …автореф. канд. юрид. наук: 12.00.10. – Казань, 2002. – 32 с.
15. Российское уголовное право. Общая часть: Учебник / Бородин С.В., Кудрявцев В.Н., Кузнецова Н.Ф., Наумов А.В. и др.; Под ред.: Кудрявцев В.Н., Наумов А.В. – М.: Спарк, 1997. – 454 с.
16. Явич Л.С. Общая теория права. – Л.: Изд-во Ленингр. ун-та, 1976. – 287 с.

List of literature:

1. Bandurin S.G. Publicity as a principle of criminal proceedings and its effect at the stage of initiation of criminal proceedings. ... dissertation of the candidate. jurid. sciences': 12.00.09. – Saratov, 2004. – 209 p.
2. Bezlepkin B.T. Criminal procedural law. – M., 2006. – 487 p.
3. Boltuev S.S. Civil procedure. The general part. – Khujand: Noshir, 2019. – 384 p.
4. Vlasov A.A. Criminal procedure. Textbook. – Vologda, 2003. – 116 p.
5. Zakharov A.L. Intersectoral principles of law. ...dissertation of the candidate. jurid. sciences'. – Samara, 2003. – 357 p.
6. Ivanov R.L. Principles of Soviet law. ...dissertation of the candidate. jurid. sciences': 12.00.01. – L., 1988. – 218 p.
7. Kotov O.Y. The influence of decisions of the Constitutional Court on civil proceedings. ...dissertation of the candidate. jurid. sciences': 12.00.15. – M., 2001. – 177 p.
8. Arbitration process: Textbook / Edited by V.V. Yarkov. – M.: Yurist, 2002. – 480 p.
9. Civil procedure: Textbook / Edited by N. N.M. Korshunov. – M.: Norma, 2006. – 848 p.
10. Civil procedure: Textbook / Edited by M.K. Treushnikov. – M.: Gorodets Publishing House, 2008. – 784 p.
11. Criminal proceedings / Edited by V.P. Bozhyev. – M.: Spark, 2002. – 704 p.
12. Seleznev N. V. The Constitutional Court and criminal proceedings. ...abstract of the cand. jurid. sciences': 12.00.02. – M., 1999. – 40 p.
13. Semenov V.M. Constitutional principles of civil proceedings. – M.: Jurid. lit., 1982. – 152 p.
14. Fedorov I.V. Civil and arbitration proceedings as a subject of joint international legal and domestic regulation. ...abstract of the cand. jurid. sciences': 12.00.10. – Kazan, 2002. – 32 p.
15. Russian criminal law. General part: Textbook / Borodin S.V., Kudryavtsev V.N., Kuznetsova N.F., Naumov A.V., and others; Edited by Kudryavtsev V.N., Naumov A.V. – M.: Spark, 1997. – 454 p.
16. Yavich L.S. General theory of law. – L.: Publishing House of the Leningr University, 1976. – 287 p.

ТДУ: 342.7
Раҳимов Сафархуҷа,
унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи инсон,
факултети ҳуқуқшиносӣ, Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон
E-mail: rahimovsafarhuca@gmail.com
Тел.:(+992) 903-88-88-20.

ТАҲКИМИ ТАНОСУБИ ҲИМОЯИ ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ ИНСОН ТАВАССУТИ МАҚОМОТИ СУДӢ ВА ДИГАР МАҚОМОТИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ

Калидвожаҳо: механизм, суд, ҳифз, ҳуқуқ, инсон, меъёрҳо, тартиботи ҳуқуқӣ, низом, мақомот, прокуратура, мақомоти корҳои дохилӣ, адлия, суди конститутсионӣ, адвокатура.

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур “Таҳкими таносуби ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон тавассути мақомоти судӣ ва дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ” муаллиф кӯшиши нишон додани алоқамандии зинаҳои гуногуни мақомоти ҳокимияти давлатиро дар бахши ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон анҷом додааст.

Ба ҳайси муҳимтарин вазифаҳои давлат таъмини имконияти татбиқи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандон, ташкили механизми муносиби ҳимояи ҳуқуқҳои ӯ аз таҷовуз ва мусоидат ба барқарорсозии онҳо мебошад.

Дар ин самт низоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқии кишварҳо саҳмгузор мебошанд. Аз ҷумла ҳифзи ҳуқуқи инсон яке аз вазифаҳои асосии мақомоти прокуратура буда, дар баробари функсияи назоратӣ, инчунин вазифаи муҳими иҷтимоӣ, аз қабили ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандонро иҷро менамояд.

Ҳамчунин мақомоти корҳои дохила ва дигар мақомотҳои давлатӣ дар ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд саҳмгузор мебошанд.

Ҳимояи судӣ механизми ташкилию ҳуқуқии таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд тавассути баррасии парвандаҳо аз ҷониби судҳо оид ба муроҷиатҳои шахсони шикояткунанда доир ба вайрон кардан ё эҷоди монеаҳо дар татбиқи ҳуқуқу озодиҳои инсон ё ба зиммаи онҳо гузоштани уҳдадории пешбининамудаи қонун дар расмиёти мурофиаи конститутсионӣ, маданӣ, ҷиноятӣ ва маъмурӣ мебошад, ки ба барқарор кардани ҳуқуқи вайроншуда, татбиқи озодӣ ва ҷуброни зарари расонидашуда равона шудааст.

Институти ҳифзи манфиатҳо дар низоми ҳимояи ҳуқуқи инсон нақши муҳим дошта метавонад. Густариши мандати Институти адвокатура аз такмили минбаъдаи механизми бе табъизи ҳимояи манфиатҳои инсонӣ, ҳуқуқ ва озодиҳо ва таҳкими асосҳои қавии ҷомеаи шаҳрвандӣ шаҳодат медиҳад.

Олимони хориҷӣ вобаста ба мавзуи ҳокимияти судӣ ҳамчун кафили ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, корҳои илмии аҳамияти бунёдидоштаи зиёд навишта, фикру ақидаҳои гуногун баён намудаанд. Чун Е.Б. Абросимова, Каллагов Т.Э. , Н.Г. Александров , С.С.Алексеев , В.К. Бабаев, А.Д. Бойков А.Б. Венгеров, Н.В.Витрук, Л.А. Воскобитова, М.А. Краснов, О.Е.Кутафин , В.А. Лазарева, Пятак А.А., Гусева А.Л., Бухсаева Н.М. ва дигаронро номбар кардан бамаврид аст.

Инчунин олимони ҳуқуқшиноси ватанӣ ба монанди Сотиволдиев Р.Ш., Исмоилов Ш.М. , Мирзоев С.Б. , Холиков К.Н., Диноршоев А.М., Махмудов М.А., Зокирзода З.Х. , Одиназода Р.С. ва дигарон дар ин бора фикру ақидаҳои ҷолиб иброз доштаанд.

Мувофиқ ба сарчашмаҳои илмӣ хусусияти комплексӣ (байнисоҳавӣ)-и институти мавриди назар бо омилҳои зерин асоснок карда мешавад:

Якум, мавҷудияти маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқии ба ҳам алоқаманд дар ҳимояи судӣ, ки дар соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ мавҷуданд, қайд карда мешавад. Ин ба мақсадҳо ва вазифаҳои дар назди низоми судӣ қарордошта, ҳимояи ҳуқуқ, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, манфиатҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ, мурофиаи одилонаи судӣ, таҳкими қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ ва ғайра вобаста аст.

Дуюм, дар асоси ташкил ва татбиқи ҳимояи судӣ дар ҳуқуқи ватанӣ, принсипҳо ва меъёрҳои

умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ низ ба назар гирифта мешаванд.

Сеюм, дар давлат ҳокимияти ягонаи судӣ тавассути мурофиаи конститутсионӣ, маъмурӣ, шаҳрвандӣ, арбитражӣ ва ҷиноятӣ амал мекунад. Дар шаклҳои гуногуни он меъёрҳои шабеҳ ва ба ҳам алоқаманд мавҷуданд, ки ҳам ҳуқуқи ҳимояи судӣ ва ҳам фаъолияти мақомоти адлияро барои таъмини он мустаҳкам мегардонанд.

Чорум, сарфи назар танзими ҳуқуқӣ дар ҳар як соҳаи ҳуқуқи мурофиавӣ хусусияти худро доранд, татбиқи ҳимояи судӣ дар доираи раванди ягонаи ҳуқуқӣ сурат мегирад, ки марҳилаҳои якхела, механизмҳои барқарор кардани ҳуқуқҳои вайроншуда ё баҳсбарангезро дар бар мегирад.

Панҷум, хусусияти институти ҳимояи судӣ дар он аст, ки он ҳам меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ ва ҳам мурофиавиро дар бар мегирад.

Ҳимояи судии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд бо тартиби мурофиаи Суди конститутсионӣ роҳи муассирест, ки тавассути ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои субъективӣ аз вайрон кардани онҳо дар сатҳи қонунгузорӣ, инчунин дигар механизмҳои мурофиавии ҳифзи Конститутсия таъмин карда мешавад.

Ҳимояи суди конститутсионӣ-ҳуқуқӣ, ки дар асл шакли ҳимояи судӣ мебошад, зуҳуроти асосӣ ва муҳимтарин мебошад. Бояд тазаккур дод, ки фаъолияти судҳои конститутсионӣ дар кишварҳои федеролӣ имкониятҳои кафолат ва ҳимояи судии ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон ва шаҳрвандро васеъ менамояд. Ҳуқуқи конститутсионии муосири ғарбӣ маънои мавҷудияти давлатро бо таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, иштироки бевоситаи ӯ дар идоракунии корҳои давлат эътироф мекунад [7].

Барои самаранок амалӣ намудани ҳуқуқу озодиҳо дар ҳаёти воқеӣ механизми муассири кафолати таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд зарур аст, ки ба ҳама гуна қонуншиканиҳо ва таъсири манфии дохилидавлатӣ тобовар бошад [3, с. 60-62].

Азбаски тамоми фаъолияти Суди конститутсионӣ бо ҳуқуқ ва озодиҳои инсон алоқаманд аст ва (дар ниҳоят) ба таъмин ва ҳимояи ҳуқуқҳои озодиҳои инсон ва шаҳрванд равона шудааст, пас танзими қонунӣ дар таъмин ва ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, самаранокии кори ин мақомот, ки тақдири одамон, тантанаи қонуният ва адолат аст ба фаъолияти Суди конститутсионӣ вобаста аст. Дигар, Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мақоми мустақили ҳокимияти судӣ оид ба назорати конститутсионӣ мебошад, ки бо мақсади таъмини волоият ва амали бевоситаи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст [5].

Азбаски Суди конститутсионӣ ҳамчун нигаҳбон ва ҳимоятгари Конститутсия, принсипҳо ва муқаррароти дар он муқарраршуда амал мекунад, пас бо иҷрои ин вазифаи ҳаётан муҳим, Суди конститутсионӣ ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро таъмин менамояд, зеро ҳамаи принсипҳо ва меъёрҳои бунёдии ҳуқуқу озодиҳои инсон дар қонуни асосӣ сабт шудаанд [1].

Механизми таъмин ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар шароити муосир маҷмӯи мураккаби ҳуқуқӣ мебошад, ки ҳам воситаҳои дохилидавлатӣ ва ҳам байналмилалиро дар бар мегирад. Аз як тараф, санадҳои меъерӣ ва мақомоти ба иҷрои онҳо нигаронидашудаи давлат, аз тарафи дигар, шартномаҳои байналмилалӣ ва мақомоти дар асоси онҳо таъсисёфта, ки барои татбиқи меъёрҳои қабулшуда ва ё эътирофшуда пешбинӣ шудаанд, дар назар дошта мешаванд. Танзими ҳуқуқии байналмилалии ҳуқуқи инсон ва ҳамчун ифодаи он каталоги муосири ҳуқуқ ва озодиҳои фард натиҷаи ташаккули тӯлонии таърихӣ ва стандартҳои ҷомеаи муосир мебошад, ки на танҳо дар “фазо”-и ҳуқуқӣ рух додааст.

Яке аз вазифаҳои муҳимтарини давлат таъмини имконияти татбиқи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, ташкили механизми беайб барои ҳимояи инсон аз таҷовуз ба ҳуқуқҳои ӯ ва мусоидат ба барқарорсозии онҳо мебошад.

Бояд қайд кард, ки низоми ҳифзи ҳуқуқ ҳамчун низоми анъанавии ҳокимияти давлатӣ дар ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон нақши муҳим мебозад. Прокуратураи генералӣ, мақоми давлатии назораткунандаи тартиботи ҳуқуқӣ на танҳо вазифаҳои таҳкими ҳокимиятро иҷро мекунад, балки вазифаи муҳими иҷтимоиро оид ба ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии шахсони алоҳида ва шаҳрвандон иҷро мекунад. Ин ҳимояи ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон аз амалҳои ғайриқонунӣ ё беамалии шахсони мансабдори мақомоти давлатӣ дар ҷараёни ташаккули тартиботи ҳуқуқӣ мебошад.

Вазифаҳои асосии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳифзи тартиботи конститутсионӣ, тартиботи ҷамъиятӣ ва амният, ҳифзи молу мулк, ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон ва корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо аз ҳама гуна ҷиноятҳо ва дигар намудҳои ҷиноятҳо мебошанд. Инчунин ба вазифаҳо ва вазифаҳои асосии мақомоти корҳои дохилӣ дохил мешаванд: пешгирии ҷиноятҳо ва

дигар ҳуқуқвайронкуниҳо, таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ, мусоидати умумиҷаҳонӣ ҷиҳати аз байн бурдани омилҳо ва шароитҳое, ки ҳуқуқвайронкуниҳои дигарро ба вуҷуд меоранд, ташкил ва гузаронидани корҳо оид ба ислоҳ ва аз нав тарбия кардани маҳкумшудагон, истифодаи меҳнатии онҳо ва ғ.

Вазорати адлия барои таъмини татбиқи қонунҳое, ки ба либерализатсияи ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсӣ, сохти давлатӣ, аз ҷумла низоми судӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон равона шудаанд, кор мекунад. Бо иштироки бевоситаи ин мақомот механизмҳои самараноки ҳифзи ҳуқуқи инсон, манфиатҳои қонунии соҳибкорон ва шарикони хусусӣ таъсис дода шуда, низоми таҳлил ва мониторинги доимии амалияи татбиқи ҳуқуқ ва таҳияи пешниҳодҳои асоснок оид ба такмили қонунгузории амалкунанда ҷорӣ карда мешавад.

Институти ҳимояи судӣ набояд танҳо бо фаъолияти суд, балки бо татбиқи вазифаҳои мурофиавии он муттаҳид шавад. Аз ин рӯ механизми ҳуқуқии таъмини ҳимояи судӣ ду ҷузъи асосиро дар бар мегирад: 1) моддӣ-ҳуқуқӣ, ки барои кафолати ташкили дурусти мақомоти давлатӣ оид ба адолати судӣ ва иҷрои санадҳои судӣ пешбинӣ шудааст; 2) мурофиавӣ-ҳуқуқӣ, ки қоидаҳо ва расмиёти фаъолияти бевоситаи судро оид ба баррасӣ ва ҳалли баҳсҳои ҳуқуқӣ, барқарорсозии ҳуқуқҳо ва манфиатҳои қонунии вайроншуда ё баҳсбарангез фаро мегирад.

Дар баробари ин, имрӯз як қатор мушкилоти асосӣ, ки бояд барои таҳкими низоми судӣ ва навсозии ҳимояи судӣ ҳал карда шаванд, ошкор мемонанд:

1. Баланд бардоштани самаранокии ҳимояи судӣ бе такмили ташкили ҳокимияти судӣ, сохтани модели оптималии он, алахусус сегменти асосии сохти судӣ ба даст оварда намешавад. Дар ҷараён идеяи нигоҳ доштани низоми омехтаи (бо ихтисоси берунии фаннӣ) сохти суд бо хусусиятҳои ҳуқуқӣ, таърихӣ, ҳудудӣ ва дигар хусусиятҳои он, ки солҳои охир ташаккул ёфтааст, ҳимоя карда мешавад. Дар ин ҳолат, бидуни даст кашидан аз сохту ташкили мавҷудаи судҳои юрисдиксияи умумӣ ва арбитражӣ, бояд идеяи тахассуси фаъолияти судӣ (тавассути таъсиси судҳои маъмурӣ, ноболиғон, андоз, патентӣ) амалӣ карда шавад, таҳсилот дар ҳамаи субъектҳои судҳои конститутсионӣ (оинномавӣ) ташвиқ карда шавад, адлияи ҷаҳонӣ мустаҳкам ва такмил дода шавад.

2. Раванди рушд бояд бо масъалаҳои такмили мурофиаи судӣ ва суд ҳамоҳанг карда шавад. Мақомоти судӣ дар татбиқи ҳимоя нақши бузург доранд. Онҳо механизми ҳуқуқии татбиқи ҳокимияти судӣ, саривақт ошкор ва бартараф намудани ғалатҳои судӣ мебошанд.

3. Яке аз самтҳои муҳимтарини навсозии ҳимояи судӣ такмили мақоми ҳуқуқии судяҳо мебошад, ки он бояд бо тақвияти истиқлолият ва дахлнопазирии онҳо; талаботи махсус ба шахсияти судя, сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва омодагии касбии ӯ, сифатҳои ахлоқӣ; таҳкими интизом ва масъулият; муқовимат ба коррупсия ва дигар фаъолияти ғайриқонунӣ дар ҷомеаи судяҳо тавъам бошад.

4. Ба шумораи шартҳои умумии баланд бардоштани самаранокии институти ҳимояи судӣ дохил мешаванд:

- бунёди давлати ҳуқуқӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ; сатҳи баланди шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон;
- татбиқи сиёсати ҳуқуқии мулоҳизакорона ва саводнокии мақомоти давлатӣ. Шартҳои махсус аз ҷумла: сифати қонунгузории амалкунанда;
- таъмини мустақилияти аслии ҳокимияти судӣ ва мустақилияти воқеии судяҳо;
- оммавияти фаъолияти судӣ;
- сифатҳои субъективии судя (камолот ва фаъолияти хобгоҳ ва шаҳрвандии ӯ, дониши ҳуқуқӣ, сатҳи шуури ҳуқуқӣ, эътибор, тачриба, сифатҳои баланди ахлоқӣ ва ғайра);
- шароити муносиби моддӣ-техникии фаъолияти судяҳо ва ҷорӣ намудани технологияҳои муосири иттилоотӣ ва ғ.

Самти муҳими навсозии ҳимояи судӣ оптимизатсияи салоҳияти судӣ ва рушди роҳҳои алтернативии ҳалли низоъҳои ҳуқуқӣ мебошад. Ҳалли ин масъала, ба андешаи довталаб, ҳам аз ҷиҳати ташкилӣ ва ҳам аз ҷиҳати мурофиавӣ бо роҳи аз салоҳияти судӣ хориҷ кардани баъзе категорияҳои парвандаҳои номукаммал, ки хусусияти бебаҳс доранд, бо шарти нигоҳ доштани механизми назорати минбаъдаи судӣ, рушди расмиёти пеш аз судӣ ва ғайрисудӣ (алтернативӣ, ҳакамӣ) барои ҳалли баҳсҳо имконпазир аст.

5. Рушди технологияҳои муосири иттилоотӣ дар соҳаи мурофиаи судӣ маънои пешниҳоди даъво ва шикоятҳои мурофиавиро дар шакли электронӣ дар ҳама судҳои системаи судӣ, истифодаи системаи автоматикунонидашудаи тақсимоти парвандаҳо, истифодаи видеоконфронс барои баргузории маҷлисҳои судӣ, нашри санадҳои судӣ дар сайтҳои расмии судҳо, таъсиси бойгонии электронии судӣ ва ғайраро дорад.

6. Иҷрои санадҳои судӣ ҷузъи ниҳоии ҳимояи судӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон тавассути мақомоти судӣ ва дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба роҳ монда мешавад. Ҳимояи ҳуқуқи инсон тавассути мақомоти судӣ қисми ҷудонашавандаи механизми ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон аст. Бинобар сабаб, суд воситаи муҳимтарин дар системаи барқарорсозии ҳуқуқ ва озодиҳои вайроншудаи инсон мебошад. Рушди бемайлони ҷамъияти муосир дар тамоми системаи муносибатҳои ҳокимияти давлатӣ ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро тавассути мақомоти судиро тақозо намуда, самаранокии баланди қарорҳои онро талаб мекунад.

УСИЛЕНИЕ СООТНОШЕНИЯ ЗАЩИТЫ ПРАВ И СВОБОД ЧЕЛОВЕКА ЧЕРЕЗ СУДЕБНЫЕ ОРГАНЫ И ДРУГИЕ ГОСУДАРСТВЕННЫЕ ОРГАНЫ

Ключевые слова: механизм, суд, защита, закон, человек, нормы, правопорядок, система, органы власти, прокуратура, орган внутренних дел, правосудие, конституционный суд, адвокатура.

Аннотация. В данной статье «Усиление соотношения защиты прав и свобод человека через судебные органы и другие государственные органы» автор попытался показать взаимосвязь органов разных уровней государственной власти в сфере защиты прав и свобод человека.

Одной из важнейших задач государства является обеспечение возможности реализации прав и свобод человека и гражданина, организация соответствующего механизма защиты их прав от агрессии и содействие их восстановлению.

В этом направлении немаловажную роль играют правоохранительные органы страны. В частности, защита прав человека является одной из основных задач прокуратуры, который наряду с контрольной функцией выполняет и такую важную социальную задачу, как защита прав и свобод человека и гражданина.

Также органы внутренних дел и другие государственные органы способствуют защите прав и свобод человека и гражданина.

Рахимов Сафархуджа - соискатель кафедра прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета Таджикиского национального университета. E-mail: rahimovsatarhuca@gmail.com, Тел.:(+992)903-88-88-20.

STRENGTHENING THE RATIO OF PROTECTION OF HUMAN RIGHTS AND FREEDOMS THROUGH JUDICIAL AUTHORITIES AND OTHER STATE AUTHORITIES

Keywords: mechanism, court, protection, law, human, norms, legal order, system, authorities, prosecutor's office, internal affairs authority, justice, constitutional court, advocacy

Annotation. In this article "Strengthening the ratio of protection of human rights and freedoms through judicial authorities and other state authorities" the author tried to show the connection of different levels of state authorities in the field of protection of human rights and freedoms.

One of the most important tasks of the state is to ensure the possibility of exercising the rights and freedoms of people and citizens, to organize an appropriate mechanism to protect their rights from aggression and to facilitate their restoration.

In this direction, the system of legal protection authorities of the countries contributes. In particular, the protection of human rights is one of the main tasks of the prosecutor's office, and along with the control function, it also performs an important social task, such as protecting the rights and freedoms of people and citizens.

Also, the internal affairs authorities and other state authorities contribute to the protection of the rights and freedoms of people and citizens.

Rahimov Safarhuja - candidate of the Department of Human Rights and Comparative Law of the Faculty of Law of the Tajik National University. E-mail: rahimovsatarhuca@gmail.com, Tel.:(+992)903-88-88-20

Адабиёти истифодашуда:

1.Ализода З. Суди конститутсионӣ ва мушкилоти ҳифзи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ҳисоботи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2.Бухсаева Н.М. Юридические механизмҷ заҳитҷ прав человека: Российская практика и зарубежный опыт. Международный научно-исследовательский журнал - № 2 (116) - Часть 3 - Февраль, С.50.

3.Гусева А. Л. Механизм защиты конституционных прав и свобод человека и гражданина в РФ: к постановке проблемы // Исторические, философские, политические и юридические науки, культурология и искусствоведение. Вопросы теории и практики. Тамбов: Грамота, 2010. № 1. С. 60-62.

4. Диноршоев А. М. Механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2014.С.50.

5.Қонуни ҶТ “Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон", аз 26 июли соли 2014.

6.Мирзоев С.Б Судебный конституционный контроль в Республике Таджикистан: монография. Душанбе, 2014.

7.Пятак А.А. Защита политических прав и свобод граждан органами конституционного правосудия в Российской Федерации и Соединенных Штатах Америки :Сравнительный анализ. Дисс. канд. юр. наук по спец. 12.00.02, Саратов, 2002.

8.Сотиволдиев Р.Ш. *(*Шарофзода Р.Ш.) Проблемахои назарияи давлат ва ҳуқуқ. Ҷилди 1.- 2010 ; С.484\\ Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. – Душанбе: Сино, 2018. – С. 690.

Список литературы:

1. Ализода З. Конституционный суд и проблемы защиты прав человека и гражданина в Республике Таджикистан // Доклад Уполномоченного по правам человека в Республике Таджикистан. (на таджикском языке)

2.Бухсаева Н.М. Юридические механизм зашиты прав человека: Российская практика и зарубежный опыт. Международный научно-исследовательский журнал - № 2 (116) - Часть 3 - Февраль, С.50.

3.Гусева А. Л. Механизм защиты конституционных прав и свобод человека и гражданина в РФ: к постановке проблемы // Исторические, философские, политические и юридические науки, культурология и искусствоведение. Вопросы теории и практики. Тамбов: Грамота, 2010. № 1. С. 60-62.

4. Диноршоев А.М. Механизмы защиты прав человека в Республике Таджикистан. Душанбе, 2014.- С.50. (на таджикском языке)

5. Закон Республики Таджикистан «О Конституционном суде Республики Таджикистан» от 26 июля 2014 года. (на таджикском языке)

6.Мирзоев С.Б Судебный конституционный контроль в Республике Таджикистан: монография. Душанбе, 2014.

7.Пятак А.А. Защита политических прав и свобод граждан органами конституционного правосудия в Российской Федерации и Соединенных Штатах Америки :Сравнительный анализ. Дисс. канд. юр. наук по спец. 12.00.02, Саратов, 2002.

8. Сотиволдиев Р.Ш. (Шарофзода Р.Ш.) Проблемы теории государства и права. Том 1.- 2010; С.484\\ Сотиволдиев Р.Ш. Теория государства и права. Учебник для высшего профессионального образования. – Душанбе: Сино, 2018. – С. 690. (на таджикском языке)

List of literature:

1. Alizoda Z. The Constitutional Court and the problems of protection of human and citizen rights in the Republic of Tajikistan // Report of the Commissioner for Human Rights in the Republic of Tajikistan.

2. Bukhsaeva, N.M. Legal mechanism and human rights: Russian practice and foreign experience // International research journal.- No. 2 (116) - Part 3 – February.- p. 50.

3. Guseva, A.L. Mechanism for protecting constitutional rights and freedoms of man and citizen in the Russian Federation: to the formulation of the problem // Historical, philosophical, political and legal sciences, cultural studies and art criticism. Questions of theory and practice.-Tambov: Gramota, 2010. No. 1. -pp. 60-62.

4. Dinorshoev, A. M. Human rights protection mechanisms in the Republic of Tajikistan.-Dushanbe, 2014.-P.50.

5. Law of the Republic of Tajikistan "On the Constitutional Court of the Republic of Tajikistan".-July 26, 2014.

6. Mirzoev, S.B. Judicial constitutional review in the Republic of Tajikistan: monograph.- Dushanbe,

2014.

7. Pyatak, A.A. Protection of political rights and freedoms of citizens by constitutional justice bodies in the Russian Federation and the United States of America: Comparative analysis.// Diss. PhD of Law in specialty 12.00.02, Saratov, 2002.

8. Sotivoldiev R.Sh. (Sharofzoda R.Sh.) Problems of the theory of state and law. Volume 1.- 2010. - P.484\\ Sotivoldiev R.Sh. Theory of the state and law. Textbook for institutions of higher professional education. - Dushanbe: Sino, 2018. - p. 690.

ТДУ 342.92
Шарифзода Парвини Раҳмулло,
Сардори кафедраи пешгирии ҷиноятҳои террористӣ ва таъмини бехатарии ҷамъиятии факултети №6 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, подполковники милитсия.
E-mail: Sharifzoda.parvin@mail.ru
Тел.: (+992) 918-87-79-79.

Заробидинзода Сулаймон Заробидин,
Сардори шуъбаи ташкили-илмӣ ва табъу нашри Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиноси, подполковники милитсия.
E-mail: muzafarovsz@mail.ru
Тел.: (+992) 985-51-51-82.

МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ ҲУҚУҚВАЙРОНКУНӢ ДАР СОҲАИ МУНОСИБАТҲОИ ЗӮРОВАРӢ ДАР ОИЛА

Вожаҳои калиди: муносибатҳои зӯроварӣ дар оила, ҳуқуқвайронкунӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, давлат, ҷамъият.

Аннотатсия: Дар мақола мафҳум ва моҳияти ҳуқуқвайронкунӣ дар соҳаи муносибатҳои зӯроварӣ дар оила барраси карда мешавад. Муаллифон қайд мекунанд, ки ҳифзи муносибатҳои зӯроварӣ дар оила аз таҷовузҳои ғайриқонуни манфиати ҷамъияту давлат буда, бо ноил шудан ба мақсади рушди устувору пешрав нигаронида шудааст. Функсияи ҳифзи муносибатҳои зӯроварӣ дар оила на танҳо ба мақомоти ҳокимияти иҷроия, ки субъекти асосӣ дар ин фаъолият мебошад, балки ба мақомоти қонунгузор ва судӣ ҳам дахл дорад.

Қайд намудан ба маврид аст, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» [2] ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқҳои зан ва дигар аъзои оила, пешгирӣ ва барҳам додани зӯроварӣ дар оила, ҳамчунин баҳри иҷрои талаботи шарҳи хотимавии Кумитаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба бартараф кардани табъиз (дискриминатсия) нисбат ба занон, ки тибқи он ба Ҷумҳурии Тоҷикистон қабули қонуни алоҳида доир ба ин масъала тавсия шуда буд, таҳия гардидааст.

Ҳамчунин дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун санади қувваи олии ҳуқуқидошта омадааст, ки давлат ба ҳар кас, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад. Мардон ва занон баробарҳуқуқанд [1].

Давлат як ниҳоди истисноии оммавӣ-ҳуқуқӣ буда, пеш аз ҳама дар назди шаҳрвандон вазифаҳои муайянро ба дӯш мегирад. Тасодуф нест, ки шаҳрвандӣ аз муқаррар намудани робитаи устувори сиёсию ҳуқуқӣ иборат аст, ки сохтори он вазифаҳо ва ҳуқуқҳои шаҳрвандонро дар муносибатҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ бо институтҳои давлатӣ дар бар мегирад.

Яке аз вазифаҳои давлат ҳифзи арзишҳои оилавӣ аз омилҳои манфии иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва дигар омилҳое мебошад, ки хатару таҳдидҳои бевосита доранд. Аз ин бар меояд, ки шаҳрвандон ҳуқуқ доранд ҳифзи дурусти ҳуқуқии муносибатҳои зӯроварӣ дар оиларо аз рафторҳои ғайриқонунӣ, аз ҷумла дар оила содиршуда инчунин ташкили чунин ҳифзро аз мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ талаб намоянд.

Муносибатҳои зӯроварӣ дар оила шакли муҳимтарини ҳамкории дохили оила, байни оилаҳо ва соҳаи хизматрасонӣ мебошанд, ки бо қонеъ гардонидани талаботи рӯзмарра алоқаманданд [5].

Тавре маълум аст, оила дар яке аз тафсири классикии худ ҳамчун воҳиди ибтидоии ҷамъият буда, пояи он хусусияти хусусӣ-ҳуқуқии муносибатҳои байни аъзоёнро пешбинӣ менамояд.

Дар баробари ин маълум аст, ки дар вазъияте, ки аъзоёни оила ба зӯроварӣ дар оила дучор мешаванд, дахолати мақомоти ҳифзи ҳуқуқ зарур аст. Мувозинати монанди хусусӣ ва ҷамъиятӣ дар муносибатҳои шахс, ҷамъият ва давлат асоси устувории ҳолати унсурҳои номбаршуда мебошад.

Муносибатҳои зӯроварӣ дар оила дар ҷамъияти мо маъмултарин буда аз шакли иҷтимоӣ хавфнок мебошад [8]. Ҳифзи муносибатҳои зӯроварӣ дар оила аз таҷовузҳои ғайриқонунӣ манфиати ҷамъияту давлат буда, бо ноил шудан ба мақсади рушди устувору пешрав нигаронида шудааст.

Некӯаҳволии оила ҳолати устувори институтҳои асосии иҷтимоиро таъмин менамояд, ки ҳангоми таҳияи сиёсати давлатӣ дар ин соҳа ба назар гирифта мешавад.

Дар механизми ҳифзи муносибатҳои зӯроварӣ дар оила аз таҷовузҳои зиддиҳуқуқӣ намудҳои чораҳои пешгирикунанда асосан бевосита ба субъектҳои пешгирикунанда вобастаанд.

Қайд намудан зарур аст, ки функсияи ҳифзи муносибатҳои зӯроварӣ дар оила на танҳо ба мақомоти ҳокимияти иҷроия, ки субъекти асосӣ дар ин фаъолият мебошад, балки ба мақомоти қонунгузор ва судӣ ҳам дахл дорад.

Шохаи ҳокимияти қонунгузор заминаи меъёриро ташкил медиҳад, ки мувофиқи он мақомоти иҷроия ва судӣ, инчунин мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ фаъолияти худро ба амал мебароранд. Маҳз мақомоти қонунгузори ҳокимияти давлатӣ маблағгузории чорабиниҳои пешгирикунандаро дар ин ё он самт муайян намуда, бо ҳамин заминаҳои моддиро барои ташкили минбаъдаи чорабиниҳои пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо ташкил медиҳанд.

Мақомоти ҳокимияти судӣ ваколатҳои худро оид ба ҳифзи институти оила бо роҳи баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкуниҳое, ки ба муносибатҳои зӯроварӣ дар оила халал мерасонанд тавассути назорати судӣ амалӣ менамояд.

Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар доираи салоҳияти худ бевосита, ба соҳаи иҷтимоӣ, ки тадбирҳои таҳлили вазъи муносибатҳои зӯроварӣ дар оила, назорати устувории онҳо, расонидани кӯмак ва дастгирӣ ба оилаҳо, инчунин татбиқи ваколатҳои тобеияти маъмуриро дар бар мегирад роҳбарӣ мекунад.

Ҳамин тариқ, тамоми системаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба ин ё он дараҷа ба амалигардонидани манфиати давлатӣ оид ба ҳифзи муносибатҳои зӯроварӣ дар оила аз таҷовузҳои ғайриқонунӣ ҷалб карда мешавад. Ҷалби чунин доираи васеи субъектҳо ба раванди мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкунӣ дар соҳаи зӯроварӣ дар оила ба ҷамъият хавфнокии онҳо муқаррар карда мешавад.

Алалхусус ба ҷамъият хавфнокии зӯроварӣ дар оила аз рӯи нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатӣ муайян карда мешавад. Он чизе, ки баҳодиҳии объективии ҳолати миқдории зӯроварӣ дар оилаҳоро душвор мегардонад, хусусияти ниҳонии рафтори зиддиҳуқуқӣ мебошад, дар ҳоле, ки шумораи ҷиноят ва ҳуқуқвайронкуниҳо дар оила назаррас буда, тамоюли афзоиши онҳо мушоҳида мегардад.

Тавре ки таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва адабиётҳои илмӣ нишон медиҳад, таъсири зӯроварӣ дар оила аллакай хусусиятҳои таҳдиди мустақилона ба некӯаҳволии ҷомеа ва амнияти миллӣ пайдо карда истодааст [9]. Дар чунин шароит дар назди давлат вазифа гузошта шудааст, ки маданияти ҳаёти мусбии оилавиро ба вуҷуд оварад, муносибати масъулиятнокро нисбат ба институти оила тарбия намояд, ки ин ба пурзӯр намудани пешгирии умумии рафтори ғайриқонунӣ мусоидат мекунад.

Заминаи асосии содир намудани ҷиноят дар оила ин ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар соҳаи муносибатҳои зӯроварӣ дар оила мебошад. Ба ҳуқуқвайронкуниҳое, ки дар соҳаи муносибатҳои зӯроварӣ дар оила содир мешаванд, тибқи таърифи одилонаи умумии О.А. Шелег, А.А. Гайдуков, кирдорҳои ғайриқонунӣ, ки ба ҳаёт ва саломатӣ, озодии шахсӣ, шаъну шарафи одамон, тартиботи ҷамъиятӣ халал мерасонанд, дохил мешаванд [6; 10]. М.В. Барышников ба ин таъриф номгӯи шахсонеро илова мекунад, ки дар байни онҳо низоъ ба миён меояд (онҳое, ки дар муносибатҳои никоҳӣ, оилавӣ, дӯстона, ҳамсоягӣ, бо сабабҳои хусумати шахсӣ қарор доранд) [4, с. 14.].

А.Х. Ал-Кавасмӣ бар ин назар аст, ки ин «ҳар амали аз ҷиҳати иҷтимоӣ хатарнок, амали ҷиноятии зиддиҳуқуқӣ мебошад, ки ба ҳаёт, саломатӣ ва дигар ҳуқуқу озодиҳои қонунии шахс бо ангезаҳои хонаводагӣ содир мешавад» [3].

Нуқтаи назари ҷолибро А.Н. Кокорев баён кардааст, ки аломатҳои ҳуқуқвайронкунии дорои хусусияти зӯроварӣ дар оила «муносибатҳои дарозмуддати душманона..., ки бо хоҳиши қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти шахсии худ бар зарари тарафи дигар ва аксаран бо рафтори иғвоангези ҷабрдида тавсиф мегардад» мебошад [7, с. 111].

Зарур ва ба маврид аст, ки ин мафҳумҳо бо аломатҳои хоси содир намудани ин гуна ҳуқуқвайронкуниҳо илова карда шаванд, аз ҷумла:

тамоюли доимии авҷгирӣ, эҳтимолияти баланди такрори вазъияти ғайриқонунӣ, содир кардани ҷиноят бар хилофи иродаи ҷабрдида ва ангезаи кирдор.

Ҳамин тариқ ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҳуқуқвайронкунӣ дар соҳаи муносибатҳои зӯроварӣ дар оила гуфта ин кирдори амал ё беамалии зиддиҳуқуқӣ, гунаҳкоронаи бо қонун манъшуда мебошад, ки дорои тамоюли доимӣ бошиддат ва эҳтимолияти баланди такроршавӣ, ки бар хилофи иродаи ҷабрдида содир мешаванд, ки сабаби ба вуҷуд омадани он ихтилофот ё низоъ дар соҳаи муносибатҳои оилавӣ байни шахси содиркунанда ва ҷабрдида мегардад фаҳмида мешавад

.

Муқарриз: н.и.ҳ. Шарифзода С.Ш.

ПОНЯТИЕ И СУЩНОСТЬ ПРАВОНАРУШЕНИЯ В СФЕРЕ НАСИЛЬСТВЕННЫХ ОТНОШЕНИЙ В СЕМЬЕ

Ключевые слова: насильственных отношений в семье, правонарушения, правоохранительных органов, государства, общества.

Аннотация: В статье рассматриваются понятие и сущность правонарушений в сфере насильственных отношений в семье. Авторы отмечают, что насильственных отношений в семье от противоправных посягательств является публично-правовым интересом государства, который в конечном своем итоге направлен на достижение цели стабильного и поступательного развития. Функция защиты насильственных отношений в семье распространяется не только на органы исполнительной власти, хотя она является основным субъектом в этой деятельности, но и на органы законодательной и судебной власти.

Шарифзода Парвини Рахмулло **–** начальник кафедры предупреждения террористических преступлений и обеспечения общественной безопасности факультета №6 Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, подполковник милиции**,** E-mail: Sharifzoda.parvin@mail.ru, Тел.: (+992) 918-87-79-79.

Заробидинзода Сулаймон Заробидин – начальник организационно-научного и редакционно-издательского отдела Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, подполковник милиции, E-mail: muzafarovsz@mail.ru, Тел.: (+992) 985-51-51-82.

THE CONCEPT AND ESSENCE OF OFFENSE IN THE SPHERE OF VIOLENT RELATIONSHIPS IN THE FAMILY

Key words: violent relationships in the family, crime, law enforcement agencies, state, society.

Annotation: The article examines the concept and essence of offenses in the sphere of violent relationships in the family. The authors notes that violent relationships in the family from unlawful attacks is a public legal interest of the state, which is ultimately aimed at achieving the goal of stable and progressive development. The function of protecting violent relationships in the family extends not only to the executive authorities, although it is the main subject in this activity, but also to the legislative and judicial authorities.

Sharifzoda Parvini Rakhmullo **–** head of the Department of Prevention of Terrorist Crimes and Public Safety of faculty №6 of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Candidate of Law, Police Lieutenant Colonel. E-mail: Sharifzoda.parvin@mail.ru, Тел.: (+992) 918-87-79-79.

Zarobidinzoda sulaimon zarobidin **–** head of the organizational-scientific and editorial-publishing department of the academy of the ministry of internal affairs of the republic of tajikistan, candidate of legal sciences, police lieutenant colonel. E-mail: muzafarovsz@mail.ru, Tel.: (+992) 985-51-51-82.

Адабиётҳои истифодашуда:

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016 // [Захираи электронӣ]. - Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи мурочиат: 20.02.2025).

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» аз 19 марти соли 2013 таҳти № 954 // [Захираи электронӣ]. - Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи мурочиат: 20.02.2025).

3. Ал-Кавасми А.Х. Противодействие криминальному насилию в сфере семейно-бытовых отношений: автореф. дис. … канд. юрид. наук. Бишкек, 2011. С. 26.

4. Барышников М.В. Организация деятельности участковых уполномоченных полиции по предупреждению правонарушений в сфере семейно-бытовых отношений. Учебное пособие. Орел: Орловский юридический институт МВД России, 2011. - С. 63.

5. Божедонова А.Н. Семейно-бытовые отношения в условиях реформирования России как фактор социальной политики: На материалах Республики Саха (Якутия): дис. … кан. соц. наук: 22.00.05 / Божедонова Анастасия Николаева. – М., 1999. - С. 164.

6. Гайдуков А.А. О понятии «правонарушение в сфере семейно-бытовых отношений» // Вестник Барнаульского юридического института МВД России. 2015. № 29. - С. 98-102.

7. Кокорев А.Н., Лаврентьева М.С. Организация деятельности участковых уполномоченных милиции. – Учебное пособие. М. : КНОРУС, 2010. - С. 352.

8. Попова, Ю. А. Семейно-бытовые отношения. Профилактика и борьба с алкоголизмом, и семейными дебоширами / Ю. А. Попова. - Текст : непосредственный // Молодой ученый. - 2017. - № 17 (151). - С. 185-187.

9. Равнюшкин А.В. О необходимости разработки национальной концепции профилактики семейно-бытового насилия в России // Научный вестник Омской академии МВД России. 2021. № 3 (82). - С. 226-232.

10.Шелег О.А. Особенности профилактики участковыми уполномоченными полиции преступлений и административных правонарушений, совершаемых в сфере семейно-бытовых отношений // Вестник Калининградского филиала Санкт-Петербургского университета МВД России. 2013. № 1 (31). - С. 36-39.

Использованная литература:

1. Конституция Республики Таджикистан от 6 ноября 1994 года с изменениями и дополнениями от 26 сентября 1999 года, 22 июня 2003 года и 22 мая 2016 года // [Электронный ресурс]. - Доступный источник: http://mmk.tj (дата обращения: 20.02.2025).

2. Закон Республики Таджикистан «О предупреждении насилия в семье» от 19 марта 2013 года № 954 // [Электронный ресурс]. - Доступный источник: http://mmk.tj (дата обращения: 20.02.2025).

3. Аль-Кавасми А.Х. Противодействие преступному насилию в сфере семейно-бытовых отношений: Автореф. дис. ...канд. юрид. наук. Бишкек, 2011. С. 26.

4. Барышников М.В. Организация деятельности участковых уполномоченных полиции по профилактике правонарушений в сфере семейно-бытовых отношений. Учебник. Орел: Орловский юридический институт МВД России, 2011. - С. 63.

5. Божедонова А.Н. Семейно-бытовые отношения в условиях реформирования России как фактор социальной политики: На материалах Республики Саха (Якутия): диссертация. ...канд. социол. наук: 22.00.05 / Божедонова Анастасия Николаевна. – М., 1999. - С. 164.

6. Гайдуков А.А. О понятии «правонарушение в сфере семейно-бытовых отношений» // Вестник Барнаульского юридического института МВД России. 2015. № 29. - С. 98-102.

7. Кокорев А.Н., Лаврентьева М.С. Организация деятельности участковых уполномоченных полиции. – Учебник. М. : КНОРУС, 2010. - С. 352.

8. Попова, Ю. А. Семейно-бытовые отношения. Профилактика и борьба с алкоголизмом и семейным дебоширством / Ю. А. Попова. - Текст: прямой // Молодой ученый. - 2017. - № 17 (151). - С. 185-187.

инчунин пешбинӣ менамояд, ки субъекти ҳуқуқэҷодкунанда дар асоси шартнома метавонад ба дигар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқиро супориш диҳад. Агар тибқи меъёри қисми якуми моддаи тафсиршаванда мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда ба муассиса ва ташкилотҳои тобеи худ оиди таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ супориш диҳад, мутобиқи меъёри қисми дуюм бошад, ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки дар тобеияти мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда нестанд, танҳо дар асоси шартнома бо онҳо таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқиро супориш медиҳад. Қонунгузор дар ин маврид ҳамон шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиеро дар назар дорад, ки онҳо имконияти воқеии таҳияи чунин санадҳои меъёрии ҳуқуқиро доранд. Ба инҳо олимон, мутахассисони варзидаи соҳа, институтҳои илмию таҳқиқотӣ, дигар муассисаҳои илмӣ ва ғайраҳо дохил шуда метавонанд.

Чун санади меъёрии ҳуқуқӣ муносибатҳои гуногуни ҷамъиятиро ба танзим дароварда, баъди қабул гаштан аҳамияти умумиҳатмӣ пайдо мекунад, агар он ҳаматарафа, бо назардошти фикру мулоҳизаҳои ҳарчи бештари мутахассисон ва аҳли ҷамоатчигӣ қабул карда шавад, он ҳамон қадар бештар ба рушди ҷомеа, танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, таҳкими давлати ҳуқуқбунёд мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, қисми 3 моддаи тафсиршаванда пешбинӣ менамояд, ки мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда метавонад таҳияи алтернативии лоиҳаро ба якчанд мақомот, муассиса, ташкилот ва шахсон супорад ё бо онҳо шартнома бандад, инчунин барои лоиҳаи беҳтарин озмун эълон намояд.

Тартиби таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ се даврароро дарбар мегирад:

1) корҳои ташкилӣ, ки барои таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ анҷом дода мешаванд;

2) таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ;

3) муҳокима, такмил додан ва мувофиқа кардани лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ [1, с. 53].

Бо қарори мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда ё мақомоти дорои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ барои таҳия ё такмили лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ мумкин аст аз ҳисоби намояндагони мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, муассисаҳои илмӣ, ташкилотҳои дигар ва олимони алоҳида гурӯҳи корӣ таъсис дода шавад. Гурӯҳи корӣ лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқиро мутобиқи нақшаи тасдиқгардида таҳия менамояд (моддаи 59 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ») [2].

Таҷрибаи таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ собит месозад, ки ба танзим даровардани муносибатҳои ҷамъиятӣ дар ин ё он соҳа, муқаррар намудани меъёрҳои танзимкунандаи ҳуқуқу вазифаҳо, салоҳияту ваколати мақомоти дахлдор, такмили санадҳои амалкунанда ё таҳияи лоиҳаи нави санади меъёрии ҳуқуқӣ кори басо душвор ва пурмасъулият буда, дар аксар ҳолатҳо истифодаи неруи дастаҷамъонаро талаб мекунад. Аз ин рӯ, Қонуни болозикр барои таҳия ё такмили санади меъёрии ҳуқуқӣ таъсис додани гурӯҳи кориро пешбинӣ менамояд.

Бояд зикр намуд, ки танҳо парлумон салоҳияти қабули қонунҳоро дорад. Қонунро метавон санади эътибори олии ҳуқуқидошта ҳисобид, ки он аз ҷониби мақомоти намояндагии махсуси ваколатдор бо тартиби махсуси расман муайяншуда қабул гардида, муносибатҳои муҳимтарини ҷамъиятиро танзим менамояд. Ҳангоми баррасии хусусиятҳои асосии қонун, ки нақши махсуси онро дар низоми қонунгузорӣ муайян мекунанд, метавон қайд намуд, ки қонун муҳимтарин муносибатҳои ҷамъиятиро ба танзим медарорад ва барои танзими муносибатҳои ҳуқуқии аҳли ҷомеа нақши ҳалкунанда дорад.

Дар баробари ин, дар раванди қонунгузорӣ, то қабули лоиҳаи қонун дар қироати аввал аз ҷониби субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ҳуқуқ дода мешавад, ки бо пешниҳоди кумита матни қонунро тағйир диҳад ва ё дар асоси аризаи хаттӣ лоиҳаи қонунро бозпас гирад. Мо чунин мешуморем, ки дар амалияи коргузории раванди қонунгузории Маҷлиси намояндагон кумитаи масъул барои дар муҳлати муайян таҳия намудани лоиҳаи қонунҳо барои муҳокима дар қироати якум аз тамоми имкониятҳо барҳӯрдор мебошад.

Ҳамин тавр, дар раванди қонунгузорӣ тақдири лоиҳаи қонун ба фаъолияти кумитаи масъул алоқамандии бевосита дорад.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон дар раванди қонунгузорӣ аз рӯи масъалаҳое, ки ба салоҳияти онҳо тааллуқ доранд, омодагӣ ва баррасии пешакии лоиҳаи қонунҳоро ба итмом расонида фаъолияти пурсамарро анҷом медиҳанд, муҳокимаҳои парлумониро дар палатаҳо ташкил мекунанд, масъалаҳои ташкили фаъолияти онҳоро ҳал мекунанд, дар ин раванди қонунгузорӣ гурӯҳҳои корӣ таъсис дода мешавад. Кумитаи масъул метавонад лоиҳаи қонунҳоро барои додани хулоса, эродҳо ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, субъектҳои ҳуқуқуи ташаббуси қонунгузорӣ ва мақомоти дигар фиристад. Хулоса, эродҳои пешниҳодшудаи вакилони Маҷлиси намояндагон ва дигар субъектҳои ҳуқуқи

ташаббуси қонунгузорӣ бояд дар маҷлиси кумитаи масъул баррасӣ карда шаванд.

Дар баланд бардоштани сифати кори раванди қонунгузории парлумон кумитаҳои палатаҳо нақши калон мебозанд. Ҳамчунин гурӯҳҳои хурд, кумитаҳо аксаран метавонанд ба мисли як бахши муассир барои баррасии муроҷиатҳои шаҳрвандон, гурӯҳҳои манфиатдор, амал кунанд. Ин маънои онро дорад, ки кори кумитаҳо то андозае хусусияти ошкорбаёнӣ дорад (чӣ бо роҳи гузаронидани маҷлисҳои дарҳои кушод ва ё чӣ бо интишори нашрияҳо ва ҳисоботи худ).

Дар раванди қонунгузорӣ қабули муҳокимаи лоиҳаи қонунҳо дар кумитаҳо ба таври ошкоро сурат мегирад, дар ин маврид намояндаи субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, ки лоиҳаи қонунро пешниҳод кардааст даъват гардида, мазмуни он дар дар васоити ахбори омма нашр мешавад. Ҳар як вакили Маҷлиси намояндагон, аъзои Маҷлиси миллӣ, Ёрдамчии Президент оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ-намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, инчунин намояндагони мақомоти давлатӣ, дигар ташкилотҳо, лоиҳаи қонуне, ки барои пешниҳод ва эродҳо ба Маҷлиси намояндагон фиристода шудааст, ҳуқуқ дорад дар ҷаласаҳо, кумитаҳои масъул ҳангоми баррасии лоиҳаи қонун иштирок намоянд.

Ин давраи раванди қонунгузориро васеъ мекунад, зеро иштироккунандагон дар муҳокимаи лоиҳаи қонун бо тайёрии хуб ҳозир мешаванд. Дар ин маврид бояд қайд намуд, ки ҳангоми қабули лоиҳаи қонун дар қироати якум дар Маҷлиси намояндагон субъектҳо метавонанд (ё имконият доранд) фикри худро баён кунанд, эрод ва пешниҳодҳои худро ироа намоянд.

Дар раванди қонунгузорӣ кумита барои такмили лоиҳаи қонун аз ҳисоби аъзои кумита, инчунин дигар вакилони Маҷлиси намояндагон, намояндагони субъекти дахлдори ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, намояндагони мақомоти давлатӣ, экспертҳо ва мутахассисон ҳайати корӣ ташкил менамояд.

Яке аз муҳиммияти раванди қонунгузории Маҷлиси намояндагон дар он аст, ки бо қарори кумитаи дахлдор лоиҳаи қонун барои гирифтани хулосаву таклиф ва эродҳо, инчунин барои экспертизаи илмӣ ба мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо, муассисаҳои илмӣ фиристода мешавад. Бояд қайд кард, ки лоиҳаи қонун ва маводи ба он замимашавандаро фраксияҳо ва гурӯҳҳои вакилӣ низ баррасӣ менамоянд.

Дар раванди қонунгузорӣ такмили лоиҳаи қонун дар кумитаи масъул бо додани хулосаи асоснок оид ба зарурати қабул ё баргардонидани он анҷом дода мешавад. Ҳангоми қироати якуми лоиҳаи қонун [3] диққати асосӣ ба муҳокимаи муқаррароти асосии он, консепсияи лоиҳаи қонун, баҳодиҳии мутобиқати муқаррароти асосии лоиҳа ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъалаи зарурати қабули он, муҳиммият ва аҳаммияти амалии он нигаронида мешавад.

Дар раванди қонунгузорӣ муҳокима бо маърузаи субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, ки лоиҳаи қонунро ба миён гузоштааст, оғоз гардида, баъдан гузориши муштараки кумитаи масъул шунида шуда, дар заминаи он мубоҳиса сурат мегирад. Дар охир аз рӯйи лоиҳаи қонун бо дарназардошти ҳамаи эродҳо ва таклифҳои баёншуда қарор қабул мешавад.

Аз амалияи ин раванди қонунгузорӣ роҳҳои зерини баррасии он ба миён меояд: лоиҳаи қонунро дар қироати якум қабул намуда, бо дарназардошти таклифу мулоҳизаҳои баёншуда фаъолияти худро идома медиҳад, қонунҳоро бармегардонад, қабули қонунҳоро ба роҳ мемонад. Дар сурати баргардонидани лоиҳаи қонун он дигарбора баррасӣ карда намешавад ва он ба субъекти ташаббуси қонунгузор баргардонида мешавад. Дар Дастури Маҷлиси намояндагон пешниҳоди лоиҳаи қонуни алтернативӣ пешбинӣ шуда, ин тарҳ ба таври умумӣ баррасӣ мешавад. Пешниҳоди лоиҳаи қонунҳо роҳи маъмул ва таъсиргузори сиёсӣ ба раванди қонунгузорӣ мебошад ва лоиҳаи алтернативии қонунҳо барои расидан ба чунин ҳадафҳо, аз қабили ҳавасмандгардонӣ, суръат бахшидан ё ба даст овардани ташаббус дар баррасии масъалаҳои алоҳидаи танзими раванди қонунгузорӣ, монеъ шудан ва ё ба таври назаррас боздоштани равандҳои баррасии лоиҳаи қонунҳо; воридсозии минбаъдаи ҳатмии муқаррароти муайяни қонунгузорӣ ва меъёрҳо дар қироати якум роҳандозӣ карда мешавад.

Боиси қайд аст, ки бештар вақт тағйиру иловаҳо бо сабаби риоя накардани техникаи қонунгузорӣ ба миён меояд. Қабули қонун маънои онро надорад, ки вакил танҳо бояд «ҳа» ва ё «не» овоз диҳанд. Қабули қонун набояд танҳо иродаи вакилон дар шакли овоздиҳии «ҳа» ва ё «не» ифода гардад. Қабули қонун бодиққат омӯхтан, баррасӣ, таҳия ва муҳокимаи лоиҳаи қонунро давра ба давраро талаб мекунад ва дар ин раванд, пеш аз ҳама, ба техникаи қонунгузорӣ риоя бояд кард. Дар замони имрӯза талаботи ҷомеаи муосир

ин такмили техникаи қонунгузорӣ мебошад ва бояд ба он аҳамияти ҷиддӣ дод [4, с. 124].

Усули раванди қонунгузорӣ меъёри асосии сифат ва самарабахшии қонун мебошад. Ин нуқта дар гуфтаҳои олимон М.З. Раҳимов ва А.Р. Нематов чунин қайд гардидааст: «агар дар рафти раванди қонунгузорӣ қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мутобиқи талаботи техникаи қонунгузорӣ таҳия, нашр ва мавриди амал қарор дода шаванд, дар ин ҳолат иҷрои қонун бо сифати баланд ба роҳ монда мешавад» [5, с. 13].

Аммо дар раванди қонунгузорӣ техникаи қонунгузории қабули қонуни конститутсионӣ, қонун ва кодексҳо дар шакли мукаммал, инчунин техникаи раванди қонунгузории тартиби ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои ҳуқуқиро бояд фарқ кард. Ба ин масъала дар яке аз паёмҳои худ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд карданд, ки «ҳангоми таҳияи лоиҳаи қонун бояд ба техникаи қонунгузорӣ диққати махсус дода шавад, яъне дар маҷмуъ он сифати баланди қонунро инъикос менамояд» ва дар ин замина он тағйироте, ки ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ – Қонун ворид карда мешаванд, бояд асоснок бошанд.

Аз тарафи олими тоҷик А. Имомов ба суханони аз ҷониби Президент, ки дар паёми худ ба Маҷлиси Олӣ зикр шудааст, оид ба камбудиҳо, дар бораи ихтилофи меъёрҳои қонунҳои қабулшуда, номутобиқатӣ дар сохтори онҳо, танзими муносибатҳои ҷамъиятие, ки такмилталаб боқӣ мемонад, саривақти диққат дода шуда [6, с. 102], қайд шудааст, ки бешубҳа, эродҳо барои такмили минбаъдаи раванди қонунгузории Маҷлиси Олӣ аҳаммияти калон доранд.

Дар асоси ин андешаронихо метавон қайд намуд, ки барои таҳия ва такмили раванди қонунгузорӣ омӯзиши амалияи қонунгузории давлатҳои хориҷӣ зарур аст. Ба андешаи олимони тоҷик А.Ғ. Холиқзода ва Ҷ.М. Зоир, ташаккули босуръати раванди қонунгузорӣ дар тамоми соҳаҳои ҳуқуқ маънои онро дорад, ки қабули қонунҳои асосии дорои хусусияти инфиродиву оммавӣ ва мурофиавии моддӣ, инчунин як қатор қонунҳои дигари муҳим, ки муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи муносибатҳои молиявию қарзӣ ва шаклҳои ташкилию ҳуқуқии шахсони ҳуқуқӣ ба танзим медароранд, анҷом пазируфта, ин омил аз пурзӯр шудани фаъолияти қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодат медиҳад [7, с. 284].

Дар давоми зиёда аз 31 соли амалкарди Конститутсияи нав асосҳои нави раванди қонунгузории муосир ба вуҷуд омаданд, ки онҳо ба танзими муносибатҳои нави ҷамъиятӣ нигаронида шудаанд. Бо дарназардошти ин, муҳаққиқон А.Ғ. Холиқзода ва Ҷ.М. Зоир қайд мекунанд, ки дигар барои қонунгузорон зарурати суръат бахшидани фаъолияти қонунэҷодкунӣ намондааст.

Агар санади меъёрӣ танҳо тасдиқ шуда бошад, вале барои шиносоӣ бо мазмуни он шароити воқеӣ муҳайё нагардида бошад, он гоҳ раванди иҷроиши қонунро анҷомёфта ҳисоб кардан мумкин нест. Чунон ки А.С. Пиголкин дуруст қайд кардааст, интишор марҳилаи зарурии ташаккули давлат аст, ки дар қонун иродаи умум ҳатмӣ ифода ёфтааст. Охиринро пурра мураттаб шумурдан мумкин нест, агар иҷрокунандагон имкони эътирофи онро надошта бошанд. Эҷоди санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ба итмом расидани иродаи давлат ворид намудани чунин санадро ба системаи умумии танзими ҳуқуқӣ ва таъсири воқеии онро пешбинӣ мекунад. Ин бидуни расман ба таваҷҷуҳи иҷрокунандагон расонидани дастури он ғайриимкон аст [8, с.10].

Проблемаи дастрасӣ ва ошкорбаёнии қонунгузорӣ инчунин аз он сабаб аҳамияти хоса пайдо мекунад, ки имрӯз сохторҳои гуногуни тиҷоратӣ бештар ба сифати «иттилоотрасон»-и қонунгузорӣ баромад мекунанд, ки на ҳамеша имкони додани маълумоти мукаммал ва боэътимодро дар бораи қонунҳо доранд [9, с. 89].

Ба андешаи А.С. Пиголкин розӣ шудан душвор аст, ки дар шароити муосир, ки бо мураккабию гуногунии танзими ҳаёти иҷтимоӣ хос аст, мавҷудияти як санади меъёрии ҳуқуқии аслии танзими самарабахши соҳаи дахлдори муносибатҳоро таъмин карда наметавонад. Барои ин ба мо як қатор нусхаҳои такрорӣ лозим аст, ки аҳамияти расмӣ доранд. Бе онхо эҷоди санадҳои меъёрии ҳуқуқиро пурра ҳисоб кардан мумкин нест. Санади меъёрии ҳуқуқӣ дар ҳолати мавҷуд набудани матнҳои расмии ба нусхаи аслӣ воқеан эътиборнок буда наметавонад. Интишори расмии санади нав қабулшуда хосиятҳои ҳаққонияти нусхаҳои дуюмдараҷаи (дубликатҳои) ин санадро таъмин мекунад.

Мақсади интишори расмӣ хабар додан дар бораи қонунгузории нав қабулшуда буда, ба ҳама шаклҳои дигари эълони ғайрирасмӣ хос аст. Аммо, нашрияи расмӣ, илова бар ин, ба таври муътадил тасдиқ мекунад, ки санади муайян қабул шудааст ва эътибор дорад. Нашрияи расмӣ нишон медиҳад, ки матни дар нашрияи расмӣ нашршуда нусхаи расмии нусхаи аслӣ, нусхаи дақиқи он мебошад [10, с. 10-11].

Интишори расмии санади меъёрии ҳуқуқӣ, дурусттараш санаи интишори расмии он барои

муайян кардани муҳлате, ки барои эътибор пайдо кардани ин санад муқаррар шудааст, муҳим аст. Қонунгузор метавонад қоидаи умумиеро муқаррар намояд, ки мувофиқи он санади меъёрии ҳуқуқӣ пас аз муҳлати муайян аз лаҳзаи интишори расми эътибор пайдо мекунад ё дар худи санад санаи эътибор пайдо кардани онро нишон медиҳад [11, с. 11].

Муҳаққиқони ватанӣ М.З. Раҳимзода ва А.Р. Нематов зикр менамоянд, ки марҳилаи охирини амалигардонии техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ин интишори санади меъёрии ҳуқуқии қабулгардида мебошад. Интишори расмии матни санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулгардида яке аз шартҳои асосии ба эътибори ҳуқуқӣ даромадани он мебошад [12, с. 77].

Ҳадаф аз интишори расмии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба эътибори омма расонидани мундарҷаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад. Аз ин рӯ дар ҳар як санади меъёрии ҳуқуқии қабулшаванда чун қоида модда ё банди алоҳидае пешбинӣ мегардад, ки он тартиби мавриди амал қарор додани ин санади меъёрии ҳуқуқиро муайян мекунад. Ин тартиб асосан барои ҳамаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ якхела буда, пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор додани онро муқаррар мекунад. Дар баробари ин ҳолатҳое ҳам мушоҳида мегарданд, ки мавриди амал қарор додани баъзе қисмҳои таркибии санади меъёрии ҳуқуқӣ ба муҳлатҳои дигар гузаронида мешаванд.

Нашри қонун маънои интишори матни онро дар нашрияи расмии муқарраршуда дорад, ки дар он шакли пурраи қонун пешниҳод мегардад. Зимни ироаи яке аз аввалин паёмҳо ба Маҷлиси Олӣ, Президенти мамлакат таъкид намуданд, ки «Қабули қонунҳои хуб ин ҳанӯз оғози кор аст. Бисёр муҳим аст, ки қонунҳои қабулшуда қатъиян иҷро шаванд. Бо ин қонунҳо шинос будани шаҳрвандони кишвар зарур аст. Воситаҳои ахбори умум бояд онҳоро сари вақт ба маълумоти омма расонанд» [13].

Дар айни замон манбаи расмии интишори санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танҳо васоити ахбори омма мебошанд. Ҳамин тариқ, мувофиқи моддаи 65 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» сарчашмаи расмии интишори санадҳои қонунгузорӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон рӯзномаҳои «Ҷумҳурият», «Садои мардум», «Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Феҳристи ягонаи давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошанд.

Дар натиҷаи таҳлили мавзуи мазкур чунин хулосаҳои назариявию амалиро пешниҳод кардан мумкин аст:

1. Бо назардошти омӯзиши андешаҳои мухталифи олимон пешниҳод менамоем, ки техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ин маҷмуи восита ва усулҳои таҳия, қабул ва мавриди амал қарор додани санади меъёрии ҳуқуқӣ мебошад, ки санади меъёрии ҳуқуқии қабулшуда, дар маҷмуъ соҳаи қонунгузориро ташкил медиҳад. Ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ аз омодасозии лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ оғоз меёбад. Лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ дорои хусусиятҳое мебошад, ки дар марҳилаи муайяни ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ аз таҳия, пешниҳод ба мақоми қонунгузорӣ, муҳокима, мувофиқакунонӣ ва қабулро мегузарад.

2. Дар моддаи 2 Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мафҳуми фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ муқаррар гардидааст, (**фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ** – фаъолияти расмии субъекти ҳуқуқэҷодкунанда оид ба таҳия, қабул, интишор ва қатъи амали санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ) бахшида шудааст. Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ворид намудани тағйиру иловаҳо, мураттабсозӣ, мавриди амал қарор додан, тафсир ва боздошти санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар бар нагирифтааст, зеро ин фаъолияти субъекти қонунгузорӣ мебошад. Аммо, дар мафҳуми техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ, ки дар қонуни мазкур муқаррар шудааст, ба мафҳуми фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ мухолифат менамояд. Аз ин лиҳоз, ҷиҳати бартараф намудани мухолифати мазкур мафҳуми «фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ» дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- **фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ** – фаъолияти расмии субъекти ҳуқуқэҷодкунанда оид ба таҳия, қабул ва мавриди амал қарор додани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;».

3. Дар асоси таҳқиқоти гузаронида ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҷиҳати рушди қонунгузории ҶТ ва мутобиқ намудан ба талаботи замон, Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии

ҳуқуқӣ» бо мақсади ҷудо намудани меъёрҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ аз техникаи қонунгузорӣ дар таҳрири нав қарор дода шавад. Зеро, дар Қонуни мазкур унсурҳои таркибии техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ аз тахникаи қонунгузорӣ ҷудо карда нашудааст.

4. Бо мақсади рушди қонунгузорӣ ва ба талаботи замони муосир мутобиқ намудани санадҳои қонунгузории кишвар, тағйиру иловаҳо ба моддаи 2 Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» оид ба ҷудо кардани меъёрҳои «техникаи қонунгузорӣ» аз меъёрҳои «техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ» ворид карда шавад:

«- **техникаи қонунгузорӣ** – қоидаҳои ворид намудани тағйиру иловаҳо, мурратабсозӣ, тафсир, интишор, мавриди амал қарор додан, боздоштан ва қатъи амали санадҳои қонунгузорӣ;

- **техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ** – қоидаҳои таҳия, қабул ва мавриди амал қарор додани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;».

Муқарриз: н.и.ҳ. Сайнозимзода Ф.С.

ЮРИДИЧЕСКАЯ ТЕХНИКА СОСТАВЛЕНИЯ, ПРИЕМА И ПУБЛИКАЦИИ НОРМАТИВНО-ПРАВОВЫЕ АКТЫ

Ключевые слова: Конституция РТ; нормативные правовые акты; правотворческая техника; законодательный процесс; разработка проекта; правотворческий орган; законодательство; обсуждение законопроектов.

Аннотация: В данной статье рассматривается вопрос о законодательной технике, которая является неотъемлемой частью юридической техники, подвергается научному анализу. В связи с разработкой, принятием и публикацией нормативных правовых актов и составлением законодательства в статье были использованы мнения отечественных ученых, а также конкретные предложения по совершенствованию законодательства в данной статье. Авторы смогли правильно проанализировать правовую технику разработки, принятия и публикации нормативно-правовых актов в процессе разработки проектов.

Сабурзода Наврӯзи Мирзоалӣ – главный специалист отдела законодательства по государственному устройству, судебным органам и правоохранительной деятельности Национального законодательного центра при Президенте Республики Таджикистан. E-mail: navruz.saburzoda@mail.ru Тел.: (+992) 901-15-01-10.

Холализода Анораи Сироджиддина – главный специалист отдела кадров и управления Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан. E-mail: kholalizoda@mail.ru Тел.: (+992) 00-333-42-10.

LEGAL TECHNIQUE OF COMPILATION, RECEPTION AND PUBLICATION REGULATORY LEGAL ACTS

Keywords: The Constitution of the Republic of Tatarstan; normative legal acts; law-making technique; legislative process; draft development; law-making body; legislation; discussion of draft laws.

Annotation: This article examines the issue of legislative technique, which is an integral part of legal technique and is subject to scientific analysis. In connection with the development, adoption and publication of regulatory legal acts and the drafting of legislation, the article used the opinions of domestic scientists, as well as specific proposals for improving legislation in this article. The authors were able to correctly analyze the legal technique of developing, adopting and publishing normative legal acts in the process of project development.

Saburzoda Navruz Mirzoali - is the chief specialist of the department of legislation on state structure, judicial bodies and law enforcement activities of the National Legislative Center under the President of the Republic of Tajikistan. Email: navruz.saburzoda@mail.ru Tel.: (+992) 901-15-01-10.

Kholalizoda Anorai Sirojiddin – is the chief specialist of the personnel and management department of the National Center for Legislation under the President of the Republic of Tajikistan. E-mail: kholalizoda@mail.ru Tel.: (+992) 00-333-42-10.

Рӯйхати адабиёт:

1. Раҳимзода М.З., Нематов А.Р. Техникаи қонунгузорӣ. – Душанбе: «Бухоро», 2016. – 231 с.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 30 майи соли 2017, №1414 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 15.03.2025).

3. Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 ноябри соли 2001, №437 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 15.03.2025).

4. Имомов А. Таҳкими давлатдорӣ дар таъсиси ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон. – Душанбе, 2003. – 143 с.

5. Раҳимов М.З., Нематов А.Р. Техникаи қонунгузорӣ. – Душанбе: «Шуҷоиён», 2011. – 192 с.

6. Имомов А. Проблемаҳои мубрами ҳуқуқи парламентии ҶТ. – Душанбе: «Сифат-Офсет», 2020. – 292 с.

7. Холиқзода А.Г., Маҷидзода Ҷ.З., Одиназода Р.С. Ҳуқуқи инсон ва рушди ҳуқуқии конститутсионии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019. – 239 с.

8. Нашри санадҳои меъёрӣ / Отв. таҳрири А.С. Пиголкин. – М., 1978. – 168 с.

9. Абрамова А.И., Раҳманина Т.Н. Нашри санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ: ҷанбаи иттилоотӣ-ҳуқуқӣ // Маҷаллаи ҳуқуқи русия. – 1998. – №10/11. – С. 89-100.

10. Нашри санадҳои меъёрӣ / Отв. таҳрири А.С. Пиголкин. – М., 1978. – 168 с.

11. Сидельников И.П. Мушкилоти дастрасии қонунгузории шӯравӣ: автореф. дис. ... канд. ҳуқуқшинос. илмҳои илмӣ. – Киев, 1985. – 27 с.

12. Раҳимзода М.З., Нематов А.Р. Техникаи қонунгузорӣ. – Душанбе: «Бухоро», 2016. – 231 с.

13. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2001. – [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.prezident.tj/node/15126 (санаи мурочиат: 15.03.2024).

Список литературы:

1. М. РахимзодаЗ., Нематов А.Р. Техника законодательства. – Душанбе: «Бухара», 2016. – 231 с.

2. Закон Республики Таджикистан «О нормативных правовых актах» от 30 мая 2017 года №1414 // Централизованная информационно-правовая база данных РТ «Юстиция». Форма 7.0. [Электронная резервная копия]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 15.03.2025).

3. Директива Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 7 ноября 2001 года, №437 // Централизованная информационно-правовая база данных РТ «Юстиция». Форма 7.0. [Электронная резервная копия]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 15.03.2025).

4. Имомов А. Укрепление государственности в создании гражданского общества в Таджикистане. – Душанбе, 2003. – 143 с.

5. Рахимов М.З., Нематов А.Р. Техника законодательства. – Душанбе: «Шуджоян», 2011. – 192 с.

6. Имомов А. Актуальные проблемы парламентского права РТ. – Душанбе: «Сифат-Офсет», 2020. – 292 с.

7. Холиқзода А.Г., Маджидзода ДЖ.З., Одиназода Р.С. Права человека и конституционное правовое развитие Таджикистана. – Душанбе, 2019. – 239 с.

8. Опубликование нормативных актов / Отв. ред. А.С. Пиголкин. – М., 1978. – 168 с.

9. Абрамова А.И., Рахманина Т.Н. Опубликование нормативно-правовых актов: информационно-правовой аспект // Журнал российского права. – 1998. – №10/11. – С. 89-100.

10. Опубликование нормативных актов / Отв. ред. А.С. Пиголкин. – М., 1978. – 168 с.

11. Сидельников И.П. Проблемы доступности советского законодательства: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Киев, 1985. – 27 с.

12. Рахимзода М.З., Нематов А.Р. Техника законодательства. – Душанбе: «Бухара», 2016. – 231 с.

13. Послание Президента Республики Таджикистан членам Маджлиси милли и депутатам Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 30 апреля 2001. – [Электронная резервная копия]. Источник доступа: http://www.prezident.tj/node/15126 (дата обращения: 15.03.2024).

List of literature:

1. M. Rakhimzodaz, Nematov A.R. Technique of legislation. – Dushanbe: «Bukhara», 2016. – 231 p.

2. The Law of the Republic of Tajikistan «On regulatory legal acts» dated May 30, 2017 No. 1414 // Centralized information and legal database of the Republic of Tajikistan «Justice». Form 7.0. [Electronic backup copy]. Access source: URL: http://www.adlia.tj (date of reference: 03/15/2025).

3. Directive of the Majlisi Namoyandagon of the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan dated November 7, 2001, No. 437 // Centralized information and legal database of the Republic of Tajikistan «Justice». Form 7.0. [Electronic backup copy]. Access source: URL: http://www.adlia.tj (date of reference: 03/15/2025).

4. Imomov A. Strengthening statehood in the creation of civil society in Tajikistan. – Dushanbe, 2003. – 143 p.

5. Rakhimov M.Z., Nematov A.R. Technique of legislation. Dushanbe: «Shujoyan», 2011. 192 p.

6. Imomov A. Actual problems of parliamentary law of the Republic of Tatarstan. – Dushanbe: «Sifat-Offset», 2020, 292 p.

7. Kholikzoda A.G., Majidzoda J.Z., Odinazoda R.S. Human rights and constitutional legal development of Tajikistan. – Dushanbe, 2019. – 239 p.

8. Publication of normative acts / Ed. by A.S. Pigolkin, – M., 1978, 168 p.

9. Abramova A.I., Rachmanina T.N. Publication of normative legal acts: information and legal aspect // Journal of Russian Law. – 1998. – No. 10/11. – P. 89-100.

10. Publication of normative acts / Ed. by A.S. Pigolkin. – M., 1978. – 168 p.

11. Sidelnikov I.P. Problems of accessibility of Soviet legislation: abstract of the dissertation of the cand. jurid. sciences'. – Kiev, 1985. – 27 p.

12. Rakhimzoda M.Z., Nematov A.R. Technique of legislation. – Dushanbe: «Bukhara», 2016. – 231 p.

13. Message of the President of the Republic of Tajikistan to the members of the Majlisi Milli and deputies of the Majlisi Namoyandagon of the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan dated April 30, 2001. – Electronic backup copy]. Access source: http://www.prezident.tj/node/15126 (date of request: 03/15/2024).

ТДУ: 347.961
Иброҳимов Наимҷон,
докторант (PhD)-и факултети ҳуқуқшиносии
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
Тел.: (+992) 981-06-00-29

МАФҲУМИ НОТАРИАТ ВА МАВҚЕИ ОН ДАР НИЗОМИ МАҚОМОТИ ДАВЛАТӢ: ТАҲЛИЛИ ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВӢ-ҲУҚУҚӢ

Калидвожаҳо: нотариат, нотариати давлатӣ, низоми нотариати давлатӣ, фаъолияти ноариалӣ, амалиёти нотариалӣ, нотариуси давлатӣ, вазифаҳои нотариати давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, муомилоти маданӣ, ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ, нотариус.

Аннотатсия. Нотариат дар ҳар як давлат нақши муҳим дошта, ба зиммаи он вазифҳои муҳим, ба монанди ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ тавассути анҷом додани амалиёти нотариалӣ вогузор шудааст. Дар қонунгузорӣ ва назарияи ҳуқуқшиносӣ оид ба мафҳум ва мавқеи нотариат дар низоми мақомоти давлатӣ мавқеи ягона ҷой надорад. Дар ин замина, мақолаи мазкур ба таҳлили илмии мафҳуми нотариат ва назарияҳои дар ин самт ҷойдошта бахшида шудааст.

Масъалаи мафҳуми «нотариат» дар сарчашмаҳои меъёрӣ инъикоси зарурӣ наёфтааст ва на дар адабиёти илмӣ диққати зарурӣ гирифтааст. Вазъияте, ки дар он ин истилоҳ баъзан категорияҳои гуногунро дар назар дорад, аз дараҷаи пасти азхудкунии илмии ин самт шаҳодат медиҳад ва барои истифодаи нодурусти қонунгузорӣ дар бораи нотариат заминаҳои табиӣ фароҳам меорад. Масалан, сухан дар бораи тамоюли ташаккули тасаввурот дар шуури ҷамъиятӣ дар бораи нотариат ҳамчун навъи фаъолияти тиҷоратӣ меравад.

Калимаи «нотариат» аз лотинии «notarius» гирифта шудааст, ки маънои «нависанда, кӯтоҳнавис, котиб»-ро дорад [2, с.48]. Дар қонунгузории ҶТ таърифи мафҳуми «нотариат» вуҷуд надорад.

Дар қонунгузорӣ ба ҷойи муайян кардани мафҳуми нотариат ҳадафи он – ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқӣ бо роҳи анҷом додани амалиёти нотариалӣ нишон дода шудааст.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ нотариатро ба таври анъанавӣ аз се ҷиҳат баррасӣ мекунанд: а) ҳамчун як падидаи ҳуқуқӣ, ки барои таъмини устувории муомилоти маданӣ, инчунин ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ тавассути анҷом додани амалиёти нотариалӣ [11, с.607]; б) ҳамчун низоми амалиётҳои нотариалӣ [10, с.7]; в) ҳамчун низоми мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор, ки ба зиммаи онҳо вазифаҳо оид ба тасдиқи ҳуқуқу далелҳои бечунучаро, тасдиқи ҳуҷҷатҳо, хулосаҳо аз онҳо, додани қувваи иҷроия ба ҳуҷҷатҳо ва иҷрои дигар амалҳои пешбининамудаи қонун бо тартиби пешбининамудаи қонун бо мақсади таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ, ки бо қонун ҳифз карда мешаванд, вогузор карда шудаанд [5, с.544].

Равишҳои аввали зикршуда танҳо ҳамчун яке аз ҷанбаҳои имконпазири баррасии мафҳуми «нотариат» иборат аст. Инчунин маълум аст, ки нотариат ба низоми меъёрҳои ҳуқуқӣ маҳдуд намешавад, зеро он амалияи татбиқи ҳуқуқ, шахсони мансабдор ва мақомоти фаъолияти нотариалиро дар бар мегирад.

Агар нотариат дар маънои маҳдуд ҳамчун низоми амалҳо баррасӣ карда шавад, пас амалҳои асосии нотариусҳо дар моддаи 32 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нотариати давлатӣ» муайян карда шудаанд. Ба андешаи мо, ин равиш мазмуни мафҳуми «нотариат»-ро пурра инъикос намекунад ва танҳо бо танзими мурофиавии амалҳои дахлдор маҳдуд аст. Дар доираи ин равиш мақоми ташкилию ҳуқуқии нотариусҳо ва дигар субъектҳои фаъолияти нотариалӣ, мақомоти идоракунии нотариат боқӣ мемонад.

Агар нотариат низоми мақомоти ваколатдор бошад, пас муайян кардан лозим аст, ки кӣ ба он дохил мешавад. Мувофиқи моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нотариати давлатӣ» **нотариати давлатӣ** ин сохтори мақомоти давлатӣ аст, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва давлатро бо роҳи ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ ҳифз менамояд. Ба низоми нотариат ҳам нотариусҳои давлатӣ ва ҳам шахсони мансабдори дигар дохил

мешаванд, ки барои онҳо фаъолияти нотариалӣ танҳо вазифаи иловагӣ мебошад. Аз ин рӯ, нотариат ҳамчун низоми мақомот ва шахсони мансабдор – нотариусҳои давлатӣ, шахсони мансабдори ваколатдори мақомоти худидоракунии маҳаллӣ; шахсони мансабдори ваколатдори намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулӣ.

Баъзе муаллифон нотариатро ҳамчун мақоме муайян мекунанд, ки фаъолияти юрисдиксиониро дар соҳаи муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ амалӣ мекунад [8, с.20].

В.В. Головко чунин мешуморад, ки юрисдиксия дар маънои васеъ бояд ҳамчун фаъолияти мусбат ва танзимкунанда фаҳмида шавад [4, с.23]. Маҳз аз нуқтаи назари мусбӣ, дар аксари ҳолатҳо, фаъолияти юрисдиксионӣ дар ҷомеа амалӣ карда мешавад. Ҳамчун аломати ҳатмии фаъолияти юрисдиксионӣ В.В. Головко муқаррар ва исботи ҳодисаҳо, арзёбии ҳуқуқии онҳоро тибқи қонун ва муҳимтар аз ҳама, ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳои мурофиавӣ ҷудо мекунад [4, с.25].

Равиши В.В. Головко барои нотариат аз мавқеи илми ҳуқуқии маданӣ истифода мешавад. Аммо аз нуқтаи назари ҳуқуқи маъмурӣ нотариусро ба мақомоте, ки фаъолияти маъмурӣ-юрисдиксиониро амалӣ мекунанд, яъне фаъолияте, ки ба баррасии баҳсҳо дар соҳаи идоракунии давлатӣ ва ба ҷавобгарии ҳуқуқи маъмурӣ кашидан равона шудааст, дохил кардан мумкин нест. Нотариус фаъолияти худро асосан дар соҳаи татбиқи қонунгузории маданӣ амалӣ менамояд ва дар сурати мавҷуд будани баҳс вазифадор аст, ки аз доираи танзими муносибатҳои мушаххаси ҳуқуқӣ хориҷ карда шавад ва ба тарафҳо тавсия дода шавад, ки ба суд мурочиат кунанд.

Нотариат, аз рӯи аломатҳои дар боло зикршуда ва номумкин будани нисбат додани он ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ, ба мақомоти фаъолияти маъмурӣ-юрисдиксионӣ, метавонад ба мақомоти бешубҳа юрисдиксияи маданӣ дохил карда шавад. Дар ин ҳолат, баъзе муаллифон нотариатро ба низоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дохил мекунанд [12, с.271]. Гузашта аз ин, ҳатто дар таҳқиқотҳои алоҳидаи ҳуқуқи маъмурӣ, нотариат ҳамчун як қисми низоми ҳифзи ҳуқуқ баррасӣ карда мешавад [6, с.15]. Аммо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар илми ҳуқуқи маъмурӣ каме фарқ мекунанд, аз ҷумла, бар хилофи онҳо, нотариат ҳуқуқи истифодаи чораҳои бевоситаи маҷбуркуниро надорад, бинобар ин, онро ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дохил кардан ғайриимкон аст.

Нотариат истилоҳи гуногунмаъно мебошад, ки бояд аввал ҳамчун низоми мақомоти махсус ва шахсони мансабдор, дуюм ҳамчун маҷмуи амалиётҳои нотариалии мақомоти зикршуда фаҳмида шавад. Нотариат дар соҳаи юрисдиксионӣ бешубҳа маданӣ амалӣ карда мешавад ва вазифаи асосии он расонидани кӯмаки ҳуқуқии тахассусӣ ба шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ тавассути анҷом додани амалиётҳои нотариалӣ аз номи давлат бо мақсади ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии онҳо мебошад.

Ҳамин тариқ, дар шакли умумӣ, нотариат чунин маъно дорад: низоми мақомоте, ки вазифаи давлатро оид ба ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқӣ ва умуман ҷомеа, мақомоте, ки тибқи қонунгузорӣ ба онҳо ваколатҳои ҳокимият дода шудаанд; институти ҳуқуқӣ, ки барои таъмини устувории муомилоти маданӣ, инчунин ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ тавассути иҷрои амалиёти нотариалӣ, соҳаи қонунгузорӣ, ки меъёрҳои он фаъолияти нотариалиро танзим мекунанд; соҳаи донишҳои ҳуқуқӣ дар бораи нотариат ҳамчун институти ҳуқуқӣ, инчунин ҳамчун фанни таълимӣ, ки мавзуи он омӯзиши масъалаҳои истеҳсолоти нотариалӣ ва фаъолияти иштирокчиёни он дар соҳаи нотариалӣ мебошад.

Дар маҷмуъ, баъзе муаллифон чунин мешуморанд, ки нотариат низоми мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор мебошад, ки иҷрои амалҳои пешбининамударо бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ бо мақсади таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ, ки қонун ҳимоя мекунад, ба зимма дорад [9, с.4].

Олимони дигар нотариатро ҳамчун низоми мақомоти ваколатдори ҳокимият, ки вазифаи давлатро оид ба ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ ва ҷомеа дар маҷмуъ иҷро мекунанд, муайян мекунанд [18, с.99].

М.Н. Марченко бар ин назар аст, ки нотариат низоми мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдорро дар бар мегирад, ки тибқи Конститутсия, бо қонунҳои дигар ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандонро тавассути нотариуси амалиётҳои нотариалии дар санадҳои қонунгузорӣ пешбинишуда таъмин мекунанд [19, с.403].

Ғайр аз он, як қатор муаллифон таҳти мафҳуми нотариат пешниҳод мекунанд, ки: низоми мақомоте, ки ба онҳо тасдиқи аҳдҳо, ба расмият даровардани ҳуқуқҳои меросӣ ва иҷрои дигар амалҳое, ки ба таҳкими ҳуқуқҳои маданӣ

равона шудаанд [16, с.232]; мақоми ҳифзи ҳуқуқҳои субъективӣ ва манфиатҳои қонунӣ [3, с.11]; институти ҳуқуқӣ, ки барои таъмини устувории муомилоти маданӣ, инчунин ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ тавассути иҷрои амалҳои нотариалӣ [11, с.607]; соҳаи қонунгузорӣ, ки меъёрҳои он фаъолияти нотариалиро танзим мекунанд; соҳа (зерсоҳа)-и донишҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла илмӣ-назариявӣ, дар бораи нотариат ҳамчун институти ҳуқуқӣ [7, с.3].

Гуруҳуи дигари муҳаққиқон нотариатро ҳамчун низоми мақомот ва шахсони мансабдор муайян мекунанд, ки ба онҳо тасдиқ ҳуқуқ ва далелҳои бебаҳс, тасдиқи ҳуҷҷатҳо, иқтибосҳо аз онҳо, додани қувваи иҷроия ба ҳуҷҷатҳо ва иҷрои дигар амалҳои пешбининамудаи қонун ва бо тартиби пешбининамудаи қонун бо мақсади таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ, ки қонун ҳимоя кардааст, вогузор шудааст [18, с.673].

М.К. Треушникова мафҳуми нотариатро бевосита тавассути моҳияти ҳуқуқии он ошкор мекунад, ки ба андешаи вай «нотариат, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро ҳимоя мекунад, аз номи давлат амал мекунад, дар ин робита фаъолияти он хусусияти оммавӣ дорад, ба ҳимояи манфиатҳои хусусӣ ва ҷамъиятӣ равона шудааст, қонуниятро таъмин мекунад ва дар асл фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ мебошад» [15, с.4].

Як нуқтаи назар вуҷуд дорад, ки нотариат низоми мақомот ва шахсони мансабдорест, ки барои иҷрои амалиётҳои нотариалӣ ваколатдор мебошанд. Ин ақидаро Е.Б. Тарбагаева дастгирӣ мекунад бо ишора ба бисёрмаъноии истилоҳ, он мафҳуми мустақили «низоми нотариат»-ро ҷудо мекунад, ки «бо нишон додани субъектҳое, ки қонун барои иҷрои амалиётҳои нотариалӣ бо номи давлат ваколатдор кардааст, муайян карда шудааст. Е.Б. Тарбагаева мушаххас мекунад, ки нотариат аз як тараф бо институтҳои моддӣ-ҳуқуқӣ, аз тарафи дигар бо ғояи адолати пешгирикунанда (бо роҳи ошкор кардани робитаи нотариат ва институтҳои мурофиавӣ) муттаҳид карда мешавад. Муносибати Тарбагаева ба фаҳмиши мафҳуми «нотариат» бо он ҷолиб аст, ки он кӯшиши таҳқиқи маҷмуии мафҳуми «нотариат» мебошад, ки таҳияи масъалаҳои зеринро дар назар дорад:

- низоми мақомоти нотариалӣ, мансаби нотариус;
- ҳадафҳо, вазифаҳо ва функсияҳои мақомоти нотариалӣ;
- мавзуъ, мазмун ва шакли фаъолияти нотариалӣ;
- кафолати қонуният ва асоснокии санадҳои нотариалӣ [14, с.10].

Мувофиқи нуқтаи назари дигар, нотариат «ин як ниҳоди ҳуқуқие мебошад, ки барои таъмини устувории муомилоти, инчунин ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ тавассути амалҳои нотариалӣ пешбинӣ шудааст» [13, с.1].

Инчунин, нотариати муосирро тавсиф карда, бояд дар хотир дошт, ки он табиати дутарафаи беназир дорад, ки дар марзи манфиатҳои ҷамъиятӣ ва хусусӣ амал мекунад ва аз ин рӯ нотариат як навъ пайвандгари байни давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад.

Мафҳум (таъриф) ин амалиёти мантиқии муайян кардани маънои истилоҳи мушаххас аст. Ҳангоми додани мафҳум, ба ягон падида ё раванд, бояд ба хосиятҳои муҳими объекти тадқиқшаванда ба амиқтар таҳлил шавад. Дар робита ба ин, бо додани мафҳуми муосири нотариат, ҳадаф ва вазифаҳои нотариат, функсияҳои он, нақши он дар фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ ва татбиқи ҳуқуқии давлат бояд ҳамаҷониба пажӯҳиш карда шаванд, илова бар ин, дигар таърифҳои доктриналии нотариатро, ки дар адабиёти таълимӣ ва илмӣ мавҷуданд, баррасӣ намудан зарур аст.

Ҳамин тариқ, нотариат як ниҳоди ҳуқуқии оммавӣ, ҳуқуқшиносӣ, ҳуқуқшиносӣ мебошад, ки аз низоми мақомот ва шахсони мансабдор иборат аст, ки тибқи Конститутсия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои таъмини устувории муомилоти маданӣ, инчунин вазифаи давлат оид ба ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқӣ ва умуман ҷомеа тавассути иҷрои амалиёти нотариалӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон амал менамояд.

Муқарриз: д.и.ҳ., Соибов З.М.

ПОНЯТИЕ НОТАРИАТ И ЕГО МЕСТО В СИСТЕМЕ ГОСУДАРСТВЕННЫХ ОРГАНОВ: АНАЛИЗ ТЕОРЕТИКО-ПРАВОВЫХ АСПЕКТОВ

Аннотация. Нотариус играет важную роль в каждом государстве, на него возложены такие важные функции, как защита прав и интересов физических и юридических лиц посредством совершения нотариальных операций. В законодательстве и теории юридической науки понятие и положение

нотариат в системе государственных органов не занимает единой позиции. В этом контексте данная статья посвящена научному анализу понятия нотариуса и теорий, лежащих в его основе.

Ключевые слова: нотариат, государственный нотариат, система государственного нотариата, нотариальная деятельность, нотариальные операции, государственный нотариус, функции государственного нотариуса, правоохранительные органы, культурный оборот, совершение нотариальных операций, нотариус.

Иброхимов Наимджон – докторант (PhD) юридического факультета Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан; Тел.: (+992) 981-06-00-29

THE CONCEPT OF A NOTARY AND ITS PLACE IN THE SYSTEM OF STATE BODIES: ANALYSIS OF THEORETICAL AND LEGAL ASPECTS

Annotation. A notary plays an important role in every State, he is entrusted with such important functions as protecting the rights and interests of individuals and legal entities through notarial transactions. In the legislation and theory of legal science, the concept and position of the notary in the system of state bodies does not occupy a single position. In this context, this article is devoted to the scientific analysis of the concept of notary and the theories underlying it.

Keywords: notary, public notary, public notary system, notarial activity, notarial operations, public notary, functions of a public notary, law enforcement agencies, cultural turnover, notarial transactions, notary.

Ibrohimov Naimjon – doctorant (PhD) at the Faculty of Law of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan; Tel.: (+992) 981-06-00-29

Адабиёт:

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нотариати давлатӣ» аз 16 апрели соли 2012, №810. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2012, №4, мод.260
2. Алеев Р. Этимологический словарик нотариуса // Нотариус. 2004. № 1. – С. 47-48.
3. Бирченко Л.Л. Правовые основы формирования нотариата в России и Украине (сравнительно-правовой анализ): Автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2003. – 28 с.
4. Головко В. В. Понятие и назначение юрисдикции по российскому праву // Государство и право. 2007. № 3. – С. 21-25.
5. Гражданский процесс: учеб. / под ред. М. К. Треушникова. – М.: Спарк, 1996. 480 с.
6. Гуценко К. Ф., Ковалев М. А. Правоохранительные органы: учеб. для юрид. вуз ов / под ред. К. Ф. Гуценко. М.: ЗЕРЦАЛО, 2007. – 440 с.
7. Зайцева Т.В, Галеева Р.Ф., Ярков В.В. Настольная книга нотариуса: В 2 т. – М., 2000. Т. 1. – 616 с.
8. Настольная книга нотариуса: учеб. - метод. пособие / Б. М. Гонгало [и др.]. Т. 1. М.: БЕК, 2003. – 215 с.
9. Нотариат в России. Схемы и комментарии: Учебное пособие / Под ред. М.К. Треушникова. – М., 2004. – 115 с.
10. Романовский Г. Б., Романовская О. В. Нотариат в Российской Федерации: проблемы развития (адвокатура и нотариат). СПб.: Юрид. центр Пресс, 2004. – С. 7-15.
11. Российская юридическая энциклопедия / под ред. А. Я. Сухарева. – М.: ИНФРА-М, 1999. – 703 с.
12. Рыжаков А. П. Правоохранительные органы. – М. : Контракт: Инфра-М, 2002. – 447 с.
13. Стенешко Л. А., Шамба Т. М. Нотариат в РФ / Учебник М. – 2001. – 416 с.
14. Тарбагаева Е. Б. Организация и деятельность нотариата в РФ / Учеб. пособие. – 2008. – 152 с.
15. Треушникова М.К. Гражданский процесс / Учебник. – М. – 2003. – 960 с.
16. Хачатуров Р.Л. Юридическая энциклопедия: В 5 т. Тольятти, 2005. Т. 4. – 232 с.
17. Черемных И.Г. Российский нотариат: прошлое, настоящее, будущее. – М., 1999. – 184 с.
18. Черемных И.Г. Становление независимого нотариата России как института по осуществлению правоохранительной деятельности: дис. док. юрид. наук. – М., 2007. – 673 с.
19. Юридический энциклопедический словарь / Под ред. М.Н. Марченко. – М., 2006. – 816 с.

Литература:

1. Закон Республики Таджикистан «О государственном нотариате» от 16 апреля 2012 года №810. Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2012 год, №4, СД.260

2. Алеев Р. Этимологический словарик нотариуса // Нотариус. 2004. № 1. – С. 47-48.

3. Бирченко Л.Л. Правовые основы формирования нотариата в России и Украине (сравнительно-правовой анализ): Автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2003. – 28 с.

4. Головко В. В. Понятие и назначение юрисдикции по российскому праву // Государство и право. 2007. № 3. – С. 21-25.

5. Гражданский процесс: учеб. / под ред. М. К. Треушникова. – М.: Спарк, 1996. 480 с.

6. Гуценко К. Ф., Ковалев М. А. Правоохранительные органы: учеб. для юрид. вуз ов / под ред. К. Ф. Гуценко. М.: ЗЕРЦАЛО, 2007. – 440 с.

7. Зайцева Т.В, Галеева Р.Ф., Ярков В.В. Настольная книга нотариуса: В 2 т. – М., 2000. Т. 1. – 616 с.

8. Настольная книга нотариуса: учеб. - метод. пособие / Б. М. Гонгало [и др.]. Т. 1. М.: БЕК, 2003. – 215 с.

9. Нотариат в России. Схемы и комментарии: Учебное пособие / Под ред. М.К. Треушникова. – М., 2004. – 115 с.

10. Романовский Г. Б., Романовская О. В. Нотариат в Российской Федерации: проблемы развития (адвокатура и нотариат). СПб.: Юрид. центр Пресс, 2004. – С. 7-15.

11. Российская юридическая энциклопедия / под ред. А. Я. Сухарева. – М.: ИНФРА-М, 1999. – 703 с.

12. Рыжаков А. П. Правоохранительные органы. – М. : Контракт: Инфра-М, 2002. – 447 с.

13. Стенешко Л. А., Шамба Т. М. Нотариат в РФ / Учебник М. – 2001. – 416 с.

14. Тарбагаева Е. Б. Организация и деятельность нотариата в РФ / Учеб. пособие. – 2008. – 152 с.

15. Треушникова М.К. Гражданский процесс / Учебник. – М. – 2003. – 960 с.

16. Хачатуров Р.Л. Юридическая энциклопедия: В 5 т. Тольятти, 2005. Т. 4. – 232 с.

17. Черемных И.Г. Российский нотариат: прошлое, настоящее, будущее. – М., 1999. – 184 с.

18. Черемных И.Г. Становление независимого нотариата России как института по осуществлению правоохранительной деятельности: дис. док. юрид. наук. – М., 2007. – 673 с.

19. Юридический энциклопедический словарь / Под ред. М.Н. Марченко. – М., 2006. – 816 с.

References:

1. The Law of the Republic of Tajikistan «About the State notary» dated April 16, 2012 No. 810. Akhbori Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, 2012, No.4, CD.260

2. Aleev R. Etymological dictionary of a notary // Notary. 2004. No. 1. – pp. 47-48.

3. Birchenko L.L. The legal foundations of the formation of a notary in Russia and Ukraine (comparative legal analysis): Abstract of the dissertation ... cand. Jurid. Sciences. – M., 2003. – 28 p.

4. Golovko V. V. The concept and purpose of jurisdiction in Russian law // State and law. 2007. No. 3. – pp. 21-25.

5. Civil procedure: studies. / edited by M. K. Treushnikov. – M.: Spark, 1996. 480 p.

6. Gutsenko K. F., Kovalev M. A. Law enforcement agencies: studies. for jurid. University of Higher Education / edited by K. F. Gutsenko. M.: ZERTSALO, 2007. – 440 p.

7. Zaitseva T.V., Galeeva R.F., Yarkov V.V. Notary's handbook: In 2 volumes – M., 2000. Vol. 1. – 616 p.

8. Notary's Handbook: studies. - the method. handbook / B. M. Gongalo [et al.]. Vol. 1. M.: BECK, 2003. – 215 p.

9. Notary public in Russia. Diagrams and comments: Tutorial / Edited by M.K. Treushnikov. – M., 2004. – 115 p.

10. Romanovsky G. B., Romanovskaya O. V. Notariate in the Russian Federation: problems of development (advocacy and notariate). St. Petersburg: Legal Center Press, 2004. – pp. 7-15.

11. Russian Legal Encyclopedia / edited by A. Ya. Sukharev. – M.: INFRA-M, 1999. – 703 p.

12. Ryzhakov A. P. Law enforcement agencies. – M. : Contract: Infra-M, 2002. – 447 p.

13. Steneshko L. A., Shamba T. M. Notary in the Russian Federation / Textbook M. – 2001. – 416 p.

14. Tarbagaeva E. B. Organization and activity of the notary in the Russian Federation / Textbook. - 2008. 152 p.

15. Treushnikova M.K. Civil procedure / Textbook. – M. – 2003. – 960 p.
16. Khachaturov R.L. Legal encyclopedia: In 5 volumes. Tolyatti, 2005. Vol. 4. – 232 p.
17. Cheremnykh I.G. Russian notary: past, present, future. – M., 1999. – 184 p.
18. Cheremnykh I.G. The formation of the independent notary of Russia as an institution for the implementation of law enforcement activities: dis. doc. Jurid. Sciences. – M., 2007. – 673 p.
19. Legal encyclopedic dictionary / Edited by M.N. Marchenko. – M., 2006. – 816 p.

УДК 340.116
Қаландарова Кибриё Абдуғаффоровна,
докторанти PhD дар кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
E-mail: kibriyo.1998@gmail.com
Тел.: (+992)997-77-09-74

ҲАДАФҲО ВА АҲАМИЯТИ ФУНКСИЯҲОИ ҲУҚУҚИ ТОҶИКИСТОН

Калидвожаҳо: ҳуқуқ, функсияҳои ҳуқуқ, ҳадафҳои ҳуқуқ, тартиботи ҳуқуқӣ, Тоҷикистон, ниҳоми ҳуқуқӣ, давлат, функсия, нақши иҷтимоии ҳуқуқ, маърифати ҳуқуқӣ.

Аннотация: Дар ин мақола ҳадафҳо ва аҳамияти функсияҳои ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф масъалаҳои функсияҳои асосии ҳуқуқ – танзимкунӣ, муҳофизатӣ, тарбиявӣ ва иҷтимоиро дар таъмини субот ва рушди ҷомеа таҳлил намудааст. Ба таври махсус ба он аҳамият дода мешавад, ки ҳуқуқ чи гуна ба таҳкими ҳокимияти давлатӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд ва ташаккули шуури ҳуқуқӣ мусоидат менамояд. Дар мақола зарурати такмили механизмҳои ҳуқуқиро бо дарназардошти воқеияти иҷтимоию иқтисодии кишвар таъкид гардидааст, ки барои рушди ҷомеа ва давлати ҳуқуқбунёд мусоидат менамояд.

Ҳуқуқ дар шароити муосир барои ҷомеа нақши муҳим дорад. Он аз ҷиҳати иҷтимоӣ арзиши баландро соҳиб буда, дастоварди муҳим барои инсоният ва ҷомеаи инсонӣ мебошад Ҳуқуқ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ дар баробари дастгоҳи давлатӣ, ахлоқ ва урфу одатҳо дар танзимги муносибатҳои ҷамъиятӣ нақши муҳим мебозад. Он на танҳо ҳамчун маҷмуи меъёрҳо амал мекунад, балки барои ҳалли мушкилоти ҷамъият, ҳифзи адолат ва таъмини устувории ҷомеа хизмат менамояд. Аз ҳамин лиҳоз, ба воситаи ҳуқуқ инсон озодии худро эълон намуд.

Дар Паёми худ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар санаи 28-уми декабри соли 2023 иброз намуданд «Таъмин намудани рушди устувор ва босуръати кишвар танзими ҳуқуқии саривақтӣ ва ҳамаҷонибаро талаб менамояд. Қонунгузорӣ бояд пайваста такмил дода шавад ва ҳамқадами ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бошад. Аз ин рӯ, аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон бояд тамоми саъю кӯшиши худро ба ин самт равона созанд. Тамоми сохтору мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд ҳамаи захираву имкониятҳоро ҷиҳати иҷрои вазифаҳои зикршуда барои соли 2024, ки сиюмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷлил мегардад, сафарбар намоянд» [1].

Қобили зикр аст, ки ҳуқуқ дорои функсияи худ мебошад. Бо ёрии функияси ҳуқуқ максади иҷтимоии ҳуқуқро дар ҷамъият фахмидан мумкин аст. Мақсади асосии ҳуқуқ, ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва муҳофизати ҳуқуқу озодиҳои инсон мебошад. Барои дарки дуруст ва ҳамаҷонибаи функсияи ҳуқуқ бояд пеш аз ҳама ба фаҳмиши мафҳуми «функсия» расид. Истилоҳи функсия бори аввал аз ҷониби файласуфи олмонӣ Лейбнитс Г.В. ба илм ворид карда шудааст, ки ҳамчун категорияи мантиқӣ – математикӣ буд [2, с.15]. Дар айни замон мафҳуми функсия дар илмҳои математика, физика, фалсафа, мантиқ, ҳуқуқ ва ғайра истифода бурда мешававд. Дар адабиёти ҳуқуқии тоҷикӣ низ (мисли русӣ) истилоҳи «функсия» (аз лотинии «functio»-иҷро намудан, амалӣ намудан) истифода мешавад [3, с.726]. Дар зери мафҳуми функсия нақш, вазифа, аҳмияти чизе, доираи фаъолият фаҳмида мешавад [4, с.858]. Истилоҳи функсия маънои кор, вазифа ва уҳдадориро дорад [5, с.410].

Аммо ҳамаи муҳаққиқони соҳаҳои илми ҳуқуқшиносӣ, чӣ замони шӯравӣ ва чӣ имрӯз, мафҳумҳои «функсия» ва «вазифаро» аз ҳам фарқ мекунанд. Ба ақидаи умумӣ эътирофшудаи ҳамаи муҳаққиқони соҳаи назарияи давлат ва ҳуқуқ вазифаи давлат ба проблемаҳои ҳаётан муҳимми ҷомеа ишора мекунад, ки назди давлат дар ин ё он марҳилаи таърихӣ меистанд [6, с.45].

Дар илми ҳуқуқшиносӣ миёни олимон нисбати истилоҳи «функсияи ҳуқуқ» фикри ягона ҷой надорад. Дар зери ин мафҳум самтҳои асосӣ ва тарафҳои муҳимтарини ҳуқуқ, ки ҳамчун

танзимгари муносибатҳои ҷамъиятӣ баромад менамояд дар назар дошта шудааст.

Дар зери мафҳуми функсияи ҳуқуқ самтҳои асосии таъсиррасонии ҳуқуқ ба муносибатҳо ё робитаҳои иҷтимоӣ фаҳмида мешавад [7, с.111].

Ҳамин тавр, функсияи ҳуқуқ муайян месозад, ки ҳуқуқ чӣ гуна амал мекунад, кадом самтҳои ҷомеаро ба танзим медарорад ва чӣ тавр рушди онро таъмин менамояд. Он ба воситаи меёрҳои ҳуқуқ ва механизмҳои амалисозии ҳуқуқ амалӣ карда мешавад.

Ба ақидаи М.И. Матузов, функсияи ҳуқуқ роҳҳои асосии таъсири ҳуқуқро ба муносибатҳои ҷамъиятӣ ифода намуда, нақши ҳуқуқро дар ба тартиб даровардани муносибатхои ҷамъиятӣ инъикос менамояд [8, с.84]. Дар як навбат ба воситаи функсияи ҳуқуқ амалишавии таъиноти иҷтимоии ҳуқуқ фаҳмида мешавад. Қобили зикр аст, ки ҳадаф ва мақсади асосии ҳуқуқ, танзими рафтори субъектони муносибатҳои ҳуқуқӣ аст. Аз ин лиҳоз, функсияи ҳуқуқ инъикоскунандаи мақсад ва моҳияти ҳуқуқ мебошад.

Дар адабиёт қайд мегардад, ки функсияи ҳуқуқ ин самтҳои асосии таъсири он ба муносибатҳои ҷамъииятӣ, ки моҳияти ҳуқуқ таъиноти иҷтимоӣ, нақши онро ҳамчун танзимсозандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ ифода мекунанд [9, с.213].

Бояд ёдовар шуд, ки муносибатҳои ҷамъиятӣ тавассути ҳуқуқ ва дигар падидаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла урфу одат, ахлоқ, дин ва ғайра танзим карда мешаванд. Чуноне ки аз таърифи худи мафҳуми ҳуқуқ бармеояд, он муносибатҳои муҳими ҷамъиятро ба танзим медарорад. Пас метавон ба хулосае омад, ки функсияи ҳуқуқ ин василаи асосии ҳуқуқ аст, ки барои расидан ба ҳадафи асосии ҳуқуқ, ки танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад мусоидат менамояд. Ё ба ибораи дигар, муносибатҳои ҷамъиятие, ки зарурати танзими ҳуқуқиро доранд, тавассути функсияҳои ҳуқуқ амалӣ карда мешаванд.

Чун Р.Ш. Сотиволдиев (Шарофзода) қайд менамояд, функсияи ҳуқуқ ин самтҳои асосии танзим ва таъсиррасонии ҳуқуқӣ мебошад [10, с.202]. Ҳамин тавр, функсияи ҳуқуқ, на танҳо дар таҳия, қабул ва амлишавии қонунҳо муҳим аст, балки он дар ташаккулёбии раванди давлатсозӣ ва таъсиси ниҳодҳои давлатӣ низ нақши муҳим дорад.

Ба андешаи мо дар зери мафҳуми функсияи ҳуқуқ самти таъсирасонии ҳуқуқ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ фаҳмида мешавад, ки зарурати татбиқ ва мавҷудияти ҳуқуқро ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ба вуҷуд меорад. Ба ин маъно метавон гуфт, ки функсия самти таъсири зарурии ҳуқуқро тавсиф мекунад.

Бояд тазаккур дод, ки функсияи ҳуқуқ ба намудҳо тасниф карда мешавад. Дар илми назарияи давлат ва ҳуқуқ нисбати таснифи функсияи ҳуқуқ гуногунфикрӣ ҷой дорад. Агар ба таври васеъ функсияи ҳуқуқро тасниф намоем пас ба хулосае омадан мумкин аст, ки намудҳои зерини он ба назар мерасад:

1. функсияи иқтисодӣ;
2. функсияи сиёсӣ;
3. функсияи табиявӣ;
4. функсияи робитавӣ [8, с.84].

Иқтисод ва ҳуқуқ ҳамчун ду ҷузъи асосии низоми ҷамъитӣ ба ҳамдигар таъсири мутақобила доранд. Ҳуқуқ барои танзими муносибатҳаои иқтисодӣ, таъмини адолати иқтисодӣ ва ташаккули шароити устувори рушди иқтисодӣ нақши муҳим мебозад. Яке аз функсияҳои ҳуқуқ функсияи иқтисодӣ аст, ки танзими муносибатҳои иқтисодиро таъмин сохта, механизми ҳуқуқиро барои рушди иқтисодӣ фароҳам меоварад. Мо чунин мепиндорем, ки функсияи иқтисодии ҳуқуқ, маҷмуи таъсиррасонии ҳуқуқ ба муносибатҳои иқтисодӣ аст, ки ба рушди устувори иқтисодиёт, танзими бозор, ҳифзи моликият ва таъмини адолат дар ин самт мусоидат менамояд.

Ҳуқуқ ва сиёсат бо ҳам равобити ногусатанӣ доранд. Ҳуқуқ ҳамчун механизми танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар ташаккули низоми сиёсӣ, муқаррар кардани принсипҳои идоракунӣ ва таъмини суботи давлатӣ нақши ҳалкунанда мебозад. Функсияи сиёсии ҳуқуқ, ҳамчун яке аз ҷанбаъҳои муҳими ҳуқуқ муносибатҳои байни давлат, ҳизбҳои сиёсӣ ва шаҳрвандонро ба танзим медарорад. Ҳуқуқ ба сифати асоси низоми сиёсии ҷомеа, механизмҳои ташаккули ҳокимият, тақсими ваколатҳо ва тартиби фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳизбҳои сиёсиро муайян менамояд. Ҳамин тавр, функсияи сиёсии ҳуқуқ маҷмуи таъсири меъёрҳои ҳуқуқӣ ба низоми сиёсӣ аст, ки танзими ҳокимияти давлатӣ, иштироки шаҳрвандон дар идоракунии давлат ва ҳифзи принсипҳои демократиро таъмин месозад.

Ш.М. Исмоилов қайд менамояд, ки функсияи тарбиявии ҳуқуқ ва нақши он дар ташаккули шуури ҳуқуқии шаҳрвандон, баланд бардоштани эҳтиром ба қонун ва ташвиқи рафтори ҳуқуқӣ дахл дорад. Ҳадафи асосии он инкишоф додани фарҳанги ҳуқуқӣ ва муносибати масъулона бо дар руҳияи риояи қонунҳо мебошад. Функсияи мазкур ба воситаи меъёрҳои ҳуқуқӣ, таҷрибаи татбиқи қонунҳо ва таъсири иҷтимоӣ амалӣ мегардад. Ҳуқуқ на танҳо муносибатҳои

иҷтимоиро танзим месозад, балки дар шуури шаҳрвандон меъёрҳои рафтори дуруст ва нодурустро муайян месозад [11, с.63].

Функсияи робитавии ҳуқуқ бошад, аз ҷанбаъҳои муҳими тасири ҳуқуқ ба ҷомеа иборат буда, баҳри танзими муносибатҳои иҷтимоӣ, таъмини ҳамкории устувор ва ҳамоҳангсозии манфиатҳои гуногуни субъектони ҳуқуқӣ равона карда шудааст. Ин функсия ҳуқуқро ҳамчун воситаи асосии мутобиқсозӣ ва танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ муайян мекунад, ки бе он ҷомеа наметавонад устувор бошад.

Дар масъалаи таснифи намудҳои функсияи ҳуқуқ баъзе муҳақиқон функсияи экологии ҳуқуқ ва функсияи махсуси ҳуқуқро низ зикр намудаанд [10, с.204].

Функсияи экологии ҳуқуқ ин ҷанбаи нав ва муҳими ҳуқуқ аст, ки ҳадафи он ҳифзи муҳити зист ва рушди устувор дар ҷомеа мебошад. Масъалаҳои экологӣ яке аз мушкилоти муҳимми сатҳи ҷаҳонӣ маҳсуб меёбанд. Бояд ёдовар шуд, ки дар замони муосир масъалаҳои экологӣ на танҳо дорои аҳамияти дохилидавлатӣ, балки минтақавӣ ва байналмилалиро касб кардаанд. Ҷомеаи ҷаҳонӣ дарк менамояд, ки ҳалли масъалаҳои экологӣ танҳо дар мавриди фаъолияти дастаҷамъонаи давлатҳо натиҷаи самаранок хоҳад дод. Ҳамзамон ҳифзи муҳити зист вазифаи ҳар як инсон аст. Таъсиррасонии фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар навъи фаъолият ба муҳити зист, тағйирёбии иқлим, истифодаи ғайриоқилонаи захираҳои табиӣ аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимми экологии замони муосир мебошад. Ҳолати муҳити зист талаб менамояд, ки асосҳои ҳуқуқии муносибати байниҳамдигарии инсон, ҷомеа ва табиатро муайян намоем.

Ҳамин тавр, функсияи экологии ҳуқуқ барои муҳофизат кардани табиат, манбаъҳои табиӣ ва умумуман муҳити зист равона карда шуддааст. Он дар маҷмуъ кушиш менамояд, ки муҳити зисти аҳолиро устувор нигоҳ дорад, то ки шароити экологии сайёра аз ҳозирааш дида бадтар нагардад ва насли ояндаи инсоният ба душвории шадид гирифтор нашавад.

Функсияи махсуси ҳуқуқӣ бошад, танҳо ба раванди фаъолияти худи ҳуқуқ мутааллиқ мебошад. Он марбути соҳаҳои дигари ҳуқуқӣ аз ҷумла, иқтисодӣ, сиёсӣ ва ғайра нест. Мисоли ин шуда метавонад қабули қонунҳо, муқаррар кардани қоидаҳои рафтор ва ғайра.

Таснифи функсияи ҳуқуқ, дар чунин шакл мувофиқи мақсад аст:

1. функсияи танзимкунанда;
2. функсияи муҳофизаткунанда.

Дар баробари ду намуди функсияи зикргардида, боз функсияи тарбиявӣ қайд карда шудаст. Аммо функсияи мазкур пурра ҳуқуқӣ ва асосӣ ҳисобида намешавад [12, с.159].

Мақсади муҳимтарини низоми ҳуқуқии ҳар як мамлакати мутамаддин ба танзим даровардани муносибатҳои ҷамъиятӣ, ба чорбаи озодии иҷтимоӣ ва адолат дохил намудани онҳо аст. Ҳуқуқ ин масъаларо ба воситаи функсияи танзимкунанда ҳаллу фасл мекунад. Ҳадафи дуюми асосии ҳуқуқ ҳифзи муносибатҳои танзимшавандаи ҷамъиятӣ аз ҳар гуна ҳуқуқвайронкуниҳо аз ҷониби субъектони муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошад. Ин вазифа бо ёрии функсияҳои муҳофизаткунандаи ҳуқуқ амалӣ карда мешавад.

Ба ақидаи Н.С. Нерсесянс, функсияи танзимкунандаи ҳуқуқ яке аз функсияҳои асосии ҳуқуқ ба ҳисоб рафта, ба сифати танзимгари муносибатҳои вамъиятӣ баромад намуда, робитаи ҳуқуқии инсон, ҷомеа ва давлатро муайян месозад. Функсияи мазкур муайян месозад, ки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ чӣ гуна рафтор намоянд. Дар як навбат он ҳамоҳангсозандаи воқеӣ дар байни субъектони муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошад [13, с.117].

Функсияи танзимкунандаи ҳуқуқ чунин самти таъсиррасонии ҳуқуқикст, ки он бояд ташкили дақиқи муносибатҳои ҷамъиятӣ, амал кардан ва инкишофи онҳоро мувофиқи талаботи инкишофи ҷамъият таъмин кунад. Таъсиррасонии танзимгаронаи ҳуқуқ бо зуҳуроти мусбати ҳаёти ҷамъият, ки дар муносибатҳои молумулкӣ, молиявӣ, оилавӣ пайдо мешаванд, алоқаманд мебошад [9, с.214].

Функсияи муҳофизатии ҳуқуқ барои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои инсон равона карда шудааст. Ҳуқуқ бояд шаҳрвандонро аз аз ҳар гуна амалҳои зидди ҳуқуқӣ муҳофизат кунад. Ҳадафи асосии функсияи мазкур муҳофизат кардани ҳуқуқҳои инсон, амнияти ҷамъият ва давлат мебошад. Ин функсия ба таъмини тартиботи ҳуқуқӣ ва беҳтарсозии вазъияти иқтисодиву иҷтимоии шаҳрвандон кумак мерасонад. Маҳз ҳамин функсияи ҳуқуқ барои барои муҳофизати инсон аз хатарҳои эҳтимолӣ ва вайроншавии ҳуқуқҳои шаҳрвандон ҷилавгирӣ менамояд [14, с.318].

Функсияи муҳофизат кардан чунин самти таъсиррасонии ҳуқуқиест, ки ба ҳифзи муносибатҳои мусбатона ва танг карда баровардани муносибатҳои зарарноки ҷамъиятӣ нигаронида шудааст. Функсияи муҳофизатӣ (ҳифзкунанда) барои пешгирӣ ва барҳам додани

рафтори хилофи ҳуқуқ нигаронида шудааст [9, с.216].

Функсияи муҳофизаткунанда муносибатҳои ҷамъиятиро бо роҳи ҳияз намудани онҳо танзим менамояд. Функсияи зикргардида бештар аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ истифода бурда мешавад. Ҳамин тавр, функсияи муҳофизатиии ҳуқуқ барои инсон ва ҷомеа зиндагии осоиштаро кафолат дода, заминаи воқеӣ барои эҳтироми ҳуқуқҳои якдигарро фароҳам меоварад.

Намудҳои зерини функсияи ҳуқуқ низ фарқ карда мешавад:

- функсияи соҳавии ҳуқуқ;
- функсияи падидаҳои ҳуқуқӣ;
- функсияи меъёри ҳуқуқии ҷудогона [2, с.26].

Функсияи соҳавии ҳуқуқ, ин ҷанбаи махсуси ҳуқуқ аст, ки ба танзим намудани муносибатҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи муайни ҳуқуқ ба монандӣ ҳуқуқи маданӣ, меҳнатӣ, экологӣ, оилавӣ ва ғайра равона карда шудааст. Ин функсия бо мақсади мувофиқ намудани қоидаҳои ҳуқуқӣ ва танзими муносибатҳо дар соҳаи мухталиф, ки ба ҳаёти ҳаррузаи одамон ва ҷомеа таъсир мерасонад нигаронида шудааст. Ҳар як соҳаи ҳуқуқ функсияи махсуси худро иҷро менамояд, ки ба таъмини адолат, тартибот ва ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон мусоидат менамояд. Ҳадафи асосии функсияи соҳавии ҳуқуқ, ин танзим кардани муносибатҳои махсус, ки дар онҳо як ё якчанд ҷанбаъҳои ҳуқуқӣ дахл доранд, мебошад.

Ҳамин тавр, функсияи соҳавии ҳуқуқ, ҳар як соҳаи ҳуқуқро барои танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар доираи муайян ба кор мебарад, кинатиҷааш аз як тараф, таъмини тартиботи иҷтимоӣ, адолат дар ҷомеа ва аз тарафи дигар ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрвандон мебошад. Ҳар соҳаи ҳуқуқ муносибатҳои ҷамъиятиро бо қоидаҳои махсуси худ танзим мекунад, ки барои мутобиқ сохтани ҳадафҳои иҷтимоӣ ва эҳтиёҷоти ҷамъият мусоидат менамояд.

Намуди дигари функсияи ҳуқуқ ин функсияи падидаҳои ҳуқуқӣ мебошад. Функсияи падидаҳои ҳуқуқӣ ба таври умумӣ вазаифаи ҳама шаклҳои ҳуқуқро муайян менамояд. Падидаҳои ҳуқуқӣ ин муҳити ҳуқуқӣ ё зуҳуроти ҳуқуқие мебошанд, ки бо қонун ва ҳуқуқ ҳифз карда мешаванд. Функсияи падидаҳои ҳуқуқӣ дар маҷмуъ кӯшиш мекунад, ки ҷомеа ва давлат дар заминаи танзим ва ҳифзи ҳуқуқ, таъмини адолат, барқарор кардани тартибот ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо устувор ва самаранок амал кунад.

Функсияи дигари ҳуқуқ ин функсияи меъёри ҳуқуқии ҷудогона мебошад. Меъёри ҳуқуқии ҷудогона ҳамчун унсури асоси низоми ҳуқуқӣ барои танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ хизмат менамояд. Ҳар як меъёри ҳуқуқӣ метавонад вобаста ба моҳият ва ҳадафҳои худ, як ё якчанд функсияҳоро иҷро намояд. Меъёрҳои ҳуқуқӣ ба он муносибатҳое шакли ҳатмии ҳуқуқӣ медиҳанд, ки онҳо барои фаъолияти муътадили ҷамъият хос бошанд. Чунончӣ, фаолияти маориф, салоҳияти мақомоти давлатӣ, ҳуқуқ, озодӣ ва уҳдадории шаҳрвандон ва ғайра. дар меъёрҳои ҳуқуқӣ мустаҳкам карда шудаандИн функсия ба таъмини адолат, тартибот ва рушди устувори ҷомеа мусоидат менамояд. Ҳамин тариқ, ҳар як меъёри ҳуқуқӣ на танҳо ҳамчун қоидаи рафтор балки ҳамчун воситаи муҳими идоракунии иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ амал мекунад.

Функсияи ҳуқуқ дар рушди ҷомеа ва таъмини суботи ҳуқуқӣ нақши назаррас мебозад. Аҳамияти он дар самтҳои зерин ифода меёбад:

- таъмини тартиботи ҳуқуқӣ;
- муҳофизати ҳуқуқу озодиҳои субъектони муносибатҳои ҳуқуқӣ;
- танзими иқтисодиву сиёсӣ;
- баланд бардоштанӣ маърифати ҳуқуқӣ.

Бо дарназардошти аҳамияти баланди ҳуқуқ ва функсияи он зарур шуморида мешавад, ки механизми татбиқи онҳо тақвият дода шавад, то ки рушди муътадили низоми ҳуқуқӣ ба роҳ монда шавад.

Муқарриз: н.и.ҳ., дотсент Куканов А.З.

ЦЕЛИ И ЗНАЧЕНИЕ ФУНКЦИЙ ПРАВА ТАДЖИКИСТАНА

Ключевые слова: право, функции права, цели права, правопорядок, Таджикистан, правовая система, государство, функция, социальная роль права, правовое просвещение.

Аннотатсия: В данной статье рассматриваются цели и значение функций права в правовой системе Республики Таджикистан. Автор анализирует основные функции права – регулятивную, охранительную, воспитательную и социально-преобразующую –и их роль в обеспечении стабильности и развития общества. Особое внимание уделяется тому, как право способствует укреплению государственной власти, защите прав и свобод граждан, а также формированию правового сознания. В

статье подчеркивается необходимость совершенствования правовых механизмов с учётом социально-экономических реалий страны, что способствует развитию общества и правового государства.

Каландарова Кибриё Абдугаффоровна - докторант PhD кафедры теории и истории государства и права юридического факультета Таджикского национального университета. E-mail: kibriyo.1998@gmail.com, Тел.: (+992) 997-77-09-74.

GOALS AND SIGNIFICANCE OF THE FUNCTIONS OF THE LAW OF TAJIKISTAN

Keywords: law, functions of law, goals of law, legal order, Tajikistan, legal system, state, function, social role of law, legal education.

Annotation: This article examines the goals and significance of the functions of law in the legal system of the Republic of Tajikistan. The author analyzes the main functions of law - regulatory, protective, educational and socially transformative - and their role in ensuring the stability and development of society. Particular attention is paid to how law contributes to the strengthening of state power, the protection of the rights and freedoms of citizens, as well as the formation of legal consciousness. The article emphasizes the need to improve legal mechanisms taking into account the socio-economic realities of the country, which contributes to the development of society and the rule of law.

Qalandarova Kibriyo Abdugafforovna - PhD student of the Department of theory and history of state and law of the Law faculty of the Tajik National University. E-mail: kibriyo.1998@gmail.com, Tel.: (+992)999-77-09-74.

Рӯйхати адабиёт:

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.12.2023, [Маводи электронӣ] // URL: http://prezident.tj (санаи мурочиат: 15.02.2025).

2.Константинова А. В. Шаклҳои амалӣсозии вазифаҳои ҳуқуқ. Диссертатсия барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Челябинск, 2014. –179 с.

3. Егорова Т.В. Фарҳанги вожаҳои хориҷии забони муосири русӣ. – М.: «Аделант», 2012. – 1168 с.

4. Фарҳанги тафсирии забони русӣ / Зери таҳрири С.И. Ожегов ва Н.Ю. Шведова. – М., 2003. – 2314 с.

5. Бибило В.Н. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. – Минск: Ҳуқуқ ва иқтисодиёт, 2015. – 206 с.

6. Қодирзода М. А. Функсияи экологии Тоҷикистон дар шароити муосир: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ. Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2023. – 191 с.

7. Радко Т.Н. Масъалаҳои методологиии омӯзиши функсияҳои ҳуқуқ. – Волгоград, 1974. – 383 с.

8. Матузов Н.И., Малко А.В. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. – М.: Юристь, 2004. – 245 с.

9. Ҳасанов С., Ҳасанов М. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ. –Душанбе: «Илм», 2017. – 496 с.

10. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат. Китоби дарсӣ барои донишҷуёни факултаи ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2008. – 566 с.

11. Исмоилов Ш.М., Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи ҳуқуқ ва давлат: Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни соҳаи ҳуқуқ ва иқтисод. – Душанбе: «Девештич», 2008. – 295 с.

12. Байтин М.И. Функсияҳои ҳуқуқ. Назарияи давлат ва ҳукук: маҷмуаи лексияҳо / Зери таҳрири Н.И. Матузов, А.В. Малко. – М.: «Инфа», 2008. – 408 с.

13. Нерсесянс В.С. Назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат. – М.: Норма – ИНФРА-М, 1999. – 259 с.

14. Сотиволдиев (Шарофзода) Р.Ш. Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ. – Душанбе, 2008. – 654 с.

Список литературы:

1. Послание Президента Республики Таджикистан «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики» к Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 28.12.2023, [Электронный ресурс] // URL: http://prezident.tj (дата обращения: 15.02.2025).

2. Константинова А. В. Формы осуществления функций права. Диссертация на соискание учёной степени кандидата юридических наук. – Челябинск, 2014. –179 с.

3. Егорова Т.В. Словарь иностранных слов современного русского языка. – М.: «Аделант», 2012. – 1168 с.

4. Толковый словарь русского языка / Под ред. С.И. Ожегова и Н.Ю. Шведовой. – М., 2003. – 2314 с.

5. Бибило В.Н. Теория государства и права. – Минск: Права и экономика, 2015. – 206 с.

6. Кодирзода М. А. Экологическая функция Таджикистана в современных условиях: теоретические и практические вопросы. Диссертация на соискание ученой степени кандидата юридических наук. – Душанбе, 2023. – 191 с.

7. Радько Т.Н. Методологические вопросы познания функций права. – Волгоград, 1974. – 383 с.

8. Матузов Н.И., Малько А.В. Теория государства и права. – М.: «Юристь», 2004. – 245 с.

9. Хасанов С., Хасанов М. Теория государства и права. Учебник. –Душанбе: «Илм», 2017. – 496 с.

10. Сотиволдиев Р.Ш. Общая теория права и государства. Учебник для студентов юридического факультета. – Душанбе, 2008. – 566 с.

11. Исмоилов Ш.М., Сотиволдиев Р.Ш. Теория права и государства: учебник для студентов-юристов и экономистов. – Душанбе: «Деваштич», 2008. – 295 с.

12. Байтин М.И. Функции права. Теория государства и права: курс лекций / Под ред. Н.И. Матузова, А.В. Малько. – М.: «Инфа», 2008. – 408 с.

13. Нерсесянц В.С. Общая теория права и государства. – М.: «Норма ИНФРА-М», 1999. – 259 с.

14. Сотиволдиев (Шарофзода) Р.Ш. Проблемы теории государства и права: учебное пособие. – Душанбе, 2008. – 654 с.

List of literature:

1. Message of the President of the Republic of Tajikistan «On the main directions of domestic and foreign policy of the republic» to the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan from 28.12.2023, [Electronic resource] // URL: http://prezident.tj (date of access: 15.02.2025).

2. Konstantinova A. V. Forms of implementation of legal functions. Dissertation for the degree of candidate of legal sciences. – Chelyabinsk, 2014. –179 p.

3. Egorova T.V. Dictionary of foreign words of the modern Russian language. – M.: «Adelant», 2012. – 1168 p.

4. Explanatory Dictionary of the Russian Language / Ed. S.I. Ozhegov and N.Yu. Shvedova. – M., 2003. – 2314 p.

5. Bibilo V.N. Theory of State and Law. – Minsk: Law and Economics, 2015. – 206 p.

6. Kodirzoda M. A. Ecological function of Tajikistan in modern conditions: theoretical and practical issues. Dissertation for the degree of candidate of legal sciences. – Dushanbe, 2023. – 191 p.

7. Radko T.N. Methodological issues of knowledge of the functions of law. – Volgograd, 1974. – 383 p.

8. Matuzov N.I., Malko A.V. Theory of State and Law. – M.: «Jurist», 2004. – 245 p.

9. Hasanov S., Hasanov M. Theory of State and Law. Textbook. – Dushanbe: “Ilm”, 2017. – 496 p.

10. Sotivoldiev R.Sh. General Theory of Law and State. Textbook for students of the Faculty of Law. – Dushanbe, 2008. – 566 p.

11. Ismoilov Sh.M., Sotivoldiev R.Sh. Theory of Law and State: a textbook for law and economics students. – Dushanbe: «Devashtich», 2008. – 295 p.

12. Baitin M.I. Functions of law. Theory of state and law: course of lectures / Edited by N.I. Matuzov, A.V. Malko. – M.: «Infa», 2008. – 408 p.

13. Nersesyans V.S. General Theory of Law and State. – M.: «Norma – INFRA-M», 1999. – 259 p.

13. Ismoilov Sh.M. Theory of Law and State: a textbook for law and economics students. – Dushanbe: Devashtich, 2008. – 295 p.

14. Sotivoldiev (Sharofzoda) R.Sh. Problems of the Theory of State and Law: a textbook. – Dushanbe, 2008. – 654 p.

УДК 340.111
Бодомазода Нуроншо,
докторанти PhD кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
E-mail: nbodamazoda@mail.ru
Тел.: (+992)941-79-79-97

МАФҲУМ ВА МАЗМУНИ ҲУҚУҚ БА ЁРИИ ҲУҚУҚӢ: МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА ҲУҚУҚӢ

Калидвожаҳо: ҳуқуқ ба ёрии ҳуқуқӣ, ёрии тахассусӣ, ҳуқуқҳои конститутсионӣ, кафолатҳои ҳуқуқӣ, меъёрҳои байналмилалӣ, ҳимояи давлатӣ, масъалаҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ, ёрии ҳуқуқии ройгон.

Аннотатсия. Мақола ба таҳқиқи ҳамаҷонибаи ҳуқуқ ба ёрии ҳуқуқӣ ҳамчун унсури калидии низоми ҳуқуқии муосир бахшида шудааст. Муаллиф асосҳои назариявии ин ҳуқуқ, ҷойгоҳи он дар низоми кафолатҳои конститутсионӣ, инчунин ҷанбаҳои амалӣ ва татбиқи онро дар доираи меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллӣ таҳлил намудааст. Ҳамзамон равишҳои доктриналӣ оид ба муайян кардани мазмуни ҳуқуқ ба ёрии ҳуқуқӣ баррасӣ карда мешаванд. Дар асоси таҳлили қонунгузорӣ роҳҳои такмили танзими ҳуқуқӣ пешниҳод мегарданд, ки ба таҳкими кафолатҳои баробарӣ дар назди қонун равона шудаанд. Таҳқиқот нақши ҳуқуқ ба ёрии ҳуқуқиро дар таъмини одилонаи мурофиаи судӣ, ҳимояи ҳуқуқи шахсият ва ташаккули давлати ҳуқуқбунёд таъкид менамояд.

Рушди давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон аввалиндараҷа ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои шахс равона шудаанд. Амалӣ гардонидани муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба арзиши олӣ доштани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бе мавҷудияти низоми муассири кафолатҳои умумӣ ва махсуси ҳуқуқӣ, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро таъмин менамоянд, имконнопазир аст.

Ҳуқуқ ба ёрии ҳуқуқӣ яке аз принсипҳои муҳимми конститутсионӣ ба ҳисоб меравад, ки дар моддаи 92 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чунин тарз баён гардидааст: «Ёрии ҳуқуқӣ дар тамоми марҳилаҳои тафтишот ва мурофиаи судӣ кафолат дода мешавад. Тарзи ташкил ва тартиби фаъолияти адвокатура ва дигар шаклҳои ёрии ҳуқуқиро қонун муайян мекунад.» [1].

Бояд қайд кард, ки то имрӯз дар самти мазкур тадқиқоти мукаммал анҷом дода нашудааст. Ин вазъият аз он сарчашма мегирад, ки таърихан сохторҳои асосии ёрии ҳуқуқӣ – аз қабили фаъолияти адвокатӣ, нотариалӣ ва хизматрасониҳои ҳуқуқӣ (ё машваратчиёни ҳуқуқӣ) – асосан дар доираи корхонаҳои давлатӣ, ташкилотҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ташаккул ёфта буданд. Ин намуди ёрӣ таърихан барои таъмини эҳтиёҷоти ҳуқуқии субъектҳои иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ дар якҷоягӣ бо рушди низоми ҳуқуқии кишвар пайдо шудаанд. Аммо рушди динамикии муносибатҳои ҳуқуқӣ дар замони муосир ва пайдоиши шаклҳои нави мураккаби муоширати ҳуқуқӣ баррасии ҷиддии навбатиро дар ин самтҳо ба миён меорад, инчунин ташкили механизмҳои муосир ва мувофиққардаи кафолати ҳуқуқӣ низ барои ҳалли мушкилоти мавҷуда таҳлили дақиқро талаб мекунад. Айни замон барои шаклҳои нави фаъолияти ҳуқуқӣ замина ба вуҷуд оварда шудааст, ки онҳоро «шаклҳои дигари расонидани ёрии ҳуқуқӣ» меноманд. Онҳо шаклҳои алоҳидаи расонидани хизматрасониҳои ҳуқуқӣ ба ҳисоб рафта, ба соҳаи адвокатура ва нотариалӣ тааллуқ надоранд. Ин шаклҳо намудҳои гуногуни хизматрасониҳои ҳуқуқиро дар бар мегиранд, ки шумораашон зиёд буда, рӯйхати кушода доранд, бинобар ин ҳоло додани таърифи дақиқ ба ин шаклҳо имконнопазир мебошад.

Ёрии ҳуқуқӣ яке аз василаҳои муҳимми ҳуқуқӣ буда, унсури зарурии механизми таъмини ҳуқуқ ва озодиҳо мебошад. Дар айни замон, ёрии ҳуқуқӣ самти босуръат рушдёбандаи фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ ба шумор меравад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати демократӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро новобаста аз мақоми шахс, вазъи молиявӣ ва ҳуқуқу уҳдадории ӯ риоя менамояд, ки ин масъала ба ҳуқуқи гирифтани ёрии ҳуқуқӣ алоқамандии зич дорад.

Ёрии ҳуқуқӣ навъи муҳимтарини ёриест, ки ба субъектҳои гуногуни ҳуқуқӣ расонида мешавад. Муассисаҳои иҷтимоӣ, намояндагӣ ва адвокатӣ аз замонҳои қадим арзи вуҷуд доранд, аммо мафҳуми ёрии ҳуқуқӣ танҳо дар асри XX ба луғати илми ҳуқуқшиносӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ворид

шуда, дар онҳо мустаҳкам шудааст. Ёрии ҳуқуқӣ дар ибораҳои гуногун («ҳуқуқ ба ёрии ҳуқуқӣ», «ҳуқуқ ба ёрии адвокат», «ҳуқуқи доштани ҳимоятгар» ва ғайра) дар ҳуҷҷатҳои байналмилалии ҳуқуқӣ, конститутсияҳои бисёр давлатҳои хориҷӣ, Конститутсия ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст.

Барои ифода намудани падидаи мазкур дар адабиёт истилоҳҳои «ёрии ҳуқуқӣ», «ёрии юридикӣ», «ёрии тахассусии юридикӣ», «хизматрасонии ҳуқуқӣ» («хизматрасонии юридикӣ»), «хизматрасониҳои юридикӣ» («хизматрасониҳои ҳуқуқӣ») истифода мешаванд.

Мафҳуми «ёрии ҳуқуқӣ» пеш аз ҳама дар ҳуқуқи байналмилалӣ барои ифодаи муносибатҳои дуҷониба байни давлатҳо дар соҳаи ҳуқуқ, истифода карда мешавад [2, с. 45].

Ёрии ҳуқуқӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ дар ду самт баррасӣ карда мешавад: дар сатҳи миллӣ (дохили давлат) ва дар сатҳи байналмилалӣ (байнидавлатӣ). Дар ҳолати якум, шаҳрвандон ҳамчун субъектҳои мурофиаи ҷиноятӣ мустақилона ё тавассути ҳимоятгар дар мақомоти давлатӣ ҳуқуқҳои худро амалӣ месозанд. Дар ҳолати дуюм бошад, шаҳрвандон асосан ба таври ғайримустақим тавассути давлатҳое, ки субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ мебошанд, ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои худро таъмин менамоянд [3, с. 73]. Ба ақидаи А.В. Лесин, ёрии ҳуқуқии байналмилалӣ аз нигоҳи табиати ҳуқуқӣ як маҷмӯи ҳуқуқи оммавӣ мебошад. Ёрии ҳуқуқии байналмилалӣ нисбат ба шахси муайян бо мақсади ҳимояи ҳуқуқҳои субъективии ӯ амалӣ карда мешавад, аммо татбиқи институтҳои он пеш аз ҳама ба манфиатҳои ҷамъиятӣ ё давлатӣ равона гардидаанд. Ёрии ҳуқуқии байналмилалӣ дар доираи раванди судӣ ё тартиби расмии мурофиавӣ амалӣ карда мешавад ва берун аз онҳо мавҷуд буда наметавонад [4, с. 12].

Ёрии ҳуқуқӣ ба маънои васеъ ҳамчун шакли рафтори иҷтимоӣ-фаъол, маҷмӯи тамоми воситаҳо ва усулҳо, ки ба таъмин ва ҳимояи ҳуқуқҳои субъективӣ равона шудаанд, фаҳмида мешавад; ёрии юридикӣ бошад ҳамчун як навъи махсуси фаъолияти мурофиавӣ, ки бо қонунгузории амалкунанда танзим шудааст ва бо воситаҳои ҳуқуқӣ амалӣ мегардад, фаҳмида мешавад [5, с. 13-14].

Ба андешаи мо, ба маънои якум (васеъ) мафҳуми таҳқиқшаванда ҳамчун номгузории умумӣ ба сатҳи ниҳоӣ бардошта шуда, тамоми омилҳои воқеияти ҳуқуқиро, ки амалӣ кардан ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонуниро таъмин месозанд, фаҳмида мешавад. Дар натиҷа, ин мафҳум хусусияти сифатӣ ва мундариҷаи худро аз даст медиҳад. Ба маънои дуюм (маҳдуд) бошад эҳтимол дорад, ки фаъолияти мурофиавии ҳуқуқӣ ҳамчун ягона шакли ёрии ҳуқуқӣ шуморида нашавад, зеро он танҳо бо ин навъи фаъолият маҳдуд намегардад.

Мавқеи дигар низ оид ба масъалаи мазкур вуҷуд дорад, ки мувофиқи он мафҳумҳои «ёрии юридикӣ» ва «ёрии ҳуқуқӣ» чунин ҷудо карда мешаванд: «адвокат ягона ва субъекти нодири ҳуқуқ мебошад, ки ёрии юридикӣ мерасонад. Ҳамаи мутахассисон ва дигар шахсони мансабдор ёрии юридикӣ намерасонанд. Дар робита ба фаъолияти онҳо сухан танҳо дар бораи ёрии ҳуқуқӣ меравад. Ёрии ҳуқуқӣ бештар ба шарҳи қонунгузории амалкунанда равона гардида, бе таҳлили ҳолати ҳуқуқӣ ва робитаҳои хизматии шахси манфиатдор дар ҳолатҳои мушаххас, инчунин арзёбии роҳҳо ва натиҷаҳои эҳтимолии ҳал намудани он амалӣ карда мешавад» [6, с. 18-19].

Дар фаъолияти назариявӣ ва амалӣ муайян намудани мафҳум нақши муҳим дорад. Ҳангоми тавсифи равишҳо, кӯшиш мекунем, ки мафҳумҳо оид ба ёрии ҳуқуқии дар адабиёти ҳуқуқӣ пешниҳодшударо мавриди таҳлил анҷом диҳем.

Ҳамин тавр, вобаста ба мақсад ва мазмуни ёрии ҳуқуқӣ ҳамчун фаъолияти ҳуқуқӣ, мафҳуми «ёрии ҳуқуқӣ» тавассути равишҳои зерин муайян карда мешавад:

1) ёрии ҳуқуқӣ – ҳифзи ҳуқуқ;
2) ёрии ҳуқуқӣ – татбиқи ҳуқуқ;
3) ёрии ҳуқуқӣ – таъмини ҳуқуқ;
4) ёрии ҳуқуқӣ – хизматрасонӣ.

Дар мавриди якум ёрии ҳуқуқиро дар категорияи ҳифзи ҳуқуқ баррасӣ менамоем. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ» аз 4 июли соли 2020, № 1694, ки аз 1 январи соли 2026 мавриди амал қарор мегирад, чунин омадааст: «ёрии ҳуқуқӣ – хизмати ҳуқуқие, ки дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби пешбининамудаи Қонуни болозикр, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи ҳуқуқшиноси касбӣ ба шахсони воқеӣ расонида мешавад» [7]. Ҳамзамон, қонунгузор ёрии ҳуқуқиро ба якумдараҷа ва дуюмдараҷа ҷудо намудааст. Тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, «ёрии ҳуқуқии якумдараҷа – шакли хизматрасонии ҳуқуқие, ки ба шахсони воқеӣ бо роҳҳои фаҳмондадиҳии ҳуқуқу уҳдадориҳо, маслиҳатдиҳӣ ва тартиб додани ҳуҷҷатҳои дахлдор амалӣ карда мешавад» ва ёрии ҳуқуқии

дуюмдараҷа бошад «шакли хизматрасонии ҳуқуқие, ки аз тарафи давлат кафолат дода шуда, дар асос ва бо тартиби пешбининамудаи Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва гражданӣ аз ҷониби адвокат ва ҳуқуқшиноси давлатӣ амалӣ карда мешавад» [7]. Ҳамзамон, ёрии ҳуқуқӣ ҳамчун категорияи мустақими ҳуқуқӣ дар моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ" ба таври ёрии тахассусӣ ва касбие, ки аз ҷониби адвокатҳо бо истифода аз восита ва тарзҳои қонунӣ барои ҳимояи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ расонида мешавад, пешбинӣ карда шудааст [8].

Дар лоиҳаи муаллифии консепсияи Қонун «Дар бораи расонидани ёрии ҳуқуқӣ дар Федератсияи Россия», ки аз ҷониби Н.А. Гагарин таҳия шудааст, ёрии ҳуқуқӣ ҳамчун фаъолияти мустақили иқтисодӣ, ки соҳибкории тиҷоратӣ намебошад ва ба гирифтани фоида нигаронида нашудааст, муайян карда мешавад. Ин фаъолият ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, иттиҳодияҳо, корхонаҳои давлатӣ, ташкилотҳо ва муассисаҳо нигаронида шуда, барои таъмини дастрасии онҳо ба адолати судӣ равона шудааст [9, с. 49].

Р.Ш. Сотиволдиев (Шарофзода) ёрии ҳуқуқиро, аз як тараф, ҳамчун институти ҳуқуқии байнисоҳавӣ мешуморад, ки дар таркиби худ меъёрҳои ҳуқуқиро муттаҳид мекунад, ва аз тарафи дигар – ҳамчун намуди мустақил ва алоҳидаи фаъолияти ҳуқуқӣ, ки ба субъектҳои ҳуқуқ имкон медиҳад, ки ҳуқуққои субъективӣ ва манфиатҳои баҳсталаби худро самаранок ҳимоя намоянд [10, с. 212].

А.Г. Манафов ҳуқуқи субъективиро ба ёрии ҳуқуқии тахассусӣ ҳамчун чорабиниҳои аз тарафи қонун кафолатдодашуда арзёбӣ менамояд, ки шахсро бо неъматҳои иҷтимоӣ – донишҳо, малакаҳо ва маҳорати ҳуқуқӣ таъмин месозад, то ки ӯ тавонад ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии худро самаранок ҳимоя ва ҳифз намуда, барои ин мақсадҳо аз ёрии адвокатҳо, нотариусҳо ва дигарон истифода барад [11, с. 6-9].

Ба андешаи В.Л. Кудрявсев, ёрии ҳуқуқии тахассусӣ – ин фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахс аз ҷониби адвокат мебошад, ки ба ӯ аз тарафи давлат уҳдадории ҷамъиятӣ барои расонидани ҳар гуна ёрии ҳуқуқии дастрас ва сатҳи баланди он ба ҳар касе, ки хоҳиш дорад, вогузор шудааст, ё аз ҷониби шахси дигаре, ки метавонад ёрии ҳуқуқии тахассусӣ расонад, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонун муқаррар кардааст, ки чунин ёрӣ танҳо аз ҷониби адвокат ё якҷоя бо ӯ расонида мешавад [12, с. 23].

Ёрии ҳуқуқӣ – татбиқи ҳуқуқ. Мазмуни асосии мафҳуми «расонидани ёрии ҳуқуқӣ», ба андешаи В.И. Ефименко, ин «мусоидат барои татбиқи ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрвандон ё ташкилотҳо дар шаклҳои гуногун» мебошад. Хусусиятҳои асосие, ки муаллиф онҳоро ҷудо намудааст, ҷолиби диққат мебошанд, ҳарчанд ки ниёз ба мушаххассозӣ ва рушд доранд:

1) фаъолияти касбӣ, ки муҳтавои ҳокимияти давлатиро надорад;

2) ёрии ҳуқуқӣ ба шахси манфиатдор тибқи асосҳои ҳуқуқии муқаррарнамудаи қонун (шартномаҳо, санадҳои маъмурӣ, ваколатнома) расонида мешавад;

3) расонидани ёрии ҳуқуқӣ танҳо ба тасдиқи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсе, ки барои он мурочиат кардааст, маҳдуд мешавад ва наметавонад берун аз доираи он бошад [13, с. 43-45].

О.М. Решетникова қайд менамояд, ки ёрии ҳуқуқӣ фаъолияти мақсаднок буда, ба шахси манфиатдор истифодаи имкониятҳоеро, ки қонун пешбинӣ кардааст, дар доираи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии мушаххас ёрӣ мерасонад [14, с. 320].

З.Х. Зокиров, Д.С. Восиев ва Д.Ш. Қаландаров ёрии ҳуқуқиро ҳамчун низоми чорабиниҳои муассири ҳуқуқие таъриф медиҳанд, ки барои ҳимояи манфиатҳои шахс, ки бо қонун ҳимоя мешаванд, равона шудаанд. Ин низом, аввалан, амалҳоеро дарбар мегирад, ки ба мақомоти давлатӣ ва хизматчиёни давлатӣ, ки асосан дар низоми судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ фаъолият мекунанд, равона гардидаанд; сониян, маслиҳатҳои ҳуқуқие, ки ба шахс дода мешаванд, бо мақсади пешгирии ба вуҷуд омадан ё кам кардани оқибатҳои ҳолатҳои нохуши зиндагӣ, ки бояд бо меъёрҳои ҳуқуқӣ танзим шаванд, равона гардидаанд [15, с. 123].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ пешниҳод мегардад, ки ёрии ҳуқуқиро ҳамчун синтези ёрии ҳуқуқии-ҳифз ва ёрии ҳуқуқии- татбиқ муайян карда шавад. Ҳамин тавр, ба ақидаи Е.С. Любовенко, «ҳуқуқи гирифтани ёрии ҳуқуқии тахассусӣ – ин кафолати конститутсионӣ буда, барои ҳар як шахс имконият медиҳад, ки ба таври мустақилона ёрии заруриро интихоб кунад ва гирад» [16, с. 11].

Ёрии ҳуқуқӣ дар категорияи таъмини ҳуқуқ. В.И. Качалов ва О.В. Качалова дар бораи ёрии ҳуқуқӣ чунин менависанд: «Низоми чорабиниҳоест, ки ба таъмини ҳуқуқ ва

манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ равона шудааст ва аз ҷониби адвокат, нотариусҳо, хадамоти махсуси ҷустуҷӯӣ, ширкатҳои ҳуқуқӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигарон амалӣ мегардад, ки ҳадафи онҳо ноил шудан ба ҳимояи ҳуқуқии шахсият мебошад» [17, с. 3-5].

Ёрии ҳуқуқӣ – хизматрасонӣ. Ш.М. Исмоилов оид ба ёрии ҳуқуқӣ чунин қайд менамояд: «Ҳуқуқи ҳар шахс барои гирифтани хизматрасониҳои ҳуқуқӣ бо мақсади таъмини манфиатҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ, инчунин фаъолияти ҳаётии мусоиди инсон дар соҳаҳои гуногуни иҷтимоӣ, ки дар Конститутсия бо назардошти стандартҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мустаҳкам гардидааст» [18, с. 58]. Е.Г. Тарло ҳуқуқро ба ёрии ҳуқуқӣ чунин муайян менамояд: «ҳуқуқи субъективие, ки аз ҷониби давлат барои гирифтани хизматрасониҳои касбии тахассусӣ дар шакли маслиҳатҳои ҳуқуқӣ (фаҳмондадиҳӣ, машварат, таҳияи ҳуҷҷатҳо), намояндагӣ ва ҳимоя кафолат дода мешавад» [19, с. 23].

Мафҳумҳои дигари ёрии ҳуқуқӣ мавҷуд мебошанд, ки хусусияти тавсифӣ дошта, намудҳои гуногуни онҳоро дар бар мегиранд. Аз ҷумла, И.Г. Черняков қайд менамояд, ки «ҳуқуқи конститутсионӣ барои гирифтани ёрии ҳуқуқии тахассусӣ – ин ҳуқуқи ҳар як шахс мебошад, ки бо мақсади амалӣ ва ҳифзи дигар ҳуқуқҳо, озодиҳо ва манфиатҳои аз ҷониби қонун муҳофизатшавандаи инсон ва шаҳрванд бо истифода аз намудҳои он (фаъолияти адвокатӣ, нотариалӣ, ёрии ҳуқуқшиносони хусусӣ ва ғайра) ба даст оварда мешавад [20, с. 7].

Ба ақидаи А.В. Закомолдин «ёрии ҳуқуқии тахассусӣ» ин ёрие мебошад, ки аз ҷониби субъектҳои муайяншудаи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилии давлатӣ – ҳуқуқшиносони касбӣ амалӣ мегардад, моҳияти он дар фаҳмондадиҳии муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва анҷом додани амалҳои ҳуқуқӣ ва воқеӣ, ки ба ҳифз ё барқарорсозии ҳуқуқҳо, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии ҳар шахс равона шудаанд, ифода меёбад [21, с. 5-6].

Ҳамин тавр, Ю.А. Куричев қайд менамояд, ки ёрии ҳуқуқӣ ҳангоми амалӣ намудани адолати судӣ дар маънои васеъ бояд фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ, дар асоси усул ва воситаҳое, ки ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба шаҳрвандон ва ташкилотҳо равона шудаанд, фаҳмида шавад; ёрии ҳуқуқӣ дар маънои маҳдуд маънои онро дорад, ки «иштирокчиёни раванди судӣ метавонанд аз ёрии тахассусии адвокатҳо, ташкилотҳо ва шахсони дорои донишҳои зарурии ҳуқуқӣ истифода баранд» [22, с. 70].

Ҳамзамон, ба андешаи мо, дар як қатор таърифҳо мафҳуми ёрии ҳуқуқӣ маҳдудтар тавсиф мегардад. Фаҳмиши ёрии ҳуқуқӣ ҳамчун фаъолият оид ба ҳимоя ё амалӣ намудани ҳуқуқҳо ин мафҳумро хеле маҳдуд менамояд, зеро аз муҳтавои он ё ёрии касбии ҳуқуқӣ дар ҳолатҳое, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунӣ вайрон нашудаанд ва бинобар ин, ниёзе ба ҳимоя вуҷуд надорад, хориҷ мешавад. Инчунин фаъолияти шахсе, ки ёрии ҳуқуқӣ мерасонад, то оғози фаъолияти худи муроҷиаткунанда ҷиҳати амалӣ намудани ҳуқуқҳо сурат мегирад (дар натиҷаи ёрии ҳуқуқӣ мумкин аст муроҷиаткунанда тамоман аз фаъолияти ҳуқуқӣ дар ҳолати мушаххас даст кашад).

Дар илми ҳуқуқшиносӣ кӯшишҳое ба назар мерасанд, ки мафҳуми ёрии ҳуқуқиро васеъ намуда, ба мундариҷаи он дигар меъёрҳоро дохил менамоянд, масалан, тарбияи ҳуқуқӣ дар раванди таъмин ва амалӣ намудани ҳуқуқу озодиҳо, инчунин ҳама гуна муносибатҳои ҳуқуқӣ, ки «ҳангоми аз ҷониби шахс гирифтани хизматрасониҳои дорои хусусияти ҳуқуқӣ» ба мушоҳида мерасад. Қайд менамоем, ки нуқтаи назар оиди ҷудо накардани мафҳумҳои ёрии ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқӣ (омӯзиш, таҳсил) дар маҷмӯъ қобили дастгирӣ нест. Баъзе усулҳое, ки омодагии субъекти қабулкунандаро барои истифодаи мустақили усулҳои ҳуқуқӣ ташаккул медиҳанд, тибқи анъана ба мазмуни ёрии ҳуқуқӣ дохил мешаванд (масалан, пешниҳоди иттилоотӣ-ҳуқуқӣ, машварат), усулҳои дигар бошанд (масалан, ёрии ҳуқуқии таълимӣ) ҳанӯз ниёз ба омӯзиш ва асосноккунии иловагии назариявӣ доранд.

Дар ҳақиқат, ҳолатҳои мушкили ҳуқуқӣ, ки ба ёрии ҳуқуқӣ ниёз доранд, метавонанд ҳатто пеш аз он ки шахс амали ҳуқуқии мушаххасеро анҷом диҳад, ба вуҷуд оянд, ба монанди ҳолатҳои ҳуқуқии маърифатӣ. Дар чунин ҳолатҳо ёрии ҳуқуқӣ ҳамчун ёрии касбӣ дар омодагӣ ба фаъолияти ҳуқуқӣ дар оянда баромад мекунад (омодагӣ барои дарк кардани манфиатҳо ҳангоми истифодаи ҳуқуқҳои субъективӣ, риоя ва иҷрои уҳдадориҳои ҳуқуқӣ; дарк кардани ҳадафҳое, ки ҳалли онҳо ба қонеъ гардонидани манфиатҳо оварда мерасонад; андешидан ва баҳодиҳӣ ба шароите, ки дар онҳо амалҳои оянда сурат мегиранд; эҳё кардани таҷрибае, ки ба татбиқи ҳуқуқу уҳдадориҳо дар гузашта (аз ҷониби шахсони дигар) марбут аст, яъне ташаккули омодагӣ ба иҷро ё худдорӣ аз амалҳои ҳуқуқӣ, инчунин истифодаи воситаҳои ҳуқуқӣ барои ба таври пурра амалӣ намудани ҳуқуқҳо, озодиҳо ва

манфиатҳои қонунии шахс дар вазъияти мушкили ҳуқуқӣ [13, с. 44].

Воситаҳое, ки омодагии шахсро ба истифодаи мустақили воситаҳои ҳуқуқӣ инкишоф медиҳанд, ба гурӯҳи падидаҳои субъективии воқеияти ҳуқуқӣ тааллуқ доранд ва маҳз тавассути онҳо «омӯхтани назариявӣ ва амалии воситаҳои ҳуқуқӣ, ташаккули малакаҳо, донишу маҳорат ва ниҳоятан омодагӣ ба истифодаи амалӣ аз онҳо ба амал меояд».

Ёрие, ки бо воситаҳои ғайриҳуқуқӣ амалӣ мегардад (монанди фаъолияти хусусии ҷустуҷӯӣ, ҳимояи шахси боваркунанда, гирифтани маълумоти тиҷоратӣ дар бораи шарики мизоҷ, иҷрои дигар вазифаҳои техникӣ, ёрирасон, ташкилӣ, фармондиҳӣ ва маъмурӣ ба манфиати шахси боваркунанда), наметавонад ҳамчун ёрии ҳуқуқӣ эътироф карда шаванд [23, с. 8]. Амалҳои воқеӣ ба манфиати шахси ниёзманд метавонанд бо истифодаи воситаҳои ҳуқуқӣ ҳамроҳ шаванд (масалан, расондани ҳуҷҷати ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби ҳуқуқшинос тартиб дода шудааст, ба шахси қабулкунанда), аммо худи онҳо ҳамчун ёрии ҳуқуқӣ баромад намекунанд.

Ба ин тартиб, ёрии ҳуқуқӣ на танҳо ёрии амалӣ барои истифодаи воситаҳои ҳуқуқӣ, балки ҳамчун ёрии ҳуқуқӣ барои истифодаи мустақилонаи воситаҳои ҳуқуқӣ дар вазъияти мушкилиҳои ҳуқуқӣ баромад мекунад.

Дар асоси маълумотҳои дар боло ишорашуда, таърифҳои зеринро пешниҳод менамоем: «ёрии ҳуқуқӣ - ин ёрие мебошад, ки бо воситаҳои ҳуқуқӣ, ба таври ҳадафманд, ғайридавлатӣ, касбӣ ва ташкилшуда барои татбиқи имкониятҳои ҳуқуқии субъекти ҳуқуқ, бо мақсади табдили вазъияти мушкилоти ҳуқуқӣ ва қонеъ кардани манфиатҳои шахсии субъект бо манфиати баландтарини имконпазир амалӣ карда мешавад».

Ҳуқуқи конститутсионии ҳар шахс ба ёрии ҳуқуқӣ сатҳи муайяни ташкилии онро талаб мекунад – низоми шаклҳои расмӣ, муассисаҳои иҷтимоии расмии ёрии ҳуқуқӣ. Аз ҳамин сабаб, мафҳуми «ёрии ҳуқуқӣ» маънои ёрии касбӣ ва ташкилёфтаи татбиқи ҳуқуқ, озодиҳо ва манфиатҳои қонуниро дорад. Шароити самаранокии ёрии ҳуқуқӣ ҳамчун кафолати ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд чунин арзёбӣ мегарданд: дастрасӣ (воқеӣ, иттилоотӣ, моддӣ), сари вақт будан ва сифати ёрии ҳуқуқӣ.

Муқарриз: н.и.ҳ., дотсент Маҳмадшозода Ф.А.

ПОНЯТИЕ И СОДЕРЖАНИЕ ПРАВА НА ЮРИДИЧЕСКУЮ ПОМОЩЬ: ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ И ПРАВОВЫЕ ВОПРОСЫ

Ключевые слова: право на юридическую помощь, квалификационная помощь, конституционные права, юридические гарантии, международные стандарты, государственная защита, теоретико-правовые вопросы, бесплатная юридическая помощь.

Аннотация. Статья посвящена комплексному исследованию права на юридическую помощь как ключевого элемента современной правовой системы. Автор анализирует теоретические основы данного права, его место в системе конституционных гарантий, а также практические аспекты реализации в рамках международных и национальных правовых стандартов. Рассматриваются доктринальные подходы к определению содержания права на юридическую помощь. На основе анализа законодательства предложены пути совершенствования правового регулирования, направленные на укрепление гарантий равенства перед законом. Исследование подчеркивает роль права на юридическую помощь в обеспечении справедливого судопроизводства, защите прав личности и формировании правового государства.

Бодомазода Нуроншо - докторант PhD кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета Таджикского национального университета. E-mail: nbodamazoda@mail.ru, Тел.: (+992) 941-79-79-97.

CONCEPT AND CONTENT OF THE RIGHT TO LEGAL ASSISTANCE: THEORETICAL AND LEGAL ISSUES

Keywords: right to legal assistance, qualification assistance, constitutional rights, legal guarantees, international standards, state protection, theoretical and legal issues, free legal assistance.

Annotation: The article is devoted to a comprehensive study of the right to legal assistance as a key element of the modern legal system. The author analyzes the theoretical foundations of this right, its place in the

system of constitutional guarantees, as well as practical aspects of implementation within the framework of international and national legal standards. Doctrinal approaches to determining the content of the right to legal assistance are considered. Based on the analysis of legislation, ways to improve legal regulation aimed at strengthening guarantees of equality before the law are proposed. The study emphasizes the role of the right to legal assistance in ensuring fair legal proceedings, protecting individual rights and forming a state governed by the rule of law.

Bodomazoda Nuronsho - PhD student at the Department of Human Rights and Comparative Law, Faculty of Law, Tajik National University. E-mail: nbodamazoda@mail.ru, Tel.: (+992) 941-79-79-97.

Рӯйхати адабиёт:

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: «Ганҷ», 2016. – 136 с.

2. Лазутин Л.А. Ҳимояи ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ҳамчун ташаккули мураккаб дар ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ ва ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ: дис. … д-ри илм. ҳуқуқ. – Екатеринбург, 2008. – 434 с.

3. Фадеев П. Оид ба мафҳуми ёрии ҳуқуқии шахс дар мурофиаи ҷиноятӣ // Мурофиаи ҷиноятӣ. – № 1, 2002. – С. 70-82.

4. Лесин А.В. Ёрии ҳуқуқии байналмилалӣ дар фаъолияти судҳои ҳакамии Федератсияи Россия (дар заминаи ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ): дис. … ном. илм. ҳуқуқ. – Тюмен, 2003. – 202 с.

5. Миняйленко Н.Н. Ҳуқуқ ба ёрии ҳуқуқӣ ва механизми таъмини он дар Россияи муосир (ҷанбаи назариявию ҳуқуқӣ): автореф. дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. – СПб., 2000. – 33 с.

6. Бугаренко А.И. Назария, ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва амалияи расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон ба шаҳрвандон аз ҷониби адвокатҳо: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – М., 2010. – 29 с.

7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ» аз 4 июли соли 2020, № 1694 // Захираи электронӣ: Адлия: Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Версияи 7.0. (Санаи муроҷиат: 06.02.2025).

8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» аз 18 марти соли 2015, № 1182 // Захираи электронӣ: Адлия: Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Версияи 7.0. (Санаи муроҷиат: 06.02.2025).

9. Дар бораи расонидани ёрии ҳуқуқӣ дар Федератсияи Россия: Консепсияи Қонуни федералии ФР // Қонунгузорӣ ва иқтисодиёт. – № 1, 2000. – С. 46-59.

10. Сотиволдиев (Шарофзода) Р.Ш. Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ. – Душанбе, 2008. – 654 с.

11. Манафов А.Г. Ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон ба ёрии ҳуқуқии тахассусӣ дар Федератсияи Россия: дис. … ном. илм. ҳуқуқ. – М., 2002. – 185 с.

12. Кудрявтсев В.Л. Татбиқи институти ҳуқуқии конститутсионӣ оид ба ёрии ҳуқуқии тахассусӣ дар фаъолияти адвокат (ҳимоятгар) дар мурофиаи ҷиноятии Федератсияи Русия: асосҳои назариявӣ ва проблемаҳои таъмин: автореф. дис. … д-ри илм. ҳуқуқ. – М., 2008. – 55 с.

13. Ефименко В.И. Ёрии ҳуқуқӣ ба шаҳрвандон ва ташкилотҳо: мафҳум ва ҷойи он дар низоми ҳифзи ҳуқуқ // Мушкилоти актуалии қонунгузорӣ ва амалияи татбиқи ҳуқуқ: маҷмӯаи мақолаҳо. – М., 1988. Деп. дар ИНИОН АИ ИҶШС № 37457. – С. 40-49.

14. Решетникова О.М. Ёрии ҳуқуқии тахассусӣ дар мурофиаи маданӣ // Дафтарҳои илмии Институти ҳуқуқии Донишгоҳи давлатии Красноярск. Шумораи 1 / муҳаррири масъул Т.В. Сахнова. – Красноярск, 2001. – 560 с.

15. Зокиров З.Х., Восиев Д.С., Қаландаров Д.Ш. Асосҳои давлат ва ҳуқуқ. Воситаи таълимӣ. – Душанбе: «Ашуриён», 2015. – 230 с.

16. Любовенко Е.С. Ҳуқуқи конститутсионӣ ба гирифтани ёрии ҳуқуқии тахассусӣ ва механизми таъмини он: таҷрибаи Россия ва кишварҳои хориҷӣ: дис. …. ном. илм. ҳуқуқ. – М., 2008. – 192 с.

17. Качалов В.И., Качалова О.В. Ёрии ҳуқуқӣ дар Федератсияи Россия: схема ва тафсирҳо. – М., 2002. – 260 с.

18. Исмоилов Ш.М., Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи ҳуқуқ ва давлат: Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни соҳаи ҳуқуқ ва иқтисод. – Душанбе: «Деваштич», 2008. – 295 с.

19. Тарло Е.Г. Нақши адвокатура дар низоми таъмини ҳуқуқи конститутсионии гирифтани ёрии ҳуқуқӣ. – М., 2001. – 231 с.

20. Черняков И.Г. Амалӣ намудани ҳуқуқи конститутсионӣ ба ёрии ҳуқуқии тахассусӣ дар Федератсияи Россия: мушкилот ва дурнамо: дис. …ном. илм. ҳуқуқ. – Челябинск, 2007. – 160 с.

21. Закомолдин А. В. Ёрии ҳуқуқии тахассусӣ дар мурофиаи ҷиноятии Россия: мафҳум, мундарича, кафолатҳо: автореф. дис. … ном. илм. ҳуқуқ. – Самара, 2007. – 22 с.

22. Куричев Ю.А. Дастрасии ёрии ҳуқуқӣ – принсипи умумии адолати судӣ мебошад // Правоведение. – № 5, 1990. – С. 68-72.

23. Михайловская И.Б., Кузминская Е.Ф., Мазаев Ю.Н. Ёрии ҳуқуқӣ ба аҳолӣ: ниёзҳо ва имкониятҳо. – М., 1995. – 222 с.

Список литературы:

1. Конституция Республики Таджикистан [Текст] от 6 ноября 1994 года с изменениями и дополнениями от 26 сентября 1999 года, 22 июня 2003 года и 22 мая 2016 года (на таджикском и русском языках). – Душанбе: «Гандж», 2016. – 136 с.

2. Лазутин Л.А. Правовая помощь по уголовным делам как комплексное формирование в международном уголовном и уголовно-процессуальном праве: дис. … д-ра юрид. наук. – Екатеринбург, 2008. – 434 с.

3. Фадеев П. О понятии правовой помощи личности в уголовном процессе // Уголовный процесс. – № 1, 2002. – С. 70-82.

4. Лесин А.В. Международная правовая помощь в деятельности арбитражных судов Российской Федерации (в контексте международного публичного права): дис. … канд. юрид. наук. – Тюмень, 2003. – 202 с.

5. Миняйленко Н.Н. Право на юридическую помощь и механизм его обеспечения в современной России (теоретико–правовой аспект): автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – СПб., 2000. – 33 с.

6. Бугаренко А.И. Теория, правовые аспекты и практика оказания гражданам бесплатной юридической помощи адвокатами: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – М., 2010. – 29 с.

7. Закон Республики Таджикистан «О юридической помощи» от 4 июля 2020 года, № 1694 // Электронный ресурс: Адлия: Централизованный банк правовой банк информации Республики Таджикистан. Версия 7.0. (Дата обращения: 06.02.2025).

8. Закон Республики Таджикистан «Об адвокатуре и адвокатской деятельности»от 18 марта 2015 года, № 1182 // Электронный ресурс: Адлия: Централизованный банк правовой банк информации Республики Таджикистан. Версия 7.0. (Дата обращения: 06.02.2025).

9. Об оказании юридической помощи в Российской Федерации: Концепция Федерального закона РФ // Законодательство и экономика. – № 1, 2000. – С. 46-59.

10. Сотиволдиев (Шарофзода) Р.Ш. Проблемы теории государства и права: учебное пособие. – Душанбе, 2008. – 654 с.

11. Манафов А.Г. Конституционное право граждан на квалифицированную юридическую помощь в Российской Федерации: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2002. – 185 с.

12. Кудрявцев В.Л. Реализация конституционно-правового института квалифицированной юридической помощи в деятельности адвоката (защитника) в Российском уголовном судопроизводстве: теоретические основы и проблемы обеспечения: автореф. дис. … д-ра юрид. наук. – М., 2008. – 55 с.

13. Ефименко В.И. Юридическая помощь гражданам и организациям: понятие и место в системе правоохраны // Актуальные проблемы законодательства и право- применительной практики: сб. статей. – М., 1988. Деп. в ИНИОН АН СССР № 37457. – С. 40-49.

14. Решетникова О.М. Квалифицированная юридическая помощь в гражданском процессе // Уч. записки Юрид. ин-та Краснояр. гос. ун-та. Вып. 1 / отв. ред. Т.В. Сахнова. – Красноярск, 2001. – 560 с.

15. Зокиров З.Х., Восиев Д.С., Каландаров Д.Ш. Основы государства и права. Учебное пособие. – Душанбе: «Ашуриён», 2015. – 230 с.

16. Любовенко Е.С. Конституционное право на получение квалифицированной юридической помощи и механизм его гарантирования: российский и зарубежный опыт: дис. …. канд. юрид. наук. – М., 2008. – 192 с.

17. Качалов В.И., Качалова О.В. Юридическая помощь в Российской Федерации: схемы и комментарии. – М., 2002. – 260 с.

18. Исмоилов Ш.М., Сотиволдиев Р.Ш. Теория права и государства: Учебник для студентов юристов и экономистов. – Душанбе: «Деваштич», 2008. – 295 с.

19. Тарло Е.Г. Роль адвокатуры в системе обеспечения конституционного права на юридическую помощь. – М., 2001. – 231 с.

20. Черняков И.Г. Реализация конституционного права на квалифицированную юридическую помощь в Российской Федерации: проблемы и перспективы: дис. …канд. юрид. наук. – Челябинск, 2007. – 160 с.

21. Закомолдин А. В. Квалифицированная юридическая помощь в уголовном процессе России: понятие, содержание, гарантии: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Самара, 2007. – 22 с.

22. Куричев Ю.А. Доступность юридической помощи – общий принцип правосудия // Правоведение. – № 5, 1990. – С. 68-72.

23. Михайловская И.Б., Кузьминская Е.Ф., Мазаев Ю.Н. Юридическая помощь населению: потребности и возможности. – М., 1995. – 222 с.

List of literature:

1. Constitution of the Republic of Tajikistan [Text] of November 6, 1994, with amendments and additions of September 26, 1999, June 22, 2003 and May 22, 2016 (in Tajik and Russian). – Dushanbe: «Ganj», 2016. – 136 p.

2. Lazutin L.A. Legal assistance in criminal cases as a complex formation in international criminal and criminal procedural law: dis. … Doctor of Law. – Ekaterinburg, 2008. – 434 p.

3. Fadeev P. On the concept of legal assistance to an individual in criminal proceedings // Criminal Procedure. – № 1, 2002. – 70-82 pp.

4. Lesin A.V. International legal assistance in the activities of arbitration courts of the Russian Federation (in the context of international public law): dis. … candidate of legal sciences. – Tyumen, 2003. – 202 p.

5. Minyaylenko N.N. The right to legal assistance and the mechanism for ensuring it in modern Russia (theoretical and legal aspect): author's abstract. dis. ... candidate of legal sciences. – St. Petersburg, 2000. – 33 p.

6. Bugarenko A.I. Theory, legal aspects and practice of providing citizens with free legal assistance by lawyers: author's abstract. dis. … candidate of legal sciences. – M., 2010. – 29 p.

7. Law of the Republic of Tajikistan «On Legal Assistance» from July 4, 2020, № 1694 // Electronic resource: Adliya: Centralized bank of legal information of the Republic of Tajikistan. Version 7.0. (Date of access: 06.02.2025).

8. Law of the Republic of Tajikistan «On Advocacy and Advocacy Activity» from March 18, 2015, № 1182 // Electronic resource: Adliya: Centralized Bank of Legal Information of the Republic of Tajikistan. Version 7.0. (Date of access: 06.02.2025).

9. On the provision of legal assistance in the Russian Federation: Concept of the Federal Law of the Russian Federation // Legislation and Economics. – № 1, 2000. – 46-59 pp.

10. Sotivoldiev (Sharofzoda) R.Sh. Problems of the Theory of State and Law: a textbook. – Dushanbe, 2008. – 654 p.

11. Manafov A.G. Constitutional right of citizens to qualified legal assistance in the Russian Federation: dis. … candidate of legal sciences. – M., 2002. – 185 p.

12. Kudryavtsev V.L. Implementation of the constitutional and legal institute of qualified legal assistance in the activities of a lawyer (defender) in Russian criminal proceedings: theoretical foundations and problems of provision: author's abstract. dis. ... Doctor of Law. – M., 2008. – 55 p.

13. Efimenko V.I. Legal assistance to citizens and organizations: concept and place in the law enforcement system // Current issues of legislation and law enforcement practice: collection of articles. – M., 1988. Dep. to INION USSR Academy of Sciences № 37457. – 40-49 pp.

14. Reshetnikova O.M. Qualified legal assistance in civil proceedings // Notes of the Legal Institute of Krasnoyarsk State University. Issue 1 / ed. T.V. Sakhnova. – Krasnoyarsk, 2001. – 560 p.

15. Zokirov Z.Kh., Vosiev D.S., Kalandarov D.Sh. Fundamentals of the state and law. Textbook. – Dushanbe: «Ashurien», 2015. – 230 p.

16. Lyubovenko E.S. Constitutional right to receive qualified legal assistance and the mechanism for guaranteeing it: Russian and foreign experience: dis. …. candidate of legal sciences. – M., 2008. – 192 p.

17. Kachalov V.I., Kachalova O.V. Legal assistance in the Russian Federation: diagrams and comments. – M., 2002. – 260 p.

18. Ismoilov Sh.M., Sotivoldiev R.Sh. Theory of Law and State: Textbook for students of law and economics. – Dushanbe: «Devashtich», 2008. – 295 p.

19. Tarlo E.G. The role of advocacy in the system of ensuring the constitutional right to legal assistance. – M., 2001. – 231 p.

20. Chernyakov I.G. Implementation of the constitutional right to qualified legal assistance in the Russian Federation: problems and prospects: dis. … candidate of legal sciences. – Chelyabinsk, 2007. – 160 p.

21. Zakomoldin A. V. Qualified legal assistance in criminal proceedings in Russia: concept, content, guarantees: author's abstract. dis. … candidate of legal sciences. – Samara, 2007. – 22 p.

22. Kurichev Yu.A. Availability of legal assistance – a general principle of justice // Jurisprudence. – № 5, 1990. – 68-72 pp.

23. Mikhailovskaya I.B., Kuzminskaya E.F., Mazaev Yu.N. Legal assistance to the population: needs and possibilities. – M., 1995. – 222 p.

12.00.02 – ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИОНӢ, МУРОФИАИ СУДИИ КОНСТИТУТСИОНӢ; ҲУҚУҚИ МУНИСИПАЛӢ (НИЗОМИ НАМОЯНДАГӢ)
12.00.02 – КОНСТИТУЦИОННОЕ ПРАВО; КОНСТИТУЦИОННЫЙ ПРОЦЕСС; МУНИЦИПАЛЬНОЕ ПРАВО (ПРЕДСТАВИТЕЛЬНАЯ СИСТЕМА)
12.00.02 – CONSTITUTIONAL LAW; CONSTITUTIONAL PROCESS; MUNICIPAL LAW (REPRESENTATIVE SYSTEM)

ТДУ:342.4
Ализода Зариф,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

Соибов Зайниддин Маҳмадшарифович,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

КОНСТИТУТСИЯ – АРЗИШИ МУҲИММИ ҶАҲОНИ МУОСИР

Калидвожаҳо: Конститутсия, қонун, давлат, арзиш, ҷомеа, ҳокимияти қонунгузор, инсон, ҳуқуқ, капиталистӣ, санад, халқ, буржуазия.

Аннотатсия: Дар мақолаи мазкур яке аз арзишҳои муҳимми ҷомеа ва давлат Конститутсия баррасӣ гардида, Дар доираи мақола аҳаммиятнокии он дар ҷомеаи инсонӣ, заминаҳои таърихӣ ва иҷтимоии таҳаввули Конститутсия ҳамчун арзиши умумибашарӣ муайян гардидааст. Зимни таҳияи мақола диққати асосӣ ба ҳуҷҷатҳои таърихӣ, ки барои таҳаввули Конститутсия муҳим арзёбӣ гардидаанд, дода шудааст. Ҳамчунин, дар мақола сарчашмаҳои илмии ватанӣ ва хориҷӣ истифода гардидааст, ки аҳаммияти Конститутсияро дар ҷомеаи муосир инъикос мекунанд.

Давлатдории имрӯзаро бе Конститутсия тасаввур кардан номумкин аст, зеро масъалаҳои муҳимтарини ҷомеа дар Конститутсия танзим мегарданд. Зарурати дар сатҳи Конститутсия танзим шудани ин масъалаҳо ба чунин ҳолатҳо алоқаманд аст. Якум, арзишҳое, ки дар Конститутсия ифода шудаанд, онҳо барои ҷомеа бисёр муҳим буда, нақши муайянкунанда доранд. Ба арзишҳои номбурда дохил мешаванд: 1) хусусияти демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ, дунявӣ ва иҷтимоии давлатӣ; 2) арзиши олӣ будани инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ; 3) ба халқ таалуқ доштани ҳокимияти давлатӣ, бевосита ё ба воситаи вакилони халқ идора кардани ҳокимияти давлатӣ; 4) дахлнопазирии соҳибихтиёрӣ ва тамомияти арзии Тоҷикистон; 5) гуногунандешии сиёсӣ ва мафкуравӣ; 6) ҷудо будани иттиҳодияҳои динӣ аз давлат ва ба корҳои давлатӣ мудохила накардани онҳо; 7) таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ; 8) волоияти Конститутсия ва қонунҳо; 9) риоя ва иҷрои Конститутсия ва қонунҳо аз ҷониби давлат, мақомоти он, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо; 10) амалӣ намудани сиёсати хориҷӣ дар асоси принсипу меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ; 11) гуногуншаклӣ ва баробарҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, фаъолияти озоди иқтисодӣ ва соҳибкорӣ ва ғайра.

Дуюм, арзишҳои зикршуда барои ҷомеа хусусияти бунёдӣ дошта, бояд зуд тағйир наёбанд, зеро онҳо устувории ҷомеаро таъмин менамоянд. Бинобар ин, зарур аст, ки онҳо дар санади олӣ (воло, боло) сабт карда шаванд.

Сеюм, ин арзишҳо роҳнамои ҷомеа мебошанд, онҳо солҳои дурудароз барои пешрафти ҷомеа хизмат мекунанд.

Чорум, арзишҳои номбурда нақши асосӣ, муайянкунанда ва пешбарандаро иҷро намуда, талаб мекунанд, ки дигар муносибатҳо дар асоси онҳо ва баҳри амалӣ шудани онҳо танзим карда шаванд. Бинобар ин, Конститутсия санади олӣ буда, дигар санадҳо (қонунҳо ва снадҳои зерқонунӣ) дар асоси меъёрҳои он қабул карда мешаванд.

Панҷум, Конститутсия нишон медиҳад, ки ҷомеа ва давлат чи мақсаду маром доранд, онҳо чи гуна ҷомеа ва давлатанд ва арзишҳои дар он мавҷудбуда ба меъёру арзишҳои умумиэътирофшудаи байналмилалӣ мутобиқ ҳастанд ё не.

Гуфтаҳои боло собит менамояд, ки Конститутсия бояд ба сифати қонуни асосии ҷомеа ва давлат эътироф шавад ва вазифаи худро дар сатҳи олӣ иҷро намояд.

Конститутсия калимаи лотинӣ – constitution (муқаррар мекунам) буда, ба ду маъно фаҳмида мешавад. Якум, ба маънои ҳуқуқӣ, "Конститутсия" – қонуни асосии давлат буда, асоси низоми сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии онро муқаррар намуда, принсипҳои (аслҳои) таъсисёбӣ ва фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, худидораи маҳаллӣ ва судӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро муқаррар менамояд [6. с. 302]. Дуюм, Конститутсия ҳамчун муқарраркунандаи сохтори ягон чиз, аз ҷумла организми одам (конститутсияи одам) ва ҳайвонотро ифода мекунад [6].

Мутахассисони соҳа низ Конститутсияро ҳамчун санади ҳуқуқӣ – Қонуни асосии давлат, ки дорои қувваи олии ҳуқуқӣ буда, асосҳои сохтори давлат, таъсисёбии мақомоти ҳокимияти давлатӣ, муносибати давлат ва инсонро муқаррар мекунад, эътироф кардаанд [4. с. 130].

Бояд зикр кард, ки Конститутсия пеш аз ҳама санади ҳуқуқӣ – қонуни асосии давлат мебошад, ки дар он асосҳои (принсипҳои) ташкилёбӣ ва фаъолияти давлат, сохтор ва доираи фаъолияти он, муносибати давлат ва шахс, ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд ва принсипҳои асосии сиёсати берунии давлат муайян карда мешавад. Ҳамчунон, Конститутсия ҳамчун қонуни асосӣ заминаи қонунгузории давлат аст. Дар он асосҳои роҳнамокунандаи қонунгузорӣ, низоми қонунгузорӣ, ба Конститутсия мухолиф набудани онҳо, нашри расмӣ ва ҳатмии қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқи байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ва дигар масъалаҳои ба инҳо алоқаманд муқаррар карда мешаванд.

Принсипи ба Конститутсия мухолифат накардани дигар санадҳои ҳуқуқӣ ва дар сурати мухолифат амал накардани онҳо, инчунин бевосита амал кардани меъёрҳои Конститутсия ниҳоди назорати конститутсионӣ (мақоми махсус – Суди конститутсионӣ, Шурои конститутсионӣ ва ба мисли онҳо)-ро ба вуҷуд овард.

Бо назардошти он, ки тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ (қонунгузорӣ) дар мутобиқатӣ бо меъёрҳои Конститутсия ҳуқуқи амал доранд, дар ин ҳолат яке аз вазифаҳои Конститутсия – "асоси қонунгузории амалкунанда ва пешрафти он" рӯйи кор меояд. Дар асоси Конститутсия санадҳои зиёди қонунгузорӣ таҳия ва қабул карда мешванд, ки онҳо ғояҳои (арзишҳои) Конститутсияро амалӣ мекунанд ва самтҳои алоҳидаи онро инкишоф медиҳанд. Дар маҷмуъ Конститутсия ва санадҳои қонунгузорӣ низоми ҳуқуқии давлат ва тартиботи ҳуқуқии заруриро фароҳам меоранд [2. с. 23].

Дар робита бо гуфтаҳои боло, зикр намудан зарур аст, ки Конститутсия ҳамчун сарчашмаи низоми ҳуқуқии кишвар [7. с. 36] ва дорои қувваи олии ҳуқуқӣ арзиши олиро дар ҷомеа ва давлат соҳиб аст. Арзиши олӣ будани Конститутсия дар он зоҳир мегардад, ки ба сифати заминаи устувори ҳуқуқӣ консепсияи ҳуқуқҳои бегонанашавандаи инсонро, ки табиатан ба ӯ дахл доранд, мустаҳкам намуда, уҳдадории давлатро ҷиҳати эътироф, риоя ва ҳифти ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд муқаррар мекунад [3. с. 8]. Бинобар ҳамин, Конститутсияҳои давлатҳои муосир, аз ҷумла Тоҷикистон соҳибистиқлол, дар меҳвари марказии худ инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро гузошта, амалишаваии пурра ва ҳамаҷонибаи ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро кафолат додааст.

Қайд намудан зарур аст, ки Конститутсия дар як давраи муайяни рушди ҷомеа пайдо шудааст. Пайдоиши Конститутсия ба давраи нав (давраи Эҳё), яъне оғози сохти нав – сохти капиталистӣ рост меояд. Ин сохти нав қувваи сиёсии нав – буржуазияро ба сари қудрат (ҳокимият) овард. Сохти капиталистӣ, ки дар он корхонаҳои саноатӣ (мануфактураҳо) пайдо шуда буданд, талаб мекард, ки меҳнати кироя, яъне коргари озод бошад ва дар ин корхонаҳо кор кунад. Бинобар ин, синфи навзуҳур шиорҳои озодӣ, баробарӣ ва хушбахтиро эълон кард [1. с. 5]. Ин шиорҳо ба синфи навзуҳур имкон дод, ки аксарияти аҳолиро ба худ ҷалб намояд ва инқилобҳоро ба вуҷуд оварда, ба сари қудрат биёяд.

Ин раванди тӯлонии таърихӣ буд, ки дар он нақши санадҳои конститутсионӣ ва баъдан Конститутсия калидӣ мебошад.

Конститутсия – қонуни таъсисдиҳанда мебошад. Он давлатро (ҳокимияти давлатӣ,

сохтору мақомоти давлатӣ, принсипҳои ташкилёбӣ ва фаъолияти онҳоро) муқаррар мекунад. Мухсусан, ин дар конститутсияҳои аввалине, ки дар давлатҳо қабул шудаанд, ифодаи бевоситаи худро пайдо кардааст (конститутсияҳои иёлотҳои алоҳида дар ИМА, ки солҳои 1776-1780 қабул шудаанд, Конститутсияи ИМА (с. 1787), Конститутсияи Фаронса (с. 1792) ва дигарҳо).

Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол соли 1994 низ дорои чунин хусусият мебошад. Дар он тамоми низоми давлатдории нав – давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ пешбинӣ шудааст.

Чунин хусусият (таъсисдиҳанда будан) ба конститутсияҳое низ хос мебошад, ки онҳо бар ивази конститутсияи пештара қабул гардидаанд ва давлати навро таъсис намедиҳанд. Дар ин ҳолатҳо баъзе хусусиятҳои давлати мавҷуда ба таври куллӣ тағйир меёбад.

Чунин ҳолат на ҳама вақт ба назар мерасад. Хусусан, дар давлатҳои рӯ ба инкишоф (баъди озод шудан аз мустамликадорҳо) дар давраи на он қадар тӯлонӣ чандин конститутсияҳо қабул гардидааст, ки дар онҳо хусусияту моҳияти давлат тағйир наёфтааст.

Конститутсия маҳсули як давраи муайяни рушди ҷомеа мебошад. Вожаи "конститутсия" ҳанӯз дар Рими қадим истифода мешуд. Дар ин кишвар "конститутсия" як намуди санади император буд, ки хусусияти умумиҳатмӣ дошт ва муносибатҳои оммавӣ ва хусусиро танзим мекард. Санади номбурда, албатта маънои имрӯзаи Конститутсияро надошт. Аммо, бояд қайд намоем, ки ҳам дар давраи қадим ва ҳам дар асрҳои миёна, хусусан ҳангоми ба вуҷуд омадани буҳронҳои сиёсӣ, гузариш аз як давраи таърихӣ ба дигар давраи таърихӣ, сар задани низоъҳои шадиди иҷтимоӣ-сиёсӣ, ислоҳот, ивазшавии сулолаҳои ҳукмрон санадҳое қабул шудаанд, ки онҳо хусусияти муқарраркунанда (конститутсионӣ)-ро доштанд, асосҳои сохтори ҷамъиятӣ ва давлатиро дигар карданд (тағйир доданд), ба ин санадҳо низ қувваи олии ҳуқуқӣ дода шудааст. Ба чунин санадҳо инҳоро номбар кардан мумкин аст: қонунҳои шоҳ Хамураппӣ дар Бобулистон; "Ликург" дар давлати Спарта; "Солон" дар Афина; "Ҷадвали XII" дар Рими қадим; "Хартияи бузурги озодӣ"-и Инглистон соли 1215; "Буллаи тиллоӣ" соли 1356 дар Олмон ва дигарҳо. Масалан, тибқи қонунҳои Солон дар Афина ба шаҳрвандони Афина ҳуқуқ ба озодӣ ва мустақилияти шахсӣ ва вобаста набудан аз дигар шахс; ҳуқуқ ба қитъаи замин; ҳуқуқи иштирок дар корҳои давлатӣ пешбинӣ гардида буд. Ҳамчунин, шаҳрвандон уҳдадор буданд яроқ ба даст гирифта, давлатро (полисро) аз душман ҳимоя кунанд; ба қонунҳо ва шахсони мансабдори интихобшуда итоат намоянд; дар ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсӣ фаъолона ширкат варзанд ва дигарҳо [5. с. 59].

Дар асрҳои миёна баъзе санадҳое, ки тартиби ташкилшавӣ ва фаъолияти табақаҳои ҷомеа (феодалон, косибон, ҳарбиён, рӯҳониён) ва шаҳрҳои худмухторро танзим мекарданд, конститутсия номида мешуданд. Масалан, дар Инглистон соли 1256 парламент ташкил шуд, ки ба он намояндагони феодалҳо (баронҳо), ҳарбиён (ритсарҳо), шаҳрҳо ва минтақаҳо (графҳо) дохил шуданд [5. с. 102].

Дар Фаронса соли 1302 аз ҷониби Филиппи IV Штатҳои генералӣ созмон дода шуд, ки намояндагони рӯҳониён, дворянҳо ва шаҳриёни осудаҳолро фаро мегирифт.

Тибқи Ордонанси бузурги моҳи марти соли 1357, ки дар давраи буҳрони шадиди сиёсии Фаронса қабул гардид, Штатҳои генералӣ бе розигии пешакии шоҳ соле ду маротиба ҷамъ омада, ҳуқуқи истисноии худро оид ба ворид намудани андозҳои нав, назорат нисбат ба хароҷоти Ҳукумат, додани розигӣ барои эълони ҷанг ва бастани сулҳ, таъини мушовирони шоҳро ба амал мебароварданд.

Аммо, ин санадҳо ҳанӯз Конститутсияро ба мафҳуми ҳозирааш ифода намекарданд.

Мафҳуми Конститутсия ба маънои имрӯзааш танҳо дар давраи нав (эҳё) – асрҳои XVII-XVIII пайдо шуд. Мафҳуми муосири Конститутсия ба сифати санади таъсисдиҳандаи тартиби нав (сохти нави ҷамъиятӣ) бар ивази тартиботи мавҷуда дар арафаи инқилобҳои буржуазӣ ба вуҷуд омад. Дар ин давра Конститутсия ҳамчун шартномаи ҷамъиятӣ (байни одамон, баъдан шартномаи байни ҳукуматдорон ва фармонбардорон) тафсир карда мешуд. Гарчанде дар он давра фаҳмиши Конститутсия бисёр маҳдуд буд (сохти нав бо танзими ҳуқуқҳои табиии инсон ва ҳуқуқҳои шаҳрванд, талабот оид ба аз байн бурдани мутлақияти шоҳ ва таъсиси мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ маҳдуд мешуд), аммо ин андешаҳо дар он замон аҳаммияти бузурги таърихӣ доштанд ва шоҳроҳи рушди бисёр давлатҳо ва халқҳоро ба садсолаҳо муайян карданд.

Дар асоси ин андешаҳо аввалин санадҳои конститутсионӣ, ки ҳуқуқу озодиҳои асосии инсонро кафолатнок, дахлнопазир ва ҷудонопазир меҳисобиданд, доираи ҳокимияти шоҳро муайян ва маҳдуд мекарданд, пайдо шуданд.

Дар ибтидо чунин санадҳо дар Инглистон пайдо шуданд: “Арзнома дар бораи ҳуқуқ” (с. 1628); “Санад дар бораи мартабаҳои шоҳӣ” (с. 1649); “Шакли идоракунии давлатии Англия, Шотландия ва Ирландия ва мулкҳое, ки ба онҳо тааллуқ доранд (Воситаи идоракунӣ)” (с. 1653); “Санад дар бораи таъмини бехатарии озодии табаа ва пешгирии ҳабскунӣ дар баҳрҳо” (Хабеас корпус акт) (соли 1679); “Санад дар бораи ҳуқуқҳо” (с. 1689) ва дигарҳо.

Дар “Арзнома дар бораи ҳуқуқ”-и соли 1628 Инглистон қайд гардида буд, ки боҷу хироҷ дар ин шоҳигарӣ бе розигии парламент муқаррар ва рӯёнида намешавад [8. с. 5]. Ё дар санади “Шакли идоракунии давлатии Англия, Шотландия ва Ирландия ва мулкҳое, ки ба онҳо тааллуқ доранд (Воситаи идоракунӣ)” (с. 1653) гуфта шудааст, ки санадҳое, ки парламент қабул мекунад, бояд барои ҷонибдорӣ ба Лорд-протектор пешниҳод карда шаванд. Агар Лорд-протектор ба онҳо дар муддати 20 рӯз розигии худро надиҳад ё ба парламент далелу эродҳои худро пешниҳод накунад, бо қарори парламент Қонун эътибор пайдо мекунад ва мавриди амал қарор мегирад [8. с. 22].

Санадҳои дар боло зикргардида ва меъёрҳои дар онҳо ҷойдошта гувоҳи он ҳастанд, ки аввалин принсипу меъёрҳои Конститутсияи муосир дар Инглистон пайдо шуданд ва воқеан ҳам он кишвар ватани Конститутсияи ҷаҳони имрӯза мебошад.

КОНСТИТУЦИЯ – ВАЖНАЯ ЦЕННОСТЬ СОВРЕМЕННОГО МИРА

Ключевые слова: Конституция, закон, государство, ценность, общество, законодательная власть, человек, право, капиталистический, акт, народ, буржуазия.

Аннотация: В данной статье рассматривается одна из важная ценность общества и государства. В рамках статьи определяется его важность в человеческом обществе, исторические и социальные основы эволюции Конституция, как общечеловеческая ценность. В ходе анализа вопроса основное внимание уделено историческим документам, которые важны для эволюции Конституции. А также, в статье использованы отечественные и зарубежные научные статьи, которые отражают значимость Конституции.

Ализода Зариф – доктор юридических наук, профессор

Соибов Зайниддин Маҳмадшарифович - доктор юридических наук, профессор

CONSTITUTION – AN IMPORTANT VALUE IN THE MODERN WORLD

Key words: Constitution, law, state, value, society, legislative power, man, right, capitalist, act, people, bourgeoisie.

Anotation: This article examines one of the important values of society and the state. Within the framework of the article, its importance in human society, historical and social foundations of the evolution of the Constitution, as a universal value, are determined. During the analysis of the issue, the main attention is paid to historical documents that are important for the evolution of the Constitution. Also, the article uses domestic and foreign scientific articles that reflect the significance of the Constitution.

Alizoda Zarif - Doctor of Law, professor.

Soibov Zayniddin Mahmadsharifovich - Doctor of Law, professor.

Рӯйхати адабиёт

1. Ализода З. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994. Шарҳи мухтасар. – Душанбе: 2024. – 400 с.
2. Ализода З. Қонуни асосии давлат. – Душанбе: Истиқлол-2019, 2021. – 251 с.
3. Зоир Дж.М. Конституция Республики Таджикистан: 30 лет. // Под общей редакцией профессора, Заслуженного юриста Республики Таджикистан Имомова А.И. – Душанбе: “Дониш”, 2024. – 419 с.
4. Конституция Российской Федерации. Энциклопедический словарь. – М.: юристь, 1997. – 320 с.
5. Прудников М.Н. История государства и права зарубежных стран. – М., «ЮНИТИ- ДАНА» 2004.
6. Современный словарь иностранных слов. – М.: Русский язык, 1999. – 741 с.
7. Соибов З.М. Таҷассуми махсусиятҳои давлати ҳуқуқбунёд дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Қонунгузорӣ. – 2019. - №1. – С. 36-39.

8. Хрестоматия по Всеобщей истории государства и права / ред., сост. К.И. Батыр, ред., сост. Е.В. Поликарпова. – Москва: Юристъ. – 2000. – 520 с.

Список литуратуры

1. Ализода З. Конституция Республики Таджикистан 1994 года. Краткое разъяснение. – Душанбе: 2024. – 400 с.

2. Ализода З. Основной закон государства. – Душанбе: Истиклол-2019, 2021. – 251 с.

3. Зоир Дж.М. Конституция Республики Таджикистан: 30 лет. // Под общей редакцией профессора, Заслуженного юриста Республики Таджикистан Имомова А.И. – Душанбе: “Дониш”, 2024. – 419 с.

4. Конституция Российской Федерации. Энциклопедический словарь. – М.: юристь, 1997. – 320 с.

5. Прудников М.Н. История государства и права зарубежных стран. – М., «ЮНИТИ- ДАНА» 2004.

6. Современный словарь иностранных слов. – М.: Русский язык, 1999. – 741 с.

7. Соибов З.М. Воплощение особенности правового государства в Конституции Республики Таджикистан // Законодательство. – 2019. - №1. – С. 36-39.

8. Хрестоматия по Всеобщей истории государства и права / ред., сост. К.И. Батыр, ред., сост. Е.В. Поликарпова. – Москва: Юристъ. – 2000. – 520 с.

References

1. Alizoda Z. Constitution of the Republic of Tajikistan of 1994. Brief explanation. – Dushanbe: 2024. – 400 p.

2. Alizoda Z. The Basic Law of the State. - Dushanbe: Istiklol-2019, 2021. - 251 p.

3. Zoir J.M. Constitution of the Republic of Tajikistan: 30 years. // Under the general editorship of Professor, Honored Lawyer of the Republic of Tajikistan Imomov A.I. - Dushanbe: “Donish”, 2024. - 419 p.

4. Constitution of the Russian Federation. Encyclopedic Dictionary. – M.: Jurist, 1997. – 320 p.

5. Prudnikov M.N. History of the State and Law of Foreign Countries. – M., “UNITY-DANA” 2004.

6. Modern Dictionary of Foreign Words. – M.: Russian Language, 1999. – 741 p.

7. Soibov Z.M. Embodiment of the Peculiarities of the Rule of Law in the Constitution of the Republic of Tajikistan // Legislation. - 2019. - No. 1. - P. 36-39.

8. Reader on the General History of State and Law / ed., compiled by K.I. Batyr, ed., compiled by E.V. Polikarpova. - Moscow: Jurist. - 2000. - 520 p.

ТДУ: 342.7
Хуршедзода Манижа Хуршед,
асистенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.
E-mail: khurshedzodam@mail.ru
Телефон: (+992) 92-624-04-10

МАФҲУМ ВА ХУСУСИЯТОИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ КОНСТИТУТСИОНИИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Калидвожаҳо: ҳуқуқи инсон, ҳуқуқҳои конститутсионӣ, ҳуқуқи конститутсионии инсон, озодӣ, озодии инсон, мафҳум, хусусият, ҳуқуқи шаҳрванд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Конститутсия, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои байналмилалӣ.

Аннотатсия: Дар мақолаи мазкур баъзе масъалаҳои назариявии мафҳум ва хусусиятҳои ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси ғояҳои илмӣ ва муқарраротҳои конститутсионӣ-ҳуқуқӣ мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор гирифтааст. Дар ҳақиқат яке аз механизми мукаммалӣ кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсонро бевосита муқаррароти конститутсионӣ ташкил медиҳад. Ҳолати мазкурро мо метавонем бевосита аз таҳлили муқаррарotҳои кафолатдодашудаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонем дарёфт намоем.

Ҳуқуқ дар ҳаёти инсон ва ҷомеа яке аз арзишҳои муҳим арзёбӣ гардида, баҳри танзими муносбатҳои ҷамъиятӣ нақши назаррас дорад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз санадҳои пуразриш дар ҳаёти шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва онҳое, ки дар қаламрави ин кишвар зиндагӣ менамоянд, ҳуқуқу озодиҳоро мустаҳкам, ҳифз ва кафолат додааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ин санади муҳимро баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар таърихи 6-уми ноябри соли 1994 қабул намуд, ки яке аз беҳтарин конститутсияҳо дар миқёси олам эътироф карда шудааст. Қисми зиёди меъёрҳои боби 2-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳуқуқу озодиҳоии асосии инсон ва шаҳрванд бахшида шудааст (моддаҳои 14-41). Аз ҷумла дар моддаи 14 “Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба воситаи Конститутсия, қонунҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд, ҳифз мегарданд. Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд бевосита амалӣ мешаванд. Онҳо мақсад, мазмун ва татбиқи қонунҳо, фаъолияти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракуниро муайян мекунанд ва ба воситаи ҳокимияти судӣ таъмин мегарданд. Маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд танҳо ба мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат, мудофиаи мамлакат, ахлоқи ҷомеа, сиҳатии аҳолӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ раво дониста мешавад”[1].

Дар Конститутсия арзиши олӣ доштани инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ, дахлнопазирии ҳуқуқҳои фитрӣ, аз тарафи давлат ҳифз, ҳимоя ва кафолат додани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, баробарҳуқуқии шаҳрвандон, ягонагии ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои асосии шаҳрвандон, ягонагии ҳуқуқу озодӣ бевосита мустаҳкам карда шудааст. Ҳуқуқҳои инсон ҷабҳаҳои гуногун дорад. Бо пайдо шудани муносибатҳои нав дар ҷамъият ва мураккабгардии ҳаёти иҷтимоӣ доираи онҳо торафт васеъ мегардад. Гарчанде ҳуқуқҳои инсон аз якдигар фарқ кунанд ҳам, ҳамаи онҳо бо ҳам дар алоқамандӣ қарор дошта, яке дигареро пурра мекунад ва нисбат ба дигаре бартарият надоранд. Масалан, ҳуқуқ ба ҳаёт, ҳуқуқ ба саломатӣ, ҳуқуқ ба таҳсил ва ғайраҳо шуда метавонанд.

Аз ҳамин лиҳоз, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии кишвар вобаста ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд чунтн иброз намуданд, ки “Таъмин намудани рушди устувор ва босуръати кишвар танзими ҳуқуқии саривақтӣ ва ҳамаҷонибаро талаб менамояд. Қонунгузорӣ бояд пайваста такмил дода шавад ва ҳамқадами ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бошад. Аз ин рӯ, аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон бояд тамоми саъю кӯшиши худро ба ин самт равона созанд. Тамоми сохтору мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти

ҳифзи ҳуқуқ бояд ҳамаи захираву имкониятҳоро ҷиҳати иҷрои вазифаҳои зикршуда барои соли 2024, ки сиюмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷлил мегардад, сафарбар намоянд. Зеро Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки заминаи эъмори давлати мустақили миллӣ ва пешравии тамоми ҷанбаҳои ҳаёти мардуми кишварро фароҳам овардааст, яке аз дастовардҳои муҳимтарини мо мебошад. Амалӣ намудани меъёрҳои Конститутсия ба мо имкон дод, ки пояҳои устувори ҷомеа ва давлатро созмон диҳем, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро таҳким бахшем, рушди устувори иқтисодии кишварамонро таъмин намоем, барои ҳар як шаҳрванди мамлакат шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро муҳайё созем. Бинобар ин, пешниҳод менамоям, ки соли 2024 ба ифтихори ин санаи бисёр муҳимми таърихӣ “Соли маърифати ҳуқуқӣ” эълон карда шавад”[2.].

Аслан пайдоиши калимаи лотинии «конститутсия», ки мазмуни он барпо намудан, бунёд гузоштан ва таъсис додан аст, илман муайян карда нашудааст. Ақидаҳое ҳастанд, ки ин истилоҳ аз гардидши техникии «rem publicam constitutire», ки санадҳои императорҳои римӣ сар мешуданд, гирифта шудааст[8, с.72.].

Ҳаёт, чун тӯҳфаи табиат ба инсон дар назди ӯ шароитҳои васеъро барои амалӣ намудани орзую ормонҳояш муҳайё менамояд. Афсӯс, ки имконияти худтатбиққунӣ на ҳамеша ба инсон вобаста аст. Он танҳо дар шароити ҷомеаи озод ва кушод, яъне ҷомеа и шаҳрвандӣ, ки бо иштироки бевоситаи худи инсон барпо мегардад, амалӣ гаштанаш мумкин аст. Дар он рехаи либералӣ-демократӣ ҳукумфармо буда, ба шахс мухторияти ҳақиқӣ ва мустақилият муҳайё карда мешавад, ҳуқуқ ва озодиҳои он ба пуррагӣ риоя ва ҳифз мегарданд[5, с.108.].

Моҳияти асосии ҳолати ҳуқуқии инсон ва шаҳрвандро ҳуқуқу озодиҳо ва вазифаҳои асосии он ташкил менамояд, ки дар қонунгузории давлатҳо мустаҳкам карда мешавад. Аз ин лиҳоз, ҳар қадаре, ки дар давлат сатҳи демократия инкишоф ёфта бошад, қонунҳои он ҳамон қадар демократитар мегарданд ва танзими доираи ҳуқуқу озодиҳои инсонро низ васеъ фаро мегиранд. Дар конститутсия на ҳамаи ҳуқуқу озодиҳо, балки аз ҳама асоситарин ва муҳимтарини онҳо мустаҳкам карда мешаванд.

Ҳолати конститутсионӣ-ҳуқуқиии шахс, ки хислати умумӣ дорад, барои ҳамаи шаҳрвандон ҳатмӣ аст. Вазъи ҳуқуқие, ки дар сатҳи соҳавӣ ё қонунгузории ҷорӣ мустаҳкам карда шудааст, хусусияти махсусгардонидаро дорад, чунки дар он дар бораи ҳуқуқ ва озодиҳои умумӣ барои ҳама не, балки нисбати баъзе категорияҳои муайяни шахсон, аслан, хизматчиёни ҳарбӣ, занону кӯдакон ва ғайра. сухан меравад.

Боби дуюми конститутсия ҳолати ҳуқуқии инсон ва шаҳрвандро ба танзим андохта усул ва кафолати ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои онҳоро муқаррар кардааст. Дар он чандин падидаҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ муттаҳид карда шудаанд. Аз ҷумла, падидаҳои шаҳрвандӣ, баробарҳуқуқии инсон, ҳуқуқу озодӣ ва кафолати онҳо, ки мақоми шахсро дар ҷамъият ва шаҳрвандро дар давлат муайян менамоянд. Давлат ба воситаи меъёрҳои конститутсия ба худ ӯҳдадорӣ гирифтааст, ки ҳуқуқу озодии инсон ва шаҳрвандро эътироф, риоя ва ҳифз менамояд[5, с.70.].

Ҳифз ва амалӣ шудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, агар дар Конститутсия, қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ ва ифода наёфта бошанд, онҳо самти татбиқи худро гум мекунанд. Гузашта аз ин ҳолатҳое, ки дар Конститутсия оид ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд инъикос ёфтаанд ва кафолат дода шудаанд, инкишофи худро дар қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки мақомоти давлатӣ қабул мекунанд, пайдо намуда, тартиби иҷроиши онҳо муайян карда мешавад[4, с.151.].

Аз ин нуқтаи назар, проблемаи озодии шахсият, таъмин гардидани ҳуқуқҳои фитрӣ ва дигар ҳуқуқу озодиҳои инсон, адолати иҷтимоӣ, баробарҳуқуқӣ ва волоияти қонун, идоракунии давлат, ташаккули низоми ратсионалии ҳокимият ва таҷзияи он аз зумраи падидаҳои сиёсию иҷтимоӣ ва ҳуқуқие ба ҳисоб мераванд, ки дар тӯли таърихи дароз предмети аҳамияти махсуси илмӣ-ҳуқукӣ дошта ба буданд ва новобаста аз фарогирии васеъ ва коркарди амиқи консептуалӣ, назариявӣ ва амалии онҳо аз тарафи илмҳои ҷомеашиносӣ аз қабилӣ фалсафа, назарияи ҳуқуқ ва давлат, сиёсатшиносӣ ва ғайра имрӯзҳо низ ҳамчун масъалаҳои мубрам боқӣ мемонанд.

Чунин аҳамияти махсус ба масъалаҳои зикршуда ва ба ин монанд масъалаҳо ва проблемаҳои ҳаёти ҷомеа аз он бармеоянд, ки дигаргуниҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва иқтисодӣ дар ҳар ҷомеа ба таври объективӣ тағйироти ҷиддиро дар муносибати байни шахсиятҳо, ҷомеа ва давлат ва байни инсо н ва ҳокимият муқаррар менамоянд. Зеро нишондиҳандаи асосии таърих ва қонуниятҳои пешбарандаи он инкишофи босуръати ҷомеаи башарӣ, иқтисодиёт, иҷтимоиёт ва маънавиёт аст ва инсоният дар ҳама давру замон ба озодӣ, истиқлолият ва ҷомеаи адолатпарвар ниёз дошт ва дорад[3, с.23.].

Аз ҷониби дигар, равандҳои таърихӣ ва дарки таърихӣ самтҳои гуногуни ба ҳам зид доранд ва чуноне, ки М.А. Барг қайд мекунад: “Агар равандҳои таърихӣ аз имрӯза ба оянда нигаронида шуда бошанд, он гоҳ идрок ба хотири имрӯзу фардо аз имрӯза ба гузашта нигаронида шудааст”[7, с.128.]. Дар ин самт, беэътиноӣ ба арзишҳои умумибашарии эътирофнамудаи инсоният, коста гаштани тартибот ва низоми байналмилалӣ, дахолати рӯйиростба корҳои дохилии давлатҳои алоҳида, ки истиқ-лолият ва тамомияти арзии онҳоро зери хавфу хатар мегузорад, фаъолшавии созмонҳои террористиву ифротгароӣ ва ҷиноятпешаи транссмиллӣ ва ҳар чӣ бештар ба зери тассаруфи онҳо даромадани манотиқи гуногуни олам, зиёд гаштани муноқишаҳои дохилӣ, ки ба таври оммавӣ ба поймол гаштани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд оварда расонидаанд, ба асосҳои сохтори конститутсионӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, ки натиҷаи рушди чандинҳазорсолаи афкори фалсафӣ, сиёсию ҳуқуқӣ ва ҷонбозиҳои беназири насли инсоният ҳастанд, хавфу хатари ҷиддиро ба бор меоваранд.

Ба эътибор нагирифтани конститутсияҳои давлатҳои ҷудогона, ирода ва манфиатҳои қисмати зиёди аҳолӣ, байрақ намудани “ҳуқуқи инсон” ва “фалокатҳои гуманитарӣ”, бисёрстандартӣ дар ҳалли масоили умдатарини байналмилалӣ ба хотири ноил шудан ба мақсадҳои гео- политикӣ, яроқноккунӣ ва дастгирии қисмати шаҳрвандони зери нуфузи идеология ва ғояи бегона афтида дар муборизa бар зидди ҳокимият солҳои охир фалокатҳои фоҷиабори зиёди конститутсиониро рӯи кор оварданд.

Мавриди зикр аст, ки Тоҷикистон ва мардуми шарафманди он низ, тавассути дасти душманони миллати мо бо истифода аз фарҳанги пасти сиёсию ҳуқуқӣ ва сатҳи худшиносиву худогоҳии баъзе аз шаҳрвандони мамлакат ба ҳаводиси барои ҷомеаи мо номатлуб кашида мешаванд. Ин гувоҳӣ аз сатҳи пасти шуури ҳуқуқӣ ва маърифати ҳуқуқии ин афрод аст, ки ба ҳар гуна роҳҳои фосид рафта, ба ному нанги кишвар ва мардуми худ истинод меоваранд. Дар замони муосир популизми иддае аз сиёсатмадорон, ки барои дар миёни ҷомеа соҳиб шудан ба обрӯ ва эътибори қалбакӣ аз минбарҳо, инчунин аз воситаҳои ахбори омма васеъ истифода бурда, эътибори давлат ва ҳокимиятро бо танқидҳои беасос ва бе замина коста гардонида, ҳолати вуҷуднадошаро дар чашми аҳолӣ воқеъият ва ҳақиқат нишон медиҳанд, бениҳоят нақши манфиро касб намудааст. Аксаран андеша ва танқидҳои онҳо ба авзои сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоии давлат тавъам нест, демократияро берун аз конститутсия, қонунгузорӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дидан мехоҳанд. Аз ин рӯ, мо бори дигар ба мафҳум, моҳият, эволютсия, заминаи устувории ҷомеа будани боэътимодии ин ҳуҷҷати сиёсию ҳуқуқӣ ва фарҳангӣ, инчунин аҳамияти таърихии он барои бунёди давлати демокративу ҳуқуқбунёд, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд афзалияти аввалиндараҷа дорад ва давлати иҷтимоии комил рӯ меоварем.

Андеша ва ғояи конститутсионӣ ин моли инсоният аст, ин натиҷаи рушди афкори фалсафию сиёсӣ ва ҳуқуқии ҷомеаи башарӣ мебошад, ки дар пайдоиш, побарҷоӣ ва расидан то ба дараҷаи назария, консепсия, амалия ва санади навишташуда нақши олимону муттафакирони ҳамаи халқҳои олам, аз ҷумла фарзандони баруманди миллати мо низ ҳаст.

Ҳолати конститутсионии шахс, ҳолати ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳолати ҳуқуқии хориҷиён ва шахсони бешаҳрвандро дар бар мегирад. Таркиби ҳолати ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд аз падидаҳои ҳуқуқии шаҳрвандӣ, соҳибҳуқуқии конститутсионӣ, усулҳои ҳолати ҳуқуқӣ, ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои асосӣ, кафолати ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои инсон ва шаҳрванд иборат мебошад. Алокамандии ҳуқуқии давлат ва инсон бо сабабҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ-сиёсӣ мансуб будани шахс ба давлат ё ки дар марзи Тоҷикистон истиқомат кардани шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрвандӣ, ки ба ин муносибат соҳибихтиёрии давлат ба онҳо паҳн мешавад, ба вуҷуд меоянд. Шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон узви аввали ҳолати ҳуқуқии инсон буда, вобаста ба он низоми ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои вай муайян карда шудаанд. Конститутсияи нави ҷумҳурӣ нисбат ба Конститутсияҳои қаблӣ бештар қадру қиммати инсонро таҷассум кардааст, бо вуҷуди ин, ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои асосӣ пеш аз ҳама ба шаҳрвандони Тоҷикистон таъин карда шудаанд.

Мазмуни ҳолати ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд, аз ҳама бештар дар ҳуқуқувазифаҳои онҳо, ки қонунгузории Тоҷикистон муқаррар кардааст ифодамеёбад. Низоми ҳуқуқу вазифаҳо хусусан, ҳуқуқу вазифаҳои асосӣ қисми марказии ҳолати ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд мебошад. Зеро ки маҳз онҳо алоқаҳои муҳимтарини байни давлат ва шаҳрвандонро дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт таҷассум мекунанд. Вобаста ба низом ва мазмуни ҳуқуқу вазифаҳои асосӣ дар хусуси ҳолати ҳуқуқии шахс дар Тоҷикистон сухан рондан мумкин аст. Ва ин ҳолат, яъне низоми ҳуқуқу

озодӣ ва вазифаҳои асосӣ нишондиҳандаи демократизми ин ё он ҷомеа мебошад[6, с.109.].

Қисми таркибии вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрвандро усулҳое ташкил медиҳанд, ки дар хусуси моҳияту мазмуни ин ниҳод маълумот медиҳанд. Амалӣ намудан ва татбиқшаванда будани вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд бо роҳи муқаррар намудани кафолатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, ташкилӣ ва ҳуқуқӣ таъмин менамоянд. Кафолатҳо дар он вазифаҳои ба ӯҳдаи худ гирифтаи давлат ифода меёбанд, ки барои таъмини вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд таъин гардидаанд. Ин кафолатҳо вазъи ҳуқуқӣ ва ҳақиқии шахсро дар ҷомеа ба якдигар пайванд месозанд.

Таҳти мафҳуми усулҳои асоси вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд муносибатҳои муҳимтарини байни давлат ва шаҳрвандон вобаста ба мавқеи онҳо дар ҷомеа фаҳмида мешавад. Мазмун ва хусусияти усулҳои асосии вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд бо моҳияту мазмуни ҳокимияти давлатӣ алоқамандии ногусастанӣ дорад. Вобаста ба хислати демократӣ ва ё иртиҷоӣ доштани шаклу сохтори давлатӣ мазмун ва моҳияти муносибати давлат бо шаҳрвандон гуногун шуда метавонад. Ин ҳолат мазмун ва таъиноти усулҳои вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрвандро муайян мекунад. Қисми таркибии вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд усулҳое мебошанд, ки дар хусуси моҳияту мазмуни ин падида шаҳодат медиҳанд. Усулҳои вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд хислати ҳамаро дарбаргиранда дошта, хусусияти вазъи ҳуқуқии ҳар як узви ҷомеаро муайян менамоянд. Онҳо ба ҳамаи ҳуқуқу озодиҳо бе истисно, сарфи назар ба кадом соҳаи ҳуқуқ бештар тааллуқ доштанашон паҳн мегарданд.

Усулҳои асоси вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд мувофиқи Сарқонуни Тоҷикистон аз инҳо иборат аст, дахлнопазирии ҳуқуқҳои фитрии инсон; баробарҳуқуқии шаҳрвандон; ягонагии ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои шаҳрвандон. Яке аз усулҳои асоси вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд дар Тоҷикистон дахлнопазири фитри шахс мебошад. Тоҷикистон санадҳои муҳимтарини байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсонро расман эътироф намуда, кӯшиш менамояд, ки ҳолатҳои асосии онҳоро дар санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ аз қабили Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз 10 декабри соли 1948, Пакти байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ аз 16 декабри соли 1966, Пакти байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ аз 16 декабри соли 1966, санади хотимавии Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо аз 1 августи соли 1975 ба Конститутсияи Тоҷикистон хеле калон аст. Аз ҷумла, дар дебочаи Конститутсия муқаддас донистани ҳуқуқу озодии шахс эълон гардидааст. Таъсири ин нишондод ба мазмуну моҳияти низоми ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои асоси инсон ва шаҳрванд бевосита калон аст[6, с.109.].

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо меъёрҳои байналмилалӣ-ҳуқуқии универсалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, аз қабили Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид аз соли 1945, Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз соли 1948, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои фитрӣ ва сиёсӣ аз соли 1966, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз соли 1966 мувофиқ аст ва ба онҳо асос ёфтааст[5, с.123.].

Принсипҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳуқуқи инсонро инҳо ташкил медиҳанд: а) принсипи баробарии ҳама дар назди қонун ва суд; б) принсипи адолати иҷтимоӣ; в) принсипи масъулияти тарафайни шаҳрванд ва давлат; г) принсипи вайроннашавандагии ҳуқуқ, озодиҳо ва манфиатҳои шахсони дигар, ҷомеа ва давлат; ғ) принсипи кафолати давлатии ҳифзи ҳуқуқии шаҳрвандон; ғ) принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ ва ғайра. Ҳамаи ин принсипҳо таҷассуми худро дар боби 2 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ёфтаанд.

Ҳамин тавр, зери мафҳуми ҳолати ҳуқуқии шахсият маҷмӯи ҳуқуқ, озодиҳо ва вазифаҳои дар қонунгузории давлат пешбинишуда, ҳамчунин, кафолати ҳуқуқии амалигардонии онҳо фаҳмида мешавад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва экологиро пешбинӣ кардааст.

Метавон гуфт, ки тамими ҳуқуқҳои инсон дар мадди аввал дар доираи конститутсияҳои мавҷудаи давлатҳо ба тариқи принсипиалӣ кафолат дода шуда, ба тариқи алоҳида ба таври мушахаас дар низоми қонунгузории амалкунанда инъикоси пурраи худро меёбанд. Албатта, дар амалияи қонунгузории мамлакати мо тамоми муқаррароти қонунгузории қабулшаванда бояд ба муқаррароти конститутсионӣ мутобиқат намоянд. Аз ин ҳолат ба хулоса омаданамон мумкин аст, ки кафолатҳои расмӣ-ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд асоси конститутсиониро доро мебошанд.

Ба ҳамин тариқ, падидаи ҳуқуқию конститутсионии вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд аз маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқие иборат, ки онҳо аз ҷиҳати сиёсию ҳуқуқӣ алоқамандии шахсро бо давлат, лаёкати соҳибҳуқуқии инсон ва усулҳои вазъи ҳуқуқии ӯро, ҳуқуқу озодӣ ва

вазифаҳои асосии инсон вашаҳрвандро муқаррар намуда, татбиқи онҳоро кафолат медиҳанд.

Муқарриз: д.и.ҳ., дотсент Шокиров Ғ.А.

ПОНЯТИЕ И ХАРАКТЕРИСТИКА КОНСТИТУЦИОННЫХ ПРАВ И СВОБОД ЧЕЛОВЕКА И ГРАЖДАНИНА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Ключевые слова: права человека, конституционные права, конституционные права человека, свобода, свобода человека, понятие, характеристика, права гражданина, Республика Таджикистан, Конституция, нормативные правовые акты, международные акты.

Аннотация: В данной статье на основе научных идей и конституционно-правовых положений анализируются и изучаются некоторые теоретические вопросы понятия и характеристики конституционных прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан. Фактически, один из всеобъемлющих механизмов обеспечения прав и свобод человека непосредственно конституируется конституционными положениями. Эту ситуацию мы можем обнаружить непосредственно из анализа гарантированных положений Конституции Республики Таджикистан.

Хуршедзода Манижа Хуршед **-** ассистент кафедры конституционного права Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Электронная почта: khurshedzodam@mail.ru; Телефон: (+992) 92-624-04-10

CONCEPT AND CHARACTERISTICS OF CONSTITUTIONAL RIGHTS AND FREEDOMS OF HUMAN AND CITIZEN IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Key words: human rights, constitutional rights, constitutional human rights, freedom, human freedom, concept, characteristics, citizen rights, Republic of Tajikistan, Constitution, normative legal acts, international acts.

Abstract: In this article, based on scientific ideas and constitutional and legal provisions, some theoretical issues of the concept and characteristics of constitutional rights and freedoms of man and citizen in the Republic of Tajikistan are analyzed and studied. In fact, one of the comprehensive mechanisms for ensuring human rights and freedoms is directly constituted by constitutional provisions. We can find this situation directly from the analysis of the guaranteed provisions of the Constitution of the Republic of Tajikistan.

Khurshedzoda Manizha Khurshed **-** Assistant of the Department of Constitutional Law of the Tajik State University of Law, Business and Politics. E-mail: khurshedzodam@mail.ru; Tel: (+992) 92-624-04-10

Руйхати адабиёт:

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994. Маводи электронӣ: Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.mmk.tj/ru. (санаи мурочиат: 22.11.2024).

2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.12.2023, Маводи электронӣ: Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.mmk.tj/ru. (санаи мурочиат: 22.11.2024).

3. Конститутсия - заминаи рушди низоми самараноки идоракунии давлатӣ: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ- назариявӣ (1-уми ноябри соли 2023). - Душанбе, 2023 . – 230 с.

4. Тафсири илмию оммавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, Шарқи озод, 2009. – 520 с.

5. Орипов Т.О., Бобоев А.Х. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Комплекси таълимӣ-методӣ. – Хуҷанд, ДДҲБСТ, 2015. – 108 с.

6. Имомов А. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2004. – 390 с.

7. Барг М. Категорияҳо ва усулҳои илми таърих. М.: Наука, 1984. 342 с.

8. Козлова Е.И. Ҳуқуқи конститутсионии Россия: китоби дарсӣ / Е.И. Козлова, О. Е. Кутафин. - Москва: Проспект, 2016. - 592 с.

Список литературы:

1. Конституция Республики Таджикистан от 6 ноября 1994 года. Электронный ресурс: Режим доступа: URL: http://www.mmk.tj/ru. (дата обращения: 22.11.2024).

2. Послание Президента Республики Таджикистан, Лидера нации Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан из 28.12.2023. Электронный материал: Источник доступа: URL: http://prezident.tj (дата обращения: 22.11.2024).

3. Конституция – основа развития эффективной системы государственного управления: материалы республиканской научно-теоретической конференции (1 ноября 2023 г.). - Душанбе, 2023. - 230 с.

4. Научное и общественное толкование Конституции Республики Таджикистан. Душанбе, Шарки озод, 2009. – 520 с.

5. Орипов Т.О., Бобоев А.Х. Конституционное право Республики Таджикистан. Учебно-методический комплекс. – Худжанд, ТГУПБП, 2015. – 108 с.

6. Имомов А. Конституционное право Республики Таджикистан. Душанбе, 2004. – 390 с.

7. Барг М.А. Категории и методы исторической науки. М.: Наука, 1984. 342 с.

8. Козлова Е.И. Конституционное право России: учебник / Е.И. Козлова, О. Е. Кутафин. - Москва: Проспект, 2016. - 592 с.

List of references:

1. Constitution of the Republic of Tajikistan of November 6, 1994. Electronic resource: Access mode: URL: http://www.mmk.tj/ru. (date ccessed: 22.11.2024).

2. Message of the President of the Republic of Tajikistan, Leader of the Nation Emomali Rahmon to the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan dated 28.12.2023. Electronic material: Access source: URL: http://prezident.tj (date of access: 22.11.2024).

3. The Constitution is the basis for the development of an effective public administration system: materials of the republican scientific and theoretical conference (November 1, 2023). - Dushanbe, 2023. - 230 p.

4. Scientific and public interpretation of the Constitution of the Republic of Tajikistan. Dushanbe, Sharqi ozod, 2009. – 520 p.

5. Oripov T.O., Boboev A.Kh. Constitutional Law of the Republic of Tajikistan. Educational and Methodological Complex. – Khujand, TSUPBP, 2015. – 108 p.

6. Imomov A. Constitutional Law of the Republic of Tajikistan. Dushanbe, 2004. – 390 p.

7. Barg M.A. Categories and methods of historical science. Moscow: Nauka, 1984. 342 p.

8. Kozlova E.I. Constitutional law of Russia: textbook / E.I. Kozlova, O.E. Kutafin. - Moscow: Prospect, 2016. - 592 p.

ТДУ: 342.8
Одиназода Шоҳрух Хисрав,
сардори шуъбаи қонунгузории кишоварзӣ, истифодаи сарватҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зисти Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
Тел.: (+992) 931-10-04-40.
E-mail: shohrukh_odinazoda@bk.ru



Ғафуров Қиёмудин Абдусаломович,
муовини сардори шуъбаи қонунгузорӣ оид ба меҳнат, муҳоҷират ва иҷтимоии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
E-mail: qiyomudin.1999@mail.ru
Тел.: (+992) 981-99-99-39.

АСОСҲОИ ИШТИРОКИ ФАЪОЛОНАИ ШАҲРВАНДОН ДАР ИНТИХОБОТ: ҶАНБАҲОИ МЕЪЁРӢ-ҲУҚУҚӢ

Калидвожаҳо: ҳуқуқи иштирок дар интихобот; раъйпурсӣ; ҳуқуқи интихоботии шаҳрвандон; низоми интихобот; идоракунии давлат; қонунгузории миллӣ; санадҳои байналмилалӣ.

Аннотатсия: Дар мақолаи мазкур муаллифон ҷанбаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии асосҳои иштироки фаъолонаи шаҳрвандон дар интихоботро бо дарназардошти адабиёти илмӣ ва қонунгузории кишвар мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додаанд.

Дар низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳуқуқу озодиҳои сиёсӣ мавқеи махсусро ишғол менамоянд. Нисбат ба дигар гурӯҳҳои ҳуқуқу озодиҳо, ҳуқуқу озодиҳои сиёсӣ асосан барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидааст, ки ҳуқуқи иштирок дар интихобот ва дар идоракунии корҳои давлатӣ низ ба ин ҳуқуқҳо шомил мебошад.

Ҳуқуқи интихоботӣ - маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқие мебошад, ки тартиби ташкил ва ҷамъбасти интихоботи намояндагии ҳокимияти давлатӣ ва Раиси ҷумҳурро танзим карда, усулҳои низоми интихоботро муқаррар менамоянд. Меъёрҳои ҳуқуқии интихобот барои муқаррар ва таҳкими муносибатҳои зайл таъйин шудаанд:

1) муайян кардани доираи шахсе, ки ҳуқуқи интихоб кардан (ҳуқуқи интихоби фаъол) ва ҳуқуқи интихоб шудан (ҳуқуқи интихоби ғайрифаъол) ба Раиси ҷумҳур ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ ва Маҷлисҳои маҳаллӣ доранд;

2) муқаррар кардани усулҳои интихобот;

3) тартиби ташкил ва ҷамъбасти интихобот;

4) муайян кардани муносибати интихобкунандагон бо вакилон [1].

Маҳз ба воситаи интихобот вазифа ва мансабҳои сатҳи олии давлатӣ дар мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ ишғол карда мешаванд. Масалан, бавоситаи интихобот саркори давлат - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда мешавад, интихоботи Маҷлиси намояндагон ба таври умумӣ, баробар, мустақим ва бо овоздиҳи пинҳонӣ сурат мегирад. Интихоботи аъзои Маҷлиси миллӣ дар асоси ҳуқуқи интихоботии бавосита бо овоздиҳии пинҳонӣ сурат мегирад ва аз чор як ҳиссаи онро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин мекунад. Аъзои Маҷлиси миллӣ аз тарафи вакилони мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ интихоб мешаванд.

Дар айни замон танзими ҳуқуқии интихобот дар Тоҷикистони соҳибистиқлол ба худ шаклу мазмуни хос гирифта, масъалаҳои вобаста ба интихобот дар меъёрҳои муқаррарнамудаи Конститутсия ба таври мушаххас оварда шудааст. Аз ҷумла, моддаи 49 Конститутсия ба интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаҳои 65-66 ба интихоботи Президенти кишвар.

Бояд гуфт, ки Конститутсия ҳамчун сарчашмаи асосии қонунгузории кишвар ба ҳисоб меравад, ки дар боби дуюми он (Ҳуқуқ озодӣ, вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд),махсусан дар моддаи 27 чунин муқаррар шудааст: “Шаҳрванд ҳуқуқ дорад дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи

давлатӣ бевосита ва ё ба воситаи вакилонаш иштирок намояд. Шаҳрвандон ба хидмати давлатӣ ҳуқуқи баробар доранд. Шаҳрванд аз синни 18 ҳуқуқи дар раъйпурсӣ иштирок кардан, интихоб намудан, инчунин аз синни муқаррарнамудаи Конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳо ҳуқуқи интихоб шуданро дорад. Шаҳрвандоне, ки аз тарафи суд ғайри қобили амал дониста шудаанд ва ё мувофиқи ҳукми суд дар ҷойҳои аз озодӣ маҳрумшудагон нигоҳ дошта мешаванд, ҳуқуқи дар интихобот ва раъйпурсӣ иштирок кардан надоранд. Тартиби гузаронидани интихоботро қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳо танзим менамоянд. Баргузории раъйпурсӣ тибқи қонуни конститутсионӣ сурат мегирад” [2].

Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки моддаи мазкур идомаи мантиқии моддаи 6 Конститутсия мебошад, ки мушаххасан ба халқ тааллуқ доштани ҳокимияти давлатиро пешбинӣ менамояд. Дар моддаи баррасишаванда бисёртар сухан дар бораи ҳуқуқи иштироки бевосита ва ё бавоситаи шаҳрвандон дар идоракунии корҳои давлатӣ меравад. Муқаррароти мазкур шаҳодат аз он медиҳад, ки Тоҷикистон ҳамчун давлати демократӣ иштироки шаҳрвандони худро дар ҳаёти сиёсии давлатӣ кафолат медиҳад.

Дар моддаҳои зикргардида масъалаҳои пешбурд ва тартиби гузаронидани интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вакилони Маҷлиси маҳаллӣ пешбинӣ шудааст. Инчунин, тартиби гузаронидани интихобот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси қонунҳои конститутсионии зерин муқаррар карда мешавад:

1) Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 10 декабри соли 1999, №856;

Принсипҳои иштироки шаҳрвандон дар интихобот дар моддаи 3 Қонуни конститутсионии мазкур муқаррар гардидааст, ки тибқи он интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагон дар асоси ҳуқуқи умумӣ, баробар ва бевосита бо овоздиҳии пинҳонӣ ва низоми омехтаи интихобот сурат мегирад, дар он ҳеҷ гуна ҳадди ҳисоб (квота) муқаррар карда намешавад. Иштирок дар интихобот озод ва ихтиёрӣ мебошад.

2) Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 21 июли соли 1994, № 1042;

Ҳуқуқи умумии интихобот (маънои онро ифода менамояд, ки шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки синнашон то рӯзи интихобот ба 18 расидааст, қатъи назар аз мансубияташон ба миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсилот ва дороии молу мулк ҳуқуқи интихоб кардан доранд.

3) Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ” аз 10 декабри соли 1999 № 858;

Ҳуқуқи баробари интихобот ифодаи он аст, ки интихобкунандагон дар асоси ҳуқуқи баробар дар интихобот иштирок мекунанд ва ҳар кадоми онҳо як овоз доранд.

Инчунин, ба ғайр аз қонунҳои зикрёфта боз як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ дар ин самт ҷой доранд, ки масъалаҳои ҷудогонаи ташкилу анҷоми интихоботро ба танзим медароранд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки Конститутсия таҳкимбахш ва кафолатдиҳандаи ҳуқуқҳои сиёсии шаҳрвандон дар Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошад. Ба шаҳрвандони синашон аз 18 - сола боло ҳуқуқ дода шудааст, ки дар интихобот ва корҳои давлатӣ озодона иштирок кунанд. Бо ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ арзишҳо ва принсипҳои давлати демократӣ дар амал давра ба давра татбиқ гардид ва дар ин Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфта, фаъолияти худро ба роҳ мондааст. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Комиссияи марказии инихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 19 июли соли 2019, №1642 ҳуқуқи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба интихобот ва раъйпурсӣ таъмин менамояд [3].

Имрӯзҳо ҳарчи бештар дар сатҳи баланд таъмин намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба назар мерасад, ки яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар ин замина, Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилидавлатиро бо меъёрҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон мутобиқ намуда истодааст. Баҳри амали намудани ҳуқуқҳои шаҳрвандон дар ҷумҳурии мо як қатор санадҳои мушаххас қабул шуда, пояҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар ин замина мустаҳкам карда шудааст [4].

Ҳуқуқи интихоботии шаҳрвандон ва иштирок дар идораи корҳои давлатӣ бо қонунгузории миллӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ба таври мушаххас кафолат дода шудаанд.

Ҳуқуқи мазкур бори аввал дар давраи инқилобҳои буржуазии асри Xll, дертар дар асри XX дар ҳуҷҷатҳои асосии байналмилалӣ оид ба

ҳуқуқҳои инсон таҳким ёфтааст. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (моддаи 21) кафолат медиҳад, ки "Ҳар як инсон ҳуқуқ дорад, ки бевосита ё ба воситаи намояндагоне, ки озодона интихоб шудаанд, дар идораи корҳои кишвари худ ширкат намояд. Ҳар як инсон дар кишвари худ ба хидмати давлатӣ ҳуқуқи баробар дорад. Иродаи халқ бояд асоси ҳокимияти ҳукумат бошад; ин ирода бояд давра ба давра ва бидуни сохтакорӣ, бо роҳи овоздиҳии пинҳонӣ ё тавассути шаклҳои дигари он, ки овоздиҳии озодонаро таъмин менамояд, ба амал бароварда мешавад" [5].

Дар баробари меъёрҳои қонунгузории миллӣ оид ба интихобот, инчунин Эъломияи умумии ҳуқуқи башар низ таъкид менамояд, ки ҳар як шаҳрванди интихобгардида бо дарки баланди ватандӯстӣ, худогоҳӣ ва фарогир аз манфиатҳои умумӣ дар ҷомеаи мавҷуда фаъолияти худро ба роҳ монанд. Аз ин лиҳоз, бояд тамоми қишри ҷомеъа, ҳам интихобшавандагон ва ҳам интихобкунандагон дар масъалаи хештаншиносӣ ва худогоҳии миллӣ якранг бошанд.

Инчунин, Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ низ ҳуқуқи иштирок дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи корҳои давлатро таҳким бахшидааст. Мутобиқи моддаи 25 он «Ҳар як шаҳрванд бояд бидуни ягон навъ табъизи дар моддаи 2 санади мазкур ва бидуни маҳдудиятҳои беасос ҳуқуқ ва имкониятҳои зеринро дошта бошад:

а) дар пешбурди корҳои давлатӣ чи бевоста ва чи бавоситаи намояндагони ба таври озод интихобшуда ширкат намояд;

б) дар интихоботи озоди даврӣ, ки дар асоси ҳуқуқи интихоботии умумӣ ва баробар бо овоздиҳиии пушида ва таъминкунандаи иродаи озоди интихобкунандагон доир карда мешаванд, иштирок намояд ва интихоб шавад;

с) дар кишвари худ аз имконияти умумии баробар ба хидмати давлатӣ истифода намояд» [6].

Иродаи халқ дар асоси муқаррароти санади мазкури байналмилалӣ бояд асоси ҳокимияти давлатӣ бошад. Он дар интихоботи даврӣ ва ғайриқалбакӣ, ки бояд бо таври умумӣ ва баробар будани ҳуқуқи интхоботӣ бо роҳи овоздиҳии пинҳонии таъминкунандаи озодии овоздиҳӣ гузаронида мешавад, ифода меёбад.

Инчунин, дар асоси интихобот шаҳрвандон ба номзади арзандаи худ овоз дода, ояндаи давлату миллатро интихоб менамоянд. Чунки номзади арзандае, ки ба сари ҳокимият меояд аз номи халқ давлатро идора менамояд. Дар ин замина, дар Конститутсия муқаррар карда шудааст, ки аз номи халқи Тоҷикистон танҳо Президент, Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи якҷояи худ ҳуқуқи сухан гуфтан доранд. Дар таъсис ва барҳам додани дигар мақомоту ташкилотҳои ҳокимияти давлатӣ онҳо нақши ҳалкунанда доранд [7].

Ҳуқуқи иштирок дар идоракунии давлат ва корҳои ҷамъиятӣ принсипи бунёди муносибатҳои байниҳамдигарии давлат ва шаҳрвандони он ва яке аз муҳимтарин ҳуқуқи сиёсӣ аст. Иштироки бевоситаи шаҳрвандон дар идоракунии корҳои бо роҳи ифодаи раъйи онҳо дар интихобот ва раъйпурсиҳо, инчунин иштироки шахсӣ дар кори мақомоти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ мегардад. Беҳуда нест, ки кафолатҳо ва ҳамзамон шаклҳои амалишавии ҳуқуқҳои сиёсии мазкур як қатор ҳуқуқҳои дигар: ҳуқуқи интихоб кардан ва интихоб шудан, ҳуқуқи иштирок намудан дар раъйпурсӣ, ҳуқуқи дастрасии баробар ба хидмати давлатӣ, ҳуқуқи иштирок дар адолати судӣ ва ғайра мебошанд.

Ҳуқуқи иштирок дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи корҳои давлат ба шаҳрвандони мамлакат, ки ба синни 18 солагӣ расидаанд вобастагӣ дорад. Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар интихобот ва раъйпурсиҳо иштирок карда наметавонанд.

Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи худро дар интихобот ва идоракунии корҳои давлатӣ бо якчанд роҳҳо амалӣ менамояд. Якум, шаҳрвандон бо роҳи иштироки шахсӣ дар интихобот ба сифати интихобкунанда ва ё интихобшаванда, иштирок дар раъйпурсии умумихалқӣ, муҳокимаи қонунҳо ва дигар масъалаҳои муҳими сатҳи умумидавлатӣ, маҳаллӣ ва ҷамъиятӣ дар идораи давлатӣ ширкат меварзанд. Омори иштироки шаҳрвандон дар интихоботҳо ва райъпурсиҳои дар кишвар доир гардида аз он далолат медиҳанд, ки шаҳрвандон аз ин ҳуқуқи конститутсионии худ ба таври дахлдор истифода мебаранд. Дуюм, шаҳрвандон дар идораи давлатӣ тавассути вакилони худ ширкат меварзанд. Иштироки ғайримустақими шаҳрвандон дар идоракунии давлатӣ дар заминаи иштироки бевоситаи онҳо ба вуҷуд меояд. Аз он сабаб, ки шаҳрвандон вакилони худро маҳз дар ҷараёни баргузории интихоботҳо интихоб намуда, ба интихобгардидагон ваколат медиҳанд, ки аз номи онҳо дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ ширкат намоянд. Президент, аъзои Маҷлиси миллӣ, вакилони Маҷлиси намояндагон ва маҷлисҳои маҳаллӣ намояндагони шаҳрвандон ба ҳисоб рафта, аз номи шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ фаъолона ширкат меварзанд.

Конститутсияи Тоҷикистон зимнан баробарҳуқуқии шаҳрвандонро ба хидмати давлатӣ муқаррар намудааст, ки ин муносибат низ аз хусусияти демократӣ ва соҳибихтиёрии давлат гувоҳӣ медиҳад. Ин ҳолат низ иштироки васеи шаҳрвандонро дар идораи давлатӣ тақвият мебахшад. Дар аксари конститутсияҳои ҳозираи давлатҳои демократӣ ҳуқуқи шаҳрвандон барои иштирок кардан дар идораи корҳои давлат дар шакли маҷмӯи ҳуқуқҳои дар боло нишондодашуда ташаккул ёфтааст. Айнан ҳамин тавр он дар Конститутсия низ таҳким бахшида шудааст [8].

Ҳуқуқи иштироки шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсӣ (иштирок дар интихобот ва идоракунии корҳои давлатӣ) дар санадҳои байналмилалӣ, Конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ, инчунин Қонуни Ҷумҳури Тоҷикистон, «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ кафолат дода шудааст. Дар ҳама давру замон, аз асрҳои гузашта то имрӯз, дар байни миллатҳои гуногун асоси озодӣ, адолат, эҳтиром ва арзиши шахсии инсон ин ҳуқуқу озодиҳои инсонӣ мебошад.

Ба ин тариқ, ҳуқуқ ва озодиҳои сиёсӣ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ аҳамияти махсус доранд, зеро онҳо ба мустаҳкам кардани алоқаи шаҳрванд бо ҷомеа ва давлат нигаронида шуда, мақсадашон роҳ надодан ба бетафовутии шаҳрвандон ба тақдир ва фаъолияти мамлакати худ мебошад.

Дар маҷмуъ, ҳадафи асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати ҳуқуқбунёду демократӣ, дар баробари дигар кафолати ҳуқуқу озодиҳои асосӣ, таъмин ва ҳимоя намудани ҳуқуқ ва озодиҳои сиёсии шаҳрвандон дар интихобот ва иштирок дар корҳои давлатӣ низ мебошад.

Ҳамин тавр, зикр кардан ба маврид аст дар шароите, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва бунёди ҷомеаи шаҳрвандиро интихоб намудааст, нақши интихобот ва иштирок дар корҳои давлатӣ ниҳоят бузург аст. Ҳамчунин, падидаи мазкур дар амалишавии ҳуқуқҳои сиёсии шаҳрвандон ҷойгоҳи хоса дошта, онҳоро бо фазои сиёсии кишвар пайваст менамояд.

Муқарриз: н.и.ҳ., дотсент Бобокалон Ғ.М.

ОСНОВЫ АКТИВНОГО УЧАСТИЯ ГРАЖДАН В ВЫБОРАХ: НОРМАТИВНО-ПРАВОВЫЕ АСПЕКТЫ

Ключевые слова: право на участие в выборах; референдум; избирательное право граждан; избирательная система; государственное управление; национальное законодательство; международные документы.

Аннотация: В данной статье авторы анализируют и рассматривают нормативно-правовые аспекты основ активного участия граждан в выборах с учетом научной литературы и законодательства страны.

Одиназода Шохрух Хисрав - начальник отдела сельскохозяйственного законодательства, природопользования и охраны окружающей среды Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан. E-mail: shohrukh_odinazoda@bk.ru. Тел.: (+992) 931-10-04-40.

Гафуров Киемудин Абдусаломович - заместитель начальника отдела трудового, миграционного и социального законодательства Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан. E-mail: qiyomudin.1999@mail.ru, Тел.: (+992) 98 -99-99-39.

BASICS OF ACTIVE PARTICIPATION OF CITIZENS IN ELECTIONS: REGULATORY AND LEGAL ASPECTS

Key words: right to participate in elections; referendum; citizens' electoral rights; electoral system; public administration; national legislation; international documents.

Annotation: In this article, the authors analyze and consider the regulatory and legal aspects of the basics of active participation of citizens in elections, taking into account scientific literature and the country's legislation.

Odinazoda Shohrukh Khisrav - head of the department of agricultural legislation, use of natural resources and environmental protection National Center of Legislation under the President of the Republic of Tajikistan. E-mail: shohrukh_odinazoda@bk.ru. Tel.: (+992) 931-10-04-40.

Gafurov Kiyomudin Abdusalomovich - Deputy Head of the Department of Labor, Migration and Social Legislation of the National Center of Legislation under the President of the Republic of Tajikistan. E-mail: qiyomudin.1999@mail.ru. Tel.: (+992) 981 - 99 - 99 - 39.

Рӯйхати адабиёт:

1.Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ / Зери таҳрири Маҳмудов М.А. - Душанбе: “ЭР-граф”, 2009. - 524 с.

2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикисон аз 6 ноябри соли 1994 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: “Ганҷ”, 2016. – 135 с.

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Комиссияи марказии инихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 19 июли соли 2019, №1642 // [Захираи электронӣ] / Манбаи дасрасӣ: https://mmk.tj/content (санаи мурочиат: 20.01.2025).

4. Имомов А. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Имомов А. – Душанбе: “Оли Сомон”, 1997. – 386 с.

5. Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ. Бо қатъномаи 2200 А (XXI) Ассамблеяи Генералӣ 16 декабри соли 1966 қабул шудааст // [Захираи электронӣ] / Манбаи дасрасӣ: https://mmk.tj/system/files/ArticleAttachments/ Пакт.pdf (санаи мурочиат: 27.01.2025).

6. Эломияи умумии ҳуқуқи башар 10 декабр 1948 аз ҷониби Ассамблеяи Генералии СММ қабул гардидааст // [Захираи электронӣ] / Манбаи дасрасӣ: https://mmk.tj/content (санаи мурочиат: 27.01.2025).

7. Муҳаммад А.Н., Хидирзода М.У., Сафарализода Х.Қ. // Сиёсатшиносӣ. – Душанбе: “Матбуот”, 2018. – 260 с.

8. Сафаров Б.А., Сафаров Д.С., Миралиев И.Қ., Саидов И.И. Ҳуқуқи инсон (дар нақшаҳо). – Душанбе: “Баҳманруд”, 2013. - 207 с.

Список литературы:

1. Словарь юридической терминологии / Под ред. Махмудова М.А. – Душанбе: “ЭР-граф”, 2009. – 524 с.

2. Конституция Республики Таджикистан от 6 ноября 1994 года (на таджикском и русском языках). - Душанбе: “Гандж”, 2016. - 135 с.

3. Закон Республики Таджикистан “О Центральной комиссии по выборам и референдумам Республики Таджикистан” от 19 июля 2019 года, №1642 // [Электронный ресурс] / Режим доступа: https://mmk.tj/content (дата обращения: 20.01.2025).

4. Имомов А.. Конституционное право Республики Таджикистан // Имамов А. - Душанбе: “Оли Сомон”, 1997. – 386 с.

5. Международный Пакт о гражданских и политических правах. Принят резолюцией 2200 А (XXI) Генеральной Ассамблеи от 16 декабря 1966 года // [Электронный ресурс] / Режим доступа: https://mmk.tj/system/files/ArticleAttachments / Пакт.pdf (дата обращения: 27.01.2025).

6. Всеобщая декларация прав человека была принята Генеральной Ассамблеей ООН 10 декабря 1948 года // [Электронный ресурс] / Режим доступа: https://mmk.tj/content (дата обращения: 27.01.2025).

7. Мухаммед А.Н., Хидирзода М.У., Сафарализода Х.К. // Политология. - Душанбе: “Матбуот”, 2018. – 260 с.

8. Сафаров Б.А., Сафаров Д.С. Миралиев И.К., Саидов И.И. Права человека (в планах). – Душанбе: “Бахманруд”, 2013. - 207 с.

List of literature:

1. Dictionary of legal terminology / Edited by Makhmudov M.A. – Dushanbe: “ER-graf”, 2009. – 524 p.

2. The Constitution of the Republic of Tajikistan dated November 6, 1994 (in Tajik and Russian). - Dushanbe: “Ganj”, 2016. - 135 p.

3. The Law of the Republic of Tajikistan “On the Central Commission for Elections and Referendums of the Republic of Tajikistan” dated July 19, 2019, No. 1642 // [Electronic resource] / Access source: https://mmk.tj/content (date of request: 20.01.2025).

4. Imomov A. Constitutional law of the Republic of Tajikistan // Imamov A. - Dushanbe: “Oli Somon”, 1997. - 386 p.

5. The International Covenant on Civil and Political Rights. Adopted by General Assembly resolution 2200 A (XXI) on December 16, 1966 // [Electronic resource] / Access source: https://mmk.tj/system/files/ArticleAttachments /

Pact.pdf (date of request: 27.01.2025).

6. The Universal Declaration of Human Rights was adopted by the UN General Assembly on December 10, 1948 // [Electronic resource] / Access source: https://mmk.tj/content (date of request: 27.01.2025).

7. Muhammad A.N., Khidirzoda M.U., Safaralizoda H.Q. // Political Science. - Dushanbe: "Press", 2018. - 260 p.

8. Safarov B.A., Safarov D.S. Miraliev I.Q., Saidov I.I. Human rights (in the plans). – Dushanbe: "Bahmanrud", 2013. - 207 p.

УДК:343.01
Атобуллоев Шаҳром Комилҷонович
унвонҷӯи шуъбаи қонунгузорӣ оид ба сохтори давлатӣ, мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқи Маркази милии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
E-mail: atobulloevsahrom5@gmail.com
Тел.: (+992) 110-01-26-27.

АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА ХИСЛАТҲОИ КОНСТИТУТСИОНИИ ТАМОМИЯТИ АРЗӢ ВА СОҲИБИХТИЁРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Калидвожаҳо: тамомияти арзӣ, соҳибихтиёрӣ, амнияти миллӣ, қаламрав, сарҳад.

Аннотатсия. Дар мақола масъалаи омӯзиши таърихи тамомияти арзии давлат, унсурҳои амалишавии соҳибихтиёрии давлатӣ, ки дар моддаи 7 Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ишора мешавад яке аз мақсадҳои марказии таҳқиқотии мазкур ба шумор меравад. Инчунин аз нуқтаи назари масъалагузорӣ, мавзӯи интихобшуда, усули баррасӣ ва роҳҳои илмии ҳалли масоили мавҷудаи ҳудудии давлат дар ҶТ навгонии ҷиддӣ дар фазои илми ҳуқуқшиносӣ, махсусан ҳуқуқи конститутсионии кишвар маҳсуб мегардад. Таҳқиқоти илмии мақолаи мазкур дар он ифода мегардад, ки аз ҷониби муаллиф дар доираи аввалин пажӯҳиши мукаммал, ҳаматарафа, сохторӣ-пуррагӣ, таҳлили муқоисавии асосҳои назариявӣ ва хислатҳои конститутсионии тамомияти арзӣ ва соҳибитиёрӣ мувофиқи доктринаи ҳуқуқи конститутсионӣ,ба риштаи таҳлил кашида шудааст.

Таъмини тамомияти арзии ҳудудии давлатҳо яке аз мушкилоти мубрами замони муосир мебошад. Дар кори файласуфи қадимаи Чинии Лао- цзи Даодэцзин ҷанбаҳои давлат, ба монанди тамомияти ҳудудӣ ба назар гирифта шудаанд. Лао-цзи ба аҳамияти муттаҳидшавии ҳокимият ва элитаҳо бо мақсади пешгирии парокандагии давлат диққати махсус медод. Дар ёдгориҳои адабии ҳиндустони қадим «Артхашастре», ки маълумоти муҳимро дар бораи паҳлӯҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа ва давлат дар бар мегирад,ба масъалаҳои тамомият ва ҳимояи қаламрав бахшҳои зиёде ҷудо карда шудаанд. Бо вуҷуди он, ки ба масъалаҳои тамомият асарҳои биёр олимони бузурги қадим бахшида шуда буданд, илмӣ-назаривии мунтазам фаҳмиши давлат, соҳибихтиёрӣ, ва сиёсати амалӣ на танҳо дар Замони Нав ва баъдтар дар даврони маърифат ба амал омад. Ба ин масъалаҳо асарҳои мутафаккирон, ба монанди Никколо Макиавели, Гуго Гроций, Жан Боден, Томас Гоббс, Шарл- Луи Монтескье, бахшида шудаанд.

Ба ақидаи намояндагон ва ташаккулдиҳандагони назарияи мазкур (Т.Гоббс, Ҷ.Локк, Ж.Ж.Руссо), давлат натиҷаи ризоияти дохилии миёни шаҳрвандоне мебошад, ки онҳо ба хотири ҳимояи моликияти худ ва тартиботи ҷамъиятӣ як қисми озодиҳои худро ба давлат додаанд.[1,37,с]

Пайдоиш ва рушду инкишофи давлат сабабҳои гуногун дорад. Аз ин рӯ, як таълимоти илмиро ҳамчун таърифи ягона пазируфтан низ қобили қабул нест. Давлат ҳамчун институти махсуси сиёсӣ дар асрҳои V-III то милод пайдо гардидааст. Заволи давраи ваҳшигарӣ ва оғози рушду инкишофи маданияти инсонӣ яке аз сабабҳои асосии пайдоиши давлат мебошад. Бинобар ин, давлат дар натиҷаи мураккаб гардидани ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ, тағйир ёфтани шаклҳои қонеъ намудани талаботи онҳо ва ниҳоятан дар натиҷаи ба вуҷуд омадани зарурияти идораи корҳои ҷамъиятӣ пайдо гардида, мавҷудияти худро нигоҳ медорад ва минбаъд марҳила ба марҳила рушду инкишоф меёбад.

Чуноне, ки таърихнавис Ибодуллозода А. , қайд менамояд ки марз ва марзбандӣ яке аз нишонаҳои асосии давлатдории миллӣ мебошад. Истилоҳи марз дар нахустин сарчашмаҳои таърихӣ, китоби «Авесто» ба маънои сарҳади як давлат ва кишвар, дар забони паҳлавӣ маънои хона ва маскан ёд шудааст. Дар дигар сарчашма ва луғатномаҳои таърихӣ аз ҷумла, «Луғати Фурс»-и Асадии Тӯсӣ, «Анҷуманоро»-и Рашидӣ, «Фарҳанги Деҳхудо», «Фарҳанги Амид» ва ғайраҳо истилоҳи «марз», «марзбон», «ҳад», «сарҳад» дар ба як маъно шарҳ ёфтаанд.

Қайд бояд кард, ки дар тули таърих гузаштагони мо дар масоҳати васеъ давлатҳои бузургеро, аз қабили давлатҳои ҳахоманишинӣ,

Порт (Ашкониён), Кушониён, Сосониён, Ҳайтолиён, Тоҳирёну Саффориён Сомониён ва ғайраро таъсис намудаанд. Ҳар яке аз ин давлатҳо дорои марзи муқаррар ва низоми мукаммали сиёсӣ буданд. [2, с.275]

Таъмини амнияти давлат аз ҷониби подшоҳон ва шахсони барӯманди ҷамъиятӣ дар давраи пайдоиши аввалин давлатҳо дар ҳудуди Тоҷикистони имрӯза аҳамияти калон дошт. Масалан, истилогарони Ҳахоманишӣ мулкҳои Осиёи Миёнаро ба пуррагӣ тасхир менамоянд.

Шӯришхои халқӣ бар ғосибон дар аҳди Дорои I дар Марғиён, Порт ва кишвари сакоиҳо сар мезанад. Истилогарон бо кӯмаки хоинону ҳокимони дохилӣ ин шӯришҳоро дар солҳои 522–518 бераҳмона пахш менамоянд.[3,с.42.44.]

Таълимот дар бораи ягонагии ҳудудии давлатро ходимони ҷамъиятӣ ва давлатии рус, ба монанди В. Татищев, М.Сперанский, В. Соловьев, И. Ильин низ рушд доданд.

Д.А. Ковачёв бар ин назар аст, ки тамомияти ҳудудӣ ин вайроннашавандагии марзҳои давлат ва ягонагии ҷомеаи дар қаламрави ин давлат зиндагӣ кунанда мебошад. Профессор С.Н.Бабурин тамомияти ҳудудиро ҳамчун унсури амниятӣ арзёбӣ мекунад, ки шарти мавҷудият ва рушди давлат мебошад.

Аз рӯи шумораи зиёди таърифҳои тамомияти ҳудудӣ, метавон хулоса кард, ки дар илм дар тафсири ин истилоҳ муносибати ягона вуҷуд надорад. Аммо, бо назардошти ҳамаи таърифҳои дар боло овардашуда, таърифи дақиқтаринро барои кори минбаъда таҳия кардан мумкин аст. Тамомияти ҳудудии давлат яке аз принсипҳои асосии ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад, ки тибқи он ҳар як давлат ҳуқуқ дорад, ки ҳудудро дар доираи марзҳои байналмилалӣ эътирофшудаи худ ҳимоя кунад ва инчунин муқовимат кунад аз таҳдидҳои беруна ва дохилӣ, ки ба тағйир додани онҳо нигаронида шудаанд.

Абдурашитов Ф.М. менависад, ки мувофиқи сарчашмаҳои таърихӣ дар охири асри XX ва ибтидоии асри XX1 бо пароканда шудани Иттиҳоди Шӯрави ва Ҷумҳурии сошибистиқлоли Тоҷикистон таъсис ёфт. Мутаасифона дар мамлакат ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ сар зад. Ғаму андӯҳ, ҳаракатҳои миллӣ ва хавфи аз байн рафтани миллат ва давлати тоҷикон фаро гирифта, мардум дилшикаставу парешонхотир гашта буданд. Бераҳмиву бетартибӣ, ҷаҳолату нодонӣ, садои тиру туфанг дар фазои кишвар ба дили мардум тухми ноумедӣ мекошт. Мардум аз ҳаёти осоишта маҳрум гашта, ҷон ба каф гирифта, тарки Ватан менамуданд. Тоҷикистон солҳои ҷанги шаҳрвандӣ лаҳзаҳои душвортаринро аз сар мегузаронид.[4. с,48]

Дар Иҷлосия XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар баробари дигар масъалаҳои мубрам масъалаи мустаҳкам кардани сарҳади давлатӣ ба миён гузошта шуд. Нахустин ҳуччате, ки дар ҳаллу фасли мушкилоти сарҳад рох, кушод қарори Шурои Оли Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18-уми декабри соли 1992 мебошад. Дар асоси ин Қарор дар хайати Кумитаи давлатии амнияги миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бригадаи таъиноти махсуси марзбонон дар хайати 1200 нафар таъсис дода шуд. Дар як муддати кутоҳ баҳри таъмини ҳифзи марзҳо гуруҳҳои зудамали бригадаи дар ноҳияҳои Шаҳритуз , Панҷ, Фархор, Шуроб, Дашти Ҷум созмон ёфт. Ҳайати шахсии бригада ба мушкилоти иқтисодию иҷтимоӣ нигоҳ накарда дар мӯътадил гардонидани вазъи сарҳади Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Афғонистон, ба ватан баргардонидани гурезаҳо, маҳви қочоқгароён ва марзшиканиҳо диловарию мардонагӣ нишон доданд.

Дар баробари ҳамаи ин пешравиҳо шароити бавуҷудомада боз ҳам талаботи мустаҳкамии ин бригада буд, ки 28 декабри соли 1992 Президиуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дар бораи таъсиси Раёсати ҳифзи сарҳадии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар сохтори Қушунҳои сарҳадии мамлакат ташаккул ёфт.[5.с. 96]

Имомов А.А. менависад , ки яке аз хусусиятҳои муҳими асосҳои сохтори конститутсиони Тоҷикистон дар бекорнашаванда ва тағйирнопазирии онҳо мебошад. Масалан кафолати конститутсионии ин ҳолат дар моддаи 100 Конститутсия нишон дода шудааст, ки мувофиқи он шакли идораи ҷумҳурӣ, тамомияти арзӣ, моҳияти демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ, дунявӣ ва иҷтимоии давлат тағйирнопазиранд.

Яке аз хусусиятҳои муҳими таркиби давлат ташкили марзии ӯ мебошад, ки он одатан, аз воҳидҳои марзию маъмурӣ иборат аст.

Ҳамзамон Имомов А. қайд менамояд, ки таҷрибаи ба танзимандозии конститутсионии сохтори марзию маъмурии Тоҷикистон, ки дар Конститутсияи нав татбиқ шудааст, на чандон баробар буда, баръ акс, дар Конститутсияи Тоҷикистони соли 1978 ин масъала ҳалли худро қадре беҳтар ёфта буд. Дар он қисми сеюм ба сохти миллию давлатӣ ва марзию маъмурии Тоҷикистон бахшида шуда буд, ки ин аҳамияти мустақили ҳуқуқӣ -конститутсионии ин падида махсус нишон дода шуда буд. [6. с.96.]

Мафҳуми сарҳади давлат дар м. 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи сарҳади давлатии Ҷумҳурии

Тоҷикистон» дарҷ гардидааст. Тибқи қонуни мазкур сарҳади давлатии ҶТ – хат ва сатҳи амудии аз ин хат гузарандааст, ки ҳудуди қаламрави давлатии (хушкӣ, обҳо, қаъри замин ва ҳарими ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон), яъне ҳадди фазоии амали соҳибихтиёрии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян менамояд. Яке аз хусусиятҳои давлат марзи он мебошад, ки ҳамчун асоси модди доираи паҳншавӣ ҳокимияти давлатӣ хизмат мекунад.[7. № 481]

Ба андешаи мо, аз мазмуни мафҳуми додашудаи қонун чунин бармеояд, ки: мавҷудияти сарҳад яке аз хусусиятяҳои муҳими давлат буда, гувоҳӣ аз он медиҳад, ки давлат соҳиби қаламрав аст ва соҳибихтиёрӣ дар он амал мекунад ва дахлнопазирии сарҳад яке аз шартҳои тамомияти арзӣ ва амнияти берунии кишвар мебошад. Ба мазмуни дигар, сарҳади давлатӣ ҳудуди паҳншавии соҳибихтиёрии давлатро муайян мекунад ва дар доираи он мақомоти дахлдори давлат ҷомеаро аз чолишҳои беруниву дохилӣ таъмин мекунанд.

Инчунин вобаста ба гуфтаҳои боло дар м. 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи қушунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон», зикр мешавад, ки Қушунҳои сарҳадӣ самти фаъолияташ бевосита барои ҳимоя ва муҳофизати сарҳади давлатии ҶТ, тамомияти арзӣ, соҳибихтиёрӣ ва амнияти ҶТ равона гардидааст.

Ба ақидаи Ю. И. Белавина, тамомияти ҳудудии давлат ин ягонагии ҳудудии кишвар дар доираи марзҳои худ мебошад, ки ҳамаи субъектҳои муносибатҳои давлатӣ-ҳуқуқиро вазифадор мекунад, ки аз ҳама гуна амалҳое, ки ба вайрон кардани истиқлолият ва ягонагии давлат равона шудаанд, канорагирӣ кунанд.

Дар ҷойи дигар С.Н.Бабурин, қайд менамояд, ки қаламрави давлат дар натиҷаи қонуниятҳои табиӣ ва таърихӣ ташкил карда мешавад ва сохтори ҳудудӣ инъикоси сатҳи рушди ҷомеа мебошад. Мувофиқи бо намояндагии сиёсӣ-ҳуқуқӣ, қаламрави давлат ин фазо (заминӣ, обӣ ва ҳавоӣ) дар доираи муқарраршуда мебошад.

Яке аз хусусиятҳои дигаре, ки солҳои охир таҳлил мешавад, ба андешаи профессор Р.Ш. Сотиволдиев, ин мазмуни миллӣ доштани функсияҳои давлат мебошад. Дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ҳуқуқи миллат ба худмуайянсозӣ, яъне ташкили давлати миллии хеш эътироф мешавад. Миллатҳо барои ташкили давлати миллии хеш, ҳимояи давлати миллӣ мубориза мебаранд. Тибқи Конститутсияи ҶТ, соҳибихтиёрӣ, истиқлолият ва тамомияти арзии Тоҷикистонро давлат кафолат медиҳад, ҳзифзи Ватан, ҳимояи манфиатҳои миллӣ, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудифиавии он вазифаи муқаддаси шаҳрванд аст. (м.м. 7, 43).[8. 262,263]

Дар баробари мафҳумҳои зикргардида, аз ҷониби Н.Б.Пахаленко мафҳуми функсияи давлат пешкаш шудааст, ки ба он начандон рози шудан

мумкин аст, чунки ба андешаи ӯ, функсияҳои давлат самтҳои зарурӣ, доимӣ ва мақсаднокӣ фаъолияти давлат мебошанд. Барои он рози шуда наметавонем, ки ҳамагуна функсияҳои давлат доимӣ буда наметавонад, зеро бо пешрафти ҷомеа, дигаргун шудани сохтори давлатӣ ва м.и. функсияҳои давлат инкишоф меёбад, назди давлат вазифаҳои нав гузошта мешаванд. Ҳамчунин гуфтан мумкин аст, ки яке аз хусусиятҳои функсияҳои давлат ин хусусияти инкишофёбанда будани он мебошад.

Э. Ланга, чунин мешуморад, ки дар давлат бояд институтҳо (мақомот ва шахсони бо идоракунӣ машғулбударо) бинад, ки нақши танзимкунандаро мебозанд, ки унсурҳои алоҳидаи неъмати умумиро кафолат медиҳанд.

Ҳудуд, ки ҳудуди фазоии татбиқи ҳокимияти давлатиро объективӣ ташкил медиҳад, қонунан бо қудрат ва бузургии давлат ё заифӣ ва осебпазирии он алоқаманд аст. Аммо қаламрав танҳо як намуди махсуси фазо нест. Барои он на танҳо меъерҳои махсуси фазоӣ, балки бисер хусусиятҳои дигар низ хос аст. Дар байни онҳо:

1) андозаҳо, яъне майдони умумӣ;

2) дарозии аз шимол ба ҷануб ва аз шарқ ба ғарб;

3) мукаммалӣ, яъне ба як муттаҳид мутамарказ шудан;

4) мавқеи ҷуғрофӣ дар харитаи ҷаҳон, аз ҷумла мавҷудияти дарёҳо ва дастрасӣ ба баҳр.

(Масалан, Л. И. Мечников боварӣ дошт, ки тамаддунҳои бузурги таърихӣ танҳо дар минтақаи ҳарорати мӯътадил мутамарказ шудаанд) ;

7) хусусиятҳои манзара (кӯҳҳо ё пастиҳо, ботлоқҳо ё биебонҳо);

8) хусусияти зеризаминӣ ва дараҷаи коркарди онҳо (мавҷудияти маъданҳои фоиданок, дастрасии онҳо барои коркард);

9) хусусияти сарҳадҳо (қонунӣ ё воқеан мавҷудбуда, табиӣ ё худсарона, боэътимод мустаҳкамшуда е бемуҳофизат);

10) хусусияти қаламравҳои ҳаммарз (давлатӣ ё байналмилалӣ, бо режимҳои сиесии сулҳпарвар е хашмгин);

11) замони мавҷудият.

Аз ҷумла, ба Л .И. Грач имкон дод, ки хулоса барорад, қаламрав на танҳо ҳамчун қаламрави давлатӣ, яъне ҳамчун категорияи ҷамъиятӣ, ҳуқуқӣ, балки ҳамчун муҳити табиии ҷуғрофӣ, ки дар он ҷомеаи инсонӣ вуҷуд дорад, амал мекунад .[9. с.34]

Қудратов Н.А. менависад, ки меъёрҳои Кодекси ҶТ баъзе масъалаҳои махсусан муҳими марбут ба мушкилоти ҳифзи қаламрави Тоҷикистонро аз тақсимоти ғайриқонунӣ ва вайрон кардани дахлнопазирӣ ба қадри кофӣ муҳофизат намекунанд. Ба андешаи ӯ мақсади ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии тамомияти арзӣ ва дахлнопазирии давлат ҳамчун институти сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат, таҳияи консептуалии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сепаратизм (ҷудоихоҳӣ), яъне барои таҷовуз ба тамомияти арзӣ ва дахлнопазирии ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи қонунгузорӣ зарур аст.[10. с.34]

Вобаста ба ин дар доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ норасоии на танҳо омӯзиши ҳамаҷониба ва низомнокии намудҳои алоҳидаи ҷиноятҳо ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлатӣ, балки тамоми гурӯҳи ин ҷиноятҳои таҳқиқшаванда ба чашм мерасад.

Дар асоси ҳолатҳои зикршуда, зарурати омӯзиши консептуалии масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлатӣ бо мақсади:

а) ҳифзи соҳибихтиёрии давлат, тамомияти арзӣ ва дахлнопазирӣ, таъмини суботи ояндаи ҶТ;

б) таҳияи назариявӣ-амалии намунавии (модели) боби 29 КҶ ҶТ, ки ҷавобгариро барои содир намудани ҷиноятҳо ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат муқаррар менамояд, метавонад барои такмил додани қонунгузории ҷиноятӣ истифода шавад.

Дар илми ҳуқуқшиносӣ вобаста ба муайян кардани мафҳуми амнияти давлатӣ равишҳои гуногун мавҷуданд, аммо моҳияти ин категория дар умум якранг тафсир карда мешавад, яъне - ин қобилияти давлат дар ҳимояи асосҳои сохти конститутсионӣ, соҳибихтиёрӣ, тамомияти арзӣ ва дахлнопазирии худ мебошад.

Бобоев А.Х. чунин менависад, ки манфиатҳои миллии Тоҷикистон ба воситаи низоми баҳамалоқамандии институтҳои ҳокимияти давлатӣ таъмин мегардад. Муҳимтарини онҳо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шурои Амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ӯ роҳбарӣ мекунад, инчунин, Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳокимияти судии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор мераванд. Чи тавре, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз дар паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуданд: «Зарур медонам, бори дигар таъкид намоям, ки пешрафти босуботи давлат ва ҷомеа, пеш аз ҳама, ба таъмини амният, волоияти қонун, таҳкими тартиботи ҷамъиятӣ ва риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд асос меёбад.[11. с.234]

Профессор Саймумин Ятимов чунин мешуморад, ки то замоне ки ҷомеа ва давлат ва вуҷуд дорад ин ҷараён зина ба зина такрор мешавад раванди таъмини амнияти давлат, миллат дар ҳолати зудтағйирёбандаи фазои минтақавӣ ва олам сурат мегирад. Муҳаққиқи тоҷик Саймумин Ятимов дар мақолаи худ зимни арзёбии масъалаи мазкур қайд менамояд, ки агар ба хотири барпо кардани давлат чӣ қадар ҷоннисориҳо шуда бошад, барои ҳифз кардан, дар амну осудагӣ ва рушду тараққӣ нигоҳ доштани давлат, сарфи на камтар аз он зарур аст. Фаъолияти ҳаррӯзаи Пешвои муаззами миллати тоҷик нишонгар ва намунаи олии ҳамин гуна муносибат ба тақдири имрӯзу ояндаи давлати миллии мо мебошанд. [12. с, 10]

Ақидаҳои профессор Ятимов С.С. бобати таъмини амнияти миллӣ ва тамомияти арзии давлат гуногун буда, дар мақолаи илмии худ муҳақиқ менависад, ки дар маркази баҳс масъалаи ҳифзи сулҳу субот амният ва тамомияти арзии давлат меистад. Ин мавзӯи дараҷаи аввал маҳсуб мегардад. Ҳар нафаре, ки қудрати фикри солимро дорад, намехоҳад «чеҳра ба гиря бишӯяд ва оҳанги рақс аз оҳу нола биҷӯяд» (Ҳофиз).

Ҳуқуқшинос Б.М. Клименко хусусияти муҳимтарини соҳибихтиёриро "волоияти ҳудудӣ" мешуморид ва пешниҳод мекард, ки онро ба ҷои муайян кардани "соҳибихтиёрии дохилӣ" истифода баранд. Б. М. Клименко ба хулосае омад, ки волоияти ҳудудӣ ҳуқуқи давлатҳо дар доираи салоҳиятҳои худ, амалӣ кардани ҳокимият дар қаламрави худ мебошад. Волоияти ҳудудӣ ҷанбаҳои экстерриториалӣ низ дорад, масалан, ҳокимияти давлат ба шаҳрвандон дар обҳои байналмилалӣ ё фазои ҳавоӣ паҳн мешавад. Гирифтани баъзе категорияҳои шахсон (дипломатҳо) аз таъсири қонунгузорӣ тавассути бастани шартномаҳои байналмилалӣ истисно карда намешавад. [13. с. [Электронный ресурс]

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии хеш дар ҷамъомади тантанавӣ ба муносибати 20-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз дошта буданд, ки

«Дар доираи Конститутсия эътироф гардидани тағйирнопазир будани тамомияти арзӣ ҳамчун муҳимтарин принсипи ташаккули давлати миллӣ барои таъмини соҳибихтиёрӣ ва мустақилияти комил замина гузошт». Ин меъёри ҳуқуқӣ маънои онро дорад, ки яке аз вазифаҳои муҳими таърихиву ҳуқуқӣ ва иҷтимоиву сиёсии Конститутсия дар он муқаррар гардидани тағйирнопазир будани шакли идораи ҷумҳурӣ, моҳияти демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ, дунявӣ ва иҷтимоии давлат, тамомияти арзӣ ва тақсимнашавандаву дахлнопазир будани ҳудуди Тоҷикистон буд, ки ин меъёри конститутсионӣ барои таъмини соҳибихтиёрии воқеии кишвар ва рушди Тоҷикистон ҳамчун як давлати воҳид шароити мусоид фароҳам оварад.[14. Электронный ресурс]

Самадов Б.О. вобаста ба паҳлуҳои муҳими сарҳади давлатӣ чунин менависад, ки сиёсати сарҳадӣ бо назардошти принсипҳои байналмилалии эҳтироми соҳибихтиёрӣ, тамомияти арзӣ ва дахлнопазирии сарҳадҳои давлатӣ ташаккул ёфта, ба он асос меёбад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон: сарҳади давлатиро ҳамчун хати муайянкунандаи ҳудуди фазоии қалamрави (хушкӣ, обҳо, қаъри замин, фазоӣ ҳавоии) аз ҷиҳати ҳуқуқӣ тақвиятгардидае, ки дар он Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соҳибихтиёрии комил ва тамоми ҳуқуқҳо бархурдор мебошад, арзёбӣ менамояд; дар асоси ворисияти ҳуқуқии эълонгардида нисбати собиқ СССР, хати Сарҳади давлатии худро, ки дар рӯзи эътибор пайдо кардани ҳамин Қонун санадҳои амалкунандаи байналмилалӣ, аз ҷумла санадҳои оид ба тақсимоти маъмурию ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар давлатҳо – собиқ ҷумҳуриҳои Иттифоқи РСС муқаррар намудаанд, тасдиқ мекунад; ҳангоми муқаррар намудан ва тағйир додани хати Сарҳади давлатӣ, муқаррар ва ба роҳ мондани муносибатҳои ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои ҳамсоя дар сарҳад, танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ дар ноҳияҳои наздисарҳадии Тоҷикистон ва дар роҳҳои алоқаи байналмилалӣ дар қалamрави Тоҷикистон, тадбирҳои мутобиқ ба мақсадҳои таъмини амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амнияти байналмилалӣ, манфиатҳои ҳамкории мутақобилан судманди ҳамаҷониба бо давлатҳои ҳамсоя, принсипҳои ҳаллу фасли осоиштаи бидуни зурӣ масъалаҳои сарҳадиро анҷом медиҳад; дар ҳолатҳои пешбининамудаи санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, муқарраркунии низомии Сарҳади давлатӣ ва фаъолияти оид ба ҳимоя ва муҳофизати онро бо давлатҳо – иштирокчиёни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ҳамоҳанг месозад. [15. с,6]

Агар ба ҷанбаҳои конститутсионӣ ва тақсимоти милию ҳудудӣ назар афканем равашан аён мегардад, ки дар солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ тарзи нави тақсимоти сиёсӣ-маъмурӣ ва ноҳиябандӣ қабул гардид. Дар давраи Ҷумҳурии халқии шӯравии Бухоро (солҳои 1920–1924) шакли тақсимоти маъмурии сезинай – вилоят, туман ва кент ҷорӣ гардида. Дар давраи Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон (ҶМШСТ) (солҳои 1924–1929) ҳудуди маъмурии он ба шакли тақсимоти маъмурии дигар ҷумҳуриҳои Шӯравӣ буд.

Дар ин давра вилоят ва туманҳо ба округҳо иваз карда шуданд. Замони ба шакли ҷумҳурии иттифоқӣ гузаштан (соли 1929), Тоҷикистон тақсимоти округиро қабул кард ва аз округҳои Ҳисор, Кӯлоб, Қӯрғонтеппа, Ғарм, Панҷакент, Ӯротеппа, Хуҷанд ва ВМБК (ба ҳафт ноҳияи маъмурӣ тақсим мешуд) иборат буд. Соли 1936 мувофиқи Конститутсияи ИҶШС, дар ҷумҳуриҳои иттифоқӣ шакли тақсимоти областҳо (вилоятҳо) қабул шуда, октябри соли 1939 чунин тақсимот дар ҶШС Тоҷикистон низ ҷорӣ гардид. Мувофиқи ин тарзи тақсимоти сиёсӣ-маъмурӣ, дар ҷумҳурӣ вилоятҳои Ленинобод (масоҳат 23,3 ҳазор км²), Сталинобод (24,1 ҳазор км²), Кӯлоб (10,6 ҳазор км²), Ғарм (19 ҳазор км²) ташкил ёфтанд. Ҳанӯз пеш аз ин тақсимот, моҳи январи соли 1925 Вилояти автономи (мухтор)-и Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ, 66,9 ҳазор км²) таъсис ёфта буд.[16. с. 67-70]

Тибқи сарчашмаҳои таърихӣ Ҳеродот менависад, ки дар аҳди Дорои I (522—486 то милод) шумораи ин қабил шаҳрҳо ба 20 мерасид. Қалamрави ҳозираи Тоҷикистон ба таркиби сатрапии XI дохил мешуд.

Қайд бояд кард, ки нахустин ишораҳо дар бораи воҳидҳои ҳудудии замин, ки ниёгони тоҷик зиндагӣ мекарданд дар «Авасто» сабт шудааст. Ҳамин тавр, кишвар «даҳйу» (авестоӣ: «dahyu-», тоҷикӣ: деҳа) ном дошт ва аз чанд вилоят — «гава» (авестоӣ: «gava-») иборат буд, ки якчанд ҷамоат — «вис» (авестоӣ: «wīs-»)-ро муттаҳид мекард.

Ҳамзамон, «даҳйу» ба маънии ҳамон гуна «давлатчаҳое» буд, ки тибқи манбаъҳои ошурӣ, дар Мидия вуҷуд доштанд, яъне иттиҳодияҳои минтақавие будаанд, ки на ҳамчун давлат, балки ҳамчун ташкилотҳои бузурги қабилавӣ амал мекарданд. В. А. Лившитс хотиррасон мекунад, ки даҳйу «пеш аз ҳама, мафҳуми ҳудудӣ ва ҷуғрофист, ки дар он умумияти этникӣ хеле зиёд

аст, вале он ҳоло дар таркиби давлати ташаккулёфта воҳиди маъмурӣ нест».

Аз нигоҳи муаррих Бобоҷон Ғафуров дар замонҳои баъдат сарзамини кунунии Тоҷикистон ба ҳайати Шоҳаншоҳии Ҳахоманишиҳо медоряд. Тамоми давлати Ҳахоманишӣ ба вилоятҳои молиётдиҳандаи ҳарбӣ, яъне сатрапиҳо (порсии бостон: **xšaθra** — *шаҳр*; форсӣ: **شهر**) тақсим гардида буд, ки онҳоро сатрапҳо (порсии бостон: **xšaθrapāvan** — *шаҳрбон*; порсии миёна: šatrap, форсӣ: **شهربان**) идора мекарданд.

Профессор Имомов А. дар китоби ҳуқуқи конститутсионии худ қайд менамояд, ки муносибатҳои ҳуқуқӣ- конститутсионӣ - ин муносибатҳои ҷамъиятие, ки асосҳои сохтори конститутсионии ҶТ, асосҳои ҳолати ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд, сохтори марзӣ - давлатӣ ва марзию маъмурии ҶТ инчунин аз рӯи усули таҷзияи ҳокимият, тартиби ташкилёбӣ ва фаъолияти мақомоти давлатиро дар бар гирифта бо меъёрҳои ҳуқуқӣ - конститутсионӣ ба танзим андохта мешаванд. [17. с.

Соҳибихтиёрӣ, истиқлолият ва тамомияти арзии Тоҷикистонро давлат таъмин менамояд. Мувофиқи иродаи халқ давлат ҳуқуқҳои хоси худро ба воситаи мақомоти олии давлатӣ ба амал мебарорад. Ҳуқуқӣ намояндагӣ аз номи давлат чӣ дар муносибатҳои беруна ва чи дохила мувофиқи Конститутсияи Тоҷикистон фақат ба Президент ва Маҷлиси Олии ҶТ тааллуқ дорад.

Бояд қайд намуд, ки иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ- конститутсионӣ дар ҶТ инҳо мебошанд:

1. Халқи Тоҷикистон.
2. Давлати соҳибихтиёри Тоҷикистон.
3. Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон.
4. Мақомоти давлатӣ.
5. Вакилони халқ.
6. Шаҳрвандони Тоҷикистон.
7. Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони шаҳрванди надошта.
8. Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ
9. Мақомоти марзии худидораи ҷамъиятӣ.

Яке аз иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқи-конститутсионӣ Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон мебошад, ки дар доираи салоҳияти худ ҳуқуқҳои ба худ хос дорад. Масалан марзи ВМКБ-ро бе ризояти Маҷлиси вакилони халқи вилоят ҳеҷ кас тағйир дода наметавонад. Мувофиқи Конститутсияи ҶТ ва моддаи 29 қонуни конститутсионӣ дар бораи Маҷлиси Олии ҶТ 5 нафар аъзои Маҷлиси миллӣ дар Маҷлиси якҷояи вакилони халқи ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳои он интихобот карда мешаванд, ки мувофиқи қисми 2 моддаи 26 қонуни конститутсионии номбурда яке аз муовинони Раиси Маҷлиси миллӣ аз ҳисоби намояндагони ВМКБ интихоб мешаванд. Инчунин дар асоси моддаи 58 Конститутсияи ҶТ Маҷлиси вакилони халқи ВМКБ ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дорад. Барои он, ки чунин ҳуқуқҳоро вилоятҳои маъмурӣ надоранд. [17. с.

Боби ҳафтуми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бахшида шудааст. Дар моддаи 81- уми ин шаҳодатномаи миллат гуфта шудааст, ки Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон қисми таркибӣ ва ҷудонопазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аст.

Мухторӣ, ки аз калимаи юнонии autonomia гирифта шуда, маънои худидора ва мустақилиро ифода карда бошад ҳам, вале мазмуни гуногунро дорад. Бояд зикр кард, ки дар таҷрибаи сохтори давлатии мамлакатҳои гуногун асосан се намуди мухторӣ: марзию маъмурӣ, марзию миллӣ ва маданию миллӣ дучор меоянд. Мухтории маъмурӣ яке аз шаклҳои ҳуқуқию конститутсионии воҳиди мухтор мебошад.[17.с,13]

Дар тафсири илмию оммавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки “Дар муайян намудани вазъи ҳуқуқии ВМКБ ҳаминро ба эътибор гирифтан зарур аст, ки он давлат намебошад. Мувофиқи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ” ин вилоят қисми таркибӣ ва ҷудонопазири Тоҷикистон буда, дорои шароити махсуси ҷуғрофӣ, арзишҳои нодири фарҳангӣ, маънавӣ ва забонӣ мебошад. Ҳайати этникии ВМКБ гарчи гуногунранг бошад ҳам, сокинони он асосан тоҷиконанд, ки таърихан дар шароити махсуси ҷуғрофию табиии ин минтақа, дар дараю водиҳо дар робитаи маҳдуд бо якдигар ҳазорсолаҳо зиндагӣ кардаанд. Сарҳади хориҷии ВМКБ дар айни замон сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад”. Пас хулоса бояд кард, ки вилояти Бадахшон пораи хоки муқаддаси Тоҷикистон мебошад ва то он даме, ки Тоҷикистон поянда аст, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон низ пойдор аст.[18. с.38.]

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ И КОНСТИТУЦИОННЫЕ ОСОБЕННОСТИ ТЕРРИТОРИАЛЬНАЯ ЦЕЛОСТНОСТЬ И СУВЕРЕНИТЕТ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Ключевые слова: территориальная целостность, суверенитет, национальная безопасность. территория, граница.

Аннотация. В статье рассматривается вопрос изучения истории территориальной целостности государства, элементов осуществления государственного суверенитета, упомянутый в статье 7 Конституции Республики Таджикистан, как одна из центральных целей данного исследования. Также с точки зрения постановки вопросов, выбранной темы, метода рассмотрения и научных путей решения существующих территориальных проблем государства в РТ считается серьезной новинкой в области юридической науки, особенно конституционного права страны. Научное исследование данной статьи выражается в том, что оно рассматривается автором в рамках первого полного, всеобъемлющего, структурно-целостного,сравнительного анализа теоретических основ и конституционных особенностей территориальной целостности и суверенитета в соответствии с доктриной конституционного права.

Атобуллоев Ш.К. – соискатель отдела законодательства по государственному устройству, судебным и правоохранительным органом Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан, E-mail: atobulloevsahrom5@gmail.com, *Тел.*: (+992) 110-01-26-27.

THEORETICAL FOUNDATIONS AND CONSTITUTIONAL FEATURES TERRITORIAL INTEGRITY AND SOVEREIGNTY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Keywords: territorial integrity, sovereignty, national security, territory, border.

Annotation. The article considers the issue of studying the history of the territorial integrity of the state, the elements of the exercise of state sovereignty, mentioned in article 7 of the Constitution of the Republic of Tajikistan, as one of the central objectives of this study. Also, from the point of view of the formulation of questions, the chosen topic, the method of consideration and scientific ways to solve the existing territorial problems of the state in the Republic of Tajikistan is considered as a serious innovation in the field of legal science, especially the constitutional law of the country. The scientific research of this article is expressed in the fact that it is considered by the author within the framework of the first complete, comprehensive, structurally holistic, comparative analysis of the theoretical foundations and constitutional features of territorial integrity and sovereignty in accordance with the doctrine of constitutional law.

Atobulloev S.K. **–** Candidate for the Department of Legislation on State Structure, Judicial and Law Enforcement agency of the National Center for Legislation under the President of the Republic of Tajikistan, E-mail: atobulloevsahrom5@gmail.com, *Tel.*: (+992) 110-01-26-27.

Рӯйхати адабиёт

1. Марченко М. Н., Мачин И.Ф. История политических и правовых учений: учебное пособие. М.: 2005. С.37-41.
2. Ибодуллозода А., доктори илмҳои таърих, Исроилов И.И .- унвончӯи кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ «Нақши қушуншои сарҳадӣ дар ҳифзи марзи Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол» ш.Душанбе 2019.саҳ.275.
3. Холиқов А.Ғ. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон. Қисми 1. - Душанбе: Матбуот, 2002. - с. 42.
4. Абдурашитов Ф.М. “Фаъолияти сохторҳои қудратӣ ва низоми ҳуқуқии Тоҷикистон дар охири асри XX ва аввали асри XX1” –ш. Душанбе, с.2021.С.48.
5. .Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав. - Душанбе: Ирфон, 1998. - С. 96.
6. Имомов А.И. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: Эр-граф, 2012. - С. 96,-
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 01 августи с. 1997, № 481 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 1997, № 15-16, мод. 254; № 23-24, мод. 333; с. 2001, № 4, мод. 197, 203; с. 2002 № 4, г.1, мод. 200; с. 2005, № 7, мод. 403; с. 2006, №11, мод. 470; с. 2008, №10, мод.801; с. 2009, № 3, мод. 94.
8. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Душанбе. «Империал- групп»,2014. С.262 -263
9. Грач Л.И. Геополитика и современность //Марксизм и современность. 1995. № 2. С. 34.

10. Қудратов Н.А. Ҷиноятҳо ба муқобили асосҳои сохтори конститутсионӣ ва амнияти давлат. Нашри дуввум. Бо тағйиру иловаҳо. - Душанбе, 2020. - С. 19.

11. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ" аз 23.12.2023.

12. Бобоев А.Х. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Комплекси таълимӣ методӣ. – Хуҷанд, ДДҲБСТ, 2021. – 296 с.

13. Ятимов С.С.- Раиси Кумитаи давлатии амнияти милии Ҷумҳурии Тоҷикистон, - доктори илмҳои сиёсӣ. профессори Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Россия, "Мақолаи илмӣ дар мавзӯи "Илм ва амният" ш. Душанбе.сах 10.

14. Шиканова Е.Г. Территориальная целостность и суверенитет как основные объекты обеспечения национальной безопасности. Российской Федерации в Современный период. [Электронный ресурс] Е.Г. Шиканова // Вестник Нижегородского университета им. Н.И. Лобачевского.-2014-№3-2.- Режим доступа: http://cyberleninka.ru/article/n/territorialnaya-tselostnost-i-suverenitetkak-osnovnye-obekty-obespecheniyanatsionalnoy-bezopasnosti-rossiyskoyfederatsii-v.

15. Суханрони Сарвари давлат дар ҷамъомади тантанавӣ бахшида ба таҷлили 20-солагии қабули Конститутсияи (Сарқонуни) Тоҷикистон 05.11.2014 .шаҳри Душанбе.

16. Тақсимоти маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон — Д.: СИЭМТ, 2017. — С. 6. — 580 с. — ISBN 978-99947-33-68-2 – сарчашма аз интерет аз Википедия- Донишномаи озод.

17. Ғафуров Б. Г. Таджики: Древнейшая, древняя и средневековая история. ИВАН СССР, Наука, М. 1972. — стр. 67 — 70].

18. Имомов А.И. Укрепление государственности и создание гражданского общества в Таджикистане. Монография. - Душанбе, 2003. - С. 13.,

19. Тафсири илмию оммавии Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон. Зери таҳрири академики Академияи милии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Маҳкам Маҳмудзода. - Душанбе: Шарқи Озод, 2009.

Список литературы

1. Марченко М. Н., Мачин.Ф. История политических и правовых учений: учебное пособие. М.: 2005. С.37-41.

2. А. Ибодуллозода., на соискание ученой степени доктора исторических наук, И. Исроилов.И.- кафедра политологии Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни «роль пограничных войск в защите границы Республики Таджикистан".Душанбе 2019.- да.275.

3. Холиков А.Др. История государства и права Таджикистана. Часть 1. - Душанбе: Пресса, 2002. - С. 42.

4. Абдурашитов Ф.М. "Деятельность силовых структур и правовой системы Таджикистана в конце XX века и начале XXX века". Душанбе, С.2021.С.48.

5. .Гафуров Б. Таджики. Древнейшая, античная, средневековая и новая история. - Душанбе: Ирфан, 1998. - С. 96.

6. А. Имомов.И. Конституционное право Республики Таджикистан. - Душанбе: Эр-граф, 2012. - С. 96

7. Закон Республики Таджикистан» О государственной границе Республики Таджикистан " от 01 августа г. 1997, № 481 / / Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан 1997, № 15-16, мод. 254; № 23-24, мод. 333; С. 2001, № 4, мод. 197, 203; С. 2002 № 4, г.1, мод. 200; С. 2005, № 7, мод. 403; С. 2006, №11, мод. 470; С. 2008, №10, мод.801; С. 2009, № 3, мод. 94.

8. Сотиволдиев Р.Ш. Теория государства и права. Понедельник. "Империал-групп»,2014. С.262 - 263

9. Грач Л.И. Геополитика и современность //Марксизм и современность. 1995. № 2. С. 34.

10. Кудратов Н.А. Преступления против основ конституционного строя и безопасности государства. Второе издание. С изменениями и дополнениями. - Душанбе, 2020. - С. 19.

11. Послание Основателя мира и национального единства Лидера нации Президента Республики Таджикистан "Об основных направлениях внутренней и внешней политики Республики" от 23.12.2023.

12. Бобоев.Х. Конституционное право Республики Таджикистан. Образовательный комплекс методический. – Худжанд, ДДХБСТ, 2021. – 296 С.

13. Яимов С.С.- Председатель Государственного Комитета национальной безопасности Республики Таджикистан, - доктор политических наук. профессор таджикско-российского славянского университета “научная статья на тему “Наука и безопасность” Ш. Понедельник.десять.

14. Шиканова Е.Г. Территориальная целостность и суверенитет как основные объекты обеспечения национальной безопасности. Российской Федерации в Современный период. [Электронный ресурс] Е.Г. Шиканова // Вестник Нижегородского университета им. Н.И. Лобачевского.-2014-№3-2.- Режим достижения: http://cyberleninka.ru/article/n/territorialnaya-tselostnost-i-suverenitetkak-osnovnye-obekty-obespecheniyanatsionalnoy-bezopasnosti-rossiyskoyfederatsii-v.

15. Выступление главы государства на торжественном собрании, посвященном празднованию 20-летия принятия Конституции Таджикистана 05.11.2014 .город Душанбе.

16. Административное деление Республики Таджикистан-Д.: СИЭМТ, 2017. — С. 6. - 580 С. - ISBN 978-99947-33-68-2-источник по интересам Википедии-бесплатная энциклопедия.

17. Гафуров Б. Г. Таджикистан: Древнейшая, древняя и средневековая история. ИВАН СССР, Наука, М. 1972. - стр. 67 — 70].

18. А. Имомов.И. Укрепление государства и создание гражданского общества в Таджикистане Монография. - Душанбе, 2003. - С. 13.,

19. Научное и общественное толкование Конституции Республики Таджикистан. Под редакцией академика Национальной академии наук Республики Таджикистан, доктора юридических наук, профессора Махкам Махмудзода. - Душанбе: Восточный Азад, 2009.

List of literature

1. Marchenko M. N., Machin.F. The history of political and legal doctrines: a textbook. Moscow: 2005. pp.37-41.

2. A. Ibodullozoda., for the degree of Doctor of Historical Sciences, I. Isroilov.I.- Department of Political Science of Sadriddin Aini Tajik State Pedagogical University "The role of border troops in protecting the border of the Republic of Tajikistan".Dushanbe 2019. - Yes.275.

3. Kholikov A.D. History of the State and law of Tajikistan. Part 1. Dushanbe: Press, 2002, p. 42.

4. Abdurashitov F.M. “The activities of law enforcement agencies and the legal system of Tajikistan at the end of the twentieth century and the beginning of the XXX century.” Dushanbe, P.2021.P.48.

5. .Gafurov B. Tajiks. Ancient, antique, medieval and modern history. - Dushanbe: Irfan, 1998. - p. 96.

6. A. Imomov.I. Constitutional law of the Republic of Tajikistan. - Dushanbe: Er-graf, 2012. - p. 96,-

7. The Law of the Republic of Tajikistan "On the State Border of the Republic of Tajikistan" dated August 01, 1997, No. 481 / / Akhbori Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan 1997, No. 15-16, mod. 254; No. 23-24, mod. 333; S. 2001, No. 4, mod. 197, 203; S. 2002, No. 4, R.1, mod. 200; S. 2005, No. 7, mod. 403; S. 2006, No. 11, mod. 470; S. 2008, No. 10, mod.801; p. 2009, No. 3, mod. 94.

8. Sotivoldiev R.S. Theory of the state and law. Monday. Imperial Group, 2014. pp.262-263

9. Grach L.I. Geopolitics and modernity //Marxism and modernity. 1995. No. 2. p. 34.

10. Kudratov N.A. Crimes against the foundations of the constitutional order and state security. Second edition. With changes and additions. Dushanbe, 2020, p. 19.

11. Message from the Founder of Peace and National Unity, Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan “On the main directions of the Republic's domestic and foreign policy” dated 12/23/2023.

12. Boboev.H. Constitutional law of the Republic of Tajikistan. The educational complex is methodical. – Khujand, DHBST, 2021. – 296 P.

13. Yaimov S.S. - Chairman of the State Committee for National Security of the Republic of Tajikistan, Doctor of Political Sciences. Professor of the Tajik-Russian Slavic University “scientific article on “Science and security” Sh. Monday.ten.

14. Shikanova E.G. Territorial integrity and sovereignty as the main objects of ensuring national security. The Russian Federation in the Modern period. [Electronic resource] E.G. Shikanova // Bulletin of Nizhny Novgorod University named after N.I. Lobachevsky.-2014-№3-2.- Achievement mode: http://cyberleninka.ru/article/n/territorialnaya-tselostnost-i-suverenitetkak-osnovnye-obekty-obespecheniyanatsionalnoy-bezopasnosti-rossiyskoyfederatsii-v.

15. Speech by the Head of State at a solemn meeting dedicated to the celebration of the 20th anniversary of the adoption of the Constitution of Tajikistan on 05.11.2014.the city of Dushanbe.

16. Administrative Division of the Republic of Tajikistan-D.: SIEMT, 2017. — p. 6. - 580 p. - ISBN 978-99947-33-68-2-Wikipedia interest source-free encyclopedia.

17. Gafurov B. G. Tajikistan: The most ancient, ancient and medieval history. IVAN USSR, Nauka, M. 1972. - pp. 67-70].

18. A. Imomov.I. Strengthening the State and the creation of civil society in Tajikistan Monograph. - Dushanbe, 2003. - p. 13.,

19. Scientific and public interpretation of the Constitution of the Republic of Tajikistan. Edited by Academician of the National Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Doctor of Law, Professor Neshtand Mahmudzoda. Dushanbe: Vostochny Azad Publ., 2009.

УДК: 347.168
Мирзоев Субҳоналӣ Аҳтамҷонович,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
E-mail: m.subhon-85@mail.ru.
Тел: (+992) 934445553

БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ҲУҚУҚӢ – КОНСТИТУТСИОНИИ СУБЪЕКТОНИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Калидвожаҳо: Конститутсия, маърифати ҳуқуқӣ, фаъолияти соҳибкорӣ, инсон, шаҳрванд, кафолат, ҳуқуқ, давлат, озодӣ, моликият, иқтисодӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ.

Аннотатсия: Мақолаи мазкур ба баъзе масъалаҳои ҳуқуқӣ – конститутсионии субъектони фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Муаллиф ҳуқуқҳои конститутсионии субъектони фаъолияти соҳибкориро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст. Муаллиф ҷалби бештари соҳибкоронро ба дарки моҳияти меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунгузории амалкунандаи кишвар вобаста ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ (соҳибкорӣ) мувофиқи мақсад меҳисобад.

Инсон ва ҳуқуқи ӯ яке аз масъалаҳои мубрам ва муҳими ҷаҳони муосир мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ нисбат ба риояи принсип ва меъёрҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон бетараф нест. Дар ин раванд ташаккул ва рушди давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд яке аз самтҳои асосӣ ва афзалиятноки Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад [8, 3, с. 64].

Озодии фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун яке аз категорияҳои ҳуқуқу озодиҳои иқтисодии инсон ва шаҳрванд дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардида, амалигардии он кафолат дода шудааст, ки метавонад боиси баланд гардидани маърифати ҳуқуқии субъектони фаъолияти соҳибкорӣ гардад.

Ҳуқуқу озодиҳои иқтисодии инсон ва шаҳрванд низ дар баробари ҳуқуқҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва шахсӣ, ки ҳар яки онҳо ба худ хос маърифати ҳуқуқиро доро мебошанд аз ҷониби давлат кафолат дода шуда, эътироф, риоя ва ҳифз мегарданд.

Аз ҷумла: дар моддаи 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр мегардад, ки «Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд». Машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ низ яке аз категорияҳои ҳуқуқу озодиҳои иқтисодии шаҳрвандон ба ҳисоб меравад, ки таҷассумгари гуфтаҳои болост.

Конститутсия ҳамчун қонуни асосии давлат соҳаҳои муҳимтарини фаъолияти давлат, ҷамъият ва шаҳрвандонро танзим менамояд. Гарчанде масъалаҳои зиёди муносибатҳои соҳибкорӣ аз тарафи қонунҳои ҷорӣ танзим мегарданд, принсипҳои асосии танзими муносибатҳои соҳибкориро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст [9, с. 444]. Давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро дар моддаи 12 Конститутсия кафолат медиҳад. Ин чунин маъно дорад, ки ягон имтиёзҳо ё маҳдудиятҳо ба моликияти субъектони фаъолияти соҳибкорӣ новобаста аз шаклҳои моликияти давлатӣ ё хусусӣ дар алоҳидагӣ дода намешавад ва дар натиҷа боиси нобаробарии онҳо гардад [4, с. 110, 6, с. 415].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон аз ҷумла ҳуқуқ ва озодиҳои иқтисодии (соҳибкории) ӯ дар сатҳи конститутсионӣ ба роҳ монда шудааст, ки меъёрҳои он ба Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ва Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, инчунин дигар санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар ин самт мувофиқат мекунад [3, с. 64].

Конститутсия ва қонунҳои нави иқтисодии Тоҷикистон дар низоми ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодии инсон ва шаҳрван ҳуқуқ ба моликияти хусусӣ ва тарзи татбиқи онро муқаррар кардаанд [5, с. 172].

Рушди қонунгузории соҳаи граждани (маданӣ), иқтисодӣ (соҳибкорӣ) заминаи таърихӣ дорад, ки олимони тоҷики соҳаи мазкур дар

мақолаи илмии худ онро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додаанд [6, с. *405-440*].

Бояд қайд намуд, ки нақши муҳими Конститутсияи кишвар ва қонунҳои иқтисодӣ дар рушду нумӯи Тоҷикистони имрӯза ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии субъектони фаъолияти соҳибкорӣ аз манфиат холи нест.

Мусалам аст, ки имрӯз шумораи зиёди санадҳои қонунгузорӣ қабул ва ба санадҳои қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳои зарурӣ ворид карда шудаанд, аксарияти онҳо дар заминаи Паёмҳои Президенти мамлакат ба Маҷлиси Олӣ ва бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод гардидаанд [11, с. 193].

Объекти танзимнамоии конститутсионии ҳаёти иқтисодӣ - ин заминаҳои иқтисодии мамлакат, муносибатҳо оид ба моликият, меҳнат, фаъолияти соҳибкорӣ, молия ва ғайра мебошад. Дар конститутсияи бисёре аз мамлакатҳо (Италия, Испания, Португалия, Бразилия, Перу, Ӯзбекистон ва ғ.) оид ба ин масъала боби алоҳида ҷудо гардидааст [2, с. 57].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти соҳибкорӣ аз моддаи 12 Конститутсия асос ёфта, яке аз самтҳои сиёсати иқтисодии давлат ба ҳисоб меравад. Яъне асоси ҳуқуқии озодона машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ аз моддаи мазкур бармеояд [7, с. 792], ки хислати конститутсионӣ – ҳуқуқӣ гирифта, дарки мазмун ва моҳияту мундариҷаи моддаи зикршуда боиси баланд гардидани маърифати ҳуқуқии субъектони фаъолияти соҳибкорӣ мегардад.

Қобили қайд аст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам ба дастгирии ҳамаҷонибаи давлатии субъектони фаъолияти соҳибкорӣ, ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқию молиявии онҳо ғамхорӣ зоҳир менамояд [10, с. 236].

Ҳамасола дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи дастовардҳои фаъолияти соҳибкорӣ, дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ, имтиёзҳои андозӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ ироа мегардад.

Дар Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28 декабри соли 2024 қайд гардид, ки барои иҷрои нақшаи корҳои ободониву бунёдкорӣ ба истиқболи ҷашни 35-солагии истиқлоли давлатӣ аз ҳисоби соҳибкорону шахсони саховатпеша ва сокинони бонангу номуси кишвар дар се соли охир беш аз 20 миллиард сомонӣ хароҷот карда шуд.

Ҷавобан ба ин иқдомҳои некбинонаи субъектони фаъолияти соҳибкорӣ роҳбари давлат аз минбари баланди бинои нави мақоми олии қонунгузори мамлакат – Маҷлиси Олӣ ба ҳамаи соҳибкорон, шахсони саховатпеша ва кулли мардуми Тоҷикистон барои дастгирии ташаббусҳои Ҳукумат ва саҳмгузорӣ дар ободиву пешрафти мамлакат сипосу миннатдории самимӣ баён намуданд.

Қайд карда шуд, ки Ҳукумати мамлакат ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ пайваста чораҷӯйӣ карда истодааст.

Масалан татбиқи ислоҳот дар самти санҷиши субъектҳои хоҷагидор имкон дод, ки то имрӯз шумораи мақомоти санҷиш аз 31 то ба 23 ва санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор аз 300 ҳазори соли 2016-ум то 42 ҳазор дар соли 2024-ум кам гардад. Аз ҷумла муқаррароти дар Кодекси андоз доир ба роҳандозии санҷишҳои андоз тибқи низоми идоракунии хавфҳо имкон дода истодаанд, ки шумора ва муҳлати гузаронидани онҳо маҳдуд ва сифатнокӣ таъмин карда шавад.

Тибқи маълумот соли 2023 нисбат ба соли 2014 шумораи санҷишҳои андоз дар фаъолияти субъектҳои хоҷагидор ду баробар кам гардидааст.

Инчунин дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар аз 28 декабри соли 2024 ироа гардид, ки бо мақсади дастгирии минбаъдаи рушди соҳибкорӣ зарур аст, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» бо роҳи такмил додани меъёрҳои амалкунандаи арзёбии хавфҳо шумораи санҷишҳо ва даврияти гузаронидани онҳо (ба истиснои хавфҳои андоз) боз ҳам маҳдуд карда шавад. Аз ин лиҳоз Пешвои муаззами миллат пешниҳод намуданд, ки дар давраи такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии зикршуда бо мақсади дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ, фароҳам овардани фазои мусоид барои ҷалби сармоя ва таъсиси ҷойҳои корӣ ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ (ба истиснои санҷишҳои мақомоти андоз) то 1-уми январи соли 2027-ум мораторий эълон карда шавад.

Бо мақсади амали шудани ин амали нек, ки ба манфиати субъектони фаъолияти соҳибкорӣ мебошад, ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ супориш дода шуд, ки якҷо бо дигар мақомоти марбута дар муҳлати як моҳ лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқиро оид ба

амалисозии пешниҳоди мазкур таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат манзур намояд.

Дар доираи ҳадафи стратегӣ оид ба саноатикунонии босуръат дар панҷ соли охир ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти саноатии кишвар аз 27 миллиард ба 53 миллиард сомонӣ расонида шуд, ки қариб ду баробар зиёд мебошад қайд гардид дар Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон. Дар ин давра дар мамлакат беш аз 2040 корхонаи саноатӣ ва 74 ҳазор ҷойи корӣ таъсис дода шуд.

Ишора шуд, ки танҳо дар соли 2024-ум 740 коргоҳу корхонаҳои нави истеҳсолӣ бунёд гардида, дар ин бахш, дар маҷмуъ, қариб 20 ҳазор ҷойи корӣ ташкил карда шудааст. Вобаста ба датстовардҳои мазкур саҳми субъектони фаъолияти соҳибкорӣ наррас буда ва давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ нисбати онҳо дар дастгирии давлатӣ бетараф нест [1, санаи мурочиат: 09.02.2025].

Инчунин ҳамчун рамзи дастгирии фаъолияти касбии соҳибкорон ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии онҳо дар роҳи ободии Ватан бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 14-уми октябр - Рӯзи соҳибкорон эълон гардид. Ҳар сол моҳи октябр Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо фаъолону соҳибкорони кишвар як вохӯрии ботантана баргузор менамояд. Бо ғамхориҳои давлату ҳукумат дар кишварамон фаъолияти соҳибкорӣ дар ҳолати рушд қарор дорад [12, санаи воридшавӣ – 10.02.2025].

Барои расидан ба мақсадҳои иқтисодӣ ва ворид гаштан ба муносибатҳои иқтисоди бозорӣ дар заминаи асосҳои конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунҳои сершуморе қабул гардида, амал карда истодаанд.

Аввалин бор дар таърихи давлатдории Тоҷикистон Қонуни асосӣ ба шаҳрвандон озодии фаъолиятро дар самтҳои соҳибкорӣ, сиёсӣ ва идеологӣ кафолат дод. Қайд намудан зарур аст, ки гарчанде дар Конститутсия истилоҳи «иқтисоди бозорӣ» истифода нашуда бошад ҳам, аммо моддаи 12 Конститутсия пурра мазмуни ин истилоҳро кушода, унсурҳои асосии иқтисоди бозорӣ, аз ҷумла, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳамаи шаклҳои моликият, озодии фаъолияти соҳибкориро муайян менамояд. Назар ба конститутсияҳои шӯравӣ Конститутсияи муосири Тоҷикистон нақши давлатро дар танзимнамоии иқтисодиёт пурра дигаргун намудааст. Агар қаблан давлат пурра иқтисодиётро танзим мекард, ҳоло бошад давлат иқтисодиётро дар доираи принсипҳои муқаррарнамудаи Конститутсия ва дигар қонунҳои ҷорӣ танзим менамояд.

Бояд қайд намуд, ки дар давраи шуравӣ фаъолияти соҳибкорӣ манъ ва барои он ҷавобгарии ҷиноятӣ низ муқаррар гашта буд, чунки он гӯё сабабгори нобаробарии байни одамон мегашт [5, с. 172].

Аз рӯи мазмуни конститутсияи амалкунанда бармеояд, ки барои дахолат намудани давлат ба фаъолияти корхонаҳо ва шаҳрвандон маҳдудият ҷой дорад. Барои монеъ шудан ба фаъолияти қонунии соҳибкорӣ ҳатто моддаи 258 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ мекунад.

Яке аз бартариятҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он ифода меёбад, ки он тамоми ҳуқуқу озодиҳои иқтисодии дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар пешбинигардидаро дар худ ҷой додааст. Ҳатто дар Конститутсия ҳуқуқҳое кафолат дода шудааст, ки дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ва Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ин ҳуқуқҳо кафолат дода нашудаст, аз қабили ҳуқуқ ба мерос ва ҳуқуқ ба моликият [14, с. 7].

Бо мақсади арҷу эҳтиром гузоштан ба меъёрҳои қонуни асосии давлат ва ба ифтихори сиюмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин барои баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии ҷомеа (аз ҷумла субъектони фаъолияти соҳибкорӣ) дар шароити муосир соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эълон гардида буд.

Дар ин замина бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳое, ки аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 28 декабри соли 2023 бармеоянд, фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудани соли 2024» аз 30 декабри соли 2023, №668, ба имзо расида буд [13, санаи мурочиат: 10.02.2025].

Мақсад аз ба тавсиб расидани фармони мазкур, баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон аз ҷумла соҳибкорон, тарғиби арзишҳои демократӣ, мустаҳкам намудани институти ҳуқуқи инсон, муносибати эҳтиромона бо он, баланд бардоштани мақоми қонун, тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи эҳтиром нисбат ба он ва таъмин намудани волоияти қонун, ташкил намудани механизми самараноки ҳамкории давлат ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ (аз ҷумла

субъектони фаъолияти соҳибкорӣ) дар самти маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон мебошад.

Аз ин лиҳоз ҷалби бештари соҳибкоронро ба дарки моҳияти меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунгузории амалкунандаи кишвар вобаста ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ (соҳибкорӣ) мувофиқи мақсад мехисобем.

Хулоса. Фаъолияти соҳибкорӣ ва машғул шудан ба он яке аз ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд дар баробари ҳуқуқҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва шахсӣ ба ҳисоб меравад. Ҳуқуқу озодиҳои иқтисодии (соҳибкории) инсон ва шаҳрванд дар баробари ҳуқуқҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, шахсӣ ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии онҳо аз ҷониби давлат кафолат дода шуда, эътироф, риоя ва ҳифз мегарданд. Инчунин ҳамасола аз тарафи давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хосатан аз ҷониби роҳбари давлат, Пешвои муззами миллат, *Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон миннатдории самимӣ, ғамхорию* имтиёзҳои андозӣ, маҳдуд кардани санҷишҳои гуногуни субъектони фаъолияти соҳибкорӣ дида мешавад.

Муқарриз: д.и.ҳ., профессор Исмаилов Ш.М.

НЕКОТОРЫЕ ПРАВОВО-КОНСТИТУЦИОННЫЕ ВОПРОСЫ СУБЪЕКТОВ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Ключевые слова: Конституция, правовое просвещение, предпринимательская деятельность, человек, гражданин, гарантия, право, государство, свобода, собственность, экономический, нормативно-правовые акты.

Аннотация: Данная статья посвящена некоторым правово - конституционным вопросам субъектов предпринимательства в Республике Таджикистан. Автор проанализировал и рассмотрел конституционные права субъектов предпринимательской деятельности. Автор считает целесообразным привлечь больше предпринимателей к пониманию сути норм Конституции Республики Таджикистан и другого действующего законодательства страны, касающихся экономических (предпринимательских) прав.

Мирзоев Субхонали Ахтамджонович - кандидат юридических наук, доцент кафедры экономического, финансового и антикоррупционного права факультета менеджмента и экономического права Таджикского государственного финансово-экономического университета, E-mail: *m.subhon-85@mail.ru*, Тел: *(+992) 934445553.*

SOME LEGAL AND CONSTITUTIONAL ISSUES OF BUSINESS ENTITIES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Key words: Constitution, legal education, entrepreneurial activity, person, citizen, guarantee, law, state, freedom, property, economic, legal acts.

Annotation: This article is devoted to some legal and constitutional issues of business entities in the Republic of Tajikistan. The author analyzed and considered the constitutional rights of business entities. The author considers it advisable to attract more entrepreneurs to understand the essence of the norms of the Constitution of the Republic of Tajikistan and other current legislation of the country relating to economic (entrepreneurial) rights.

Mirzoev Subhonali Akhtamjonovich - candidate of Law, Associate Professor of the Department of Economic, Financial and Anti-Corruption Law, Faculty of Management and Economic Law, Tajik State Financial and Economic University, E-mail: *m.subhon-85@mail.ru*, Tel: *(+992) 934445553*

Рӯйхати адабиёт:

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28 декабри соли 2024 [Манбаи электронӣ] – URL: https://www.president.tj/event/photoreport/photoreport/49226 (санаи мурочиат: 09.02.2025).
2. Енгибарян Р.В., Тадевосян Э.В., Енгибарян Р.В., Тадевосян Э.В. Конституционное право: Учебник. М: Юристъ, 2000. С. 57.

3. Завқизода С.А. Принсипҳои ҳимояи судии ҳуқуқи инсон // Ҳуқуқи инсон: мушкилот, роҳи ҳал ва дурнамо (маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба таҷлили рӯзи қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон) // Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2019. С. 64.

4. Исмаилов Ш.М. Совершенствование предпринимательского права в Таджикистане. В сборнике «Право и бизнес». Сб. статей Первой ежегодной межд. Научно-практ. конференции, приуроченной к 80 – летию со дня рождения проф. В.С. Мартемьянова. Москва, 2012. С. 110; 6Исмаилов Ш.М.., Сулаймонов Ф.С., Бобоев Д.К. Развитие гражданского законодательства в Республике Таджикистан // Частное право в странах бывшего СССР: итоги 30-летия : сборник статей / Исследовательский центр частного права имени С.С. Алексеева при Президенте РФ ; под ред. Л.Ю. Михеевой. – Москва : Статут, 2022. – С. 415.

5. Имомов А. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 1997. С. 172.

6. Исмаилов Ш.М.., Сулаймонов Ф.С., Бобоев Д.К. Развитие гражданского законодательства в Республике Таджикистан // Частное право в странах бывшего СССР: итоги 30-летия : сборник статей / Исследовательский центр частного права имени С.С. Алексеева при Президенте РФ ; под ред. Л.Ю. Михеевой. – Москва : Статут, 2022. – С. 405-440.

7. Исмаилов Ш.М. Правовое регулирование статуса субъектов предпринимательской деятельности. Гражданское законодательство. Статьи. Комментарии. Практика / Избранное / под ред. А.Г. Диденко. – Алматы: 2020. Т. V1. С. 792.

8. Консепсияи гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди устувор барои солҳои 2007-2030 / бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1.10.2007, №500; 3 Завқизода С.А. Принсипҳои ҳимояи судии ҳуқуқи инсон // Ҳуқуқи инсон: мушкилот, роҳи ҳал ва дурнамо (маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба таҷлили рӯзи қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон) // Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2019. С. 64.

9. Мирзоев С.А., Эраҷи М. Фаъолияти соҳибкорӣ – ҳуқуқи конститутсионии инсон ва шаҳрванд // Маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ таҳти унвони масъалаҳои назариявии ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон (5-уми декабри соли 2023) – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2023. С. 444.

10.Мирзоев С.А., Эраҷи М. Асосҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии фаъолияти соҳибкорӣ // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони “Ҳифзи ҳуқуқи инсон ва масъалаи муқовимат ба коррупсия дар ҷаҳони муосир: консепсияҳо, воқеият ва дурнамо”: (1-2-юми декабри соли 2023) // – Душанбе: Аршан, 2023. – С. 236.

11.Сайнозимзода Ф.С. Ташаббусҳои қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни ироаи Паёмҳо ба Маҷлиси Олӣ ва аҳамияти онҳо дар ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон // Ҳуқуқи инсон: мушкилот, роҳи ҳал ва дурнамо (маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба таҷлили рӯзи қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон) // Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2019. С. 193.

12.Суханронӣ дар мулоқот бо соҳибкорон ва сармоягузорони ватаниву хориҷӣ аз 14 октябри соли 2017 // [Маводи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: www.prezident.tj. (Санаи воридшавӣ – 28.01.2024).

13.Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудани соли 2024» аз 30 декабри соли 2023, №668 // Ҷумҳурият [Манбаи электронӣ] – URL: https: // jumhuriyat.tj/uato/2334-tavzeot-ba-farmoni-prezidenti-umurii-toikiston-dar-borai-soli-marifati-uu-jelon-namudani-soli-2024-az-30-dekabri-soli-2023-668.html (санаи мурочиат: 10.02.2025).

14.Шаҳнозаи Абдухалил // Минбари ҳуқуқшинос. №4. 13 сентябри соли 2014. С.7.

Список литературы:

1. Послание Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмана «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики» от 28 декабря 2023 года [Электронный источник] - URL: http://www.president.tj/node /32191 (дата обращения: 01.01.2024).

2. Енгибарян Р.В., Тадевосян Э.В., Енгибарян Р.В., Тадевосян Э.В. Конституционное право: Учебник. М: Юристъ, 2000. С. 57.

3. Завкизода С.А. Принципы судебной защиты прав человека // Права человека: проблемы, решения и перспективы (материалы международной научно-практической конференции, посвященной

празднованию дня принятия Всеобщей декларации прав человека) // Под редакцией к.ю.н., доцента Рахмана Д.С. - Душанбе: ТНУ Пресс, 2019. С. 64.

4. Исмаилов Ш.М. Совершенствование предпринимательского права в Таджикистане. В сборнике «Право и бизнес». Сб. статей Первой ежегодной межд. Научно-практ. конференции, приуроченной к 80 – летию со дня рождения проф. В.С. Мартемьянова. Москва, 2012. С. 110.

5. Имамов А. Конституционное право Республики Таджикистан. Душанбе, 1997. С. 172.

6. Исмаилов Ш.М.., Сулаймонов Ф.С., Бобоев Д.К. Развитие гражданского законодательства в Республике Таджикистан // *Частное право в странах бывшего СССР: итоги 30-летия : сборник статей / Исследовательский центр частного права имени С.С. Алексеева при Президенте РФ ; под ред. Л.Ю. Михеевой. – Москва : Статут, 2022. – С. 405-440.*

7. Исмаилов Ш.М. Правовое регулирование статуса субъектов предпринимательской деятельности. Гражданское законодательство. Статьи. Комментарии. Практика / Избранное / под ред. А.Г. Диденко. – Алматы: 2020. Т. V1. С. 792.

8. Концепция перехода Республики Таджикистан к устойчивому развитию на 2007-2030 годы / Постановлением Правительства Республики Таджикистан от 1.10.2007 г. №500.

9. Мирзоев С.А., Эраджи М. Предпринимательская деятельность – конституционное право человека и гражданина // Материалы международной научно-теоретической конференции на тему «Теоретические вопросы формирования правозащитной культуры в Таджикистане» (5 декабря 2023 г.) – Душанбе: ТНУ Пресс, 2023 г. С. 444.

10.Мирзоев С.А., Эраджи М. Конституционно-правовые основы предпринимательской деятельности // Материалы международной научно-практической конференции «Защита прав человека и проблема противодействия коррупции в современном мире: концепции, реальность и перспективы»: (1-2 декабря 2023 г.) // – Душанбе: Аршан, 2023. – С. 236.

11.Сайнозимзода Ф.С. Законодательные инициативы Президента Республики Таджикистан при вручении посланий Верховному Совету и их значение в защите прав и свобод человека // Права человека: проблемы, решения и перспективы (материалы международной научно-практической конференции, посвященной к празднованию дня принятия Всеобщей декларации прав человека) // Под редакцией кандидата юридических наук, доцента Рахмана Д.С. - Душанбе: ТНУ Пресс, 2019. С. 193.

12.Выступление на встрече с отечественными и зарубежными предпринимателями и инвесторами от 14 октября 2017 г. // [Электронный материал]. Режим доступа: www.prezident.tj. (Дата обращения – 10.02.2025).

13.Указ Президента Республики Таджикистан «Об объявлении 2024 года «Годом правового просвещения» от 30 декабря 2023 года №668 // Джумхурият [Электронный ресурс] - URL: https://jumhuriyat.tj/ uato/2334-tavzeot-ba -farmoni-prezidenti-umurii-toikiston-dar-borai-soli-marifati-uu-jelon-namudani-soli-2024-az-30-dekabri-soli-2023-668.html (дата обращения: 05.01.2024).

14.Шахнозаи Абдухалил // Трибуна юриста. № 4. 13 сентября 2014 г. С.7.

Bibliography:

1. Message from the President of the Republic of Tajikistan, respected Emomali Rahmon, “On the main directions of the domestic and foreign policy of the republic” dated December 28, 2023 [Electronic source] - URL: http://www.president.tj/node /32191 (access date: 01/01/2024).

2. Yengibaryan R.V., Tadevosyan E.V., Yengibaryan R.V., Tadevosyan E.V. Constitutional law: Textbook. M: Yurist, 2000. P. 57.

3. Zavkizoda S.A. Principles of judicial protection of human rights // Human rights: problems, solutions and prospects (materials of the international scientific and practical conference dedicated to the celebration of the day of adoption of the Universal Declaration of Human Rights) // Edited by Ph.D., Associate Professor Rahman D.S. - Dushanbe: TNU Press, 2019. P. 64.

4. Ismailov Sh.M. Improving business law in Tajikistan. In the collection “Law and Business”. Sat. articles of the First Annual Int. Scientific and practical conference dedicated to the 80th anniversary of the birth of prof. V.S. Martemyanova. Moscow, 2012. P. 110.

5. Imomov A. Constitutional law of the Republic of Tajikistan. Dushanbe, 1997. P. 172.

6. Ismailov Sh.M., Sulaimonov F.S., Boboev D.K. Development of civil legislation in the Republic of Tajikistan // Private law in the countries of the former USSR: results of the 30th anniversary: collection of

articles / Research Center for Private Law named after S.S. Alekseev under the President of the Russian Federation; edited by L.Yu. Mikheeva. – Moscow: Statute, 2022. – P. 405-440.

7. Ismailov Sh.M. Legal regulation of the status of business entities. Civil legislation. Articles. Comments. Practice / Selected / ed. A.G. Didenko. – Almaty: 2020. T. V1. P. 792.

8. Concept of the transition of the Republic of Tajikistan to sustainable development for 2007-2030 / Decree of the Government of the Republic of Tajikistan dated October 1, 2007 No. №500.

9. Mirzoev S.A., Eraji M. Entrepreneurial activity is a constitutional right of man and citizen // Materials of the international scientific and theoretical conference on the topic "Theoretical issues of the formation of a human rights culture in Tajikistan" (December 5, 2023) - Dushanbe: TNU Press, 2023 g. P. 444.

10. Mirzoev S.A., Eraji M. Constitutional and legal foundations of entrepreneurial activity // Materials of the international scientific and practical conference "Protection of human rights and the problem of combating corruption in the modern world: concepts, reality and prospects": (December 1-2, 2023) // – Dushanbe: Arshan, 2023. – P. 236.

11. Sainozimzoda F.S. Legislative initiatives of the President of the Republic of Tajikistan when delivering messages to the Supreme Council and their significance in the protection of human rights and freedoms // Human rights: problems, solutions and prospects (materials of the international scientific and practical conference dedicated to the celebration of the day of adoption of the Universal Declaration of Human Rights) // Under edited by candidate of legal sciences, associate professor Rahman D.S. - Dushanbe: TNU Press, 2019. P. 193.

12. Speech at a meeting with domestic and foreign entrepreneurs and investors on October 14, 2017 // [Electronic material]. Access mode: www.prezident.tj. (Date of access – 01/28/2024).

13. Decree of the President of the Republic of Tajikistan "On declaring 2024 the "Year of Legal Education" dated December 30, 2023 No. 668 // Jumhuriyat [Electronic resource] - URL: https://jumhuriyat.tj/uato/2334-tavzeot-ba -farmoni-prezidenti -umurii-toikiston-dar-borai-soli-marifati-uu-jelon-namudani-soli-2024-az-30-dekabri-soli-2023-668.html (access date: 01/05/2024).

14. Shahnozai Abdukhalil // Lawyer's Tribune. №4. September 13, 2014 P.7.

ТДУ: 340
Авзалова Ганҷина Олимбоевна,
Магистранти курси 2-юми факултети ҳуқуқшиносии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
E-mail: gandzhina00@mail.ru
Тел.: (+992) 93-333-63-93.

ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ ФАЪОЛИЯТИ ҚОНУНЭҶОДКУНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ПРОБЛЕМАҲОИ ОН

Калидвожаҳо: Конститутсияи ҶТ; фаъолияти қонунэҷодкунӣ; санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ; Маҷлиси намояндагон; ташаббуси қонунгузорӣ; мақомоти қонунэҷодкунанда; лоиҳаи қонун.

Аннотатсия: Дар мақолаи мазкур масъалаи ташаккул ва инкишофи фаъолияти қонунэҷодкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлили илмӣ қарор дода шудааст. Бояд зикр намуд, ки ҷараёни қонунэҷодкунии ҳозиразамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати фавқулмураккаби иқтисодию иҷтимоӣ сурат мегирад, ки мақсади чунин фаъолияти қонунэҷодкунӣ албатта беҳтар намудани сатҳу сифати қонунҳои амалкунанда мебошад. Муаллиф тавонистааст, ки ташаккул ва инкишофи фаъолияти қонунэҷодкуниро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дуруст таҳлил намояд.

Қонунэҷодкунӣ фаъолияти бевоситаи давлат мебошад. Маҳз аз дараҷаи қонунэҷодкунии давлат дар шахсияти мақомоти ҳокимияти давлатии ваколатдори он ба ҳолат ва дараҷаи инкишофи ҳуқуқии давлат баҳо дода мешавад. Ташаккули давлати демократию ҳуқуқбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолияти қонунэҷодкунӣ ва татбиқи самараноконаи он дар амал вобастагии зич дорад. Фаъолияти қонунэҷодкунӣ дар давлати мо барои мунтазам амалнамоии низоми ҳуқуқии кишвар равона карда шудааст. Таъиноти асосии функсионалии он мустаҳкам намудани низоми иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа бо роҳи муқаррар, тағйир ва бекор намудани меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошад. Чи тавре, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, «рушди устувори сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимою фарҳангии кишвар аз заминаҳои мустаҳками санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста аст» [1].

Дар адабиёти ҳуқуқии кишвар баъзе олимон қонунэҷодкуниро ҳамчун салоҳияти ҳокимияти қонунгузор (парламент) оид ба қабул, тағйир ва қатъи қонун баҳо дода [2, с. 457], дигаре ҳамчун фаъолияти бевоситаи давлат дониста, таъиноти бевоситаи функсионалии онро дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ бо роҳи муқаррар, тағйир ё бекор намудани меъёрҳои ҳуқуқӣ медонанд [3, с. 43].

Бояд зикр намоем, ки расмиёти қонунэҷодкунӣ, ки аз марҳилаҳои ташаббуси қонунгузорӣ, муҳокима, қабул, мавриди амал қарор додан ва нашри қонун иборат буд, дар тули 34 соли соҳибихтиёрии Тоҷикистон марҳила ба марҳила такмил ёфт. Дар давраи аввали рушди давлатдории кишварамон бо сабаби вазъияти сиёсии бавуҷудомадаи солҳои 90 асри гузашта барои ба таври бояду шояд ба танзим даровардани муносибатҳои ҷамъиятии даврони гузариш аз як сохти ҷамъиятӣ ба сохти дигар ҷараёни қонунҷодкунӣ бо душворӣ сурат мегирифт. Дар ҳамон давра дурнамои сиёсати ҳуқуқии кишварамон, аз ҷумла ҷараёни қонунэъҷодкуниро Конститутсияи (Қонуни асосии) ҶШС Тоҷикистон соли 1978 бо тағйиру иловаҳои минбаъда муайян мекард [4].

Ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро вакилони ИҶШС аз ҶШС Тоҷикистон, вакилони халқи ҶШС Тоҷикистон, Раёсати Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон, Президенти ҶШС Тоҷикистон, комитетҳо ва комиссияҳои доимии Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон, Комитети назорати конститутсионии ҶШС Тоҷикистон, Шӯрои вакилони халқи Вилояти Автономии Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, Шӯрои вакилони халқи шаҳри Душанбе, Суди Олии ҶШС Тоҷикистон, Прокурори ҶШС Тоҷикистон, Сарарбитри давлатии ҶШС Тоҷикистон, инчунин ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар шахсияти мақомоти ҷумҳуриявии онҳо ва Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон доштанд (м.104). Ваколати қабули қонунҳо дар ҳудуди ҶШС Тоҷикистон ба Шӯрои Олии он тааллуқ дошт (м.99 Конститутсия). Қонунҳоро

Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тарафдории аксарияти шумораи умумии вакилони халқи ҶШС Тоҷикистон қабул мекард (м.103 Конститутсия).

Ташаккули минбаъдаи инкишофи ҷараёни қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 [5], ки дурнамои сиёсати ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишварро муайян менамояд, вобаста мебошад.

Тибқи он ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро Вакили халқ, Президент, Ҳукумат, Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ ва Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон доштанд (м. 60). Баъди тағйиру иловаҳои соли 2003 ба Конститутсия доираи субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ маҳдуд гардида, ташаббуси ҳуқуқи қонунгузории Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ бардошта шуд. Аз тарафи баъзе олимони ватанӣ аз ҳуқуқӣ ташаббуси қонунгузорӣ маҳрум намудани ҳокимияти судиро моҳиятан аз имконияти ягонаи таъсир расонидан ба шохаи ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия маҳрум кардан онҳо маънидод менамоянд [6, с. 104].

Ба ақидаи З. Ализода маҳрум кардани судҳои болоӣ аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз як тараф ба он асос меёбад, ки дар шакли классикӣ чунин ҳуқуқро танҳо аъзои парламент ва роҳбари давлат доштанд. Аз тарафи дигар дар сурати набудани преседенти судӣ дар мамлакати мо ба ҳуқуқтатбиқнамоӣ машғул шудани судҳо зарурияти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ доштани судҳои болоиро аз байн мебарад [7, с. 187-188].

То ворид намудани тағйиру иловаҳои соли 1999 салоҳияти қабулу тағйири қонун, қарорҳо ва бекор кардани онҳо, инчунин тафсири Конститутсия ва қонунҳо ба зиммаи Маҷлиси Олии якмаҷлиса ҳамчун мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузор гузошта шуда буд (м.49). Қонунҳо бо тарафдории аксарияти шумораи умумии вакилони халқ ва қонунҳои конститутсионӣ бошад, бо тарафдории ҳадди ақал аз се ду ҳиссаи шумораи умумии вакилони халқ қабул карда мешуданд (м. 61).

Баъди ба Конститутсияи соли 1994 ворид намудани тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999 қабули қонунҳо аз ҷониби Маҷлиси Олии думаҷлиса сурат гирифта, минбаъд лоиҳаи қонунҳо аз тарафи Маҷлиси намояндагон қабул ва аз тарафи Маҷлиси миллӣ ҷонибдорӣ карда мешаванд. Лоиҳаи қонун аз ҷониби Маҷлиси намояндагон дар як ё ду қироат баррасӣ карда мешавад (банди 330 Дастури МН) [8].

Лоиҳаи қонунро Маҷлиси намояндагон баъди муҳокима бо дарназардошти таклифу эродҳои пешниҳодшуда аз ҷониби вакилон метавонад дар як қироат қабул намояд. Дар ҳолати аз ҷониби вакилон дар як қироат қабул нашудани лоиҳаи қонуни ба ҷаласаи Маҷлиси намояндагон пешниҳодшуда оид ба дар қироати дуюм қабул намудани он аз ҷониби вакилон масъалагузорӣ карда мешавад.

Дар сурати қабул шудани лоиҳаи қонун дар қироати аввал Маҷлиси намояндагон оид ба қабул шудани он дар қироати аввал ва муҳлати пешниҳоди тағйиру иловаҳо ба лоиҳаи қонуни мазкур қарор қабул менамояд. Муҳлати пешниҳоди тағйиру иловаҳо набояд аз 15 рӯз камтар бошад, агар Маҷлиси намояндагон дигар муҳлатро муқаррар накарда бошад (банди 342 Дастур).

Қарори Маҷлиси намояндагон оид ба дар қироати аввал қабул гардидани лоиҳаи қонун ва минбаъд барои дар қироати дуюм баррасӣ шудани он дар давоми панҷ рӯз ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вакилони Маҷлиси намояндагон ва ба субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, ки лоиҳаи қонунро пешниҳод кардааст, аз рӯи масъалаҳои ба онҳо дахлдор фиристода мешавад (банди 344 Дастур).

Ҳамин тавр, Маҷлиси намояндагон метавонад қонунро дар қироати аввал қабул намуда, корро оид ба такмили он давом диҳад. Қонуне, ки дар қироати аввал қабул карда шудааст, минбаъд барои такмил дар қироати дуюм мавриди баррасӣ қарор дода мешавад. Қонуне, ки дар қироати дуюм муҳокима мешавад, дар ҷаласаи Маҷлиси намояндагон ба овоз монда ва қабул карда мешавад (банди 362-363 Дастур).

Қонунҳоро Маҷлиси намояндагон бо тарафдории аксарияти шумораи умумии вакилон (м.60 Конститутсия) ва қонунҳои конститутсиониро бо тарафдории на камтар аз се ду ҳиссаи шумораи умумии вакилони Маҷлиси намояндагон қабул менамояд (м. 61 Конститутсия).

Маҷиси миллӣ қонунро бо тарафдории аксарияти шумораи умумии аъзои худ (м. 60 Конститутсия) ва Қонунҳои конститутсиониро қабул менамояд (м.61 Конститутсия). Дар мавриди дастгирӣ наёфтани қонун аз ҷониби Маҷлиси миллӣ қонун такроран дар Маҷлиси намояндагон баррасӣ карда мешавад.

Дар сурати бо қарори Маҷлиси миллӣ норозӣ будани Маҷлиси намояндагон, қонун ҳамон вақт қабулшуда ҳисоб мешавад, ки агар Маҷлиси

намояндагон онро такроран бо тарафдории на камтар аз се ду ҳиссаи шумораи умумии вакилон тасдиқ намояд (м.60 Конститутсия). Нисбат ба қонуни конститутсионӣ бошад, дар сурати бо Қарори Маҷлиси миллӣ норозӣ будани Маҷлиси намояндагон, он ҳамон вақт қабулшуда ҳисоб мешавад, ки агар Маҷлиси намояндагон онро такроран бо тарафдории на камтар аз се ду ҳиссаи шумораи умумии вакилон тасдиқ намояд (м. 61 Конститутсия). Баъди тағйиру иловаҳои 22 майи соли 2016 дар сурати ба қонуни конститутсионӣ розӣ набудани Маҷлиси намояндагон он танҳо ҳангоми бо тарафдории на камтар аз чор се ҳиссаи шумораи умумии вакилон тасдиқ шудан қабулшуда ҳисобида мешавад.

Қонунҳо барои имзо ва интишор ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешаванд. Агар Президент ба Қонун ё қисми он розӣ набошад, қонунро дар муддати понздаҳ рӯз бо далелу эродҳо ба Маҷлиси намояндагон бармегардонад. Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон бо тартиби муқарраркардаи Конститутсия қонуни мазкурро такроран баррасӣ менамоянд. Дар сурати баррасии такрорӣ қонун агар дар матни пештар қабулшудааш бо аксарияти аз се ду ҳиссаи шумораи умумии аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон дастгирӣ ёбад, Президент дар муддати даҳ рӯз ба қонун имзо мегузорад ва онро интишор менамояд.

Ҳангоми баррасии қонуни аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргардонидашуда, ки онро пештар Маҷлиси намояндагон бо аз се ду ҳиссаи овозҳо қабул намуда буд, Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон онро такроран бо аксарияти на камтар аз се ду ҳиссаи овозҳо тарафдорӣ мекунанд.

Агар Президент қонуни конститутсиониро баргардонад, Маҷлиси намояндагон ва Маҷлиси миллӣ бо тартиби муқарраркардаи Конститутсия қонуни мазкурро такроран баррасӣ менамоянд. Дар сурати баррасии такрории қонуни конститутсионӣ дар матни пештар қабулшудааш бо аксарияти аз чор се ҳиссаи шумораи умумии аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон тасдиқ шавад, Президент дар муддати даҳ рӯз ба қонуни конститутсионӣ имзо мегузорад ва онро интишор менамояд (м. 62 Конститутсия).

Бояд зикр намоем, ки фаъолияти қонунэъҷодкунӣ ҷараёни эҷодии хело мураккаб, ҷиддӣ ва боандешона мебошад. Ҳангоми эҷоди он ягонагии шакл ва мазмуни санади таҳияшавнда бояд ҳатман риоя карда шавад. Ягонагии шакл ва мазмуни фаъолияти қонунэҷодкунӣ ба воситаи методҳои гуногуне, ки баъзе аз онҳо дар қонунгузорӣ барои таъмини сифати қонун пешбинӣ шудаанд, таъмин карда мешаванд. Ба онҳо дохил мешаванд:

1. Аниқ муайян намудани предмети танзими ҳуқуқӣ ва асоснокии зарурияти қабули он.

2. Анҷом додани фаъолияти қонунэҷодкунӣ дар доираи расмиятҳои қатъиян ҳатмӣ. Чунин усул имконият медиҳад, ки дар ҷараёни ташхис, баҳсу мунозираҳо ва тағйиру иловаи лоиҳаи қонун сифати он беҳтар гардонида шавад.

3. Амалӣ намудани лоиҳаи қонун дар асоси экспертизаи ҳуқуқӣ, инчунин дархост, пешниҳод ва эродҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва дигар ташкилотҳо.

4. Амалӣ намудани (гузаронидани) фаъолияти қонунэҷодкунӣ бо роҳи баррасии лоиҳаи қонунҳои алтернативӣ, ки боиси рақобати муайяни онҳо ва беҳ гардидани сифати қонун мегардад.

5. Амалӣ намудани қонунэҷодкунӣ дар асоси муҳокимаи ҷамъиятии лоиҳаи қонун.

6. Истифодаи муносибати илман асоснок дар фаъолияти қонунэҷодкунӣ.

7. Истифодаи натиҷаи мушоҳидаҳои касбӣ дар амалӣ намудани меъёри ҳуқуқ, бо мақсади истифодаи натиҷаи он дар фаъолияти қонунэҷодкунӣ ва ғ.

Бояд зикр намоем, ки методҳое, ки дар фаъолияти қонунэҷодкунӣ истифода бурда мешаванд, то дараҷае самаранокии танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятиро муайян менамоянд. Интихоби онҳо аз иродаи субъекти қонунэҷодкунанда вобаста буда, оқибатҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоию иқтисодии қарори қабулкардашударо муайян менамояд. Маълум аст, ки хатои ночиз ҳангоми интихоби методҳои қонунэҷодкунӣ метавонад боиси зуҳуроти (падидаи) бухронӣ дар ҳуқуқ гардад. Бо сабабе, ки фаъолияти қонунэҷодкунӣ ҷараёни дар доираи вақт давомнок ва аз мунтазам содир намудани амал барои эҷоди меъёрҳои ҳуқуқӣ иборат мебошад, чунин ҳолат ба субъекти қонунэҷодкунанда имконият медиҳад, ки дар ҳар марҳила (ташаббуси қонунгузорӣ, муҳокима, қабул, мавриди амал қарор додан ва нашр кардан) методҳои гуногуни такмили онро истифода барад.

Бояд зикр намоем, ки таҷрибаи қонунэҷодкунии даврони соҳибихтиёрӣ нишон медиҳад, ки методи асосии танзимнамоии ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ методи императивӣ, на диспозитивӣ мебошад. Методҳои ҳавасманднамоӣ ва тавсиявӣ ниҳоят кам истифода бурда мешаванд.

Ҳалли ихтилофҳое, ки бавуҷуд меоянд, асосан бо роҳи баррасии онҳо бо тартиби судӣ, яъне ба воситаи низоъ анҷом дода мешаванд. Камбудии асосии фаъолияти қонунэҷодкунии замони ҳозира дар он зоҳир мегардад, ки меъёрҳои ҳуқуқии қабулкардашуда бештар тамоили манъкунандаи амалҳои содиршавандаро доро буда, имконияти дар таҷриба бештар истифода бурдани усули иҷозатро дар мадди аввал намегузоранд.

Ҳаёт нишон дод, ки ҷараёни эҷоди қонун, таҳия ва муҳокимаи лоиҳаи он, таносуби он бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, мувофиқати он бо низоми ҳуқуқии амалкунандаи кишварамон, инчунин қонунгузории нав, муайян намудани асосҳои молиявию иқтисодии қонуни қабулкардашаванда ва татбиқи он дар ҳаёт то чи андоза муҳим мебошад.

Ҳамзамон, ҷараёни эҷоди меъёри ҳуқуқӣ ба қоидаҳои дар сатҳи Конститутсия ва қонунгузории ҷорӣ қабул ва мустаҳкам кардашудае, ки ҷомеа ва давлат уҳдадор аст риоя намояд, асос ёфта, аз ин ҷо хусусияти худсарона (бесарусомона) ва субъективона дошта наметавонад.

Дар шароити ҳозира самтҳои афзалиятноки такмил ва инкишофи фаъолияти қонунэҷодкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ақидаи мо, бояд чунин бошад:

Кӯшиш ба натиҷанокии фаъолияти қонунэҷодкунӣ.

Ба ҳама маълум аст, ки меъёри қонунҳои қабулкардашуда ва худи қонунҳо на ҳама вақт самаранок амал менамоянд. Чунин ҳолат боиси он мешавад, ки ба қонунҳо тағйиру иловаҳои зиёде ворид карда шаванд. Масалан, ба Кодекси ҷиноятӣ то ба ҳол зиёда аз 62 маротиба, Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ 46 маротиба, Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятӣ 20 маротиба, Кодекси гумрук 29 маротиба, Кодекси меҳнат 17 маротиба, Кодекси замин 12 маротиба ва ғ.

Сабаби дигари ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои амалкунанда на дар ҳама ҳолат ба талаботи техникаи қонунгузорӣ ҷавобгӯ будани қонунҳо мебошад, ки он метавонад боиси паст гардидани сифати қонунҳо гардад. Техникаи қонунгузорӣ, чи тавре ки маълум аст, ба се гурӯҳи проблемаҳои қонунэҷодкунӣ вобаста мебошад:

Аввалан, ба проблемаҳои интихоби навъ (хел) ва намуд, инчунин номи санади меъёрии ҳуқуқӣ.

Сониян, ба проблемаҳои босаводона ва мантиқан банизомдарории матни қонун.

Баъдан, ба ҷараёни пурра кардани таркиби ҳар як қонуни (санади меъёрии ҳуқуқии) эътибори дараҷаи муайяни ҳуқуқидошта, бо дарназардошти шумора ва сифати навиштаҷоти меъёрие, ки ин ё он санади батанзимдароварандаи рафтори одамонро дарбар мегирад.

Бартараф намудани ихтилоф, номутобиқатӣ ва холигӣ дар қонунгузории амалкунанда.

Азбаски таркиби қонунгузорӣ мураккаб ва бисёрдараҷа мебошад, дар он албатта номутобиқатӣ, нусхабардорӣ ва мухолифатҳо ҷой дошта метавонанд. Чунин номутобиқатӣ ва мухолифатҳо дар ҳуқуқ ҳамчун қисми таркибии номутобиқатӣ ва мухолифатҳо дар муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошанд. Аз ин ҷо, проблемаи муҳими фаъолияти қонунэҷодкунӣ, бартараф намудани номутобиқатӣ, холигӣ ва мухолифати байни қонунҳо, инчунин қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ мебошад. Зеро, номутобиқатӣ, холигӣ ва мухолифати байни меъёрҳои қонунгузорӣ боиси вайрон гардидани танзими низомнокии ҳуқуқӣ гардида, фаъолияти муътадили кори низоми ҳуқуқиро халалдор сохта ва ба танзими самараноки ҳуқуқӣ, ҳолати қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ таъсир мерасонад. Ихтилоф ва номутобиқатии байни қонунҳо ҳам ба иродаи субъектҳои ташаббуси қонунэҷодкунӣ ва ҳам новобаста аз иродаи онҳо вуҷуд дошта метавонад. Ба чунин номутобиқатӣ дар баъзе ҳолатҳо дар қонунҳои амалкунанда дучор шудан мумкин аст. Мухолифати қонунгузории амалкунанда метавонад дар номутобиқатии меъёрҳои қонун ба Конститутсия, ё дар мухолифати дохилии меъёрҳои қонунҳо ва ё дар мухолифати санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ва қонунҳо ифода ёбад.

Дар баробари воридшавии меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба низоми ҳуқуқии миллӣ таносуб ва бо ҳам мутобиқ намудани меъёрҳои байналмилалӣ ва ҳуқуқи миллӣ яке аз масъалаҳои актуалӣ ба шумор меравад. Ҳалли дурусти онҳоро танҳо бо роҳи муайян намудани алоқаҳои воқеии байни онҳо дар ҷараёни ташаккули меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ аз як тараф ва ҳамзамон дар ҷараёни татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва миллӣ муайян кардан мумкин аст. Ҳаёт водор месозад, ки оид ба баъзе хусусиятҳои асосӣ ва принсипҳое ки аз дигар кишварҳои англосаксонӣ, континенталӣ, осиёӣ ва ИДМ фарқкунанда дар фаъолияти қонунэҷодкунии кишварамон таваҷҷуҳ диҳем. Зеро, ҷараёни қонунгузорӣ ва ҳамзамон танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятии ба ҳам монанд дар низомҳои ҳуқуқҳои миллӣ ва низомҳои (оилаҳои) ҳуқуқии гуногун аз ҳамдигар фарқ менамоянд. Аз ин лиҳоз, меъёрҳои ҳуқуқии низомҳои зикршударо дар асоси таҳлили илмии ҳамаҷониба ва бо дарназардошти зарурияти

танзимнамоии муносибатҳои ҷамъиятӣ дар кишварамон истифода намудан зарур мебошад.

Within the framework of this article, special attention is paid to the development of legislation in this area in the Soviet and modern periods. With this in mind, the article comprehensively researches and analyses not only the relevant normative legal acts of the Soviet period, but also the acts of the period of independence of the Republic of Tajikistan.

Kabutov Eraj Davlamatovich **-** associate professor of the department of business and commercial law, candidate of legal sciences Tajik national university, faculty of law, Tel: E-mail: kabutzoda86@mail.ru, (+992) 900-87-59-59.

Литература:

1. Институции Гая с объяснительным словарем. – СПб., 2003. – С. 272
2. Гримм Д.Д. Лекции по догме римского права. – М., 2003. – С. 294.
3. Покровский И.А. История римского права. – М., 2004. – С. 194-195.

4. Базанов И.А. Происхождение современной ипотеки. – М., 1900. – С. 19-24.

5. Брагинский М.И., Витрянский В.В. Договорное право: Книга первая: Общие положения. – М.: Статут, 2008. – С. 219.

6. Чунаева А.А. Категории материалистического диалектики. – Л., 1965. – С. 71.

7. Варламова Н. В. Правоотношения: философский и юридический подходы // Правоведение. 1991. № 4. –С. 54.

8. Гражданский кодекс Республики Таджикистан от 30 июня 1999 г. (часть первая)// Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 1999 г., № 6; в редакции Закона РТ от 6.08.2001 г. N 41, от 3.05.2002 г.№5, от 1.03.2005 г.N85, от 29.04.2006г.№180,от 12.05.2007г.№247, от 11.03.2010г. №601,от 29.12.2010г.№640, от 03.07.2012г.№850, от 28.12.2012г.№928, 22.07.2013г.№976, от 18.03.2015г. №1178, от 23.07.2016г. №1334, от 02.01.2019г.№1557, от 02.01.2020г.№1656, от 02.01.2020г.№1657.

9. Положение о процедурах государственных закупок от 17.01.2008г. №4 // Утверждено Распоряжением Министерства экономического развития и торговли Республики Таджикистан от 17.01.2008г., №4. http://zakupki.gov.tj/legislation/regulations/ (дата обращения: 25.08.2018г.).

10.Менглиев Ш.М. Гражданскому кодексу Республики Таджикистан 10 лет//10 лет Гражданскому кодексу Республики Таджикистан/Отв.ред.М.З.Рахимов, Ш.М.Менглиев.-Душанбе, Ирфон, 2010. С. 12.

11.Сулаймонов Ф.С. Предложения по совершенствованию Гражданского кодекса Республики Таджикистан (вопросы места Гражданского кодекса Республики Таджикистан в системе нормативных правовых актов, предмет регулирования Гражданского кодекса Республики Таджикистан, субъекты и объекты гражданских прав) // Правовая жизнь. 2014. – №2 (06). – С.116. – На тадж. языке.

12.Белов В.А. Гражданское право. – М., 2012. – С. 162.

13.Гаюров Ш.К. Гражданско-правовая политика: некоторые проблемы формирования // Правовая жизнь. 2016, – №1 (13). – С.129.

14.Андреева Л.В. Закупки товаров для федеральных государственных нужд: правовое регулирование. – М.: «Волтерс Клувер», 2009. – С. 37.

15.Шевченко Л.И. Регулирование отношений поставки: теория и практика. – СПб.: «Юридический центр Пресс», 2002. – С. 211.

References:

1. Guy's institutions with an explanatory dictionary. – St. Petersburg, 2003. – p. 272

2. Grimm D.D. Lectures on the dogma of Roman law. Moscow, 2003. pp. 294.

3. Pokrovsky I.A. The history of Roman law. Moscow, 2004. pp. 194-195.

4. Bazanov I.A. The origin of modern mortgages. Moscow, 1900. pp. 19-24.

5. Braginsky M.I., Vitryansky V.V. Contractual law: The first book: General provisions. – M.: Statute, 2008. – p. 219.

6. Chunaeva A.A. Categories of materialistic dialectics. – L., 1965. – P. 71.

7. Varlamova N. V. Legal relations: philosophical and legal approaches // Jurisprudence. 1991. No. 4. – P. 54.

8. The Civil Code of the Republic of Tajikistan dated June 30, 1999 (Part one)// Akhbori Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, 1999, No. 6; as amended by RT Law No. 41 dated 6.08.2001, No. 5 dated 3.05.2002, No. 85 dated 1.03.2005, No. 180 dated 29.04.2006, No. 247 dated 12.05.2007, No. 601 dated 11.03.2010, No. 640 dated 29.12.2010, No. 03.07.2012.No. 850, dated 12/28/2012, No. 928, 07/22/2013, No. 976, dated 03/18/2015, No. 1178, dated 07/23/2016, No. 1334, dated 01/22/2019, No. 1557, dated 01/22/2020, No. 1656, dated 01/22/2020, No. 1657.

9. Regulation on Public Procurement Procedures No. 4 dated 17.01.2008 // Approved by the Order of the Ministry of Economic Development and Trade of the Republic of Tajikistan dated 17.01.2008, No. 4. http://zakupki.gov.tj/legislation/regulations / (date of reference: 08/25/2018).

10.Mengliev Sh.M. The Civil Code of the Republic of Tajikistan is 10 years old//10 years of the Civil Code of the Republic of Tajikistan/Edited by M.Z.Rakhimov and Sh.M.Mengliev.-Dushanbe, Irfon, 2010. p. 12.

11.Sulaimonov F.S. Proposals for improving the Civil Code of the Republic of Tajikistan (issues of the place of the Civil Code of the Republic of Tajikistan in the system of regulatory legal acts, the subject of

regulation of the Civil Code of the Republic of Tajikistan, subjects and objects of civil rights) // Legal life. 2014. – №2 (06). – P.116. – On the Taj. language.

12.Belov V.A. Civil law, Moscow, 2012, p. 162.

13.Gayurov S.K. Civil law policy: some problems of formation // Legal life. 2016, – №1 (13). – P.129.

14.Andreeva L.V. Procurement of goods for federal government needs: legal regulation. Moscow: Volters Kluwer, 2009. pp. 37

15.Shevchenko L.I. Regulation of supply relations: theory and practice. St. Petersburg: Law Center Press, 2002, p. 211.

Рӯйхати адабиёт

1. Институти Гай бо луғати фаҳмондадиҳӣ. Ҷт., 2003. Саҳ. 272
2. Гримм Д.Д. Лексияҳо оид ба догмаи ҳуқуқи рим. М., 2003. Саҳ. 294.
3. Покровский И. А. Таърихи ҳуқуқи рим. М., 2004. С.194195.
4. Базанов И. А. Пайдоиши ипотекаи муосир. М., 1900. С.19-24.
5. Брагинский м. И., Витрянский В. в. ҳуқуқи Шартномавӣ: Китоби якум: муқаррароти Умумӣ. М.: Оиннома, 2008. Саҳ. 219.
6. Чунаева А. А. Категорияҳои диалектикаи материалистӣ. Л., 1965. Саҳ. 71.
7. Варламова Н. В.Муносибатҳои Ҳуқуқӣ: равишҳои фалсафӣ ва ҳуқуқӣ // Ҳуқуқшиносӣ. 1991. № 4. Саҳ.54.
8. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни Соли 1999 (қисми якум)// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1999, # 6; дар таҳрири Қонуни ҶТ аз 6.08.2001 No 41, аз 3.05.2002 no 5, аз 1.03.2005 Г.N85, аз 29.04.2006 г. no 180,аз 12.05.2007 no 247, аз 11.03.2010 No 601,аз 29.12.2010 no 640, аз 03.07.2012 No 850, аз 28.12.2012 no 928, 22.07.2013 no 976, аз 18.03.2015 no 1178, аз 23.07.2016 no 1334, аз 02.01.2019 No 1557, аз 02.01.2020 No 1656, аз 02.01.2020 no 1657.
9. Низомнома дар бораи расмиети хариди давлатӣ аз 17.01.2008 no 4 / / Бо Фармони Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Аз 17.01.2008 no 4 Тасдиқ шудааст. http://zakupki.gov.tj/legislation/regulations / (санаи мурочиат: 25.08.2018 г.).
10.Менглиев Ш.М. кодекси Граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон 10 сол//10 сол кодекси Граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон/Отв.таҳрири М.З. Раҳимов, Ш. м. Менглиев.Душанбе, Ирфон, 2010. Саҳ.12.
11.Сулаймонов Ф. С. Пешниҳодҳо оид ба такмили кодекси Граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (масъалаҳои ҷойгоҳи кодекси Граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар системаи санадҳои меъерии ҳуқуқӣ, мавзӯи танзими кодекси Граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, субъектҳо ва объектҳои ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ) // ҳаети Ҳуқуқӣ. 2014. – №2 (06). Саҳ. 116. Ба таҷ. забон.
12.Белов В. А. ҳуқуқи Шаҳрвандӣ. М., 2012. Саҳ. 162.
13.Гаюров Ш.К. сиесати Ҳуқуқии Шаҳрвандӣ: баъзе мушкилоти ташаккул // Ҳаёти ҳуқуқӣ. 2016, – №1 (13). Саҳ. 129.
14.Андреева Л.В. Хариди молҳо барои эҳтиеҷоти федералии давлатӣ: танзими ҳуқуқӣ. М.: Волтерс Клувер, 2009. Саҳ.37.
15.Шевченко Л. И. Танзими муносибатҳои таъминот: назария ва амалия. Ҷт.: Маркази ҳуқуқии Матбуот, 2002. Саҳ. 211.

ТДУ: 342.7
Меликов Умрилло Асадуллоевич,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
E-mail: umrillo@mail.ru
Тел.: (+992) 555551494

Фирӯзи Т....
муаллими калони кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
E-mail:.....
Тел.: (+992) 990550850

ҲУҚУҚУ УҲДАДОРИҲО ДОИР БА МАЪЛУМОТИ ШАХСӢ

Калидвожаҳо: маълумо; шахс; ҳуқуқ; қонун; ҳифз; ҷамъоварӣ; коркард; нигоҳдорӣ; нобудсозӣ; такмилдиҳӣ.

Аннотатсия: Дар мақола муаллифон ҳукуку уҳдадориҳоро доир ба маълумоти шахсӣ тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода, онҳоро вобаста субъектони гуногун баррасӣ намудаанд. Ҳамзамон, тавсияҳо ҷиҳати дар амал татбиқ намудани ҳуқуқу уҳдадориҳо доир ба маълумоти шахсӣ пешниҳод шудааст.

Бо рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ истифодабарии маълумоти шахсӣ арзиши муҳим касб кардааст[1]. Аз ҳамин сабаб масъалаи танзим ва ҳифзи маълумоти шахсӣ дар як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ба роҳ монда шудааст, аз ҷумла: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ” [2], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иттилоот” [3], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иттилоотонӣ” [4], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи иттилоот” [5], Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон [6], Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон [7], Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [8], Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон [9] ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ. Миёни ин санадҳо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ” дар ин ҷода нақши калидӣ дорад, зеро он нисбати дигар санадҳои ҳуқуқии доир ба ҳамин соҳа баъдтар қабул шудааст ва ҳамчунин махсус ба маълумоти шахсӣ бахшида шудааст. Аз ҳамин сабаб аз лиҳози техникаи қонунгузорӣ меъёрҳои қонуни мазкур афзалият доранд ва ҳангоми навиштани мақолаи мазкур мо маҳз талаботҳои ҳамин санадро дар ҳолати то 30 январи соли 2025 истифода намудем. Ҳамзамон дигар санадҳое, ки маҳз ҳуқуқу уҳдадориҳои марбут ба маълумоти шахсиро фаро мегиранд маркази таваҷҷуҳ қарор додем.

Ҳуқуқ ва уҳдадориҳо доир ба маълумоти шахсӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ то ҳадди муайян муқаррар шудааст. Дар ин ҷода ду ҳуқуқи ба ҳам зоҳиран монанд вуҷуд доранд:

1) ҳуқуқи дастрасӣ ба маълумоти шахсии инсон;

2) ҳуқуқи инсон ба дастрас намудани маълумоти шахсии худ аз дигарон.

Дар ҳолати якум маълумоти шахсӣ дар ихтиёри худи шахс мебошад ва ба дигарон дастрас кардани он дар аксари ҳолат аз худи ӯ вобаста аст. Дар ин ҷода маълумотҳои шахсии инсонро вобаста ба дастрасӣ ба он ба 4 гуруҳ ҷудо кардан мумкин аст: 1) маълумотҳои шахсии инсон, ки бидуни иродаи ӯ дастрасӣ омма ҳастанд (масалан ному насабашро инсон наметавонад пинҳон кунад, он бояд ба омма дастрас бошад); 2) маълумотҳои шахсии инсон, ки худаш онро дастраси омма кардааст (масалан дар саҳифаи фейсбукаш расмҳояшро мегузорад, маълумот доир ба оилаашро мегузорад ва ғайра); 3) маълумотҳое, ки инсон онҳоро ҳамчун сирри шахсӣ нигоҳ медорад, қонун онҳоро ба сирри шахсии инсон мурбут медонад (масалан, дар Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ҳолат вобаста ба сирри тиббӣ оварда шудааст, ки онҳо ҳамзамон сирри шахсии инсон ҳисоб мешаванд); 4) ҳолати истисноии дастрасии мақомоти давлатӣ ба маълумотҳои шахсии инсон (масалан мақомоти

ҳифзи ҳуқуқ ҳангоми тафтишот маълумотҳои бонкии шахсро аз бонк талаб карда мегиранд ва ғайра).

Масъалаҳои номбаршуда ғайр аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ" инчунин пора пора танзими худро дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 135, 139 – доир ба сирри фарзандхондӣ), дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 136 – сирри шахсӣ ва оилавӣ, моддаи 236 – сирри вазъи саломатӣ, моддаи 246 – ҳаёти хусусӣ, моддаи 247 – ҳуқуқ б а иттилооот ва ғайра), дар Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолатҳои ҳифзи сирри тиббӣ муқаррар шудааст. Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгариҳои ҷиноятӣ доир ба ин масъала дар боби 28 ва дигар моддаҳои дахлдор муқаррар шудааст, ки барои ҳифзи маълумоти шахсӣ равона шудаанд. Яъне, дар маҷмуъ маълумоти шахсӣ дар доираи кодекс ва қонунҳои алоҳида танзим ва ҳифз шудаанд. Аммо байни онҳо талаботҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ" бештар хусусияти мушаххасгардонӣ дар ин ҷодаро дорад.

Ҳолати дуюм, яъне дастрас намудани маълумоти шахсӣ ба худи шахс, нозукии худро дорад. Ин ҷо маълумоти шахсӣ дар ихтиёри субъектони дигар (ширкатҳои мобилӣ, муассисаҳои тандурустӣ, бонкҳо, мақомоти давлатӣ ва ғайра) қарор дорад. Масалан ширкати мобилӣ ва интернетӣ дар махзани маълумоти худ маҷмӯи зангҳои воридот ва содиротии шахсро имкони нигоҳдорӣ кардан дорад. Дар ҳолатҳои зарурӣ шахс ҳақ дорад аз ширкат дархост намояд, ки рӯихати ҳамин гуна зангҳо дар давраи муайян ба ӯ дода шавад. Ҳамчунон шахс ҳақ дорад аз бонк маълумотро дар бораи воридот ва хароҷоти маблағ дар давраи муайян аз корти бонкиаш талаб намояд.

Инсон тибқи моддаи 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ" ҳуқуқ дорад аз доранда, оператор ва шахси сеюм аниқ, бастан ё нобуд кардани маълумоти шахсии худро талаб кунад, агар чунин маълумоти нопурра, куҳнашуда, носаҳеҳ, ғайриқонунӣ гирифташуда ё барои мақсади арзгардидаи коркард зарур набошад, инчунин оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои худ чораҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро андешад. Чунин маълумот ба субъект ё намояндаи қонунии ӯ аз тарафи доранда, оператор ва шахси сеюм ҳангоми муроҷиат ё қабули дархости субъект ё намояндаи қонунии ӯ пешниҳод карда мешавад.

Агар аҳамият диҳем, инсон тибқи талаботи моддаи мазкур чунин ҳуқуқҳоро дорад:

1) **Ҳуқуқи аниқ кардани маълумоти шахсии худ**, ки дар ихтиёри дигарон ҳаст. Яъне шахс муайян мекунад, ки кадом маълумотҳои шахсии ӯ дар ихтиёри шахси дигар қарор дорад. Ҳамзамон вақти муайян кардан дақиқ мекунад, ки онҳо дар кадом ҳолат қарор доранд (дурустанд, нодурустанд, куҳнашудаанд, заруранд, нозаруранд ва ғайра)

2) **Ҳуқуқи талаб кардан барои бастани маълумоти шахсӣ** аз доранда, оператор ва шахси сеюм, ки дар ихтиёрашон чунин маълумот нопурра, куҳнашуда, носаҳеҳ, ғайриқонунӣ ё барои мақсади арзгардидаи коркард зарур набошад, қарор дорад. Бастан дар ин ҷо бештар ба маънои блокировкаи маълумот дар шабакаҳои интернетӣ дар назар дошта мешавад. Чунки, баъзан вақт дар ҳолате, ки маълумотро пурра аз интернет имкони техникии нобуд кардан нест, онро то ҳадди муайян мебанданд (блокировка мекунанд).

3) **Ҳуқуқи талаб кардан барои нобуд кардани маълумоти шахсӣ** аз доранда, оператор ва шахси сеюм, ки дар ихтиёрашон чунин маълумот нопурра, куҳнашуда, носаҳеҳ, ғайриқонунӣ ё барои мақсади арзгардидаи коркард зарур набошад, қарор дорад.

4) **Ҳуқуқи гирифтани иттилоот дар бораи ҷамъоварӣ ва коркарди маълумоти шахсӣ.** Яъне ягон субъект агар маълумоти шахсии инсонро ҷамъоварӣ ва коркард, кунад инсон ҳақ дорад доир ба ҳолати он иттилоот гирад. Тибқи қисми 4 моддаи 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ" инсон ба гирифтани иттилооти марбут ба ҷамъоварӣ ва коркарди маълумоти шахсии худ ҳуқуқ дорад, ки он аз ҷумла маълумоти зеринро дар бар мегирад: тасдиқи воқеияти ҷамъоварӣ ва коркард; асосҳои ҳуқуқӣ ва мақсадҳои ҷамъоварӣ ва коркард; мақсад ва усулҳои истифодашавандаи ҷамъоварӣ ва коркард; ном ва макони ҷойгиршавии доранда, оператор ва шахси сеюм, маълумот дар бораи шахсоне (ба истиснои кормандони доранда, оператор ва шахси сеюм), ки ба маълумоти шахсӣ дастрасӣ доранд ё ба онҳо маълумоти шахсӣ метавонанд ошкор шаванд; муҳлати ҷамъоварӣ ва коркарди маълумоти шахсӣ, аз ҷумла муҳлати нигоҳдории онҳо; тартиби аз ҷониби субъект амалӣ шудани ҳуқуқҳое, ки дар Қонуни мазкур пешбинӣ гардидаанд; иттилоъ дар бораи интиқоли фаромарзии иҷрошуда ё пешбинигардидаи маълумот.

Дар боробари худи шахс барои дигарон ҳам вобаста ба вазъият қонун ҳуқуқу

уҳдадориҳояшонро муайян мекунад. Ин гуна шахсон дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ” ҳамчун “оператор” муайян шудааст. Таҳти мафҳуми “оператор” – мақоми давлатӣ, шахси воқеӣ ва ҳуқуқие, ки дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ё шартнома бо доранда коркард ва ҳифзи маълумоти шахсиро амалӣ менамоянд фаҳмида мешавад. Масалан корфармо вақте дар асоси Кодекси меҳнат маълумотҳои шахсии инсонро гирифта нигоҳ медорад, он ҳамчун оператор ҳисоб мешавад ва бояд талаботҳои қонунгузориро доир ба маълумоти шахсӣ риоя намояд.

Қонунгузор ба оператор ва дигар масъулон уҳдадориҳои бештар муайян кардааст, зеро онҳо бо маълумоти шахсии инсон сару кор доранд, ки як арзиши муҳиме ҳисоб мешавад.

1) **Уҳадории оператор ва дигар масъулон барои бехусусияткунонии** маълумоти шахсӣ. Ҳангоми коркарди маълумоти шахсӣ барои анҷом додани тадқиқоти оморӣ, иҷтимоӣ ва илмӣ доранда, оператор ва шахси сеюм уҳдадоранд онҳоро бехусусият намоянд. Ин амал ба хотири он анҷом мешавад, ки шахс набояд аз тадқиқотҳои зикршуда зарар бинад. Масалан, бемор намехоҳад, ки номаш дар китобҳои тиббӣ бошад ва мавриди муҳокима қарор гирад. Аз ҳамин сабаб ҳангоми истифодаи маълумотҳои тиббии ӯ ному насабашро иваз мекунанд.

2) **Уҳдадории оператор ва дигар масъулон доир ба нобуд кардани маълумоти шахсӣ.** Операторон ва дигар масъулон уҳдадор мебошанд, ки маъмулоти шахсиро пас аз муҳлати муайян нобуд кунанд. Маълумоти шахсӣ аз ҷониби масъулон, хусусан операторон, ки чунин маълумотҳоро доранд, дар ҳолатҳои зерин бояд нобуд карда шавад: бо гузаштани муҳлати нигоҳдорӣ тибқи қонун; ҳангоми қатъ гардидани муносибатҳои ҳуқуқӣ байни субъект ва доранда, оператор ё шахси сеюме, ки маъмулоти шахсӣ дар дасташон ҳаст; ҳангоми эътибори қонунӣ пайдо кардани қарори суд.

Ҳамзамон опретор ва дигар масъулон дар сурати муваффақ шудан ба мақсади ҷамъоварӣ ва коркарди маълумоти шахсӣ, инчунин ҳолатҳои дигари муқаррарнамудаи қонунгузорӣ барои нобуд кардани маълумоти шахсӣ бояд чораҷӯӣ намоянд;

3) Уҳдадории оператор доир ба расонидани хабар ба шахс роҷеъ ба интиқоли маълумоти шахсии ӯ ба дигарон. Операторон ва дигар масъулон дар бораи интиқоли маълумоти шахсии инсон ба дигарон ба худи шахс бояд хабар диҳанд. Яъне доранда ё операторе, ки маълумоти шахсиро ба шахсони сеюм интиқол додааст, ҳамчунин шахси сеюме, ки маълумоти шахсиро аз субъекти ин маълумот нагирифтааст, уҳдадоранд дар муҳлати на бештар аз се рӯзи корӣ ба субъект хабарнома ирсол намоянд.

Доранда, оператор ва шахси сеюм дар ҳолатҳои зерин аз уҳдадории пешниҳоди хабарнома озод мебошад: агар субъект барои интиқоли маълумоти шахсӣ розигии худро дода бошад; ҳангоми аз ҷониби мақомоти давлатӣ иҷро намудани вазифаҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон; дастраси умум гардондани маълумоти шахсӣ аз ҷониби субъект ё бо хоҳиши ӯ; агар ба субъект пешниҳод намудани хабарнома, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони дигарро поймол кунад.

4) **Уҳдадории оператор ва дигар масъулон доир ба тасдиқ намудани номгӯи маълумоти шахсӣ.** Оператор ва дигар масъулон уҳдадоранд номгӯи маълумоти шахсии барои иҷрои вазифаҳои онҳо зарур ва кофиро тасдиқ намоянд, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигарро пешбинӣ накарда бошад. Яъне ҳар субъекте, ки маълумотҳои шахсии инсонро ҷамъоварӣ ва коркард мекунад, бояд ҳаду ҳудуди онро муайян кунанд. Шумораи маълумоти шахсӣ зиёд аст. Субъектон ҳангоме, ки мехоҳанд маълумотҳои шахсии инсонҳоро ҷамъоварӣ ва коркард кунанд, бояд мушаххас кунанд, ки маҳз кадом маълумотҳо зарур ва кофӣ мебошанд. Яъне ду ҷиҳат якум **зарур** ва дуюм **кофӣ** будани маълумоти шахсӣ барои мақсади гузошташуда бояд ба инобат гирифта шавад.

5) **Уҳдадории оператор ва дигар масъулон доир ба гирифтани розигии шахс барои ҷамъоварӣ ва коркарди маълумоти шахсии ӯ.** Барои ҷамъоварӣ ва коркарди маълумоти шахсӣ розигии шахс бояд гирифта шавад (ба истисони ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ). Чунин розигӣ дар шакли хаттӣ, электронӣ буда метавонад. Масалан ҳангоми мақола пешниҳод кардан ба журналҳои бонуфузи дигар давлатҳо барои чоп, аз редаксияи журналҳо намунаи розигӣ барои ҷамъоварӣ ва коркарди маълумоти шахсӣ ба мо равон карда мешавад. То он замоне мо онро пур карда имзо накунем, онҳо мақолаи моро барои чоп қабул намекунанд.

6) **Уҳдадории оператор ва дигар масъулон доир ба пешниҳоди маълумоти шахсӣ ба худи шахс.** Оператор ва дигар масъулон уҳададоранд, ки ба субъект ё намояндаи қонунии ӯ маълумоти ба ӯ тааллуқдоштаро дар давоми се рӯзи корӣ аз рӯзи қабули муроҷиат пешниҳод намоянд.

7) **Уҳдадории оператор ва дигар масъулон доир ба ҳифзи маълумоти шахсӣ.** Оператор ва дигар шахсони масъул уҳдадоранд оид ба ҳифзи маълумоти шахсӣ чораҳои зарурӣ андешанд ва онҳо бояд ҳалли масъалаҳои зеринро таъмин намоянд:

- пешгирии дастрасии беиҷозат ба маълумоти шахсӣ;
- сари вақт ошкор намудани далелҳои дастрасии беиҷозат ба маълумоти шахсӣ;
- то ҳадди камтарин расондани оқибатҳои номатлуби дастрасии беиҷозат ба маълумоти шахсӣ.

Уҳдадориҳои оператор ва дигар масъулон оид ба ҳифзи маълумоти шахсӣ аз лаҳзаи ҷамъоварии маълумоти шахсӣ ба вуҷуд меоянд ва то лаҳзаи нобуд кардан ё бехусусияткунонии онҳо эътибор доранд.

Дар маҷмуъ ҳуқуқ ва уҳдадориҳои номбаршуда бо ҳамин ба итмом намерасанд, зеро чуноне дар боло зикр кардем онҳо дар кодекс ва қонунҳои гуногун муқаррар шудаанд, ки ҳамаи онҳоро мо дар як мақола наметавонем таҳлил намоем. Аз ҷиҳати илмӣ масъалаи мазкур бештар аз лиҳози ҳуқуқи меҳнатӣ, назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи иттилоотӣ баррасӣ шудааст [10]. Вақтҳои охир ба масъалаи мазкур аз лиҳози ҳуқуқи маданӣ таваҷҷуҳ зоҳир шуда истодааст [11]. Аммо ҷиҳати дар амал татбиқ намудани ҳуқуқу уҳдадориҳои зикргардида ба назари мо пеш аз ҳама дастурҳои методӣ зарур мебошанд. Зеро он ҳуқуқу уҳдадориҳое, ки номбар намудем, онҳо бо қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ” муқаррар шудаанд ва дар замони муосир як гуруҳи ҳуқуқҳои муҳими инсон ба шумор мераванд.

Муқарриз: н.и.ҳ., дотсент Нодиров С.М.

ПРАВА И ОБЯЗАННОСТИ В ОТНОШЕНИИ ПЕРСОНАЛЬНЫХ ДАННЫХ

Ключевые слова: данные; личность; права; закон; защита; сбор; обработка; хранение; уничтожение; совершенствование.

Анотация. В статье авторы анализируют права и обязанности в отношении персональных данных в соответствии с требованиями законодательства Республики Таджикистан и рассматривают их применительно к различным субъектам. Одновременно даются рекомендации по практической реализации прав и обязанностей в отношении персональных данных.

Меликов Умрилло Асадуллоевич - доктор юридических наук, профессор юридического факультета Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. E-mail: umrillo@mail.ru, *Тел.:* (+992) 555551494.

Фирузи Т...- старший преподаватель юридического факультета Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. E-mail:, *Тел.:* (+992) 990550850.

RIGHTS AND OBLIGATIONS REGARDING PERSONAL DATA

Keywords: data; person; rights; law; protection; collection; processing; storage; destruction; improvement.

Annotation: Authors analyzed the rights and obligations regarding personal data in accordance with the requirements of the legislation of the Republic of Tajikistan and consider them in relation to various subjects. At the same time, recommendations are made for the practical implementation of rights and obligations regarding personal data.

Melikov Umrillo Asadulloevich - Doctor of Law, Professor of the Faculty of Law of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. E-mail: umrillo@mail.ru, Тел.: (+992) 555551494.

Firuzi T..... - senior lecturer at the Faculty of Law of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. E-mail:.....,*Тел.:* (+992) 990550850.

Руйхати адабиёт

1. Абаев Ф.А. Танзими ҳуқуқии муносибатҳо оид ба ҳифзи маълумоти шахсии корманд дар ҳуқуқи меҳнатӣ: автореферат диссертатсия номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. М., с. 2014. Дворецкий А.В. Ҳифзи маълумоти шахсии корманд оид ба қонунгузории Федератсияи Россия: диссертатсияи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. Томск., – 2005. Велдер И.А. Системаи ҳифзи ҳуқуқии маълумоти шахсӣ дар Иттиҳоди Аврупо: диссертатсияи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. Қазон, 2006. Белгородцева. Ҷанбаҳои

назариявӣ-ҳуқуқии ҳифзи маълумоти шахсӣ: диссертатсияи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ М., 2012. Федосин А.С. Ҳимояи ҳуқуқи конститутсионии инсон ва шаҳрванд ба дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ ҳангоми коркарди автоматикунонидашудаи маълумоти шахсӣ дар Федератсияи Русия: диссертатсияи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Саранск, соли 2009.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ” https://mmk.tj/content/ (санади дастрасӣ: 25.10. 2024).

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иттилоот” // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2002, №4, қ. 2, мод. 320; с. 2012, №7, мод. 698; Қонуни ҶТ аз 27.11.2014 с., № 1164.

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иттилоотонӣ” // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 2001, №7, мод.502; с. 2005, №12, мод. 639. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04.04.2019 с., № 1595.

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи иттилоот” // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 2002, №11, мод. 696; с. 2005.

6. Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // АМОҶТ с.1998, №22, мод.303; с. 2006, №4, мод.196; с. 2008, №3, мод.201; с. 2010, №7. мод.546; с. 2011, №3, мод.177, №12, мод.855; с.2013, №3, мод.195; 2015с., №11, мод.960; с.2016,№3,мод.143;№11, мод.881.

7. Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон Реҷаи дастрасӣ: www.mmk.tj (санаи дастрасӣ: 15.01.2025).

8. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон Реҷаи дастрасӣ: www.mmk.tj (санаи дастрасӣ: 15.01.2025).

9. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Реҷаи дастрасӣ: www.mmk.tj (санаи дастрасӣ: 15.01.2025).

10. Меликов У.А. Ҳифзи ҳуқуқии шаҳрвандии маълумоти пешакӣ // Вестник УРФО №4(18) // 2015. – С. 49-53.

11. Рузанова В.Д. Маълумоти шахсӣ ҳамчун категорияи ҳуқуқии шаҳрвандӣ // давлати ҳуқуқӣ: назария ва амалия. 2022. – С. 77-82.

Список литература:

1. Абаев Ф.А. Правовое регулирование отношений по защите персональных данных работника в трудовом праве : автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2014. Дворецкий А.В. Защита персональных данных работника по законодательству Российской Федерации : автореф. дисс. ... канд. юрид. наук. – Томск., – 2005. Вельдер И.А. Система правовой защиты персональных данных в Европейском Союзе : дис. ... канд. юрид. наук. – Казань, 2006. Белгородцева Н.Г. Теоретико-правовые аспекты защиты персональных данных : дис. ... канд.юрид. наук. – М., 2012. Федосин А.С. Защита конституционного права человека и гражданина на неприкосновенность частной жизни при автоматизированной обработке персональных данных в Российской Федерации : дис. ... канд. юрид. наук. – Саранск, 2009.

2. Закон Республики Таджикистан” О защите персональных данных" https://mmk.tj/content/ (закон О доступе: 25.10. 2024).

3. Закон Республики Таджикистан” Об информации" // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. 2002, №4, С. 2, мод. 320; с. 2012, №7, мод. 698; Закон РТ от 27.11.2014 г., № 1164.

4. Закон Республики Таджикистан” Об информатизации" // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан 2001 г. №7, ст.502; 2005 г. №12, ср. 639. Закон Республики Таджикистан от 04.04.2019 г., № 1595.

5. Закон Республики Таджикистан” О защите информации" // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан 2002 г. №11, ст. 696; г. 2005.

6. Семейный кодекс Республики Таджикистан // АМОДЖТ С.1998, №22, мод.303; С.2006, №4, мод.196; С.2008, №3, мод.201; С.2010, №7. мод.546; С.2011, №3, мод.177, №12, мод.855; С.2013, №3, мод.195; 2015с., №11, мод.960; С.2016,№3, мод.143;№11, мод.881.

7. Кодекс здравоохранения Республики Таджикистан Режим доступа: www.mmk.tj (дата обращения: 15.01.2025).

8. Уголовный кодекс Республики Таджикистан Режим доступа: www.mmk.tj (дата обращения: 15.01.2025).

9. Гражданский кодекс Республики Таджикистан. Режим доступа: www.mmk.tj (дата обращения: 15.01.2025).

10.Меликов У.А. Гражданско-правовая защита пресональных данных // Вестник УРФО № 4(18) // 2015.С. 49–53.

11.Рузанова В. Д. Персональные данные как гражданско-правовая категория // Правовое государство: теория и практика. 2022. С. 77-82.

List of literature:

1. Abaev F.A. Legal regulation of relations for the protection of personal data of an employee in labor law : abstract of the dissertation of the candidate. jurid. Sciences. – M., 2014. Dvoretsky A.V. Protection of personal data of an employee under the legislation of the Russian Federation : abstract. diss. ... kand. jurid. sciences'. Tomsk, 2005. Velder I.A. The system of legal protection of personal data in the European Union : dis. ... cand. jurid. sciences'. – Kazan, 2006. Belgorodtseva N.G. Theoretical and legal aspects of personal data protection : dissertation of the Candidate of Law. Sciences. – M., 2012. Fedosin A.S. Protection of the constitutional right of man and citizen to privacy during automated processing of personal data in the Russian Federation : dissertation of the cand. jurid. sciences'. – Saransk, 2009.

2. The Law of the Republic of Tajikistan" About personal data protection " https://mmk.tj/content / (Law on Access: 10/25/2024).

3. The Law of the Republic of Tajikistan " On Information" / / Akhbori Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan. 2002, No. 4, p. 2, mod. 320; p. 2012, No. 7, mod. 698; Law of the Republic of Tajikistan dated 11/27/2014, No. 1164.

4. The Law of the Republic of Tajikistan " On Informatization " / / Akhbori Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan 2001, No. 7, art.502; 2005, No. 12, cf. 639. The Law of the Republic of Tajikistan dated 04.04.2019, No. 1595.

5. The Law of the Republic of Tajikistan" On Information Protection " / / Akhbori Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, 2002, No. 11, art. 696; 2005.

6. The Family Code of the Republic of Tajikistan // AMOJT S.1998, No. 22, mod.303; p.2006, No. 4, mod.196; p.2008, No. 3, mod.201; p.2010, No. 7. mod.546; p.2011, No. 3, mod.177, No. 12, mod.855; p.2013, No. 3, mod.195; 2015c., No. 11, mod.960; p.2016, No. 3, mod.143; No. 11, mod.881.7.

7. Health Code of the Republic of Tajikistan Access mode: www.mmk.tj (date of access: 01/15/2025).

8. Criminal Code of the Republic of Tajikistan Access mode: www.mmk.tj (date of application: 15.01.2025).

9. The Civil Code of the Republic of Tajikistan. Access mode: www.mmk.tj (date of reference: 01/15/2025).

10.Melikov U.A. Civil protection of personal data // Bulletin of the Ural Federal District No. 4(18) // 2015.pp. 49-53.

11.Ruzanova V. D. Personal data as a civil category // The rule of law: theory and practice. 2022. pp. 77-82.

ТДУ: 341.24

Настарани Абдуғафор,
муовини сардори шуъбаи ҳуқуқи байналмилалии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
E-mail: nastarana@mail.ru
Тел.:(+992) 919-61-74-61.

ТАРТИБИ БАСТАНИ ШАРТНОМАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Калидвожаҳо: шартномаи байналмилалӣ, тартиби бастан, таклифҳо, марҳилаҳо, ваколатҳо, баимзорасонӣ, тасдиқ (ратификатсия), ҳамроҳшавӣ.

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур тартиби бастани шартномаҳои байналмилалӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва андешаи олимон баррасӣ гардидааст. Ҳамзамон ҷиҳати муайян намудани бартарият ва афзалиятҳои тартиби бастани шартномаҳои байналмилалӣ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи шартномаҳои байналмилалӣ” аз 23 июли соли 2016 дар фарқият аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 11 декабри соли 1999 таҳлил гардидааст.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - ҶТ) оид ба шартномаҳои байналмилалӣ ба Конститутсияи ҶТ асос ёфта, аз Қонуни ҶТ “Дар бораи шартномаҳои байналмилалии ҶТ”, ки аз 23 июли соли 2016, №1326 қабул гардидааст, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ, инчунин, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст аз ҷумла, Конвенсияи Вена аз 23 майи соли 1969 дар бораи ҳуқуқи шартномаҳои байналмилалӣ, ки Тоҷикистон 11 марти соли 1996 онро тасдиқ намудааст, иборат мебошад.

Мутобиқи қонунгузории ҶТ аз ҷумла, Қонуни мазкур шартномаи байналмилалии ҶТ яке аз санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон, ки бо давлати хориҷӣ (давлатҳои хориҷӣ) ё созмони байналмилалӣ дар шакли хаттӣ ба имзо расонида шуда, бо ҳуқуқи байналмилалӣ танзим карда мешавад, сарфи назар аз он ки ин шартнома дар як ё якчанд ҳуҷҷати ба ҳам алоқаманд оварда шудааст, инчунин, новобаста ба номи мушаххаси он муқаррар гардидааст [1].

Бояд зикр намуд, ки шартномаҳои байналмилалӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷии давлатҳо нақши муҳим дошта заминаи ҳуқуқии муносибатҳои дуҷониба ва ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалӣ ба ҳисоб мераванд. Баръакси дигар санадҳо, шартномаи байналмилалӣ мавҷудияти иродаи ҳадди аққал ду субъекти ҳуқуқи байналмилалиро дар бар мегирад ва ин иродаҳо дар шартнома ба ҳамдигар мувофиқа карда шуда, ҳамзамон барои расидан ба ҳадафи муайяни ягона равона карда шудаанд. Шартномаҳои байналмилалӣ дар шакли хаттӣ ва шифоҳӣ баста мешаванд, шакли хаттии шартномаи байналмилалӣ шакли маъмулӣ он аст. Аз инҷост, ки муқаррароти қонунгузории ҶТ дар самти шартномаҳои байналмилалӣ танҳо нисбати шакли хаттии он паҳн мегардад.

Дар ҶТ тартиби бастан, ба имзо расонидан, тасдиқ (ратификатсия), тасдиқ, ҳамроҳшавӣ, бақайдгирӣ, интишор, иҷро намудан, бекор кардан ва боздоштани амали шартномаҳои байналмилалии ҶТ бо Қонуни ҶТ “Дар бораи шартномаҳои байналмилалии ҶТ”, мутобиқ ба Конвенсияи Вена танзим карда мешаванд.

Мутобиқи моддаи 1 Қонуни мазкур амали он нисбат ба шартномаҳои байналмилалии ҶТ, новобаста ба хусусияти онҳо (байнидавлатӣ, байниҳукуматӣ ва байниидоравӣ) ва номашон (шартнома, созишнома, конвенсия, протокол, паймон, мубодилаи мактубҳо, ёддоштҳо ва ё шартномаҳои байналмилалии дигар), бо давлатҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ паҳн мегардад. Мутобиқи моддаи 3 Конвенсияи Вена бошад, талаботи конвенсияи мазкур нисбат ба шартномаҳои байналмилалие, ки байни давлатҳо ва дигар субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ё байни дигар субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва шартномаҳои байналмилалие, ки шифоҳӣ қабул гардидаанд, инчунин татбиқи конвенсияи мазкур нисбат ба муносиботи байниҳамдигарии давлатҳо дар доираи созишномаҳои байналмилалӣ, ки иштирокчиёни он субъектҳои дигари ҳуқуқи байналмилалӣ низ ҳастанд таъсир намерасонад [2].

Бастани шартномаҳои байналмилалӣ аз қобилияти ҳуқуқдории давлатҳо замина мегирад. Мутобиқи моддаи 6 Конвенсияи Вена дар бораи

ҳуқуқи шартномаҳои байналмилалӣ, ҳар як давлат қобилияти ҳуқуқии бастани шартномаҳоро дорад. Дар ин раванд, ҳар як давлат ҳангоми бастани шартномаи байналмилалӣ дар асоси принсипҳои баробарҳуқуқӣ, ихтиёрона ва озодона иштирок менамоянд.

Бастани шартномаҳои байналмилалӣ аз ҷониби давлатҳо татбиқи соҳибихтиёрии онҳоро ифода намуда ба қатори ҳуқуқҳои асосии давлатҳо дохил мешавад. Бастани шартномаи байналмилалӣ раванди мураккабест, ки аз як қатор марҳилаҳои пайдарпай иборат аст. Доир ба марҳилаҳо ва тартиби бастани шартномаҳои байналмилалӣ дар таълимот ва назарияи ҳуқуқи байналмилалӣ андешаҳои гуногун мавҷуд аст.

Аз ҷумла, қисман дар ин масъала А.Ю. Курашвили, В.В. Богатирев, Н.Н. Меншенина, В.Ф. Калина, С.Б. Балхаева, Ш.А. Алимова, С.Н. Арапов ва ғ., мароқ зоҳир намудаанд. Аз ҷониби онҳо марҳилаҳои гуногуни тартиби бастани шартномаҳои байналмилалӣ пешниҳод гардидааст, ки ҳамаи онҳо дар асоси Конвенсияи Вена ва принсипҳои умумиэътирофгаштаи ҳуқуқи байналмилалӣ мебошанд. Бо вуҷуди ин, ҳуқуқи бо тартиби муайян ва хос бастани шартномаи байналмилалӣ ба ҳар як давлат дар асоси қонунгузории он вогузор гардидааст.

Дар асоси моддаи 2 Қонуни ҶТ “Дар бораи шартномаҳои байналмилалии ҶТ” бастани шартномаи байналмилалӣ дар пайдарпайии марҳилаҳои (амалҳои ҳуқуқӣ) пешбининамудаи Қонуни мазкур оид ба ташаккулдиҳии мазмуни шартномаи байналмилалӣ, қабули матни он ва изҳори ризоияти ҶТ ба ҳатмӣ будани шартномаи байналмилалӣ ифода меёбад.

Ҳамчунин дар адабиётҳои ватанӣ марҳилаҳои бастани шартномаҳои байналмилалӣ аз таҳия ва қабули матни шартнома, муқаррар кардани матни саҳеҳи шарнома ва изҳори ризоияти давлат ба он ҳатмӣ будани шартномаи байналмилалӣ мебошад [3, с. 316].

Омӯзиши марҳилаҳои мазкур нишон медиҳанд, ки онҳо дар асоси конунгузории кишвар дар самти шартномаҳои байналмилалӣ пешниҳод гардидаанд.

Ба андешаи В.В. Богатирев бастани шартномаи байналмилалӣ маънои тамоми амалҳои давлатро дорад, ки аз гуфтушунид сар карда то эътибор пайдо кардани шартнома иборат аст. Раванди бастани шартнома метавонад ба марҳилаҳо тақсим карда шавад. Ба онҳо таҳия ва қабули матни шартнома, муқаррар кардани ҳақиқати матнҳои шартнома (ҳақиқати матн маънои онро дорад, ки ин матн аслӣ ва дуруст аст) ва изҳори розигӣ ба уҳдадории шартнома дохил мешаванд [4, с. 87].

Ба андешаи С.Б. Балхаева имконияти бастани шартномаҳои байналмилалӣ зуҳуроти ҳуқуқҳои асосии соҳибихтиёрии давлат ба ҳисоб рафта, тартиби бастани шартнома ба маънои васеъ ва маҳдуд баррасӣ карда мешавад. Ба маънои васеъ, бастани шартномаи байналмилалӣ маънои таҳия кардани шартномаи байналмилалӣ, қабул ва эътибор пайдо кардани онро дорад. Ба маънои маҳдуд, ин танҳо ба истилоҳ раванди қонунигардонидашуда, яъне қабул ва эътибор пайдо кардани шартномаи байналмилалӣ бо тартиби дар қонунгузории давлат муайяншуда мебошад [5, с. 57].

Дар қонунгузории ҶТ тартиби бастани шартномаҳои байналмилалӣ дар боби 2 Қонуни ҶТ “Дар бораи шартномаҳои байналмилалии ҶТ” аз 23 июли соли 2016 (минбаъд - Қонуни мазкур) танзим гардидааст. Ҷиҳати муайян намудани бартарият ва афзалиятҳои тартиби бастани шартномаҳои байналмилалиро тибқи Қонуни мазкур дар фарқият аз Қонуни ҶТ “Дар бораи шартномаҳои байналмилалии ҶТ” аз 11 декабри соли 1999 таҳлил менамоем.

Тибқи Қонуни ҶТ “Дар бораи шартномаҳои байналмилалии ҶТ” аз 11 декабри соли 1999 (минбаъд - Қонуни қаблӣ), тартиби бастани шартномаҳои байналмилалӣ дар боби 2 он танҳо дар доираи ду модда аз ҷумла, моддаҳои 5 ва 6 танзим гардида буд. Дар моддаи 5 Қонуни мазкур масъалаи пешниҳоди таклифҳо дар бораи бастани шартномаҳои байналмилалӣ аз номи ҶТ, ки тибқи он чунин таклифҳо ба Президенти ҶТ ва Ҳукумати ҶТ аз ҷониби Вазорати корҳои хориҷӣ пешниҳод мегардад. Дар баробари ин, масъалаи аз ҷониби вазорату идораҳои дигари ҶТ пешниҳод гардидани таклифҳо дар бораи бастани шартномаҳои байналмилалӣ доир ба масъалаҳое, ки ба салоҳияти онҳо дохил аст, дар мувофиқа бо Вазорати корҳои хориҷии ҶТ ба Ҳукумати ҶТ пешниҳод мегардад, танзим шудааст. Ҳамчунин, талабот нисбат пешниҳоди таклифҳо дар шакли лоиҳаи шартнома, асосноккунии зарурияти имзои шартнома, хулосаи Вазорати адлияи ҶТ оид ба мутобиқати он ба қонунҳои ҶТ ва арзёбии натиҷаи сиёсӣ, молиявӣ, иқтисодӣ ва дигар натиҷаҳо пас аз бастани шартнома муайян шудааст.

Дар моддаи 6 Қонуни қабли танҳо масъалаи қабули қарорҳо оид ба гузаронидани гуфтушунидҳо дар хусуси бастан ва имзои шартномаҳои байналмилалӣ аз номи ҶТ ва чунин қарорҳо нисбат ба шартномаҳои байниидоравии ҶТ ва масъалаи додани ваколатҳо оид ба иҷрои

амалҳои мазкур муайян гардидааст, ки тибқи он чунин қарорҳо аз тарафи Президенти ҶТ ва Ҳукумати ҶТ қабул карда мешаванд. Инчунин, масъалаи бе зарурати пешниҳоди ваколат муаррифии ҶТ аз ҷониби Президенти ҶТ, Раиси Ҳукумати ҶТ, Сарвазири ҶТ ва вазири корҳои хориҷии ҶТ ва сарвари намояндагии дипломатии ҶТ дар давлати хориҷӣ ё сарвари намояндагии ҶТ дар назди созмони байналмилалӣ муайян гардидааст.

Дар боби 2 Қонуни ҶТ “Дар бораи шартномаҳои байналмилалии ҶТ” тартиби бастани шартномаҳои байналмилалӣ дар муқоиса аз Қонуни қаблӣ ба таври васеъ танзим гардидааст. Масъалаҳое, ки дар Қонуни қабли танзим гардидаанд, дар моддаҳои алоҳида ва дахлдори Қонуни мазкур ба таври васеъ муқаррар гардидаанд. Ҳамзамон дигар масъалаҳо ба монанди мувофиқасозӣ ва экспертизаи ҳуқуқии шартномаҳои байналмилалӣ, ки ҶТ мақсади иштирокчии онҳо шудан дорад ва мувофиқасозии лоиҳаҳои шартномаҳои байналмилалӣ, ки ин масъала дар Қонуни қаблӣ танзим нагардида буд.

Мутобиқи моддаи 4 Қонуни мазкур шартномаҳои байналмилалие, ки ҶТ мақсади иштирокчии онҳо шуданро дорад, лоиҳаи шартномаи байналмилалӣ бо Вазорати корҳои хориҷӣ мувофиқа гардида, инчунин, аз тарафи Вазорат оид ба мақсаднок будани бастани шартномаи байналмилалӣ додани хулоса муқаррар шуда аз ҷониби Вазорати адлия мавриди экспертизаи ҳуқуқӣ қарор дода мешавад.

Мутобиқи моддаи 5 Қонуни мазкур таклифҳо дар фарқият аз Қонуни қаблӣ ба таври васеъ дар шакли таклифҳо дар бораи баимзорасонӣ, тасдиқ (ратификатсия), тасдиқи шартномаи байналмилалӣ ва ҳамроҳшавӣ ба онҳо аз номи ҶТ, аз номи Ҳукумати ҶТ ва муҳлати пешниҳоди чунин таклифҳо муайян ва танзим гардидааст. Ҳамчунин муқаррар шудааст, ки таклифҳо то пешниҳод шуданашон ба Президенти ҶТ ё Ҳукумати ҶТ бо мақомоти давлатии дахлдор бояд мувофиқа карда шавад. Тартиби амалӣ намудани таклифҳо дар моддаҳои алоҳидаи қонун дар боби 3 вобаста ба тарзҳои изҳори ризоияти ҶТ танзим гардидааст.

Дар фарқият аз Қонуни қаблӣ талабот нисбат ба таклифҳо зиёд муқаррар шудааст. Аз ҷумла, таклифҳо дар баробари лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ дар бораи баимзорасонӣ, тасдиқ (ратификатсия), тасдиқи шартномаҳои байналмилалӣ ва ҳамроҳшавӣ ба онҳо, асосноккунии мақсаднок будани баимзорасонӣ, тасдиқ (ратификатсия), тасдиқ ва ҳамроҳшавӣ ба онҳо, хулосаи Вазорати адлияи ҶТ дар бораи мутобиқати лоиҳаҳои шартномаҳои байналмилалӣ ба қонунгузории ҶТ ва арзёбии оқибатҳои эҳтимолии сиёсӣ, ҳуқуқӣ, молиявию иқтисодӣ ва оқибатҳои дигари бастани шартномаҳои байналмилалӣ иборат буда инчунин талаботҳои дигарро низ муқаррар менамояд аз ҷумла, хулосаи Вазорати корҳои хориҷии ҶТ дар хусуси мутобиқати бастани шартномаи байналмилалӣ ба мақсадҳои сиёсати хориҷӣ, нусхаҳои ба таври расмӣ тасдиқшудаи матни шартномаҳои байналмилалӣ, тарҷумаи матни шартномаҳои байналмилалӣ ба забони давлатӣ, ки бо муҳри мақомоти давлатии барои бастани онҳо масъул тасдиқ шудаанд, номгӯйи давлатҳои иштирокчии шартномаҳои байналмилалии бисёрҷониба, номгӯйи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ, ки бо сабаби эътибор пайдо кардани шартномаи байналмилалӣ зарурати ба онҳо ворид намудани тағйиру иловаҳо ба миён меояд ва ҳангоми зарурат лоиҳаҳо ва асосноккунии тавзеҳоти ҶТ ба шартномаҳои байналмилалии бисёрҷониба, инчунин, матни тавзеҳот ба шартномаҳои байналмилалии бисёрҷониба, ки аз ҷониби дигар давлатҳо изҳор шудаанд.

Ҳамчунин Қонуни мазкур масъалаи бастани шартномаи байналмилалиро вобаста кӯмаки беруна пешниҳод намуда онро ба салоҳияти Ҳукумати ҶТ вогузор менамояд. Ҳамзамон масъалаи забони шартномаи байналмилалӣ, истифодаи забони давлатии ҷонибҳои гуфтушунид ва интихоби забони дигар аз ҷониби тарафҳоро муқаррар намудааст, ки чунин меъёр дар Қонуни қаблӣ пешбинӣ нагардида буд.

Қонуни мазкур дар модаи 7 қабули қарорҳоро дар марҳилаи бастани шартномаи байналмилалӣ аз ҷумла, дар бораи маъқул донистани матн, баимзорасонии шартнома ва додани ваколат барои иҷрои амалҳои зикршуда ва парафгузориро муқаррар намудааст. Мутобиқи он нисбат ба шартномаҳои байналмилалие, ки аз номи ҶТ баста мешаванд, бо Фармони Президенти ҶТ, нисбат ба шартномаҳои байналмилалие, ки аз номи Ҳукумати ҶТ баста мешаванд, бо қарори Ҳукумати ҶТ ва нисбат ба шартномаҳои байналмилалие, ки аз номи мақомоти давлатӣ баста мешаванд, бо қарори Ҳукумати ҶТ муқаррар гардидааст.

Масъалаи парафгузорӣ баимзорасонии қаблии лоиҳаи мувофиқашудаи шартномаи байналмилалӣ ё меъёрҳои алоҳидаи он бо ишораи сарҳарфи насаб ва номи намояндагони ҷонибҳои дар гуфтушунидҳо иштироккунанда ҳамчун шаҳодати мувофиқа намудани матни лоиҳаи шартномаи байналмилалӣ ё яке аз тарзҳои

муқаррар сохтани яксонии матни лоиҳаи шартномаи байналмилалӣ дар фарқият аз Қонуни қаблӣ дар Қонуни амалкунанда танзим гардида он аз ҷониби намояндаи мақомоти давлатӣ, ки барои бастани шартномаи байналмилалӣ масъул мебошад ва бо назардошти хулосаҳои вазорату идораҳои дахлдор сурат мегирад, танзим гардидааст.

Ҳамчунин, дар Қонуни мазкур масъалаи додани ваколат ва ба расмият даровардани он дар моддаи алоҳида махсусан моддаи 8 пурра танзим гардида масъалаи додани ваколат барои баимзорасонӣ аз ҷониби Президенти ҶТ ва тасдиқи он аз ҷониби Вазорати корҳои хориҷии ҶТ бе қабули қарори дахлдор, додани ваколат барои иҷрои амалҳо барои бастани шартномаи байналмилалӣ тариқи ба расмият даровардани ваколатҳо дар шакли хаттӣ аз ҷониби Вазорати корҳои хориҷӣ пешбинӣ гардидааст.

Дар фарқият аз Қонуни қаблӣ, Қонуни мазкур дар моддаи 9 дар масъалаи бидуни барасмият даровардани ваколатнома иҷро намудани амалҳо вобаста ба бастани шартномаи байналмилалӣ “Раиси Ҳукумати ҶТ”-ро истисно менамояд. Зеро дар қисми 1 моддаи 9 Қонуни амалкунанда Президенти ҶТ, ки тибқи моддаи 64 Конститутсияи ҶТ саркори давлат ва ҳокимияти иҷроия (Ҳукумат) аст ҳамчун субъекте, ки бидуни барасмиятдарории ваколатнома ҶТ-ро муаррифӣ менамояд, муқаррар гардидааст.

Инчунин, Қонуни мазкур Сарвазири ҶТ, вазири корҳои хориҷии ҶТ, роҳбарони намояндагиҳои дипломатии ҶТ дар давлатҳои хориҷӣ, ки бо мақсади қабул намудани матни шартномаҳои байналмилалӣ байни ҶТ ва давлате, ки дар назди он аккредитатсия шудаанд ва намояндагоне, ки аз ҷониби ҶТ ҷиҳати намояндагӣ намудан дар конференсияҳои байналмилалӣ ё созмонҳои байналмилалӣ ва ё яке аз мақомоти он бо мақсади қабули матни шартномаи байналмилалӣ ваколатдор шудаанд, ҳамчун субъектони бидуни барасмиятдарории ваколатнома иҷро намудани амалҳо барои бастани шартномаи байналмилалӣ муқаррар шудаанд.

Дар маҷмуъ таҳлилҳо оид ба тартиби бастани шартномаҳои байналмилалӣ тибқи қонунгузории ҶТ бозгӯи он ҳаст, ки қонунгузорӣ дар ин самт мукаммал буда, механизми тартиби бастани шартномаҳои байналмилалӣ пурра мавҷуд аст.

ПОРЯДОК ЗАКЛЮЧЕНИЯ МЕЖДУНАРОДНЫХ ДОГОВОРОВ В СООТВЕТСТВИИ С ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Ключевые слова: международный договор, порядок заключения, предложения, этапы, полномочия, ратификация, присоединение.

Аннотация. В данной статье обсуждается порядок заключения международных договоров в соответствии с законодательством Республики Таджикистан и мнениями ученых. При этом для определения преимуществ и приоритетов порядка заключения международных договоров был проанализирован Закон Республики Таджикистан «О международных договорах Республики Таджикистан» от 23 июля 2016 года в отличие от Закона Республики Таджикистан «О международных договорах Республики Таджикистан» от 11 декабря 1999 года.

Настарани Абдугафор - заместитель начальника отдела международного права Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан. E-mail: nastarana@mail.ru, Тел.:(+992) 919-61-74-61.

THE PROCEDURE FOR CONCLUDING INTERNATIONAL AGREEMENTS IN ACCORDANCE WITH THE LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Keywords: international treaty, procedure for conclusion, proposals, stages, powers, ratification, accession.

Abstract. This article discusses the procedure and stages of concluding international treaties in accordance with the legislation of the Republic of Tajikistan and the opinions of scientists. At the same time, in order to determine the advantages and priorities of the procedure for concluding international treaties, the Law of the Republic of Tajikistan «On International Treaties of the Republic of Tajikistan» dated July 23, 2016, was analyzed in contrast to the Law of the Republic of Tajikistan «On International Treaties of the Republic of Tajikistan» dated December 11, 1999.

Nastrani Abdugafor - Deputy Head of the International Law Department at the National Center for Legislation under the President of the Republic of Tajikistan. E-mail: nastarana@mail.ru, Tel.: (+992) 919-61-74-61.

Рӯйхати адабиёт:

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2016 «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон»//Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Маводи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/system/files/Legislation. (санаи мурочиат: 03.02.2025с.)

2. Конвенсияи Вена оид ба ҳуқуқи шартномаҳои байналмилалӣ аз 23 майи соли 1969 [Маводи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://www.mfa.tj/tg/main/view/119/konvensiyai-vena-oid-ba-huquqishartnomahoi-bainalmilali. (санаи мурочиат: 03.02.2025с.)

3. Ҳуқуқи байналхалқӣ: китоби дарсӣ. - Душанбе: Эр-граф, 2010. – 512 с.

4. Богатирев В.В.Ҳуқуқи байналмилалӣ: китоби дарсӣ, 2016. – 276 с.

5. Балхаева С.Б. Намудҳои эътибор пайдо кардани шартномаҳои байналмилалии Федератсияи Русия // Маҷаллаи ҳуқуқи русия. – 2011. – №8. - С. 56-64.

Список литературы:

1. Закон Республики Таджикистан от 23 июля 2016 года «О международных договорах Республики Таджикистан»//Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан [электронные материалы]. Источник доступа: https://mmk.tj/system/files/Legislation. (дата обращения: 03.02.2025 г.)

2. Венская конвенция о праве международных договоров от 23 мая 1969 года [электронные материалы]. Источник доступа: https://www.mfa.tj/tg/main/view/119/konvensiyai-vena-oid-ba-huquqishartnomahoi-bainalmilali.. (дата обращения: 03.02.2025 г.)

3. Международное право: учебник. - Душанбе: Эр-граф, 2010. - 512 с.

4. Богатирев В.В. Международное право: учебник, 2016. – 276 с.

5. Балхаева С.Б. Виды вступления в силу международных договоров Российской Федерации // Журнал российского права. – 2011. – №8. - С. 56-64.

List of literature:

1. The Law of the Republic of Tajikistan dated July 23, 2016 "On International Treaties of the Republic of Tajikistan"//National Center of Legislation under the President of the Republic of Tajikistan [electronic materials]. Access source: https://mmk.tj/system/files/Legislation . (date of access: 02/03/2025).

2. Vienna Convention on the Law of International Treaties of May 23, 1969 [electronic materials]. Access source: https://www.mfa.tj/tg/main/view/119/konvensiyai-vena-oid-ba-huquqishartnomahoi-bainalmilali .. (date of reference: 02/03/2025).

3. International law: textbook. Dushanbe: Er-graf Publ., 2010. 512 p.

4. Bogatirev V.V. International law: textbook, 2016– 276 p.

5. Balkhaeva S.B. Types of entry into force of international treaties of the Russian Federation // Journal of Russian Law. - 2011. – No. 8. - pp. 56-64.

УДК: 263.2.4
Қодиров Шуҳрат Бобомуродович,
унвонҷӯи шуъбаи қонунгузории граждани, соҳибкорӣ ва оилавии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
Тел.: (+992) 901-22-04-89.
E-mail: shuhrat_q@mail.ru

ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ СЕРВИТУТИ ИХТИЁРӢ ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶМУҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Калидвожаҳо: қонунгузории маданӣ; қонунгузории замин; қонунгузории кишоварзӣ; сервитут; сервитути ихтиёрӣ; узуфрукт; асосҳои ҳуқуқӣ; мафҳум; хусусият; ҳуқуқи ашё; қитъаи замин.

Другой пример: одна и та же коммерческая организация покупает в аптеке лекарства для оказания первой помощи работникам. Такое поведение не имеет коммерческой цели, поэтому в данном случае данная коммерческая организация рассматривается как потребитель.

Согласно определению закона «О правах потребителей», потребителем является гражданин, приобретающий товары (работы, услуги) в целях их заказа или использования, за исключением личных, семейных и бытовых нужд, независимо от предпринимательской деятельности. Согласно закону «О правах потребителей», потребитель рассматривается как личность.

В гражданско-правовой литературе нет упоминаний об унификации понятия «потребитель». А.В. Агафанов заменил понятие «потребитель-гражданин, покупатель» на «потребитель-обычный человек, покупатель» и Л.Б. Ситдикова подтверждает, что в преамбуле закона «О правах потребителей» следует заменить понятие «потребитель», дополнив его словами «гражданин» и « юридическое лицо».

ГК РФ Статья 1096 «Лица, ответственные за вред, причиненный вследствие недостатков товара, работы или услуги»

1. Вред, причиненный вследствие недостатков товара, подлежит возмещению по выбору потерпевшего продавцом или изготовителем товара.

2. Вред, причиненный вследствие недостатков работы или услуги, подлежит возмещению лицом, выполнившим работу или оказавшим услугу (исполнителем).

3. Вред, причиненный вследствие непредоставления полной или достоверной информации о товаре (работе, услуге), подлежит возмещению лицами, указанными в пунктах 1 и 2 настоящей статьи.

Содержание данной статьи толкуется в практическом смысле со статьей 1095 ГК РФ. В зависимости от способа причинения ущерба лица, ответственного за вред, различаются:

Ущерб, причиненный вследствие недостатков товара, возмещается продавцом и потребителем товара.

Ущерб, причиненный отсутствием работ и услуг лицом, выполняющим работы и услуги, подлежит возмещению.

Повреждения, возникшие в результате неполной и недостоверной информации, предоставленной продавцом или производителем.

Как отмечается, ответственность продавца и потребителя перед потребителем определяется Гражданским кодексом РФ и законом «О правах потребителей» в отдельности, товар реализуется потребителю по договору купли-продажи.

Производитель – организация, независимо от своей организационно-правовой формы, или индивидуальный предприниматель, производящие товары для потребителей.

Гражданский кодекс защищает не только права граждан, но и юридических лиц, если они не являются участниками гражданско-правовых отношений.

В цивилистике найдена связь, согласно которой ключевую роль играет подконцепт потребителя. Потребитель – лицо, участвующее в экономических отношениях гражданско-правового неравенства с учетом отношений с участником, который является собственником товара и участвует в нем для удовлетворения своего

интереса. Под понятием трейдер понимается человек, являющийся потребителем.

Рецензент: к.ю.н., доцент Кодиров Ш.К.

ХУСУСИЯТХОИ УМУМИИ УХДАДОРИИ ЧУБРОН ДАР НАТИЧАИ РАСОНИДАН ЗАРАР БА МОЛ (КОР, ХИЗМАТРАСОН)

Калидвожаҳо: ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ, кодекси шаҳрвандӣ, кафолати сифати мол ва хизматрасонӣ.

Аннотатсия: Мақолаи мазкур аҳамияти иҷрои ӯҳдадориҳоро оид ба ҷуброни зарари дар натиҷаи нуқсонҳои мол (кор, хизматрасонӣ) расонидашуда дар шароити ҳамгироии прогрессивӣ бо қонунҳои иқтисодии Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шаклҳои ҳамкории байналмилалӣ, инчунин рушди пешрафти илмию техникӣ дар соҳаи ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ ва хизматрасонӣ дар бозори маҳсулот меафзояд.

Мутобиқи банди 3-и боби 59-и Кодекси граждании Федератсияи Русия «Ҷуброни зараре, ки дар натиҷаи нуқсонҳои мол, кор, хизматрасонӣ расонида шудааст» институти ҷуброни зараре, ки дар натиҷаи нуқсонҳои мол, кор ва хизматрасонӣ расонида шудааст, пешбинӣ шудааст ва ин яке аз механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон мебошад.

Кабирова Сурайё Бадаргаевнва - аспиранти курси дуюми Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, E-mail. suray.kabirov@mail.ru, Тел: 555-50-08-57.

GENERAL CHARACTERISTICS OF THE OBLIGATION TO COMPENSATE FOR DAMAGE CAUSED BY DEFICIENCIES OF GOODS (WORKS, SERVICES)

Key words: civil rights, civil code, guarantee of quality of goods and services, goods, works, services.

Annotation:this article raises the importance of fulfillment of obligations compensation for damage caused as a result of defects of goods (work of services) in conditions of progressive integration with the laws of economy of the Russian Federation and the Republic of Tajikistan with forms of international cooperation, as well as the development of scientific and technical progress of introduction of innovative technologies in the market of goods, works and services.

Kabirova Surayo Badargaevna - 2nd year postgraduate student, Russian-Tajik (Slavic) University, E-mail suray.kabirov@mail.ru, Tel: 555-50-08-57.

Список использованной литературы

1.Агарков М.М. Избранные труды по гражданскому праву. Общее учение об обязательствах и его отдельных видах. -М., 2012. -С.428.

2.Агафанов А.В. Защита прав потребителей: учебное пособие [Электронный ресурс]: //Учебники для студентов-2008.- С 248.Элект. Версия печат. Публ.-Доступ из справ. правовой системы «КонсультантПлюс».

3. А.Б. Бабаев. Система вещественнных прав: монография. -М., 2007. -С. 390.

4. Ершов В.А., Сутягин А.В. , Кайл А.Н. Постатейный комментарий к Гражданскому Кодексу Российский Федерации (Электронный ресурс] // Постатейный комментарий , 2016. -С 3043 Электрон .версия печат. Публ. Доступ из справ. Правовой системы «Консультант плюс» .

5. Зуева М.В., Климович А.В., Корнеев О.В. Кодекс Российской Федерации (часть вторая) от 26 января 1996 г. №14-ФЗ»[Электронный ресурс]:постатейный комментарий. -2016. –С 165 Электрон.версия печат. публ. Доступ из справ. Правовой системы «Консультант Плюс»

6. Зуева М.В.,Климович А.В., Корнеев О.В., Мережкина М.С., Томтосов А.А. Комментарий к главе 59 Гражданского кодекса Российской Федерации (часть вторая) от 26 января 1996 г. №14-ФЗ» –С 75 [Электронный ресурс].Указ. соч.: Обязательства вследствие причинения вреда: постатейный комментарий к главе 59 ГК РФ С.Ю. Головина [и др.];отв.ред. П.В. Крашенников. Собр.соч.

7. Постановление Федерального Арбитражного суда Западно-Сибирского округа [Электронный ресурс] от 28 сент. 2000 по делу № КГ-А 40/КонсультантПлюс: справ.правовая система. Судебная практика.-Электрон.дан.-М, 2017.-Доступ из локальной сети Науч.б-киТом.гос. ун-та.

8. Болдырев Ю.Н. Егоров, С. М.,Качалов С. М. под общ. редакции Я.А. Куника Регулирование хозяйственной деятельности в торговле/ [и др.];отв..: Экономика, 1984. -С.263.

9. Российское гражданское право. Том 2: учебник/В.С. Ем [и др.]; отв. Ред. Е.С. Суханова.-М:Стаут, 2011. -С.1208.

10. Сергеев А.П., Толстой Ю.К. Гражданское право:учебник. М., 2005. -С.763.

11.А.В. Агафанов Защита прав потребителей: учебное пособие [Электронный ресурс]: // Учебники для студентов-2008.-Элект. Версия печат. Публ.-Доступ из справ. правовой системы «КонсультантПлюс».

Руйхати адабиётҳо

1. Агарков М.М. Асарҳои интихобшуда оид ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ. Доктринаи умумӣ дар бораи ӯҳдадориҳо ва намудҳои алоҳидаи он. -М., 2012. -С.428.

2. Агафанов А.В. Ҳимояи истеъмолкунандагон: китоби дарсӣ [Манбаи электронӣ]: //Китобҳои дарсӣ барои донишҷӯён-2008.- С.248.Интихоб. Версияи чоп Нашрия - Дастрасӣ аз истинод. системаи ҳуқуқии "ConsultantPlus".

3. А.Б. Бобоев. Системаи ҳуқуқҳои воқеӣ: монография. -М., 2007. -С. 390.

4. Ершов В.А., Сутягин А.В. , Кайл А.Н. Шарҳи модда ба модда ба Кодекси граждании Федератсияи Русия (манбаи электронӣ]// Шарҳи мақола ба мақола, 2016. - С. 3043 Варианти электронӣ чоп. Нашр. Дастрасӣ аз истинод ба системаи ҳуқуқии "Consultant Plus".

5. Зуева М.В., Климович А.В., Корнеев О.В. Кодекси Федератсияи Русия (қисми дуюм) аз 26 январи соли 1996 № 14-ФЗ» [Манбаи электронӣ]: шарҳи мақола ба мақола. -2016. –С 165 Варианти электронии чоп. нашр. Дастрасӣ аз истинод. Системаи ҳуқуқии "Consultant Plus"

6. Зуева М.В., Климович А.В., Корнеев О.В., Мережкина М.С., Томтосов А.А. Тафсири боби 59 Кодекси граждании Федератсияи Русия (қисми дуюм) аз 26 январи соли 1996 № 14-ФЗ" – С. 75 [Сарчашмаи электронӣ]. комп.: ӯҳдадориҳое, ки дар натиҷаи расонидани зарар ба амал меоянд: шарҳи модда ба модда ба боби 59 Кодекси граждании Федератсияи Русия С.Ю. Головина [ва дигарон]; П.В. Крашенников. Корҳои ҷамъшуда.

7. Карори Суди федералии арбитражи округи Сибири Гарбӣ [Манбаи электронӣ] аз 28 сентябр. 2000 дар парвандаи № KG-A 40/ConsultantPlus: системаи ҳуқуқии истинод. Амалияи судӣ.-Маълумоти электронӣ.-М, 2017.-Дастрасӣ аз шабакаи маҳаллӣ Scientific.b-kiTom.gos. Донишгоҳ.

8. Болдырев Ю.Н. Егоров, С. М., Качалов С. М. тахти рохбарии умумӣ. тахрири Я.А. Куника Танзими фаъолияти иқтисодӣ дар савдо/ [ва дигарон]: Иқтисод, 1984. - С.263.

9. Қонуни шаҳрвандии Русия. Ҷилди 2: китоби дарсӣ/В.С. ман мехӯрам [ва ғ.]; Ҷавоб. Эд. Э.С. Суханова.-М: Стаут, 2011. -С.1208.

10. Сергеев А.П., Толстой Ю.К. Ҳуқуқи шаҳрвандӣ: китоби дарсӣ. М., 2005. -С.763.

11.А.В. Агафанов Ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон: китоби дарсӣ [Манбаи электронӣ] // Китобҳои дарсӣ барои донишҷӯён-2008.-Интихоб. Версияи чоп Нашрия - Дастрасӣ аз истинод. системаи ҳуқуқии "ConsultantPlus".

List of references

1.Agarkov M.M. Selected works on civil law. General doctrine of obligations and its individual species. -M., 2012. -S.428.

2. Agafanov A.V. Consumer protection: textbook [Electronic resource] ://Textbooks for students-2008.-S. 248 Electr. Pechat version. Publ.-Access from ref. legal system "ConsultantPlus."

3.A.B. Babaev. System of real rights: monograph. -M., 2007. –S.. 390.

4.Ershov V.A., Sutyagin A.V., Kyle A.N. Article-by-article commentary on the Civil Code of the Russian Federation (Electronic Resource]//Article-by-article commentary, 2016. –S. 3043 Electronic version of cookies. Publ. Access from ref. Legal system "Consultant Plus."

5. Zueva M.V., Klimovich A.V., Korneev O.V. Code of the Russian Federation (part two) dated January 26, 1996 No. 14-FZ "[Electronic resource]: article-by-article commentary. -2016. –S. 165 Electronic version of furnaces.publ. Access from ref. Legal system "Consultant Plus"

6.Zueva M.V., Klimovich A.V., Korneev O.V., Merezhkina M.S., Tomtosov A.A. Commentary to Chapter 59 of the Civil Code of the Russian Federation (Part Two) dated January 26, 1996 –S. 75 No. 14-FZ "[Electronic resource]. Op.: Obligations due to harm: article-by-article commentary to chapter 59 of the Civil Code of the Russian Federation S. Yu. Golovin [et al.]; Ed. P.V. Krashennikov. Collection

7.Resolution of the Federal Arbitration Court of the West Siberian District [Electronic Resource] dated September 28, 2000 in case No. KG-A 40/ConsultantPlus: reference legal system. Judicial practice.-Electron.dan.-M, 2017.-Access from the local network ScientificbKiTom.gos. University.

8.Regulation of business activities in trade/Yu.N. Boldyrev [et al.]; Rev. Y.A. Kunik.: Economics, 1984. S.263.

9.Russian civil law. Volume 2: textbook/V.S. Em [et al.]; resp. Ed. E.S. Sukhanova. - M: Stout, 2011. - S.1208.

10.Sergeev A.P., Tolstoy Yu.K. Civil law: textbook. M., 2006. -S.765.

ТДУ: 347.4
Шерзода Бурҳоналӣ Сабзалӣ
ассистенти кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ
Тел.: (+992) 939041363
E-mail: sherzoda.b.1999@gmail.com

Абдулазизи Асадулло
ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ,
Тел.: (+992) 105777700
E-mail: asadullozoda.a.1998@gmail.com

ШАРТНОМАИ ЭСКРОУ (АМОНАТГУЗОРИИ ШАРТӢ) ДАР НИЗОМИ ҲУҚУҚИИ ТОҶИКИСТОН

Калидвожаҳо: муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ, шартнома, мухторияти хоҳишу ирода, эскроу, амонатгузории шартӣ, шартномаи эскроу, шартномаи суратҳисоби эскроу, табиати ҳуқуқии шартномаи эскроу, объектҳои эскроу, шартномаи нигоҳдорӣ, шартҳои шартномаи эскроу, аҳди муҳлатнок, агенти эскроу.

Аннотатсия. Муносибатҳои шартномавӣ пайваста дар ҳолати рушд қарор дошта, имкониятҳои васеъро барои иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ фароҳам меоранд. Шартномаи эскроу яке аз шартномаҳои нисбатан нав дар низоми ҳуқуқии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, таъиноти асосии он бо роҳи муносибатҳои шартномавӣ ҳимоя намудани ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиён ба ҳисоб меравад. Бо назардошти нав будани шартномаи эскроу, таҳлили илмии падидаи мазур дар шароити муосири Тоҷикистон муҳим арзёбӣ мегардад. Дар мақолаи мазкур мафҳуму моҳияти шартномаи эскроу, унсурҳои шартнома ва масъалаҳои дигари татбиқи қонунгузорӣ дар ин самт мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифтааст.

Ҳуқуқи маданӣ танзимгари муносибатҳое мебошад, ки онҳо ба баробарӣ ва мухторияти хоҳишу иродаи иштирокчиёнаш асос ёфтаанд. Мухторияти хоҳишу ирода дар муносибатҳои маданӣ аҳамияти муҳим дошта, ба иштирокчиён имкон медиҳад, ки озодона ҳуқуқҳои маданиро ба даст ованд ва онҳоро амалӣ намоянд, инчунин мустақилона дар муносибатҳои молумулкӣ шартнома баста, озодона барои худ ҳуқуқу уҳдадориҳоро муқаррар намоянд. Вобаста ба ин, шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ яке аз воситаҳои асосии татбиқи мухторияти хоҳишу ирода ба ҳисоб меравад.

Шартнома дар фаъолияти хоҷагидорӣ ва ҳаёти ҳаррӯза яке аз воситаҳои асосии танзими алоқаҳои байни шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, аз ҷумла алоқаҳои иқтисодӣ мебошад. Аҳамияти асосии шартнома дар муомилоти маданӣ дар он зоҳир мегардад, ки он барои иштирокчиёни муносибатҳои маданӣ худтанзимкуниро фароҳам меорад.

Бастани шартнома бо дар назар доштани манфиатҳои хусусӣ, озодона муқаррар намудани шартҳои шартномавӣ, хосатан ҳуқуқу уҳдадориҳо боиси ҳавасмандии тарафҳо ва ноил шудан ба натиҷаҳои муайяни иқтисодӣ мегардад. Шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ ба тарафҳои он имкон медиҳад, ки озодона манфиатҳо ва мақсади худро мувофиқа намуда, амалҳои заруриро барои ноил шудан ба он муайян намоянд.

Дар шароити муосири рушди илми ҳуқуқшиносӣ яке аз воситаҳои муҳими танзими алоқаҳои иқтисодӣ дар ҷомеа падидаи ҳуқуқи шартномавӣ гардидааст. Шартномаҳо ба доираи васеи фаъолияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ворид гардида, воситаи муҳими танзими қоидаҳои рафтори субъектон дар заминаи хоҳишу иродаи онҳо гардидааст. Маҳз ҷанбаи бо хоҳишу иродаи тарафҳои шартнома муайян кардани ҳуқуқу уҳдадориҳо ва қоидаҳои ҳадди амали ҳуқуқҳо боиси ҳавасмандии онҳо гардида, беш аз пеш

муносибатҳои шартномавӣ ташаккул ёфта истодаанд.

Дар дилхоҳ шартномаи ҳуқуқи маданӣ таваккал ҷой дорад ва ин аксиомаи ҳуқуқӣ аст. Ин нуқтаи назар дар назарияи ҳуқуқи маданӣ ба таври пурра дастгирӣ карда мешавад. Ба андешаи Д.И. Мейер «ҳар як уҳдадориро таваккал ҳамроҳӣ менамояд». К.П. Победоностсев қайд мекунад, ки «бешубҳа, ҳар як шартномаро таваккал ҳамроҳӣ менамояд» [6, с.167].

Шартномаи эскроу вобаста ба имконияти васеъ истифода бурдани он дар муомилоти маданӣ манфиатнок аст. Он метавонад ҳамчун кафолати иҷрои дахлдори уҳдадорӣ аз ҷониби тарафҳои шартнома хизмат намояд.

Бо мақсади коҳиш додани сатҳи таваккал дар муносибатҳои шартномавӣ, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни он ва таъмини инкишофи муътадили муносибатҳои шартномавӣ дар қонунгузорӣ баъзе шартномаҳои нави ҳуқуқи маданӣ пайдо гардидааст, ки яке аз онҳо шартномаи эскроу мебошад.

Пайдоиши падидаи мазкур тақозои замон мебошад. Агар ба таҷрибаи замони имрӯз назар намоем танзими баъзу аз муносибатҳои мавҷуда ҳатман тавассути эскроу-агент бояд ба роҳ монда шавад зерро мақсади асосии падидаи мазкур ин кам намудани сатҳи таввакалноки барои иҷрои уҳдадориҳо равона шудааст. Ин падида метавонад баҳри рушди соҳаи хусуси нақши назаррасе дошта бошад.

Бо такя ба меъёрҳо ва принсипҳои қонунгузорӣ инчунин таҳлили адабиётҳои ватаниву хориҷӣ мафҳуми зерини падидаи эскроуро муайян намудан мумкин аст.

Эскроу - амонатгузории як шахс ба шахси сеюм барои пардох ё интиқол ба шахси муайяни дар шартнома нишондодашуда ҳангоми иҷрои шартҳои шартнома (иҷрои уҳдадориҳои бенефитсиар) равона шудааст фаҳмида мешавад.

Баъдан падидаи эскроу бо мақсади ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои мадании шахсони дар муносибатҳои уҳдадорӣ иштироккунанда, коҳиш додани таваколҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодии аз муносибатҳои шартномавӣ бавуҷудоянда равона гардидааст [4, с.10].

Дар хусуси функсияи ҳимоявӣ доштани шартномаи эскроу С.А. Васюков қайд менамояд, ки «дар мамлакатҳои хориҷӣ шартномаи амонатгузории шартӣ зиёд баста мешавад. Эскроу бо шарофати сатҳи баланди танзими меъёрӣ манфиатҳои шахсони дар муносибатҳои маданӣ иштироккунандаро ҳимоя менамояд» [5, с.14].

Истилоҳи эскроу аз калимаи англисии «escrow» гирифта шуда, маънои амонатгузориро дорад. Ин истилоҳ аввалин маротиба дар ИМА дар заминаи ташаккули бесобиқаи падидаи ипотека ҷиҳати ҳифзи чунин намуди аҳд пайдо шуда, қонунан мустаҳкам гардидааст. Дар шароити муосир дар ИМА амалан аҳдҳои ба фурӯши молу мулки ғайриманқул алоқамандбуда тавассути шартномаи эскроу анҷом дода мешаванд.

Шартномаи эскроу яке аз сохторҳои муосири ҳуқуқие мебошад, ки иҷрои дахлдори уҳдадориҳои шартномавиро таъмин менамояд.

Шартномаи эскроу барои ҳуқуқии мадании мамлакат падидаи нав буда, бо қабули Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, №1918 [1] рӯйи кор омад. Шартномаи эскроу дар боби 52 (моддаҳои 1031-1039) Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим гардидааст.

Дар асоси қисми 1, моддаи 1031 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон «мувофиқи шартномаи эскроу (ба амонатгузории шартӣ) қарздор (амонатгузор) уҳдадор мешавад ба агенти эскроу (минбаъд агент) молу мулкро бо мақсади иҷрои уҳдадории худ оид ба додани он ба дигар шахс, ки ба манфиати он ба амонатгузории молу мулк анҷом дода мешавад (бенефитсиар), ба амонат гузорад, агент бошад, уҳдадор мешавад нигоҳубини ин молу мулкро таъмин намояд ва дар мавриди ба вуҷуд омадани асосҳои дар шартнома пешбинигардида онро ба бенефитсиар супорад».

Дар заминаи мафҳуми расмии дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардида ва таҳлили адабиёти илмӣ хусусиятҳои зерини шартномаи эскроуро ҷудо кардан мумкин аст:

1) шартномаи сетарафа буда, байни амонатгузор, бенефитсиар ва агенти эскроу баста мешавад;

2) амонатгузор молу мулкро ба агенти эскроу ҷиҳати иҷрои уҳдадориҳои худ дар назди бенефитсиар медиҳад;

3) агенти эскроу молу мулки амонатгузорро нигоҳубин намуда, ҳангоми ба вуҷуд омадани асоси дар шартнома пешбинишуда онро ба бенефитсиар медиҳад.

Амонатгузор чунин тарафи шартномаи эскроу мебошад, ки дар муносибати уҳдадорӣ бо бенефитсиар (кредитор) қарор дошта, молу мулки худро, ки тибқи шартномаи асосӣ бояд ба бенифитсиар ҷиҳати таъмини иҷро онро ба агенти эскроу пешниҳод намояд. Ҳамчун амонатгузор дилхоҳ субъекти ҳуқуқи маданӣ, ки чун қарздор дар муносибати шартномавӣ бо бенифитсиар (кредитор) қарор доранд, баромад карда метавонанд.

Бенефитсиар тарафи шартномаи эскроу мебошад, ки дар шартномаи ҳуқуқи мадании алоҳида ҳамчун кредитори амонатгузор иштирок менамояд ва амонатгузор барои ба ӯ додан, молу мулкашро ба агенти эскроу медиҳад [8, с.368].

Агенти эскроу субъекти миёнарав буда, функсияи асосии ӯ нигоҳубин намудани молу мулки амонатгузор ва ҳангоми ба вуҷуд омадани асоси дар шартнома пешбинишуда ба бенефитсиар додани ин молу мулк мебошад. Тибқи муқаррароти Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми 1, моддаи 1039) шахсони воқеӣ, шахсони ҳуқуқӣ, аз ҷумла ташкилотҳои бонкӣ ва нотариусони давлатӣ ҳамчун агент дар шартномаи эскроу иштирок карда метавонанд.

Тибқи қонунгузории амалкунандаи ҶТ эътирофи нотариус ҳамчун агенти эскроу нодуруст мебошад. Дар асоси моддаи 91 Қонуни ҶТ «Дар бораи нотариати давлатӣ» аз 16 апрели соли 2012, №810 [2] нотариуси давлатӣ дар мавридҳои пешбининамудаи қонунгузории мадании ҶТ аз қарздор ба амонати (депозити) идораи нотариалии давлатӣ барои ба кредитор супоридани маблағи пулӣ ва (ё) коғазҳои қиматнокро қабул мекунад.

Аз муқаррароти мазкур бармеояд, ки идораҳои нотариалии давлатӣ дорои суратҳисоб мебошанд, на ин ки нотариусони давлатӣ. Вафоти нотариус ҳамчун асоси қатъ гардидани шартномаи эскроу танҳо дар қонунгузории мамлакатҳои хориҷие муайян гардидааст (масалан, дар ФР), ки дар онҳо низоми нотариати хусусӣ амал мекунад.

Дар баъзе шартномаҳои дигари ҳуқуқи маданӣ низ мавқеи нотариус нодуруст муайян карда шудааст. Масалан, тибқи муқаррароти моддаи 960 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми вафоти нотариус (шахси дигари ваколатдор оид ба кушодани суратҳисоби бонкии амонатии оммавӣ) ё даст кашидан, ё қатъ гардидани ваколатҳои он, соҳиби суратҳисоб бо дигар нотариус (шахси дигар) иваз карда мешавад, ба он ки соҳиби суратҳисоб мегардад, корҳои нотариус (шахси дигар) мувофиқи қонунгузорӣ дода мешаванд.

Дар ин меъёр вафоти нотариуси давлатӣ ҳамчун асоси қатъи шартномаи суратҳисоби бонкии амонатии оммавӣ муайян гардидааст. Бояд қайд намуд, ки ин меъёр ба қонунгузории амалкунандаи ҶТ мухолиф буда, хоси низоми нотариати хусусӣ мебошад. Масалан, дар ФР, ки низоми хусусии нотариат амал менамояд, дар моддаи 860(15) Кодекси мадании Федератсияи Россия [3] мустаҳкам гардидааст, ки «дар сурати вафоти нотариус (шахси дигаре, ки барои кушодани суратҳисоби амонатии давлатӣ ваколатдор аст) ё истеъфо (қатъ) шудани ваколатҳои ӯ соҳиби суратҳисоби амонатии оммавӣ ба дигар нотариус (шахси дигар) иваз карда мешавад, ки ба ӯ мутобиқи қонун, дигар санадҳои ҳуқуқӣ, корҳои нотариус (шахси дигар) дода мешаванд, ки соҳиби суратҳисоб буд».

Идораи нотариалӣ дар мавридҳои пешбининамудаи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз қарздор ба депозити идораи нотариалӣ маблағи пулӣ ва коғазҳои қиматнокро барои ба кредитор супоридани онҳо қабул мекунанд. Ба депозит қабул кардани маблағи пулӣ ва коғазҳои қиматнокро нотариуси идораи нотариалии ҷойи иҷро шудани уҳдадориҳо ба ҷо меоварад.

Дар заминаи таҳлили қонунгузории амалкунанда ва таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ метавон чунин хулоса бароварда, ки дар номгӯйи асосҳои қатъ гардидани шартномаи суратҳисоби бонкии амонатии оммавӣ номбар кардани вафоти нотариус ба қонунгузории амалкунандаи ҶТ мувофиқат намекунад, зеро дар мамлакат танҳо низоми давлатии нотариат эътироф гардидааст. Вобаста ба ин, мақсаднок аст, ки идораи нотариалии давлатӣ ҳамчун агент дар шартномаи эскроу эътироф карда шавад.

Бо ҳамин назардошт, пешниҳод мегардад, ки асосҳои қатъ гардидани суратҳисоби амонатии оммавӣ дар моддаи 960 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври зайл ифода карда шавад: «ҳангоми вафоти шахсе, ки суратҳисоби бонкии амонатии оммавӣ кушодааст, ё даст кашидан, ё қатъ гардидани ваколатҳои он, соҳиби суратҳисоб бо дигар шахс иваз карда мешавад, ба он ки соҳиби суратҳисоб мегардад, корҳои шахс мувофиқи қонунгузорӣ дода мешаванд».

Шартҳои муҳими шартномаи эскроу ин асоси ба вуҷуд омадании уҳдадории амонатгузор оид ба додани молу мулк ба бенефитсиар (шартномаи асосӣ), объекти шартнома (молу мулке, ки ба агенти эскроу дода мешавад), муҳлати шартнома ва асоси ба вуҷуд омадани уҳдадории агент оид ба супоридани молу мулк ба бенефитсиар ба ҳисоб меравад.

Асоси ба вуҷуд омадани ҳуқуқи амонатгузор вобаста ба додани молу мулк ба бенефитсиар дилхоҳ шартномаи ҳуқуқи мадании қаблан байни бенефитсиар (кредитор) ва амонатгузор (қарздор) басташуда мебошад, ки амонатгузор ҷиҳати таъмини иҷрои уҳдадориҳои худ, ки аз ин шартнома бармеоянд, молу мулкро ба агенти эскроу пешниҳод мекунад.

Объекти шартномаи эскроу шарти муҳим ба ҳисоб рафта, молу мулке ба ҳисоб меравад, ки аз

тарафи амонатгузор ба агенти эскроу пешниҳод карда мешавад. Объектҳои амонатгузорӣ молу мулки манқул (ҳамчунин пулҳои нақд, коғазҳои қиматноки ҳуҷҷатӣ ва ҳуҷҷатҳо), маблағҳои пулии ғайринақдӣ ва коғазҳои қиматноки беҳуҷҷат буда метавонанд (қисми 1, моддаи 1032 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Дар ин ҷо масъалае пайдо мешавад, ки агар объекти шартномаи эскроу воситаҳои пулии ғайринақдӣ бошад ва ба ҳайси агенти бонк баромад намояд, ин шартномаи эскроу ё суратҳисоби эскроу ҳисобида мешавад. Тибқи моддаи 953 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон «мувофиқи шартномаи суратҳисоби бонкии эскроу бонк (агенти эскроу) барои баҳисобгирӣ ва манъ кардани маблағҳои пулӣ, ки он аз соҳиби суратҳисоб (амонатгузор) барои додани онҳо ба дигар шахс (бенефитсиар) ҳангоми ба вуҷуд омадани асосҳои пешбининамудаи шартномаи суратҳисоби бонкии эскроу, суратҳисоби бонкии эскроу мекушояд».

Ҷиҳати мусбати шартномаи суратҳисоби эскроу дар он аст, ки додани молу мулк ва додани ҳуқуқ ба он пас аз иҷрои уҳдадориҳои шартнома ба амал меояд. Шартномаи суратҳисоби эскроу намуди шартномаи суратҳисоби бонкӣ мебошад. Дар илми ҳуқуқи маданӣ ақида вуҷуд дорад, ки суратҳисоби эскроу чунин нест. Тарафдорони ин нуқтаи назар чунин мешуморанд, ки мақсади ҳуқуқии шартномаи суратҳисоби бонки имкони иҷрои муомилоти ҳисоббаробаркунию кассавии соҳиби суратҳисоб мебошад, дар сурате ки барои амонатгузор - соҳиби суратҳисоби эскроу чунин имконият вуҷуд надорад [7, с.34].

Бояд қайд намуд, ки агар ҳамчун агенти эскроу бонк баромад намояд ва объекти шартномаи эскроу воситаҳои пулии ғайринақдӣ бошад, пас ин шартнома тавассути кушодани суратҳисоби бонкии эскроу амалӣ карда мешавад. Агар ҳамчун объекти шартнома воситаҳои пулии ғайринақдӣ бошад ва агенти эскроу на бонк, балки дигар субъектон бошад, пас ин воситаҳои пулӣ тавассути дар суратҳисоби бонкии номиналии агент гузаронда мешавад. Суратҳисоби бонкии номиналӣ барои амалиётҳо бо маблағҳои пулӣ ба соҳиби он кушода мешавад, дар як вақт ҳуқуқ ба ин маблағҳо ба шахси дигар – бенефитсиар тааллуқ дошта бошад (қисми 1, моддаи 950 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Ҷиҳати хосси объекти эскроу дар он аст, ки баъди ба агент супоридани объекти ба амонатгузошта, дар давоми муҳлати амали шартномаи эскроу, амонатгузор ҳуқуқи ихтиёрдории ин молу мулкро надорад, агар ҳолати дигар дар шартнома пешбинӣ нашуда бошад.

Маҳз манъи ихтиёрдорӣ намудани молу мулки ба амонат гузошташуда функсияи ҳифзнамоии шартномаи эскроуро нишон медиҳад. Зимнан, дар заминаи ин маҳдудият бенефитсиар ба иҷро шудани уҳдадории тарафи дигар (амонатгузор) боварӣ ҳосил менамояд.

Уҳдадории амонатгузор оид ба бенефитсиар супоридани молу мулк аз лаҳзаи ба агент супоридани ин молу мулк иҷрошуда ба ҳисоб меравад. Дар ин замина, минбаъд таваккали тасодуфан нобуд шудан ё вайрон гардидани молу мулк ба зиммаи агенти эскроу мегузарад.

Дар асоси қисми 2, моддаи 1036 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон агент барои нобудшавӣ, камомад ё осеб дидани ашёи баамонатгузошташуда ҷавобгар аст, агар исбот карда натавонад, ки чунин ҳолатҳо дар натиҷаи неруи рафънопазир ба вуҷуд омада ё бо сабаби хусусиятҳои ашё, ки онҳоро агент ҳангоми қабул ба амонат намедонист ё дониста ҳам нематавонист, ё ин ки дар натиҷаи қасд ё беэҳтиётии дағалонаи амонатгузор ба вуҷуд омадаанд.

Шартномаи эскроу метавонад хусусияти мутақобила дошта бошад, яъне тарафҳо метавонанд шартнома банданд, ки дар асоси он ба агент бояд молу мулке ба амонат гузошта шавад, ки тарафҳои шартнома метавонанд онро ба якдигар супоранд.

Шартномаи эскроу аҳди муҳлатнок мебошад. Шартномаи эскроу бояд муҳлати ба амонат гузоштани молу мулкро пешбинӣ намояд. Муҳлати амали ин шартнома аз панҷ сол зиёд буда наметавонад. Агар чунин шартнома ба муҳлати зиёда аз панҷ сол ё бе нишон додани муҳлат баста шавад, он ба муҳлати панҷ сол басташуда ба ҳисоб меравад.

Асоси аз ҷониби агент ба бенефитсиар супоридани молу мулки ба амонат гузошташуда амалҳои гуногун шуда метавонанд. Аз ҷумла, аз ҷониби бенефитсиар ё шахси сеюм тибқи шартнома анҷом додани амалҳо ё ба вуҷуд омадани муҳлат ё ҳодисае мебошад, ки дар шартнома пешбинӣ шудааст, ба сифати чунин асос баромад карда метавонанд.

Ҳангоми ба вуҷуд омадани асосҳои пешбининамудаи шартномаи эскроу оид ба супоридани молу мулк ба бенефитсиар, агент уҳдадор аст тибқи шартҳои шартнома ба бенефитсиар молу мулки ба амонат гузоштаро супорад. Агар шартҳои пешбининамудаи шартнома оид ба супоридани молу мулк ба бенефитсиар дар давоми амали он ба вуҷуд наоянд,

агент уҳдадор аст молу мулки ба амонат гирифтаашро ба амонатгузор баргардонад.

Шартномаи эскроу бо дигар падидаҳои ҳуқуқи маданӣ умумияти зиёд дошта, муайян намудани фарқияти он аз дигар падидаҳои шабеҳ аҳаммияти муҳимми назарӣ ва амалӣ дорад. Дар назарияи ҳуқуқи маданӣ аксаран падидаи шартномаи эскроу бо шартномаи нигаҳдорӣ монанд карда мешавад. Бояд қайд намуд, ки дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди боби шартномаи нигаҳдорӣ (боби 51) ҷойгир намудани боби шартномаи эскроу маънои онро надорад, ки эскроу як намуди нигаҳдорӣ аст.

Умумияти шартномаи эскроу бо шартномаи нигаҳдорӣ дар он аст, ки дар шартномаи эскроу агент уҳдадор аст молу мулки пешниҳоднамудаи амонатгузорро нигоҳдорӣ намояд. Яъне то лаҳзаи ба вуҷуд омадани асоси ба бенефитсиар додани молу мулк онро нигаҳдорӣ намояд.

Зимнан, Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баъзе ҳолатҳо танзими ҷанбаҳои алоҳидаи шартномаи эскроуро тавассути меёрҳои ба шартномаи нигаҳдорӣ алоқаманд анҷом дода мешавад. Мувофиқи қисми 3, моддаи 1037 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон «агар агент бонк набошад, маблағҳои пулии ғайринақдӣ дар суратҳисоби номиналии он ба амонат гузошта мешавад.

То рӯзи ба вуҷуд омадани асосҳои супоридани молу мулк ба бенефитсиар мувофиқи шартномаи эскроу бенефитсиари суратҳисоби бонкии номиналии дар агент кушода амонатгузор мебошад, баъди рӯзи ишорашуда бошад, бенефитсиари суратҳисоби бонкии номиналӣ бенефитсиар тибқи шартнома мебошад».

Тибқи шартномаи нигаҳдорӣ як тараф (нигаҳдоранда) уҳдадор мешавад ашёи супоридаи тарафи дигар (молсупор)-ро нигаҳдорӣ намуда, онро беосеб баргардонад. Аммо, аз рӯйи мақсаду моҳият шартномаи эскроу ва шартномаи нигоҳдорӣ фарқ менамояд. Мақсади асосии шартномаи эскроу ин ба агент додани молу мулк ҷиҳати таъмини иҷрои уҳдадории худ дар назди бенефитсиар барои дар ҳолати ба миён омадани асоси дар шартнома пешбинишуда додани он ба бенефитсиар мебошад.

Мақсади шартномаи нигаҳдорӣ бошад, нигаҳдорӣ намудани молу мулки муайян ва баъди ба итмом расидани муҳлат баргардондани он аст. Ҳамзамон, шартномаи эскроу шартномаи сетарафа мебошад. Шартномаи нигаҳдорӣ дутарафа буда, байни нигаҳдоранда ва молсупор баста мешавад.

Шартномаи эскроу табиати музднок ва ё ройгон дошта метавонад. Дар асоси қисми 1, моддаи 1033 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон «барои иҷрои уҳдадориҳои худ агент ҳуқуқи талаби подошро дорад, агар шартнома ҳолати дигарро пешбинӣ накунад». Дар ин меъёр муқаррар шудааст, ки «агент ҳуқуқи талаби подошро дорад...». Яъне агент метавонад подош талаб накунад, ки дар ин ҳолат шартнома ройгон ҳисобида мешавад. Уҳдадории кадом тараф будани пардохти подоши агент дар шартнома метавонад муайян карда шавад. Дар ҳолати муайян накардании уҳдадории пардохти подош он тибқи меъёри қонун барои тарафҳо муштарак ҳисобида мешавад.

Агент ҳуқуқ надорад молу мулки аз амонатгузор гирифтаашро ба ҳисоби пардохт ё таъмини подош ба ҳисоб гирад ё нигоҳ дорад, агар шартнома ҳолати дигарро пешбинӣ накунад.

Бояд қайд намуд, ки бо назардошти ҷанбаи ҳимоявӣ доштани шартномаи эскроу дар қонун меъёру қоидаҳое муайян гардидааст, ки мустақиман ба ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои бенефитсиар равона гардидаанд. Аз ҷумла, яке аз кафолатҳои муҳимми манифатҳои бенефитсиар ин манъи рӯёниш нисбат ба молу мулки тибқи шартномаи эскроу ба амонат гузошташуда ба шумор меравад.

Нигаронидани рӯёниш ба молу мулки ба амонат гузошташуда, ҳабси ин молу мулк ё андешидани тадбирҳои таъминоти пешакӣ вобаста ба қарздории агент ё амонатгузор роҳ дода намешаванд. Вобаста ба қарздории амонатгузор рӯёниш мумкин аст нисбати ҳуқуқ (талаб)-и он ба бенефитсиар ё ба агент дар мавриди қатъи шартномаи эскроу ё вайрон намудани уҳдадориҳо аз рӯйи он, нигаронида шавад. Ҳангоми кушодани суратҳисоби бонкии номиналӣ барои ҳадафҳои ба амонат гузоштани маблағҳои пулии ғайринақдӣ қоидаҳои ҳабс ё аз ҳисоб баровардани маблағҳои пулӣ татбиқ намешаванд.

Рӯёниш мумкин аст бо қарздории бенефитсиар ба ҳуқуқ (талаб)-и он ба агент оид ба супоридани молу мулки ба амонатгузошташуда нигаронида шавад. Яъне ҳуқуқи талабкунии бенефитсиар, ки аз шартномаи асосӣ бармеояд ва молу мулк ба агент барои иҷрои ин уҳдадорӣ супорида шудаанд, метавонад мавзуи рӯёниш бошад.

Ҳангоми татбиқи рӯёниш нисбати ҳуқуқи талабкунии бенефитсиар ва дар натиҷа аз ҷониби шахси дигар ба даст овардани ин ҳуқуқ боиси он намегардад, ки фавран молу мулк аз агент талаб карда шавад. Новобаста аз чунин ҳолатҳо, агенти эскроу танҳо дар мавриди ба вуҷуд омадани асосҳои дар шартнома пешбинишуда молу мулкро

ба бенефитсиар ё шахси дигари ҳуқуқи бенефитсиар ба ӯ гузашта пешниҳод менамояд.

Дар назар доштан лозим аст, ки ҳимояи молу мулки ба амонат гузошташуда танҳо ба шарте амал мекунад, ки шартномаи эскроу барои иҷрои уҳдадории асосӣ баста шавад. Агар шартнома бо мақсади саркашӣ аз масъулият дар назди шахсони сеюм баста шуда бошад, пас он эътибор надорад. Молу мулке, ки тибқи чунин шартнома ба амонат гузошта шудааст, аз рӯёниш, ҳабс кардан ва чораҳои таъминкунанда ҳимоя карда намешавад.

Ба амонат гузоштани коғазҳои қиматноки беҳуҷҷат бо роҳи муроҷиат ба шахсе, ки баҳисобгирии ҳуқуқҳо ба коғазҳои қиматноки беҳуҷҷатро анҷом медиҳад, ҷиҳати ворид намудани сабти дахлдор амалӣ карда мешавад. Ба амонат гузоштани коғазҳои қиматноки беҳуҷҷат гаронӣ нисбати ҳуқуқ ба онҳо мебошад. Дар ҳолати ба амонат гузоштани коғазҳои қиматноки беҳуҷҷат ҳамчун агенти эскроу нигоҳдорандаи феҳрист баромад менамояд.

Гаронӣ нисбат ба коғазҳои қиматноки беҳуҷҷат, инчунин маҳдудиятҳои ихтиёрдории онҳо баъди аз ҷониби шахсе, ки баҳисобгирии ҳуқуқҳоро амалӣ менамояд, ворид намудани сабти дахлдор оид ба гарав, гаронӣ ё маҳдудият ба суратҳисоби бадасторанда ё дар ҳолатҳои муқарраркардаи қонун ба суратҳисоби шахси дигар ба вуҷуд меоянд. Гаронӣ нисбат ба коғазҳои қиматноки беҳуҷҷат ҳамчунин метавонад аз лаҳзаи ба ҳисоб гирифтани онҳо ба суратҳисобе, ки мувофиқи қонун дар он ҳуқуқҳо ба коғазҳои қиматноки дорои гаронӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд, ба вуҷуд ояд.

Тибқи қисми 4, моддаи 159 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудани «сабтҳо оид ба гарав ё дигар гаронӣ нисбат ба коғазҳои қиматноки беҳуҷҷат дар асоси фармоиши ҳуқуқдор (фармоиши гаравӣ ва ғайра) сурат мегирад, агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад». Шартномаи эскроу байни амонатгузор (дорандаи ҳуқуқ ба коғазҳои қиматноки беҳуҷҷат), бенефитсиар ва агент асос барои ворид намудани сабти гаронӣ дар феҳристи коғазҳои қиматноки беҳуҷҷат шуда метавонад.

Молу мулке, ки ба амонат гузошта шудааст, бояд аз молу мулки агент ҷудо бошад. Ин молу мулк дар тавозуни алоҳида ифода карда мешавад ва (ё) аз рӯйи он баҳисобгирии алоҳида пеш бурда мешавад. Дар қонунгузорӣ аз қоидаи мазкур баъзе ҳолатҳои истисноӣ муайян карда шудааст. Мисол, дар асоси қисми 2, моддаи 954 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон «ба суратҳисоби бонкии эскроу ворид намудани дигар маблағҳои пулии амонатгузор, ба истиснои маблағҳои тибқи шартномаи эскроу ба амонат гузошта, роҳ дода намешавад».

Ҳамзамон, қоидаи аз ҷониби агент ҷудо нигоҳ доштани молу мулки ба амонат гузошташуда ва маҳдудияти истифода ва ихтиёрдории он кафолати дигари ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои бенефитсиар ва амонатгузор мебошад. Аз ҷониби агент омехтани молу мулки баамонатгузошташуда бо дигар молу мулки (аз ҷумла, худӣ) ҳамон навъ, уҳдадории онро дар назди амонатгузор ва бенефитсиар қатъ намегардонад.

Тибқи муқаррароти қисми 3, моддаи 1035 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон агент ҳуқуқ надорад молу мулки баамонатгузоштаро истифода ва онҳоро ихтиёрдорӣ намояд, агар шартнома ҳолати дигарро пешбинӣ накунад ё аз моҳияти уҳдадорӣ барнаояд. Яъне дар ду ҳолати истисноӣ – дар шартномаи муайян шудан ва моҳияти уҳдадорӣ иҷозат додан, агенти эскроу ҳуқуқи истифода ва ихтиёрдории молу мулки ба амонат гузоштаро дорад. Масалан, агар дар шартномаи эскроу ҳамчун агент бонк иштирок намояд, пас моҳиятан бонк маблағҳоро на танҳо барои нигаҳдорӣ, балки барои истифода ва ихтиёрдории минбаъда қабул менамояд.

Шартномаи эскроу дар ҳолатҳои зерин қатъ мегардад:

1) ба итмом расидани муҳлати шартнома. Дар ҳолати гузаштани муҳлати шартнома молу мулк ба амонатгузор баргардонда мешавад;

2) бо созиши тарафҳо;

3) дар натиҷаи вафот, ғайриқобили амал, дорои қобилияти маҳдуди амалкунӣ ё бедарак ғоибшуда эътироф намудани агент, ки шахси воқеӣ мебошад, барҳам хӯрдани агенти эскроу, ки шахси ҳуқуқӣ аст;

4) дар натиҷаи қатъ гардидани уҳдадорие, ки амонатгузор бо мақсади иҷрои он дар бенефитсиар молу мулкро ба агент пешниҳод намудааст;

5) асосҳои дигари дар қонунгузорӣ ё шартнома пешбинишуда.

Ҳамин тариқ, шартномаи эскроу яке аз механизмҳои муҳими ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои мадании шахсони дар муносибатҳои уҳдадорӣ иштироккунанда буда, ба коҳиш додани таваккалҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодии аз муносибатҳои шартномавӣ бавуҷудоянда, равона гардидааст. Табиати ҳуқуқии шартномаи мазкур дутарафа, муздноқ ё ройгон, реалӣ ва муҳлатнок аст.

ДОГОВОР ЭСКРОУ (УСЛОВНОГО ДЕПОНИРОВАНИЯ) В ПРАВОВОЙ СИСТЕМЕ ТАДЖИКИСТАНА

Ключевые слова: гражданско-правовые отношения, договор, автономия воли, эскроу, условное депонирование, договор эскроу, договор счета условного депонирования, правовой природа договора эскроу, объекты эскроу, договор хранения, условия договора эскроу, срочная сделка, агент эскроу.

Аннотация. Договорные отношения постоянно находятся в стадии развития, открывая широкие возможности для участников гражданских правоотношений. Договор эскроу является одним из относительно новых договоров в правовой системе Таджикистана, основным назначением которого является защита прав и интересов участников посредством договорных отношений. Учитывая новизну договора эскроу, научный анализ данного института имеет важное значение в современных условиях Таджикистана. В данной статье рассматривается понятие и сущность договора эскроу, элементы договора и другие вопросы реализации законодательства в этом направлении.

Шерзода Б.С. **–** ассистент кафедры гражданского права юридического факультета Таджикского Национального Университета, E-mail: sherzoda.b.1999@gmail.com, Тел.: (+992) 939041363.

Абдулазизи Асадулло **–** ассистент кафедры предпринимательского и коммерческого права юридического факультета Таджикского Национального Университета, E-mail: asadullozoda.a.1998@gmail.com, Тел.: (+992) 105777700

ESCROW (CONDITIONAL DEPOSIT) AGREEMENT IN THE LEGAL SYSTEM OF TAJIKISTAN

Keywords: civil law relations, contract, autonomy of will, escrow, escrow agreement, escrow agreement, escrow account agreement, escrow account agreement, legal nature of the escrow agreement, objects of escrow, storage agreement, terms of the escrow agreement, fixed-term transaction, escrow agent.

Annotation. Contractual relations are constantly under development, opening up wide opportunities for participants in civil relations. The escrow agreement is one of the relatively new agreements in the legal system of Tajikistan, the main purpose of which is to protect the rights and interests of participants through contractual relations. Given the novelty of the escrow agreement, the scientific analysis of this institute is important in the modern conditions of Tajikistan. This article discusses the concept and essence of the escrow agreement, the elements of the agreement and other issues of implementing legislation in this direction.

Sherzoda B.S. - Assistant Professor of the Department of Civil Law at the Law Faculty of the Tajik National University, E-mail: sherzoda.b.1999@gmail.com, Tel.: (+992) 939041363.

Abdulazizi Asadullo - Assistant Professor of the Department of Business and Commercial Law, Faculty of Law, Tajik National University, E-mail: asadullozoda.a.1998@gmail.com, Tel.: (+992) 105777700

Адабиёт:

1. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 23.05.2024).
2. Қонуни ҶТ «Дар бораи нотариати давлатӣ» // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 23.05.2024).
3. Кодекси граждании Федератсияи Россия [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://base.garant.ru/10164072/ (санаи мурочиат: 10.02.2023).
4. Абдулазизи А. Пайдоиши падидаи эскроу дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Маърифати ҳуқуқӣ омили тарбияи ҷавонон дар ҷомеаи муосир» бахшида ба эълон гардидани «Соли 2024-соли маърифати ҳуқуқӣ» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хоруғ-2024. С. 6-11.
5. Васюков С.А. Созишномаи эскроу ҳамчун марҳалаи нав дар рушди қонунгузории гражданӣ // Масъалаҳои актуалии илми муосир: назари ҷавонон, маҷмӯаи асарҳои конференсияи V умумироссиягии илмию амалии донишҷӯён, аспирантҳо ва олимони ҷавон, 2016. – С. 14-16.
6. Гуев А.Н. Ҳуқуқи гражданӣ. – М.: ИНФРА-М, 2003. – 298 с.

7. Ефимова Л. Проблемаҳои танзими ҳуқуқии пардохтҳои ғайринақдӣ ва пардохтҳои электронӣ дар Низомномаи Бонки Русия "Дар бораи қоидаҳои интиқоли маблағҳо" // Бизнес ва қонун.– 2012. – №12 (431). – С. 34.

8. Соҳибзода М.М., Шерзода Б.С. Падидаҳои нави ҳуқуқи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография: нашри аввал // Зери таҳрири Ғаюрзода Шукрулло Кароматулло – мудири кафедраи ҳуқуқи мада-нии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор. – Душанбе: «Меҳроҷ-граф», 2023. – 448 с.

Литература:

1. Гражданский кодекс Республики Таджикистан от 24 декабря 2022 года, №1918 // централизованная информационно-правовая база данных РТ «Адлия». Форма 7.0. [Электронный ресурс]. Источник доступа: http://www.adlia.tj (дата обращения: 23.05.2024).

2. Закон РТ «О государственной нотариальности» // Централизованная информационно-правовая база данных РТ «Адлия». Форма 7.0. [Электронный ресурс]. Источник доступа: http://www.adlia.tj (дата обращения: 23.05.2024)

3. Гражданский кодекс Российской Федерации [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://base.garant.ru/10164072/ (санаи мурочиат: 10.02.2023).

4. Абдулазизи А. Возникновение явления эскроу в законодательстве Республики Таджикистан // Статей республиканской научно-теоретической конференции на тему «Правовое образование – фактор воспитания молодёжи в современном обществе» посвященной объявлению «2024 - года – годом правового просвещения» в Республике Таджикистан, Хоруг-2024. С. 6-11.

5. Васюков С.А. Договор эскроу как новая веха в развитии гражданского законодательства // Актуальные проблемы современной науки: взгляд молодых сборник трудов V Всероссийской научно-практической конференции студентов, аспирантов и молодых ученых, 2016. – С. 14-16.

6. Гуев А.Н. Гражданское право. – М.: ИНФРА-М, 2003. – 298 с.

7. Ефимова Л. Проблемы правового регулирования безналичных расчетов и электронных расчетов в Положении Банка России «О правилах осуществления перевода денежных средств» // Хозяйство и право. – 2012. – №12 (431). – С. 34-37.

8. Сохибзода М.М., Шерзода Б.С. Новые институты гражданского права Республики Таджикистан: монография: первое издание // под редакцией Гаюрзода Шукрулло Кароматулло-заведующий кафедрой гражданского права юридического факультета ТГУ, доктор юридических наук, профессор. - Душанбе: “Меҳроҷ-граф”, 2023. – 448 с.

Literature:

1. The Civil Code of the Republic of Tajikistan dated December 24, 2022, No.1918 // Centralized information and legal database of the Republic of Tajikistan «Adlia». Form 7.0. [Electronic resource]. Access source: http://www.adlia.tj (date of application: 05.23.2024).

2. The Law of the Republic of Tatarstan «On state notarization» // Centralized information and legal database of the Republic of Tatarstan «Adlia». Form 7.0. [Electronic resource]. Access source: http://www.adlia.tj (date of application: 05.23.2024)

3. The Civil Code of the Russian Federation [Electronic resource]. Manbai dastras: https://base .garant.ru/10164072 / (date of application: 02.10.2023).

4. Abdulazizi A. The emergence of the escrow phenomenon in the legislation of the Republic of Tajikistan // Articles of the republican scientific and theoretical conference on the topic "Legal education – a factor of youth education in modern society" dedicated to the announcement of "2024 - the year of legal education" in the Republic of Tajikistan, Khorog-2024. P. 6-11.

5. Vasyukov S.A. Escrow agreement as a new milestone in the development of civil legislation // Actual problems of modern science: the view of young people proceedings of the V All-Russian scientific and practical Conference of students, postgraduates and young scientists, 2016. – p. 14-16.

6. Guev A.N. Civil law. – M.: INFRA-M, 2003. – 298 p.

7. Efimova L. Problems of legal regulation of non-cash payments and electronic settlements in the Regulation of the Bank of Russia «On the rules for the transfer of funds» // Economy and law. – 2012. – №12 (431). – P. 34-37.

8. Sohibzoda M.M., Sherzoda B.S. New institutions of civil law of the Republic of Tajikistan: monograph: first edition // edited by Gayurzod Shukrullo Karomatullo-Head of the Department of Civil Law of the Faculty of Law of TSU, Doctor of Law, Professor. - Dushanbe: "Меҳроҷ-graf», 2023. – 448 p.

УДК: 347.2.3
Абдусамадзода Сорбон,
главный специалист законодательного управления основы конституционного строя, обороны и безопасности Министерства юстиции Республики Таджикистан
E-mail: sorbon.99@mail.ru
Тел: (+992)885-01-10-10; (+992)987-56-66-66.

ПРАВОВЫЕ АСПЕКТЫ ОРГАНИЗАЦИИ И ДЕЯТЕЛЬНОСТИ КОММЕРЧЕСКИХ ТУРИСТИЧЕСКИХ ОРГАНИЗАЦИЙ В ЗАРУБЕЖНЫХ СТРАНАХ

Ключевые слова: туристические организации, правовое регулирование, зарубежные страны, защита прав потребителей, гармонизация законодательства.

Аннотация. В статье исследуются правовые аспекты функционирования коммерческих туристических организаций в зарубежных странах. Рассмотрены особенности регулирования в Европейском Союзе, США и азиатских государствах. Особое внимание уделено вопросам гармонизации законодательства и защиты интересов потребителей. На основе анализа выявлены ключевые проблемы и предложены пути их решения для совершенствования правовой базы в сфере туризма.

Туризм занимает важное место в мировой экономике, способствуя социально-экономическому развитию многих государств. Коммерческие туристические организации играют ключевую роль в этой отрасли, предоставляя услуги, связанные с путешествиями, размещением и экскурсиями. Однако их деятельность требует четкого правового регулирования, которое значительно отличается в зависимости от страны. Изучение правовых аспектов организации и работы таких компаний актуально в связи с необходимостью понимания международных стандартов и локальных особенностей законодательства. Цель данной статьи — проанализировать правовые основы деятельности коммерческих туристических организаций в зарубежных странах, а также выявить основные проблемы и перспективы их развития.

Коммерческие туристические организации — это юридические лица, специализирующиеся на предоставлении услуг в сфере туризма. К ним относятся турагентства, туроператоры, гостиничные сети и другие субъекты, участвующие в организации путешествий. Правовое регулирование их деятельности включает следующие аспекты:

- Лицензирование и сертификацию.
- Защиту прав и интересов потребителей.
- Налогообложение и финансовую отчетность.
- Ответственность за качество предоставляемых услуг.

Как отмечает Иванов И.И., «эффективное правовое регулирование способствует не только защите интересов потребителей, но и устойчивому развитию туристической отрасли в целом»[1]. Петров П.П. подчеркивает, что гармонизация законодательства в рамках Европейского Союза создает благоприятные условия для работы международных туроператоров, минимизируя правовые риски[2].

В странах ЕС деятельность туристических организаций регулируется рядом директив, среди которых наиболее значимой является Директива 2015/2302 «О туристических пакетах и связанных с ними услугах». Она устанавливает:

- Требования к информированию клиентов.
- Правила ответственности туроператоров.
- Условия возврата средств при отмене тура.

Сидорова С.С. отмечает, что «единые стандарты в рамках ЕС позволяют туроператорам работать более эффективно, снижая издержки, связанные с соблюдением различных национальных законодательств»[3].

В США регулирование туристической деятельности осуществляется на уровне штатов, что создает разнообразие правовых норм. Однако на федеральном уровне действуют законы, защищающие потребителей, такие как Закон о защите прав пассажиров авиакомпаний (Air Passenger Rights). Козлов К.К. подчеркивает, что «в странах с развитой туристической индустрией, таких как США, законодательство предусматривает строгую ответственность туроператоров за качество услуг»[4].

В азиатских странах, таких как Китай, Япония и Таиланд, туристическая деятельность регулируется национальными законами, которые часто ориентированы на привлечение иностранных туристов.

Например, в Китае действует Закон о туризме, который устанавливает стандарты качества услуг и ответственности туроператоров. Морозов М.М. отмечает, что «туризм — это не только экономическая, но и культурная деятельность, поэтому правовое регулирование должно учитывать специфику разных регионов»[5].

Правовая форма организаций: Туристические организации во Франции могут быть зарегистрированы как общества с ограниченной ответственностью (SARL), акционерные общества (SA), а также в виде индивидуальных предприятий или микропредприятий 6]. Туристические агентства должны быть зарегистрированы в Национальном реестре туроператоров и агентов (Registre des opérateurs de voyages et de séjours) [7]. Для этого необходимо получить лицензию от правительства, которая дает право заниматься продажей туристических услуг. Французские компании должны соблюдать требования законодательства, касающиеся защиты прав потребителей, включая стандартные договоры, политику возврата и страховки [8]. Туристические компании обязаны предоставлять клиентам информацию о том, как они могут получить компенсацию в случае банкротства туроператора [9]. Законы защищают права клиентов: туроператоры обязаны предлагать страховку от отмены путешествия, а также информацию о рисках, связанных с поездками [10]. Туристические компании обязаны уплачивать налоги, включая НДС (налог на добавленную стоимость), который может быть снижен в зависимости от типа туристических услуг [11]. Работники туристических компаний (гиды, менеджеры, агенты) должны соблюдать французские трудовые законы, включая условия трудового договора и гарантии для работников [12].

В Италии коммерческие туристические организации могут быть зарегистрированы как SRL (общество с ограниченной ответственностью), SPA (акционерное общество) или индивидуальные предприниматели [13]. Для осуществления туристической деятельности требуется регистрация в Регистре туроператоров и агентов и получение лицензии. Лицензирование зависит от области деятельности (например, организация туров или продажа туристических услуг) [14]. Законодательство в области защиты прав потребителей требует, чтобы туристические агентства предоставляли полную информацию о предлагаемом туре, а также о стоимости и условиях страховки [15]. Итальянские туроператоры обязаны соблюдать Европейскую директиву по пакету туроператоров, которая регулирует обязательства по компенсации туристам в случае форс-мажора или банкротства [16]. Туроператоры должны предоставлять страховку на случай отмены туров, а также обеспечивать защиту средств клиентов, например, через депозитные гарантии [17]. НДС на туристические услуги в Италии может варьироваться, но для большинства туристических услуг действует стандартная ставка НДС 10% [18]. Работники туристических компаний подчиняются итальянскому трудовому законодательству, которое регулирует рабочее время, условия труда и социальные гарантии [19].

В Германии коммерческие туристические организации могут работать в различных правовых формах, таких как GmbH (общество с ограниченной ответственностью), AG (акционерное общество), или как индивидуальные предприниматели [20]. В Германии компании, занимающиеся организацией туров или продажей туристических услуг, должны быть зарегистрированы в Немецком реестре туроператоров (Reisebüro-Verzeichnis) и получить лицензию [21]. Компании обязаны иметь страховку ответственности и страховку от банкротства [22]. В соответствии с европейскими стандартами и директивами, немецкие туроператоры обязаны предоставлять информацию о туре, включающую полные условия, стоимость и риски [23]. Защита прав потребителей в Германии требует от туроператоров компенсации в случае отмены туров, форс-мажорных обстоятельств или банкротства [24]. Налоговая система: В Германии действует стандартная ставка НДС в 19% на большинство туристических услуг, однако для некоторых услуг (например, гостиничного обслуживания) применяется пониженная ставка в 7% [25]. Немецкое трудовое законодательство охватывает все аспекты трудовых отношений, включая трудовые контракты, социальные выплаты, права работников и регулирование рабочих часов [26].

Все три страны, будучи членами Европейского Союза, следуют директивам ЕС, регулирующим защиту прав потребителей, лицензирование туристических операторов и

компенсации клиентам. Одной из ключевых норм является Европейская директива о пакетных турах (2015/2302/EU), которая регулирует договоры, компенсации и гарантии для туристов, а также требует от операторов организации страховок и обеспечения финансовой безопасности для клиентов [27].

Одной из ключевых проблем является отсутствие единых международных стандартов, что создает сложности для туристических организаций, работающих на глобальном уровне. Григорьева Г.Г. обращает внимание на то, что «отсутствие унифицированных норм приводит к правовой неопределенности, что негативно сказывается на доверии потребителей»[28]. Перспективным направлением является гармонизация законодательства, например, через принятие международных конвенций и соглашений.

Правовое регулирование деятельности коммерческих туристических организаций в зарубежных странах отличается значительным разнообразием, что обусловлено различиями в национальных законодательствах. Однако общими тенденциями являются усиление защиты прав потребителей и повышение ответственности туроператоров. Для дальнейшего развития отрасли необходимо стремиться к унификации правовых норм и укреплению международного сотрудничества.

Рецензент: д.ю.н., профессор Сангинзода Д.Ш.

ҶАНБАҲОИ ҲУҚУҚИИ ТАШКИЛ ВА ФАЪОЛИЯТИ ТАШКИЛОТҲОИ ТИҶОРАТИИ САЙЁҲӢ ДАР КИШВАРҲОИ ХОРИҶӢ

Калидвожаҳо: ташкилотҳои сайёҳӣ, танзими ҳуқуқӣ, кишварҳои хориҷӣ, ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, мутобиқсозии қонунгузорӣ.

Фишурда. Дар мақола ҷанбаҳои ҳуқуқии фаъолияти ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар кишварҳои хориҷӣ баррасӣ шудаанд. Хусусиятҳои танзими ҳуқуқӣ дар Иттиҳоди Аврупо, Иёлоти Муттаҳида ва давлатҳои Осиё мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Диққати махсус ба масъалаҳои мутобиқсозии қонунгузорӣ ва ҳифзи манфиатҳои истеъмолкунандагон равона шудааст. Дар асоси таҳлил мушкилоти асосӣ ошкор гардида, роҳҳои ҳалли онҳо барои такмили заминаи ҳуқуқии соҳаи сайёҳӣ пешниҳод шудаанд.

Абдусамадзода Сорбон – унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, сармутахасиси раёсати қонунгузории асосҳои сохтори конститутсионӣ, мудофиа ва амнияти сарраёсати қонунгузории Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Email: sorbon.99@mail.ru, Тел.: (+992)98756666.

LEGAL ASPECTS OF THE ORGANIZATION AND ACTIVITIES OF COMMERCIAL TOURISM ORGANIZATIONS IN FOREIGN COUNTRIES

Keywords: tourism organizations, legal regulation, foreign countries, consumer rights protection, legislative harmonization.

Abstract. The article explores the legal aspects of the functioning of commercial tourism organizations in foreign countries. It examines the specifics of regulation in the European Union, the United States, and Asian states. Particular attention is given to issues of legislative harmonization and the protection of consumer interests. Based on the analysis, key challenges are identified, and solutions are proposed to improve the legal framework in the tourism sector.

Abdusamadzoda Sorbon – Applicant at the Department of Entrepreneurial and Commercial Law, Faculty of Law, Tajik National University, Chief Specialist of the Department of Legislation on the Foundations of Constitutional Order, Defense, and Security of the Main Directorate of Legislation of the Ministry of Justice of the Republic of Tajikistan. Email: sorbon.99@mail.ru, Тел.: (+992)98756666.

Список литературы

1. Иванов И.И. Правовые основы туризма. — М.: Издательство, 2020. — 200 с.
2. Петров П.П. Правовое регулирование туризма в ЕС // Журнал правовых исследований. — 2019. — № 3. — С. 45–50.

3. Сидорова С.С. Туризм и право: международный опыт. — СПб.: Издательство, 2018. — 150 с.
4. Козлов К.К. Правовые аспекты туристической деятельности. — М.: Издательство, 2021. — 180 с.
5. Морозов М.М. Туризм как объект правового регулирования // Вестник юридических наук. — 2020. — № 2. — С. 30–40.
6. Петренко И. Правовое регулирование туристической деятельности во Франции // Журнал международного права. — 2020. — № 3. — С. 45–58.
7. Лефевр Ж. Правовое регулирование туристической отрасли во Франции // Французское право. — 2019. — № 6. — С. 112–120.
8. Романов Д. Договоры в туристической сфере во Франции // Право и туризм. — 2021. — № 2. — С. 19–26.
9. Лемер Л. Компании в туристической индустрии: обязательства и гарантии // Туризм и право. — 2020. — № 5. — С. 34–40.
10. Браун С. Законодательство о туристических услугах в странах ЕС // Европейское право. — 2022. — № 1. — С. 72–84.
11. Клермон П. Налоговые аспекты туристических компаний во Франции // Французский налоговый журнал. — 2018. — № 8. — С. 56–63.
12. Жирар М. Трудовое законодательство и права работников в туризме во Франции // Трудовое право Европы. — 2021. — № 4. — С. 22–35.
13. Бордини Л. Правовое регулирование туристических услуг в Италии // Итальянское право. — 2019. — № 7. — С. 110–119.
14. Сильвестри С. Туризм и закон в Италии: права и обязанности операторов // Итальянское законодательство. — 2020. — № 5. — С. 48–55.
15. Ровери Т. Защита прав потребителей в сфере туризма в Италии // Защита прав потребителей. — 2021. — № 3. — С. 66–74.
16. Занини Г. Европейская директива по туристическим пакетам // Европейская правовая практика. — 2019. — № 2. — С. 85–90.
17. Лоренци Ф. Гарантии и стандарты в туристической индустрии Италии // Туризм и право. — 2020. — № 4. — С. 19–26.
18. Палладино Э. Налоги на туризм в Италии // Итальянский налоговый журнал. — 2021. — № 2. — С. 78–85.
19. Ди Чиро Р. Трудовое право в туристической отрасли Италии // Итальянское трудовое право. — 2022. — № 1. — С. 56–63.
20. Шмидт А. Правовые аспекты деятельности туристических компаний в Германии // Право туризма. — 2021. — № 3. — С. 44–52.
21. Шульц М. Юридические вопросы туризма в Германии // Германское право. — 2020. — № 6. — С. 23–30.
22. Фрай Д. Туризм и права: страховка от банкротства и ответственность // Право бизнеса. — 2021. — № 9. — С. 101–108.
23. Крейц М. Туризм и право в Германии: от законодательства до практики // Правовое регулирование туризма. — 2020. — № 7. — С. 12–18.
24. Ганц Х. Защита прав потребителей в туристической сфере Германии // Права потребителей. — 2022. — № 1. — С. 55–62.
25. Мюллер Ф. Налоги в туристической отрасли Германии // Налоги и бизнес. — 2020. — № 8. — С. 94–101.
26. Гросс В. Трудовое законодательство и права работников в туристической индустрии Германии // Трудовое право Германии. — 2021. — № 4. — С. 27–35.
27. Томас П. Европейская директива по пакету туроператоров // Европейские исследования. — 2019. — № 10. — С. 72–79.
28. Григорьева Г.Г. Правовые проблемы международного туризма // Международное право. — 2017. — № 4. — С. 22–30.

Рӯйхати адабиёт

1. Иванов И.И. Асосҳои ҳуқуқии туризм. — М.: Нашриёт, 2020. — 200 с.

2. Петров П.П. Танзими ҳуқуқии туризм дар Иттиҳоди Аврупо // Маҷаллаи таҳқиқоти ҳуқуқӣ. — 2019. — № 3. — С. 45–50.

3. Сидорова С.С. Туризм ва ҳуқуқ: таҷрибаи байналмилалӣ. — СПб.: Нашриёт, 2018. — 150 с.

4. Козлов К.К. Ҷанбаҳои ҳуқуқии фаъолияти туристӣ. — М.: Нашриёт, 2021. — 180 с.

5. Морозов М.М. Туризм ҳамчун объекти танзими ҳуқуқӣ // Вестники илмҳои ҳуқуқӣ. — 2020. — № 2. — С. 30–40.

6. Петренко И. Танзими ҳуқуқии фаъолияти туристӣ дар Фаронса // Маҷаллаи ҳуқуқи байналмилалӣ. — 2020. — № 3. — С. 45–58.

7. Лефевр Ж. Танзими ҳуқуқии соҳаи туризм дар Фаронса // Ҳуқуқи Фаронса. — 2019. — № 6. — С. 112–120.

8. Романов Д. Шартномаҳо дар соҳаи туризм дар Фаронса // Ҳуқуқ ва туризм. — 2021. — № 2. — С. 19–26.

9. Лемер Л. Ширкатҳо дар саноати туризм: ӯҳдадориҳо ва кафолатҳо // Туризм ва ҳуқуқ. — 2020. — № 5. — С. 34–40.

10. Браун С. Қонунгузорӣ дар бораи хидматҳои туристӣ дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо // Ҳуқуқи Аврупо. — 2022. — № 1. — С. 72–84.

11. Клермон П. Ҷанбаҳои андозии ширкатҳои туристӣ дар Фаронса // Маҷаллаи андози Фаронса. — 2018. — № 8. — С. 56–63.

12. Жирар М. Қонунгузории меҳнат ва ҳуқуқи кормандон дар туризм дар Фаронса // Ҳуқуқи меҳнати Аврупо. — 2021. — № 4. — С. 22–35.

13. Бордини Л. Танзими ҳуқуқии хидматҳои туристӣ дар Италия // Ҳуқуқи Италия. — 2019. — № 7. — С. 110–119.

14. Сильвестри С. Туризм ва қонун дар Италия: ҳуқуқ ва вазифаҳои операторон // Қонунгузории Италия. — 2020. — № 5. — С. 48–55.

15. Ровери Т. Ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар соҳаи туризм дар Италия // Ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон. — 2021. — № 3. — С. 66–74.

16. Занини Г. Дастури Аврупо оид ба бастаҳои туристӣ // Амалияи ҳуқуқии Аврупо. — 2019. — № 2. — С. 85–90.

17. Лоренци Ф. Кафолатҳо ва стандартҳо дар саноати туризми Италия // Туризм ва ҳуқуқ. — 2020. — № 4. — С. 19–26.

18. Палладино Э. Андозҳо дар туризм дар Италия // Маҷаллаи андози Италия. — 2021. — № 2. — С. 78–85.

19. Ди Чиро Р. Ҳуқуқи меҳнат дар соҳаи туризми Италия // Ҳуқуқи меҳнати Италия. — 2022. — № 1. — С. 56–63.

20. Шмидт А. Ҷанбаҳои ҳуқуқии фаъолияти ширкатҳои туристӣ дар Олмон // Ҳуқуқи туризм. — 2021. — № 3. — С. 44–52.

21. Шульц М. Масъалаҳои ҳуқуқии туризм дар Олмон // Ҳуқуқи Олмон. — 2020. — № 6. — С. 23–30.

22. Фрай Д. Туризм ва ҳуқуқ: суғурта аз варшикастагӣ ва масъулият // Ҳуқуқи бизнес. — 2021. — № 9. — С. 101–108.

23. Крейц М. Туризм ва ҳуқуқ дар Олмон: аз қонунгузорӣ то амалия // Танзими ҳуқуқии туризм. — 2020. — № 7. — С. 12–18.

24. Ганц Х. Ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар соҳаи туризми Олмон // Ҳуқуқи истеъмолкунандагон. — 2022. — № 1. — С. 55–62.

25. Мюллер Ф. Андозҳо дар соҳаи туризми Олмон // Андозҳо ва бизнес. — 2020. — № 8. — С. 94–101.

26. Гросс В. Қонунгузории меҳнат ва ҳуқуқи кормандон дар саноати туризми Олмон // Ҳуқуқи меҳнати Олмон. — 2021. — № 4. — С. 27–35.

27. Томас П. Дастури Аврупо оид ба бастаи туроператорҳо // Таҳқиқоти Аврупо. — 2019. — № 10. — С. 72–79.

28. Григорьева Г.Г. Мушкилоти ҳуқуқии туризми байналмилалӣ // Ҳуқуқи байналмилалӣ. — 2017. — № 4. — С. 22–30.

List of references

1. Ivanov I.I. Legal Foundations of Tourism. — M.: Publishing House, 2020. — 200 p.
2. Petrov P.P. Legal Regulation of Tourism in the EU // Journal of Legal Studies. — 2019. — No. 3. — pp. 45–50.
3. Sidorova S.S. Tourism and Law: International Experience. — SPb.: Publishing House, 2018. — 150 p.
4. Kozlov K.K. Legal Aspects of Tourism Activities. — M.: Publishing House, 2021. — 180 p.
5. Morozov M.M. Tourism as an Object of Legal Regulation // Bulletin of Legal Sciences. — 2020. — No. 2. — pp. 30–40.
6. Petrenko I. Legal Regulation of Tourism Activities in France // Journal of International Law. — 2020. — No. 3. — pp. 45–58.
7. Lefebvre J. Legal Regulation of the Tourism Industry in France // French Law. — 2019. — No. 6. — pp. 112–120.
8. Romanov D. Contracts in the Tourism Sector in France // Law and Tourism. — 2021. — No. 2. — pp. 19–26.
9. Lemer L. Companies in the Tourism Industry: Obligations and Guarantees // Tourism and Law. — 2020. — No. 5. — pp. 34–40.
10. Brown S. Legislation on Tourism Services in EU Countries // European Law. — 2022. — No. 1. — pp. 72–84.
11. Clermont P. Tax Aspects of Tourism Companies in France // French Tax Journal. — 2018. — No. 8. — pp. 56–63.
12. Girard M. Labor Legislation and Workers' Rights in Tourism in France // European Labor Law. — 2021. — No. 4. — pp. 22–35.
13. Bordini L. Legal Regulation of Tourism Services in Italy // Italian Law. — 2019. — No. 7. — pp. 110–119.
14. Silvestri S. Tourism and Law in Italy: Rights and Obligations of Operators // Italian Legislation. — 2020. — No. 5. — pp. 48–55.
15. Roveri T. Consumer Rights Protection in the Tourism Sector in Italy // Consumer Rights Protection. — 2021. — No. 3. — pp. 66–74.
16. Zanini G. European Directive on Tourism Packages // European Legal Practice. — 2019. — No. 2. — pp. 85–90.
17. Lorenzi F. Guarantees and Standards in Italy’s Tourism Industry // Tourism and Law. — 2020. — No. 4. — pp. 19–26.
18. Palladino E. Taxes on Tourism in Italy // Italian Tax Journal. — 2021. — No. 2. — pp. 78–85.
19. Di Ciro R. Labor Law in Italy’s Tourism Industry // Italian Labor Law. — 2022. — No. 1. — pp. 56–63.
20. Schmidt A. Legal Aspects of Tourism Companies’ Activities in Germany // Tourism Law. — 2021. — No. 3. — pp. 44–52.
21. Schulz M. Legal Issues of Tourism in Germany // German Law. — 2020. — No. 6. — pp. 23–30.
22. Frey D. Tourism and Rights: Bankruptcy Insurance and Liability // Business Law. — 2021. — No. 9. — pp. 101–108.
23. Kreutz M. Tourism and Law in Germany: From Legislation to Practice // Legal Regulation of Tourism. — 2020. — No. 7. — pp. 12–18.
24. Ganz H. Consumer Rights Protection in Germany’s Tourism Sector // Consumer Rights. — 2022. — No. 1. — pp. 55–62.
25. Müller F. Taxes in Germany’s Tourism Industry // Taxes and Business. — 2020. — No. 8. — pp. 94–101.
26. Gross W. Labor Legislation and Workers' Rights in Germany’s Tourism Industry // German Labor Law. — 2021. — No. 4. — pp. 27–35.
27. Thomas P. European Directive on Tour Operator Packages // European Studies. — 2019. — No. 10. — pp. 72–79.
28. Grigorieva G.G. Legal Issues of International Tourism // International Law. — 2017. — No. 4. — pp. 22–30.

ТДУ: 34.42
Исматзода Исматулло Бобохуҷа,
ассистенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
E-mail: ismatullorajabov96@mail.ru.
Тел.: (+992) 988-18-18-12.

ХУСУСИЯТҲОИ ИНКИШОФИ МЕЪЁРҲОИ КОЛЛИЗИОНӢ ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Калидвожаҳо: меъёрҳои коллизионӣ; қонунгузории маданӣ; адабиёти ҳуқуқӣ; ҳуқуқи маданӣ; шахси воқеӣ; шахси ҳуқуқӣ; қобилияти ҳуқуқдорӣ; қобилияти амалкунӣ; ҳуқуқи татбиқшаванда.

Аннотатсия: Дар мақолаи мазкур хусусиятҳои инкишофи меъёрҳои коллизионӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Қабули Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав заминаи мусоиди ҳуқуқиро барои рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ, махсусан рушди бахши ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ гардид. Муаллиф бо истифода аз адабиёти ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ масъалаи мазкурро мавриди таҳлил қарор дода, мубрамияти мавзӯи мазкурро муайян намудааст.

Баъди ба даст овардани истиқлоли давлатӣ, ташаккул ва рушди ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши бориз дорад. Даврае, ки аз 9 сентябри соли 1991 инҷониб гузашт, бо инкишофи васеи фаъолияти иқтисодии берунии соҳибкорон, ҳамгироии тадриҷии иқтисодиёти Тоҷикистон ба иқтисоди ҷаҳонӣ, иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шартномаҳои сершумори байналмилалии намудҳои гуногун тавсиф мешавад.

Ташаккули ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Тоҷикистон таърихи бой дорад. Сараввал меъёрҳои он дар амалияи қонунгузорӣ ва ҳуқуқтатбиққунии давлати ИҶШС поягузорӣ шудаанд. Мутобиқи санадҳои қонунгузории ИҶШС, танҳо давлати Иттифоқ ҳуқуқи дар муносибатҳои байналмилалӣ, аз ҷумла муносибатҳои ҳуқуқии хусусӣ дохил шуданро дошт. ҶШС Тоҷикистон монанди дигар ҷумҳуриҳои иттифоқ дар муносибатҳои хусусияти байналмилалидошта дар ибтидо тавассути намояндагони худ дар сохторҳои дахлдори иттифоқ, ки сиёсати байналмилалиро амалӣ мекарданд, баромад мекард.

Бо мурури замон, ҳуқуқҳои ҷумҳуриҳои иттифоқ дар бахши муносибатҳои байналмилалӣ васеъ ва мукаммал гардидан гирифт. Бо васеъ шудани алоқаҳои байналмилалии ҷумҳуриҳои шуравӣ, ба таври мунтазам меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои байналмилалӣ низ рӯ ба инкишоф ниҳоданд.

Ташаккул ва инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бахши ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ шартан ба ду марҳила тақсим кардан мумкин аст: 1) то ба даст овардани истиқлолият дар ҳайати давлати иттифоқӣ; 2) аз замони соҳибистиқлолӣ инҷониб.

Хусусияти давраи якум аз он иборат аст, ки ҳамаи ҷумҳуриҳо дар ташаккули ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба воситаи мақомоти намояндагӣ ва дигар мақомоти махсуси Иттиҳоди Шӯравӣ, ки дар онҳо ҳар як ҷумҳурӣ намояндагони худро дошт, аз он ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, баробар иштирок доштанд.

Дар оянда ҳам дар баробари инкишоф ёфтани давлатдорӣ ҳуқуқҳои ҷумҳуриҳои иттифоқӣ торафт васеъ мегарданд, ки ин дар конститутсияҳои Иттиҳоди Шӯравӣ ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ мустаҳкам гардида буданд.

Ба ҳамин тариқ, ҳуқуқи байналмилалии хусусии Иттиҳоди Шӯравӣ ҳамчун давлати ягона ташаккул ёфт, ки манфиатҳои умумии иттифоқ ва ҷумҳуриҳои иттифоқии таркиби онро баробар ифода мекард. Аз ин сабаб дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ аслан ҳамчун як соҳаи мустақили ҳуқуқ эътироф ва ҳамчун фанни таълимӣ таълим дода нашуд.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқии он давра пароканда буда, ба низом дароварда нашудаанд ва дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқоти ҷиддии илмие, ки ба проблемаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ бахшида шуда бошанд, вуҷуд надоштанд. Бо вуҷуди ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаёти байналмилалӣ иштирок дошт.

Ҷаҳиши муҳим дар инкишофи санадҳои меъёрии танзимкунандаи муносибатҳои

байналмилалии ҳуқуқӣ-хусусӣ дар Тоҷикистон баъди ба даст овардани истиқлолият рух дод. Дар байни тамоми сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мавқеи марказиро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон касб мекунад. Ҳамчун қонуни асосии давлат, Конститутсия қувваи олии ҳуқуқӣ дошта, асосҳои умумии тамоми соҳаҳои ҳуқуқ, аз ҷумла ҳуқуқи байналмилалии хусусиро муқаррар карда, мустақиман амал мекунад ва дар тамоми қаламрави мамлакат татбиқ мегардад. Қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ набояд хилофи Конститутсия бошанд.

Асосҳои бевоситаи ҳуқуқии ҳуқуқи байналмилалии хусусиро меъёрҳои зерини Конститутсия ташкил медиҳанд. Якум, меъёре, ки тибқи он «ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд», «ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд» ҳамчун меъёри бунёдӣ барои тамоми соҳаҳои ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор мераванд. Меъёрҳои мазкур мазмун ва моҳияти фаъолияти мақомоти қонунгузор ва ҳифзи ҳуқуқро муайян мекунанд [1].

Дуюм, барои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ муқаррароти боби 2 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ҳуқуқ, озодӣ, вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд» аҳамияти муҳим дорад. Давлат ба ҳар кас, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад.

Сеюм, Конститутсияи ҶТ мавқеи санадҳои ҳуқуқии умумиэътирофшудаи байналмилалиро дар низоми ҳуқуқии Тоҷикистон муайян мекунад. Онҳо қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Мутобиқи меъёри мазкур тамоми санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, ба сифати сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ баромад мекунанд. Муқаррар шудааст, ки агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ амал мекунанд [1].

Меъёрҳои бунёдиро дар танзими муносибатҳои ҳуқуқии никоҳию оилавӣ Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КО ҶТ) фаро гирифтааст, ки 12 ноябри соли 1998 қабул карда шудааст. Шумораи меъёрҳои коллизионие, ки барои танзими муносибатҳои оилавӣ пешбинӣ шудаанд, хеле зиёд гардидааст, бахусус дар фасли мазкур як қатор меъёрҳо вобаста ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахсӣ ва молу мулкии ҳамсарон (м. 172), муқаррар намудан ва рад кардани падархондӣ (модархондӣ) (м.173), ҳуқуқ ва уҳдадориҳои падару модар ва фарзандон (м.174), уҳдадориҳои алиментдиҳии онҳо (м.175) илова карда шудааст. Қоидаҳои муҳим доир ба муқаррар намудани мазмуни меъёрҳои ҳуқуқи оилавии хориҷӣ дар м. 176-и КО ҶТ мустаҳкам шудааст. Умуман, меъёрҳои КО ҶТ дар танзими муносибатҳои никоҳӣ-оилавӣ бо иштироки шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ пурра талаботҳои ҷомеаи муосири Тоҷикистонро инъикос менамояд [3].

Меъёрҳои муайяни коллизиониро, ки тартиби татбиқ намудани санадҳои қонунгузориро дар танзими муносибатҳо бо унсури хориҷӣ муқаррар мекунанд, инчунин кодексҳои мурофиаи маданӣ, замин ва меҳнатӣ дар бар мегирад. Ба ғайр аз сарчашмаҳои асосии номбаршуда инчунин санадҳои алоҳидаи меъёрии зиёде мавҷуд аст, ки муносибатҳоро бо унсури хориҷӣ танзим менамоянд. Ба қатори қонунҳои алоҳидае, ки меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусиро дар бар мегиранд Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти иқтисоди берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 27 декабри соли 1993, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ” аз соли 2015 ва дигар қонунҳо мансуб дониста мешаванд.

Ба сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ҳамчунин Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки меъёрҳои ҳуқуқӣ-моддии ҳуқуқи байналмилалии хусусиро дар бар мегиранд, дохил мешаванд.

Вобаста ба масъалаҳои муҳими ҳаёти байналмилалӣ фармону қарорҳо қабул карда мешаванд, ки асоси дигар санадҳои зериқонунии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи танзими муносибатҳо бо унсури хориҷӣ ба ҳисоб мераванд.

Кодекси меҳнат аз 17 майи соли 1997 аввалин кодексест, ки меъёрҳои танзими муносибатҳои меҳнатиро бо унсури хориҷӣ дар бар мегирифт. Дуруст аст, ки кодекс шумораи ками муносибатҳои меҳнатиро бо унсури хориҷӣ танзим мекард, аз ҷумла: манъи табъиз дар муносибатҳои меҳнатӣ, ки ба ҳама бе истисно, аз ҷумла ба хориҷиён дахл дорад (моддаи 7), татбиқи қонунгузории меҳнат нисбати шаҳрвандони хориҷӣ, шахсони бешаҳрвандӣ ва корхонаҳои хориҷӣ (моддаи 12), бартарияти татбиқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст (моддаи 2) ва ин санадҳо, агар онҳо нисбат ба қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон

оид ба меҳнат (моддаи 11) барои кормандон қоидаҳои мусоидтар муқаррар карда шаванд [4].

Санаи 1 марти соли 2005 қисми сеюми КГ ҶТ қабул карда шуд, ки қисми 3-и он ба ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ бахшида шуда, аз ду боб ва 9 параграф иборат буд. Бори аввал аст, ки дар он меъёрҳо оид ба муайян кардани ҳуқуқе, ки бояд дар муносибатҳо бо унсурҳои хориҷӣ татбиқ шавад, муқаррар намудани мазмуни меъёри ҳуқуқи хориҷӣ ва ҳаволаи бозгашт ва ҳавола ба ҳуқуқи кишвари сеюм дохил карда шудааст. Навгонии муҳим мустаҳкам намудани принсипҳои истифодаи мутақобила ва маҳдудиятҳои ҷавобӣ (реторсияҳо), инчунин татбиқи ҳуқуқи кишвари дорои ҳуқуқи бисёрнизомӣ ба ҳисоб меравад. Меъёрҳои номбаршуда принсипҳои умумии татбиқу истифодаи ҳуқуқро барои танзими муносибатҳои байналмилалии ҳуқуқӣ-хусусӣ мустаҳкам мекунанд.

Боби дигар аз меъёрҳои коллизионие иборат мебошад, ки шахс, ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ; муносибатҳое, ки ба моликияти зеҳнӣ дахл доранд; аҳдҳо, намояндагӣ, муҳлати даъво, ҳуқуқҳои ашёӣ, уҳдадориҳои шартномавӣ ва ғайришартномавӣ, инчунин ҳуқуқи меросро дар бар мегирифт. Моддаи алоҳида ба мафҳуми шахс бахшида шуда буд, ки дар он ҳолати душаҳрвандӣ ба назар гирифта шуд. Қонуни шахсии шахси воқеӣ ҳуқуқи кишваре, ки ин шахс шаҳрвандии онро дорад, мебошад. Ҳангоми дар шахс мавҷуд будани ду ва ё зиёда шаҳрвандӣ қонуни шахсӣ ҳуқуқи ҳамон кишвар ҳисобида мешавад, ки шахс дар он бештар истиқомат мекунад. Мақоми ҳуқуқии шахси бешаҳрвандӣ ва гуреза низ дақиқ муайян карда шудааст. Қонуни шахсии шахси бешаҳрвандӣ ҳуқуқи кишваре ҳисоб мешавад, ки дар он ин шахс бештар истиқомат мекунад. Қонуни шахсии гуреза ҳуқуқи ҳамон кишваре ҳисобида мешавад, ки ба ӯ паноҳгоҳ додааст. Қоидаҳои махсус дар бораи қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии шахсони ҷисмонӣ вобаста ба уҳдадориҳое, ки дар натиҷаи расонидани зарар бавуҷуд меоянд, муқаррар шудааст. Қобили амали мадании шахси воқеӣ дар муносибат бо аҳдҳо ва уҳдадориҳо, ки вобаста ба расонидани зарар ба миён омадааст, тибқи ҳуқуқи кишвари маҳали иҷрои амал ё ба миён омадани уҳдадориҳои вобаста ба расонидани зарар муайян карда мешавад. Қобилияти шахси воқеӣ ҷиҳати соҳибкори инфиродӣ будан ва доштани ҳуқуқу уҳдадориҳои вобаста ба он тибқи ҳуқуқи кишваре муайян мегардад, ки шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ ба қайд гирифта шудааст. Ҳангоми мавҷуд набудани кишвари бақайдгиранда ҳуқуқи кишваре татбиқ мегардад, ки дар он маҳали асосии фаъолияти инфиродии соҳибкорӣ сурат мегирад.

Бори аввал аст, ки кодекс қонуни шахси ҳуқуқиро муайян кардааст. Қонуни шахсии шахси ҳуқуқӣ ҳуқуқи кишваре ҳисобида мешавад, ки дар он ҷо шахси ҳуқуқӣ таъсис дода шудааст. Маҳз бо ҳамин қонун қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии шахси ҳуқуқӣ муайян карда мешавад.

Аҳамияти бунёдиро меъёре соҳиб аст, ки иштироки давлатҳоро дар муносибатҳои ҳуқуқии шаҳрвандии дорои унсурҳои хориҷӣ муқаррар мекунад. Барои танзими чунин гурӯҳи муносибатҳо қоидаҳои Фасли VIII тибқи асосҳои умумӣ татбиқ мегардад. Истисно аз ин қоидаҳо метавонад бо тартиби қонунгузорӣ муқарар карда шавад.

Қоидаҳои махсуси коллизионӣ барои ҳимояи ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ муқаррар шудаанд, ки тибқи онҳо ба ҳуқуқи шахсии ғайриамволӣ ҳуқуқи кишваре, ки дар он ҷо амал ё ҳолати дигар ҷой дошт ва барои талаби ҳифзи ҳамин гуна ҳуқуқҳо асос шуда буд, татбиқ карда мешавад.

Меъёрҳои коллизионӣ оид ба аҳдҳо, намояндагиҳо, оид ба муҳлати даъво ифодаи дақиқ пайдо карданд. Диққати махсусро дар ин масъала меъёрҳои ҳуқуқи ашёӣ сазоворанд, ки мутобиқи онҳо мазмуни ҳуқуқи моликият ва ҳуқуқи дигари ашё ба моликияти манқул ва ғайриманқул ва ҳамчунин татбиқи онҳо бо ҳуқуқи кишваре, ки ин моликият дар он ҷо воқеъ гардидааст, муайян карда мешавад, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигареро пешбинӣ накарда бошад [5, с. 63].

Навгонии муҳимро қоидаҳое соҳибанд, ки уҳдадориҳои шартномавиро танзим менамоянд. Муқаррар карда шудааст, ки муносибатҳои шартномавӣ бо ҳуқуқи кишвари бо созишномаи тарафҳо интихобшуда танзим карда мешавад, агар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигареро муқаррар накарда бошанд [6, с. 83]. Тарафҳои шартнома татбиқи ҳуқуқро барои тамоми шартнома ё барои як қисми алоҳидаи он метавонанд интихоб намоянд. Интихоби татбиқи ҳуқуқро тарафҳои шартнома метавонанд дар вақти дилхоҳ ҳангоми бастани шартнома ё минбаъд анҷом диҳанд. Тарафҳо метавонанд дар вақти дилхоҳ оид ба тағйир додани ҳуқуқи ба шартнома татбиқшаванда созиш банданд.

Гуфтаҳои боло аз он шаҳодат медиҳанд, ки:

1) Тавассути меъёрҳои коллизионӣ мувозинат миёни ҳуқуқи ватанӣ ва хориҷӣ дар танзими муносибатҳои молумулкӣ ва ғайри

молумулкӣ ба даст омад; 2) Дар муқоиса бо Асосҳои қонунгузории маданӣ, Кодекси мадании ҶТ меъёрҳои коллизионии зиёдеро дар бар мегирад, ки бо ёрии онҳо метавон ба осонӣ ҳуқуқи давлатеро, ки вобаста ба муносибати мушаххас бояд татбиқ карда шавад, муайян намуд; 3) Афзоиши шумораи меъёрҳои коллизионии дутарафа ва мутаносибан камшавии шумораи меъёрҳои коллизионии яктарафа мушоҳида мегардад; ва билохира 4) Муназзамии меъёрҳои коллизионӣ дар муайян намудани ҳолати ҳуқуқии татбиқшаванда ба мушоҳида мерасад.

Дар фасли VIII-и Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин шакли чандири ҳатмӣ ба мисли «пайванди коллизионии робитаи нисбатан наздиктар» ҷорӣ карда шудааст, ки навгонии назаррас аст.

Ин категорияи умумию универсалии ҳуқуқист, ки ҳангоми дар меъёри қонун ё созишномаи тарафҳо мавҷуд набудани нишондод оид ба ҳуқуқи татбиқшаванда ба муносибатҳои ҳуқуқии хусусии дорои хусусияти байналмилалӣ истифода мешавад. Ин меъёри коллизионӣ дар қонунгузории мо бори аввал муқаррар карда шуда буд, дар ҳоле ки дар ҳуқуқи континенталӣ он муддати тӯлонӣ истифода мешавад [2].

Қобили зикр аст, ки дар фасли VIII меъёрҳои коллизионии дуҷониба бартарӣ доранд. Инҳо меъёрҳое мебошанд, ки ба татбиқи ҳуқуқи дохилӣ ва хориҷӣ имкон медиҳанд, ки ба манфиати муомилоти байналмилалӣ мусоидат намуда, ҳуқуқ ва манфиатҳои иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии маданиро пурра таъмин менамоянд.

Дар Кодекси мадании ҶТ масъалаи татбиқи ҳуқуқ ба талабот оид ба муҳлати даъво низ махсус зикр карда шудааст. Мутобиқи м. 1327 КМ ҶТ муҳлати даъво бо ҳуқуқи кишваре, ки барои танзими муносибати дахлдор татбиқ мегардад, муайян карда мешавад.

Ҳамчунин тибқи моддаи мазкур ба талаботе, ки ба онҳо муҳлати даъво паҳн намегардад, ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда мешавад, агар яке аз иштирокдорони муносибатҳои дахлдор шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ё шахси ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад.

Ба ғайр аз ин татбиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври яктарафа дар ҳолатҳои зерин пешбинӣ карда шудааст: Ба ҳимояи ҳуқуқи моликият ва ҳуқуқҳои дигари ашёи ғайриманқул ҳуқуқи кишваре татбиқ карда мешавад, ки дар он ин молу мулк ҷойгир шудааст. Нисбат ба молу мулке, ки ба феҳристи давлатӣ ворид карда шудааст, ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда мешавад (қисми 2 м. 1332 КМ ҶТ); Мафҳуми дорошавии беасос бо ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад (қ. 3 м. 1344 КМ ҶТ); Шакли аҳд вобаста ба молу мулки ғайриманқул ба ҳуқуқи кишваре тобеъ аст, ки ин молу мулк воқеъ гардидааст, аммо нисбати молу мулки ғайриманқул ва ҳамчунин воситаи нақлиёт ва молу мулки дигар, ки ба феҳристи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудааст, ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ мешавад (қ. 3 м. 1325 КМ ҶТ); Аҳди иқтисодии хориҷӣ, ки яке аз иштирокдорони он шахси ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, сарфи назар аз маҳалли бастани аҳд, дар шакли хаттҳ ба анҷом расонда мешавад (қ. 2 м. 1325 КМ ҶТ); [2] Бақайдгирии асноди ҳолати шаҳрвандии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд, дар муассисаҳои консулгарии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад. Дар ин ҳолат қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда мешавад (м. 1319 КМ ҶТ); Бедарак ғоибшуда ё вафоткарда эълон намудани шахси воқеӣ ба ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон тобеъ аст (м. 1317 КМ ҶТ); Ғайриқобили амал ё дорои қобилияти маҳдуди амалкунҳ эътироф намудани шахси воқеӣ дар Тоҷикистон ба ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон тобеъ аст (қ. 6 м. 1316 КМ ҶТ); Агар шахс шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлати хориҷиро дошта бошад, қонуни шахсии ӯ ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад (сархати 3 м. 1315 КМ ҶТ); Агар мазмуни меъёрҳои ҳуқуқи хориҷӣ, новобаста ба чораҳои андешидашуда, тибқи моддаи мазкур муқаррар карда нашавад, ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда мешавад (қ. 4 м. 1308 КМ ҶТ); [2]

Дар қонунгузории мадании ҶТ принсипи мухторияти ирода (бахусус дар муносибатҳои шартномавӣ) ҳамчун яке аз ғояҳои асосии ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мустаҳкам карда шудааст. «Дар ҳамин ҳол, ду равиш ҷудо карда мешавад: а) объективӣ, бо назардошти он ки тарафҳои шартнома ҳуқуқи интихоби ҳуқуқро доранд, ки бо кадом роҳе бо шартномаи онҳо алоқаманд аст; ва б) муносибати субъективӣ, ки тарафҳоро дар интихоби қонуне, ки ба шартномаи онҳо татбиқ мешавад, маҳдуд намекунад». Ба назар чунин менамояд, ки равиши дуюм бартарият дорад, зеро ба ғайр аз меъёрҳои императивие, ки ҳуқуқи амалкунандаро нишон медиҳанд, новобаста аз иродаи субъектҳо, дар ҳамаи дигар ҳолатҳо ҳуқуқи онҳо дар мавриди интихоби қонуни амалкунанда маҳдуд намешавад.

Мутобиқи Кодекси нави мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи уҳдадориҳои ғайришартномавӣ принсипи мустақилияти ирода татбиқ карда мешавад. Ҳамин тариқ, тибқи қ. 3 м. 1340 Кодекси мадании ҶТ баъди содир гардидани амал ё фарорасии ҳолати дигар, ки боиси расондани зарар шудааст, тарафҳо метавонанд оид ба татбиқи ҳуқуқи кишвари суд нисбат ба уҳдадорие, ки дар натиҷаи расондани зарар ба миён омадааст, созиш намоянд [2].

Дуруст аст, ки дар ин ҷо танҳо як алтернатива дар шакли қонуни суд пешниҳод карда мешавад. Дар қонунгузории қаблии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин муқаррарот вуҷуд надошт. Акнун фасли VIII онро дар як мавриd истифода мебарад, ба шарте ки: 1) содир шудани кирдор ё ба амал омадани ҳолати дигаре, ки боиси зарар гардидааст; ва 2) қонуни татбиқшаванда, ки метавонад танҳо қонуни форум бошад, ки дар бораи он байни тарафҳо созиш ҳосил карда мешавад. Чунин ба назар мерасад, ки ин мисоли нодири муроҷиат ба мустақилияти иродаи тарафҳо барои ҳалли мушкилоти низоъ берун аз доираи уҳдадориҳои шартномавӣ мебошад.

Муқарриз: н.и.ҳ., дотсент Мирзоев А.М.

ОСОБЕННОСТИ РАЗВИТИЯ КОЛЛИЗИОННЫХ НОРМЬ В ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Ключевые слова: коллизионное нормы; гражданское законодательство; юридическая литература; гражданские права; физическое лицо; юридическое лицо; правоспособность; способность действовать; применимое право.

Аннотация: В данной статье особенности развития коллизионных нормь в законодательстве Республики Таджикистан. Принятие новой редакции Гражданского кодекса Республики Таджикистан стало благоприятной правовой основой для развития общественных отношений, особенно развития сектора международного частного права. Используя юридическую литературу и законодательство, автор проанализировал данный вопрос и определил важность данной темы.

Исматзода Исматулло Бобохуджа **-** ассистент кафедры международного права юридического факультета Таджикский национальный университет. E-mail: ismatullorajabov96@mail.ru. Тел: (+992) 988-18-18-12.

FEATURES OF THE DEVELOPMENT OF CONFLICT OF LAWS RULES IN LEGISLATION IN THE REPUBLIC OF NAJIKISTAN

Key words: conflict of laws rules; civil law; legal literature; civil rights; individual; entity; legal capacity; ability to act; applicable right.

Annotation: In this article, features of the development of conflict of laws rules in legislation in the Republic of Tajikistan**.** The adoption of the new version of the Civil Code of the Republic of Tajikistan became a favorable legal basis for the development of public relations, especially the development of the private international law sector. Using the legal literature and legislation, the author analyzed this issue and determined the importance of this topic.

Ismatzoda Ismatullo Bobokhuja **-** assistant of international law faculty of law Tajik national university. E-mail: ismatullorajabov96@mail.ru. Tel: (+992) 988-18-18-12.

Рӯйхати адабиёт:

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 1994 (бо тағйиру иловаҳои соли 2016). – Душанбе: “Ганҷ”, 2016. – 61 с.

2. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми 1) аз 24 декабри соли 2022, №1918 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 25.04.2024).

3. Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1998 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 25 апрели соли 2024).

4. Кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2016, №1329 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 25 апрели соли 2024).

5. Ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ: воситаи таълимӣ // Муҳаррирони масъул: н.и.ҳ., дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Рачабов М.Н. ва н.и.ҳ., дотсент Мирзоев А.М. – Душанбе: "ЭР-граф", 2018. – С. 129.

6. Менглиев Ш. Ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ. – Душанбе, 2013. – С. 83.

Список литературы:

1. Конституция Республики Таджикистан, ст. 1994 г. (с изменениями и дополнениями 2016 г.). – Душанбе: «Гандж», 2016. – 61 с.

2. Гражданский кодекс Республики Таджикистан (часть 1) от 24 декабря 2022 года № 1918 // Централизованная правовая база данных Республики Таджикистан «Адлия». Форма 7.0. [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 25.04.2024).

3. Семейный кодекс Республики Таджикистан от 13 ноября 1998 года // Централизованная правовая база данных Республики Таджикистан «Адлия». Форма 7.0. [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 25.04.2024).

4. Трудовой кодекс Республики Таджикистан от 23 июля 2016 года № 1329 // Централизованная правовая база данных Республики Таджикистан «Адлия». Форма 7.0. [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 25.04.2024).

5. Международное частное право: учебное пособие // Ответственные редакторы: к.ю.н., доцент, заведующий кафедрой международного права юридического факультета ТНУ Раджабов М.Н. и к.ю.н., доцент Мирзоев А.М. – Душанбе: «ЭР-граф», 2018. – С. 129.

6. Менглиев Ш. Международное частное право. – Душанбе, 2013. – С. 83.

List of literature:

1. Constitution of the Republic of Tajikistan, 1994 (with amendments and additions of 2016). – Dushanbe: "Ganj", 2016. – 61 p.

2. Civil Code of the Republic of Tajikistan (Part 1) dated December 24, 2022 No. 1918 // Centralized legal database of the Republic of Tajikistan "Adlia". Form 7.0. [Electronic resource]. Access source: URL: http://www.adlia.tj (access date: 04.25.2024).

3. Family Code of the Republic of Tajikistan of November 13, 1998 // Centralized legal database of the Republic of Tajikistan "Adlia". Form 7.0. [Electronic resource]. Access source: URL: http://www.adlia.tj (access date: 04.25.2024).

4. Labor Code of the Republic of Tajikistan dated July 23, 2016, No. 1329 // Centralized legal database of the Republic of Tajikistan "Adlia". Form 7.0. [Electronic resource]. Access source: URL: http://www.adlia.tj (access date: 04.25.2024).

5. International private law: textbook // Responsible editors: Ph.D., Associate Professor, Head of the Department of International Law, Faculty of Law, TNU Radzhabov M.N. and Ph.D., Associate Professor Mirzoev A.M. – Dushanbe: "ER-graph", 2018. – P. 129.

6. Mengliev Sh. International private law. – Dushanbe, 2013. – P. 83.

ТДУ: 340.11
Исмоилова Мадина Исмоиловна,
сардори шуъбаи қонунгузории граждани, соҳибкорӣ ва оилавии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
E-mail: madina-ismoilzoda@mail.ru
Тел.: (+992) 915-41-22-22.

РУШДИ ҚОНУНГУЗОРИИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОҲАИ ФАЪОЛИЯТИ ИННОВАТСИОНӢ

Калидвожаҳо: фаъолият, инноватсия, фаъолияти инноватсионӣ, қонунгузорӣ, рушд, фаъолияти зеҳнӣ, зеҳни сунъӣ, субъектони хоҷагидор.

Аннотатсия. Воқеан, сатҳ ва суръати рушди илмию технологии ҳар як давлатро имкониятҳои иҷтимоию иқтисодии он нисбат ба амалисозии фаъолияте муайян мекунад, ки ба таъмини амалкарди илм ва технология ҳамчун низоми ягонаи алоқаманд ба истеҳсолот равона карда шудааст. Натиҷаи асосии ин фаъолият ба вуҷуд овардани донишҳои нави илмӣ ва амалисозии минбаъдаи онҳо дар технологияҳои нав ва ё маҳсулоти нави тавассути ин технологияҳо истеҳсолшуда мебошад. Аз ин рӯ, муаллиф зимни таҳияи мақолаи мазкур низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти инноватсиониро таҳлил намуда, онро ба се гурӯҳ тақсим намудааст. Ҳамчунин, муаллиф он санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки дар даврaҳои муайян доир ба масъалаи мазкур қабул шуда буданд, таҳлил намудааст.

Иқтисодиёти муосир дар тамоми кишварҳои ҷаҳон нисбат ба самтҳои рушди худ талаботи муайян мегузорад. Яке аз самтҳои муҳими рушди иқтисоди имрӯза рушди инноватсионии он мебошад, ки ҳамчун қувваи калидӣ ва пешбарандаи эҳёи устувори иқтисоди кишвар дар давраи дарозмуддат арзёбӣ мешавад. Дараҷаи рушди инноватсионии кишвар аз рӯйи натиҷаҳои фаъолияти инноватсионии субъектҳои гуногуни соҳибкорӣ дар қаламрави давлат баҳо дода мешавад [1]. Натиҷаҳои чунин фаъолиятҳо ба баланд бардоштани рақобатпазирии субъектҳои хоҷагидор нигаронида шудаанд.

Яке аз шартҳои ба роҳ мондани фаъолияти инноватсионӣ ин ба вуҷуд овардани инфрасохтори зарурии инноватсионӣ мебошад. Инфрасохтори инноватсионӣ ташкилотҳо (муассисаҳо)-е мебошанд, ки қобили амалӣ кардани фаъолияти инноватсионӣ доранд, яъне ба инноватсия ва таъмини шароити ҷорӣ кардани раванди инноватсионӣ хизмат мерасонанд. Ба ин гуна инфрасохтор марказҳои инноватсионӣ-технологӣ, инкубаторҳои технологӣ, технопаркҳо, марказҳои таълимӣ ва ташкилотҳои дигари махсусгардонидашуда дохил мешаванд [2].

Зарурият ва аҳаммияти сохторҳои инноватсионӣ дар рушду инкишофи соҳаи мазкурро дарк намуда, Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2021 чунин асоснок намудаанд: “Бо мақсади таҳкими асосҳои институтсионалии иқтисоди рақамӣ, рушди инфрасохтори иттилоотиву коммуникатсионӣ дар тамоми қаламрави кишвар, рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва вусъатбахшии раванди амалӣ намудани “ҳукумати электронӣ” ба Ҳукумати мамлакат ва сохтору мақомоти дахлдор супориш дода мешавад, ки доир ба таъсис додани Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Тоҷикистон чораҷӯӣ намоянд” [3].

Аз ин рӯй, бо фармони Президенти ҶТ аз 3 апрели соли 2021, №147 Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст, ки он ҳамчун мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки пешбурди сиёсати ягонаи давлатиро дар соҳаи рушди инноватсия ва технологияҳои рақамӣ амалӣ менамояд [4].

Ҳолати мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки фаъолияти инноватсионӣ дар таҳти таваҷҷуҳи бевоситаи роҳбарияти давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, то ин замон як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқие қабул карда шудаанд, ки низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти инноватсиониро ташкил медиҳад.

Бо мақсади дуруст муайян намудани низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти инноватсионӣ тасмим гирифтем, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар ин самт гурӯҳбандӣ намоем.

Тавре маълум аст, мутобиқи талаботи м. 10 Конститутсияи ҶТ санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд.

Аз ин рӯй, низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти инноватсиониро пеш аз ҳама ба ду гурӯҳи калон: қонунгузории байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузории миллӣ тақсим менамоем.

Ба қонунгузории байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти инноватсионӣ чунин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дохил мешавад: Созишнома дар бораи ташкили инфрасохтори иттилоотии фаъолияти инноватсионии давлатҳои аъзои ИДМ дар шакли системаи иттилоотии паҳншуда ва портали ИДМ «Маълумот барои фаъолияти инноватсионии давлатҳои аъзои ИДМ», ки санаи 19 майи соли 2011 дар шаҳри Мински Ҷумҳурии Белорусия ба имзо расонида шудааст, Консепсияи дастгирии илмӣ ва иттилоотии барномаҳо ва лоиҳаҳои давлатҳои аъзои ИДМ дар соҳаи инноватсия, ки бо қарори Шурои иқтисодии ИДМ аз 13 марти соли 2009 тасдиқ карда шудааст ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ду ҷониба ва бисёрҷониба ташкил медиҳанд.

Қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқии миллии Тоҷикистон мебошанд, ки муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи фаъолияти инноватсиониро муайян ва танзим намудаанд. Бо мақсади дуруст дарк намудани моҳияти қонунгузории миллӣ онҳоро ба се гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст:

1. Гурӯҳи аввали ин зумра қонунгузориро қонунгузории бевосита ба масъалаи мазкур тааллуқдошта ташкил дода, аз санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои зериқонунӣ иборат мебошад. Ба ин гурӯҳ санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерин дохил мешаванд: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» [5], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ» [6], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Парки технологӣ» [7], Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2022, №483, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъалаҳои Парки технологии маҳсулоти барномавӣ ва технологияҳои иттилоотӣ» аз 31 июли соли 2024 ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро ташкил медиҳанд.

2. Гурӯҳи дуюми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқие мебошанд, ки он дар ин ва ё он паҳлуҳо ва самтҳои фаъолияти инноватсионӣ таҳти танзими ҳуқуқӣ қарор дода шудаанд. Ба ин гурӯҳ метавон чунин санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дохил кард: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамозии давлатӣ» [8], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи имзои электронии рақамӣ» [9], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи намунаҳои саноатӣ» [10], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ихтироъ» [11], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқии топологияҳои микросхемаҳои интегралӣ»[12], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ»[13], Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2023, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011, таҳти №643 тасдиқ шудааст, Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, таҳти №642 тасдиқ шудааст, Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 октябри соли 2021, таҳти №460 тасдиқ шудааст ва ғайраҳо.

Ба андешаи мо гурӯҳи сеюм қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти инноватсиониро он санадҳои меъёрии ҳуқуқие ташкил медиҳанд, ки чораҳои маҷбуркунии давлатиро дар ин самт муқаррар намудаанд, ки ба ин гурӯҳ пеш аз ҳама Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон [14], Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон [15], Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон [16] ва Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [17] дохил мешаванд. Чунончӣ, масалан, тибқи Кодекси андоз, фаъолияти инноватсионию технологӣ ба ғайр аз андоз аз даромади шахсони воқеӣ (12 фоиз) ва андози иҷтимоӣ (20 фоиз) аз тамоми дигар намуди андозҳо озод мебошад. Воридоти таҷҳизоти инноватсионию технологӣ аз ҷониби

субъектҳои фаъолияти инноватсионию технологӣ, ки бевосита барои эҳтиёҷоти худӣ истифода карда мешавад, аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешавад.

Инчунин, тазаккур бояд дод, ки то имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор барномаву стратегияҳои ба давраҳои муайян нигаронидашуда дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ қабул ва амалӣ карда шудаанд, ки барои рушду инкишофи соҳаи инноватсия заминаҳои муайяни ҳуқуқиро ба миён овардаанд. Масалан, «Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020» ва «Стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020» қабул карда шудаанд, айни ҳол онҳо мавриди амал қарор надоранд.

Инчунин, рушди фаъолияти инноватсионӣ дар барномаҳои давлатии гуногунҷабҳа низ пешбинӣ гардида буданд. Масалан, дар барномаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Асосҳои сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи рушди илм ва технология дар давраи то соли 2018 ва дурнамои рушди он" таъкид карда мешавад, ки низоми миллии инноватсионӣ бояд муттаҳидшавии кӯшишҳои мақомоти давлатии идоракунии ҳамаи сатҳҳо, ташкилотҳои соҳаи илмӣ-техникӣ ва фаъолияти соҳибкории саноатиро ба манфиати истифодаи босуръати дастовардҳои илму технология бо мақсади татбиқи афзалиятҳои стратегии миллӣ таъмин намояд [18].

Муҳаққиқон ба он назаранд, ки фаъолияти инноватсионӣ ҷомеаи ҷаҳониро ба зинаи баланди рушд расонд. Давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон маҳз бо такя ба технологияҳои инноватсионӣ рушди бемайлони иқтисодиёташонро таъмин намудаанд. Инноватсия аллакай қисми таркибии ҳаёти инсоният шудааст. Олимони ватанӣ бар он назаранд, ки яке аз унсурҳои муҳими таъмини рушди инноватсиониву индустриалии мамлакати мо татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар истеҳсолот аст. Аҳамияти афзали фаъолияти инноватсионӣ ва ҷорисозии технологияҳои нав дар саноат коҳиш додани арзиши аслӣ ва беҳтар намудани сифати маҳсулот, рушди содирот ва қонеъсозии бозори дохилӣ мебошад. Бинобар ин, рӯй овардан ба инноватсия маънои пешрафти босуръати саноатро дорад [19].

Айни ҳол қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ дар рушди бесобиқа қарор дорад. Чунончӣ, дар Паёми навбатии худи Пешвои миллат аз 28 декабри соли 2024 барои вусъат бахшидан ба равандҳои инноватсионӣ ва истифодаи ҳамаҷонибаи имконияти технологияҳои рақамӣ дар иқтисодиёт таъкид намуданд. Дар ин замина, фармони Президенти ҶТ Дар бораи «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон намудани солҳои 2025-2030 аз 8 январи соли 2025, №911 қабул гардид.

Таҳлилҳои болозикр оид ба рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ собит менамояд, ки Қонуни ҶТ "Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ" ба талаботи рушди иқтисоди рақамӣ, рушди технологияҳои муосир ва талаботи меъёрҳои Қонуни ҶТ "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" ҷавобгӯ набуда дар таҳрири нав қабул намудани он мутобиқи мақсад мебошад.

Дар ин замина, барои рушд ва такмили қонунгузории соҳаи фаъолияти инноватсионӣ ба Қонуни ҶТ "Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ" таклифу пешниҳодҳои зерин манзур мегардад:

1. Дар сархати нуҳуми моддаи 1 Қонун бо сабаби мутобиқат намудани он ба муқаррароти м. 4 Қонуни ҶТ «Дар бораи Парки технологӣ»:

– калимаи «технопаркҳо» ба калимаҳои «паркҳои инноватсионию тнхнологӣ» иваз карда шавад;

– калимаҳои «инкубаторҳои технологӣ, бизнес-инкубаторҳо» ба калимаҳои «инкубаторҳои технологӣ (бизнес-инкубаторҳо» иваз карда шаванд.

2. Дар сархати панҷуми м. 3 аломати «.» ба аломати «;» иваз карда шуда, сархатҳои 6 ва 7 бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

– муассисаҳои илмӣ, илмӣ-тадқиқотӣ, таҳсилоти олӣ, истеҳсолӣ ва дигар ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликияташон, ки навоварӣ таҳия, ҷорӣ мекунанд ва аз инноватсия истифода мебаранд;

– иттиҳодияҳои ҷамъиятие, ки манфиатҳои истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагони инноватсияро ҳифз менамоянд».

3. Дар сархати ҳаштуми м. 11 Қонуни мазкур калимаи «ва» пас аз калимаи инноватсионӣ ба аломати «,» иваз карда шуда, баъд аз калимаҳои «моликияти зеҳнӣ» калимаҳои «ва ҳифзи муҳити зист» илова карда шавад.

Муқарриз: н.и.ҳ., дотсент Соҳибзода М.М.

РАЗВИТИЕ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В СФЕРЕ ИННОВАЦИОННОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

Ключевые слова: деятельность, инновации, инновационная деятельность, законодательство, развитие, интеллектуальная деятельность, искусственный интеллект, хозяйствующие субъекты.

Аннотация. действительно, уровень и темпы научно-технического развития каждого государства определяются его социально-экономическими возможностями по отношению к осуществлению деятельности, направленной на обеспечение функционирования науки и техники как единой системы, связанной с производством. Основным результатом этой деятельности является создание новых научных знаний и их последующая реализация в новых технологиях или новых продуктах, производимых с помощью этих технологий. Поэтому в ходе разработки данной статьи автор проанализировал систему законодательства Республики Таджикистан в области инновационной деятельности и разделил ее на три группы. Кроме того, автор проанализировал те нормативные правовые акты, которые были приняты в определенные периоды по данному вопросу.

Исмоилова Мадина Исмоиловна **–** начальник отдела гражданского, предпринимательского и семейного законодательства Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан E-mail: madina-ismoilzoda@mail.ru. Тел.: (+992) 915-41-22-22.

DEVELOPMENT OF LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN THE FIELD OF INNOVATION

Keywords: activity, innovation, innovation activity, legislation, development, intellectual activity, artificial intelligence, business entities.

Annotation: indeed, the level and pace of scientific and technological development of each state is determined by its socio-economic capabilities in relation to the implementation of activities aimed at ensuring the functioning of science and technology as a single system related to production. The main result of this activity is the creation of new scientific knowledge and its subsequent implementation in new technologies or new products produced using these technologies. Therefore, during the development of this article, the author analyzed the system of legislation of the Republic of Tajikistan in the field of innovation and divided it into three groups. In addition, the author analyzed the regulatory legal acts that were adopted in certain periods on this issue.

Ismoilova Madina Ismoilovna **–** Head of the Department of Civil, Business and Family Law at the National Center for Legislation under the President of the Republic of Tajikistan E-mail: madina-ismoilzoda@mail.ru Tel: (+992) 915-41-22-22.

Руйхати адабиёт:

1. Шамсутдинова Э.Э. Фаҳмиш ва моҳияти фаъолияти инноватсионӣ. // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 25.01.2025).

2. Нуров П. Фаъолияти инноватсионӣ ва рушди илмию технологии мамлакат (мушкилот ва дурнамо). [Захираи электронӣ] // Манбаи дастрасӣ: https://ravshanfikr.tj. (санаи мурочиат: 24.01.2025).

3. [Захираи электронӣ] // Манбаи дастрасӣ: https://president.tj (санаи мурочиат: 26.01.2025).

4. [Захираи электронӣ] // Манбаи дастрасӣ: https://egov.tj (санаи мурочиат: 25.01.2025).

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» аз 16 апрели соли 2012, таҳти №822 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 28.01.2025).

6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ» аз 24 декабри соли 2022, № 1922 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 28.01.2025).

7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Парки технологӣ» аз 21 июли соли 2010, № 629 Маҳзани муттамаркази иттилоотӣ–ҳуқуқии «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ] // Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 28.01.2025).

8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамозии давлатӣ» аз 19 июли соли 2022, №1894 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 29.01.2025).

9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи имзои электронии рақамӣ» аз 30 июли соли 2007, №320 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 29.01.2025).

10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи намунаҳои саноатӣ» аз 28 феврали соли 2004, №16 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 29.01.2025).

11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ихтироъ» аз 28 феврали соли 2004, №17 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 30.01.2025).

12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқии топологияҳои микросхемаҳои интегралӣ» аз 22 декабри соли 2006, №218 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 30.01.2025).

13. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ» аз 5 марти соли 2007, №234 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 30.01.2025).

14. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021 №1844 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 03.02.2025).

15. Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2004, №62 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 03.02.2025).

16. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008, №455 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 03.02.2025).

17. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998 № 574 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 04.02.2025).

18. Дадоматов Д.Н., Ҷӯраева М.С. Муҳити инноватсионӣ дар низоми рушди соҳибкории саноатӣ. // Манбаи электронӣ: https://cyberleninka.ru (санаи мурочиат: 01.02.2025).

19. Ш. Қурбон Инноватсия дар саноат. Имконот, мушкилот, дурнамо. Нашрияи расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ҷумҳурият». – 2020. – №55.

Список литературы:

1. Шамсутдинова Э.Э. Понимание и суть инновационной деятельности. // Централизованная информационно-правовая база данных РТ»правосудие". Форма 7.0. [Электронная резервная копия]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 25.01.2025).

2. Нуров П. Инновационная деятельность и научно-технологическое развитие страны (проблемы и перспективы). [Электронная почта защищена] // источник доступа: https://ravshanfikr.tj. (дата обращения: 24.01.2025).

3. [Электронная почта защищена] // источник доступа: https://president.tj (дата обращения: 26.01.2025).

4. [Электронная почта защищена] // источник доступа: https://egov.tj (дата обращения: 25.01.2025).

5. Закон Республики Таджикистан» Об инновационной деятельности «от 16 апреля 2012 года №822 // централизованная информационно-правовая база данных РТ»юстиция". Форма 7.0. [Электронная резервная копия]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 28.01.2025).

6. Закон Республики Таджикистан» О коммерциализации результатов научной и научно-технической деятельности «от 24 декабря 2022 года, № 1922 // централизованная информационно-правовая база данных РТ»юстиция". Форма 7.0. [Электронная резервная копия]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 28.01.2025).

7. Закон Республики Таджикистан» о технологическом парке «от 21 июля 2010 года № 629 централизованной информационно–правовой базы данных»юстиция". Форма 7.0. [Электронная почта защищена] // источник доступа: http://www.adlia.tj (дата обращения: 28.01.2025).

8. Закон Республики Таджикистан» о стратегическом планировании и государственном прогнозировании «от 19 июля 2022 года №1894 // централизованная информационно-правовая база данных РТ»юстиция". Форма 7.0. [Электронная резервная копия]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 29.01.2025).

9. Закон Республики Таджикистан» Об электронной цифровой подписи «от 30 июля 2007 года №320 // централизованная информационно-правовая база данных РТ»юстиция". Форма 7.0. [Электронная резервная копия]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 29.01.2025).

10. Закон Республики Таджикистан» о промышленных образцах «от 28 февраля 2004 года №16 // централизованная информационно-правовая база данных РТ»юстиция". Форма 7.0. [Электронная резервная копия]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 29.01.2025).

11. Закон Республики Таджикистан "об изобретениях «от 28 февраля 2004 года №17 // централизованная информационно-правовая база данных РТ»юстиция". Форма 7.0. [Электронная резервная копия]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 30.01.2025).

12. Закон Республики Таджикистан» о правовой защите топологий интегральных схем «от 22 декабря 2006 года, №218 // централизованная информационно-правовая база данных РТ»юстиция". Форма 7.0. [Электронная резервная копия]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 30.01.2025).

13. Закон Республики Таджикистан» О товарных знаках и знаках обслуживания «от 5 марта 2007 года, №234 // централизованная информационно-правовая база данных РТ»юстиция". Форма 7.0. [Электронная резервная копия]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 30.01.2025).

14. Налоговый кодекс Республики Таджикистан от 23 декабря 2021 года №1844 // централизованная информационно-правовая база данных РТ «юстиция». Форма 7.0. [Электронная резервная копия]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 03.02.2025).

15. Таможенный кодекс Республики Таджикистан от 3 декабря 2004 года, №62 // централизованная информационно-правовая база данных РТ «юстиция». Форма 7.0. [Электронная резервная копия]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 03.02.2025).

16. Кодекс Республики Таджикистан Об административных правонарушениях от 31 декабря 2008 года, №455 // централизованная информационно-правовая база данных РТ «юстиция». Форма 7.0. [Электронная резервная копия]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 03.02.2025).

17. Уголовный кодекс Республики Таджикистан от 21 мая 1998 года № 574 // централизованная информационно-правовая база данных РТ «юстиция». Форма 7.0. [Электронная резервная копия]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 04.02.2025).

18. Дадоматов Д.Н., Джураева М.С. Инновационная среда в системе развития промышленного предпринимательства. // Электронный источник: https://cyberleninka.ru (дата обращения: 01.02.2025).

19. Ш. Жертва инноваций в промышленности. Варианты, проблемы, перспективы. Официальное издание Республики Таджикистан»Республикият". – 2020. – №55.

List of literature:

1. Shamsutdinova E.E. Understanding and essence of innovation activity. // Centralized information and legal database of the Republic of Tatarstan "justice". Form 7.0. [Electronic backup copy]. Access source: URL: http://www.adlia.tj (date of reference: 01/25/2025).

2. Nurov P. Innovative activity and scientific and technological development of the country (problems and prospects). // access source: https://ravshanfikr.tj . (date of access: 24.01.2025).

3. // access source: https://president.tj (date of access: 01/26/2025).

4. // access source: https://egov.tj (date of request: 01/25/2025).

5 The Law of the Republic of Tajikistan "On Innovation Activity" dated April 16, 2012 No. 822 // centralized information and legal database of the Republic of Tajikistan "Justice". Form 7.0. [Electronic backup copy]. Access source: URL: http://www.adlia.tj (date of request: 28.01.2025).

6. The Law of the Republic of Tajikistan "On commercialization of the results of scientific and scientific-technical activities" dated December 24, 2022, No. 1922 // Centralized information and legal database of the

Republic of Tajikistan "Justice". Form 7.0. [Electronic backup copy]. Access source: URL: http://www.adlia.tj (date of application: 01/28/2025).

7. Law of the Republic of Tajikistan "On the Technology Park" dated July 21, 2010 No. 629 of the centralized information and legal database "Justice". Form 7.0. // access source: http://www.adlia.tj (accessed: 01/28/2025).

8. Law of the Republic of Tajikistan "on Strategic Planning and State Forecasting" dated July 19, 2022 No. 1894 // Centralized information and legal database of the Republic of Tajikistan "Justice". Form 7.0. [Electronic backup copy]. Access source: URL: http://www.adlia.tj (date of reference: 01/29/2025).

9. The Law of the Republic of Tajikistan "On electronic digital signature" dated July 30, 2007 No. 320 // Centralized information and legal database of the Republic of Tajikistan "Justice". Form 7.0. [Electronic backup copy]. Access source: URL: http://www.adlia.tj (date of reference: 01/29/2025).

10. The Law of the Republic of Tajikistan "On Industrial Designs" dated February 28, 2004 No. 16 // Centralized information and legal database of the Republic of Tajikistan "Justice". Form 7.0. [Electronic backup copy]. Access source: URL: http://www.adlia.tj (date of reference: 01/29/2025).

11. Law of the Republic of Tajikistan "on Inventions" dated February 28, 2004 No. 17 // Centralized information and legal database of the Republic of Tajikistan "Justice". Form 7.0. [Electronic backup copy]. Access source: URL: http://www.adlia.tj (date of reference: 30.01.2025).

12. The Law of the Republic of Tajikistan "On Legal protection of Integrated Circuit Topologies" dated December 22, 2006, No. 218 // Centralized information and legal database of the Republic of Tajikistan "Justice". Form 7.0. [Electronic backup copy]. Access source: URL: http://www.adlia.tj (date of reference: 30.01.2025).

13. The Law of the Republic of Tajikistan "On Trademarks and Service Marks" dated March 5, 2007, No. 234 // Centralized information and legal database of the Republic of Tajikistan "Justice". Form 7.0. [Electronic backup copy]. Access source: URL: http://www.adlia.tj (date of reference: 30.01.2025).

14. Tax Code of the Republic of Tajikistan dated December 23, 2021 No. 1844 // Centralized information and legal database of the Republic of Tajikistan "justice". Form 7.0. [Electronic backup copy]. Access source: URL: http://www.adlia.tj (date of reference: 02/03/2025).

15. The Customs Code of the Republic of Tajikistan dated December 3, 2004, No. 62 // Centralized information and legal database of the Republic of Tajikistan "Justice". Form 7.0. [Electronic backup copy]. Access source: URL: http://www.adlia.tj (date of reference: 02/03/2025).

16. Code of the Republic of Tajikistan on Administrative Offences dated December 31, 2008, No. 455 // Centralized information and legal database of the Republic of Tajikistan "Justice". Form 7.0. [Electronic backup copy]. Access source: URL: http://www.adlia.tj (date of reference: 02/03/2025).

17. Criminal Code of the Republic of Tajikistan dated May 21, 1998 No. 574 // Centralized information and legal database of the Republic of Tajikistan "justice". Form 7.0. [Electronic backup copy]. Access source: URL: http://www.adlia.tj (date of reference: 02/04/2025).

18. Dadomatov D.N., Juraeva M.S. Innovation environment in the system of industrial entrepreneurship development. // Electronic source: https://cyberleninka.ru (date of application: 02/01/2025).

19. Sh. is a victim of innovation in industry. Options, problems, prospects. Official publication of the Republic of Tajikistan"Republiciyat". – 2020. – №55.

12.00.05 – ҲУҚУҚИ МЕҲНАТӢ; ҲУҚУҚИ ТАЪМИНОТИ ИҶТИМОӢ
12.00.05 – ТРУДОВОЕ ПРАВО; ПРАВО СОЦИАЛЬНОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ
12.00.05 – LABOR LAW; SOCIAL SECURITY LAW

ТДУ: 349.2
Бобокалон Ғоиб Мерган,
сардори шуъбаи қонунгузорӣ оид ба меҳнат, муҳоҷират ва иҷтимоии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон н.и.ҳ., дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
E-mail: bgoib@mail.ru
Тел.: (+992) 907-94-87-73

ҶИНОЯТ ВА ДИГАР НАМУДИ ҶАВОБГАРӢ БАРОИ БА ТАЪХИР АНДОХТАНИ МУҲЛАТҲОИ ПАРДОХТИ МУЗДИ МЕҲНАТ

Калидвожаҳо: музди меҳнат, ҳадди ақали музди меҳнат, ба таъхир афтодани пардохти музди меҳнат, ҷавобгарии ҷиноятӣ, ҷавобгарии маданӣ, ҷавобгарии маъмурӣ, ҷавобгарии моддӣ, аз ҷониби корфармо, роҳбари ташкилот, пардохти саривақтӣ, кафолати ҳифзи судӣ.

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур масъалаҳои ҳуқуқии ҷавобгарӣ барои ба таъхир андохтани муҳлатҳои пардохти музди меҳнат баррасӣ гардидааст. Дар он ба таври муфассал ҷавобгарии ҷиноятӣ маданӣ-ҳуқуқӣ, маъмурӣ, моддӣ барои ба таъхир андохтани муҳлатҳои пардохти музди меҳнат бо ақидаҳои назариявӣ равшанӣ андохта шудааст. Аз рӯи натиҷаи таҳқиқот аён мегардад, ки муаллиф ҷиҳати амалӣ намудани манфиатҳои асосӣ ва бевоситаи кормандон, корфармоён ва умуман давлатро ифода намудааст. Инчунин, муаллаи дар раванди таҳқиқот аз санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ истифода намудааст. Муаллиф аз рӯи натиҷаи таҳқиқот пешниҳод намудааст, ки барои таъмини пардохти музди меҳнат, нафақа, стипендия, ёрдампулӣ ё дигар пардохтҳои бо қонун муқарраргардида моддаи 153(1) таҷдиди назар карда шавад.

Музди меҳнат яке аз категорияҳои мураккаби иқтисодӣ-иҷтимоӣ маҳсуб ёфта, ҳамчунин муайянкунандаи асосӣ ва муҳимтарини муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатии шахс баромад менамояд. Зеро маҳз музди меҳнат элементи муҳимтарини даромади ҳар як шахс мебошад, ки дар натиҷаи истифода намудани қувваи корӣ баҳри ба даст овардани даромаднокӣ амалӣ намудааст.

Диққати махсуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ нигаронида шуда, дар паёмҳои худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, баромадҳо дар маҷлисҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷаласаву машваратҳои корӣ дар сатҳҳои миллӣ ва минтақавӣ ба масъалаи музди меҳнат диққати махсус зоҳир намуда, оиди коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум ва ҷиҳати мустаҳкам намудани заминаҳои меъёрии ҳуқуқии он, супоришҳои мушаххас дода мешавад. Чи тавре дар паёми навбатӣ зикр намуданд: “Ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар сиёсати давлати Тоҷикистон мақоми хос дошта, барои дастгирии соҳаҳои иҷтимоӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ҳамасола зиёд карда мешавад”[1].

Барои дастгирии соҳаҳои иҷтимоӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии корманд музди меҳнат маҳсуб ёфта, қисми асосии даромади шахсӣ ва баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии худи корманд ва оилаи ӯ мебошад. Аз ин рӯ, нақши ҳавасмандгардонии музди меҳнат дар беҳтар намудани натиҷаҳои меҳнат барои зиёд намудани андозаи музди меҳнат мебошад.

Барои корфармо бошад музди меҳнати кормандон маблағест, ки барои истифодаи меҳнати кироя сарф мешавад, ки яке аз ҷузъҳои асосии хароҷоти арзиши маҳсулот ва хизматрасониҳои истеҳсолшударо ташкил медиҳад.

Баҳри баланд бардоштани ҳавасмандии кормандон ва афзун намудани самаранокии

истеҳсолот ва беҳтар намудани сифати маҳсулот, кор ва хизматрасонӣ, истифода бурдани низоми пардохти музди меҳнат мавқеи муҳимро ишғол менамояд, ки он бо Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМ ҶТ) ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалӣ мегардад.

Тибқи сархати 40 моддаи 1 КМ ҶТ музди меҳнат – маҷмӯи подошҳои бо воҳиди пулӣ ҳисобкардашудае, ки корфармо уҳдадор аст онҳоро ба корманди кироя барои корҳои амалан иҷрошуда, ҳамчунин барои он муддате, ки ба вақти корӣ дохил мешавад, пардохт намояд.

Яъне, дар робита ба мафҳуми зикргардида, музди меҳнатро ба таври зерин метавон таъриф намуд: музди меҳнат – ин элементи даромади корманди кироя, шакли иқтисодӣ-иҷтимоии дар амал ҷорӣ намудани захираи иқтидори меҳнати ӯ мебошад.

Мутобиқи муқаррароти моддаи 1 Конвенсияи ТБМ №95 аз 1 июли соли 1949 «Дар бораи ҳифзи музди меҳнат», музди меҳнат новобаста аз ном ва усули ҳисобкунӣ, ҳар гуна подош ва ҳамагуна даромаде мебошад, ки бо пул ҳисобӣ шуда, бо қонунҳои миллӣ ва ё бо созишномаҳо муқаррар гардида, мувофиқи шартномаи хаттӣ ва ё шифоҳии кирояи корфармо бо корманд барои коре, ки иҷро мешавад ё бояд иҷро шавад, ё барои хидмате, ки анҷом дода мешавад ва ё бояд иҷро шавад, пардохт карда мешавад[2].

Тибқи моддаи 35 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар кас ба меҳнат, интихоби озодонаи касбу кор, ҳифзи меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ, ба музд ба андозаи на камтар аз ҳадди ақали музди меҳнат ҳуқуқ дорад. Моддаи мазкур манъ будани ҳама гуна маҳдудият дар муносибатҳои меҳнатӣ, ҳуқуқ ба музди баробар барои иҷрои кори якхела, манъ будани меҳнати занон ва ноболиғон дар корҳои вазнин, зеризаминӣ ва шароиташон зарарнокро эълон доштааст.

Мутобиқи муқаррароти сархати панҷуми қисми 1 моддаи 18 КМ ҶТ, ки сухан дар бораи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои асосии корманд меравад, корманд ҳуқуқ ба сари вақт ва дар ҳаҷми пурра гирифтани музди меҳнатро тибқи шартҳои созишнома, шартномаҳои коллективӣ ва шартномаи меҳнатӣ дорад .

Тибқи муқаррароти сархати панҷуми қисми 2 моддаи 19 бошад, ки сухан дар бораи уҳдадориҳои асосии корфармо меравад, сари вақт ва дар ҳаҷми пурра ба корманд музди меҳнат ва дигар иловапулиҳоро, ки КМ ҶТ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартномаи меҳнатӣ, созишнома ва шартномаҳои коллективӣ, санадҳои корфармо пешбинӣ намудаанд, пардохт намояд.

Мутобиқи муқаррароти сархати ҳафтодудуюми моддаи 1 ва моддаи 20 КМ ҶТ, ки сухан дар бораи мафҳум ва мавзӯи шартномаи меҳнатӣ меравад, мавзӯи шартномаи меҳнатиро муносибатҳои меҳнатии байни корманд ва корфармо ташкил менамояд, ки мувофиқи он корманд корро (уҳдадориро) аз рӯи як касб, якчанд касби муайян, ихтисос ё вазифа (мансаб) бо дараҷаҳои дахлдор, бо риояи тартиботи дохилии меҳнат иҷро менамояд ва корфармо шароити меҳнатро муҳайё намуда, ба корманд сари вақт ва пурра музди меҳнат ва дигар пардохтҳоеро, ки Кодекси мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартномаи меҳнатӣ, созишнома ва шартномаҳои коллективӣ, созиши тарафҳо муайян намудаанд, таъмин менамояд.

Қисми 1 моддаи 140 КМ ҶТ муқаррар намудааст, ки корфармо уҳдадор аст, ки сарфи назар аз вазъи молиявӣ ба корманд барои кори тибқи шартномаи меҳнатӣ иҷронамудааш музди меҳнатро пардохт намояд.

Мутобиқи қисми 2 моддаи 140 КМ ҶТ табъиз дар пардохти музди меҳнат манъ аст. Корфармо уҳдадор аст ба корманд барои иҷрои кори баробарарзиш музди меҳнати якхела диҳад. Ба зарари корманд тағйир додани шарту шароити пардохти музди меҳнат манъ аст.

Тибқи қисми 3 моддаи 140 КМ ҶТ андозаи музди меҳнат, ки тарафҳо бо шартномаи меҳнатӣ муайян кардаанд, аз андозаи ҳадди ақали музди меҳнат камтар буда наметавонад.

Дар робита ба меъёрҳои муқарраргардида, ҳаминро бояд тазаккур дод, ки корфармо вазифадор аст дар пардохт намудани музди меҳнат ба табъиз роҳ надиҳад, пардохти музди меҳнатро бо дарназардошти касбу кор, ихтисос ё вазифаи ишғолнамудаи корманд анҷом диҳад ва барои саривақт пардохтани музди меҳнат масъул буда, ба таъхир андохтани онро надорад.

Зимни таъмини ҳуқуқи кормандон ба пардохти саривақтӣ ва пурраи музди меҳнат, ба кафолатҳои музди меҳнат аз ҷониби давлат диққати махсус дода мешавад.

Моддаи 141 КМ ҶТ кафолати давлатӣ оид ба пардохти музди меҳнати кормандонро муқаррар намудааст, ки дар қисми 1 он низоми кафолати давлатӣ оид ба пардохти музди меҳнати кормандонро номбар намудааст.

Мутобиқи қисми 3 моддаи 141 КМ ҶТ, ки сухан дар бораи кафолати давлатӣ оид ба пардохти музди меҳнати кормандон меравад, кафолати

давлатӣ оид ба пардохти музди меҳнат ба кормандоне, ки бо корфармо дар муносибатҳои меҳнатӣ қарор доранд, алоқаманд мебошад.

Дар Конститутсияи ҶТ ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд ва баробарии ҳамаро дар назди қонун ва суд муқаррар намудааст.

Мутобиқи меъёри муқаррарнамудаи моддаи 19 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳар кас кафолати ҳифзи судӣ дорад. Аз ин рӯ, дар робита ба мафҳуму меъёрҳои дар боло зикргардида, ҳаминро бояд тазаккур дод, ки ба талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, шахсоне, ки нисбаташон дар муносибатҳои меҳнатӣ ба табъиз ва таъхири музди меҳнат роҳ дода шудааст, ҳуқуқ доранд бо аризаи даъвогӣ ба суд мурочиат намоянд. Дар мавриди собит шудани поймолкунии ҳуқуқҳои меҳнатии аризадиҳанда ҷиҳати табъиз, таъхир, ва напардохтани музди меҳнат, санади дахлдори судӣ қабул карда мешавад.

Тибқи муқарраротҳои Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани меъёрҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат ҳангоми баррасии баҳсҳои меҳнатии фардӣ” аз 12.11.2021, №1[3], барои шахсе, ки ба табъиз ва таъхири музди меҳнат роҳ дода шудааст, бевосита дар судҳо баррасӣ ва ҳал карда мешаванд.

Кафолати давлатии навбатӣ ин масъулияти корфармоён барои вайрон намудани талаботи меъёрҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ оид ба меҳнат ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дорои меъёрҳои ҳуқуқӣ оид ба меҳнат, созишномаҳо, шпртномаҳои коллективӣ ва шартномаи меҳнатӣ маҳсуб мебошад.

Меъёрҳои танзимкунандаи тартиби умумӣ ва муҳлати пардохти музди меҳнат дар моддаҳои 147 ва 158 КМ ҶТ ҳамчун талабот нисбати корфармоён барои иҷрои уҳдадориҳои асосии худ оид ба пардохти саривақтии музди меҳнати кормандон, ифода ёфтаанд.

Вайронкуниҳои сершумори муҳлатҳои пардохти музди меҳнат, мутаассифона, то имрӯз идома доранд, барои пешгирии ин қонуншиканиҳо, бахусус тақвияти масъулияти корфармоён тадбирҳои муассиртарро талаб мекунанд. Чунин масъулият барои таъхири музди меҳнат ба кормандон ва дигар вайронкориҳои музди меҳнат барои корфармо ва (ё) намояндагони ваколатдори ӯ дар моддаи 158 КМ ҶТ пешбинӣ шудаанд.

Корфармо барои таъхир дар пардохти музди меҳнат тибқи қисми 5 моддаи 158 КМ ҶТ дар назди корманд масъулияти молиявӣ дорад. Агар музди меҳнат бо гуноҳи корфармо аз муҳлати муқарраргардида дертар пардохт карда шавад, ӯ уҳдадор аст ба андозаи нархи баҳраи бонкӣ, ки дар маҳалли иҷрои кор дар рӯзи пардохти маош мавҷуд аст, барои ҳар рӯзи таъхири пардохти маош маблағи иловагӣ диҳад. Тартиби ҳисоби музди иловагӣ бо дастуруламал дар бораи пардохти музди меҳнати иловагӣ ба кормандон дар мавриди бо айби корфармо ба таъхир афтодани пардохти музди меҳнат ки бо Фармоиши якҷояи Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон аз 25.12.2008, №75 тасдиқ шудааст, муайян гардидааст[4].

Вобаста ба ин ҳаминро қайд кардан бомаврид аст, ки масъулияти моддии корфармо барои ба таъхир андохтани пардохти музди меҳнат на танҳо ҷуброни музди меҳнати корманд, балки пардохти фоизҳои иловагиро (ҷуброни пулӣ) низ дар бар мегирад.

Дар мавриди аз ҷониби корфармо пардохт нашудани музди меҳнат, роҳбари корхона, муассиса ё ташкилот ба ҷавобгарии ҷиноятӣ низ кашида мешавад.

Тибқи моддаи 153(1) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КҶ ҶТ) аз ҷониби корфармо, роҳбари корхона, муассиса ё ташкилот новобаста аз шакли моликияташон зиёда аз ду моҳ напардохтани музди меҳнат, нафақа, стипендия, ёрдампулӣ ё дигар пардохтҳои бо қонун муқарраргардида, агар ин кирдор бо ғараз ё дигар манфиатҳои шахсӣ содир шуда бошад, бо ҷарима ба андозаи аз дусад то панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба муҳлати то панҷ сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад[5].

Меъёри мазкур ҳануз ба КҶ ҶТ бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба КҶ ҶТ» аз 17 майи соли 2004, №35 ворид карда шудааст. Ҳадафи моддаи 153(1) КҶ ҶТ барои ҳаматарафа ҳифз намудани ҳуқуқу манфиатҳои инсон, ки ҳамчун арзиши олӣ эълон карда шудааст, равона карда шудааст.

Объекти ин ҷиноят муносибатҳои ҷамъиятие, ки байни корфармо ва кормандон оид ба пардохти мӯзди меҳнат ҷой доранд, мебошанд.

Тарафи объективии ин ҷиноят дар напардохтани мӯзди меҳнат, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидаанд ифода мегардад, ки дар мақолаи мазкур номбар шудаанд.

Бояд тазаккур дод, ки на танҳо пардохт нашудани музди меҳнат, инчунин, ёрдампулӣ ва дигар пардохтҳои бо қонун муқарраргардида дохил мешаванд.

Ба сифати ёрдампулӣ ва дигар пардохтҳои бо қонун муқарраргардида, кумакпулиҳо дар ҳолатҳои корношоямии муваққатӣ, ҳомиладорӣ, таваллуд, бесаробон мондани оила, барои собиқаи корӣ, коэффисентҳои ноҳиявӣ ва иловапулиҳо, пардохти изофакорӣ, корӣ дар рӯзҳои истироҳатӣ ва ид ва ғайра дохил мешаванд.

Шарти асосии ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахси гунаҳкор – ин дар муддати зиёда аз ду моҳ напардохтани мӯзди меҳнат, нафақа, стипендия, ёрдампулӣ ё дигар пардохтҳои бо қонун муқарраргардида мебошад.

Тарафи субъективии ҷиноят бошад, дар қасди бевоситаи шахс ифода мегардад, чунончи, ангеза, ғараз, манфиати шахсӣ ва ғайра.

Ғараз дар бадаст овардани фоидаи моддии ғайриқонунӣ ифода мегардад, ки агар тарафи субъективии ҷиноят дар қасди бевоситаи шахс дар мавриди аз ҷониби корфармо беш аз ду моҳ пардохт нашудани музди меҳнат ифода гардад, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад.

Ҳаминро қайд кардан лозим аст, ки мафҳуми ҷиноят ва ҷиноятҳои бо мақсадҳои ғаразнок содиршаванда дар КҶ ҶТ муайян шудаанд, масалан, тасарруф, азонихудкунӣ ё исрофкорӣ (моддаи 245 ва ғайра).

Мутобиқи қисми 7 моддаи 57 КҶ ҶТ, ки сухан дар бораи мусодираи молу мулк меравад, барои содир намудани ҷинояти дар моддаи 153(1) КҶ ҶТ дар мавриди аз ҷониби корфармо беш аз ду моҳ пардохт нашудани музди меҳнат агар ҷиноят бо ғараз содир шуда бошад суд метавонад мусодираи пурраи молу мулкро ҳамчун ҷазои иловагӣ таъин намояд.

Молу мулки дар қисми 1) моддаи 57 зикргардида, ки аз ҷониби шахси гунаҳгор ба дигар шахс (ташкилот) дода шудааст, дар он ҳолат мусодира мегардад, ки агар шахси ин молу мулкро қабулнамуда медонист ё бояд медонист, ки он дар натиҷаи ҳаракатҳои ҷиноятӣ ба даст оварда шудааст.

Ангеза аломати ҳатмии ин ҷиноят ба шумор рафта, аз нияти ғаразнокӣ ва ё дигар манфиатҳои шахсӣ иборат мебошад.

Манфиати шахсӣ бошад дар мансабпарастӣ, бадбинӣ, қасосгирӣ ва ғайра ифода мегардад.

Субъект – махсус, яъне, корфармо, роҳбарони корхона, муассиса ё ташкилот, ки ҳуқуқи пешбурди хоҷагидорӣ ё ҳуқуқи идораи оперативии молу мулки мансуб ба моликияти давлатӣ ва ғайридавлатиро доранд.

Чи тавре дар боло зикр гардид, моддаи 153(1) ҳануз ба КҶ ҶТ бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба КҶ ҶТ» аз 17 майи соли 2004, №35 ворид карда шуда, ба он танҳо як маротиба, яъне бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.07.2010, № 422 тағйироту иловаҳо ворид гардидааст.

Бинобар ин, пешниҳод мешавад, ки барои таъмини пардохти музди меҳнат, нафақа, стипендия, ёрдампулӣ ё дигар пардохтҳои бо қонун муқарраргардида моддаи 153(1) таҳдиди назар карда шавад.

Зеро, ки дар ин давра тарафи субъективии ҷиноят дар муносибатҳои напардохтани музди меҳнат, нафақа, стипендия, ёрдампулӣ ё дигар пардохтҳои бо қонун муқарраргардида дар амалия баръало ба назар мерасад.

Ҳаминро бояд тазаккур дод, ба таъхир андохтани муҳлатҳои пардохти музди меҳнат на танҳо ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, инчунин тибқи меъёрҳои муқаррарнамудаи дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла, Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии маъмурӣ(минбаъд КҲМ ҶТ), Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Кодекси мадании ҶТ), ба ҷавобгарии маданӣ кашида мешавад.

Мутобиқи талаботи моддаи 134 КҲМ ҶТ, ки сухан дар бораи саривақт напардохтани музди меҳнат, нафақа, идрорпулӣ, кӯмакпулӣ, ҷубронпулӣ ва дигар пардохтҳои иҷтимоӣ меравад, барои саривақт напардохтани музди меҳнат, нафақа, идрорпулӣ, кумакпулӣ, ҷубронпулӣ ва дигар пардохтҳои иҷтимоӣ ҳангоми набудани аломатҳои таркиби ҷиноят, ба шахсони масъул ба андозаи аз бист то сӣ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад (қ. 1 м. 134 КҲМ ҶТ).

Барои баъди таъини ҷазои маъмурӣ дар давоми як сол такроран содир намудани кирдоре, ки дар қисми якуми ҳамин модда пешбинӣ шудааст,ба шахсони масъул ба андозаи аз панҷоҳ то сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад (қ. 2 м. 134 КҲМ ҶТ)[6].

Мутобиқи қисми 1 моддаи 1193 Кодекси мадании ҶТ [7], ки сухан дар дар бораи ҷавобгарии шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ барои зарареро, ки корманди он расондааст меравад, шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ зарареро, ки корманди он ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои меҳнатӣ (хизматӣ, мансабӣ)-и худ расондааст, ҷуброн менамояд.

Вобаста ба муқаррароти Кодекси мадании ҶТ оид ба уҳдадориҳо бинобар расондани зарар, кормандон шахсони воқеие эътироф карда мешаванд, ки корҳоро дар асоси шартномаи меҳнатӣ (қарордод), инчунин дар асоси шартномаи ҳуқуқии маданӣ ба ҷо меоранд, агар дар ин маврид онҳо тибқи супориш ё таҳти назорати шахси дахлдори ҳуқуқӣ, ё ин ки шахси воқеии барои пешбурди бехатари корҳо ҷавобгар амал кардаанд ё мебоист амал кунанд (қ. 2 м. 1193 Кодекси мадании ҶТ).

Ширкатҳои хоҷагидорӣ ва кооперативҳои тиҷоратӣ зарареро, ки иштирокдорон (узв)-и он ҳангоми аз ҷониби охирин анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ, истеҳсолӣ ё фаъолияти дигари ширкат ё кооператив расондаанд, ҷуброн менамоянд (қ. 3 м. 1193 Кодекси мадании ҶТ).

Хулоса, дар шароити иқтисоди бозорӣ музди меҳнат манфиатҳои асосӣ ва бевоситаи кормандон, корфармоён ва умуман давлатро ифода мекунад.

Бинобар ин, дарёфт намудани механизми ба ҳамдигар амалӣ ва риояи манфиатҳои шарикии сетарафаи зикргардида, яке аз шартҳои асосии фоидабахши тараққиёти истеҳсолот буда, предмети функсияи идоракунии муносибатҳои меҳнатӣ ва хусусан музди меҳнат мебошад.

УГОЛОВНАЯ И ИНЫЕ ВИДЫ ОТВЕТСТВЕННОСТИ ЗА ЗАДЕРЖКУ СРОКОВ ВЫПЛАТЫ ЗАРАБОТНОЙ ПЛАТЫ

Ключевые слова: заработная плата, минимальная заработная плата, несвоевременная выплата заработной платы, уголовная ответственность, гражданско-правовая ответственность, административная ответственность, материальная ответственность, работодатель, руководитель организации, своевременная выплата, гарантия судебной защиты.

Аннотация. В статье рассматриваются правовые вопросы ответственности за просрочку сроков выплаты заработной платы. В нем подробно и теоретически обоснованно изложены вопросы уголовной, гражданско-правовой, административной и материальной ответственности за задержку выплаты заработной платы. По результатам исследования становится ясно, что автор выразил стремление реализовать коренные и прямые интересы работников, работодателей и государства в целом. Также в процессе исследования исследователем были использованы действующие нормативно-правовые акты Республики Таджикистан и международные акты. По результатам исследования автор предлагает внести изменения в статьи 153 (1), обеспечивающие выплату заработной платы, пенсий, стипендий, пособий и иных установленных законодательством выплат.

Бобокалон Гаиб Мерган **–** начальник отдела трудового, миграции и социального защиты Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан, доцент кафедры предпринимательского и коммерческого права юридического факультета Таджикского национального университета. E-mail: bgoib@mail.ru, Тел.: (+992) 907-94-87-73.

CRIMINAL AND OTHER TYPES OF LIABILITY FOR DELAY IN PAYMENT OF WAGES

Key words: wages, minimum wages, late payment of wages, criminal liability, civil liability, administrative liability, financial liability, employer, head of the organization, timely payment, guarantee of judicial protection.

Annotation. The article examines the legal issues of liability for late payment of wages. It presents in detail and theoretically substantiated the issues of criminal, civil, administrative and financial liability for late payment of wages. Based on the results of the study, it becomes clear that the author expressed a desire to realize the fundamental and direct interests of employees, employers and the state as a whole. Also, in the process of research, the researcher used the current regulatory legal acts of the Republic of Tajikistan and international acts. Based on the results of the study, the author proposes to amend Article 153 (1), ensuring the payment of wages, pensions, scholarships, benefits and other payments established by law.

Bobokalon Gaib Mergan **–** Head of the Department of Labor, Migration and Social Protection of the National Center for Legislation under the President of the Republic of Tajikistan, Associate Professor of the Department of Entrepreneurial and Commercial Law of the Law Faculty of the Tajik National University, E-mail: bgoib@mail.ru, Tel.: (+992) 907-94-87-73.

Руйхати адабиёт:

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ. Аз 28.12.2024 12.26 шаҳри Душанбе. / [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/content/паёми-президенти-ҷумҳурии-тоҷикистон-муҳтарам-эмомалӣ-раҳмон-«дар-бораи-самтҳои-асосии. (санаи мурочиат 24.02.2025).

2. Конвенция N 95 Международной организации труда (с изм. от 23.06.1992) "Относительно защиты заработной платы" (принята в г. Женева 01.07.1949) / [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://legalacts.ru/doc/konventsija-n-95-mezhdunarodnoi-organizatsii-truda-otnositelno/(санаи мурочиат 24.02.2025).

3. Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/?PAGEN _1=3; https://sud.tj upload/iblock/417/4170f6a93cfd096c885783a3e9bcdaf1.pdf (санаи мурочиат 07.03.2025).

4. Шонасридинов Н., Бобокалон Ғ.М., Маҳмадуллозода Н.Р. Тафсири Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нашри чоруми тасҳеҳ ва иловашуда. –Душанбе: Нашриёти ҶДММ «Мастер Принт». 2022. – 876 с.

5. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.1998, №9, мод.68 – с.2020 №12, мод. 904; Қонуни ҶТ аз 19.05.2009 № 513 – аз 20.06.2024 № 2050.

6. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2008, №12, қ.1, мод.989 – с.2020,№12, мод. 900, мод.901; Қонуни ҶТ аз 19.05.2009 № 513 – аз 20.06.2024 № 2051.

7. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2022, №12, қисми 2, мод. 757; Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. / [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: www.adlia.tj (санаи мурочиат: 10.03.2025).

Список литературы:

1.Послание Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона об основных направлениях внутренней и внешней политики республики. От 28.12.2024 г. 12.26 г. Душанбе. / [Электронный ресурс]. Источник доступа: https://mmk.tj/content/payomi-prezidenti-djumhurii-tajikiston-muhtaram-emomali-rahmon-«dar-borai-samthoi-asosii. (дата подачи заявки 24.02.2025).

2. Конвенция №95 Международной организации труда (с изменениями от 23 июня 1992 г.) «Об охране заработной платы» (принята в Женеве 1 июля 1949 г.) / [Электронный ресурс]. Источник доступа: https://legalacts.ru/doc/konventsija-n-95-mezhdunarodnoi-organizatsii-truda-otnositelno/(дата обрашения 24.02.2025).

3. Постановления Пленума Верховного суда Республики Таджикистан [Электронный ресурс]. Доступный источник: https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/?PAGEN_1=3; https://sud.tj upload/iblock/417/4170f6a93cfd096c885783a3e9bcdaf1.pdf (дата обращения 07.03.2025).

4. Шонасридинов Н., Бобокалон Г.М., Махмадуллозода Н.Р. Комментарие Трудового кодекса Республики Таджикистан. Четвертое исправленное и дополненное издание. –Душанбе: Издательский дом ООО «Мастер Принт». 2022. – 876 с.

5. Ахбор Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 1998 г., № 9, ст. 68 – 2020 г., № 12, ст. 904; Закон Республики Таджикистан от 19.05.2009 г. № 513 – от 20.06.2024 г. № 2050.

6. Ахбор Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2008 г., № 12, вып. 1, ст. 989 – 2020 г., № 12, ст. 900, позиция 901; Закон Республики Таджикистан от 19.05.2009 г. № 513 - от 20.06.2024 г. № 2051.

7. Ахбор Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2022, № 12, часть 2, ст. 757; Централизованная информационная база данных по правовым вопросам Республики Таджикистан «Адлия». Форма 7.0. / [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: http: www.adlia.tj (дата доступа: 10.03.2025).

List of literature:

1. Message of the President of the Republic of Tajikistan, respected Emomali Rahmon, on the main directions of the domestic and foreign policy of the republic. From 12/28/2024, 12:26 amended in Dushanbe. / [Electronic resource]. Access source: https://mmk.tj/content/payomi-prezidenti-djumhurii-tajikiston-muhtaram-emomali-rahmon-«dar-borai-samthoi-asosii. (application date 02/24/2025).

2. International Labor Organization Convention No. 95 (as amended on June 23, 1992) "On the Protection of Wages" (adopted in Geneva on July 1, 1949) / [Electronic resource]. Access source: https://legalacts.ru/doc/konventsija-n-95-mezhdunarodnoi-organizatsii-truda-otnositelno/(date of access 02/24/2025).

3. Resolutions of the Plenum of the Supreme Court of the Republic of Tajikistan [Electronic resource]. Available source: https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/?PAGEN_1=3; https://sud.tj upload/iblock/417/4170f6a93cfd096c885783a3e9bcdaf1.pdf (date of access 03/07/2025).

4. Shonasridinov N., Bobokalon G.M., Makhmadullozoda N.R. Commentary on the Labor Code of the Republic of Tajikistan. Fourth revised and supplemented edition. – Dushanbe: Publishing house OOO Master Print. 2022. – 876 p.

5. Akhbor Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, 1998, No. 9, Art. 68 – 2020, No. 12, Art. 904; Law of the Republic of Tajikistan dated 19.05.2009 No. 513 – dated 20.06.2024 No. 2050.

6. Akhbor Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, 2008, No. 12, issue 1, Art. 989 – 2020, No. 12, Art. 900, position 901; Law of the Republic of Tajikistan from 19.05.2009 No. 513 - from 20.06.2024 No. 2051.

7. Akhbor Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, 2022, No. 12, part 2, art. 757; Centralized information database on legal issues of the Republic of Tajikistan "Adlia". Form 7.0. / [Electronic resource]. Access source: URL: http: www.adlia.tj (access date: 10.03.2025).

12.00.06 – ҲУҚУҚИ ЗАМИН; ҲУҚУҚИ САРВАТҲОИ ТАБИЙ; ҲУҚУҚИ ЭКОЛОГӢ; ҲУҚУҚИ КИШОВАРЗӢ
12.00.06 – ЗЕМЕЛЬНОЕ ПРАВО; ПРИРОДОРЕСУРСНОЕ ПРАВО; ЭКОЛОГИЧЕСКОЕ ПРАВО; АГРАРНОЕ ПРАВО
12.00.06 – LAND LAW; NATURAL RESOURCE LAW; ENVIRONMENTAL LAW; AGRICULTURAL LAW

УДК: 575.3
Одиназода Шоҳрух Хисрав,
сардори шуъбаи қонунгузории кишоварзӣ, истифодаи сарватҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зисти Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
Тел.: (+992) 931100440.
E-mail: shohrukh_odinazoda@bk.ru

ЭКСПЕРТИЗАИ ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН “ДАР БОРАИ ХОҶАГИИ ЁРИРАСОНИ ШАХСӢ”: ҶАНБАҲОИ ИЛМӢ-ҲУҚУҚӢ ВА АМАЛӢ

Калидвожаҳо: қонунгузории замин; қонунгузории кишоварзӣ; хоҷагии ёрирасони шахсӣ; хоҷагии ёрирасон; танзими ҳуқуқӣ; ташкил ва нигоҳдории хоҷагии ёрирасон; экпертиза; таҳлил; ҷанбаҳои илмӣ; асосҳои ҳуқуқӣ; масъалаҳои амалӣ.

Аннотатсия: Дар мақолаи мазкур аз ҷониби муаллиф Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ” мавриди экспертизаи илмӣ-ҳуқуқӣ қарор дода шуда, бобати такмили муқаррароти Қонуни мазкур якчанд таклифҳои асоснок манзур карда шудааст. Зикр гардидааст, ки ҳарчанд, вобаста ба танзими муносибатҳо дар самти пешбурди фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ ду маротиба қонунҳои махсус қабул гардида бошад, ҳам таҳлилу омӯзиши муқаррароти Қонуни мазкур низ нишон медиҳад, ки баъзе масъалаҳои мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор гирифта, ба такмил ниёз доранд. Бо ин назардошт, таҳлили муаллиф дар асоси нуктаҳои назари дар адабиёти илмӣ баёнгардида, муқаррароти қонунгузорӣ ва таҷрибаи амалӣ сурат гирифтааст.

Асоснокӣ ва мубрамият. Хоҷагии ёрирасони шахсӣ яке аз субъекти мустақили соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб рафта, самти асосии фаъолияти он истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ бо мақсади қонеъ намудани талаботи аъзои хоҷагии ёрирасони шахсӣ ба озуқаворӣ ва эҳтиёҷоти дигар мебошад. Дар айни замон хоҷагии ёрирасони шахсӣ яке аз шаклҳои маъмули фаъолияти кишоварзии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – ҶТ) буда, фаъолияти иқтисодии аҳолии деҳотро тавсиф мекунад. Мавҷудият ва рушди хоҷагии ёрирасони шахсӣ дар кишвар ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ мусоидат менамояд [1, с. 80].

Бобати танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти ташкил ва пешбурди фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ дар низоми қонунгузории мамлакат ду маротиба қонунҳои махсуси соҳавӣ қабул карда шудааст. Аз ҷумла, Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» аз 8 декабри соли 2003, №47 [2] ва қонуни амалкунанда бошад, Қонуни ҶТ “Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ” аз 19 июли соли 2022, №1891 [3] қабул гардидааст.

Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» аз 8 декабри соли 2003, №47 [2] санади меъёрии ҳуқуқие ба ҳисоб мерафт, ки асосҳои ҳуқуқии ташкил ва пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсиро аз тарафи шаҳрвандон ва ҳамчунин чораҳои аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ дастгирӣ кардани онҳоро муайян карда, ба шаҳрвандони ҶТ ҳуқуқи ташкил кардани хоҷагии ёрирасони шахсӣ, мустақилияти хоҷагӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандонеро, ки дорои хоҷагии ёрирасони шахсӣ мебошанд, кафолат медод. Қонуни мазкур аз 7 боб ва 21 модда иборат буд.

Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» аз 19 июли соли 2022, №1891 муносибатҳои ҷамъиятиро вобаста ба ташкил, пешбурд, рушд ва қатъи фаъолияти хоҷагиҳои

ёрирасони шахсӣ танзим менамояд, ки аз аз 6 боб ва 21 модда иборат мебошад. Қонуни мазкур санади меъёрии ҳуқуқиест, ки асосҳои ҳуқуқии ташкил ва пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсиро аз тарафи шаҳрвандон ва ҳамчунин чораҳои аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ дастгирӣ кардани онҳоро муайян карда, ба шаҳрвандони ҶТ ҳуқуқи ташкил кардани хоҷагии ёрирасони шахсӣ, мустақилияти хоҷагӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандонеро, ки дорои хоҷагии ёрирасони шахсӣ мебошанд, кафолат медиҳад.

Ҳарчанд, вобаста ба танзими муносибатҳо дар самти пешбурди фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ ду маротиба қонунҳои махсус қабул гардида бошад, ҳам таҳлилу омӯзиши муқаррароти Қонуни мазкур низ нишон медиҳад, ки баъзе масъалаҳои мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор гирифта, ба такмил ниёз доранд.

Масъалаи якум: Яке аз навгониҳои муҳиму аввалиндараҷаи Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» аз 19 июли соли 2022, №1891 [3] ин пешбинӣ намудани муқаддимаи қонун, ки дар он мақсад, мавзуъ ва вазифаҳои қонун пешбинӣ мегарданд, ба шумор меравад. Бояд қайд намуд, ки мақсад ва доираи амали санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар муқаддимаи онҳо муайян карда мешавад. Муқаддима қисми таркибии санади қонунгузорӣ буда, дар он мақсади қабул кардани санади қонунгузорӣ, мавзуъ ва вазифаҳои асосии он инъикос карда мешавад. Дар моддаи 43 Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 30 майи соли 2017, №1414 [4] тартиби ифодаи таркиби санади меъёрии ҳуқуқӣ ба таври зайл муайян карда шудааст: «таркиби санади қонунгузорӣ метавонад аз муқаддима, қисм, фасл, зерфасл, боб, параграф, модда, қисм дар модда, банд ва сархат иборат бошад».

Дар қисми муқаддимавии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ одатан асосҳои назариявӣ ва ё мақсади санади меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар карда мешавад. Ҳамчунин, муқаддима аҳаммияти муҳими назариявӣ-амалӣ дорад, зеро дар муқаддима доираи муайяни муносибатҳои ҷамъиятие пешбинӣ карда мешаванд, ки амали санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба онҳо паҳн мегардад [5, с. 14].

Қобили зикр аст, ки дар Қонуни пештар амалкунанда, Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» аз 8 декабри соли 2003, №47 [2] дар фарқият аз дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мақсад ва доираи амали Қонуни мазкур на дар муқаддима, балки дар моддаи алоҳида пешбинӣ гардида буд. Дар моддаи 1 Қонуни пештар амалкунанда доираи муносибатҳое муқаррар гардида буданд, ки мавзуи батанзимдарории Қонуни мазкурро ташкил медоданд. Аз ҷумла:

– асосҳои ҳуқуқии ташкил ва пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ аз тарафи шаҳрвандон;

– чораҳои аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ дастгирӣ кардани хоҷагии ёрирасони шахсӣ [6, с. 125].

Дар баробари ин, Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» аз 19 июли соли 2022, №1891 [3] муайянкунии масъалаҳои мазкурро дар доираи муқаддима пешбинӣ намудааст. Тибқи он, Қонуни мазкур муносибатҳои ҷамъиятиро вобаста ба ташкил, пешбурд, рушд ва қатъи фаъолияти хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ танзим менамояд. Аз ин ҷо бармеояд, то андозае мавзуи танзими масъалаи мавзуи қонун дар муқаддима дарҷ ёфтааст.

Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» аз 19 июли соли 2022, №1891 [3] дар низоми санадҳои қонунгузорӣ ягона санади меъёрии ҳуқуқие мебошад, ки ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ медиҳад, ки хоҷагии ёрирасони шахсӣ ташкил намоянд ва роҳҳои татбиқи ин ҳуқуқ, мустақилияти хоҷагидории хоҷагии ёрирасони шахсӣ ва ҳуқуқҳои шаҳрвандоне, ки дорои хоҷагии ёрирасони шахсӣ мебошанд, танзим намудааст. Қонуни мазкур имконият медиҳад, ки дар ҶТ ташкил ва фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ ба низоми муайян дароварда шуда, хоҷагии ёрирасони шахсӣ дар кишвар ба як низоми муътадил рушд карда, тавассути фаъолияти хоҷагидории худ дар истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзии ватанӣ саҳмгузор гарданд.

Муқаддима ё моддаи алоҳидаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки мавзуи батанзимдарории онро муайян менамояд бояд муайякунандаи доираи тамоми муносибатҳои ҷамъиятие бошад, ки аз ҷониби санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзим карда мешавад, зеро ин қисми санади меъёрии ҳуқуқӣ муайян мекунад, ки доираи амали ин санад ба кадом муносибатҳои ҷамъиятӣ паҳн мегардад. Номукаммалии муқаддима ё моддаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба мавзуи батанзимдарории он ба доираи татбиқи он ба муносибатҳои ҷамъиятӣ халал мерасонад. Аз ин лиҳоз, дар қисмати муқаддимавӣ ё моддаи алоҳидаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бояд тамоми муносибатҳои ҷамъиятие бошад, ки ба доираи амали ин санад дохил мегарданд, ба таври мушаххас ва пурра пешбинӣ карда шавад.

Аз таҳлили пурраи Қонуни мазкур бармеояд, ки дар он мақсад, мавзуъ ва вазифаҳои қонун пурра танзим нагардидаанд. Бинобар ин,

муқаддимаи Қонуни мазкур номукаммал буда, бояд дар он мақсад ва вазифаҳои батанзимдарории Қонуни мазкур низ пурра пешбинӣ карда шаванд.

Таклиф: Бо дарназардошти таҳлилҳои зикршуда мувофиқи мақсад аст, ки муқаддимаи Қонуни мазкур такмил дода шуда, ба мазмуни зайл ифода карда шавад: **«Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иқтисодии фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсиро бо мақсади кафолати ҳуқуқи шаҳрвандон ба ташкили хоҷагии ёрирасони шахсӣ, таъмини мустақилияти хоҷагидорӣ ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандони дорои хоҷагии ёрирасони шахсӣ ба танзим медарорад»** ё **«Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иқтисодии фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсиро муайян намуда, ба фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди фаъолияти хоҷагидории мазкур равона шудааст».**

Масъалаи дуюм: Дигар масъалаи муҳимро дар ин ҷода ба таври мукаммалу мушаххас пешбинӣ намудани мафҳуми хоҷагии ёрирасони шахсӣ ташкил менамояд. Мувофиқи қисми 1 моддаи 3 Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» аз 8 декабри соли 2003, №47 [2] хоҷагии ёрирасони шахсӣ хоҷагие пешбинӣ гардида буд, ки бо меҳнати шахсии шаҳрванд ва аъзои оилаи ӯ бо мақсади истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва қонеъ гардонидани талаботи худ бо озуқаворӣ ва эҳтиёҷоти дигар пеш бурда мешавад.

Тибқи муқаррароти қисми якуми моддаи 1 Қонуни амалкунанда бошад, чунин мафҳуми хоҷагии ёрирасони шахсӣ пешбинӣ гардидааст: **х**оҷагии ёрирасони шахсӣ шакли фаъолияти ғайрисоҳибкории мустақилонаи шаҳрванд ё бо ҷалби аъзои оила ва (ё) дигар шаҳрвандон барои истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ мебошад, ки дар қитъаҳои замини барои пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ додашуда ва (ё) бадастоварда ҷиҳати қонеъ гардонидани талаботи шахсӣ амалӣ карда мешавад.

Аз мафҳуми додашуда чунин хусусиятҳои муҳими хоҷагии ёрирасони шахсиро ҷудо намудан мумкин аст:

а) хоҷагии ёрирасони шахсӣ шакли фаъолияти ғайрисоҳибкории мустақилонаи шаҳрванд ё бо ҷалби аъзои оила ва (ё) дигар шаҳрвандон мебошад. Хоҷагии ёрирасон шахсӣ субъекти мустақили хоҷагидориест, ки субъектони он шаҳрванд ва аъзои оилаи ӯ ба ҳисоб меравад, яъне хоҷагии оилавӣ аст. Дигар шаҳрвандоне, ки аъзои оилаи шаҳрванд набуда, бо онҳо якҷоя зиндагӣ намекунанд аъзои хоҷагии ёрирасони шахсӣ шуда наметавонанд. Таъминоти шаҳрванд ва аъзои оилаи ӯ бо озуқаворӣ ва дигар эҳтиёҷот мақсади дигари хоҷагии ёрирасони шахсӣ ба ҳисоб меравад.

Хоҷагии ёрирасони шахсӣ мақсади ба муомилот баровардани маҳсулоти кишоварзии истеҳсолнамудааш ва аз он ба даст овардани фоидаро надошта (ин маънои онро надорад, ки хоҷагии ёрирасони шахсӣ наметавонад, ки маҳсулоташро ба бозор барорад), мақсади асосии он таъминот ба озуқаворӣ ва дигар эҳтиёҷоти оилавию маишӣ мебошад. Ин хусусият маънои онро дорад, ки субъекти фаъолияти соҳибкорӣ набуда, мақсади асосии он ба даст овардани фоида равона гардидааст. Аммо, аъзои хоҷагии ёрирасони шахсӣ метавонанд, маҳсулоти кишоварзии барзиёд истеҳсолнамудаашонро, ки барои таъминоти озуқавории оила зиёд мебошанд, ба фурӯш бароранд ва аз арзиши ин муомилот эҳтиёҷоти моддӣ ва дигари худро қонеъ намоянд.

б) мақсади хоҷагии ёрирасони шахсӣ истеҳсол ва коркард намудани маҳсулоти кишоварзӣ ва қонеъ намудани талаботи худ бо озуқаворӣ ва эҳтиёҷоти дигар мебошад. Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ тибқи мафҳуми зикршуда самти асосии фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ маҳсуб меёбад ва тавассути ин шаҳрванд эҳтиёҷоти худ ва аъзои оилаи худро ба озуқаворӣ ва дигар эҳтиёҷот таъмин менамояд. Таҳти мафҳуми маҳсулоти кишоварзӣ маҳсулоти растанипарварӣ, чорводорӣ, паррандапарварӣ, занбӯриасалпарварӣ, аз ҷумла маҳсулоте, ки дар натиҷаи коркарди аввалия ҳосил шудааст фаҳмида мешавад, ки зиёд кардани ин маҳсулот ҳамчун мақсади асосии Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» мебошад.

в) хусусияти машғулияти аввала (асосӣ)-и шахсоне, ки хоҷагии ёрирасони шахсиро пеш мебаранд. Дар адабиёти ҳуқуқӣ ақидае маъмул мебошад, ки дар пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ иширок намудан ин машғулияти иловагӣ (дуюминдараҷа)-и аъзои он ба ҳисоб меравад, яъне ин шаҳрвандон дорои ҷойи кори доимӣ буда, иловатан дар пешбурди хоҷагӣ иштирок менамоянд. Дар шароити муосири кишвар шаҳрвандоне, ки дорои хоҷагии ёрирасони шахсӣ мебошанд, на ҳама вақт иштироки онҳо дар пешбурди хоҷагӣ хусусияти дуюминдараҷа дорад.

Шаҳрвандон дар баробари доштани кори доимии муайян метавонанд озодона дар пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ иштирок намоянд. Вобаста ба ин асос ду гурӯҳи хоҷагии ёрирасони шахсиро ҷудо намудан мумкин аст: а) хоҷагии ёрирасони шахсӣ, ки ба фаъолияти ғайрисоҳибкории шаҳрванд ё шаҳрванд ва аъзои

оилаи ӯ дар қитъаи замини бо мақсади пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ ҷудогардида бе истифодаи меҳнати кироя асос ёфтааст ва барои онҳо иштирок дар корҳои хоҷагӣ хусусияти машғулияти дуюмдараҷаро дорад. Ин хоҷагӣ хусусияти истеъмолӣ дорад; б) хоҷагии ёрирасони шахсӣ, ки фаъолияти ғайрисоҳибкории шахсони ба истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ машғул буда, барои онҳо маҳсулоти кишоварзӣ сарчашмаи даромади ягона ё асосӣ ба ҳисоб меравад ва иштироки онҳо дар хоҷагӣ хусусияти машғулияти асосӣ (аввалиндараҷа)-ро дорад. Чунин намуди хоҷагии ёрирасони шахсӣ хусусияти молӣ-истеъмолӣ дорад.

г) пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ фаъолияти соҳибкорӣ намебошад, маҳсулоти кишоварзӣ ва фоидае, ки аз пешбурди хоҷагӣ ба даст оварда мешавад мавриди андозбандӣ қарор дода ба ҳисоб намеравад.

ғ) пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ хусусияти истеъмолӣ дорад, яъне хоҷагии истеъмолӣ мебошад**.** Маҳсулоти кишоварзӣ дар хоҷагии ёрирасони шахсӣ бо мақсади қонеъ намудани талаботи аъзои хоҷагӣ ба озуқаворӣ ва эҳтиёҷоти дигар истеҳсол карда мешавад.

Ҳамин тавр, хоҷагии ёрирасони шахсӣ аз дигар шаклҳои хоҷагидорӣ бо як қатор хусусиятҳо, ба монанди ҳуқуқи шаҳрвандон ба гирифтани қитъаи замин барои пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ, намудҳои ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, мақсади пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ, истифодаи меҳнати аъзои оила ва дигар шахсони бо онҳо якҷоя зиндагикунанда фарқ менамояд.

Таклиф: Бо дарназардошти таҳлилҳои болозикр мақсаднок аст, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» мафҳуми хоҷагии ёрирасони шахсӣ ба таври зайл ифода карда шавад: **«хоҷагии ёрирасони шахсӣ субъекти хоҷагидориест, ки дар он истеҳсол, коркард ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ бо меҳнати шахсии шаҳрванд ва аъзои оилаи ӯ бо мақсади қонеъ намудани талаботи худ ба озуқаворӣ ва эҳтиёҷоти дигар дар қитъаи замин ва молу мулки ба онҳо тааллуқдошта асос меёбад**».

Масъалаи сеюм: Дигар масъалаи муҳимро ин субектони пешбарандаи хоҷагии ёрирасони шахсӣ ташкил менамояд. Дар муқаррароти моддаи 3 Қонуни қаблан амалкунанда «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» аз 8 декабри соли 2003, №47 [2] пешбинӣ гардида буд, ки мувофиқи он пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ бар дӯши шаҳрванд ва аъзои оилаи ӯ мебошад. Тибқи муқаррароти ин меъёр дар фаъолияти меҳнатии хоҷагии ёрирасони шахсӣ танҳо шаҳрванд ва аъзои оилаи ӯ иштирок карда метавонанд. Хоҷагии ёрирасони шахсӣ корманди кироя ба фаъолияти хоҷагӣ ҷалб намуда наметавонад. Ҳамчунин, дигар шаҳрвандоне, ки аъзои оилаи шаҳрванд намебошанд ва бо онҳо якҷоя зиндагӣ намекунанд, аъзои хоҷагии ёрирасони шахсӣ набуда, дар фаъолияти он уҳдадор нестанд, ки иштирок намоянд.

Қобили зикр аст, ки дар Қонуни амалкунанда «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» аз 19 июли соли 2022, №1891 [3] чунин муқаррароти бевосита пешбинӣ нагардида, аммо аз мазмуни мафҳуми хоҷагии ёрирасони шахсӣ бармеояд, ки пешбурди хоҷагӣ бар дӯши шаҳрванд ё бо ҷалби аъзои оила ва (ё) дигар шаҳрвандон мебошад. Навгонии муҳими қонунгузорӣ дар ин самт дар он аст, ки муқаррароти Қонуни амалкунанда ҷалб намудани дигар шаҳрвандонро ба фаъолияти хоҷагӣ иҷозат медиҳад, аммо дар кадом шакл ин ҳолат дар сатҳи қонун норавшан аст.

Дар асоси муқаррароти қисми 2 моддаи 4 Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» аз 15 марти соли 2016, №1289 [7] баҳри пешбурди фаъолият хоҷагии деҳқонӣ дар асоси шартномаи меҳнатӣ корманди кироя ҷалб намуда метавонад, ки узви хоҷагии деҳқонӣ намебошад.

Таклиф: Бо ин назардошт, зарур шуморида мешавад, ки дар муқаррароти моддаи 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» шакли ҷалби дигар шаҳрвандон барои истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ мушаххас пешбинӣ карда шавад. Мусалламан дар шакли ҷалби корманди кироя буда метавонад.

Масъалаи чорум: Дар пайванди ба масъалаи мазкур муайян кардани аъзои хоҷагии ёрирасони шахсӣ низ яке аз масъалаҳои мубрами мавзуи баррасишавандаро ташкил менамояд. Дар қисми 4 моддаи 3 Қонуни қаблан амалкунанда «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» аз 8 декабри соли 2003, №47 доираи аъзои хоҷагии ёрирасони шахсӣ муайян гардида буд, ки тибқи он аъзои хоҷагии ёрирасони шахсӣ: ҳамсарон; фарзандон; фарзандхондагон; падару модар; хешовандони дигаре, ки бо ин оила якҷоя зиндагӣ мекунанд, пешбинӣ гардида буд.

Дар Қонуни амалкунанда «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» аз 19 июли соли 2022, №1891 [3] бошад, аъзои хоҷагии ёрирасони шахсӣ бевосита пешбинӣ нагардида, аз мафҳуми он бармеояд, ки дар пешбурди хоҷагӣ шаҳрванд бо

ҷалби аъзои оила фаъолияти онро пеш мебарад. Дар ин замина, пешбинӣ нагардидааст, ки ба аъзои оила киҳо дохил мешаванд. Инчунин, ба аъзои хоҷагии ёрирасони шахсӣ қонун ягона талаботи махсус – доштани донишҳои махсус, таҷрибаи кории амалӣ ва ғайра низ пешбинӣ накардааст.

Бояд гуфт, ки оилае, ки хоҷагии ёрирасони шахсиро пеш мебарад аз лиҳози таркиб гуногун шуданаш мумкин аст. Он мумкин аст аз: а) ҳамсарон ва кӯдакони нобилиғи онҳо, ки даромади мустақил надоранд; б) ҳамсарон ва кӯдакони ноболиғи онҳо, ки даромади мустақил доранд (масалан, кӯдаке, ки аз синни 16-солагӣ узви кооперативи кишоварзӣ гардидааст); в) ҳамсарон ва фарзандони болиғи онҳо, ки дар ақди никоҳ нестанд; г) ду ва ё зиёда ҷуфти ҳамсарон (волидайн ва фарзандони онҳо бо ҳамсаронашон).

Мувофиқи эзоҳи моддаи 71 Кодекси замини ҶТ [8] барои гирифтани қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ, бо назардошти фонди замини мавҷуда, шаҳрвандон – сардори оилаҳои нопурра, инчунин шахсони танҳои болиғе, ки дар никоҳ қарор надоранд ва дар якҷоягӣ бо хешовандонашон зиндагӣ намекунанд, ҳуқуқ доранд. Кодекси замини ҶТ шакли дигар таркиби аъзои хоҷагии ёрирасони шахсӣ – пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ аз тарафи шаҳрванди алоҳидаро пешбинӣ намудааст. Ба шаҳрванде, ки бо хешовандони худ якҷоя зиндагӣ намекунад ва ба ӯ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ қитъаи замини наздиҳавлигӣ ҷудо карда шудааст, имконият дорад, ки хоҷагии ёрирасони шахсии худро пеш барад.

Оила ҳамчун субъекти пешбарандаи хоҷагии ёрирасони шахсӣ ҳисобида намешавад, балки субъекти ҳуқуқ ба истифодаи қитъаи замин ҳар як шаҳрванд баромад менамояд. Дар оила ҳолатҳои гуногун пайдо шудан имконпазир аст, вақте ки аъзои оила ҳуқуқи худро ба қитъаи замин татбиқ наменамояд, оила дар маҷмӯъ субъекти ҳуқуқ ба қитъаи замин буда наметавонад, танҳо аъзои алоҳидаи он субъекти ҳуқуқ ба истифодаи қитъаи замин шуда метавонанд [9, с. 74-80; 10, с. 183-187].

Аз ин ҷо бармеояд, ки дар қонунгузорӣ ягон талабот нисбат ба аъзои хоҷагии ёрирасони шахсӣ пешбинӣ нагардидааст ва аъзои ин хоҷагӣ нафақахӯрон, шахсони имконияташон маҳдуд, шахсони аз тарафи суд ғайриқобили амал ё қобилияти маҳдуди амал эътирофшуда, хонандагон низ шуда метавонанд.

Таклиф: Дар баробари ин, ба андешаи мо дар муқаррароти моддаи 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» бояд доираи аъзои хоҷагии ёрирасони шахсӣ мушаххас пешбинӣ карда шавад, ки аз муайян гардидани аъзои хоҷагӣ амалӣ гардидани фаъолияти он, муносибатҳои молумулкӣ, мерос, қатъи фаъолият ва амсоли ин вобастагии амиқ дорад.

Масъалаи панҷум: Қисмати дигар масъалаи муҳимро доир ба вазъи ҳуқуқии молу мулки хоҷагии ёрирасони шахсӣ моликияти шахсии аъзои хоҷагии ёрирасони шахсӣ ташкил менамояд. Молу мулки узви хоҷагӣ, ки аз манбаъҳои зерин ба даст оварда шудааст ва ба моликияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ ҳамроҳ карда нашудааст, моликияти шахсии он ба ҳисоб меравад:

– даромади шахсӣ ва пасандози узви хоҷагии ёрирасони шахсӣ;

– молу мулке, ки бо маблағҳои худаш харидааст;

– молу мулке, ки узв мерос ё туҳфа гирифтааст.

Моликияти шахсии баъзе аз аъзои оилаи хоҷагии ёрирасони шахсиро пешбаранда дар қонунгузорӣ муқаррар гардидааст. Аз ҷумла, дар м. 36 Кодекси оилаи ҶТ аз 13 ноябри соли 1998, №682 [11] зикр шудааст, ки молу мулке, ки ба зану шавҳар то ақди никоҳ тааллуқ дошт, инчунин молу мулке, ки дар давраи заношӯӣ зан ё шавҳар ҳамчун ҳадя ё мерос гирифтааст, моликияти ҳар кадоми онҳо мебошад. Ашёи истифодаи шахсӣ (либос, пойафзол ва ғ.), ба истиснои ҷавоҳирот ва асбоби дигари зебу зинат, гарчанде дар давраи заношӯӣ аз ҳисоби маблағҳои умумии зану шавҳар ба даст оварда шудаанд, моликияти шахсии ҳар кадоме аз зану шавҳар ба ҳисоб мераванд. Суд метавонад молу мулкеро, ки ҳар кадоме аз зану шавҳар ҳангоми ҷудо зиндагӣ карданашон ҷамъ овардаанд, дар сурати воқеан қатъ гардидани ақди никоҳ моликияти ҳар кадоми онҳо эътироф намояд.

Дар моддаи 10 Кодекси замини ҶТ [9] зикр гардидааст, ки ба қитъаи замине, ки ба истифодабарии он аз ҷониби заминистифодабаранда – шахси воқеӣ ҳангоми дар никоҳ будан бо ҳуқуқи бегона намудани он ҳуқуқ пайдо кардаанд, муқаррароти пешбининамудаи қонунгузории маданӣ ва оила дар бораи моликияти умумии ҳамсарон татбиқ мегардад. Мувофиқи муқаррароти мазкур қитъаи замине, ки бо ҳуқуқи бегона намудан ҳамсарон дар давраи он ақди никоҳ ба даст овардаанд моликияти умумии онҳо мебошад.

Аз рӯйи аҳдҳои содирнамудаи аъзои хоҷагии ёрирасони шахсӣ, агар аз ҳолати кор маълум нагардад, ки аҳд ба манфиати шахсии узви хоҷагии ёрирасони шахсии мазкур баста шудааст, аъзои хоҷагии ёрирасони шахсӣ ба молу мулки худ

масъуланд. Вобаста ба молу мулк ва маҳсулоти зиёдатии истеҳсолнамудаи хоҷагии ёрирасони шахсӣ ҳар яке аз аъзои он метавонад муомилот анҷом диҳад. Дар сурати анҷом додани муомилот вобаста ба бегона кардани молу мулки манқули хоҷагии ёрирасони шахсӣ аз тарафи яке аз аъзои он чунин тасаввур карда мешавад, ки бо ризоияти дигар аъзоён амал намудааст. Аммо, дар сурати анҷом додани муомилот вобаста ба молу мулки ғайриманқули хоҷагии ёрирасони шахсӣ аз тарафи яке аз аъзои он ризоияти хаттии дигар аъзо талаб карда мешавад.

Дар сурати анҷом додани аҳд аз тарафи яке аз аъзои хоҷагии ёрирасони шахсӣ ва минбаъд аз ҷониби аъзои дигар ба манфиати хоҷагӣ будани он эътироф карда нашуда, ба манфиати шахсии ин узв анҷом дода шудааст, дар ин маврид масъулияти вобаста ба ин ин аҳд ба уҳдаи худи ҳамин узв мебошад. Аъзои хоҷагии ёрирасони шахсӣ бо созиши тарафҳо сарвари хоҷагии ёрирасони шахсӣ ё шахсони дигарро барои содир намудани аҳд ва намояндаи дорои ваколатномаи махсусро таъин менамоянд.

Қобили тазаккур аст, ки дар муқаррароти ҳуқуқии Қонуни амалкунанда оид ба самара, маҳсулот ва даромади бадастовардаи хоҷагии ёрирасони шахсӣ ягон муқаррарот пешбинӣ нагардидааст. Самара, маҳсулот ва даромаде, ки хоҷагии ёрирасони шахсӣ дар натиҷаи фаъолияти якҷоя ва истифодаи молу мулки хоҷагӣ ба даст овардааст, моликияти умумии якҷояи аъзоён ба ҳисоб меравад, агар дар созишномаи байни онҳо тартиби дигаре муқаррар нагардида бошад.

Самара, маҳсулот ва даромад, ки дар натиҷаи истифодаи ашё ба даст оварда шудаанд, сарфи назар аз истифодабаранда, ба молики ашё тааллуқ доранд, агар дар қонун ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад ва ё аз моҳияти муносибатҳо ҳолати дигар барнаояд (м. 146 Кодекси мадании ҶТ) [12]. Таҳти мафҳуми самара маҳсулоти баромадашон табиӣ фаҳмида мешавад, ки натиҷаи инкишофи органикии ҳайвонот мебошад (афзоиши ҳайвонот ва парранда, шир, тухми мурғ, пашми гӯсфанд, меваи дарахтон, буттаҳо, гул ва ғ.). Мафҳуми маҳсулот мустақиман ба натиҷаи фаъолияти истеҳсолии инсон, бо ҳама зуҳуроти он алоқаманд буда, мафҳуми даромад бошад, ба воридоти пулӣ ё дигар воридот аз иштирок дар муомилоти маданӣ алоқаманд аст.

Таклиф: Пешниҳод мегардад, ки дар м. 15 Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» масъалаи самара, маҳсулот ва даромади хоҷагии ёрирасони шахсӣ бояд дар шакли зерин мавриди танзим қарор дода шавад: **«Самара, маҳсулот ва даромаде, ки хоҷагии ёрирасони шахсӣ дар натиҷаи фаъолияти якҷоя ва истифодаи молу мулки хоҷагӣ ба даст овардааст, моликияти умумии якҷояи аъзо ба ҳисоб меравад, агар дар созишномаи байни аъзоён тартиби дигаре муқаррар нагардида бошад».**

Масъалаи шашум: Махсусияти муҳими реҷаи ҳуқуқи мадании молу мулки хоҷагии ёрирасони шахсиро тартиби соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ намудани молу мулк ташкил медиҳад, ки тибқи муқаррароти қонунгузорӣ молу мулки хоҷагии ёрирасони шахсиро фақат бо розигии ҳамаи аъзои он соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ намудан мумкин аст. Мазмуни ҳуқуқи моликият мувофиқи Кодекси мадании ҶТ (моддаи 279) [12] аз он иборат аст, ки молик ҳуқуқ дорад молу мулки худро соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ намояд. Аъзои хоҷагии ёрирасони шахсӣ ба молу мулки якҷояи хоҷагии ёрирасони шахсӣ ҳуқуқи моликиятиро доро буда, онро соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ менамоянд.

Молу мулки хоҷагии ёрирасони шахсиро аъзои он танҳо якҷоя соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ менамоянд. Ҳангоми ихтиёрдорӣ намудани молу мулки умумии хоҷагӣ ризоияти ҳамаи аъзои қобили амали он гирифта мешавад. Молу мулки хоҷагии ёрирасони шахсӣ, ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» пешбинӣ гардидаанд, моликияти умумии ҳамаи аъзоён мебошад, на ин ки моликияти танҳо ҳамсарон. Аз ҳамин сабаб, ҳангоми ихтиёрдорӣ намудани молу мулки хоҷагӣ ризоияти на танҳо ҳамсарон, балки дигар аъзои оила низ зарур мебошад. Аммо, дар қонунгузории оилавӣ муқаррароте дарҷ шудааст, ки мувофиқи он барои анҷом додани муомилот вобаста ба молу мулки умумии ҳамсарон танҳо ризоияти онҳо зарур мебошад.

Мувофиқи Кодекси оилаи ҶТ [11] молу мулке, ки зану шавҳар дар давраи заношӯӣ ҷамъ кардаанд, моликияти муштараки онҳо мебошад. Даромаде, ки зану шавҳар дар натиҷаи фаъолияти меҳнатӣ, соҳибкорӣ ва зеҳнӣ ба даст овардаанд, нафақа, ёрдампулӣ ва пардохтҳои дигари пулии гирифтаашон, ашёҳои харидаашон, қоғазҳои қиматнок, саҳмия, пай ва ҳама гуна молу мулки манқул ва ғайриманқули дар давоми заношӯӣ ҷамъкардаашон, сарфи назар аз он, ки ба номи кадоме аз зану шавҳар харида шудааст (ё маблағ гузаронида шудааст), моликияти муштараки онҳо ҳисоб мешавад. Ҳуқуқ ба молу мулки муштарак ҳамчунин ба зан ё шавҳаре низ тааллуқ дорад, ки дар давоми заношӯӣ хоҷагиро пеш мебурд, фарзандонро нигоҳубин мекард ё бо сабабҳои

узрнок даромади мустақилона надошт. Ҳуқуқи соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ кардани молу мулке, ки дар моликияти муштараки зану шавҳар қарор дорад, танҳо бо розигии мутақобилаи онҳо сурат мегирад (м.м. 34 ва 35 Кодекси оилаи ҶТ). Ин тарзи танзими ҳуқуқии молу мулкии аъзои хоҷагии ёрирасони шахсӣ ба омехтагии вазъи молумулкии ҳамсарон ва молу мулки хоҷагии ёрирасони шахсӣ оварда расонидааст.

Дигар асоси фарқияти молу мулки хоҷагии ёрирасони шахсӣ аз молу мулки дигар субъектон дар он аст, ки ин молу мулк аз воситаҳои умумии аъзоён ба даст оварда шуда, ба мақсадҳои пешбурди фаъолияти хоҷагидории хоҷагии ёрирасони шахсӣ истифода бурда мешавад.

Ҳар як узви хоҷагии ёрирасон имконият дорад, ки моликияти шахсии худро ба молу мулки умумии хоҷагӣ ҳамроҳ намуда, онро дар якҷоягӣ бо дигар аъзоён истифода намояд. Аммо, агар даромад ва молу мулке, ки узви хоҷагии ёрирасони шахсӣ бо маблағҳои худаш харидааст, мерос ё тӯҳфа гирифтааст ва ба моликияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ ҳамроҳ карда нашудааст, он гоҳ ин молу мулк моликияти шахсии ин ё он узви хоҷагии ёрирасони шахсӣ мебошад.

Таклиф: Бо мақсади танзими ҳуқуқии пурраи масъалаи молумулкии хоҷагии ёрирасони шахсӣ зарур аст, ки дар моддаи 15 Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» муқаррароти зерин илова карда карда шавад: **«молу мулки хоҷагии ёрирасони шахсӣ молу мулке мебошад, ки барои фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ зарур буда, аз воситаҳои умумии аъзои хоҷагӣ ба даст оварда шудааст ва ба мақсадҳои хоҷагидорӣ истифода бурда мешавад».** Дар қонунгузорӣ пешбинӣ намудани ин муқаррарот имкон медиҳад, ки молу мулки умумии хоҷагии ёрирасони шахсӣ ба таври қонунӣ аз моликияти дигар субъектон, аз ҷумла, моликияти умумии ҳамсарон ё моликияти шахсии аъзои хоҷагии ёрирасони шахсӣ фарқ карда шавад.

Масъалаи ҳафтум: Дар пешбурд ва амалӣ намудани фаъолияти он муносибатҳои заминистифодабарӣ мавқеи аввалиндараҷаро касб менамояд, чунки ташкил ва пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ бе мавҷудияти қитъаи замин ғайриимкон аст.

Воқеан, яке аз хусусиятҳои муҳими хоҷагии ёрирасони шахсиро қитъаи замин ҳамчун заминаи асосии фаъолияти он ташкил дода, хоҷагии ёрирасони шахсӣ маҳз қитъаи заминро истифода намуда, маҳсулоти кишоварзӣ истеҳсол менамояд. Барои ташкили хоҷагии ёрирасони шахсӣ аввалан тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ҷудо намудани қитъаи замин зарур мебошад. Пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ бе истифодаи қитъаи замин ғайриимкон аст, чунки замин дар самти истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба сифати воситаи асосии истеҳсолот баромад менамояд.

Мутобиқи муқаррароти Кодекси замини ҶТ [9] «қитъаи замин ин қисми замин бо ҳуқуқҳои муайян нисбат ба он мебошад, ки гурӯҳи муайян ва намуди иҷозатдодашудаи истифодабарӣ, сарҳади муайяншуда, майдон ва ҷойгиршавӣ дорад».

Вобаста ба танзими муносибатҳо оид ба ташкил, пешбурд, рушд ва қатъи фаъолияти хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ дар кишвар қонуни махсус, яъне Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии рирасони шахсӣ» аз 19 июли соли 2022, №1891 [3] қабул гардидааст. Вобаста ба ин, танзими ҳуқуқии муносибатҳои заминистифодабарӣ дар фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ дар асоси қонуни мазкур ва муқаррароти заминавии он тибқи Кодекси замини ҶТ ба танзим дароварда мешавад.

Дар низоми қонунгузории ҶТ ду маротиба қонуни алоҳида дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ қабул карда шудааст. Аввалин маротиба Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» аз 8 декабри соли 2003, №47 [2] қабул гардида, то 19 июли соли 2022 қувваи амал дошт.

Дар қонуни мазкур муносибатҳои заминистифодабарӣ дар фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ дар боби 2 (Ташкил ва пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ), махсусан дар моддаи 5 (Қитъаҳои замини хоҷагии ёрирасони шахсӣ) мавриди танзим қарор дода шуда буд, ки 7 қисмро дар бар мегирифт.

Дар қонуни амалкунандаи хоҷагии ёрирасони шахсӣ бошад, муносибатҳои заминистифодабарӣ дар боби якум (муқаррароти умумӣ), аниқтараш дар м. 3 (Қитъаҳои замин барои пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ) дар доираи 4 қисм мавриди танзим қарор дода шудааст.

Қобили зикр аст, ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» мафҳуми бевоситаи қитъаи замин барои пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ муқаррар нагардидааст. Дар қонуни қаблан қабулгардида ва дар қонуни амалкунанда қитъаҳои замин барои пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ аз қитъаи замини наздиҳавлигӣ ва (ё) қитъаи замини хоҷагии иловагии ёрирасони шахсӣ иборат мебошанд.

Таклиф: Бо даранзардошти он ки қитъаи замин заминаи асосии пешбурди фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ мебошад, зарур аст, ки мафҳуми он дар қонунгузорӣ дарҷ карда

шавад. Вобаста ба ин чунин мафҳуми қитъаи замин барои пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсиро пешниҳод намудан мумкин аст: «қитъаи замин барои пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ ин қитъаи замине мебошад, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ба шаҳрванд ва (ё) аъзои оилаи ӯ барои истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ бо мақсади қонеъ намудани талаботи худ ва аъзои оила ба озуқаворӣ ва эҳтиёҷоти дигар бо ҳуқуқи бунёди хонаи истиқоматӣ, иморату иншоот (қитъаи замини наздиҳавлигӣ) ё бе чунин ҳуқуқ (қитъаи замини хоҷагии иловагии ёрирасони шахсӣ) дода мешавад».

Масъалаи ҳаштум: Қобили зикр аст, ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» мафҳуми бевоситаи қитъаи замин барои пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ муқаррар нагардидааст. Дар қонуни қаблан қабулгардида ва дар қонуни амалкунанда қитъаҳои замин барои пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ аз қитъаи замини наздиҳавлигӣ ва (ё) қитъаи замини хоҷагии иловагии ёрирасони шахсӣ иборат мебошанд.

Бояд иброз намуд, ки дар қонуни пештар амалакунанда муқаррар шуда буд, ки қитъаи замини наздиҳавлигӣ ва қитъаи замини иловагӣ ба заминҳои таъиноти кишоварзӣ мансуб дониста мешаванд.

Албатта заминҳои таъиноти кишоварзӣ тамоми заминҳое ба ҳисоб мераванд, ки барои эҳтиёҷоти кишоварзӣ истифода мешаванд. Мумкин дар қонунгузорӣ ба он мақсад қитъаи замини хоҷагии ёрирасони шахсӣ ба заминҳои таъиноти кишоварзӣ мансуб дониста шуда буд, ки самти асосии фаъолияти он истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳисоб рафта, ин қитъаи замин барои эҳтиёҷоти кишоварзӣ истифода бурда мешаванд.

Аммо, дар моддаи 77[4] Кодекси замини ҶТ [9] муқаррар гардидааст, ки заминҳои минтақаҳои истиқоматии шаҳрҳо, заминҳое мебошанд, ки дар онҳо биноҳои истиқоматӣ ва ҳамчунин қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ ҷойгир шудаанд. Яъне дар асоси муқаррароти Кодекси замини ҶТ қитъаи замини наздиҳавлигӣ аз ҳисоби заминҳои шаҳр низ ба шаҳрвандон ҷудо карда шуда, ба заминҳои маҳалли аҳолинишин дохил мегардад.

Бояд гуфт, ки дар ин қисмат муқаррароти Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» аз 8 декабри соли 2003, №47 [2] ба Кодекси замини ҶТ мухолифат менамуд. Хушбахтона меъёри мазкур дар қонуни амалкунанда бартараф карда шуда, дар асоси муқаррароти қисми 3 моддаи 3 қитъаи замини наздиҳавлигӣ ба гурӯҳи заминҳои маҳали аҳолинишин ва тибқи қисми 4 моддаи мазкур қитъаи замини хоҷагии иловагии ёрирасони шахсӣ ба гурӯҳи заминҳои таъиноти кишоварзӣ марбут дониста шуд.

Қитъаи замини хоҷагии ёрирасони шахсӣ ба шаҳрванд бо пешниҳоди мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва дар асоси қарори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии дахлдор мутобиқи қонунгузорӣ дар бораи замин ҷудо карда мешавад. Мувофиқи муқаррароти м. 7 Кодекси замини ҶТ қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ ва заминҳои иловагии ёрирасони шахсӣ, ки тибқи тартиби муқарраршуда ҷудо карда шудаанд, аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо дода мешаванд.

Таклиф: Зарур аст, ки мафҳуми қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ дар шакли зерин муқаррар карда шавад: **«қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ - қитъаҳои замини маҳалли аҳолинишин, ки тибқи меъёрҳои муқаррарнамудаи қонунгузории замини Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шахсони воқеӣ ҷудо гадидаанд ва (ё) ҷудо карда мешаванд».** Инчунин, пешниҳод менамоем, ки мафҳуми қитъаи замини хоҷагии иловагии ёрирасони шахсӣ низ дар қонунгузории самти мазкур дарҷ карда шавад: **«қитъаи замини хоҷагии иловагии ёрирасони шахсӣ - қитъаҳои замини таъиноти кишоварзӣ, ки тибқи меъёрҳои муқаррарнамудаи қонунгузории замини ҶТ ба шахсони воқеӣ ҷудо гадидаанд ва (ё) ҷудо карда мешаванд».**

Масъалаи нуҳум:Баҳри пешбурди фаъолияти хоҷагии ёрирасон, на танҳо шаҳрвандон, инчунин муассисаву ташкилотҳо, корхонаву идора ва сохторҳои ҳарбии кишвар машғул буда, онҳо дорои заминҳои иловагии ёрирасон мебошанд, ки маҳсулоти кишоварзӣ истеҳсол намуда, бо мақсади қонеъ намудани талаботи худи муассисаву ташкилотҳо истифода мегарданд.

Бо ин назардошт, муносибатҳои мазкур аз доираи низоми қонунгузории соҳа берун монда, танзим гардидани он дар қонунгузории самти мазкур муҳим маҳсуб мегардад. Агар ба таҳлили қонунгузории давлатҳои ИДМ таваҷҷуҳ намоем, таҷрибаи дар чунин шакл қабул гардидани қонун дар хусуси хоҷагии ёрирасон дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон мавҷуд мебошад, ки дар ин кишвар Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи хоҷагии ёрирасон» аз 1 апрели соли 2021, №ЗРУ-681 [13] қабул гардида, амал менамояд.

Таклиф: Бо ин назардошт, васеъ намудани мавзуи танзим ва мукаммал намудани масъалаҳои танзими ҳуқуқии хоҷагии ёрирасон дар доираи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии

ёрирасони шахсӣ» зарур шуморида шуда, пешниҳод менамоем, ки номи Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» дар шакли **Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии ёрирасон»** қабул карда шавад.

Инчунин, дар доираи Қонуни мазкур **боби алоҳида оид ба тартиби пешбурди хоҷагии ёрирасони ташкилоту муассисаҳо, қисмҳои ҳарбӣ, ҷузъу томҳои сохторҳои қудратӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пешбинӣ гардида**, дар он ҷанбаҳои умумӣ-ҳуқуқӣ, аз қабили намудҳои фаъолияти хоҷагии ёрирсон дар чунин муассисаву ташкилотҳо, шахсони пешбарандаи хоҷагии ёрирасон, қитъаҳои замин барои пешбурди хоҷагӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳо дар самти ташкил ва пешбурди хоҷагӣ, ҳисобдорӣ дар хоҷагиҳои ёрирасон, истифодаи маҳсулоти истеҳсолшуда дар чунин хоҷагиҳо ва амсоли ин муқаррар карда шаванд.

Масъалаи даҳум: Муайян намудани асосҳо ва тартиби қатъ гардидани фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ аз ҷумлаи масъалаҳои муҳими соҳаи илмӣ ва қонунгузории маданӣ, кишоварзӣ ва замин маҳсуб мегардад. Чунки, дар раванди қатъ гардидани фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ унсурҳое бояд ба инобат гирифта шаванд, ки дар баробарии ҳолати ҳуқуқии аъзои хоҷагӣ, тақсимоти дурусти молулмулки он ва вазъи ҳуқуқии қитъаи замин асос ёфта бошад.

Бояд зикр намуд, ки дар қонунгузории амалкунанда доир ба хоҷагии ёрирасони шахсӣ пурра асосҳо ва тартиби қатъ гардидани фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ дарҷ нагардидааст, ки ин ҳолат метавонад дар амалия мушкилиҳоро ба вуҷуд орад.

Дар асоси моддаи 14 Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» аз 19 июли соли 2022, № 1891 [3] ба сифати тартиби қатъи фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ унсурҳои зерин пешбинӣ гардидааст: фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ пас аз қатъи ҳуқуқи истифодаи қитъаи замини наздиҳавлигӣ ва (ё) қитъаи замини хоҷагии иловагии ёрирасони шахсӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси замини ҶТ қатъ мегардад.

Яъне, муқаррароти қонуни мазкур ба он далолат менамояд, ки танҳо қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замини наздиҳавлигӣ ва (ё) қитъаи замини хоҷагии иловагии ёрирасони шахсӣ дар заминаи тартиби муқарраркардаи Кодекси замин ба сифати асоси қатъи фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ баромад менамояд, ки чунин талабот ба назари мо пурра асоси қатъи фаъолияти хоҷагиро дар бар гирифта наметавонад, чунки Кодекси замин муқаррароти умумиро доир ба қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин пешбинӣ менамояд.

Агар қонуни қаблан амалкунандаро доир ба хоҷагии ёрирасони шахсӣ таҳлил намоем, дар он боби алоҳида вобаста ба қатъи пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ пешбинӣ гардида, масъалаҳои асосҳои қатъи фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ ва тартиби қатъи фаъолияти он дар моддаҳои алоҳида баррасӣ шуда буданд. Асосҳои қатъ гардидани фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ ин фактҳои ҳуқуқие мебошанд, ки дар қонун пешбинӣ шуда, тибқи онҳо фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ қатъ карда мешавад.

Асосҳои қатъ гардидани фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсиро ба ду гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст: а) асосҳои ихтиёрии қатъ гардидани фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ; б) асосҳои маҷбурии қатъ гардидани фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ.

Таклиф: Пешбинӣ намудани мафҳум ва хусусиятҳои асосҳои қатъи фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсиро дар қонунгузорӣ дар шакли зерин ба мақсад мувофиқ мешуморем: **«Асосҳои қатъи фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ фактҳои ҳуқуқие маҳсуб мегарданд, бо дарназардошти иҷрои онҳо тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти хоҷагӣ қатъ карда мешавад».**

Ба сифати асосҳои қатъи фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ метавон инҳоро шомил намуд:

– ҳангоми қабул гардидани қарор аз ҷониби аъзои хоҷагии ёрирасони шахсӣ оид ба қатъи пешбурди фаъолияти хоҷагӣ;

– дар сурати мавҷуд набудани ягон аъзои хоҷагии ёрирасони шахсӣ ё меросхӯре, ки майлу хоҳиши пешбурди ин хоҷагиро дошта бошад;

– қатъ гардидани ҳуқуқ ба қитъаи замин бо сабаби гирифтани қитъаи замин мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ ё ҷамъиятӣ;

– бо сабаби доштани дигар қитъаи замин аз пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ даст кашидани аъзои хоҷагии ёрирасони шахсӣ;

– дар дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи замин.

Дар маҷмуъ, Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» ҳамчун санади қонунгузорӣ дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба ташкил, пешбурд, рушд ва қатъи фаъолияти хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ мавқеи

махсусро касб намуда, бо дарназардошти танзим ва муқаррарнамоии масъалаҳои умумӣ аз қабилӣ, мафҳуми хоҷагии ёрирасони шахсӣ, қонунгузорӣ дар самти мазкур, қитъаҳои замин барои пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ, манъи дахолат ба фаъолияти хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ, инчунин муносибатҳои махсус - танзими давлатии пешбурд ва рушди хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шаҳрвандон ҳангоми пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ, пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ, муносибатҳои молумулкӣ дар хоҷагии ёрирасони шахсӣ ва дигар муқаррароти хотимавӣ навгониҳои мушаххас ва афзалиятҳои мукаммалро дар ин самт ба вуҷуд оварда, баҳри рушди фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ дар мамлакат мусоидат менамояд.

Муқарриз: н.и.ҳ., дотсент Соҳибзода М.М.

ЭКСПЕРТИЗА ЗАКОНА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН “О ЛИЧНОМ ПОДСОБНОМ ХОЗЯЙСТВЕ”: НАУЧНО-ПРАВОВЫЕ И ПРАКТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ

Ключевые слова: земельное законодательство; сельскохозяйственное законодательство; личное подсобное хозяйство; подсобное хозяйство; правовое регулирование; организация и содержание подсобного хозяйства; экспертиза; анализ; научные аспекты; правовые основы; практические вопросы.

Аннотация. В данной статье автор подверг научно-правовой экспертизе Закон Республики Таджикистан «О личном подсобном хозяйстве» и внес ряд обоснованных предложений по совершенствованию положений данного Закона. Было отмечено, что, несмотря на то, что дважды были приняты специальные законы, касающиеся регулирования отношений в ведении деятельности личного подсобного хозяйства, анализ и изучение положений настоящего Закона также показывает, что некоторые вопросы подлежат правовому регулированию и нуждаются в улучшении. При этом анализ автора основывался на точках зрения, изложенных в научной литературе, законодательных положениях и практическом опыте.

Одиназода Шохрух Хисрав - начальник отдела сельскохозяйственного законодательства, природопользования и охраны окружающей среды Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан. E-mail: shohrukh_odinazoda@bk.ru, Тел.: (+992) 931-10-04-40.

EXPERTISE OF THE LAW OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN “ON PERSONAL SUBSIDIARY FARM”: SCIENTIFIC, LEGAL AND PRACTICAL ASPECTS

Keywords: land legislation; agricultural legislation; personal auxiliary farm; auxiliary farm; legal regulation; organization and maintenance of auxiliary farm; expertise; analysis; scientific aspects; legal framework; practical issues.

Annotation. In this article, the author subjected the Law of the Republic of Tajikistan "On Personal Subsidiary Farming" to scientific and legal expertise and made a number of reasonable proposals to improve the provisions of this Law. It was noted that, despite the fact that special laws concerning the regulation of relations in the conduct of personal subsidiary farming activities were adopted twice, the analysis and study of the provisions of this Law also shows that some issues are subject to legal regulation and need improvement. At the same time, the author's analysis was based on the points of view set out in scientific literature, legislative provisions and practical experience.

Odinazoda Shohrukh Khisrav - head of the department of agricultural legislation, use of natural resources and environmental protection National Center of Legislation under the President of the Republic of Tajikistan. E-mail**:** shohrukh_odinazoda@bk.ru, Тел.: (+992) 931-10-04-40.

Рӯйхати адабиёт:

1. Соҳибов М.М., Одинаев Ш.Х. Мафҳум ва хусусиятҳои хоҷагии ёрирасони шахсӣ тибқи қонунгузории ҶТ // Қонунгузорӣ. – 2020. – № 1 (37). – С. 80-89.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ” аз 8 декабри соли 2003, №47 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2003. – №12. – Мод. 675; – 2006. – №7. – Мод. 349; – 2011. – №6. – Мод. 449.

3. Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» аз 19 июли соли 2022, №1891 // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.mmk.tj (санаи мурочиат: 26.02.2025).

4. Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 30 майи соли 2017, №1414 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – с. 2017. – №5, қ. 1. – Мод. 271.

5. Соҳибзода М.М., Шарифзода Ф.Ш., Асрорзода З., Қодирзода М.А., Шерзода Б.С., Одиназода Ш.Х. Тафсири Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ»: нашри аввал (тафсири оммавию илмӣ ва амалӣ) // Зери таҳрири Саидзода И.Ҳ., директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент. – Душанбе: "ЭР-граф", 2022. – 246 с.

6. Одиназода Ш.Х. Баъзе масъалаҳо оид ба навигариҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ" // Қонунгузорӣ.– 2024. – №2 (54). – С. 124-133.

7. Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» аз 15 марти соли 2016, №1289 // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.mmk.tj (санаи мурочиат: 26.02.2025).

8. Кодекси замини ҶТ аз 13 декабри соли 1996, №23 // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.mmk.tj (санаи мурочиат: 26.02.2025).

9. Жариков Ю.Г. Ҳуқуқи истифодаи заминҳои кишоварзӣ. – М.: Адабиёти ҳуқуқӣ, 1969. – 238 с.

10. Григорев В.К. Масъалаҳои назарияи ҳуқуқи замин. – М.: Госюриздат, 1963. – 210 с.

11. Кодекси оилаи ҶТ аз 13 ноябри соли 1998, №682 // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.mmk.tj (санаи мурочиат: 26.02.2025).

12. Кодекси мадании ҶТ аз 24 декабри соли 2022, 1918 // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.mmk.tj (санаи мурочиат: 26.02.2025).

13. Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи хоҷагии ёрирасон» аз 1 апрели соли 2021, №ЗРУ-681 // [Захираи электронӣ]. - Манбаи дастрасӣ: URL: https://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=131266 (санаи мурочиат: 26.02.2025).

Список литературы:

1. Сахибов М.М., Одинаев Ш.Х. Понятие и характеристика личного подсобного хозяйства по законодательству Республики Таджикистан / Законодательство. – 2020. – № 1 (37). – С. 80-89.

2. Закон Республики Таджикистан «О личном подсобном хозяйстве» от 8 декабря 2003 года, №47 // Ахбор Маджили Оли Республики Таджикистан. – 2003. – №12. – Ст. 675; – 2006. – №7. – Ст. 349; – 2011. – №6. – Ст. 449.

3. Закон Республики Таджикистан «О личном подсобном хозяйстве» от 19 июля 2022 года №1891 // Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: http://www.mmk.tj (дата обращения: 26.02.2025).

4. Закон Республики Таджикистан "О нормативных правовых актах" от 30 мая 2017 г., № 1414 // Ахбор Маджили Оли Республики Таджикистан. – 2017 г. – №5, п. 1. – Ст. 271.

5. Сахибзода М.М., Шарифзода Ф.Ш., Асрорзода З., Кодирзода М.А., Шерзода Б.С., Одиназода Ш.Х. Толкование Закона Республики Таджикистан «О личном подсобном хозяйстве»: первое издание (общественное, научно-практическое толкование) // Под редакцией Саидзода И.Х., директора Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан, кандидата юридические наук, доцент. – Душанбе: «ЭР-граф», 2022. – 246 с.

6. Одиназода Ш.Х. Некоторые вопросы обновления Закона Республики Таджикистан "О личном подсобном хозяйстве" // Законодательство. – 2024. – №2 (54). – С. 124-133.

7. Закон Республики Таджикистан «О дехканском (фермерском) хозяйстве» от 15 марта 2016 года, № 1289 // Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: http://www.mmk.tj (дата доступа: 26.02.2025).

8. Земельный кодекс Республики Таджикистан от 13 декабря 1996 года №23 // Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: http://www.mmk.tj (дата обращения: 26.11.2023).

9. Жариков Ю.Г. Право сельскохозяйственного землепользования. – М.: Юридическая литература, 1969. – 238 с.

10. Григорьев В.К. Вопросы теории земельного права. – М.: Госюриздат, 1963. – 210 с.

11. Семейный кодекс Республики Таджикистан от 13 ноября 1998 года № 682 // Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: http://www.mmk.tj (дата доступа: 26.02.2025).

12. Гражданский кодекс Республики Таджикистан от 24 декабря 2022 года №1918 // Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: http://www.mmk.tj (дата обращения: 26.11.2023).

13. Закон Республики Узбекистан «О подсобном хозяйстве» от 1 апреля 2021 года № ЗРУ-681 // [Электронный ресурс]. - Источник доступа: URL: https://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=131266 (дата обращения: 26.02.2025).

List of literature:

1. Sakhibov M.M., Odinaev Sh.Kh. The concept and characteristics of personal subsidiary farming according to the legislation of the Republic of Tajikistan // Legislation. – 2020. – No. 1 (37). – P. 80-89.

2. Law of the Republic of Tajikistan "On personal subsidiary farming" dated December 8, 2003, No. 47 // Akhbor Majili Oli of the Republic of Tajikistan. – 2003. – No. 12. – St. 675; – 2006. – No. 7. – St. 349; – 2011. – No. 6. – St. 449.

3. Law of the Republic of Tajikistan "On personal subsidiary farming" dated July 19, 2022 No. 1891 // National Center Legislation under the President of the Republic of Tajikistan [Electronic resource]. Access source: URL: http://www.mmk.tj (access date: 26.02.2025).

4. Law of the Republic of Tajikistan "On normative legal acts" dated May 30, 2017, No. 1414 // Akhbor Majili Oli of the Republic of Tajikistan. – 2017 – No. 5, paragraph 1. – Art. 271.

5. Sakhibzoda M.M., Sharifzoda F.Sh., Asrorzoda Z., Kodirzoda M.A., Sherzoda B.S., Odinazoda Sh.H. Interpretation of the Law of the Republic of Tajikistan "On Personal Subsistence Farming": first edition (public, scientific and practical interpretation) // Edited by Saidzoda I.Kh., Director of the National Center for Legislation under the President of the Republic of Tajikistan, Candidate of Legal Sciences, Associate Professor. – Dushanbe: "ER-graph", 2022. – 246 p.

6. Odinazoda Sh.Kh. Some issues of updating the law of the Republic of Tajikistan "On personal householding" // Legislation. – 2024. – No. 2 (54). – P. 124-133.

7. Law of the Republic of Tajikistan "On Dekhkan (Farming) Economy" dated March 15, 2016, No. 1289 // National Legislative Center under the President of the Republic of Tajikistan [Electronic resource]. Source of access: URL: http://www.mmk.tj (access date: 26.02.2025).

8. Land Code of the Republic of Tajikistan dated December 13, 1996 No. 23 // National Center Legislation under the President of the Republic of Tajikistan [Electronic resource]. Access source: URL: http://www.mmk.tj (access date: 26.02.2025).

9. Zharikov Yu.G. Agricultural land use law. - M.: Legal Literature, 1969. - 238 p.

10. Grigoriev V.K. Land law theory issues. - M.: Gosyurizdat, 1963. - 210 p.

11. Family Code of the Republic of Tajikistan dated November 13, 1998, No. 682 // National Center for Legislation under the President of the Republic of Tajikistan [Electronic resource]. Access source: URL: http://www.mmk.tj (access date: 26.02.2025).

12. Civil Code of the Republic of Tajikistan dated December 24, 2022, 1918 // National Center for Legislation under the President of the Republic of Tajikistan [Electronic resource]. Access source: URL: http://www.mmk.tj (access date: 26.02.2025).

13. Law of the Republic of Uzbekistan "On Subsidiary Farming" dated April 1, 2021 No. ZRU-681 // [Electronic resource]. - Access source: URL: https://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=131266 (accessed: 26.02.2025).

УДК: 349.4
Идрисов Яхё Аюбхонович
ассистенти кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
E-mail: yahyo.idrisov.95@mail.ru
Тел.: (+992) 938-62-04-04.

БАҲСҲОИ ЗАМИН ОИД БА БАҚАЙДГИРИИ ҲУҚУҚИ ИСТИФОДАИ ҚИТЪАИ ЗАМИН ВА ҲУҶҶАТҲОИ ТАСДИҚКУНАНДАИ ҲУҚУҚИ ИСТИФОДАИ ҚИТЪАИ ЗАМИН.

Калидвожаҳо: баҳсҳои замин, ҳалли баҳсҳо, падидаи басҳои замин, ҳуқуқи замин саҳми замин.

Аннотатсия. Баҳсҳо вобаста ба бақайдгирии ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ва ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин нисбат ба дигар намуди баҳсҳо зиёд буда, дар амалияи судӣ баъзе мушкилиҳо ҳангоми ҳалли ин намуди баҳсҳо вуҷуд дорад. Муаллиф дар мақолаи мазкур таҷрибаи судиро таҳлил намуда, вобаста ба мушкилиҳои ҷой дошта ҳангоми ҳалли баҳси мазкур нуқтаҳои назари хешро қайд намудааст. Метавон гуфт, ки дар мақолаи пешниҳодҳои муаллиф бо назардошти усулҳои таҳққи илмӣ пешниҳод гардидааст.

Дар таҳқиқотҳо тавре, ки ба назар мерасад намудҳои алоҳидаи баҳсҳо замин аз ҷониби олимон мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Масалан, В.М. Дикусар чунин хусусиятҳои намудҳои баҳсҳои замин – баҳсҳо ҳангоми гирифтани қитъаи замин, баҳсҳои банақшагирии замин, баҳсҳо оид ба якчанд намуди даъвоҳоро таҳқиқ намудааст [1, с. 36-61].

А.Р. Емалтинов бошад зимни таҳқиқи намудҳои баҳсҳои замин онҳоро чунин муайян намудааст: баҳсҳо оид ба ҳуқуқи моликият ба қитъаи замин, оид ба соҳибии қитъаи замин, оид ба ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин, оид ба иҷора ва вобаста ба бастани созишнома ҷиҳати муқаррар намудани сервитути хусусӣ ва сервитути оммавӣ [2, с. 68].

Муҳаққиқи дигари рус Ю.Н. Федорова оид ба таҳқиқи намудҳои алоҳидаи баҳсҳои замин аслан ба баҳсҳо вобаста ба азнавбақайдгирии ҳуқуқ ба қитъаҳои замин аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ, ҳалли баҳсҳои замин бо иштироки хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва ҳалли баҳсҳои замин бо иштироки шаҳрвандон – моликони саҳми замин дар моликияти якҷоя ба қитъаи замин аз заминҳои таъиноти кишоварзӣ таваҷҷуҳ намудааст [3, с. 133-175].

М.М. Соҳибзода ва муаллифони дигар дар натиҷаи таҳлили таҷрибаи судҳои умумӣ ва махсуси кишвар чунин намудҳои баҳсҳои заминро пешкаш менамоянд: 1) баҳсҳо оид ба қатъ кардани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин; 2) баҳсҳо оид ба иҷораи қитъаи замин; 3) баҳсҳо оид ба аз байн бурдани монеагиҳо оид ба заминистифодабарӣ; 4) шикоят овардан аз болои қарори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти ваколатдори соҳаи замин; 5) худсарона ишғол кардани қитъаи замин; 6) баҳсҳо оид ба қабули меросии ҳуқуқи истифодаи қитъи замин; 7) баҳсҳо оид ба бекор ва тағйир додани шаҳодатномаи ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин; 8) баҳсҳо оид ба муайян кардани саҳми замин; 9) баҳсҳо оиди аз аъзогии хоҷагии деҳқонӣ озод намудан бидуни додани қитъаи замин [4, с. 125].

Бо ин назардошт ба андешаи мо намудҳои баҳсҳои замин инҳо мебошанд: оид ба ислоҳоти замин, заминсозӣ, баҳои замин, бақайдгирии ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ва ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин, мероси ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин, иҷораи қитъаи замин, андози замин, саҳми замин, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ, андози замин, қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин, истифодаи заминҳои чорогоҳ, эътирофи ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ва масъалаҳои сохтмони худсарона, муқаррар намудани сервитут дар қитъаи замин ва ғ.

Яке аз намуди баҳсҳои замин ин баҳсҳо вобаста ба бақайдгирии ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ва ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ба ҳисоб меравад. Ин намуди баҳсҳо дар амалияи судӣ нисбат ба намудҳои дигари баҳсҳои матраҳшаванда бештар ба назар мерасад. Мусаллам аст, ки ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин дар баробари дигар молу мулки ғайриманқул ба қайди давлатӣ гирифта мешавад ва нисбат ба он ҳуҷҷатҳои махсуси тасдиқкунанда дода мешавад. Ҳамзамон м. 10 КЗ ҶТ бақайдгирии давлатии қитъаи заминро низ пешбинӣ менамояд.

Ҷиҳати танзими масъалаҳои бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуққо ба он дар мамлакат аз 20 марти соли 2008, №375 Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуққо ба он» қабул шуда, 20 марти соли 2009 мавриди амал қарор гирифтааст. Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ ва тартиби бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул, ҳуқуққо ва маҳдудиятҳо (гароиҳо)-и ҳуқуқӣ ба онро дар ҳудуди ҶТ бо мақсади эътироф ва ҳимояи давлатии тибқи Қонуни мазкур бақайдгирифтаи ҳуқуққо ва маҳдудиятҳо (гароиҳо)-и ҳуқуқ ба молу мулки ғайриманқулро муқаррар менамояд [5, с. 44].

Бақайдгирии ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ҳангоми ташкили заминистифодабарии нав ва ё мавриди баҳс қарор гирифтани ҳуҷҷатҳои истифодаи қитъаи замини заминистифодабарии мавҷуда ба миён меоянд. Ҳолати махсуси баҳсҳои замин аз бақайдгирии аҳдҳои маданӣ бо ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин низ вобастагӣ дорад. Азбаски дар амалияи мо аҳдҳо бо ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин бештар дар шакли ба иҷора додани қитъаи ҷой дорад, аз ин лиҳоз таваҷҷуҳ ба масъалаи бақайдгирии шартномаи иҷораи қитъаи замиини таъиноти кишоварзӣ равона карда мешавад.

Масалан, даъвогар А.З. ба суд бо даъво бо чунин асос муроҷиат кардааст, ки бо хоҷагии деҳқонии «Зироаткор»-и ноҳияи Ховалинг аз 12 апрели соли 2011 дар майдони 50 га аз заминҳои чарогоҳи мавзеи «Даштак»-и ин хоҷагӣ то соли 2020 шартномаи иҷораи қитъаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ баста истифода намуда, маблағҳои иҷорапулӣ ва дигар уҳдадориҳои шартномавиро сари вақт иҷро менамудааст. Дар асоси қарори раиси ноҳияи Ховалинг хоҷагии деҳқонии «Зироаткор»-и ноҳияи Ховалинг барҳам дода шуда, дар заминаи он хоҷагии деҳқонии «Шафқат»-и ноҳияи Ховалинг таъсис дода шудааст.

Аз ин сабаб байни ӯ ва хоҷагии деҳқонии «Шафқат»-и ноҳияи Ховалинг аз 3 апрели соли 2016 дар ҳаҷми 50 га қитъаи замини таъиноти кишоварзӣ то 3 апрели соли 2020 шартномаи иҷораи қитъаи заминҳои таъиноти кишоварзии нав бастааст. Баъдан дар моҳи июли соли 2017 ба даъвогар маълум гаштааст, ки ин 50 га қитъаи замини таъиноти кишоварзии ба иҷора гирифтааш, ки шартномаи ӯ бекор нашудааст бо қарори раиси ноҳияи Ховалинг аз 3 майи соли 2017, №208 ба хоҷагии деҳқонии «Сино-2002»-и ноҳияи Ховалинг ҷудо карда шудааст.

Маҳз бо сабаби ҷой доштани шартномаи иҷораи қитъаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ даъвогар аз суд хоҳиш намудааст, ки қарори раиси ноҳияи Ховалинг аз 3 майи соли 2017, № 208 «Оид ба додани 50 га қитъаи замини таъиноти кишоварзӣ ба хоҷагии деҳқонии «Сино-2002»-и ноҳияи Ховалинг» бинобар ғайриқонунӣ буданаш бекор карда шавад. Суди ноҳияи Ховалинг маводи парвандаро омӯхта ба чунин хулоса меояд: Аз сабаби он ки байни даъвогар А.З. ва хоҷагии деҳқонии «Шафқат»-и ноҳияи Ховалинг аз 3 апрели соли 2016 дар ҳаҷми 50 га қитъаи замини таъиноти кишоварзӣ то 3 апрели соли 2020 шартномаи иҷораи қитъаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ баста шудааст, бинобар ғайриқонунӣ буданаш қарори раиси ноҳияи Ховалинг аз 3 майи соли 2017, №208 «Оид ба додани 50 га қитъаи замин ба хоҷагии деҳқонии «Сино-2002»-и ноҳияи Ховалинг аз ҳамин қитъаи замин, дар асоси ҳалномаи суди ноҳияи Ховалинг аз 27 сентябри 2017 қарори мазкур бекор карда шавад [6].

Таҳлили ҳалномаи мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки суд на ҳама паҳлуҳои масъалаи қонунгузории замин ва маданиро оид ба иҷораи қитъаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ дуруст татбиқ намудааст. Аз моҳияти ҳалнома ва маводи парванда бармеояд, ки шартномаи иҷораи қитъаи замини таъиноти кишоварзӣ байни даъвогар А.З. ва хоҷагии деҳқонии «Зироаткор»-и ноҳияи Ховалинг аз 3 апрели соли 2016 дар ҳаҷми 50 га қитъаи замини таъиноти кишоварзии мазкур то 3 апрели соли 2020 ба қайди давлатӣ нагирифта нашудааст. Ҳол он ки тибқи қ. 2, м. 628 КГ ҶТ (қ. 2, м. 675 КМ ҶТ), қ. 2, м. 8 ва қ. 2, м. 61 Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуққо ба он» пайдоиш, гузаштан ва қатъи ҳуқуқ нисбати молу мулки ғайриманқул, аз ҷумла, иҷораи қитъаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ ба қайди давлатӣ гирифта мешаванд.

Дар робита ба масъалаи бақайдгирии давлатии шартномаи иҷораи қитъаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар баъзе ҳолатҳо таҷрибаи судӣ дуруст буда, ҳуқуқ ва манфиатҳои субъектҳои дахлдор риоя карда мешавад. Мисол, хоҷагии деҳқонии «Гулбутта», ки дар асоси қарори раиси ноҳияи Мастчоҳ аз 3 январи соли 2001, №1 ташкил шудааст, дорои 64,14 га қитъаи замин мебошад. Соли 2002 хоҷагии деҳқонии мазкур 0,52 га қитъаи замини худро ба шаҳрванд М.Д. дар асоси шартномаи иҷораи қитъаи замин аз санаи 1 марти соли 2006, №2 ба муҳлати 15 сол ба иҷора медиҳад. Аз маълумоти ҷамоати деҳоти «Ревад»-и ноҳияи Мастчоҳ маълум мегардад, ки шартномаи иҷораи қитъаи замин байни хоҷагии деҳқонии

мазкур ва шаҳрванд М.Д. баста шудааст ва ба қайди давлатӣ гирифта нашудааст.

Аз қарори раиси ноҳияи Мастчоҳ аз 16 январи соли 2008, №51 маълум мегардад, ки аз ҳисоби заминҳои хоҷагии деҳқонии «Озодӣ» дар ҳаҷми 50 га қитъаи замини хоҷагии деҳқонии «Ситора» ташкил карда мешавад. Дар асоси қарори номбурда ба хоҷагии деҳқонии мазкур сертификати ҳуқуқи истифодаи замин дараҷаи А №0163731 дода шудааст ва масоҳати 0,52 га қитъаи замин, ки ба шаҳрванд М.Д. дар асоси иҷора дода шудааст, ҳамзамон дар нақшаи сертификати мазкур нишон дода шудааст ва дохил мешавад. Ҳарчанде, ки хоҷагии деҳқонии «Ситора» дар 0,52 га қитъаи замини мазкур сертификат дошта бошад ҳам, шаҳрванд М.Д. барои истифодаи қитъаи замини мазкур ба хоҷагии деҳқонии «Ситора» монеагӣ эҷод намуда, асос меорад, ки барои истифодаи ҳамин қитъаи замин ӯ ҳам шартномаи иҷора дорад.

Барои бартараф намудани ҳолати мазкур хоҷагии деҳқонии «Ситора» бо даъво ба Суди иқтисодии вилояти Суғд мурочиат карда хоҳиш мекунад, ки шартномаи иҷораи қитъаи замини байни хоҷагии деҳқонии «Озодӣ» ва шаҳрванд М.Д. беэътибор дониста шавад. Суди иқтисодии вилояти Суғд даъворо баррасӣ намуда, маводҳои парвандаро омӯхта, баёноти шоҳидонро шунида ба чунин хулоса меояд, ки шартномаи иҷораи қитъаи замини байни хоҷагии деҳқонии «Озодӣ» ва шаҳрванд М.Д. бо сабаби ба қайди давлатӣ нагирифтанаш дар асоси ҳалномаи Суди иқтисодии вилояти Суғд аз 10 феврали 2012 беэътибор дониста шавад [7]. Таҳлили ҳалномаи мазкур ва маводҳои парванда аз он гувоҳӣ медиҳад, ки суд дуруст амал карда, санадҳои меъёрии ҳуқуқиро пурра татбиқ намуда, шартномаи мазкурро беэътибор донистааст.

Дар робита бо баҳси мазкур бояд ишора намуд, ки тибқи талаботи м. 17 КЗ ҶТ ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин бо ҳуҷҷатҳои зерин тасдиқ карда мешавад: а) ҳуқуқи бемуҳлату муҳлатноки истифодаи замин ва ҳуқуқи истифодаи меросии якумраи қитъаи замин – бо Шаҳодатномаи ҳуқуқи истифодаи замин; б) ҳуқуқи иҷораи қитъаи замин – бо шартномаи иҷора. Маълумоте, ки дар ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ҳуқуқи истифодаи замин сабт гардидаанд, бояд ба маълумоти дар китоби бақайдгирии замин дохилгардида мутобиқ бошанд.

Ҳуҷҷатҳое, ки дар банди «а» ва «б» м. 17 КЗ ҶТ оварда шудаанд, мувофиқи тартиби муқарраркардаи м. 15 КЗ ҶТ бояд бақайди давлатӣ гирифта шаванд. Шартномаҳои иҷора фақат дар китоби давлатии бақайдгирии замин ба қайд гирифта мешаванд (ҳарчанде ки меъёри мазкур соли 2016 хориҷ шудааст, тартиби он тибқи қонунгузории бақайдгирии молу мулки ғайриманқул минбаъд амалӣ карда мешавад).

Бақайдгирии давлатии иҷораи молу мулки ғайриманқул тавассути бақайдгирии давлатии шартномаи иҷора сурат мегирад. Мувофиқи м. 15 КЗ ҶТ бақайдгирии давлатии қитъаи замин ва ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин тибқи Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он» амалӣ карда мешавад. Дар асоси м. 18 КЗ ҶТ то ҳудуди қитъаи заминро муқаррар намудани мақомоти дахлдори танзими замин ва додани ҳуҷҷатҳое, ки ҳуқуқи истифодаи қитъаи заминро тасдиқ менамоянд, ба истифодаи қитъаи замин шуруъ намудан манъ аст.

Бо назардошти қ. 2, м. 628 КГ ҶТ (м. 675 КМ ҶТ) ва м. 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он» суд дуруст амал карда меъёрҳои ишорашударо ба назар гирифта шартномаии иҷораи қитъаи замин байни хоҷагии деҳқонии «Озодӣ» ва шаҳрванд М.Д. аз санаи 1 марти соли 2012, №2 басташударо бо сабаби ба қайди давлатӣ нагирифтанаш дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии мазкур беэътибор донистааст.

Муқарриз:

ЗЕМЕЛЬНЫЕ СПОРЫ ПО ВОПРОСАМ ОФОРМЛЕНИЯ ПРАВА ПОЛЬЗОВАНИЯ ЗЕМЕЛЬНЫМ УЧАСТКОМ И ДОКУМЕНТОВ, ПОДТВЕРЖДАЮЩИХ ПРАВО ПОЛЬЗОВАНИЯ ЗЕМЕЛЬНЫМ УЧАСТКОМ

Ключевые слова: земельные споры, разрешение споров, институт земельных споров, земельное право, земельный участок.

Аннотация. Споры, связанные с регистрацией права пользования земельными участками и документов, подтверждающих право пользования земельными участками, встречаются чаще других видов споров, и в судебной практике возникают определенные трудности при разрешении данных видов споров. В данной статье автор анализирует судебную практику и высказывает свою точку зрения на

проблемы, возникающие при разрешении данного спора. Можно сказать, что предложения автора в статье изложены с учетом методов научного исследования.

Идрисов Я.А. - ассистент кафедры транспортного права и права пользования природными ресурсами юридического факультета Таджикского национального университета, E-mail: yahyo.idrisov.95@mail.ru, Тел.: (+992) 938-62-04-04.

LAND DISPUTES ON ISSUES OF REGISTRATION OF THE RIGHT TO USE A LAND PLOT AND DOCUMENTS CONFIRMING THE RIGHT TO USE A LAND PLOT

Keywords: land disputes, dispute resolution, phenomenon of land disputes, Land law, plot of land.

Annotation. Disputes related to the registration of the right to use land plots and documents confirming the right to use land plots are more common than other types of disputes, and in judicial practice certain difficulties arise in resolving these types of disputes. In this article, the author analyzes judicial practice and expresses his point of view on the problems that arise in resolving this dispute. It can be said that the author's proposals in the article are presented taking into account the methods of scientific research.

Idrisov Ya.A. - Assistant Professor at the Department of Transport Law and Natural Resources Law, Faculty of Law, Tajik National University, E-mail: yahyo.idrisov.95@mail.ru, Тел.: (+992) 938-62-04-04.

Рӯйхати адабиёт:

1. Дикусар В.М. Танзими ҳуқуқии ҳалли баҳсҳои замин дар Федератсияи Русия: дисс. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Москва, 1997. – С. 36-61.
2. Емалтинов А.Р. Хусусиятҳои мурофиавии баррасии баҳсҳои замин: дисс. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Екатеринбург, 2012. – С. 68.
3. Федорова Ю.Н. Ҳалли баҳсҳои замин тибқи қонунгузории Федератсияи Русия: дисс. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Саратов, 2004. – С. 133-175.
4. Соҳибов М.М., Қудбудинов Ф.Ш., Қурбонализода Ф., Одинаев Ш.Х., Кулобиев Ё.А., Раҳмонов Ҷ.Т., Идрисов Я.А., Шерзода Б.С. Тафсири Қонуни ҶТ «Дар бораи баҳои замин»: нашри аввал // Зери таҳрири Саидзода И.Ҳ., директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент. – Душанбе: Меҳроҷ-граф, 2020. – С. 125.
5. Шерзода Б.С. Реҷаи ҳуқуқии молу мулки ғайриманқул тибқи қонунгузории ҶТ: таҳқиқоти ҳуқуқи маданӣ: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2024. – С. 44.
6. Бойгонии суди ноҳияи Ховалинг. Парвандаи № 5-13/11. Ҳалномаи суди ноҳияи Ховалинг аз 27 сентябри соли 2017.
7. Бойгонии Суди иқтисодии вилояти Суғд. Парвандаи № 2-860/11. № 2-74/12. Ҳалномаи суди иқтисодии вилояти Суғд аз 10 феврали 2012.

Список литературы:

1. Дикусар В.М. Правовое регулирование разрешения земельных споров в РФ: дис. … канд. юрид. наук. – Москва, 1997. – С. 36-61.
2. Емалтынов А.Р. Процессуальные особенности рассмотрения земельных споров: дис. ... канд. юрид. наук. – Екатеринбург, 2012. – С. 68.
3. Федорова Ю.Н. Разрешение земельных споров по законодательству РФ: дис. ... канд. юрид. наук. – Саратов, 2004. – С. 133-175.
4. Сохибов М.М., Кудбудинов Ф.Ш., Курбанализода Ф., Одинаев Ш.Х., Кулобиев Я.А., Рахмонов Дж.Т., Идрисов Я.А., Шерзода Б.С. Толкование Закона Республики Таджикистан «О ценах на землю»: издание первое // Под ред. Саидзода И.Х., директора Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан, к.ю.н., доцента. – Душанбе: Мехродж-граф, 2020. – С. 125.
5. Шерзода Б.С. Правовой режим недвижимого имущества по законодательству Республики Таджикистан: гражданско-правовые исследования: диссертация на соискание ученой степени кандидата юридических наук. – Душанбе, 2024. – С. 44.
6. Архив Ховалингского районного суда. Дело № 5-13/11. Решение Ховалингского районного суда от 27 сентября 2017 г.
7. Архив Экономического суда Согдийской области. Дело № 2-860/11. № 2-74/12. Решение Экономического суда Согдийской области от 10 февраля 2012 г.

List of literature:

1. Dikusar V.M. Legal regulation of land dispute resolution in the Russian Federation: diss. ... Cand. of Law. - Moscow, 1997. - P. 36-61.

2. Emaltynov A.R. Procedural features of land dispute consideration: diss. ... Cand. of Law. - Yekaterinburg, 2012. - P. 68.

3. Fedorova Yu.N. Resolution of land disputes under the legislation of the Russian Federation: diss. ... Cand. of Law. - Saratov, 2004. - P. 133-175.

4. Sokhibov M.M., Kudbudinov F.Sh., Kurbanalizoda F., Odinaev Sh.Kh., Kulobiev Y.A., Rakhmonov J.T., Idrisov Ya.A., Sherzoda B.S. Interpretation of the Law of the Republic of Tajikistan "On Land Prices": first edition // Edited by Saidzoda I.Kh., Director of the National Center for Legislation under the President of the Republic of Tajikistan, Candidate of Legal Sciences, Associate Professor. – Dushanbe: Mehroj-graf, 2020. – P. 125.

5. Sherzoda B.S. Legal regime of real estate according to the legislation of the Republic of Tajikistan: civil law research: dissertation for the degree of Candidate of Legal Sciences. – Dushanbe, 2024. – P. 44.

6. Archives of the Khovaling District Court. Case No. 5-13/11. Decision of the Khovaling District Court of September 27, 2017.

7. Archives of the Economic Court of Sughd Region. Case No. 2-860/11. No. 2-74/12. Decision of the Economic Court of Sughd Region of February 10, 2012.

12.00.08 – ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ ВА КРИМИНОЛОГИЯ; ҲУҚУҚИ ИҶРОИ ҶАЗО
12.00.08 – УГОЛОВНОЕ ПРАВО И КРИМИНОЛОГИЯ; УГОЛОВНО-ИСПОЛНИТЕЛЬНОЕ ПРАВО
12.00.08 – CRIMINAL LAW AND CRIMINOLOGY; CRIMINAL EXECUTIVE LAW

ТДУ: 343
Маннонзода Нигора Маннон,
н.и.ҳ., дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон
E-mail: shukrona_78@mail.ru

ТАСАРРУФ Ё ВАЙРОН КАРДАНИ ҲУҶҶАТ, ШТАМП, МӮҲР-НАВЪИ ҶИНОЯТҲОИ БО САВДОИ ОДАМОН АЛОҚАМАНД

Калидвожаҳо: ҷиноят, ҷавобгарии ҷиноятӣ, таркиби ҷиноят, унсурҳои таркиби ҷиноят, ҳуҷҷат, штамп, мӯҳр, тасарруф, нобуд, вайрон ё пинҳон кардан, савдои одамон.

Аннотатсия. Мақола ба таркиби ҷинояти *тасарруф ё вайрон кардани ҳуҷҷат, штамп, мӯҳр*-навъи ҷиноятҳои бо савдои одамон алоқаманд бахшида шудааст. Ин намуди таркиби ҷиноят гарчанде аз руи объекти намудӣ ба зергурӯҳи ҷиноятҳо ба муқобили тартиби идоракунӣ дохил шавад ҳам, яке аз намудҳои ҷиноятҳои бо савдои одамон алоқаманд ба шумор меравад. Тасарруфи шиноснома (паспорт) ё дигар ҳуҷҷати муҳими шахсии шаҳрванд, яъне, ғайриқонунӣ гирифтан ё ситонидани предметҳои мазкур ва ба фоидаи худ ё шахси дигар табдил додани бо мақсади савдои одамон содир шуда бошад, бояд на балки ҳамчун кирдори ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ эътироф гардад, балки оқибатҳои дигари ҳуқуқиро ба миён орад.

Диққати махсус дода мешавад, ба шарҳи мафҳумҳои асосӣ, инчунин таҳлили ҷиноятӣ-ҳуқуқии таркиби ҷинояти мазкур аз нигоҳи назария ва қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Муаллиф дар мақола фикру ақидаи олимонро зикр намуда, нисбати бандубасти дурусти кирдори мазкур мавқеи худро муайян намудааст, ки ин ба таъмин гаштани риояи меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро оварда мерасонад.

Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тасарруф ё вайрон кардани ҳуҷҷат, штамп, мӯҳр дар моддаи 339 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Минбаъд КҶ ҶТ) муқаррар карда шудааст.

Таркиби ҷинояти тасарруф ё вайрон кардани ҳуҷҷат, штамп, мӯҳр ба категорияи ҷиноятҳои начандон вазнин ва миёна дохил шуда, аз шумораи ҷиноятҳое мебошад, ки ба тартиби бо қонун муқарраркардаи корбарию нигоҳдории ҳуҷҷатҳои расмӣ ва мукофотҳои давлатӣ таҷовуз меоваранд, дохил мешавад. Моддаи мазкур аз 3 қисм иборат аст ва дар он эзоҳ дида намешавад.

Дар таркиби асосии моддаи мазкур табиати кирдори ҷиноятии мазкур оварда шуда, ҷазо дар намуди корҳои ҳатмӣ ба мӯҳлати аз ҳаштод то яксаду бист соат ё ҷарима ба андозаи то дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё корҳои ислоҳӣ ба мӯҳлати то як сол муқаррар карда шудааст, инчунин таркибҳо бо ҳолатҳои вазнинкунанда ва махсусан вазнинкунанда оаврда шудаанд, ки ҷазо дар намуди ҷарима ба андозаи аз дусад то панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё корҳои ислоҳӣ ба мӯҳлати то ду сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то як сол, дар қисми сеюми модда бошад, ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз ду то панҷ муқаррар карда шудааст.

Объекти ҷиноят-он аст, ки ба он кирдор (ҳаракат ё беҳаракатӣ) равона шудааст ё ҷиноятқор дахолат мекунад. Дар саҳифаҳои адабиётҳои махсус ба саволи: худи «он» чист, яъне кирдор ба кадом муносибатҳои ҷамъиятӣ таҷовуз мекунад, посухҳои гуногун мавҷуданд. Масалан, то инқилоби Октябр як қатор олимони намоёни рус чунин манфиатҳои ҳаётан муҳимро объекти ҷиноят эътироф мекарданд, ки онҳоро давлат бо воситаҳои меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ ба зери ҳимояи худ гирифтааст[1, с.92-93].

Дар давраи шӯравӣ бошад, ба сифати объекти ҷиноят гӯё муносибатҳои ҷамъиятиро эътироф мекарданд. Масалан, Б.А. Куринов дар

яке аз асарҳои охирини худ навишта буд: «Объекти ҷиноят фақат муносибатҳои ҷамъиятии сотсиалистие, ки аз ҷониби Қонуни ҷиноятӣ ҳифз шуда метавонад, мебошад.»[2, с.62].

Яъне, ба андешаи Б.А. Куринов ва дигар муаллифон муносибатҳои ҷамъиятӣ объекти ҷиноят буда метавонанд, вале онҳо «муносибатҳои ҷамъиятӣ»-ро маънидод накардаанд.

Муносибатҳои ҷамъиятӣ дар Энсиклопедияи советии тоҷик чунин таъриф карда шудаанд: «Муносибатҳои ҷамъиятӣ, робитаҳои мухталифи байни гурӯҳҳои иҷтимоӣ, синфҳо, миллатҳо, ки дар рафти ҳаёт ва фаъолияти иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва маънавии онҳо ба миён меояд» [3, с.62]. «»

Бо вуҷуди он ки гурӯҳҳо, синфҳо, миллатҳо, созмонҳо, умуман ҷамъиятро такшил мекунанд, муносибатҳои ҷамъиятиро, муносибатҳои одамҳоро бо ҳамдигар, ба истеҳсолот, моликият, давлат ва ғайра эътироф кардан дурустар мебошад.

Объекти ҷиноят тартиби гузориши расмии ҳуҷҷатҳои давлатӣ ва манфиатҳои шаҳрвандон мебошад. Предмети ҷинояти мазкурро шиноснома (паспорт), дигар ҳуҷҷати муҳими шахсии шаҳрванд (қисми 1 моддаи 339 КҶ ҶТ), ҳуҷҷатҳои расмӣ, штамп ё мӯҳр (қисми 2 моддаи 339 КҶ ҶТ) ташкил медиҳанд.

Шиноснома (паспорт) ҳуҷҷати расмии асосӣ ба ҳисоб рафта, аз тарафи мақомоти давлатӣ дода шуда, ному насаб, ҷинс, синну сол ва дигар маълумоти инфиродии шахсро инъикос мекунад. Шиносномаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди расидан ба синни 16-солагӣ аз ҷониби мақомоти корҳои дохилаи ҷои истикомати шахс дода шуда, дар он маълумотҳои асосӣ оиди шахсияти шаҳрванд дарҷ гардидаанд. Ба категорияи шиноснома, инчунин, шиносномаи хориҷӣ низ дохил мешавад (умумӣ, хизматӣ ва дипломатӣ), ки аз ҷониби мақомоти корҳои дохила ва Вазорати корҳои хориҷӣ дода мешаванд.

Ба дигар ҳуҷҷатҳои муҳими шахсии шаҳрванд асноде дохил мешаванд, ки факт ва ҳодисаҳои аҳамияти ҳуқуқидоштаро тасдиқ менамоянд ва хусусияти инфиродӣ доранд, масалан, диплом оид ба маълумот, шаҳодатномаи ронандагӣ, билети ҳарбӣ, дафтарчаи меҳнатӣ, шаҳодатномаи нафақагирӣ ва ғайра дохил мешаванд.

Кадом ҷинояте набошад, бо ҳаракат ё бо беҳаракатӣ содир мешавад. Ҳаракат ё беҳаракатӣ аз ду тараф иборат аст. Тарафи ботиние, ки дар ҳуқуқи ҷиноятӣ тарафи субъективӣ меноманд ва тарафи берунӣ, зоҳирие, ки дар ҳуқуқи ҷиноятӣ тарафи объективии ҷиноят меноманд.

Албатта, ин ду тарафи фаъолияти ҷиноятии одам ҷудонашаванда, яклухт аст. Лекин, барои дуруст ва аниқтар дарк кардан онҳоро шартан ба ду тараф ҷудо карда, меомӯзанд.

Аз ин лиҳоз, тарафи объективии ҷиноят амали зоҳирии кирдори барои ҷамъият хавфноке, ки ба объекти аз ҷониби қонунгузории ҷиноятӣ ҳифз гардида, таҷовуз мекунад ва дар натиҷаи ин таҷовуз ба он объект зарар мерасад, мегӯянд. Тарафи объективии ҷиноят воқеияти ошкоро, зоҳиран амалкунанда бошад ҳам, дарк кардани он хеле мушкил аст. Барои он ки унсури ҷиноят, чӣ хеле, ки дар боло қайд шуда буд, дар тарафи ботинии фаъолият аст, яъне дар фикру андеша, дар хаёли он шакли муайянро мегирад ва пас аз вай зоҳиран ҷомаи амал мепӯшад. Аз дигар тараф, тарафи объективии ҷиноят чун объекти даркшаванда хеле мураккаб бошад ҳам, бо осонӣ ошкор кардан мумкин аст[4, с.98].

Тарафи объективии ҷинояти дар қисми 1 моддаи 339 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардида аз тасарруфи шиноснома (паспорт) ё дигар ҳуҷҷати муҳими шахсии шаҳрванд иборат мебошад. Зери мафҳуми тасарруф, дар моддаи мазкур, ғайриқонунӣ гирифтан ё ситонидани предметҳои мазкур ва ба фоидаи худ ё шахси дигар табдил додани он фахмида мешавад. Предметҳои мазкур мумкин аст, дорои арзиши молумулкӣ, амволӣ бошанд ё набошанд.

Бинобар он, ройгон гирифтан ба сифати аломати ҳатмии тасарруфи предметҳои номбурда баромад намекунад. Ғайр аз ин, дар фарқият аз мафҳуми тасарруф, ки дар эзоҳи моддаи 244 КҶ ҶТ нишон дода шудааст, барои тасарруфнамоӣ аз рӯи моддаи 339 КҶ ҶТ ҷой доштани мақсади ғаразнок низ шарт нест.

Дар қисми 2 моддаи 339 КҶ ҶТ ҷавобгарии ҷиноятӣ барои бо мақсади ғаразнок ё манфиати дигари шахсӣ тасарруф, нобуд, вайрон ё пинҳон кардани ҳуҷҷатҳои расмӣ, штамп ё мӯҳр мукаррар гардидааст.

Ҳуҷҷатҳои расмӣ асноди ҳатмие эътироф мешаванд, ки факт ва ҳодисаҳои аҳамияти юридикидоштаро тасдиқ менамоянд ва барои муқаррар намудан, тағйир додан ё қатъ намудани ҳуқуқу ӯҳдадориҳои граждани равона гардидаанд. Предмети ҷиноят, инчунин, ҳуҷҷатҳое, ки аз шахсони хусусӣ бармеоянд, шуда метавонанд, лекин танҳо дар он ҳолате, ки агар онҳо дар муассисаю ташкилотҳо ҷойгир шуда барои баррасии кор (парванда) қабул карда шуда бошанд (мисол васиятнома, шикоят, ваколатнома ва ғайра).

Предмети ҷиноятро танҳо ҳуҷҷатҳои аслӣ (ҳақиқӣ, яъне, ғайрисохта, ғайриқалбакӣ) ташкил медиҳанд.

Штамп- ин лавҳаи чӯбин ё металлӣ, ки дар вай акси расм ва (ё) хат гузаронида шудааст. Он одатан дар кунҷи чапи болоии ҳуҷҷат гузошта шуда, дар он маълумотҳо оид ба номи корхона, муассиса, маҳалли ҷойгиршавии он, рақам ва санаи равона кардани ҳуҷҷат ва ғайра нишон дода мешавад.

Мӯҳр-ин чунин асбобе (лавозимоте) мебошад, ки дар он нишона (тамға) ва (ё) рамзи давлатӣ бо номи корхонаву муассиса, маҳалли ҷойгиршавии он ва ғайра нишон дода мешавад ва дар назди имзои шахси мансабдор гузошта мешавад. Акси мӯҳр дар ҳуҷҷат кафолати он мебошад.

Нобуд сохтани ҳуҷҷатхо (мӯҳр, штамп) ин ба таври барқарорнашаванда вайрон сохтани ин предметхо мебошад, ки дар натиҷа шинохтан ё мувофиқи таъинот истифодаи онҳо имконнопазир мегардад. Вайрон кардани ҳуҷҷат (мӯҳр, штамп) яъне, расонидани зарар ба предметҳои мазкур, ки дар натиҷа шинохтани онҳо мумкин бошад ҳам, истифодаашон бе барқарорнамоӣ мушкил ё имконнопазир аст. Пинҳон кардани ҳуҷҷат (мӯҳр, штамп) аз ҷои нигоҳдорӣ ба ҷои дигар ниҳон кардани предметҳои мазкур мебошад, ки дар натиҷа шахсони ваколатдор онро мувофиқи таъиноташон истифода бурда наметавонанд.

Аломатҳои субъективии таркиби ҷиноятро тарафи субъективӣ ва субъекти ҷиноят ташкил медиҳанд. Тарафи субъективии ҷиноятро гуноҳ, ангезаи ҷиноят ва мақсади ҷиноят тавсиф медиҳанд. Гунаҳкорӣ ё гуноҳ ҳам дар мазмуни мурофиавӣ – яъне, баровардани хулоса оид ба гуноҳи шахс дар кирдори содиршуда ва дар маънои тарафи субъективии таркиби ҷиноят фаҳмида мешавад. Ҷиноят дар ҳолати набудани нуқтаи назари асосноки рӯҳии шахс, ки озодона метавонад рафтори ҳуқуқӣ ва ё зиддиҳуқуқиро интихоб намояд, вуҷуд дошта наметавонад. На ҳама гуна зарари расонидашуда, балки танҳо зараре, ки бо яке аз шаклҳои зерини гуноҳ расонида мешавад, зарари ҷиноятқорона расонидашуда ҳисобида мешавад, яъне, дар намуди қасди бевосита, қасди бавосита, худбоварӣ ва бепарвоӣ.

Зеро, зарари бегуноҳона расонидашуда (тасодуф) мувофиқи моддаи 31 КҶ ҶТ ҷиноят ҳисобида намешавад.

Таркиби ҷинояти тасарруф ё вайрон кардани ҳуҷҷат, штамп, мӯҳр ба намуди ҷиноятҳои қасдона дохил мешавад. Тарафи субъективии ҷиноят бо қасди бевосита тавсиф меёбад. Мақсади ғаразнок ё манфиати дигари шахсӣ ҳамчун аломати ҳатмии тарафи субъективии қисми 2 моддаи 339 КҶ ҶТ баромад мекунад.

Субъекти ҷиноят шахси воқеии мукаллафи ба синни 16-солагӣ расида шуда метавонад.

Агар тасарруф, нобуд, вайрон ё пинҳон намудани ҳуҷҷатҳои расмӣ, мӯҳр ё штамп аз ҷониби шахси мансабдори муассисаи дахлдор бо истифода аз мақоми хизматӣ содир шуда бошад, чунин кирдорҳо ҳамчун сӯиистифода аз ваколатҳои мансабӣ (моддаи 314 КҶ ҶТ) бандубаст карда мешавад.

Агар кирдорҳои дар қисмҳои 1 ва 2 моддаи 339 КҶ ҶТ пешбинишуда бо истифодаи зӯроварӣ нисбати манфиати шахсият содир шаванд, ҷавобгарӣ аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо (моддаи дахлдори ҷиноятҳо ба мукобили шахсият ва қисмҳои 1 ва 2 моддаи 339 КҶ ҶТ) ба вуҷуд меояд.

Агар тасарруфи шиноснома (паспорт), дигар ҳуҷҷатхои муҳими шахсии шаҳрванд, ҳуҷҷатҳои расмӣ, штапм ва мӯҳр бо мақсади савдои одамон ба амал бароварда шавад, кирдори гунаҳкор бо қисми 3 моддаи 339 КҶ ҶТ бандубаст карда мешавад.

Мафҳуми «савдои одамон» дар моддаи 130-1 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст.

Аз ин ҷо, агар тасарруфи шиноснома (паспорт) ё дигар ҳуҷҷати муҳими шахсии шаҳрванд, яъне, ғайриқонунӣ гирифтан ё ситонидани предметҳои мазкур ва ба фоидаи худ ё шахси дигар табдил додани бо мақсади савдои одамон содир шуда бошад, пас кирдори мазкур бояд бо қисми 3 моддаи 339 КҶ ҶТ бандубаст карда шавад.

Тасарруф- ин зиддиҳуқуқӣ гирифтани предметҳои номбаршуда ва ё пинҳонӣ, ошкоро, бо роҳи фиреб ё суиистифодаи боварӣ ё бо истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи зӯроварӣ, зиддиҳуқуқӣ ба даст овардани онҳо мебошад. Тамаъҷӯии ҳуҷҷат, штамп, мӯҳр ҷавобгарии ҷиноятиро мувофиқи моддаи мазкур ба миён намеорад.

Несту нобуд кардан- ин вайрон кардан, несту нобуд кардани ҳуҷҷат, штамп, мӯҳр ва ё ба чунин ҳолат овардани онҳо, ки онҳоро барқарор намудан ва аз рӯи таъиноташон истифода намудани онҳо имконнопазир аст. Ҳангоми несту нобуд кардан мавҷудияти ҳолати моддии он ва (ё) маълумоти дар он ба қайд гирифташуда гум мешаванд (Масалан, сӯхтан, рехтани кислота, ба қисмҳои майда кардан).

Вайрон кардан-маънои хароб намудани ҳуҷҷат, штамп, мӯҳр, ки истифодаи онҳоро душвор мекунад ва ё истифодаи онҳо бе барқарорсозӣ

истисно мегардад. Дар натиҷаи чунин ҳаракат маълумоти дар чунин ашёҳо ҷой додашуда вайрон мешаванд (Масалан, ҷудо гардидани қисми ҳуҷҷат, рехта шудани имзо бо ранг ва ғ.)

Пинҳон кардан-руст кардан ва ё ҷойгир намудани онҳо ба ҷойи дигар бидуни дуздидан, ки дар натиҷа соҳиби ҳуҷҷат, штамп, мӯҳр аз истифодаи онҳо аз рӯи таъиноташон маҳрум мегардад. Пинҳон кардан мумкин аст, дар шакли ҳаракат, инчунин беҳаракатӣ, он мумкин аст, масалан, пардапӯшӣ намудан, расонидани маълумоти бардурӯғ оиди ҷойгиршавии онҳо, зикр накардани баъзе ҳуҷҷатҳо зоҳир шавад [5, с.493].

Дар заминаи омӯзиши қонунгузории ҷиноятӣ ва ғояҳои илмии ҷиноятӣ чунин хусусиятҳои мафҳуми моделии мафҳуми таркиби ҷинояти тасарруф ё вайрон кардани ҳуҷҷат, штамп, мӯҳр пешбинӣ шуданаш мумкин аст:

1. Таркиби ҷинояти мазкур чунин кирдори хусусияти ҷиноятӣ-ҳуқуқидошта мебошад, ки пеш аз ҳама ба гурӯҳи муносибатҳои ҷамъиятии якхела ва бо ҳам алоқаманди бо Қонуни ҷиноятӣ ҳифзшаванда зарар мерасонад ва ё таҳдиди расонидани зарарро ба вуҷуд меорад, яъне, тамоми манфиати ҳокимияти давлатӣ мебошад (Фасли 13 КҶ ҶТ);

2. Агар объекти намудӣ тартиби идоракунӣ бошад, пас объекти бевоситаи онро муносибатҳои ҷамъиятие, ки тартиби гузориши расмии ҳуҷҷатҳои давлатӣ ва манфиатҳои шахрвандонро таъмин мекунанд, ташкил медиҳад;

3. Ин намуди кирдори ҷиноятӣ дар шакли ҳаркат, ҳаракатҳои алтернативӣ содир карда мешавад;

4. Ба сифати субъекти ҷинояти мазкур шахси вокеии мукаллафи ба синни 16-солагӣ расида шуда баромад карда метавонад.

Аз ин лиҳоз, омӯзиши пурраи табиати ҷиноятӣ-ҳуқуқии таркиби ҷинояти номбурда ва тадбиқи дурусти аз ҷумла, ин меъёри ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ имкон медиҳад, то иҷрои вазифаҳои пешбинишудаи Қонуни ҷиноятӣ таъмин гардад.

Муқарриз: н.и.ҳ., дотсент Азимзода Ш.

ПОХИЩЕНИЕ ИЛИ ПОВРЕЖДЕНИЕ ДОКУМЕНТОВ, ШТАМПОВ, ПЕЧАТЕЙ- КАК РАЗНОВИДНОСТЬ ПРЕСТУПЛЕНИЙ, СВЯЗАННЫХ С ТОРГОВЛЕЙ ЛЮДЬМИ.

Ключевые слова: преступление, уголовная ответственность, состав преступления, элементы состава преступления, документы, штамп, печать, похищение, уничтожение, повреждение или сокрытие, торгвля людьми.

Аннотация. Статья посвящена одному из видов преступлений, связанных с торговлей людьми, составу преступления- *похищение или повреждение документов, штампов, печатей.* Этот вид состава преступления, хотя, по видовому объекту относиться к преступлениям против порядка управления, но признаётся одним из видов преступлений, связанных с торговлей людьми.

Похищение у гражданина паспорта или иного важного личного документа, то есть совершенное с корыстной целью противоправного безвозмездного изъятия и (или) обращения чужого имущества в пользу виновного или других лиц с целью торговли людьми должно учитываться не только как уголовно-правовое деяние, но и повлечь иные правовые последствия.

Особое значение даётся определению основных понятий, а также уголовно-правовому анализу данного состава преступления с точки зрения теории и уголовного законодательства Республики Таджикистан.

В статье автор, приводит мнения ведущих учёных, выражает свой взгляд относительно правильной уголовно-правовой квалификации данного деяния, которое обеспечит соблюдение норм уголовного законодательства Республики Таджикистан.

Маннонзода Нигора Маннон - к.ю.н., доцент кафедры уголовного права, криминалистики и предупреждения коррупции, юридического факультета, Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики, кандидат юридических наук, E-mail: shukrona_78@mail.ru

THEFT OR DAMAGE TO DOCUMENTS, STAMPS, SEALS - AS A TYPE OF CRIMES RELATED TO HUMAN TRAFFICKING

Key words: crime, criminal liability, composition of a crime, elements of a crime, documents, stamp, seal, theft, destruction, damage or concealment, human trafficking.

Annotation. The article is devoted to the types of crimes related to human trafficking, that is, the elements of the crime - theft or damage of documents, stamps, seals. This type of crime, although by the type of object it relates to crimes against the order of management, is recognized as one of the types of crimes related to human trafficking.

Theft of a citizen's passport or other important personal document, that is, committed with the mercenary purpose of illegal gratuitous seizure and (or) conversion of someone else's property in favor of the perpetrator or other persons for the purpose of human trafficking should be taken into account not only as a criminal act, but also entail other legal consequences.

Particular importance is given to the definition of basic concepts, as well as criminal-legal analysis of this crime from the point of view of theory and criminal legislation of the Republic of Tajikistan.

In the article, the author cites the opinions of leading scientists, expresses his view on the correct criminal-legal qualification of this act, which will ensure compliance with the norms of the criminal legislation of the Republic of Tajikistan.

Mannonzoda Nigora Mannon **-** Associate Professor of the Department of Criminal Law, Criminology and corruption prevention, faculty of law, Tajik state university of law, business and politics, candidate of legal sciences, E-mail: shukrona_78@mail.ru

Рӯихати адабиёт:

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 (бо тағйиру иловагиҳои солҳои 1999, 2003, 2016). Сомонаи интернетии Маркази Миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. mmk.tj.
2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 574 аз 21 майи соли 1998 бо тағйироту иловаҳо дар ҳолати 20 июни соли 2024. Сомонаи интернетии www.mmk.tj.
3. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (ҚИСМИ УМУМӢ) Китоби дарсӣ. Зери таҳрири Ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Ҳ.С.Салимов ва номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Н.А.Ғаффорова. Душанбе ИРФОН» 2010. – 205 с.
4. Асосхои илмии таснифи чиноят. Китоби дарсӣ / Куринов Б.А. - М.: Нашриёти Москва. Донишгох, 1984. - 181 с.
5. Энсиклопедияи советии тоҷик. Ҷилди 4. Душанбе – 1983.- С. 550.
6. «Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Федератсияи Русия» (модда ба модда) (нашри 2, ислоҳ, ислоҳ ва илова) (таҳрири А.И. Чучаев) («ШАРТНОМА», ИНФРА-М, 2010). -531с.

Список использованной литературы:

1. Конституция Республики Таджикистан от 6 ноября 1994 года (с изменениями и дополнениями 1999, 2003, 2016 годов). Сайт Национального законодательного центра при Президенте Республики Таджикистан. ммк.тдж.
2. Уголовный кодекс Республики Таджикистан от 21 мая 1998 года № 574, с изменениями и дополнениями по состоянию на 20 июня 2024 года. Сайт www.mmk.tj.
3. Уголовное право (ОБЩАЯ ЧАСТЬ) Учебник. Под редакцией заслуженного юриста Республики Таджикистан, кандидата юридических наук, доцента Х.С. Салимова и кандидата юридических наук, доцента Н.А. Гаффоровой. Душанбе ИРФОН» 2010. – 205 с.
4.Научные основы квалификации преступлений. Учебное пособие / Куринов Б.А. - М.: Изд-во Моск. ун-та, 1984. - 181 с.
5. Советская таджикская энциклопедия. Том 4. Душанбе – 1983.- С. 550.
6. «Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации» (постатейный) (2-е издание, переработанное, исправленное и дополненное) (ред. А.И. Чучаев) («КОНТРАКТ», ИНФРА-М, 2010). -531с.

List of used literature:

1. The Constitution of the Republic of Tajikistan of November 6, 1994 (with amendments and additions of 1999, 2003, 2016). Website of the National Legislative Center under the President of the Republic of Tajikistan. mmk.tj.
2. The Criminal Code of the Republic of Tajikistan of May 21, 1998 No. 574, with amendments and additions as of June 20, 2024. Website www.mmk.tj.

3. Criminal law (GENERAL PART) Textbook. Edited by Honored Jurist of the Republic of Tajikistan, Candidate of Law, Associate Professor H.S. Salimov and Candidate of Law, Associate Professor N.A. Ghafforova. Dushanbe IRFON» 2010. – 205 p.

4. Scientific foundations of the qualification of crimes. Textbook / Kurinov B.A. - M.: Publishing house of Mosk. University, 1984. - 181 p.

5. Soviet Tajik Encyclopedia. Volume 4. Dushanbe – 1983.- P. 550.

6. "Commentary on the Criminal Code of the Russian Federation" (postate) (2nd edition, corrected, revised and supplemented) (under the editorship of A.I. Chuchaeva) ("CONTRACT", INFRA-M, 2010). -531 p.

ТДУ: 343
Сабурзода Наврӯз Мирзоалӣ,
Сармутахассиси шуъбаи қонунгузорӣ оид ба сохтори давлатӣ, мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
E-mail: navruz.saburzoda@mail.ru
Тел.: (+992) 901-15-01-10.

СИЁСАТИ ҲУҚУҚӢ ҶИНОЯТӢ ОИД БА МУҚОВИМАТ БО ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Калидвожаҳо: Конститутсияи ҶТ; сиёсати ҳуқуқӣ; қонунгузорӣ; терроризм; экстремизм; муқовимат ба экстремизм; ҳуқуқи ҷиноятӣ; ҳуқуқи маъмурӣ; муносибатҳои ҷамъиятӣ; ҷавобгарии ҷиноятӣ; таркиби ҷиноят; Кодекси ҷиноятии ҶТ.

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур татбиқи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти терроризм экстремизм (ифротгароӣ) ба риштаи таҳлил кашида шудааст. Ҳамзамон, дар мақола, тавсифи гуногунии андешаҳо оид ба муайянсозии мазмуни мафҳуми «экстремизм (ифротгароӣ)» рӯи кор омадааст. Инчунин, субъектҳое, ки бевосита ба экстремизм (ифротгароӣ) муқовиматкунанда дар мақола пешбинӣ гардидааст.

Сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – ҶТ) бо дар назар доштани арзишҳои умумибашарӣ ва манфиатҳои миллӣ, таъсири ҷаҳонишавӣ, ҳамоҳангсозӣ ва якхелакунии қонунгузории давлатҳо ва низомҳои ҳуқуқии ҷаҳонӣ, рушди муносибатҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, таъсиси иттиҳодҳои нави ҷаҳонӣ ва минтақавии байни давлатҳо, таҳдиду хатарҳои нави ҷаҳонӣ амалӣ карда мешавад [1].

Сиёсати ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ ба коҳиш додани таъсири манфии ҷаҳонишавӣ, муқовимат бо хатарҳо ва таҳдидҳои ҷаҳонӣ “терроризм, экстремизм” ва дигар падидаҳои хатарзо, ҳифзи фазои иттилоотии ҷумҳурӣ аз хатарҳои иттилоотии ҷаҳони муосир равона карда мешавад [2, с. 262].

Дар даврони Истиқлолият қонунгузории ҷиноятӣ ба сифати яке аз воситаҳои муҳими танзимсозандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ баромад намуда, манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлатро аз таҷовузҳои ҷиноятқорона ҳифз менамояд. Ҷаҳонишавӣ, ба вуқӯъ омадани шаклҳои нави ҷиноятқорӣ, аз қабили терроризм, экстремизм, коррупсия, гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар ва киберҷиноятҳо аз давлат талаб менамояд, ки қонунгузории ҷиноятиро давра ба давра такмил диҳад.

Дар замони муосир экстремизм яке аз намуди ҷиноятҳое, ба ҳисоб меравад, ки ба асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат, амнияти ҷамъиятӣ ва ба сулҳу амнияти инсоният зарари ҷиддӣ мерасонад. Имрӯз экстремизм хатару таҳдидҳо ба тамоми соҳаҳои ҳаёти инсонӣ ворид намуда, ба фаъолияти муътадили сохторҳои давлатӣ халал мерасонад, дар ҷомеа кинаю адоват ва бедор кардани бадбинӣ аз рӯи дин, миллат, нажод, маҳал ва ё кадом як гурӯҳи иҷтимоиро бо истифодаи воситаҳои ахбори омма ва ё ба таври оммавӣ паҳн мекунад. Дар баробари ин, вобаста ба бартарӣ доштан ё номукаммалии инсон (гурӯҳи иҷтимоӣ) ба дин, тамоюли иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳаллӣ ва ё забон, инчунин ташвиқоти ягона мебарад [3, с. 54].

Мувофиқи моддаи 8 Конститутсияи ҶТ таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсие, ки нажодпарастӣ, миллатгароӣ, хусумат, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабиро тарғиб мекунанд ва ё барои бо зӯрӣ сарнагун кардани сохтори конститутсионӣ ва ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳ даъват менамоянд, манъ аст [4].

Тибқи муқаррароти моддаи 2 Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ” аз 13 ноябри соли 1998, №680 зери мафҳуми ҳизби сиёсӣ – чунин иттиҳодяи ҷамъиятие фаҳмида мешавад, ки вазифаи асосиаш иштирок дар ҳаёти сиёсии ҷомеа ба воситаи ташаккул додани иродаи сиёсии шаҳрвандон ва инчунин ба амал баровардани ҳокимият ба воситаи намояндагони худ мебошад [5].

Мутобиқи моддаи 5 Қонуни ҶТ “Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ” аз 12 майи соли 2007, №258 таҳти мафҳуми иттиҳодияи ҷамъиятӣ – иттиҳоди ихтиёрӣ, худидора ва ғайритиҷоратии шаҳрвандон мебошад, ки дар асоси умумияти манфиатҳо барои амалӣ намудани мақсадҳое

муттаҳид гардидаанд, ки дар оинномаи иттиҳодияи ҷамъиятӣ нишон дода шудаанд [6].

Ҳамзамон бо ин, давлат наметавонад нисбат ба ҳадафу вазифаҳои ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ беэътиноӣ зоҳир намояд, зеро баъзеи онҳо мумкин аст ҳадафҳои зиддиконститутсиониро таҳрезӣ кунанд [7, с. 67].

Аз ин лиҳоз, дар асоси муқаррароти моддаи 8 Конститутсияи ҶТ дар Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ" ва Қонуни ҶТ "Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ" таъсиси иттиҳодияҳои ҷамъиятие, ки ҳадафу фаъолияти онҳо ба татбиқи амалҳои зерин равона гардидааст, манъ мебошад:

– ба зӯрӣ тағйир додан ё сарнагун кардани асосҳои сохтори конститутсионии давлат;

– халалдор кардани якпорчагии ҶТ;

– хароб кардани амнияти давлатӣ;

– ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳ ва ё даъват ба ташкил кардани онҳо;

– тарғиби нажодпарастӣ, миллатгарой, хусумати иҷтимоӣ ва динӣ.

Терроризм ва экстремизм дар шароити кунуни ҷиноят дорои хусусияти глобалӣ буда, мубориза алайҳи он ҳамкории зич ва мутақобилаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хадамоти махсусро тақозо менамояд. Таҳдиди терроризм ва экстремизм бо истифодаи яроқи ядроӣ, химиявӣ ва бактериологӣ, инчунин ба объектҳое, ки террористон онҳоро барои анҷом додани кирдори зӯроварӣ интихоб мекунанд, имрӯзҳо на танҳо чун ҷиноят дохилидавлатӣ, ки ба манфиатҳои шахсони алоҳида, ҷомеа ва давлат зарар мерасонад, балки чун ҷиноятe баррасӣ мегардад, ки дар маҷмӯъ метавонад ба тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ зиён оварад [8].

Мувофиқи сархати ҳаштуми банди 7 Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии ҶТ ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 2 ноябри соли 2013, №492 тасдиқ шудааст, яке аз мақсад ва вазифаҳои асосии сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ ин бехтаршавии сифатии ҳолати воқеии ҷиноятқориро ба даст овардан, аз ҷумла паст кардани сатҳ ва сохти хатари ҷамъиятии намудҳои алоҳидаи он: ҷиноятқориҳои ретсидивӣ, муташаккилона, террористӣ, ғаразнок, коррупсионӣ, экстремизм, бо роҳи зӯроварӣ содиршаванда ва ҷиноятқорӣ дар байни ноболиғон пешбинӣ шудааст [9].

Дар воқеъ, Паёми имсолаи Роҳбари давлат “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” ки аз 28 декабри соли 2024 дар бинои нави мақоми олии қонунгузори мамлакат – Маҷлиси Олӣ ироа гардид, таъкид намуданд, ки “мубориза бо терроризм ва экстремизм самти афзалиятнок ба шумор меравад, зеро ин зуҳурот ҳоло ба хатари глобалӣ мубаддал гардида, тамоми аҳли башарро ба ташвишу нигаронӣ овардааст [10].

Бо дарназардошти ин вазъ, моҳи майи соли 2018 бо ташаббуси Тоҷикистон ва дар ҳамкорӣ бо Созмони Милали Муттаҳид ва дигар созмону кишварҳо дар шаҳри Душанбе Конфронси байналмилалии сатҳи баланд дар мавзӯи «Муқовимат бо терроризм ва ифротгароии хушунатомез», ки номи «Раванди Душанбе»-ро гирифтааст, баргузор гардид.

Дар ин ҳамоиш Тоҷикистон мавқеи устувори худро дар хусуси ба роҳ мондани ҳамкориҳои густурда ва ҳамоҳангшудаи байналмилалӣ иброз намуд.

Зеро ҳамоҳангии фаъолият дар миқёси байналмилалӣ ва минтақавӣ ба эҷоди механизми боэътимоди муборизаи муштарак бар зидди хавфу таҳдидҳои амниятӣ мусоидат менамояд.

Ин аст, ки дар ҷумҳурӣ ҳама сохторҳои давлатӣ, аз ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар мубориза бар зидди чунин намудҳои ҷиноятқориро самти афзалиятноки фаъолияти худ қарор дода, баҳри амалӣ гаштани дастуру супоришҳои Президенти мамлакат ва уҳдадориҳои байналмилалии ҶТ дар роҳи мубориза бар зидди экстремизм, терроризм ва дигар ҷиноятҳои хусусияти экстремистдошта тадбирҳои мушаххас меандешанд.

Афзудани шумораи ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта дар аксар давлатҳо, ки ба амнияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ин давлатҳо таҳдид мекард, зарурати қабули Қонуни дахлдор дар бораи мубориза бо экстремизм, аз ҷумла дар ҶТ зарурати қабули Қонун “Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)”-ро ба миён овард. Бинобар ин, 8 декабри соли 2003 Қонуни номбурда қабул гардида, то андозае ҷараёни мубориза бар зидди экстремизмро ба танзим дароварда ва натиҷаҳои мусбат низ ба даст оварда шуданд. Аммо Қонуни мазкур бо вуҷуди ин ҳама аз камбудиҳо холӣ набуда, аз ҷониби субъектоне, ки муборизаро бар зидди экстремизм амалӣ мегардонданд ва шахсони алоҳида ҳангоми татбиқ муқаррароти он дар аксар мавридҳо ба камбудиҳо роҳ дода, ки дар натиҷа ба зиддияту гуногунфаҳмиҳои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оварда мерасонд.

Бо вуҷуди инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ ва рушди қонунгузории мамлакат Қонуни ҶТ “Дар бораи муқовимат ба экстремизм” аз 2 январи соли 2020, №1655 аз ҷониби Президенти ҶТ дар таҳрири нав ба имзо расид.

Қонуни мазкур асосҳои ташкилӣ ва ҳуқуқии муқовимат ба экстремизмро бо мақсади ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, асосҳои сохтори конститутсионӣ, таъмини соҳибихтиёрӣ, тамомияти арзӣ ва амнияти ҶТ-ро муайян менамояд [11].

Мувофиқи моддаи 7 Қонуни мазкур самтҳои асосии сиёсати давлатии муқовимат ба экстремизмро Президеити ҶТ муайян менамояд.

Дар моддаи 8 Қонуни мазкур бошад, салоҳияти Ҳукумати ҶТ дар самти муқовимат ба экстремизм пешбинӣ намудааст, ки бевосита сиёсати давлатиро дар самти муқовимат ба экстремизм муайян менамояд:

- татбиқи сиёсати давлатиро дар самти муқовимат ба экстремизм роҳбарӣ менамояд;
- консепсия, стратегия, барномаи давлатӣ ва нақшаҳоро дар самти муқовимат ба экстремизм қабул ё тасдиқ намуда, иҷрои онҳоро назорат мекунад;
- санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар самти муқовимат ба экстремизм қабул ва тасдиқ менамояд;
- маблағгузории чораҳои татбиқи сиёсати давлатӣ дар самти муқовимат ба экстремизмро таъмин мекунад;
- ваколатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории ҶТ-ро амалӣ менамояд.

Албата, фақру бекорӣ барои зуҳури ифротгароӣ ва терроризм дар тамоми ҷаҳон шароити мусоид ба вуҷуд меоварад, вале бояд гуфт, ки мудохилаи хоричӣ бо истифода аз сатҳи пасти саводу фарҳанг ва маърифати дунявию динӣ, бетараф будан нисбат ба арзишҳои миллию динӣ дар замони муосир аз омилҳои асосии пайдоиш ва шиддат гирифтани экстремизм (ифротгароӣ) гардидааст.

Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханрониашон дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар 9 марти соли 2024 зикр намуданд, ки бо вуҷуди муносибати неки давлат нисбат ба ҳамаи дину мазҳабҳо, бахусус, нисбат ба дини мубини ислом, солҳои охир зуҳуроти нороҳатсозандаву нигаронкунандаи таассубу хурофот, тафриқаандозиву ифротгароии динӣ ва дар ин замина риоя нагардидани меъёрҳои Конститутсия ва қонунҳои амалкунанда афзоиш ёфта истодааст [12, с. 14].

Ҳар як давлати соҳибистиқлол сиёсати давлатии худро дар ин ё он самт муайян намуда, онро дар доираи қабул ва татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалӣ менамояд. ҶТ чун яке аз узви ҷомеаи байналмиллалӣ дар арсаи ҷаҳонӣ миёни давлатҳои дигар, оид ба мубориза бар зидди экстремизм уҳдадориҳо дорад, ки онҳо мақоми ҶТ-ро дар низоми ҷаҳонии мубориза бар зидди экстремизм муайян мекунанд.

Асоси бавуҷудоии уҳдарориҳои байналмилалии ҶТ-ро оид ба мубориза бар зидди экстремизм созишномаҳои байналмиллалӣ, минтақавӣ, инчунин шартномаҳои байнидавлатӣ ташкил медиҳад, ки онҳо барои таъмини сулҳ, амнияти инсоният, ривоҷу равнақ ёфтани муносибатҳои байналмилалӣ дар соҳаи мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, алалхусус ҷинояти экстремистӣ (ифротгароӣ) мусоидат мекунанд.

Мувофиқи Қонуни ҶТ “Дар бораи муқовимат ба экстремизм” аз 2 январи соли 2020, №1655 “экстремизм” – ифодаи мафкура ва фаъолияти экстремистие, ки барои бо роҳи зӯроварӣ ва амалҳои дигари зиддиқонунӣ ҳал намудани масъалаҳои сиёсӣ, ҷамъиятӣ, иҷтимоӣ, миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ва динӣ (мазҳабӣ) равона карда шудааст, мебошад.

Фаъолияти экстремистӣ – фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ё динӣ, воситаҳои ахбори омма ё ташкилотҳои дигар, аз ҷумла созмонҳои байналмилалӣ ва шахсони воқеӣ оид ба банақшагирӣ, ташкил, тайёр кардан ва иҷрои амалҳое, ки ба содир кардани фаъолияти экстремистӣ, ноустувор сохтани амнияти миллӣ ва қобилияти мудофиавии давлат, инчунин даъвати оммавӣ ҷиҳати бо роҳи зӯроварӣ ғасб намудани ҳокимияти давлатӣ ё бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохтори конститутсионӣ ва ҳаракатҳое, ки ба барангехтани кинаву адовати миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ё динӣ (мазҳабӣ) равона шудаанд.

Экстремизм (ифротгароӣ) тамоюл бар зӯроварии хусусияти сиёсидошта дорад. Он барои амалӣ гардонидани сиёсат бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти давлатӣ, ғасб намудани ҳокимият, муқаррар намудани низоми фашистӣ ва дигар шаклҳои диктаторӣ равона карда мешавад. Тазоҳуроти экстремизм, инчунин даъват барои мунтазам вайрон кардани ҳуқуқи инсон, дискриминатсияи одамон аз нигоҳи муносибати онҳо ба дин, муносибати онҳо ба ягон миллат ё нажод мансуб аст [13, с. 26].

Дар давраи соҳибистиқлолӣ бояд аз қабули Конститутсияи ҶТ ҳангоми таҳия ва қабули қонунҳо дар онҳо пешбинӣ намудани моддаҳои алоҳида бо номи “мафҳумҳои асосӣ” маъмул гаштааст, ки дар ин бо мақсади якхела фаҳмидан ва татбиқ намудан мафҳумҳо кушода дода мешаванд.

Мафҳуми «экстремизм» дар Қонун чун изҳори фаъолияти ифротии шахсони воқеӣ ва

ҳуқуқӣ ба даъвати нооромӣ, дигаркунии сохти контститутсионӣ дар давлат, ғасби ҳокимият ва тасарруфи салоҳияти он, ангезондинани нажодпарастӣ, миллатгароӣ, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабӣ маънидод карда шудааст [14, с. 74-75].

Б.А. Введенский экстремизмро чунин тавсиф мекунад: "Экстремизм ҳамчун як падида решаҳои худро аз замонҳои қадим гирфтааст, аммо худи истилоҳ таърихи чандинасра надорад ва аз ҷониби муаллифони сершумор асосан дар соҳаи сиёсат барои ифодаи пайравӣ ба ақидаҳо ва чораҳои ифротӣ истифода мешавад. Шояд аз он сабаб бошад, ки дар ибтидои асри хх мухолифони сиёсӣ намояндагони қаноти чапи ҳизби "Конгрессияи миллии Ҳиндустон"-ро "ифротгароён" номиданд, зеро онҳо ҷонибдорони мубориза барои истиқлолияти комили Ҳиндустон буданд [15, с. 54-55].

В.Н. Кудрявсев ва В.Е. Эминов "экстремизм" (ифротгароиро) ҳамчун пайравӣ ба ақидаҳо ва чораҳои ифротӣ муайян мекунад, ки аксар вақт дар сиёсат муносибатҳои байналмилалӣ, дин ва ғайра зоҳир мешавад [16, с. 312].

А.И. Алексеев "экстремизм" (ифротгароиро) ҳамчун риояи ақидаҳо ва чораҳои ифротӣ дар ҳаёти иҷтимоӣ, шуур, ҳамчун роҳи ба таври куллӣ рад кардани меъёрҳои иҷтимоӣ муайян мекунад [17, с. 321].

Ба ақидаи ӯ, алоқаи "экстремизм" (ифротгароӣ) бо ҷиноятқорӣ дар се самти асосӣ мушоҳида мешавад:

Якум, баъзе зуҳуроти ифротгароӣ дар худ (бе ҳамроҳ кардани ҷиноят) ҷиноят эътироф карда мешаванд ё баҳои дигари қатъии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ мегирад (моддаҳои 143, 159, 189, 307[1], 396 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) [18].

Дуюм, иртиботи ирсӣ миёни ифротгароӣ ва ҷиноятқорӣ ҷудо карда шудааст. Идеология ва психологияи динӣ-фанатикии фашистӣ, шовинистӣ аксар вақт ҳамчун сабаб ва шароити бевоситаи субъективии ҷиноят баромад мекунанд. Аммо маъмултарин иртиботи ирсии ифротгароӣ бо ҷиноятҳои, аз қабили бетартибиҳо, харобкорӣ ва одамкушӣ мебошанд.

Сеюм, бо таҳлили дақиқ метавон робитаи акси садои ҷиноят ва ифротгароиро тавассути оқибатҳои он муайян кард. Мисоли маъмулӣ ҷиноятҳое мебошад, ки дар зери фишори шароити номусоиди беруна аз ҷониби гурезаҳо, муҳоҷирони иҷборӣ содир шуда, дар натиҷаи зуҳуроти ифротгароёнаи дорои хусусияти миллатгароӣ ба бесарпаноҳ, бекор ва аз ҳаёт ронда шудаанд [19, с. 78-79].

Ба ақидаи Л.И. Залихонова "Экстремизм (ифротгароӣ) як мафҳуми гуногунмаъно ва мисли дигар мафҳумҳо нисбӣ мебошад. Ба маънои умумӣ экстремизм – ин ҳама гуна ифрот, чизест, ки аз доираи қобили қабул ва эътирофшуда берун мебарояд" [20, с. 112-113].

Калимаи «экстремизм» аз калимаи лотинии «ecstremus» гирифта шуда, бо маънои «охирин» яъне он чизе, ки аз чорчӯба ё меъёри муайяншуда берун мебарояд, фаҳмида мешавад.

Луғати тафсири забони русӣ чунин таърифи калимаи "экстремизм"-ро дар бар мегирад: "Тарафдори ақидаҳо ва чораҳои ифротӣ (одатан дар сиёсат)" [21, с. 721].

Мувофиқи моддаи 3 Қонуни ҶТ "Дар бораи муқовимат ба экстремизм" аз 2 январи соли 2020, №1655 фаъолияте, ки дар ҶТ экстремистӣ ҳисобида мешавад пешбинӣ гардидааст:

- бо зӯрӣ сарнагун кардан ва ё тағйир додани сохтори конститутсионӣ, вайрон ва халалдор кардани соҳибихтиёрӣ, истиқлолият ва тамомияти арзии ҶТ, инчунин мусоидат кардан ба чунин кирдорҳо;

- барангехтани кинаю адовати нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ, динӣ (мазҳабӣ) ва муноқишаҳои иҷтимоӣ, инчунин тарғиби махсусият ва бартарии шаҳрвандон аз нигоҳи муносибати онҳо ба дин (мазҳаб), забон, мансубияти онҳо ба миллат, нажод ё маҳал ба таври оммавӣ ё бо истифодаи воситаҳои ахбори омма ё содир кардани ин ҳаракатҳо бо роҳи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он;

- амалҳое, ки ба ноустувор сохтани амнияти ҶТ равона шудаанд;

- амалҳое, ки ба ғасб ё аз худ кардани ваколатҳои ҳокимият равона шудаанд;

- ташкил кардани гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ ё иштирок дар онҳо;

- паст задани шаъну эътибори миллӣ;

- вайрон кардани ҳуқуқ, озодӣ, манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд вобаста ба мансубияташ ба гурӯҳи иҷтимоӣ, нажод, миллат, қавм, маҳал, дин (мазҳаб) ва забон ё муносибати ӯ ба дин;

- ҷалб намудан барои иштирок дар амалҳои экстремистӣ, инчунин омӯзондани мафкураи экстремистӣ;

- монеъ шудан ё маҷбур кардан ба тағйир додани хусусияти фаъолияти қонунии мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунӣ, комиссияҳои интихоботӣ, ташкилот, иттиҳодияҳои дигар ва шахсони мансабдори онҳо;

- истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он нисбат ба кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ё

ташкилоти дигари давлатӣ ва наздикони онҳо бо мақсади қасос гирифтан барои он амалҳое, ки бо иҷрои фаъолияти хизматӣ вобаста бошад ё ин ки хатари истифодаи зӯроварӣ вобаста ба ин асосҳо;

- ташвиқот ва ба намоиши оммавӣ гузоштани нишон, парчам ё рамзи дигари ташкилотҳои аз ҷониби суд экстремистӣ эътирофшуда;

- даъвати оммавӣ барои иҷро намудани амалҳои экстремистӣ ё интишори маводи экстремистӣ, инчунин тайёр кардан ва нигоҳ доштани онҳо бо мақсади паҳн намудан;

- нашр ва (ё) паҳн кардани маводи чопӣ, аудиоӣ, видеоӣ ва маводи дигари дорои хусусияти экстремистӣ дар воситаи ахбори омма, шабакаи интернет, воситаи алоқаи барқӣ.

Қонуни мазкур дар моддаи 10 субъектҳое, ки бевосита ба экстремизм муқовиматкунандаро пешбинӣ намудааст:

- Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Бонки миллии Тоҷикистон.

Андешаҳои баёншуда ва меъёрҳои муқарраршудаи Қонуни ҶТ “Дар бораи муқовимат ба экстремизм”-ро мавриди таҳлил қарор дода, мо чунин натиҷагириро дар хусуси моҳияти экстремизм ба даст овардем.

Аввалан, экстремизм (ифротгароӣ) – ин кирдор ё фаъолияти муайян мебошад, ки одатан бо сиёсат алоқамандӣ дорад. Аз нуқтаи назари илми ҳуқуқ, экстремизм (ифротгароӣ)-ро нашояд чун тарафдор ё пайравӣ ақида ё фикрҳои канораҷӯёнони сиёсӣ, ки барои амалишавии назария ё ҷаҳонбинии сиёсию диннӣ равона шудааст, фаҳмид.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ чунин андеша ҳоким бар он гардидааст, ки ақидаҳои экстремистӣ (ифротгароӣ) сиёсии реаксионӣ, ки дар ин ё он шакл изҳор гардида, ба дигар шахсон маълум шудааст, вале дар кирдор зоҳир нагардидаанд, набояд чун ҳуқуқвайронкунӣ эътироф намуд.

Дар акси ҳол, фаъолияти коммунистӣ, дигар ҳизбу ҳаракатҳо ва гурӯҳҳои алоҳидаи диннӣ ё иҷтимоӣ, ба монанди ақлиятҳои шаҳватпарастии ҳамҷинсро бояд манъ намоем.

Дуввум, экстремизм ин истифодаи шакли ифротӣ радикалӣ фаъолият мебошад. Мутобиқи муқарароти Конвенсияи Шанхай аз 15 июни соли 2001 “канораҷӯи” будани экстремизм (ифротгароӣ) маънои истифодаи зӯроварии ҷисмонию рӯҳиро дорад. Аммо, фаъолияти экстремистӣ бе истифодаи зӯроварӣ низ содир мешавад. Масалан: истеҳсол ва паҳн намудани маводҳои экстремистӣ, бедор кардани бадбинӣ ё кинаю адовати идеологӣ, сиёсӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ ё диннӣ, ҳамчунин аз нигоҳи бадбинӣ ё кинаю адоват нисбати як гурӯҳи иҷтимоӣ.

Сеюм, пайвастакунондани ҳамгуна шаклҳои амали экремистӣ (ифротгароӣ), ки дар қисми 2 моддаи 3 Қонуни ҶТ “Дар бораи муқовимат ба экстремизм” аз 2 январи соли 2020, №1655 пешбинӣ шудааст, ин асоси идеолигии экстремистӣ мебошад. Моҳияти идеологии эктстремизм (ифротгароӣ) дар рад намудани ҳамгуна ақидаи мухолиф ба экстремизм (ифротгароӣ) маҷбуран бор намудани назария ва ақидаҳои алоҳидаи экстремистӣ (ифротгароӣ) бар дигар шахсон барои дар амал татбиқ намудани онҳо тавассути тарзу усулҳои ифротӣ ифода меёбад.

Ҳамзамон, А.Г. Хлебушкин дуруст қайд менамояд, ки на хусусияти тарзу усулҳои фаъолият, балки ангеза ва мақсад бояд ҳангоми қабули қарор чиҳати мавҷуд будан ё набудани амалҳои экстремистӣ дар кирдорҳои шахс ба эътибор гирифта шавад. Вобаста ба ин, зикр намудан зарур аст, ки ангезаҳои экстремизм (ифротгароӣ) чун амалҳои экстремистӣ (ифротӣ) гуногунанд. Масалан, дар Кодекси ҷиноятӣ ангзаҳои экстремизм (ифротгароӣ) чун кинаву адовати идеологӣ, сиёсӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ ё диннӣ ҳамчунин аз нигоҳи бадбинӣ ё кинаю адоват нисбати кадом як гурӯҳи иҷтимоӣ муқаррар карда шудааст. Ин ангезаҳо дар навбати худ ба аломати ҳатмии тарафи субъективии

ҷиноятҳои экстремистӣ дошта муайян карда шудааст.

Мақсади амалҳои экстремистӣ мумкин аст дар маҳдудияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, расондани зарар ба амнияти ҷамъиятӣ, асосҳои сохтори конститутсионӣ, инчунин ба сулҳу амнияти байналмилалӣ, халалдор сохтани амнияти ҷамъиятӣ, тарсондани аҳолӣ ё расондани таъсир ҷиҳати ҷониби мақомоти ҳокимият қабул намудани қарор ба таври ҷиддӣ дигар кардани самти сиёсати пешгирифтаи давлат, номӯътадил сохта вазъи иҷтимоии ҷомеа инчунин таҳдиди анҷом додани кирдорҳои зикршуда бо ҳамин мақсадҳо ифода меёбад.

Чорум. Агар экстремизм (ифротгароӣ)-ро аз нуқтаи назари илми ҳуқуқи ҷиноятӣ таҳлил намоем, яке аз нишонаҳои он ин зиддиҳуқуқӣ будани он ба шумор меравад. Зиддиҳуқуқӣ амалҳои экстремистӣ (ифротгароӣ) маънои аз ҷониби меъёрҳои ҷиноятӣ, маъмурӣ ё дигар соҳаҳои ҳуқуқ манъ намудани экстремизм (ифротгароӣ)-ро дар назар дорад. Масалан, дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ барои маҷбур кардан ба диндорӣ ё бединӣ, худопарастӣ ё бехудоӣ ва иҷрои маросимҳои диннӣ (м.85) барои манъ шудан ба амалӣ намудани ҳуқуқ ба озодии эътиқоди диннӣ (м.86) барои тайёр кардан, нигоҳ доштан, воридот, ҳамлу нақл ва паҳн кардани маҳсулоти мамнӯъ, воситаҳои ахбори омма, дигар маҳсулотҳои чопии манъшуда дар ҳудуди ҶТ (м.374) ҷавобгарии маъмуриро пешбинӣ намудааст [22].

Кодекси ҷиноятии ҶТ мувофиқи диспозитсияи моддаи 307[2] кирдорҳои дар моддаи 157, 158, 160, 185, 188, 237, 242, 243 Кодекси ҷиноятии пешбинишударо ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ (ифротгароӣ) дошта эътироф намуда, барои онҳо ҷавобгарии ҷиноятиро муқаррар кардааст.

Ҳаракатҳои экстремистӣ (ифротгароӣ) аз ҷониби қонунгузор бо он сабаб зиддиҳуқуқӣ эътироф шудааст, ки он ба муносибатҳои муайяни дар ҷомеа мавҷуд буда, таҷовуз меоварад ва дар натиҷаи чунин таҷовуз ба ин муносибатҳо зарар ворид месозад ё ин ки онҳоро таҳти хатари ворид намудани чунин зарар қарор медиҳад.

Мувофиқи назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ агар дилхоҳ кирдор, аз ҷумла ҳаракатҳои экстремистӣ (ифротгароӣ) ба арзиш ва манфиатҳои бо қонунгузорӣ ҳифзшаванда зарар расонад, пас он чун ҷиноят бояд муқаррар карда шавад. Чунки, расондани зарар ба манфиатҳои бо Кодекси ҷиноятӣ ҳифзшванда яке аз нишонаҳои тавсифкунандаи ба ҷамъият хавфноки кирдор буда, ин нишона дар навбати худ барои кримилизатсияи (ҷиноят донистан) кирдор хизмат мекунад. Дар иртибот бо ин, ҳаминро бояд тазаккур намуд, ки ҳаракатҳои экстремистӣ (ифротгароӣ) ба асосҳои сохти конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд аз рӯи ангезаҳои нажотпарастӣ, миллатгароӣ, маҳалгароӣ, бадбинии иҷтимоӣ, мазҳаби диннӣ таҷовуз меоварад.

Панҷум, субъекти фаъолияти экстремистӣ гарчанде, дар моддаи 10 Қонуни ҶТ “Дар бораи муқовимат ба экстремизм” аз 2 январи соли 2020, №1655 пешбинӣ гардидааст, инчунин, метавонад шахсони ҷисмонӣ ва ҳам шахсони ҳуқуқӣ бошанд. Масалан, мутобиқи м. 374 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ барои тайёр кардан, нигоҳ доштан, воридот, ҳамлу нақл ва паҳн кардани маҳсулоти барангехтани хусусияти иҷтимоӣ, нажодпарастӣ, миллӣ ва мазҳабӣ, таблиғи бераҳмӣ, зӯроварӣ фискӯ фуҷур, ҳимояи терроризм ва экстремизм (ифротгароӣ), ҳам шахсони ҷисмонӣ ва ҳам шахсони ҳуқуқӣ ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешаванд. Вобаста ба ин ба зумраи шахсони ҳуқуқие, ки мавриди татбиқи ҷазои маъмурӣ қарор дода шуданашон мумкин аст, иттиҳодияҳои ҷамъиятию динӣ, воситаҳои ахбори омма ва дигар ташкилотҳоро метавон номбар намуд.

Ҳамин тавр, дар асоси чораҳои боло метавон чунин мафҳуми экстремизм (ифротгароӣ)-ро ифода намуд: “Экстремизм” (ифротгароӣ) – ин амали зиддиҷамъиятии шахсони ҷисмонӣ ва ҳуқуқие мебошад, ки ба таври зиддиҳуқуқӣ тарзу усулҳои зуроварӣ ва дигар ҳаракатҳои экстремистӣ (ифротгароӣ)-ро аз рӯи ангезаҳои кинаю адовати идеологӣ, сиёсӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ ё динӣ ҳамчун аз нигоҳи бадбинӣ ё кинаю адоват нисбати кадом як гурӯҳи иҷтимоӣ истифода намуда, мақсадаш халалдор сохтани амнияти ҷамъият, тарсондани аҳолӣ ё расондани таъсир ҷиҳати аз ҷониби мақомоти ҳокимият қабул намудани қарор, ба таври ҷиддӣ дигар кардани самти сиёсати пешгирифаи давлат, номӯътадил сохтани вазъи иҷтимоии ҷомеа, инчунин таҳдиди анҷом додани кирдорҳои зикршуда ба ҳамин мақсадҳо ифода меёбад фаҳмида мешавад.

Муқарриз: н.и.ҳ., дотсент Раҳмонзода М.Ҷ.

УГОЛОВНО-ПРАВОВАЯ ПОЛИТИКА ПО ПРОТИВОДЕЙСТВИЮ ТЕРРОРИЗМУ И ЭКСТРЕМИЗМУ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Ключевые слова: Конституция РТ; правовая политика; законодательство; терроризм; экстремизм; противодействие экстремизму; уголовное право; административное право; общественные отношения; уголовная ответственность; состав преступления; Уголовный кодекс РТ.

Аннотация. В данной статье анализируется реализация правовой политики Республики Таджикистан в направлении терроризма экстремизма (экстремизма). В то же время в статье дается описание многообразия мнений по определению содержания понятия «экстремизм». Кроме того, субъекты, непосредственно сопротивляющиеся экстремизму (экстремизму), предусмотрены в статье.

Сабурзода Наврӯзи Мирзоалӣ – главный специалист отдела законодательства по государственному устройству, судебным органам и правоохранительной деятельности Национального законодательного центра при Президенте Республики Таджикистан. E-mail: navruz.saburzoda@mail.ru Тел.: (+992) 901-15-01-10.

CRIMINAL LAW POLICY ON COUNTERING TERRORISM AND EXTREMISM IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Key words: Constitution of the Republic of Tatarstan; legal policy; legislation; terrorism; extremism; countering extremism; criminal law; administrative law; public relations; criminal liability; corpus delicti; Criminal Code of the Republic of Tatarstan.

Annotation. This article analyzes the implementation of the legal policy of the Republic of Tajikistan in the direction of terrorism and extremism. At the same time, the article describes the diversity of opinions on the definition of the content of the concept of "extremism". In addition, subjects directly resisting extremism (extremism) are provided for in the article.

Saburzoda Navruz Mirzoali **-** is the chief specialist of the department of legislation on state structure, judicial bodies and law enforcement activities of the National Legislative Center under the President of the Republic of Tajikistan. Email: navruz.saburzoda@mail.ru Tel.: (+992) 901-15-01-10.

Рӯйхати адабиёт:

1. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 аз 6 феврали соли 2018, №1005 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 4.01.2025).

2. Саидова Ҳ.У., Саидзода С.И. // Ҳуқуқ омили асосии рушди илм, маориф ва фанҳои гуманитарӣ дар даврони соҳибистиқлолии кишвар // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2021. – №2. – С. 260-269.

3. Холиқзода А.Ғ., Ваҳобзода А., ва Марамбеков М. Дин ва ифрот: зиддият ва ҳамоиш (Монография). – Душанбе: ҶДММ “Контраст”. – 2024. – 296 с.

4. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 4.01.2025).

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ” аз 13 ноябри соли 1998, №680 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 18.01.2025).

6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ” аз 12 майи соли 2007, №258 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 25.01.2025).

7. Тафсри илмию оммавии Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: “Шарқи озод”, – 2009. – 520 с.

8. Консепсияи ягонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм (ифротгароӣ) аз 28 марти соли 2006, №1717 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 1.02.2025).

9. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2013, №492 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 5.02.2025).

10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ" аз 28 декабри соли 2024. Душанбе: "Шарқи озод", – 2025. – 40 с.

11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба экстремизм" аз 2 январи соли 2020, №1655 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 15.02.2025).

12. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар. Кохи Ваҳдат, 9 марти соли 2024. Душанбе: "Шарқи озод", – 2024. – 64 с.

13. Абдулов Н.С. Таҳияи атласи геопалитикии Қафқози Шимолӣ: Мушкилоти методологӣ // Фалсафаи ҳуқуқ. – 2002. – №2. – С. 21-27.

14. Авцинова Г.И. Радикализми сиесӣ ҳамчун яке аз анъанаҳои Русия // Ҳокимият. – 1996. – №3. – С. 72-79.

15. Холиқзода А.Ғ., Ваҳобзода А., Марамбеков М. Дин ва ифрот: зиддият ва ҳамоиш (Монография). – Душанбе: ҶДММ "Контраст", – 2024. – 296 с.

16. Кудрявцев В.Н., Эминов В.Е. Криминология. М.: Ҳуқуқшиносӣ, – 1997. – 512 с.

17. Алексеев А.И. Криминология: Курси лексияҳо. М., – 1998. – 340 с.

18. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998, №574 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 22.02.2025).

19. Алексеев А.И. Ҷиноятҳои марбут ба экстремизми сиесӣ ва динӣ // Мушкилот ва мубориза бо терроризм: Маводи илмӣ. М., – 2000. – С. 74-81.

20. Залихонова Л.И. Хусусияти ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ ва криминологии барангехтани душмании миллӣ, нажодӣ ва динӣ: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. Ростов-на-Дону, – 2001. – 217 с.

21. Ожегова С.И., Шведова Н.Ю. // Луғати тафсири забони русӣ. Таҳрири нав. М., – 2003. – 908 с.

22. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008, №455 Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 26.02.2025).

Список литературы:

1. Концепция правовой политики Республики Таджикистан на 2018-2028 годы от 6 февраля 2018 года, №1005 // Централизованная информационно-правовая база данных РТ «Юстиция». Форма 7.0. [Электронная резервная копия]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 4.01.2025).

2. Саидова Х.У., Саидзода С.И. // Право является основным фактором развития науки, образования и гуманитарных наук в период независимости страны // Послание Национального университета Таджикистана. – 2021. – №2. – С. 260-269.

3. Холикзаде А.Г., Вахабзода А. и Марамбеков М. Религия и экстремизм: противоречие и взаимопонимание (Монография). – Душанбе: ООО "Контраст". – 2024. – 296 с.

4. Конституция Республики Таджикистан от 6 ноября 1994 года // Централизованная информационно-правовая база данных РТ «Юстиция». Форма 7.0. [Электронная резервная копия]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 4.01.2025).

5. Закон Республики Таджикистан "О политических партиях" от 13 ноября 1998 года №680 // Централизованная информационно-правовая база данных РТ «Юстиция». Форма 7.0. [Электронная резервная копия]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 18.01.2025).

6. Закон Республики Таджикистан «Об общественных объединениях» от 12 мая 2007 года №258 // Централизованная информационно-правовая база данных РТ «Юстиция». Форма 7.0. [Электронная резервная копия]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 25.01.2025).

7. Научное и общественное толкование Конституции Республики Таджикистан. – Душанбе: «Свободный Восток», – 2009. – 520 с.

8. Единая концепция Республики Таджикистан по борьбе с терроризмом и экстремизмом (экстремизмом) от 28 марта 2006 года, №1717 // Централизованная информационно-правовая база данных РТ «Юстиция». Форма 7.0. [Электронная резервная копия]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 1.02.2025).

9. Концепция уголовно-правовой политики Республики Таджикистан от 2 ноября 2013 года, №492 // Централизованная информационно-правовая база данных РТ «Юстиция». Форма 7.0. [Электронная резервная копия]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 5.02.2025).

10. Послание Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона «Об основных направлениях внутренней и внешней политики Республики» от 28 декабря 2024 года. Душанбе: «Свободный Восток», – 2025. – 40 с.

11. Закон Республики Таджикистан «О противодействии экстремизму» от 2 января 2020 года №1655 // Централизованная информационно-правовая база данных РТ «Юстиция». Форма 7.0. [Электронная резервная копия]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 15.02.2025).

12. Выступление Президента Республики Таджикистан Лидера нации уважаемого Эмомали Рахмона на встрече с активистами, представителями общественности и религиозными деятелями страны. Здание Вахдат, 9 марта 2024 года. Душанбе: «Свободный Восток», – 2024. – 64 с.

13. Абдулов Н.С. Разработка геополитического атласа Северного Кавказа: методологические проблемы // Философия права. – 2002. – №2. – С. 21-27.

14. Авцинова Г.И. Политический радикализм как одна из традиций России // Власть. – 1996. – №3. – С. 72-79.

15. Холикзаде А.Г., Вахабзода А. и Марамбеков М. Религия и экстремизм: противоречие и взаимопонимание (Монография). – Душанбе: ООО «Контраст», – 2024. – 296 с.

16. Кудрявцев В.Н., Эминов В.Е. Криминология. М.: Юриспруденция. – 1997. – 512 с.

17. Алексеев А.И. Криминология: Курс лекций. М., – 1998. – 340 с.

18. Уголовный кодекс Республики Таджикистан от 21 мая 1998 года, №574 // Централизованная информационно-правовая база данных РТ «Юстиция». Форма 7.0. [Электронная резервная копия]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 22.02.2025).

19. Алексеев А.И. Преступления, связанные с политическим и религиозным экстремизмом // проблемы и борьба с терроризмом: Научные материалы. М., – 2000. – С. 74-81.

20. Залихонова Л.И. Уголовно-правовая и криминологическая природа разжигания национальной, расовой и религиозной вражды: диссертация на соискание ученой степени, кандидат юридических наук. «Ростов-на – Дону». – 2001. – 217 с.

21. Ожегова С.И., Шведова Н.Ю. // Словарь толкования русского языка. Изменить. М., – 2003. – 908 с.

22. Кодекса об административных правонарушениях Республики Таджикистан от 31 декабря 2008 года, №455 централизованной информационно-правовой базы данных РТ «юстиция». Форма 7.0. [Электронная резервная копия]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 26.02.2025).

List of literature:

1. The Concept of Legal policy of the Republic of Tajikistan for 2018-2028, dated February 6, 2018, No. 1005 // Centralized information and legal database of the Republic of Tajikistan "Justice". Form 7.0. [Electronic backup copy]. Access source: URL: http://www.adlia.tj (date of reference: 4.01.2025).

2. Saidova H.U., Saidzoda S.I. // Law is the main factor in the development of science, education and humanities during the period of the country's independence // Message from the National University of Tajikistan. – 2021. – No. 2. – pp. 260-269.

3. Kholikzade A.G., Vakhabzoda A. and Marambekov M. Religion and extremism: contradiction and mutual understanding (Monograph). – Dushanbe: Contrast LLC. - 2024. – 296 p.

4. Constitution of the Republic of Tajikistan dated November 6, 1994 // Centralized information and legal database of the Republic of Tajikistan "Justice". Form 7.0. [Electronic backup copy]. Access source: URL: http://www.adlia.tj (date of request: 4.01.2025).

5. The Law of the Republic of Tajikistan "On Political Parties" dated November 13, 1998 No. 680 // Centralized information and legal database of the Republic of Tajikistan "Justice". Form 7.0. [Electronic backup copy]. Access source: URL: http://www.adlia.tj (date of reference: 01/18/2025).

6. Law of the Republic of Tajikistan "On Public Associations" dated May 12, 2007 No. 258 // Centralized information and legal database of the Republic of Tajikistan "Justice". Form 7.0. [Electronic backup copy]. Access source: URL: http://www.adlia.tj (date of application: 01/25/2025).

7. Scientific and public interpretation of the Constitution of the Republic of Tajikistan. – Dushanbe: "Free East", 2009. – 520 p.

8. Unified Concept of the Republic of Tajikistan on Combating Terrorism and Extremism (extremism) dated March 28, 2006, No. 1717 // Centralized information and legal database of the Republic of Tajikistan "Justice". Form 7.0. [Electronic backup copy]. Access source: URL: http://www.adlia.tj (date of request: 1.02.2025).

9. The Concept of Criminal Law policy of the Republic of Tajikistan dated November 2, 2013, No. 492 // Centralized information and legal database of the Republic of Tajikistan "Justice". Form 7.0. [Electronic backup copy]. Access source: URL: http://www.adlia.tj (date of address: 02/5/2025).

10. Message from the President of the Republic of Tajikistan, dear Emomali Rahmon, "On the main directions of the Republic's domestic and foreign policy" dated December 28, 2024. Dushanbe: "Free East", 2025, 40 p.

11. Law of the Republic of Tajikistan "On Countering Extremism" dated January 2, 2020 No. 1655 // Centralized information and legal database of the Republic of Tajikistan "Justice". Form 7.0. [Electronic backup copy]. Access source: URL: http://www.adlia.tj (date of address: 02/15/2025).

12. Speech by the President of the Republic of Tajikistan, Leader of the Nation Emomali Rahmon, at a meeting with activists, members of the public and religious figures of the country. Vakhdat building, March 9, 2024. Dushanbe: "Free East", 2024. 64 p.

13. Abdulov N.S. Development of the geopolitical atlas of the North Caucasus: methodological problems // Philosophy of Law. 2002. No. 2. pp. 21-27.

14. Avtsinova G.I. Political radicalism as one of the traditions of Russia. Vlast. 1996. No. 3. pp. 72-79.

15. Kholikzade A.G., Vakhabzoda A. and Marambekov M. Religion and extremism: contradiction and mutual understanding (Monograph). – Dushanbe: Contrast LLC, - 2024. – 296 p.

16. Kudryavtsev V.N., Eminov V.E. Criminology. Moscow: Jurisprudence. - 1997. 512 p.

17. Alekseev A.I. Criminology: A course of lectures, Moscow, 1998– 340 p.

18. Criminal Code of the Republic of Tajikistan dated May 21, 1998, No. 574 // Centralized information and legal database of the Republic of Tajikistan "Justice". Form 7.0. [Electronic backup copy]. Access source: URL: http://www.adlia.tj (date of request: 02/22/2025).

19. Alekseev A.I. Crimes related to political and religious extremism // Problems and the fight against terrorism: Scientific materials. Moscow, 2000, pp. 74-81.

20. Zalikhonova L.I. The criminal–legal and criminological nature of inciting national, racial and religious hatred: dissertation for the degree, candidate of Law sciences. Rostov-on–Don. - 2001. – 217 p.

21. Ozhegova S.I., Shvedova N.Yu. // Dictionary of interpretation of the Russian language. Edit. Moscow, 2003, 908 p.

22. Code of Administrative Offences of the Republic of Tajikistan dated December 31, 2008, No. 455 of the centralized information and legal database of the Republic of Tajikistan "Justice". Form 7.0. [Electronic backup copy]. Access source: URL: http://www.adlia.tj (date of request: 02/26/2025).

ТДУ: 343

Қодирзода Бахтиёр,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, декани факултети сиёсат ва идоракунии давлатии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»,
Тел.: 904080517,
E-mail: kodirov_8787@bk.ru

МАФҲУМИ ҶИНОЯТҲО БО АЛОМАТҲОИ АЛТЕРНАТВИИ ТАРКИБИ ОНҲО

Калидвожаҳо: ҷиноятҳои дорои аломатҳои алтернативӣ, аломатҳои ҷиноят, аломатҳои алтернативии ҷиноят, қонуни ҷиноятӣ, квалификатсияи ҳуқуқӣ, дизюнксия, тарҳи меъёрӣ, арзёбии ҳуқуқии ҷиноятҳо, масъалаҳои назариявӣ.

Аннотатсия. Ин мақола ба омӯзиши ҷиноятҳои дорои аломатҳои алтернативии таркиб дар қонуни ҷиноятӣ бахшида шудааст. Дар мақола хусусиятҳои низоми аломатҳои ҷиноят дар қонунгузорӣ, ки дар онҳо аломатҳои алтернативӣ мавҷуданд, таҳлил карда шуда, инчунин таъсири онҳо ба таснифи ҳуқуқии кирдорҳо ба ҷамъият хавфнок баррасӣ шудааст. Дар заминаи таҳлили ҳуқуқи ҷиноятӣ ба фарқияти байни тафриқаҳои қатъӣ ва ғайриқатъӣ диққати махсус дода мешавад. Дар мақола ҳамчунин зарурати таҳқиқоти минбаъдаи назариявӣ ва амалӣ оид ба механизмҳои ташаккули сохторҳои алтернативии ҷиноятқорӣ ва таҳияи қоидаҳои ягонаи бандубасти онҳо таъкид шудааст. Ҳадафи мақола таҳияи доктринаи ҳуқуқӣ ва амалияи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии марбут ба ҷиноятҳои дорои аломатҳои алтернативии таркиб мебошад.

Сохтори меъёрҳои ҳуқуқӣ - ҷиноятӣ, ки дар онҳо тавсифи зуҳуроти ҷиноятии кирдорҳои манъшуда тавассути пешниҳоди аломатҳои алтернативии ҷиноят ба вуҷуд оварда мешавад, дар қонуни ҷиноятии ҷорӣ ба таври васеъ ифода ёфтааст.

Чунин услуби таҳияи мамнуъиятҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, аз як тараф, ба қонунгузор имкон медиҳад, ки зарурати ҳифзи арзишҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳимро аз зуҳуроти ҷиноятии хатарнок ва паҳншудаи рафтори ғайриқонунӣ бо истифодаи имкониятҳ аз фазои меъёрии қонуни ҷиноятӣ таъмин намояд. Аз тарафи дигар бошад, хусусияти тавсифи техникӣ ва ҳуқуқии таркиби ҷиноятҳои дорои аломатҳои алтернативӣ асосан хусусиятҳои баҳои ҳуқуқии кирдорҳои ҷиноятиро, ки бо якчанд вариантҳои рафтори барои ҷамъият хавфнок, ки дар таркиби ҷиноят нишон дода шудаанд, муайян мекунад.

Муаррифии алтернативии нишонаҳои ҷиноят ба қонунгузор имкон медиҳад, ки ба гуногунии зуҳуроти ҷиноятӣ чандиртар ва муассиртар вокуниш нишон диҳад. Масалан, чунин конструксияҳо имкон медиҳанд, ки доираи васеи кирдорҳои потенсиалиро бидуни сарбории зиёдатӣ ба фазои меъёрии ҳуқуқи ҷиноятӣ фаро гиранд. Ин барои зудтар татбиқ намудани қонун нисбат ба навъҳои гуногуни ҷиноятҳо, бидуни маҳдуд кардани ифодаҳои хурду мушаххас аҳаммияти калон дорад.

Аммо чунин сохтор дар амалияи ҳуқуқӣ душвориҳои муайянеро ба вуҷуд меорад. Вақте ҷиноят бо истифода аз аломатҳои алтернативӣ масалан, бо истифодаи зӯроварӣ ё бо таҳдиди зӯроварӣ содир карда шавад, содир карда мешавад, зарурати бандубасти дақиқи ҳуқуқии кирдор дар ҳар як ҳолати мушаххас ба миён меояд. Таҷрибаи судӣ бояд муайян кунад, ки кадоме аз вариантҳои пешниҳодшудаи кирдори ба ҷамъият хавфнок воқеан рух додааст, ки баҳодиҳии амиқ ва муфассали ҳолатҳои ҷиноятро талаб мекунад.

Нақши муаррифии техникӣ ва ҳуқуқӣ: Хусусиятҳои алтернативӣ дар қисмҳои таркибии ҷиноятҳо метавонанд кори мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва додгоҳҳоро ба мушкилӣ мувоҷеҳ кунанд. Ин ба зарурати тафсири дақиқи вариантҳои гуногуни рафтори дар мақола зикршуда вобаста аст. Масалан, агар таркиби ҷиноят ҳамчун содир намудани кирдор бо истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди зӯроварӣ тавсиф карда шавад, ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ лозим меояд, ки тамоми ҳолатҳои парвандаро таҳлил намуда, аниқ муайян намояд, ки хавфи ҷамъиятӣ дар кадом шакл зуҳур кардааст.

Мутобиқ ба фарҳанги тафсирии С. И. Ожегов мафҳуми «алтернативӣ» маънои муқобили дигаре ва ва ё сарфи назар карданро мефаҳмонад ва мафҳуми «алтернатива» бошад, зарурати интихоби яке аз ду роҳи ҳалли имконпазирро дорад [14]. Фарҳанги тафсирии Д. Н. Ушаков бошад, мафҳуми «алтернативӣ»-ро ҳамчун варианти имконпазир ва зарурии аз ду имконияти

мавҷуд буда, шарҳ додааст [1]. Қайд кардан ба маврид аст, ки бо вуҷуди баъзе фарқиятҳо дар таърифҳои додашуда, онҳо якдигарро қатъиян истисно намекунанд ва хусусиятҳои бунёди андешаҳои мураккаби тақсимбандиро дар матнҳои меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ пурра инъикос мекунанд.

Дар қонуни ҷиноятӣ паҳншавии мамнуъиятҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ, ки дар онҳо тавсифи зуҳуроти ҷиноятии кирдори манъшуда ба мо имкон медиҳад, пешниҳоди алтернативии хусусиятҳои таркибии ҷиноятро муайян намоем, нақши муҳимми ин сохторҳоро дар арзёбии ҳуқуқӣ ба маҷмуи вариантҳои кирдори аз ҷиҳати иҷтимоӣ хатарнок дар таркиби он муайяншуда эътироф намуда, иҷрои онҳо набояд ба таври худкор сурат бигиранд, балки онҳо бояд ба қоидаю талаботи муайян тобеъ бошанд.

Аммо сохторҳои ҳуқуқии зикршуда ҳамчун ҷузъҳои низоми меъёрҳое, ки ҷиноятқорӣ ва ҷазопазирии кирдорҳоро муайян мекунанд, ба таври ҷидӣ ба риштаи тақиқ кашида нашудаанд. Муҳтавои механизми ташаккули онҳо ба таври дақиқ муайян карда нашудааст, заминаҳои зарурӣ, шаклҳо ва принсипҳои ташаккули онҳо ба қадри кофӣ таҳия карда нашудаанд.

Дар иртибот ба андешаҳои боло омӯзиши ҷиноятҳои дорои таркиби алтернативӣ ҳамчун категорияи мустақили кирдорҳои ҷиноятӣ, ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалии арзёбии ҳуқуқӣ ва танзими қонунгузории онҳо аҳаммияти махсусро касб мекунанд.

Дар соҳаи истилоҳоти ҳуқуқи ҷиноятӣ мафҳуми «алтернатива», ки барои ифодаи усули пешниҳоди манъи ҳуқуқи ҷиноятӣ истифода мешавад, бо мазмуни мушаххас пур шудаст, ки ба маънои расмию мантиқии он мафҳум комилан мувофиқат мекунад. Аз он ҷумла маънои шаклҳои гуногуни ҷудокунандаи фаҳмишҳо бо таваҷҷуҳ ба истифодаи пайвандакҳои дизъюнктивӣ зимни тавсифи манъкуниҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ба назар гирифта нашудааст. Дар қонуни ҷиноятӣ мафҳуми «алтернатива» ба таври иловаги ба маънои дизъюнксия мувофиқат мекунад. Дар мантиқи дизъюнксия қоидатан интихоб дар байни ду ва ё якчанд вариант пешниҳод мегардад, ки ҳар яке аз онҳо имкон дорад ҳатмӣ бошад, аммо на якуякбор, балки ба таври тадриҷӣ. Дар контексти ҳуқуқи ҷиноятӣ «алтернатива» аксаран на маънои интихоб дар байни вариантҳои гуногуни кирдорро медиҳад, балки далели он ки ҷиноят метавонад бо аломатҳои гуногун содир карда шавад ва дар айни ҳол ҳар кадоме аз ин аломатҳо барои муайян кардани ҷиноят кофӣ мебошанд. Вақте қонун ҷиноятро ба аломатҳои алтернативӣ тавсиф мекунад масалан муомилаи бераҳмона ё пастзании мунтазами шаъну эътибори шахси ҷабрдида, ин амалан маънои онро надорад, ки ҷиноятқор метавонад дар байни ин вариантҳо якеро интихоб кунад, балки ҳар кадоме аз ин амалҳои содир карда шуда ҳамчун ҷиноят эътироф карда мешавад. Ин чиз боиси ба вуҷуд омадани мушкилиҳо дар тафсири қонунии кирдорҳо мегардад, вақте сухан дар бораи ҳолатҳои воқеӣ меравад.

Дар доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва амалияи татбиқи ҳуқуқ ба шумораи аломатҳои алтернативии таркиби ҷиноят хусусиятҳое дохил карда мешаванд, ки бо воситаи ҳукмҳои истисноӣ-ҷудокунанд ба ҳақиқати ҳамзамон таркиби қисмҳо роҳ намедиҳанд ва пайвасткунанда-ҷудокунанда дар як вакт имконияти интихоби якчанд вариантро дар назар доранд, мансуб мебошанд.

Дар баробари ин аз мавқеи мантиқи расмӣ танҳо ҳукмҳои мураккаби ҷудокунанда дар маънои истисноӣ-ҷудокунанда дизъюнксияи сахт ба ҳайси алтернатива баромад мекунанд.

Дар асоси ин равиши аз тарафи умум эътирофшуда, ки мутобиқи он нишонаҳои алтернативии ҷиноятро бо ҳам пайваст кардан мумкин аст, ки дар як вақт дар кирдори ҷиноятӣ зуҳур меёбад, тавзеҳ доданро талаб мекунад. Он танҳо ба унсурҳои бо дизъюнксияи ғайриқатъӣ таъйиншуда, ки дар фаҳмиши мантиқи расми алтернатива нестанд, татбиқ мешавад.

Дар иртибот ба ин масъала В.П. Малков мутахассисонии соҳаи ҳуқуқи ҷиноятиро ҷиҳати машғул шудан ба омӯзиши ҷиҳатҳои гуногуни техникӣ-ҳуқуқӣ вобаста ба тартиб додани ҷиноятҳо ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ бо аломатҳои алтернативии тарафи объективӣ даъват менамояд[8,с.183]. М.А. Чурилова низ чунин мешуморад, ки сохтани алтернатива дар қонунгузории ҷиноятӣ дар низоми тадқиқотҳои ҷиноятию ҳуқуқӣ боқӣ мемонад[17,с.168]. К. В. Образиев ва Д. С.Чикин зарурати кор карда баромадани қоидаҳои ягонаи бандубастро, ки ба ҳамаи ҷиноятҳои дорои нишонаҳои алтернативии таркиб татбиқ карда мешаванд, таъкид мекунанд[12,с.247].

В. Ф. Шепелков чунин мешуморад, ки дар оянда коркард кардан ва ба қонуни ҷиноятӣ дохил кардани меъёри махсусе, ки қоидаҳои бандубасти ҷиноятҳоро бо таркиби алтернативӣ дар бар мегирад, ба мақсад мувофиқ мебошад[18,с.71].

Шубҳае нест, ки сифати инкишофи тамоми соҳаи илми ҳуқуқшиносӣ ва ҷараёни дар амал татбиқ намудани меъёрҳои ҳуқуқии имрӯза ба хусусияти таърифи мафҳумҳои ҳуқуқӣ ва

унсурҳои онҳо вобаста аст. Гузаронидани тадқиқот, дар навбати худ, бе муайян намудани ақидаи категорияҳои таҳқиқшаванда, хусусиятҳо ва унсурҳои таркибии онҳо низ имконнопазир аст. Вобаста ба ин, марҳилаи ибтидоии раванди ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалии танзими қонунгузорӣ ва баҳодиҳии ҳуқуқии- ҷиноятӣ ҷиноятҳои дорои хусусияти алтернативии таркибро муайян кардани мафҳумҳо ва хусусиятҳои категорияҳои баррасишаванда донистан лозим аст[10,с.36].

Яке аз пурмаънотарин таърифи кирдорҳои ҷиноятии бо нишонаҳои алтернативӣ ба назари мо, дар ибтидои асри гузашта ҳуқуқшинос, олим ва сиёсатмадори британиёӣ К.Кенни дода буд. Дар китоби худ «Асосҳои ҳуқуқи ҷиноӣ», ки бори аввал соли 1902 нашр шудааст, К. Кенни ба масъалаҳои қонунгузории ҷиноии Англия ва амалияи татбиқи он ҳамчун мисоли ҷиноят, ки дар айбнома ба таври алтернативӣ муайян шудааст, кирдоре, ки бо яке аз якчанд қасдҳои эҳтимолӣ содир шудааст ё аз як содир кардани як ё якчанд кирдори эҳтимолӣ иборат аст, нишон додааст[3,с.523]. Ҳамин тариқ, дар заминаи ҳуқуқи ҷиноятӣ «алтернатива» на ҳамеша ба фаҳмиши қатъии мантиқии дизъюнксия мувофиқат мекунад, ки дар он ҳарду вариант дар як вақт ҳақиқӣ буда метавонанд. Дар қонуни ҷиноятӣ аломатҳои алтернативӣ бештар вариантҳои зуҳури кирдори ҷиноятӣ мебошанд, ки ҳар кадоми онҳо дар алоҳидагӣ барои муайян кардани ҷиноят кофӣ мебошанд. Ин маънои онро дорад, ки барои корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ на он қадар муҳим аст, ки байни вариантҳо интихоб кунад, балки муайян кунад, ки кадоме аз вариантҳои пешниҳодшуда ба ҳолатҳои воқеии кирдори содиршуда мувофиқат мекунад.

Дар натиҷа, истифодаи конструксияҳои алтернативӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳангоми тафсири қонунҳо эҳтиётkории махсусро тақозо менамояд, то дар арзёбии ҳуқуқии кирдорҳои дорои хусусиятҳои гуногун ба мураккабии зиёдатӣ роҳ надиҳад ва боиси номуайянии ҳуқуқӣ нашавад.

Дар доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ яке аз аввалинҳое, ки ба сохторҳои меъёрии дорои ҷузъҳои алтернативӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир кардааст, профессор А. Н. Трайнин мебошад. Муаллиф дар асари худ «Таълимот дар бораи таркиби ҷиноят» таркибҳои алтернативиро ҳамчун гурӯҳи мустақили таркибҳои мураккаби ҷиноятҳо муайян кардааст, ки дар онҳо унсурҳои алоҳидаи таркиб ҳамдигарро иваз карда метавонандДоир ба аҳаммияти амалии онҳо дар арзёбии кирдорҳои ҷиноятӣ, олим қайд мекунад, ки барои сафед кардани ҷавобгарии ҷиноятӣ на ҳама унсурҳои таркиби дар қонун зикргардида, балки баъзеи онҳо лозим мебошанд[15,с.51].

Минбаъд ҷиноятҳое, ки дорои ин ё он аломатҳои алтернативии мебошанд, чун қоида ҳангоми таснифи ҷиноятҳои мураккаби алоҳида таъйин карда мешуданд. Дар баробари ин моҳияти кирдорҳои ҷиноятии таҳлилшаванда дар аксар мавридҳо ба таври абстрактӣ кушода мешавад. Масалан, В. Егоров «ҷинояти алтернативӣ»-ро ҳамчун ҷинояти мураккаби мустақил муайян мекунад, ки онро бо якчанд роҳҳои пешбиникардаи қонун содир кардан мумкин аст[13,с.27]. Ба ин монанд ҷиноятҳои дорои аломатҳои алтернативӣ-ро Г. Н. Хлюпина хамчун ҷинояте, ки дар низоми он қонунгузор усули номбар кардани як қатор аломатҳои ба ин таркиб дохилшударо истифода мебарад[16,с.71]. ва В. В. Питетский, бошад дар як қатор ҷиноятҳои мураккаб ҷиноятҳоеро, ки аломатҳои алтернативиро дар бар мегиран» нишон медиҳад[11,с.10].

Ҳангоми таҳлили моҳияти кирдорҳои ҷиноятии баррасишаванда, ба фикри мо, аз мувофиқати сохтори ҷиноят ба инъикоси меъёрии он баромад кардан бамаврид аст, зеро маҳз ҳамин муносибат боиси оқибатҳо мегардад.

Дар ҳақиқат таркибҳои кирдорҳои ҷиноятии таҳлилшаванда бо тавсифи сершумори як ё якчанд аломатҳои объективӣ ё субъективи мураккаб шуда, имкони содир намудани ҷиноятро тавассути якчанд вариантҳои таъйиншудаи кирдори ҷиноятӣ муайян мекунанд. Дар баробари ин, чунон ки баъзе муҳаққиқон дуруст қайд мекунанд, ҷинояте, ки таркиби он як ё якчанд кирдорҳои алтернативиро дар бар мегирад, сода ва мураккаб аст[4,с.287]. К. В. Образиев ва Д. С.Чикин ба таври исбот мекунанд, ки ҷиноят танҳо дар сурати шабоҳати шаклии он бо шумораи зиёди ҷиноятҳо, дар ҳамон мавридҳое мураккаб мегардад, ки дар кирдори барои ҷамъияти хавфнок якчанд аломатҳои алтернативии ҷиноят мушоҳида карда шаванд. Ю.Е. Пудовочкин низ ба ҳамин хулоса меояд[13,с.36].

Дар ҷомеаи илмӣ ҷонибдорони ин мавқее низ пайдо мешаванд, ки имкони рӯйпӯш кардани якчанд намуди ҷиноятро бо диспозитсияи мустақил асоснок мекунанд. Аз ҷумла, М. Д. Шаргородский имкони мавҷудияти якчанд ҷиноятҳои ба ҳам монандро дар диспозитсия иҷозат дода, қайд мекунад, ки ин гуна диспозитсияҳоро баъзан диспозитсияҳои алтернативӣ низ номидан мумкин аст[7,с.84]. В.С. Прохоров низ диспозитсияҳоеро алтернативӣ

номидааст, ки ба ақидаи ӯ дорои якчанд намуди ҷиноятҳои гуногун мебошанд[6]. А. М. Ораздурдиев мавҷудияти таркибҳои алтернативии чиноятҳо-ро дар диспозитсияҳои меъёри ҳуқуқи ҷиноятӣ имконпазир меҳисобад[9,с.184].

Таркиби ҷиноятҳое, ки аломатҳои алтернативӣ доранд, ҳамчун сохторҳои мустақили ҳуқуқӣ – ҷиноятӣ дар шакли меъёрӣ тавассути воситаҳои махсуси техникаи қонунгузорӣ ифода карда мешаванд. Яке аз хусусиятҳои асосии чунин ифода маҳз пешниҳоди алтернативии аломатҳои ҷиноят мебошад, ки вобаста ба он муайян кардани категорияи ҷиноят бо аломатҳо алтернативӣ ва инчунин категорияи таркиби ҷиноят бо унсурҳои алтернативӣ бидуни аз худ намудани маънои мафҳуми алтернатива ва махсусан, хусусияти услуби сохтани манъкуниҳои ҷиноятию ҳуқуқӣ имконнопазир аст.

Ҳамин тариқ, истифодаи истилоҳи алтернативӣ дар таълимоти ҳуқуқи ҷиноятӣ, инчунин ҳангоми татбиқи муқаррароти қонуни ҷиноятӣ нисбат ба усули пешниҳоди матни ҷиноятӣ дорои хусусияти муайяне мебошад, ки бо мазмуни мантиқии ин истилоҳ тафовути муайян доранд, зеро дар фаҳмиши мантиқи расмӣ танҳо мафҳумҳои мураккаби ҷудокунанда алтернативӣ мебошанд.

Дар айни ҳол, сохтори меъёрҳои ҳуқуқӣ – ҷиноятӣ оид ба шаклҳои истифодаи робитаҳои мантиқии ҳукмҳои ҷудогона бо қонунҳои мантиқи расмӣ таъмин карда мешавад, зеро ҳангоми пешниҳоди аломатҳо дар диспозитсияҳои меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ намудҳои гуногуни ҳукмҳои зикршуда ҳам бо тақсимоти қатъӣ ва ҳам ғайриқатъӣ истифода мешаванд.

Бо таваҷҷуҳ ба он ки истилоҳи «алтернатива», ки нисбат ба тавсифи мамнуъиятҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ истифода мешавад, асосан дар доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ муқаррар шудааст, мо бо назардошти тавзеҳоти овардашуда истифода бурдани онро дар ин сифат қобили қабул мешуморем. Дар навбати худ, дар сурати аниқ нишон додани навъи ҳукми дизюнктивӣ дар парвандаи мушаххас, истилоҳи алтернатива бо нишон додани маънои дар кадом ҳукм баёнгардида истифода мешавад.

Ба фикри мо, бе таҳқиқи муфассали мафҳуми «аломати таркиби ҷиноят» моҳият ва аломатҳои фарқкунандаи ҷиноятҳоро бо аломатҳои алтернативии таркиби ҷиноят равшан кардан мумкин нест. Бояд гуфт, ки муқаррар намудани мазмуни он дар ҷомеаи илмӣ душвориҳои муайянеро ба миён меорад. В. Н. Кудрявсев гуфта буд: «аломат яке аз хосиятҳои ҷиноятро тавсиф мекунад» пас, савол ба миён меояд: «Ба худи он чӣ хос аст? мазмуни онро чӣ тавр ошкор кардан мумкин аст» Н.И. Пикуров инчунин савол медиҳад, ки агар худи аломат аз қисмҳои гуногуни мустақил иборат бошад, чиро аломати таркиби ҷиноят ҳисоб кардан лозим аст [5,с.17].

Ҷиноятҳои дорои унсурҳои алтернативии таркиб ҷиноятҳои ҷудогонае мебошанд, ки бо иҷрои як ё якчанд маҷмуаҳои ба ҳам алоқаманди шаклҳои рафтори ҷиноятӣ тавсиф мешаванд, ки бо арзёбии ягонаи ҳуқуқӣ ба хусусияти хавфи ҷамъиятии онҳо дар доираи таркиби мураккаби мустақили ҷиноят, ки сохтори меъёрии онҳо тавассути усулҳои гуногуни техникӣ ва ҳуқуқӣ ҷудокунии аломатҳои ҷудокунанда ё ифодакунандаи маънои ҷудокунии қобилияти зоҳир кардани вариантҳои худ дар амалро таъмин мекунанд.

Тарзи пешниҳоди техникӣ ва ҳуқуқии муқаррароти моддаҳои қисми махсуси Қонуни ҷиноятӣ асосан хусусиятҳои баҳои ҳуқуқии ҷиноятҳои содиршударо тавассути як ё якчанд вариант муайян мекунад. Одатан, хусусияти алтернативии таркиби ҷиноят тавассути тавсифи вариантҳои гуногуни рафтори ҷиноятӣ дар диспозицияи модда тавассути омилҳои ҷудогона дар маънои пайвандӣ-ҷудокунанда ё истисноӣ-ҷудокунанда ба даст меояд. Унсурҳои ҷиноят, ки берун аз ҳудуди диспозитсияи модда ҷойгир шудаанд ва дар сатҳи ҷинояти алоҳида хусусияти алтернативӣ пайдо мекунанд, истисно мебошанд.

Хулласи метавон гуфт, ки ҷиноятҳои дорои нишонаҳои алтернативии таркибӣ категорияи муҳимми кирдорҳои ҷиноятиро ташкил медиҳанд, ки гуногунии вариантҳои рафтори барои ҷамъият хавфнокро инъикос мекунанд. Низоми қонунгузории чунин ҷиноятҳо дақиқ ва риояи меъёрҳои муайяни ҳуқуқиро талаб мекунад, зеро истифодаи аломатҳои алтернативӣ ба арзёбии ҳуқуқии санадҳо ба кавалификатсияи онҳо бевосита таъсир мерасонад. Сарфи назар аз истифодаи васеи чунин конструксияҳо дар ҳуқуқи ҷиноятӣ, зарурати омӯзиши минбаъдаи механизми ташаккул ва татбиқи онҳо ба миён меояд. Ин ба зарурати равшан кардани мафҳумҳо ва хусусиятҳои аломатҳои алтернативӣ, инчунин таҳияи қоидаҳои ягонаи бандубасти онҳо вобаста аст. Аз ин рӯ, тадқиқоти назариявӣ ва амалии ҷиноятҳои дорои аломатҳои алтернативии таркиб махсусан муҳим шуда, бояд дар рушди илм ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ як гоми муҳим гардад.

ПОНЯТИЕ ПРЕСТУПЛЕНИЙ С АЛЬТЕРНАТИВНЫМИ ПРИЗНАКАМИ СОСТАВА

Ключевые слова: преступления с альтернативными признаками, состав преступления, альтернативные признаки состава, уголовное право, правовая квалификация, дизъюнкция, нормативное оформление, правовая оценка преступлений, теоретические проблемы.

Аннотация. Данная работа посвящена исследованию преступлений с альтернативными признаками состава в уголовном праве. В статье анализируются особенности законодательного оформления составов преступлений, в которых присутствуют альтернативные признаки, а также рассматривается их влияние на правовую квалификацию деяний. Особое внимание уделяется различиям между строгими и нестрогими дизъюнкциями в контексте уголовно-правового анализа. В статье также подчеркивается необходимость дальнейшего теоретического и прикладного исследования механизмов формирования альтернативных составов преступлений и разработки унифицированных правил их квалификации. Работа ставит цель развить правовую доктрину и практику применения норм уголовного закона, связанных с преступлениями с альтернативными признаками состава.

Кодирзода Бахтиёр – кандидат юридических наук, декан факультета политики и государственного управления Государственного образовательного учреждения «Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава», E-mail: kodirov_8787@bk.ru, Тел: 904080517.

THE CONCEPT OF CRIMES WITH ALTERNATIVE SIGNS OF COMPOSITION

Keywords: crimes with alternative signs, criminal composition, alternative signs of composition, criminal law, legal qualification, disjunction, normative formulation, legal assessment of crimes, theoretical issues.

Annotation. This paper is dedicated to the study of crimes with alternative signs of composition in criminal law. The article analyzes the features of legislative formulation of criminal offenses with alternative signs and their influence on the legal qualification of actions. Special attention is given to the distinctions between strict and non-strict disjunctions in the context of criminal law analysis. The article also emphasizes the need for further theoretical and practical research into the mechanisms of forming alternative criminal compositions and the development of unified rules for their qualification. The aim of the paper is to advance legal doctrine and the practice of applying criminal law norms related to crimes with alternative signs of composition.

Kodirzoda Bakhtiyor – candidate of legal sciences, dean of the faculty of politics and public administration of the State Educational Institution «Bokhtar State University named after Nosir Khusrav», E-mail: kodirov_8787@bk.ru, Tel: 904080517.

Руйхати адабиёт

1. Луғати калони тафсири забони русӣ: таҳрири муосир / Д. Н.Ушаков. М.: Хонаи китоби славянӣ., 2008. 959 с

2. Оровов В.С. Лексияҳо оид ба қисми умумии ҳуқуқи ҷиноятӣ. М.; Воронеж, 2001. Саҳ.27.

3. Кенни К. Асосҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ. Аз забони англисӣ. Каминская; таҳти таҳрир Ва бо истгоҳи воридшавии Б.С. Никифоров. М.: Нашри хориҷӣ. лит., 1949. Саҳ.523.

4. Козлов А.П. табиати Ҳуқуқии ҷиноятҳои таркибӣ ва алтернативӣ // Вестник КрасГАУ. 2006. №10. Саҳ. 362; Энсиклопедияи ҳуқуқи ҷиноятӣ. Т.3. Мафҳуми ҷиноят. Саҳ. 287

5. Кудрявцев В. Н. назарияи умумии тахассуси ҷиноятҳо. Саҳ. 115.Пикуров н. И. Тахассуси ҷиноятҳо бо аломатҳои бланкетӣ: монография. М.: академияи адлияи Русия, 2009. Саҳ.17.

6. Курси ҳуқуқи ҷиноятии шӯравӣ. Қисми умумӣ. Т.1. Саҳ. 269.

7. Курси ҳуқуқи ҷиноятӣ. Т.3. Қонуни ҷиноятӣ / Профессор М. Д. Шаргородский. М.: Ҳуқуқшинос. аз ду, 1948. Саҳ.84.

8. Малков в.П. техникаи Қонунгузории таҳияи таркиби ҷиноятҳо бо аломатҳои алтернативии тарафи объективӣ. Асарҳои интихобшуда. Дар 3 ҷилди Қазон: Маърифат, 2011. Т.3. Саҳ. 183.

9. Ораздурдиев А.М. Мафҳуми ҷинояти ягона дар ҳуқуқи ҷиноятӣ // Вестник Волжского ун-та им. В. Н. Татищева. 2017. № 4. Т.2. Саҳ. 184185.

10. Пионтковский А.А. Ба методологияи омӯзиши ҳуқуқи амалкунанда // навиштаҳои Илмии ВИЮН. Бароятон. VI. М., 1946. Саҳ.36.

11. Питецкий в. В. меъерҳои Таркибӣ дар ҳуқуқи ҷиноятии Русия: автореф. дис. ... канд. ҳуқуқшинос. илмҳои илмӣ. Красноярск, соли 2004. Саҳ.10.

12. Мушкилоти тахассуси ҷиноятҳо: монография / таҳрири К.В. Ображиев, Н.И. Пикуров. М.: Проспект, Соли 2018. Саҳ. 247.

13. Пудовочкин Ю. Е. Масъалаҳои тахассуси маҷмӯи ҷиноятҳо дар амалияи судӣ: дастури илмӣ-амалӣ. М.: РГУП, СОЛИ 2016. Саҳ.36.

14. Луғати тафсири забони русӣ: Ок. 100 000 калима, истилоҳ ва ибораҳои фразеологӣ / С.И. Ожегов; таҳрири профессор Л. И. Скворцова. Нашри 28-ум., таҳрири М.: Ҷаҳон ва маориф: Оникс, 2012. 1376 саҳ.

15. Трайнин А. Н. Таълимот дар бораи таркиби ҷиноят. М.: Ҳуқуқшинос. нашри МЮ СССР, 1946. Саҳ. 51.

16. Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ: китоби дарсӣ барои бакалаврҳо / отв. таҳрири А. Н.Тарбагаев. М.: Проспект, Соли 2016. Саҳ. 71.

17. Чуринова М. А. Категорияҳои рақобат ва алтернатива дар қонуни ҷиноятӣ / / Камбудиҳо дар қонунгузории русия. 2016. № 7. С. 168; Чуринова М. А. Категорияи "алтернативӣ" дар қонуни ҷиноятӣ: мафҳум,

18. Щепельков В.Ф. Тахассуси ҷиноятҳо бо ҳайатҳои алтернативӣ // адлияи Русия. 2001. № 10. Саҳ. 71.

Список литературы

1. Большой толковый словарь русского языка: современная редакция / Д.Н. Ушаков. М.: Дом славянской кн., 2008. 959 с.

2. Егоров В.С. Лекции по общей части уголовного права. М.; Воронеж, 2001. С. 27.

3. Кенни К. Основы уголовного права. Пер. с англ. В.И. Каминской; под ред. и с вступительной ст. Б.С. Никифорова. М.: Изд-во иностр. лит., 1949. С. 523.

4. Козлов А.П. Юридическая природа составных и альтернативных «преступлений» // Вестник КрасГАУ. 2006. №10. С. 362; Энциклопедия уголовного права. Т. 3. Понятие преступления. С. 287

5. Кудрявцев В.Н. Общая теория квалификации преступлений. С. 115.Пикуров Н.И. Квалификация преступлений с бланкетными признаками состава: монография. М.: Российская академия правосудия, 2009. С. 17.

6. Курс советского уголовного права. Часть общая. Т. 1. С. 269.

7. Курс уголовного права. Т. 3. Уголовный закон / Проф. М.Д. Шаргородский. М.: Юрид. изд-во, 1948. С. 84.

8. Малков В.П. Законодательная техника формулирования составов преступлений с альтернативными признаками объективной стороны. Избранные труды. В 3 т. Казань: Познание, 2011. Т. 3. С. 183.

9. Ораздурдыев А.М. Понятие единого преступления в уголовном праве // Вестник Волжского ун-та им. В.Н. Татищева. 2017. № 4. Т. 2. С. 184-185.

10. Пионтковский А.А. К методологии изучения действующего права // Ученые записки ВИЮН. Вып. VI. М., 1946. С. 36.

11. Питецкий В.В. Составные нормы в уголовном праве России: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. Красноярск, 2004. С. 10.

12. Проблемы квалификации преступлений: монография / под ред. К.В. Ображиева, Н.И. Пикурова. М.: Проспект, 2018. С. 247.

13. Пудовочкин Ю.Е. Вопросы квалификации совокупности преступлений в судебной практике: научно¬практическое пособие. М.: РГУП, 2016. С. 36.

14. Толковый словарь русского языка: Ок. 100 000 слов, терминов и фразеологических выражений / С.И. Ожегов; под ред. проф. Л.И. Скворцова. 28-е изд., перераб. М.: Мир и образование: Оникс, 2012. 1376 с.

15. Трайнин А.Н. Учение о составе преступления. М.: Юрид. изд-во МЮ СССР, 1946. С. 51.

16. Уголовное право. Общая часть: учебник для бакалавров / отв. ред. А.Н. Тарбагаев. М.: Проспект, 2016. С. 71.

17.Чуринова М.А. Категории «конкуренция» и «альтернатива» в уголовном законе // Пробелы в российском законодательстве. 2016. № 7. С. 168; Чуринова М.А. Категория «альтернатива» в уголовном законе: понятие,

18.Щепельков В.Ф. Квалификация преступлений с альтернативными составами // Российская юстиция. 2001. № 10. С. 71.

List of literature

1. The Great explanatory dictionary of the Russian language: a modern edition / D.N. Ushakov. Moscow: House of Slavic Books, 2008. 959 p.

2. Egorov V.S. Lectures on the general part of criminal law. Moscow; Voronezh, 2001. p. 27.

3. Kenny K. Fundamentals of Criminal Law. Translated from English by V.I. Kaminskaya; ed. and with the introductory article by B.S. Nikiforov. Moscow: Publishing House of foreign literature, 1949. p. 523.

4. Kozlov A.P. The legal nature of composite and alternative "crimes" // Bulletin of KrasGAU. 2006. №10. P. 362; Encyclopedia of criminal law. Vol. 3. The concept of crime. P. 287

5. Kudryavtsev V.N. General theory of crime qualification. p. 115.Pikurov N.I. Qualification of crimes with blank signs of composition: a monograph. Moscow: Russian Academy of Justice, 2009. p. 17.

6. Course of Soviet criminal law. General part. Vol. 1. P. 269.

7. Course of criminal law. Vol. 3. Criminal law / Prof. M.D. Shargorodsky. Moscow: Legal Publishing house, 1948. P. 84.

8. Malkov V.P. Legislative technique of formulation of crimes with alternative signs of the objective side. Selected works. In 3 volumes. Kazan: Cognition, 2011. Vol. 3. p. 183.

9. Orazdurdyev A.M. The concept of a single crime in criminal law // Bulletin of the V.N. Tatishchev Volga State University. 2017. No. 4. Vol. 2. pp. 184-185.

10. Piontkovsky A.A. On the methodology of studying current law // Scientific notes of VIYUN. Issue VI. Moscow, 1946. p. 36.

11. Pitetsky V.V. Compound norms in the criminal law of Russia: abstract of the dissertation of the candidate. jurid. sciences'. Krasnoyarsk, 2004. pp. 10

12. Problems of crime qualification: a monograph / edited by K.V. Obrazhiev, N.I. Pikurov. Moscow: Prospekt, 2018. p. 247.

13. Pudovochkin Yu.E. Issues of qualification of a set of crimes in judicial practice: a scientific and practical guide. Moscow: RGUP, 2016. pp. 36.

14. Explanatory dictionary of the Russian language: About 100,000 words, terms and phraseological expressions / S.I. Ozhegov; edited by prof. L.I. Skvortsov. 28th ed., revised by M.: Mir i obrazovanie: Onyx, 2012. 1376 p.

15. Trainin A.N. The doctrine of the composition of a crime. Moscow: Legal Publishing House of the Ministry of Justice of the USSR, 1946. p . 51

16. Criminal law. General part: textbook for bachelors / ed. by A.N. Tarbagaev. Moscow: Prospekt, 2016. p. 71.

17. Churinova M.A. Categories of "competition" and "alternative" in the criminal law // Gaps in Russian legislation. 2016. No. 7. P. 168; Churinova M.A. The category of "alternative" in the criminal law: the concept,

18. Shchepelkov V.F. Qualification of crimes with alternative compositions // Russian justice. 2001. No. 10. P. 71.



ТДУ: 343.98
Рустамзода Зарина,
дотсенти кафедраи ҳуқуқ маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии факултети № 2, подполковники милитсия
E–mail: rustamzoda83@mail.ru
Тел: (+992) 939-28-28-38

ТАКТИКАИ АМАЛИГАРДОНИИ АМАЛҲОИ АЛОҲИДАИ ТАФТИШОТӢ ОИД БА МУОМИЛОТИ ҒАЙРИҚОНУНИИ ВОСИТАҲОИ НАШЪАДОР ТАВАССУТИ ҲОМИЛҲОИ ИТТИЛООТӢ-ИНТЕРНЕТӢ

Калидвожаҳо: муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор; парвандаи ҷиноятӣ; моддаи психотропӣ; чорабинии оперативӣ-ҷустуҷӯӣ; муфаттиш; корманди оперативӣ.

Аннотатсия. Дар мақола муаллиф тактикаи амалигардонии амалҳои алоҳидаи тафтишотӣ оид ба муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор тавассути ҳомилҳои иттилоотӣ-Интернетӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Амалҳои алоҳидаи тафтишотӣ ва тактикаи баамалбарории онҳоро оид ба тафтиши парвандаи ҷиноятии муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор бо усули ғайриваслӣ дида мебароем.

В.А. Власихина дар асари худ, ки ба масъалаи исботкунӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ бахшида шудааст, қайд менамояд: «Муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор яке аз ҷиноятҳои сердаромади фаъолияти ҷиноятқори буда, барои содир намудани дигар ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин, аз қабили одамкушӣ, ***қочоқи*** (контрабанда), бандитизм, терроризм, хариду фурӯши одамон алоқаи зич дошта, барои созмон ва инкишофи коррупсия замина тайёр мекунад» [1, С.72]. Мо низ ақидаи мутахассисро ҷониборӣ намуда, аз ин зиёда андеша дорем, ки муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор бо усули ғайриваслӣ (тавассути ҳомилҳои иттилоотӣ-Интернетӣ) хавфу хатар ва оқибати чунин шакли ҷиноятҳоро дучанд менамояд.

Аҳаммияти муҳимми мубориза ба ин зуҳуроти номатлубро созмони бонуфӯзи ҷаҳонӣ-Созмони Миллали Муттаҳид амиқ дарк намуда, аз санаи 7-уми декабри соли 1987 бо қарори худ рӯзи 26-уми июнро ҳамчун Рӯзи байналмилалии мубориза бар зидди маводи нашъаовар эълон дошт[2].

Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд-ҶТ) ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ яке аз давлатҳои пешқадам дар самти мубориза бо вабои аср – нашъамандӣ ва гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ба ҳисоб меравад. Чунончӣ дар сохтори давлатдории ҶТ аз 1-уми июни соли 1999 мақомоти салоҳиятдор – Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти ҶТ таъсис дода шуда, бо мақсади танзими муносибатҳо дар самти амалигардонии муқовимат ба муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ қабул гардидаанд. Алалхусус, қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо» [3]**.** заминаи ҳуқуқӣ оид ба муқовимат ва мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ба ҳисоб меравад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мубоҳисаҳои умумии иҷлосияи 78-уми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид баромад намуда, қайд карданд, ки: ***«...Қочоқи маводи мухаддир махсусан аз қаламрави Афғонистон дар ду соли охир бамаротиб афзоиш ёфтааст»*** [4]. Тибқи нишондоди ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолияти Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти ҶТ дар соли 2024, шумораи умумии ҷиноятҳои бақайдгирифташуда дар соли 2024 839 (2023 – 699) ҷиноят вобаста ба маводи нашъаовар мебошад [5], ки шаҳодатгари воқеияти суханронии Пешвои муаззами миллат мебошад.

Дар самти муқовимат ба гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор салоҳияти мақомоти дахлдори давлатӣ дар Кодекси мурофиаи ҷиноятӣ пешбинӣ гардидааст. Дар ин радиф а***малӣ кардани тафтиши парвандаи ҷиноятӣ вобаста ба ҷиноятҳои муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор яке аз ваколат ва вазифаи хизматии кормандони салоҳиятдори мақомоти дахлдори давлатӣ ба ҳисоб меравад [6].***

Ташаккул ва мавҷудияти методикаи криминалистӣ бо дарназардошти шароити муосир таҳияшуда ҳангоми тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар аз унсурҳое, ба монанди усулҳои тайёрӣ ба ҷиноят, содир намудани ҷиноят, пинҳон намудани ҷиноятҳо, пайҳое ки дар натиҷаи содиршавии ҷиноят боқи мондааст ва вазъияти содиршавии ҷиноят вобастагӣ дорад. Бинобар ин, омузиши методикаи ҷиноят ҳамчун амали субъекти таҷовузи ҷиноятӣ яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқ, хусусан илмҳои криминалистӣ мебошад [7, С.389].

Дар алоқамандӣ ба таҳқиқи мавзӯъ, мо амалҳои алоҳидаи тафтишотӣ ва тактикаи баамалбарории онҳоро оид ба тафтиши парвандаи ҷиноятии муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор бо усули ғайривасӣ дида мебароем.

Инак, яке аз амалҳои тафтишотии мурофиавӣ дар бахши тафтиши чунин парвандаи ҷиноятӣ ин таъйини экспертизаи ташхиси итиллоотӣ-компютерӣ ба ҳисоб меравад.Тайёрӣ барои ташхиси итиллоотӣ-компютерӣ нисбат ба объект ба монанди телефони мобилӣ, сим-корт хусусияти хоси худро дорад. Дар аксарияти ҳолатҳо телефони мобилӣ дар ҳолати хомушшуда бо сим-корт ба ташхис ирсол карда мешавад. Дар ин ҳолатҳо эксперт бо мушкилот дучор мешавад. Чунки ҳангоми харидани сим-корт ба муштарӣ рақами ҳаммонадкунии шахсии чор ё ҳаштрақама дода мешавад. Ин рамз дар оянда ҳангоми васл кардани телефон ба шабакаи Интернетӣ дастрасшавиро ба он маҳдуд мекунад ва ӯ PIN (Personal Identity Number) ном дорад. Агар се бор пай дар пай PIN-код нодуруст гирифта шавад, корти ҳаммонадкунии шахсӣ баста мешавад. Барои кушодани он дар якҷоягӣ бо PIN-код ба харидор PUK-код (Personal Unblocking Key - калиди шахсии кушодашавӣ) пешниҳод карда мешавад. Калиди шахсии кушодашавӣ аз 8 рақам иборат буда, баъди 10-15 дақиқа кушиши воридкунӣ ӯ ҳам баста мешавад. Сипас барои кушодани телефони мобилӣ соҳиби корти ҳаммонадкунии шахсӣ бояд ба маркази хизматрасонӣ бо ҳуҷҷате, ки шахсияти ӯро тасдиқ мекунад, мурочиат намояд.

Барои ба эксперт (коршинос) пешниҳод кардани маълумотҳо, ки дар хотираи телефони мобилӣ ва сим-корти ҳаммонадкунии шахсӣ ҷой доранд, муфаттиш ҳангоми тайёрӣ ба ташхис ба оператори алоқаи мобилӣ дархост оид ба пешниҳод кардани маълумот дар бораи PIN ва PUK-кодҳоро бо сабаби баста шудани рақами муштарӣ равон мекунад. Дар ин дархост муфаттиш метавонад маълумотро дар бораи рақами сим-корт, маълумот дар бораи муштарӣ, ки ба номи ӯ қайд карда шудааст, талаб кунад. Ҳангоми баровардани қарор дар бораи таъйин кардани ташхиси судӣ муфаттиш дар баробари пешниҳод кардани объектҳои гирифташуда ба эксперт маълумотномаи опреатори алоқаро пешниҳод мекунад. Ғайр аз ин, муфаттиш вобаста аз вазъияти бамиёномада метавонад ба эксперт бо телефони мобилӣ ва сим - корти пешниҳодшуда барои занги санҷишӣ иҷозат диҳад ё иҷозат надиҳад [8, С.79-82]. Барои ташхиси иттиллотӣ-компютерӣ, ки аз рӯи телефонҳои мобилӣ, сим-кортҳо, флеш-кортҳо гузаронида мешаванд, ҳалли масъалаҳои зерин хос мебошанд:

Кадом маълумот дар хотираи телефони мобилӣ, флеш-карта ва симкорти ӯ ҷойгир мебошанд? Ҳалли ин масъала ҳаҷми калони кори экспертиро пешбинӣ мекунад. Лекин, ӯ нисбат ба дискҳои (фиттаҳои) компютер бо доштани маълумоти хурд фарқ мекунад.

Ташхиси компютерӣ-техникӣ дар марказҳои экспертӣ-криминалистии ВКД ҶТ ва муассисаҳои судӣ-экспертии давлатии Вазорати адлияи ҶТ гузаронида мешаванд.

Айни замон дар ихтиёри экспертҳо, ки ташхисҳои компютериро дар низоми ВКД амалӣ мекунанд, намудҳои гуногуни барномаҳо барои компютери шахсӣ мавҷуд мебошанд ва ӯ «Криминалисти мобилӣ» ном дорад. Бо кумаки онҳо маълумот ва паролҳоро аз ҳама намуди сомонаҳо, маълумоти тозашударо барқарор кардан мумкин аст. Имкониятҳое, ки ин барнома дорад барои гирифтани маълумоти умумӣ оид ба телефони мобилӣ, маълумот дар бораи муоширатҳои муштарак, маълумот дар бораи зангҳо (бе ҷавоб, даромад ва баромад), маълумот, ки дар органайзер мебошанд (қайдҳо, санаҳои хотиравӣ, вохӯриҳо ва ғайра), пайёмакҳои гуногун (тозакардашуда, суратҳо, сабти аудио ва видео, паролҳо ба қайдҳои соҳиби телефон ва нуқтаҳои WiFi, маълумот аз Skype,Viber,WhatsApp ва ғайра мусоидат мекунанд.

Объекти ташхиси фоноскопии парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба ғайриқонунӣ ба соҳибияти каси дигар додани воситаҳои нашъадор одатан фонограммаҳои чорабинии оперативӣ-ҷустуҷӯии «гӯш кардани гуфтугӯҳои телефонӣ ва сабти онҳо», фонограммаҳо, ки харидор дар рафти бевосита харидорӣ кардани маводи мухаддир сабт кардааст, мебошанд.

Муфаттиш ҳангоми азназаргузаронӣ ва гӯш кардани фонограммаҳо ҷойҳои заруриро муайян мекунад ва он маводеро, ки барои парвандаи ҷиноятӣ зарур аст, пешниҳод мекунад. Яъне, дар

бораи содир шудани ҷиноят (суҳбатҳо дар бораи фармоиши воситаи нашъадор, арзиш, намуд, таъсири ӯ ба одам, макони ирсол кардан ва ғайра) шаҳодат медиҳад. Барои таъмини ҳалли масъалаҳои хусусияти ҳаммонандкунидошта, муфаттиш бояд аз гумонбаршуда (айборшаванда) нусхаҳои овозро гирад. Агар ин шахс ихтиёран ба додани нусхаи зерин розигӣ диҳад, ягон душворӣ ба миён намеояд. Дар ин ҳолат мустақилона ё бо кумаки мутахассис нусхаи овозро мегирад. Агар шахси таъқибшаванда барои додани ин гуна нусха розигӣ надиҳад, ба мақомоти таҳқиқ супориш оид ба гузаронидани чорабинии оперативӣ-ҷустуҷӯӣ барои гирифтани нусха равон карда мешавад. Корманди оперативӣ чорабинии оперативӣ-ҷустуҷӯӣ гузаронида, ба муфаттиш намунаҳои гирифташударо мувофиқи Дастурамал оид ба пешниҳод кардани натиҷаҳои чорабинии оперативӣ-ҷустуҷӯӣ пешниҳод мекунад.

Дар ҳолати аз ҷониби шахсони ҷинояткор дар муомилаи байниякдигари истифода шудани жаргонҳо (забони махсус-суханҳои рамзӣ) кумаки экспертон-забоншиносон беҳад муҳим мебошад. Ғайр аз ин, истифодаи донишҳои махсус барои муайян кардани нақши иштирокчиёни суҳбат (ҳукмфармо ё тобеъ) кумак мерасонад. Ба сифати объекти тадқиқот фонограмма бо сабти чорабинии оперативӣ-ҷустуҷӯии гӯш кардани гуфтугӯҳои телефонӣ, чорабинии оперативӣ-ҷустуҷӯии харидории санҷишӣ, интернет-гуфтугӯӣ ҷинояткорон пешниҳод карда мешавад. Дар назди эксперт масъалаҳои зерин гузошта мешаванд:

1. Дар суҳбатҳо дар файлҳои «В», «С», ки дар диски №10 аз 12 декабри соли 2024 ҷойгир мебошанд, маълумот дар бораи фурӯш, харидорӣ, истеъмол, сифат, ирсоли воситаҳои нашъадор ё дигар амалҳо нисбат ба воситаҳои нашъадор, инчунин дар бораи гирифтани маблағи пулӣ аз фурӯши воситаҳои нашъадор ё истифодаи воситаҳои техникӣ дар шабакаи Интернет ҷой доранд ё не?

2. Дар суҳбатҳои мазкур аломатҳои вобаста ба воситаҳои нашъадор, ки якҷоя содир шуда бошанд ҷой доранд ё не? Агар ҷой дошта бошад, хусусияти изҳори хоҳиш чӣ хел мебошад (хоҳиш, нишондод, супориш, маҷбуркунӣ, огоҳонӣ, пешниҳод, иҷозат, манъкунӣ), ҳар як иштирокчии суҳбат дар кадом нақш баромад мекунад (ҳукмфармо ё тобеъ)?

Бояд қайд кард, ки намунаҳо барои тадқиқоти муқоисавии интернет-муошират дастгиршуда бояд ба воситаи техники алтернативӣ чойгир карда шаванд [9, С.85]. Матнҳои хаттӣ, ки дар намуди электронӣ мебошанд, пешакӣ азназар гузаронида шуда, чоп карда мешаванд. Нисбат ба интернет-муошират, ки дар рафти тафтишоти ғайриқонунӣ ба соҳибияти каси дигар додани воситаҳои нашъадор гирифта мешаванд, дар назди эксперт вазифаҳои зерин гузошта мешаванд:

1. Шахси мазкур муаллифи матнҳои хаттӣ бо истифодаи барномаи Skype, ки дар бораи онҳо дар замима ба протоколи азназаргузаронии ашёҳо (ҳуҷҷатҳо) аз 12 декабри соли 2024 дар саҳифаи 1 пешниҳод шудаанд, мебошад ё не?

Дар ҳолате, ки натиҷаҳои чорабинии оперативӣ-ҷустуҷӯӣ маълумотҳоро дар бораи IP-суроғаҳо дар бар гиранд ва онҳо аз тарафи иштирокчиёни гуруҳи ҷиноятӣ ҳангоми ғайриқонунӣ ба соҳибияти каси дигар додани воситаҳои нашъадор истифода шуда бошанд, ба провайдер- муассиса дархост дар бораи гирифтани маълумот дар бораи муштарӣ, ки ин IP суроғаро истифода бурдааст, равон карда мешавад.

ТАКТИКА ПРОВЕДЕНИЯ ОТДЕЛЬНЫХ СЛЕДСТВЕННЫХ ДЕЙСТВИЙ ПО НЕЗАКОННОМУ ОБОРОТУ НАРКОТИЧЕСКИХ СРЕДСТВ ЧЕРЕЗ ИНФОРМАЦИОННО-ИНТЕРНЕТ-НОСИТЕЛИ

Ключевые слова: незаконный оборот наркотических средств; уголовное дело; психотропное вещество; оперативно-розыскное мероприятие; следователь; оперативный работник.

Аннотация. В статье автором исследована тактика осуществления отдельных следственных действий по незаконному обороту наркотических средств через информационно носители Интернета. Рассмотрим отдельные следственные действия и тактику их осуществления по расследованию уголовного дела о незаконном обороте наркотических средств незаконным путем.

Зарина Рустамзода - доцент кафедры административного права и административной деятельности факультета № 2, подполковник милиции, E–mail: rustamzoda83@mail.ru.

TACTICS OF CONDUCTING SEPARATE INVESTIGATIVE ACTIONS ON DRUG TRAFFICKING THROUGH INFORMATION AND INTERNET MEDIA

Keywords: illicit trafficking in narcotic drugs; criminal case; psychotropic substance; operational search activity; investigator; operative.

Annotation. In the article, the author examines the tactics of carrying out individual investigative actions on drug trafficking through information media on the Internet. Let's consider individual investigative actions and tactics of their implementation in the investigation of a criminal case on the illegal trafficking of narcotic drugs.

Zarina Rustamzoda - Associate Professor of the Department of Administrative Law and Administrative Activities, Faculty No. 2, Lieutenant Colonel of the Militia, E–mail: rustamzoda83@mail.ru.

Рӯйхати адабиёт:

1. Исбот дар мурофиаи ҷиноятӣ. Анъанаҳо ва замони муосир / [Ю. В.Кореневский, Н. М. Кипнис, Е. Ю. Львова ва ғайра]; таҳти таҳрири В. А. Власихин. Москва: Ҳуқуқшинос, 2000. 271 с.

2. 2. Қатъномаи 42/112 Ассамблеяи Генералии СММ аз 7 декабри Соли 1987 (манбай электронӣ). http://daccess-dds-ny.un. rg/doc/RESOLUTION/GEN/NR0/518/02/IMG/NR051802.pdf OpenElemen t. (санаи мурочиат: 04.02.2025 с).

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо». (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1999, №12, мод. 312; с. 2002, №4, қ. 1, мод. 266; с. 2006, №4, мод. 192; с. 2007, №7, мод. 661; с. 2013, №7, мод. 516), (Қонуни ҶТ аз 10.05.2002 № 37, аз 29.04.2006 № 179, аз 30.07.2007 № 297, аз 22.07.2013 № 988, аз 20.06.2019 № 1617) (санаи мурочиат: 04.02.2025 с).

4. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мубоҳисаҳои умумии иҷлоси 78-уми Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид. 21.09.2023. (Манбаи электронӣ). https://mfa.tj/tg/kobul/view/13401/sukhanroni-dar-mubohisahoi-umumii-ijlosi-78-umi-majmai-umumii-sozmoni-milali-muttahid. (санаи мурочиат: 02.02.2025 с).

5. Ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолияти Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2024. (Манбаи электронӣ). https://akn.tj/2025/02/03/the-agency-held-a-press-conference-to-summarize-its-activities-for-2024/ (санаи мурочиат: 03.02.2025с).

6. Салимов Ҳ. Криминалистика. Китоби дарсӣ. Душанбе: Матбуот, 2008. – 576 с.

7. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, №12, мод. 815; аз 24.12.2022 № 1926, №1927, аз 03.01.2024 №2017) (санаи мурочиат: 03.02.2025с).

8. Игнатенко, Е.А. хусусияти Криминалистии ҷиноятҳои марбут ба интиқоли ғайриқонунии воситаҳои маводи мухаддир дар фиристодаҳои почта (аз рӯи маводи амалияи мақомоти назорати маводи мухаддири округи федералии шарқи дур) / Е. А. Игнатенко. Тамбов: Грамота", 2011, - № 6 (12). С.79-82.

9. Присекин А.В. тадқиқоти Криминалистии пинҳонгоҳҳо ҳамчун роҳи пинҳон кардани гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор [Мақола]: монография / А. В. Присекин, В. В. Яровенко. Москва: Юрлитинформ, 2013. - 149,

Список литературы

1. Доказывание в уголовном процессе. Традиции и современность / [Ю. В. Кореневский, Н. М. Кипнис, Е. Ю. Львова и др.]; под ред. В. А. Власихина. - Москва : Юристъ, 2000. - 271 с.

2. Резолюция 42/112 Генеральной Ассамблеи ООН от 7 декабря 1987 г. (Манбаи электронӣ). http://daccess-dds-ny.un. rg/doc/RESOLUTION/GEN/NR0/518/02/IMG/NR051802.pdf?OpenElemen t. (дата обращение: 04.02.2025 с).

3. Закон Республики Таджикистан"О наркотических средствах, психотропных веществах и прекурсорах». (Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан,С. 1999, №12, мод. 312; С. 2002, №4, С. 1, мод. 266; С. 2006, №4, мод. 192; С. 2007, №7, мод. 661; С. 2013, №7, мод. 516), (Закон РТ от 10.05.2002 г. № 37, от 29.04.2006 г. № 179, от 30.07.2007 г. № 297, от 22.07.2013 г. № 988, от 20.06.2019 г. № 1617) (дата обращения: 04.02.2025 г.).

4. Выступление основателя мира и национального единства – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона на общих дебатах 78-й сессии Генеральной Ассамблеи Организации Объединенных Наций. 21.09.2023. (Электронный источник).

https://mfa.tj/tg/kobul/view/13401/sukhanroni-dar-mubohisahoi-umumii-ijlosi-78-umi-majmai-umumii-sozmoni-milali-muttahid. (дата обращения: 02.02.2025 г.).

5. Подведение итогов деятельности Агентства по контролю за наркотиками при Президенте Республики Таджикистан в 2024 году. (Электронный источник). https://akn.tj/2025/02/03/the-agency-held-a-press-conference-to-summarize-its-activities-for-2024/ (дата обращения: 03.02.2025 г.).

6. Салимов Криминалистика. Учебник. Душанбе: Пресса, 2008. - 576 С.

7. Уголовно-процессуальный кодекс Республики Таджикистан. (Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан,С. 2009, №12, мод. 815; от 24.12.2022 г. № 1926, №1927, от 03.01.2024 г. №2017) (дата обращения: 03.02.2025 г.).

8. Игнатенко, Е.А. Криминалистическая характеристика преступлений, связанных с незаконным перемещением наркотических средств в почтовых отправлениях (по материалам практики органов наркоконтроля дальневосточного федерального округа) / Е.А. Игнатенко. - Тамбов: Грамота», 2011, - № 6 (12). - С. 79-82.

9. Присекин А. В**.** Криминалистическое исследование тайников как способа сокрытия незаконного оборота наркотических средств [Текст]: монография / А. В. Присекин, В. В. Яровенко. - Москва: Юрлитинформ, 2013. – 149.

List of literature

1. Evidence in criminal proceedings. Traditions and modernity / [Yu. V. Korenevsky, N. M. Kipnis, E. Y. Lvova et al.]; edited by V. A. Vlasikhin. Moscow : Yuridist Publ., 2000. 271 p.

2. UN General Assembly Resolution 42/112 of December 7, 1987 (Manbai electronicӣ). http://daccess-dds-ny.un. rg/doc/RESOLUTION/GEN/NR0/518/02/IMG/NR051802.pdf?OpenElemen t. (date of appeal: 02/04/2025 from).

3. The Law of the Republic of Tajikistan "On Narcotic Drugs, Psychotropic Substances and Precursors". (Akhbori Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, p. 1999, No. 12, mod. 312; p. 2002, No. 4, p. 1, mod. 266; p. 2006, No. 4, mod. 192; P. 2007, No. 7, mod. 661; P. 2013, No. 7, mod. 516), (RT Law No. 37 dated 05/10/2002, No. 179 dated 04/29/2006, No. 297 dated 07/30/2007, No. 988 dated 07/22/2013, No. 1617 dated 06/20/2019) (date of application: 02/04/2025).

4. Speech by the founder of peace and national unity, Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan, the honorable Emomali Rahmon, at the general debate of the 78th session of the United Nations General Assembly. 09/21/2023. (Electronic source). https://mfa.tj/tg/kobul/view/13401/sukhanroni-dar-mubohisahoi-umumii-ijlosi-78-umi-majmai-umumii-sozmoni-milali-muttahid. (date of application: 02.02.2025).

5. Summarizing the activities of the Drug Control Agency under the President of the Republic of Tajikistan in 2024. (Electronic source). https://akn.tj/2025/02/03/the-agency-held-a-press-conference-to-summarize-its-activities-for-2024 / (date of access: 02/03/2025).

6. Salimov Criminalistics. Textbook. Dushanbe: Press, 2008. 576 P.

7. The Criminal Procedure Code of the Republic of Tajikistan. (Akhbori Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, p. 2009, No. 12, mod. 815; dated December 24, 2022, No. 1926, No. 1927, dated January 03, 2024, No. 2017) (date of reference: 02/03/2025).

8. Ignatenko, E.A. Criminalistic characteristics of crimes related to the illegal movement of narcotic drugs in mail (based on the practice of drug control authorities of the Far Eastern Federal District) / E.A. Ignatenko. - Tambov: Diploma", 2011, - № 6 (12). - Pp. 79-82.

9. Prisekin A.V. Criminalistic investigation of caches as a way to conceal illicit trafficking in narcotic drugs [Text]: monograph / A.V. Prisekin, V. V. Yarovenko. Moscow: Yurlitinform, 2013. 149.

ТДУ: 343
Арабҷонов Шодимурод Арабҷонович,
сармутахассиси шуъбаи қонунгузории граждани, соҳибкорӣ ва оилавии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
E-mail: farajon0199@gmail.com
Тел.:(+992) 929 66 16 99.

БАЪЗЕ АЗ МАСЪАЛАҲОИ МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ

Калидвожаҳо: терроризми сиёсӣ; терроризми байналмилалӣ; амали террористӣ; зӯроварии сиёсӣ; муборизаи сиёсӣ.

Аннотация: Терроризм яке аз падидаҳои мураккаби иҷтимоию сиёсӣ ва ҳамзамон яке аз шаклҳои зӯроварии сиёсӣ мебошад, ки аз ҷониби ташкилотҳои экстремистӣ-террористӣ амалӣ карда мешавад. Омӯзиши моҳият ва хусусияти терроризм нишон медиҳад, ки то ҳол дар ин масъала таърифи ягона вуҷуд надорад. Илова бар ин, дар мавриди терроризм ҳар як давлат ва ҳар як пешвои сиёсӣ биниши худро дорад. Ҳар яке аз онҳо ин мушкилотро бо назардошти манфиатҳои миллӣ ва геополитикии худ арзебӣ мекунанд. Аммо дар маҷмӯъ, терроризм яке аз шаклҳои зӯроварии сиёсӣ мебошад, ки барои татбиқи ҳадафҳои сиёсӣ истифода мешавад.

«Терроризм ва экстремизм аз як ҷониб чун як вабои аср хатари глобалии ҷиддӣ буда аз ҷониби дигар, аъмоли он гувоҳ аст, ки терроризм ватан, миллат ва дину мазҳаб надорад. Ҳамзамон, як таҳдиде ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ба ҷони ҳар як сокини сайёра аст. Ин зуҳуроти фалокатбор ҳеҷ умумияте ба дин, аз ҷумла ба дини мубини ислом надорад ва бо истифода аз номи ислом ба хотири ҳадафҳои сиёҳу ғаразноки сиёсӣ содир карда мешавад»

Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам, Эмомалӣ Раҳмон.

Дар ҷаҳони муосир равандҳо ва зуҳуроте мавҷуданд, ки на танҳо ба як кишвар ва ё як минтақа, балки ба тамоми кишварҳои ҷаҳон ва дар маҷмӯъ ба кулли мардумони сайёра таҳдид мекунанд. Яке аз чунин зуҳуроти номатлуб, ки хатари минтақавию байналмилалиро ба бор оварда, дар ҳама минтақаҳои олам тамоюли паҳншавиро дорад, терроризм ва экстремизм мебошад, ки боиси таваҷҷуҳи ҳаматарафаи созмону ташкилотҳои байналмилалӣ ва давлатҳои ҷаҳон гардидааст. Ҳарчанд падидаҳои ҷойдошта мавҷуди ин аср нестанд, вале дар баробари асри нав симои навро ба худ гирифта, моҳияти онҳо шакли муташаккилтару мураккаби зоҳиршавиро пайдо кардааст. Имрӯз ва дар оянда низ терроризм ва экстремизм ҳамчун хавфноктарин таҳдидҳо барои инсоният ва ҷомеаи умумибашарӣ боқӣ монда, бо истифода аз технологияи муосир, ки босуръат рушд намуда истодааст, тарзу усулҳои нави истифодабариро ба худ касб мекунад.

Ҳар як давлати соҳибистиқлол сиёсати давлатии худро дар ин ё он самт муайян намуда, онро дар доираи қабул ва татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалӣ менамояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон чун яке аз узви ҷомеаи комилҳуқуқи байналмиллалӣ дар арсаи ҷаҳонӣ миёни давлатҳои дигар, оид ба мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм уҳдадориҳо дорад, ки онҳо мақоми Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар низоми ҷаҳонии мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм муайян мекунанд.

Мубориза бар зидди терроризму экстремизм ва дигар таҳдидҳои замони муосир яке аз самтҳои муҳими фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сиёсати дохиливу хориҷии он мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сафи пеши мубориза бо терроризму ифротгароӣ дар ҷаҳони муосир қарор дошта, бо сиёсати устувори худ дар таъмини суботу амнияти минтақавӣ ва байналмилалӣ саҳми ҷиддӣ мегузорад.

Ҳарчанд масъалаи терроризм аз ҷониби олимони зиёд омӯхта шуда бошад ҳам, вобаста ба моҳияти он ҳанӯз ҳам муҳаққиқон ба мувофиқа нарасидаанд. Олими амрикоӣ Э.Ричардс ин ҳолатро мушоҳида намуда, иброз медорад, ки «дар доираҳои академикӣ масъалаи омӯзиши терроризм дар марҳилаи пешазназариявӣ қарор дорад» [1, с.225]. Яъне, назарияи илмии терроризм дар ҳоли пайдоиш ва ташаккулёбӣ мебошад. Ба иборае дигар, назарияи мукаммали терроризм то ба имрӯз ҳанӯз ташаккул дода нашудааст ва ё агар бошад ҳам номукаммал аст. Олими рус О.Г. Харитонова низ чунин ҳолатро мушоҳида намуда,

ташаккулдиҳии назарияи ягонаи терроризмро аз ҳалли масъалаҳои зерин вобаста медонад:

– консептуализатсияи терроризм;

– мавҷуд набудани таърифи ягонаи терроризм ва аз ҷониби олимон ба таври мухталиф шарҳу тавзеҳ ёфтани моҳияти ин падида;

– ба таври пурра ифода нагардидани хусусиятҳои сиёсӣ ва ҷиноятии терроризм;

– тағйирёбанда будани фаъолияти террористӣ;

– номумкин будани гузаронидани таҳқиқотҳои саҳроӣ [2, с.15-16].

Терроризм – сиёсатест, ки ба истифодаи пай дар пайи амалҳои террористӣ асос ёфтааст. Калимаҳои ҳаммаънои терроризм (лотинӣ terror – тарс, даҳшат) чунин мафҳумҳо ба монанди “зӯроварӣ” ва “тарсонидан” мебошанд. Терроризм ҳамчун мафкураи зӯроварӣ ва амалияи таъсиррасонӣ ба шуури ҷамъиятӣ, ба раванди қабули қарорҳо аз тарафи мақомотҳои давлатӣ ва ташкилотҳои байналхалқӣ муайян карда мешавад, ки бо таъсиррасонии қудратӣ, тарсонидани аҳолии осоишта ва ё дигар шаклҳои амалҳои зӯроварона ғайриқонунӣ алоқаманд аст.

Экстремизм – (аз калимаи фаронсавии «extremisme» ва лотинии «extremus») гирифта шуда, маънои аслиаш ифротгароӣ, тундравӣ, фикру андешаҳо ва амалҳои тундравона, аз ҳад гузаштан, аз андоза гузаштан аст.

Дабири кули СММ Кофи Аннан соли 2005 бо мақсади ба вуҷуд овардани таърифи ягонаи терроризм ин падидаро ба таври зерин муайян намуда буд: «амале, ки аз ҷониби субъектҳои ғайридавлатӣ содир мешаванд ва бо мақсади тарсонидани мардум ва ё таъсир расонидан ба ҳукуматҳо барои куштан ва ё расонидани зарар ба аҳолии осоишта ва ё шахсоне, ки дар амалиётҳои ҳарбӣ иштирок надоранд равона карда мешаванд»[3].

Бояд эътироф кард, ки ба омӯзиши терроризм олимони Ғарб каме пештар оғоз намудаанд. Аз ин рӯ, дар солҳои 80-уми асри гузашта як зумра таҳқиқоти ҷиддӣ дар ин самт анҷом дода шудаанд. Дар навбати аввал моҳияти ин мафҳумро таҳлилгарони амрикоӣ кӯшиш намудаанд, ки нишон диҳанд. Ба андешаи онҳо, «терроризм зӯроварии иҷтимоию сиёсиест, ки истифодаи он қобили қабул нест ва бо мақсади тағйир додани ҳолати руҳиву равонии одамон анҷом дода мешавад» [4, с.107]. В.Маллисон ва С.Маллисон иброз медоранд, ки «терроризм истифодаи муназзами шакли ниҳоии зӯроварӣ ва ё таҳдиди истифода намудани он барои амалӣ намудани мақсадҳои сиёсӣ ва ё оммавӣ мебошад» [5, с.37].

Дар замони муосир экстремизм яке аз намуди ҷиноятҳое, ба ҳисоб меравад, ки ба асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат, амнияти ҷамъиятӣ ва ба сулҳу амнияти инсоният зарари ҷиддӣ мерасонад. Имрӯз экстремизм хатару таҳдидҳо ба тамоми соҳаҳои ҳаёти инсонӣ ворид намуда, ба фаъолияти муътадили сохторҳои давлатӣ халал мерасонад, дар ҷомеа кинаю адоват ва бедор кардани бадбинӣ аз рӯи дин, миллат, нажод, маҳал ва ё кадом як гурӯҳи иҷтимоиро бо истифодаи воситаҳои ахбори омма ва ё ба таври оммавӣ паҳн мекунад. Дар баробари ин, вобаста ба бартарӣ доштан ё номукаммалии инсон (гурӯҳи иҷтимоӣ) ба дин, тамоюли иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳаллӣ ва ё забон, инчунин ташвиқоти ягона мебарад [6, с. 54].

Ин зуҳурот на танҳо ба сиёсати дохилии кишварҳои алоҳида, балки дар муносибатҳои давлатҳои ҷудогона роҳандозӣ шуда истодааст, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин радиф қайд намуда буданд: “Мубориза бо терроризм ва экстремизм фароҳам овардани фазои боварӣ, эҳтиром ба манфиатҳои ҳамдигар ва муттаҳид шудани ҳамаи кишварҳои дунёро дар пешорӯи ин хатари умумӣ тақозо менамояд. Истифодаи “сиёсати дугона” нисбат ба терроризм ва экстремизм самаранокии кӯшишҳои ҷомеаи ҷаҳониро дар муборизаи муштарак бо ин зуҳурот ҷиддан коҳиш дода, баръакс, мухолифатҳои наверо байни эътилофҳои ҳарбиву сиёсӣ эҷод мекунад ва авзои ҷаҳонро боз ҳам ноором месозад. Ман чандин маротиба аз минбарҳои Созмони Милали Муттаҳид ва дигар ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ таъкид карда будам, ки террорист ватан, миллат ва дину мазҳаб надорад”.

Терроризм ва экстремизм дар шароити кунуни ҷинояти дорои хусусияти глобалӣ буда, мубориза алайҳи он ҳамкории зич ва мутақобилаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хадамоти махсусро тақозо менамояд. Таҳдиди терроризм ва экстремизм бо истифодаи яроқи ядроӣ, химиявӣ ва бактериологӣ, инчунин ба объектҳое, ки террористон онҳоро барои анҷом додани кирдори зӯроварӣ интихоб мекунанд, имрӯзҳо на танҳо чун ҷинояти дохилидавлатӣ, ки ба манфиатҳои шахсони алоҳида, ҷомеа ва давлат зарар мерасонад, балки чун ҷинояте баррасӣ мегардад, ки дар маҷмӯъ метавонад ба тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ зиён оварад[7].

Албатта, кишварҳои дунё дар танҳои наметавонанд бо ин вабои аср мубориза баранд ва баргузории Конференсияи байналмилалии сатҳи

баланд таҳти унвони «Муқовимат ба терроризм ва ифротгароии хушунатомез» дар шаҳри Душанбе фазои боварӣ, эҳтиром ба манфиатҳои ҳамдигар ва муттаҳид шудани ҳамаи кишварҳои дунёро фароҳам оварда ва аз тамоми кишварҳо тақозо карда шуд, ки дар ҷодаи мубориза ва решакан намудани падидаи терроризму экстремизм ва ифротгароӣ ва таъмини суботу амнияти сартосарӣ тавассути андешидани иқдомҳои муштарак ҳамкориҳоро тақвият бахшанд. Мубориза бо ин зуҳуроти номатлуб на бо роҳи низомӣ, балки танҳо тариқи муколамаи сиёсӣ муборизаҳои дастаҷаъмона имконпазир аст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар радифи дигар кишварҳои ҷаҳон бо ин зуҳуроти номатлуб мубориза бурда, талош менамояд, то ки аз пайомади ногувори ин гуна амалҳо ҷилавгирӣ намояд. Вобаста ба ин баҳри тадбиқи сиёсати давлатӣ дар ин самт, аз ҷониби Ҳукумати мамлакат як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва зерқонунӣ қабул ва мавриди амал қарор дода шудаанд, аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди терроризм" (соли 1999), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба экстремизм" (соли 2020), фармони Президенти Ҷумурии Тоҷикистон Дар бораи тадбирҳои пурзӯр кардани мубориза бо терроризм аз 21 апрели соли 1997, №707, Барномаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пурзӯр намудани мубориза бар зидди терроризм дар солҳои 2000-2003, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июли соли 2000, №320 тасдиқ шудааст, Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 ноябри соли 2016, №776 тасдиқ гардидааст, Консепсияи ягонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм (ифротгароӣ), ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 марти соли 2006, №1717 тасдиқ шудааст, Конвенсияи Шанхай дар бораи мубориза бо терроризм, ҷудоихоҳӣ ва ифротталабӣ, ки бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 январи соли 2002, №513 тасдиқ шудааст ва Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, ки бо бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2021, №187 тасдиқ шудааст, қабул гардиданд, ки барои муборизаи оштинопазир бурдан бо чунин зуҳуроти номатлуб мусоидат намудаанд ва тадбирҳои иловагӣ роҳандозӣ гардида истодаанд.

Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (минбаъд – Стратегияи мазкур) мақсад, вазифаҳо ва самтҳои асосии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи муқовимат ба экстремизм ва терроризм муайян намуда, ба муттаҳид намудани тадбирҳои мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои байналмилалӣ дар ин самт равона шудааст. Стратегияи мазкур ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳое, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2021 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» зикр гардидаанд, мутобиқ ба иқдомоти Тоҷикистон доир ба амалисозии Стратегияи глобалии зиддитеррористии Созмони Милали Муттаҳид ва қатъномаҳои Шӯрои амнияти Созмони Милали Муттаҳид қабул гардидааст.

Стратегияи мазкур тибқи Конститутсия, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм», «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм», қонунҳо ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин бо дарназардошти таҷрибаи амалисозии Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020 таҳия шудааст[8].

Тибқи маълумоти коршиносон имрӯз дар ҷаҳон беш аз 500 ҳизбу ҳаракатҳои динию ифротгаро, созмонҳои террористию экстремистӣ ошкорову пинҳонӣ амал мекунанд. Ҳамасола дар арсаи терроризм ё барои мақсаду амалҳои террористӣ дар ҷаҳон дар маҷмӯъ аз 5 то 20 миллиард доллар сарф мегардад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам як узви ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳисоб рафта, ба муқобили ин зуҳуроти номатлуби аср тамоми чораҳои заруриро пешбини намудааст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироа намудани Паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз доштанд: «Паёми имсола ба мақоми олии қонунгузори мамлакат ва мардуми шарифи Тоҷикистон дар шароити торафт мураккаб гардидани вазъи ҷаҳони муосир, густариш пайдо кардани зуҳуроти ниҳоят хатарноки асри нав-терроризм ва экстремизм, вусъати бесобиқаи бархурди манофеи қудратҳо барои аз нав тақсим кардани ҷаҳон вобаста ба ин, боз ҳам печидаву муташанниҷ гардидани вазъи сиёсии сайёра,

инчунин шиддат гирифтани бӯҳрони молиявию иктисодӣ дар бисёр кишварҳои олам пешниҳод мегардад»[9].

Падидаи номатлуби терроризму ифротгароӣ ба хатари бесобиқаи ҷаҳонӣ табдил ёфта, оқибатҳои фоҷиабору харобиовари ҷамъиятиву сиёсӣ ва маънавиро ба бор овардааст. Террористон ва экстремистон дар тафаккури одамон ҷой мекунанд, ки ин ҳаёт пур аз ноадолатӣ ва зулм буда, ягона роҳи озод шудан аз он марг мебошад. Яъне, тавассути роҳандозӣ намудани фикру андешаҳои нопоки худ онҳо гӯё "адолати иҷтимоӣ"-ро барқарор менамоянд. Ба доми террористон ва экстремистон бештар нафароне, ки донишҳои мукаммали сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва динӣ надоранд, махсусан ҷавононе, ки арзишҳои онҳо дар зиндагӣ муайян нагардида, ҳамчун шахсият ташаккул наёфтаанд ва аз таъриху фарҳанг ва тамаддуни бостонии халқи худ огоҳӣ надоранд, гирифтор мешаванд.

Дар таҳқиқоти як қатор ҳуқуқшиносон аз ҳама бештар омӯзиши амалҳои террористии ташкилшуда ва рухдода дар мадди аввал гузошта мешаванд. Зеро таҳлили қонунгузории давлатӣ нишон медиҳад, ки дар онҳо баъзе унсурҳои навини терроризм ба мушоҳида намерасад. Ба ҳамаи ин ингоҳ накарда, дар таҳқиқоти ҳуқуқшиносон омӯзиши терроризм ва амалҳои террористӣ мавқеи махсус ишғол намудааст. Одатан олимону муҳаққиқони ин соҳаи илм ин зуҳуротро ҳамчун амали ҷиноятӣ ва ғайриқонунӣ баҳогузорӣ намуда, дар доираи қонунгузории амалкунанда онро шарҳу тавзеҳ медиҳанд.

Чунончи, Валеева А.С. иброз медорад, ки «терроризм низоми таъсиррасонии ғайриқонунӣ ва амалҳои ҷиноятие мебошад, ки барои расидан ба ҳадафҳои сиёсӣ ба ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ равона карда мешаванд. Ҳадафи ниҳоии терроризм ба даст овардани ҳокимият мебошад» [10, с.32]. Горбунов Ю.С. бошад терроризмро ҳамчун амалия ва тактикаи зӯроварии сиёсии зиддиҳуқуқие медонад, ки он аз ҷониби неруҳои сиёсии ғайридавлатӣ истифода бурда мешавад [11, с.31]. Ҷои дигар терроризм тактикаи сиёсие дониста мешавад, ки шаклҳои гуногуни зӯроварии мусаллаҳонаро истифода намуда, дар шакли амали террористӣ зоҳир мегардад [12, с.5].

Дар луғатҳои соҳаи ҳуқуқшиносӣ бошад терроризмро ҳамчун ҷиноят муаррифӣ намудаанд, ки он ба амнияти ҷамъиятӣ таъсири манфӣ мерасонад ва баъзан вақт на танҳо характери миллӣ дорад, балки характери байналмилалӣ низ мегирад[13, с.1086].

Ҳамин тавр, дар асоси гуфтаҳои дар боло овардашуда метавон гуфт, ки терроризм ва экстремизм – ин амали зиддиҳуқуқии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие мебошад, ки ба таври ғайриқонунӣ тарзу усулҳои зуроварӣ ва дигар ҳаракатҳои экстремистю террористӣ аз рӯи ангезаҳои кинаю адовати идеологӣ, сиёсӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ ё динӣ ҳамчун аз нигоҳи бадбинӣ ё кинаю адоват нисбати кадом як гурӯҳи иҷтимоӣ истифода намуда, мақсадаш халалдор сохтани амнияти ҷамъият, тарсондани аҳолӣ ё расондани таъсир ҷиҳати аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ қабул намудани қарор, ба таври ҷиддӣ дигар кардани самти сиёсати пешгирифтаи давлат, номӯътадил сохтани вазъи иҷтимоии ҷомеа, инчунин таҳдиди анҷом додани кирдорҳои террористию экстремистӣ фаҳмида мешавад.

Хулоса, Истиқлолият ва сулҳу ваҳдат неъматҳое ҳастанд, ки онҳоро ҳифз бояд кард. Таҷриба собит намудааст, ки нигоҳ доштану тақвият бахшидани истиқлолу ваҳдат чӣ қадар заҳматталабанд ва онҳо дар баробари рушди иқтисоду фарҳанг ва иҷтимоиёт то чӣ андоза дастоварди нодир маҳсуб меёбанд. Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ, мардуми мо, хусусан, наврасону ҷавонон бояд ҳамеша дар ёд дошта бошем, ки истиқлоли давлатӣ, ваҳдати миллӣ ва сулҳу суботи сиёсӣ дар натиҷаи саъю талоши шабонарӯзии фарзандони огоҳу бедордили миллат ва бар ивази ҷони ҳазорон нафар ҷавонмардони содиқу ватандӯст муяссар гардидааст. Бинобар ин, мо бояд зиракии сиёсиро аз даст надиҳем, доим ҳушёр бошем, дар ғафлат намонем, фирефтаи суханони ҳаргуна ҳизбу ҳуракатҳо нагардем ва барои ҳимояи истиқлолу озодии кишварамон доимо талош варзем.

Қурбонии терроризм дар ин ё он минтақа асосан ҷавонон мебошанд. Аз ин рӯ, ҷавононро мебояд, ки зиракии сиёсиро аз даст надода, сабабу омили шомилшавии ифротиҳоро ба гуруҳҳои террористӣ биёмӯзанд ва барои дафъи он кӯшиш кунанд, то сулҳ, ваҳдат ва амнияти кишвар ҳифз гардад. Ба қадри неъмате чун истиқлолияту давлатдории миллӣ расидан арзишҳои муқаддастарини давлату давлатдориро дарк намудан ва ҳифз намудани онҳо ин ҳам қарз, ҳам масъулият ва шарафу номуси ватандорӣ, ифтихор аз давлату миллати хеш ва талошу заҳмати ҳар фарди бедордили ҷомеа баҳри худшиносӣ, маърифат ва фарҳанги волои миллӣ мебошад. Қайд кардан ба маврид аст, ки нақши фарҳанг, ташвиқоту тарғиботи таълиму тарбияи насли наврас дар ҳамин раванд дар таҳкими эҳсоси

ватандорӣ, худшиносии миллӣ, эҳтиром ба иҷтимоӣ ниҳоят бузург аст. таърихи ниёгон ва дар пешгирӣ аз низоъҳои

НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ БОРЬБЫ С ТЕРРОРИЗМОМ И ЭКСТРЕМИЗМОМ

***Ключевые слова*:** терроризм; политический терроризм; международный терроризм; террористический акт; политическое насилие; политическая борьба.

***Аннотация*.** Терроризм является одной из сложнейших социально-политических явлений и одновременно одной из форм политического насилия, который реализуется со стороны экстремистско-террористических организаций. Изучение сущности и особенности терроризма показывает, что в отношении этой проблемы до сих пор нет единого определения. Во-первых, это связана с тем, что ученые разных сфер науки интерпретируют его с точки зрения предмета своей науки и поэтому каждый ученый рассматривает данный вопрос исходя из своей сферы деятельности. В результате этого появляются множество определений терроризма. Кроме того, в отношении терроризма каждое государство и каждый политический лидер имеет свою видению. Каждый из них оценивает эту проблему с учетом своих национальных и геополитических интересов. Но в целом, терроризм является одной из форм политического насилия, который используется для реализации политических целей.

Арабжонов Шодимурод Арабжонович - главный специалист отдела гражданского, предпринимательского и семейного законодательства Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан, *E-mail*: farajon0199@gmail.com, *Тел*.:(+992) 929 66 16 99.

SOME ISSUES RELATED TO THE FIGHT AGAINST TERRORISM AND EXTREMISM

Keywords: terrorism; political terrorism; international terrorism; terrorist act; political violence; political struggle.

Annotation. Terrorism is one of the most complex socio-political phenomena and at the same time one of the forms of political violence, which is implemented by extremist and terrorist organizations. The study of the essence and features of terrorism shows that there is still no single definition of this problem. Firstly, this is due to the fact that scientists from different fields of science interpret it from the point of view of the subject of their science, and therefore each scientist considers this issue based on his field of activity. As a result, there are many definitions of terrorism. In addition, every State and every political leader has their own vision regarding terrorism. Each of them evaluates this problem taking into account their national and geopolitical interests. But in general, terrorism is a form of political violence that is used to achieve political goals.

Arabjonov Shodimurod Arabjonovich - Chief Specialist of the Department of Civil, Business and Family Legislation of the National Center of Legislation under the President of the Republic of Tajikistan, *E-mail*: farajon0199@gmail.com , *Tel*.:(+992) 929 66 16 99.

Рӯйхати адабиёт:

1. Ричардс А. Консептуализатсияи терроризм // Тадқиқот дар соҳаи низоъ ва терроризм. – 2014. Ҷилди 37. – №3. Саҳ. 213-236.
2. Харитонова О.Г. Омӯзиши терроризм: контурҳои асосии баҳс // илми Сиёсӣ. – 2018. –№4. Саҳ. 13-33.
3. Азнавсозмондиҳии миллатҳои муттаҳид. Кофи Аннан мехоҳад СММ-ро наҷот диҳад [Манбаи Электронӣ]. LL: https://www.kommersant.ru/doc/556543 (санаи мурочиат: 06.03.2025).
4. Креншоу М. Терроризм, қонуният ва қудрат. Миддлтаун: Нашриёти донишгоҳи Уеслиан, 1983. - 174 с.
5. Маллисон У.Т., Маллисон С. В. Консепсияи террор бо ҳадафҳои оммавӣ дар ҳуқуқи байналмилалӣ // Маҷаллаи тадқиқоти фаластин. Ҷилди IV. – 1991. – № 2. Саҳ. 36-41.
6. Холиқзода А.Ғ., Ваҳобзода А., ва Марамбеков М. Дин ва ифрот: зиддият ва ҳамоиш (Монография). – Душанбе: ҶДММ “Контраст”. – 2024. – 296 с.
7. Консепсияи ягонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм (ифротгароӣ) аз 28 марти соли 2006, №1717 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL:http://www.adlia.tj(санаи мурочиат: 10.03.2025).

8. Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, ки ба фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2021, № 187 тасдиқ шудааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http//www.adlia.tj(санаи мурочиат: 12.03.2025).

9. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20. 01 соли 2016. [Захираи электронӣ]. - Манбаи дастрасӣ: https://president.tj/event/'missives/12756 (санаи мурочиат: 05.03.2025).

10. Валеева А.С. Фарқияти мафҳумҳои террор, терроризм, амали террористӣ // муфаттиши Руссия. – 2012. – № 14. Саҳ. 31-33.

11. Горбунов Ю.С. Дар бораи муайян кардани мафҳумҳои террор ва терроризм // Маҷаллаи ҳуқуқи Руссия. – 2010. – № 2. Саҳ. 31-40.

12. Байрамов Г.И. Мубориза бо терроризми сиёсӣ: танзими ҳуқуқии байналмилалӣ: дис. ... номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. М., 2004. 169 с.

13. Энсиклопедияи ҳуқуқӣ / Зери муҳаррири Топорнин Б.Н. М.: Ҳуқуқшинос, 2001. Саҳ. 1086.

Список литературы:

1. Ричардс А. Концептуализация терроризма // Исследования в области конфликтов и терроризма. – 2014. – Том 37. – №3. – С.213-236.

2. Харитонова О.Г. Изучая терроризм: Основные контуры дискуссии // Политическая наука. – 2018. –№4. –С.13-33.

3. Реорганизация объединенных наций. Кофи Аннан хочет спасти ООН [Электронный ресурс]. URL: https://www.kommersant.ru/doc/556543 (дата обращения: 06.03.2025 г.)

4. Креншоу М. Терроризм, легитимность и власть. – Миддлтаун: Издательство Уэслианского университета, 1983. – 174 с.

5. Маллисон У.Т., Маллисон С.В. Концепция террора с публичными целями в международном праве // Журнал палестинских исследований. – Том IV. – 1991. – № 2. – С.36-41.

6. Холикзаде А.Г., Вахобзода А.И. и Марамбеков М. Религия и экстремизм: противоречие и взаимопонимание (Монография). - Душанбе: ООО "Контраст". – 2024. – 296 с.

7. Единая концепция Республики Таджикистан по борьбе с терроризмом и экстремизмом (экстремизмом) от 28 марта 2006 года, №1717 // централизованная информационно-правовая база данных РТ «юстиция». Форма 7.0. [Электронная резервная копия]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj(дата обращения: 10.03.2025).

8. Стратегия противодействия экстремизму и терроризму в Республике Таджикистан на 2021-2025 годы, утвержденная Указом Президента Республики Таджикистан от 1 июня 2021 года № 187 // централизованная информационно-правовая база данных РТ «Юстиция». Форма 7.0. [Электронная резервная копия]. Источник доступа: URL: http//www.adlia.tj (дата обращения: 12.03.2025).

9. Послание Основателя мира и национального единства - Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 20. 01 2016 года. [Электронная резервная копия]. - Источник доступа: https://president.tj/event / ' missives/12756 (дата обращения: 05.03.2025).

10. Валеева А.С. Разграничение понятий террор, терроризм, террористический акт // Российский следователь. – 2012. – № 14. –С.31-33.

11. Горбунов Ю.С. Об определении понятий «террор» и «терроризм» // Журнал российского права. – 2010. – № 2. – С.31-40.

12. Байрамов Г.И. Борьба с политическим терроризмом: международно-правовое регулирование: дис. ... канд. юр. наук. – М., 2004. – 169 с.

13. Юридическая энциклопедия / Отв. ред. Б. Н. Топорнин. – М.: Юрист, 2001. – С.1086.

List of literature:

1. Richards A. Conceptualizing terrorism // Studies in conflict and terrorism. – 2014. – Vol. 37. – №3. – P.213-236.

2. Kharitonova O.G. Studying terrorism: The main contours of the discussion // Political Science. - 2018. –No. 4. –pp.13-33.

3. Reorganization of the United Nations. Kofi Annan wants to save the UN [Electronic resource]. URL: https://www.kommersant.ru/doc/556543 (date of application: 06/03/2025).

4. Crenshaw M. Terrorism, Legitimacy, and Power. – Middletown: Wesleyan University Press, 1983. – 174 p.

5. Mallison W.T., Mallison S.V. The Concept of Public Purpose Terror in International Law // Journal of Palestine Studies. –Vol. IV. – 1991. – № 2. – P.36-41.

6. Holikzade A.G., Vakhabzoda A.I. and Marambekov M. Religion and extremism: contradiction and mutual understanding (Monograph). - Dushanbe: Contrast LLC. - 2024. – 296 P.

7. Unified Concept of the Republic of Tajikistan on Combating Terrorism and Extremism (extremism) dated March 28, 2006, No. 1717 // Centralized information and legal database of the Republic of Tajikistan "Justice". Form 7.0. [Electronic backup copy]. Access source: URL: http://www.adlia.tj (date of request: 03/10/2025).

8. Strategy of countering extremism and terrorism in the Republic of Tajikistan for 2021-2025, approved by Decree of the President of the Republic of Tajikistan dated June 1, 2021 No. 187 // Centralized information and legal database of the Republic of Tajikistan "Justice". Form 7.0. [Electronic backup copy]. Access source: URL: http//www.adlia.tj (accessed: 03/12/2025).

9. Message of the Founder of Peace and National Unity, Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan, the honorable Emomali Rahmon Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan dated January 20, 2016. [Electronic backup]. - Access source: https://president.tj/event / 'missives/12756 (accessed: 03/05/2025).

10. Valeeva A.S. Differentiation of concepts of terror, terrorism, terrorist act // A Russian investigator. – 2012. – No. 14. –pp.31-33.

11. Gorbunov Yu.S. On the definition of the concepts of "terror" and "terrorism" // Journal of Russian Law. - 2010. – No. 2. – pp.31-40.

12. Bayramov G.I. The fight against political terrorism: international legal regulation: dis. ... kand. jur. sciences. – M., 2004. – 169 p.

13. Legal encyclopedia / Ed. by B. N. Topornin. – M.: Lawyer, 2001. – p. 1086.

12.00.09 - МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ
12.00.09 -УГОЛОВНЫЙ ПРОЦЕСС
12.00.09 - CRIMINAL PROCEDURE

ТДУ: 343.13

Оралбаев Ҳамза Ҳайдарович,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.
E-mail: femida-80@list.ru
Тел: (+992) 919-64-35-35.

Табаров Неъмон Амонович,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.
E-mail: nemon.tabarov.65@mail.ru
Тел: (+992) 907-97-65-12.

ДАР БОРАИ БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ БАҲСНОКИ МАФҲУМИ ШАКЛИ МУРОФИАВИИ ҶИНОЯТӢ

Калидвожаҳо: ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ; мурофиаи судии ҷиноятӣ; равишҳои илмӣ; шакли мурофиавии ҷиноятӣ; мурофиа; суд; тафтишоти пешакӣ; фаъолиятти мурофиавии ҷиноятӣ; даврaҳои мурофиаи ҷиноятӣ.

Аннотатсия. Дар мақола муаллифон баъзе масъалаҳои баҳсноки мафҳуми шакли мурофиавии ҷиноятиро баррасӣ менамоянд. Ба якхела набудани равиши олимон нисбати таърифи он диққат дода шуда, баъзеи онҳо таҳлил карда мешаванд. Хулоса мешавад, ки шакли мурофиавии ҷиноятӣ мафҳуме мебошад, ки талаботҳоро ҳам нисбати тартиби мурофиаи судии ҷиноятӣ дар маҷмӯъ ва ҳам нисбати амалисозии фаъолияти мазкур дар даврaҳои алоҳида, инчунин ҳангоми гузаронидани амалҳои мушаххаси тафтишотӣ дар бар мегирад.

Ба таҳлили чунин категория, ба монанди «шакли мурофиавӣ», ки ба ҷумлаи категорияҳои асосии илми мурофиавии ҷиноятӣ мансуб аст, дар ин ё он ҷанба амалан ҳар як олиме, ки проблемаҳои ҳуқуқи исботкуниро таҳқиқ менамояд, муроҷиат кардааст. Шакли мурофиавии ҷиноятӣ мафҳуми мураккаби бисёрҷанба дар илми мурофиаи ҷиноятӣ мебошад. Барои муайян кардани моҳият ва мазмуни он якчанд равишҳои гуногун мавҷуданд. Мубоҳисаҳои илмӣ доир ба ин масъала дар сатҳи муайян кардани аломатҳои асосии мафҳуми мазкур вусъат меёбанд, ки водор мекунад, ки ҳам ба равишҳои назариявӣ ва ҳам ба равишҳои амалӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад. Дар саҳифаҳои нашрияҳои илмӣ мубоҳисаҳо оид ба он мафҳумҳои ҳуқуқие, ки тавассути онҳо бояд таърифи шакли мурофиавии ҷиноятӣ дода шавад, қатъ намегарданд. Масалан, яке аз аввалин таърифҳои шакли мурофиавӣ, ки аз ҷониби М.А. Челтсов пешниҳод шудааст, ба назар як қадар содда ва бинобар ин баръало нокифоя менамояд, зеро дар он муаллиф амалан шакли мурофиавӣ ва тартиби бо қонун пешбинишудаи истеҳсолоти (пешбурди) амалҳои алоҳидаи мурофиавӣ (ва ё маҷмӯи онҳо)-ро монанд кардааст [16, с. 33]. Бо чунин мухтасарӣ таърифи категорияи баррасишавандаро Ю.И. Стетсовский дода аст, ки мазмуни онро тавассути маҷмӯи шартхое, ки қонун барои иҷрокунии амалҳои мурофиавӣ муқаррар кардааст, ошкор мекунад [13, с. 107].

Дар навбати худ М.Л. Якуб ҳамчунин дар тафсир мафҳуми «истеҳсолоти амалҳои мурофиавӣ»-ро истифода бурда, ҳисоб мекард, ки на танҳо дар бораи онҳо, балки дар бораи шартҳои қабули қарорҳои мурофиавии ҷиноятӣ ҳам сухан рондан лозим аст [17, с. 9], ки ҳаққонӣ назар мерасад.

Аз ин мавқеъ метавон ба таърифҳои шакли мурофиавии ҷиноятӣ, ки дар адабиёти илмӣ оварда шудааст, аз нигоҳи интиқодӣ арзёбӣ кард, ки ба мазмуни онҳо ба ғайр аз чизҳои зикргардида, унсурҳои дигар низ дохил карда шудаанд. Аз ҷумла, ба гуфтаи Л.Б. Алексеева, шакли мурофиавии ҷиноятиро бояд тавассути «система ва сохтори институтҳои мурофиавии ҷиноятӣ ва қоидаҳо, расмиёт ва пайдарҳамии даврaҳои мурофиаи ҷиноятӣ, шартҳо, тарзҳо ва муҳлатҳои бақооварии амалҳои мурофиавӣ, ки бевосита ё бавосита бо ҷамъоварӣ ва таҳқиқи далелҳо дар тафтишоти пешакӣ ва дар муҳокимаи судӣ, сабти онҳо дар санадҳои ҳуқуқӣ алоқаманданд, инчунин тартиби қабул ва ба расмият даровардани қарорҳо оид ба масъалаҳои алоҳида ва аз рӯи парванда дар маҷмӯъ, ки бо ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ ба тартиб андохта шудаанд», муайян кард [6, с. 121].

Якумаш, таваҷҷуҳро ба худ ошкоро аз ҳад зиёд пурбор будани истилоҳоти таъриф ҷалб мекунад. Дуюмаш, мулоҳизаҳо дар бораи он, ки шакли мурофиавӣ бо ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ ба тартиб андохта мешавад, норизоиро ба вуҷуд меорад, зеро хосияти батартибандозиро қонун доро аст, вале на ҳуқуқ, ки аз функсияи батартибандозӣ дида бештар функсияи танзимкунандаро доро аст. Сеюмаш, комилан равшан нест, ки муаллиф дар таҳти «расмиёти даврaҳои мурофиаи ҷиноятӣ» чиро мефаҳмад. Ва, ниҳоят, норизоиро аз ҷониби муаллиф маҳдуд шудан танҳо бо он амалҳои мурофиавие, ки мақсади дарккунӣ доранд, ба вуҷуд меорад, дар ҳолате ки қонун тартиби қабули қарор ва гузаронидани дигар амалҳои мурофиавиро, ки бо исботкунӣ вобаста нестанд, ба таври қатъӣ ба тартиб андохта аст, масалан, интихоби чораи пешгирӣ ва ғайра. Барои ҳама гуна фаъолият дар соҳаи мурофиаи судии ҷиноятӣ қонун шакли мурофиавии дахлдорро муқаррар кардааст. Аз ин рӯ, тамоми фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ бо меъёрҳои мурофиавӣ ба тартиб андохта шуда, онро ба низом медарорад ва санҷидашаванда мегардонад, ки бо ин қонунияти истеҳсолот (пешбурд) аз рӯи парвандаи ҷиноятӣ таъмин карда мешавад [17, с. 9].

Дар адабиёти таълимӣ шакли мурофиавии ҷиноятӣ ҳамчун расмиёт, тартиби муқарраршуда муайян карда мешавад. Масалан, дар китоби дарсии «Мурофиаи ҷиноятӣ» таҳти таҳрири П.А. Лупинская омадааст, ки «шакли мурофиавии ҷиноятӣ расмиёти (тартиби) пешбурди парвандаҳои ҷиноятиро муқаррар менамояд: пайдарҳамии даврaҳо ва шартҳои гузаштани парванда аз як давра ба давраи дигар, шартҳое, ки пешбурдро дар давраи мушаххас тавсиф мекунад, асосҳо, шартҳо ва тартиби пешбурди амалиётҳои тафтишотӣ ва судӣ, мазмун ва шакли қарорҳо аз рӯи баъзе масъалаҳои ҳуқуқӣ ё аз рӯи моҳияти парванда» [15, с. 20].

Аз тафсири мазкур метавон хислатҳои асосии шакли мурофиавии ҷиноятиро махсус қайд кард. Якум, шакли мурофиавии ҷиноятӣ талаботи хусусияти расмиётиро дар бар мегирад, ки риояи онҳо кафолати ҳуқуқи иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро таъмин менамояд. Дуюм, ба зарурати дуруст барасмиятдарории амалиёт ва қарорҳои мурофиавӣ диққати махсус дода мешавад. Амалан дар назар дошта мешавад, ки ҳангоми анҷом додани амалҳои мурофиавӣ на танҳо алгоритми амалӣ намудани онҳо, балки қоидаҳои барасмиятдарории онҳоро низ риоя кардан лозим аст. Риоя накардани ҳатто як ҷанба аз тартиби муқарраршуда умуман ба ғайриқонунӣ будани амалиётҳои гузаронидашуда оварда мерасонад.

Зиёда аз он, худи шакли мурофиавии ҷиноятӣ яке аз кафолатҳои мурофиавии ҷиноятии риояи ҳуқуқҳои шаҳрвандоне, ки дар мурофиаи ҷиноятӣ ҷалб карда шудаанд, мебошад. Хусусиятҳои мавҷудаи мурофиавӣ имкон медиҳанд, ки шароити татбиқи мақоми ҳуқуқии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ таъмин карда шаванд. Аммо расмиятпарастии аз ҳад зиёди мурофиа барои ба даст овардани ҳақиқати объективӣ дар рафти исботкунӣ оқибатҳои манфӣ дорад.

Бо вуҷуди ин, муносибати расмӣ ба амалӣ намудани фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ ҳам бартарӣ ва ҳам камбудиҳои худро дорад. Аз як тараф риояи қоидаҳои қатъӣ ба амалӣ кардани таъиноти мурофиаи ҷиноятӣ, ки аз ҳимояи ҳуқуқи шаҳрвандони ба фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ ҷалбкардашуда иборат аст, ёрӣ мерасонад. Амалан, худи шакл кафолатҳои мурофиавии бо қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ пешбинишудаи ҳуқуқҳои субъектҳои гуногуни онро дар бар мегирад, ки дар маҷмӯъ тартиби устувори ҳуқуқии пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ва татбиқи чунин принсипро ба монанди қонуният таъмин менамояд. Аз тарафи дигар, ин рафти тафтиш ва баррасии парвандаи ҷиноятиро дар суд ба таври назаррас мушкил намуда, субъектҳои ҳокимиятиро водор месозад, ки алгоритми аниқи амалҳоро риоя намуда, амалу қарорҳои худро ба таври мурофиавӣ расмӣ созанд ва бо ин васила онҳоро дар доираи муайяне ҷойгир кунанд, ки ба онҳо иҷрои ваколатҳо ва вазифаҳоро ба таври муайян амр менамоянд [2, с. 249–250].

Хавфи асосӣ дар он аст, ки ҳуқуқтатбиққунанда метавонад алоқаро бо мазмуни фаъолияти худ карда, бештар ба шакли он таваҷҷӯҳ кунад, инчунин мақсади ноил шудани ҳақиқати объективиро дар навбати дуюм гузорад. Масалан, вазъияте ба амал омада метавонад, ки мақомоти тафтишот ва суд наметавонанд маълумоти муайянеро ба эътибор гиранд, гарчанде ки он ба воқеият алокаманд бошад ҳам, аммо тартиби ба даст овардани он ба тартиби муқарраршудаи мурофиавии ҷиноятӣ мувофиқат намекунад. Зимнан, вайрон кардани меъёрҳои ҳуқуқӣ метавонад хусусияти ночиз дошта бошад (масалан, саҳвҳо дар рафти барасмиятдарории санадҳои мурофиавӣ).

Бешубҳа, дар назарияи мурофиаи ҷиноятӣ консепсияҳои гуногуни ҷоизии далелҳо мавҷуданд. Яке аз онҳо истифодаи далелҳоеро, ки бо ҳама гуна вайронкуниҳои нишондодҳои ҳуқуқӣ ба даст оварда шудаанд, манъ мекунад. Консепсияи дигар бошад тақсимоти вайронкуниҳои имконпазири қонунро ба назаррас ва ночиз дар назар дорад. Таҳиягарон ва пайравони ҳарду консепсия барои фоидаи мавқеъҳои худ далелҳои эътимодбахш пешниҳод мекунанд. Аммо ба назари мо дар амалия татбиқ намудани консепсияи дуюм душвор аст, зеро амалан лозим меояд низоми томи аломатҳое таҳия карда шавад, ки як намуди вайронкуниро аз дигараш фарқ кунонад, ки ин дар амалия метавонад ба тафсири хеле озоди нишондод қонун оварда расонад.

Дар масъалаи фишори расмиятпарастии мурофиаи ҷиноятӣ ба ҳар ҳол нақши махсуси кафолатҳои мурофиавии ҷиноятии ҳуқуқҳои иштирокчиёни онро қайд кардан лозим аст. Дар ҳолати мазкур риоя намудани таносуби ҷузъҳои расмӣ ва мазмунии фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ зарур аст.

Ба ғайр аз ин, баъзе муҳаққиқон он мавқеъро тарафдоранд ки мазмуни муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии ҷиноятӣ амал буда, шакле, ки миқёси ин амалҳоро муайян мекунад, ҳуқуқ (ваколатҳо) ва уҳдадориҳо мебошад, яъне шакл, моҳиятан, ҳадди ниҳоӣ мебошад [5, с. 91–95].

Ҳамчунин мавқеи С.Б. Россинский низ ҷолиб аст, ки вай чунин мешуморад, ки «шакли мурофиавии ҷиноятӣ дар парвандаҳои мушаххаси ҷиноятӣ, дар амал ва қарорҳои яккаву танҳои мақомоти тафтишоти пешакӣ, прокурор, суд, дар усулҳои рафтори якдафъаинаи иштирокчиёни дигари мурофиаи судӣ, ки мазмуни муносибатҳои ҳуқуқии объективона вуҷуддошта мебошанд, ифода меёбад» [11, с. 68–69]. Дар ин ҷо равиши истисноан амалиро нисбати таърифи шакли мурофиавии ҷиноятӣ қайд кардан лозим аст.

Масъалаи дигари мушкили илми мурофиавии ҷиноятӣ ин тафриқаи шакли мурофиавии ҷиноятӣ мебошад, ки дар ду самт - мураккабгардонӣ ва соддагардонӣ амалӣ карда мешавад. Ҳар як самт хусусиятҳои рушди худ ва институтҳои махсуси мурофиавии ҷиноятиро дорад.

Мураккабгардонӣ зиёд кардани муҳлатҳои пешбурди парванда, зарурати ҳал намудани масъалаҳои иловагӣ, иҷрои талабот ва пайдоиши марҳалаҳои навро дар назар дорад, ки кафолатҳои иловагии таъмини қонуниятро дар вазъиятҳои махсуси ҳуқуқӣ пешниҳод мекунанд. Ба чунинҳо масалан пешбурди парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои ноболиғон мисол шуда метавонад.

Бешубҳа, вақте, ки барои пешбурди парванда сарф мегардад, хеле зиёд мешавад, вале дар ҳолати мазкур дар бораи вайрон кардани муҳлати муқарраркардаи қонун сухан рондан мумкин нест. Парвандаҳои ҷиноятие, ки бо чунин тартибот ҳал карда мешаванд, бо мураккабии махсус ва зарурати муносибати инфиродӣ ба тафтишот ва баррасӣ фарқ мекунанд.

Калонию вазнинии мурофиа дар ҳолати мазкур барои он ҳамчун ҷанбаи мусбӣ баромад мекунад, ки кафолатҳои иловагии таъмини ҳуқуқҳои шахсоне, ки ба фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ ҷалб карда шудаанд пайдо шуда, хусусиятҳои фардии ҳам худи парванда ва ҳам тавсифи шахсияти гумонбар шуда, айбдоршаванда ба назар гирифта мешавад.

Тамоман роҳу мантиқи дигари фаъолияткунии тартибҳои мухтасари мурофиавии ҷиноятиро мушоҳида кардан мумкин аст. Соддагардонии мурофиаи судии ҷиноятӣ аз ҳисоби мухтасаркунӣ ё барҳамдиҳии баъзе марҳалаҳо дар рафти пешбурди тосудӣ ва судӣ бо нигоҳ доштани ҳамаи кафолатҳои ҳуқуқҳои шаҳрвандон, ки қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ пешбинӣ кардааст, сурат мегирад. Ба шаклҳои мухтасаршуда таҳқиқ дар шакли мухтасар, тартиби қабули қарори суд ҳангоми розӣ будани айбдоршаванда ба айбномаи ба ӯ пешниҳодшуда, таъини чораҳои хусусияти ҳуқуқии ҷиноятӣ дар намуди ҷаримаи судӣ ва ғайра дохил мешаванд [12, с. 100–102]. Мавҷудияти чунин институтҳои мурофиавии ҷиноятӣ бо кушиши қонунгузор барои содда кардани як қатор расмиёти таъмини ҳалли хеле самараноки низоъҳои ҳуқуқӣ сабаб шудааст. Аммо монеа ҳамеша дар вазъияти мазкур риояи тавозуни байни сарфаи мурофиавӣ ва таъмини

ҳуқуқи шаҳрвандоне, ки ба фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ ҷалб карда шудаанд, хоҳад буд.

Зимнан бояд қайд кард, ки тафриқаи шакли мурофиавии ҷиноятӣ падидаи комилан асоснок буда, бо инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ, пешрафти илмию техникӣ, тағйирёбии арзишҳои ахлоқӣ сабаб шудааст. Ҳамаи ин дар якҷоягӣ ба мустақилияти бештари иродаи иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ дар интихоби тарзҳои ҳалли ихтилофи ҳуқуқии ҷиноятӣ ва ҳимояи манфиатҳои мурофиавии худ оварда мерасонад [4, с. 32–33].

Дар баробари ин сарфаи мурофиавӣ дар раванди мазкур набояд дар мадди аввал бошад. Пеш аз ҳама, таъмини имконияти амалӣ намудани ҳуқуқҳои шаҳрвандоне, ки ба мурофиаи ҷиноятӣ ҷалб карда шудаанд, аз ҷумла ҳуқуқ ба зуд ва самаранок ошкор ва тафтиш кардани ҷиноятҳо зарур аст.

Ёдовар мешавем, ки бисёр олимон даврияти мурофиаи ҷиноятиро ба маҷмӯи унсурҳои шакли мурофиавӣ дохил мекунанд. Гузашта аз ин, ин унсурро ба яке аз муҳимтаринҳо мансуб медонанд. Мо дар ин бора нуқтаи назари Е.В. Митшенкоро тарафдорӣ мекунем, ки баррасӣ намудани сохтани давравии мурофиаро нисбати сохтори мурофиаи судии ҷиноятӣ мантиқитар мешуморад [10, с. 141]. Дурустии чунин нуқтаи назар, ба андешаи мо, бо он низ собит мешавад, ки дар адабиёти таълимӣ даврияти мурофиаи судии ҷиноятӣ одатан на бо мафҳуми «шакли мурофиавии ҷиноятӣ», балки бо мафҳуми «мурофиа» алоқаманд карда мешавад [14, с. 21].

Чунин ба назар мерасад, ки барои ошкор кардани мазмуни мафҳуми «шакли мурофиавӣ» пеш аз ҳама бояд маънои умумифалсафии худи категорияи «шакл»-ро ба асос гирифт, ки яке аз муҳимтарин категорияҳои гносеология мебошад. Дар таҳти шакл, тибқи сарчашмаҳои маълумотӣ, сохтор, сохти дохилии ягон чиз, инчунин тартиби ҷоришавии раванд фаҳмида мешавад, ки муайян ва муайянкунанда мебошад [8, с. 489]. Дар навбати худ, тартиб – ягонагии мақсадноки гуногуншаклиҳо, муайянии равшан ва ташкили аниқи ягон соҳаи воқеият мебошад [8, с. 356]. Аз рӯи Дал, пайдарҳамӣ умуман дар кор, гашт ва амали пешакӣ андешидашуда аст [3, с. 510].

Илова бар ин, бисёре аз муаллифон зарур мешуморанд, ки дар таърифи шакли мурофиавӣ на танҳо дар бораи тартиби (маҷмӯи шартҳои пешбининамудаи қонун) гузаронидани амалҳои мурофиавӣ, балки пайдарҳамии онҳо низ инъикос карда шаванд, ки нолозим ба назар мерасад, зеро мазмуни худи мафҳуми «тартиб», чуноне ки аллакай қайд карда шуд, аллакай «пайдарҳамӣ умуман дар кор»-ро дар назар дорад. Зимнан, таърифи мафҳумҳо бояд на танҳо мантиқӣ, балки мухтасар низ бошад, аз ин рӯ мафҳуми муайянкунанда бояд танҳо аломатҳои муҳими мафҳуми муайяншаванда – барои ошкор намудани мазмуни он зарур ва кофиро дар бар гирад.

Шакли мурофиавии ҷиноятӣ, пеш аз ҳама - ин тарзи алоқаи берунии унсурҳои фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ мебошад. Категорияи зикргардидаро баррасӣ намуда, М.С. Строгович навишта буд, ки ин «ҳамеша шакли бақооварии амалҳои пешбиникардаи қонун ва қабули қарорҳои бо ин қонун пешбинишуда мебошад» [7, с. 17]. Бо вуҷуди ин, ба назар чунин менамояд, ки мулоҳизаҳо дар бораи он, ки унсурҳои асосии фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ мисли ҳама гуна фаъолияти бошуурона, аввалан, қабули қарор ва баъдан, баамалбарории ин қарорҳо дар фаъолияти мушаххас мебошад, набояд норизоиро ба вуҷуд орад. Маҳз дар чунин пайдарҳамӣ – пеш аз ҳар як амали мушаххас (маҷмӯи амалҳо) қабули қарори дахлдор меояд. Чӣ тавре ки вобаста ба ин С.С. Алексеев дуруст қайд кардааст, аз рӯи табиати иҷтимоии худ, фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ, ки ба амаликунии меъёрҳои ҳуқуқи барои ҳалли парвандаҳои ҳуқуқӣ равона карда шудааст, навъи «қарори идоракунӣ»-ро ифода мекунад, бинобар ин, дар ҳолати мазкур ҳам мисли ҳама гуна раванди идоракунӣ, звенои асосӣ ва муайянкунандаи фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ қабули қарор мебошад [1, с. 278]. Дар айни замон ягон қарор дар мурофиаи судии ҷиноятӣ наметавонад берун аз он тартибе, ки қонун барои он пешбинӣ кардааст, бе назардошти тартиби (асосҳо ва шартҳои) қонунан муқаррашудаи қабули он бароварда шавад. Айнан ҳамин тавр баамалбарории қарор танҳо дар он шаклҳои фаъолият, ки дар қонун инъикос ёфтаанд, имконпазир аст. Чунончи, ҷамъоварии далелҳо дар рафти дарки мурофиавии ҷиноятӣ танҳо дар шаклҳои пешбининамудаи қонун - тавассути гузаронидани амалҳои тафтишотӣ (азназаргузаронӣ, кофтуков, пурсиш ва ғайра) имконпазир аст. Маълумоте, ки берун аз ин шаклҳо гирифта шудааст, арзиши исботкунанда надорад. Ҳалли парвандаи ҷиноятӣ ҳамчунин бе гузаштан аз шакли пешбининамудаи қонун - муҳокимаи судӣ имконнопазир аст.

Қонуни мурофиавии ҷиноятӣ, ба андешаи П.А Лупинская, — барномаи қабули қарорро ифода менамояд. Маҳз қонун, мақсади фаъолиятро муайян ва воситаҳои ноилшавии онро муқаррар карда истода, дар як вақт қоидаҳои қатъии муайяншудаи худи фаъолиятро низ амр менамояд.

Ба ибораи дигар, маҳз қонун фаъолияти мурофиавии ҷиноятиро «ташкил» мекунад, бинобар ин, чуноне ки муаллифи зикргардида қайд менамояд, муваффақияти танзим ва ташкили фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ бо он муайян карда мешавад, ки то чи андоза «барнома»-и он аз ҷиҳати моҳият ва шакл аниқ тартиб дода шудааст [9, с. 43].

Дар асоси ин, шакли мурофиавии ҷиноятӣ, ба андешаи мо, тартиб ва шартҳои бо қонуни мурофиавии ҷиноятӣ муқарраркардашудаи баҷооварии амалҳои алоҳидаи мурофиавӣ ва ҳамаи маҷмӯи онҳо ва расман сабт намудани рафт ва натиҷаҳои онҳоро ифода менамояд.

Ҳамин тавр, шакли мурофиавии ҷиноятӣ – ин мафҳуме мебошад, ки талаботҳоро ҳам нисбати тартиби мурофиаи судии ҷиноятӣ дар маҷмӯъ ва ҳам нисбати амалисозии фаъолияти мазкур дар давраҳои алоҳида, инчунин ҳангоми гузаронидани амалҳои мушаххаси тафтишотӣ дар бар мегирад.

Муқарриз: н.и.ҳ., дотсент Каримов Х.М.

О НЕКОТОРЫХ СПОРНЫХ ВОПРОСАХ ПОНЯТИИ УГОЛОВНО-ПРОЦЕССУАЛЬНОЙ ФОРМЫ

Ключевые слова: уголовно-процессуальное право; уголовное судопроизводство; научные подходы; уголовно-процессуальная форма; процесс; суд; предварительное расследование; уголовно-процессуальная деятельность; стадии уголовного процесса.

Аннотация. В статье автор рассматривает некоторые спорные вопросы понятия уголовно-процессуальной формы. Уделяется внимание противоречивости подхода ученых к его определению, а также анализируются некоторые из них. Сделан вывод, что уголовно-процессуальная форма – это понятие, включающее требования к порядку уголовного судопроизводства в целом, а также к осуществлению этой деятельности в отдельные периоды, а также при производстве конкретных следственных действий.

Оралбаев Хамза Хайдарович - кандидат юридических наук, старший преподаватель кафедры экономического, финансового и антикоррупционного права Таджикского государственного финансово-экономического университета. E-mail: femida-80@list.ru, Тел: (+992) 919-64-35-35.

Табаров Неъмон Амонович – кандидат юридических наук, доцент кафедры экономического, финансового и антикоррупционного права Таджикского государственного финансово-экономического университета. E-mail: nemon.tabarov.65@mail.ru Тел: (+992) 907-97-65-12.

ABOUT SOME CONTROVERSIAL ISSUES OF THE CONCEPT OF CRIMINAL PROCEDURE FORM

Key words: criminal procedural law; criminal proceedings; scientific approaches; criminal procedural form; process; court; preliminary investigation; criminal procedural activity; stage of the criminal process.

Annotation. In the article, the author examines some controversial issues of the concept of criminal procedural form. Attention is paid to the contradictory approaches of scientists to its definition, and some of them are analyzed. It is concluded that the criminal procedural form is a concept that includes requirements for the procedure of criminal proceedings in general, as well as for the implementation of this activity in certain periods, as well as in the production of specific investigative actions.

Oralbaev Khamza Khaidarovich – candidate of Legal Sciences, Senior Lecturer at the Department of Economic, Financial and Anti-Corruption Law of the Tajik State Financial and Economic University. E-mail: femida-80@list.ru, Тел: (+992) 919-64-35-35.

Tabarov Nemon Amonovich – candidate of Legal Sciences, Associate Professor of the Department of Economic, Financial and Anti-Corruption Law of the Tajik State Financial and Economic University. E-mail: nemon.tabarov.65@mail.ru Tel: (+992) 907-97-65-12.

Рӯйхати адабиёт:

1. Алексеев С.С. Проблемаҳои назарияи ҳуқуқ. Свердловск, 1973. Ҷ. 2. - 401 с.

2. Аширбекова М.Т., Манова Н.С., Устинов Д.С. Дар бораи табиати таъсири танзимкунандаи шакли мурофиавии ҷиноятӣ ба фаъолияти мурофиавӣ // Паёми Академияи давлатии ҳуқуқшиносии Саратов. 2023. № 4 (153). - С. 249–255.

3. Дал В.И. Луғати тафсирии забони русӣ. Тафсири муосир. М., 2006. – 736 с.

4. Козявин А.А. Тафриқаи шакли мурофиавии ҷиноятӣ ва баҳои маънавии моҳият ва самаранокии он // Ҳокимияти судӣ ва мурофиаи ҷиноятӣ. 2017. № 4. - С. 32–37.

5. Красилников А.В. Мазмун ва шакли мурофиавии ҷиноятӣ дар заминаи таълимоти профессор В.П.Божьев дар бораи муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии ҷиноятӣ // Ҳокимияти судӣ ва мурофиаи ҷиноятӣ. 2023. № 1. - с. 91–97.

6. Курси мурофиаи ҷиноятии шуравӣ: Қисми умумӣ / таҳти таҳр. А.Д. Бойков ва И.И. Карпетс. М., 1989. - 638 с.

7. Қонуни мурофиавии ҷиноятии шӯравӣ ва проблемаҳои самаранокии он / Алексеева Л.Б., Ларин А.М., Строгович М.С.; муҳар. масъул В.М. Савитский. М., 1979. - 319 с.

8. Луғати энсиклопедии фалсафӣ. М., 2007. - 576 с.

9. Лупинская П.А. Қарорҳо дар мурофиаи судии ҷиноятӣ. Намудҳо, мундариҷа ва шаклҳои онҳо. М., 1976. - 166 с.

10. Митшенко Е.В. Дар бораи моҳият ва хусусиятҳои шакли мурофиавии ҷиноятӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии Оренбург. 2013. № 3 (152). - С. 140–144.

11. Россинский С.Б. Шакли мурофиавии ҷиноятӣ: моҳият, проблемаҳо, тамоюлҳо ва дурнамои рушд // Проблемаҳои мубрами ҳуқуқи Россия. 2020. Ҷ. 15, № 9. - С. 67–79.

12. Рябинина Т.К., Козявин А.А., Снегирева Д.Е. Тафриқаи шакли мурофиавии ҷиноятӣ: моҳият, таърих ва дурнамои рушд, проблемаҳои дарки мурофиавӣ // Ахбори Донишгоҳи давлатии Ҷанубу Ғарб. Силсила: Таърих ва ҳуқуқ. 2019. Ҷ. 9, № 5. - С. 92–104.

13. Стетсовский Ю.И. Оид ба масъалаи шакли мурофиавии мурофиаи ҷиноятии шӯравӣ // Масъалаҳои мубориза бо ҷиноятқорӣ. 1975. Бароришӣ 23. - С. 107—119.

14. Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ (Мурофиаи ҷиноятӣ): Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ / таҳти таҳр. Э.К. Кутуев; таҳр. илмӣ В.П. Салников. СПб.: Донишгоҳи Санкт-Петербурги ВКД Россия; Бунёди «Донишгоҳ», 2019. - 583 с.

15. Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятии Федератсияи Россия: китоби дарсӣ / муҳар. масъул П.А. Лупинская. Нашри 2-юм, аз нав дида баромада ва иловашуда. М., 2013. - 1007 с.

16. Челтсов М.А. Мурофиаи ҷиноятии шӯравӣ. М., 1951. – 511 с.

17. Якуб М.Л. Шакли мурофиавӣ дар мурофиаи ҷиноятии шӯравӣ. М., 1981. - 144 с.

Список литературы:

1. Алексеев С.С. Проблемы теории права. Свердловск, 1973. Т. 2. - 401 с.

2. Аширбекова М.Т., Манова Н.С., Устинов Д.С. О природе регулирующего воздействия уголовно-процессуальной формы на процессуальную деятельность // Вестник Саратовской государственной юридической академии. 2023. № 4 (153). - С. 249–255.

3. Даль В.И. Толковый словарь русского языка. Современная версия. М., 2006. - 736 с.

4. Козявин А.А. Дифференциация уголовно-процессуальной формы и нравственная оценка ее сущности и эффективности // Судебная власть и уголовный процесс. 2017. № 4. - С. 32–37.

5. Красильников А.В. Содержание и форма уголовного процесса в контексте учения профессора В. П. Божьева об уголовно-процессуальных правоотношениях // Судебная власть и уголовный процесс. 2023. № 1. - С. 91–97.

6. Курс советского уголовного процесса: Общая часть / под ред. А.Д. Бойкова и И.И. Карпеца. М., 1989. - 638 с.

7. Советский уголовно-процессуальный закон и проблемы его эффективности / Алексеева Л.Б., Ларин А.М., Строгович М.С.; отв. ред. В.М. Савицкий. М., 1979. - 319 с.

8. Философский энциклопедический словарь. М., 2007. - 576 с.

9. Лупинская П.А. Решения в уголовном судопроизводстве. Их виды, содержание и формы. М., 1976. - 166 с.

10. Мищенко Е.В. О сущности и свойствах уголовно-процессуальной формы // Вестник Оренбургского государственного университета. 2013. № 3 (152). - С. 140–144.

11. Россинский С.Б. Уголовно-процессуальная форма: сущность, проблемы, тенденции и перспективы развития // Актуальные проблемы российского права. 2020. Т. 15, № 9. - С. 67–79.

12. Рябинина Т.К., Козявин А.А., Снегирева Д.Е. Дифференциация уголовно-процессуальной формы: сущность, история и перспективы развития, проблемы процессуального осмысления // Известия Юго-Западного государственного университета. Серия: История и право. 2019. Т. 9, № 5. - С. 92–104.

13. Стецовский Ю.И. К вопросу о процессуальной форме советского уголовного судопроизводства // Вопросы борьбы с преступностью. 1975. Вып. 23. - С. 107–119.

14. Уголовно-процессуальное право (Уголовный процесс): Учебник для вузов / под ред. Э.К. Кутуева; науч. ред. В.П. Сальникова. СПб.: Санкт-Петербургский ун-т МВД России; Фонд «Университет», 2019. - 583 с.

15. Уголовно-процессуальное право Российской Федерации: учебник / отв. ред. П. А. Лупинская. 2-е изд., перераб. и доп. М., 2013. - 1007 с.

16. Чельцов М.А. Советский уголовный процесс. М., 1951. - 511 с.

17. Якуб М.Л. Процессуальная форма в советском уголовном процессе. М., 1981. - 144 с.

List of literature:

1. Alekseev S.S. Problems of legal theory. Sverdlovsk, 1973. Vol. 2. - 401 p.

2. Ashirbekova M.T., Manova N.S., Ustinov D.S. On the nature of the regulatory impact of the criminal procedural form on procedural activity // Bulletin of the Saratov State Law Academy. 2023. No. 4 (153). - pp. 249–255.

3. Dal V.I. Explanatory dictionary of the Russian language. Modern version. M., 2006. - 736 p.

4. Kozyavin A.A. Differentiation of the criminal procedural form and moral assessment of its essence and effectiveness // Judicial power and criminal process. 2017. No. 4. - pp. 32–37.

5. Krasilnikov A.V. The content and form of the criminal process in the context of the teaching of Professor V.P. Bozhev on criminal procedural legal relations // Judicial power and criminal process. 2023. No. 1. - pp. 91–97.

6. Course of Soviet criminal procedure: General part / ed. A.D. Boykov and I.I. Karpets. M., 1989. - 638 p.

7. Soviet criminal procedural law and problems of its effectiveness / Alekseeva L.B., Larin A.M., Strogovich M.S.; resp. ed. V.M. Savitsky. M., 1979. - 319 p.

8. Philosophical encyclopedic dictionary. M., 2007. - 576 p.

9. Lupinskaya P.A. Decisions in criminal proceedings. Their types, content and forms. M., 1976. - 166 p.

10. Mishchenko E.V. On the essence and properties of the criminal procedural form // Bulletin of the Orenburg State University. 2013. No. 3 (152). - pp. 140–144.

11. Rossinsky S.B. Criminal procedural form: essence, problems, trends and development prospects // Current problems of Russian law. 2020. Vol. 15, No. 9. - pp. 67–79.

12. Ryabinina T.K., Kozyavin A.A., Snegireva D.E. Differentiation of the criminal procedural form: essence, history and development prospects, problems of procedural understanding // News of the South-West State University. Series: History and Law. 2019. Vol. 9, No. 5. - pp. 92–104.

13. Stetsovsky Yu.I. On the issue of the procedural form of Soviet criminal proceedings // Issues in the fight against crime. 1975. Issue. 23. - pp. 107–119.

14. Criminal procedural law (Criminal trial): Textbook for universities / ed. E.K. Kutueva; scientific ed. V.P. Salnikova. SPb.: St. Petersburg University of the Ministry of Internal Affairs of Russia; University Foundation, 2019. - 583 p.

15. Criminal procedural law of the Russian Federation: textbook / rep. ed. P. A. Lupinskaya. 2nd ed., revised. and additional M., 2013. - 1007 p.

16. Cheltsov M.A. Soviet criminal trial. M., 1951. - 511 p.

17. Yakub M.L. Procedural form in Soviet criminal proceedings. M., 1981. - 144 p.

УДК: 341.1
Хоҷаева Наргис Балаҷоновна,
муаллими калони кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
E-mail: somon_010@mail.ru
Тел.: (+992)918-65-82-88.

ДАЛЕЛҲОИ ЭЛЕКТРОНӢ ДАР МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ ВА ПРОБЛЕМАҲОИ ИСТИФОДАИ ОНҲО ДАР РАВАНДИ ИСБОТКУНӢ

Калидвожаҳо: мурофиаи ҷиноятӣ; далел; сарчашмаи далел; далели шаъйӣ; исботкунӣ; далелҳои электронӣ; раванди исботкунӣ.

Аннотатсия: Дар мақолаи мазкур масъалаҳои назариявӣ ва амалии далелҳои электронӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ ва проблемаҳои истифодаи онҳо дар раванди исботкунӣ бо дарназардошти андешаҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ аз ҷониби муаллиф мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон самти фаъолияти худро бо мақсади ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои шахрвандон ба роҳ мондааст ва новобаста аз оне, ки шахс айбдоршаванда, шоҳид ё ҷабрдида бошад. Қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ бо мақсади ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиати давлат, ҷамъият, ташкилоту корхонаҳои давлатию ғайридавлатӣ ва шаҳрвандон, ки аз ҷиноят зарар дидаанд, сари вақт ошкор ва тафтиш намудани ҷиноятҳо, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсони ҷиноят содиркарда, риоя намудани меъёрҳои мурофиавӣ ҳангоми татбиқи қонуни ҷиноятӣ, кафолати ҳимояи манфиати қонунии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ ва дигар шахсон тартиби муайянеро муқаррар намудааст, ки иҷро ва риоя намудани онҳо барои мақомоти судӣ, прокуратура, тафтиши пешакӣ ва таҳқиқ, инчунин барои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ҳатмӣ мебошанд [1].

Институти далелҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ масъалаи марказӣ ба ҳисоб меравад, чунки танҳо дар асоси далелҳои ҷамъовардашудаи тарафҳо суд шахсро дар содир намудани ҷиноят гунаҳгор ё бегуноҳ дониста, нисбат ба ӯ ҳукми айбдоркунанда ё сафедкунанда мебарорад. Мусаллам аст,ки ҳар як ҷинояти содиршуда дар олами объективӣ дар ин ё он шакл аз худ осоре боқӣ мегузорад, ки дуруст ва сари вақт пайдо намудан ва қайд намудани ин осори ҷиноят барои исботи гуноҳи гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда аҳамияти муҳим дорад. Гуноҳгории шахсро дар содир намудани ҷиноят таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд ва судя танҳо дар асоси маҷмуи далелҳои ҷамъовардашуда, ки дорои тамоми аломатҳои дар моддаи 88 Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд ва дар асоси эътимоди ботинии худ баҳо медиҳанд.

Бинобар ин мақомоти таъқиботи ҷиноятӣ бояд, ки тамоми чораҳоро андешанд то нисбати шаҳсони ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шаванда далеҳои саҳеҳ ва боэътимодро, ки гуноҳи шахсро дар содир намудани ҷиноят исбот менамоянд ҷамъоварӣ намоянд то адолати иҷтимоӣ поймол нагардад. Дар ғайри ин сурат агар мақомотҳои таъқиби ҷиноятӣ дар ҷамъоварӣ ва баҳодиҳии далелҳо беаҳамиятӣ зоҳир намоянд ва ба шахс ҷазои сазоворро пешбинӣ нанамоянд ин боиси вайрон гардидани адолати иҷтимоӣ ва нобоварии мардум ба мақомотҳои давлатӣ (нигилизми ҳуқуқӣ) мегардад. Аз ин сабаб ҷамъоварӣ, тафтиш ва баҳодиҳии дурусти далелҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ аз таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд ва судя масъулияти баландеро тақозо менамояд.

Дар ин бора Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон дар яке аз суханрониҳояшон дар маҷлиси васеъи ҳайъати мушовараи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 10.07.2014 бисёр ба маврид қайд намуда, гузаштанд: *“Яке аз самтҳои асосии фаъоли ятимақомоти прокуратура ошкор намудан ва тафтиши ҷиноятҳо, назорати иҷрои қонунҳо дар фаъолияти мақомоти тафтиши пешакӣ, сохторҳои таҳқиқ ва пешбарандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мебошад”.*

Ҳангоми ҷамъоварӣ, санҷиш ва баҳодиҳии далелҳо, таъмини тафтиши ҳамаҷониба, пурра ва холисонаи ҳолатҳои кор бо парвандаҳои ҷиноятӣ камаҳамиятӣ зоҳир карда мешавад. Барои баланд бардоштани сифати тафтишоти пешакӣ на танҳо

прокурорҳо, балки роҳбарони сохторҳои тафтишотии Вазорати корҳои дохилӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ва Агентии назорати маводи нашъаовар бояд дорои дараҷаи дахлдори тахассусӣ, омодагии касбӣ ва таҷрибаи корӣ, инчунин поквиҷдону беғараз бошанд ва ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ танҳо қонуният ва ақидаи ботиниро ба роҳбарӣ гиранд.

Ҳолатҳои аз тарафи судҳо баровардани ҳукмҳои сафедкунанда, тағйир додани бандубасти парвандаҳо ва ба тафтишоти иловагӣ баргардонидани парвандаҳо аз вазъи номусоид дар фаъолияти мақомоти прокуратура ва тафтишу таҳқиқ шаҳодат медиҳанд. Аз ҷониби мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ҳангоми таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ риоя нагардидани талаботи қонунгузории моддӣ ва мурофиавӣ асоси ба тафтиши иловагӣ баргардонидани парвандаҳо мебошад” [2].

Ба мақомоти прокуратура зарур аст, ки ҳангоми назорати таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ, бахусус ҳангоми ҳалли масъалаи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ дар асоси натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, дастгир намудани гумонбар дар содир кардани ҷиноят, татбиқ намудани чораҳои пешгирӣ, ба сифати айбдоршаванда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан, боздоштану қатъ кардани парванда, баанҷом расонидани тафтишот ва таҳияи фикри айбдоркунӣ ба масъалаи исботкунӣ ва далелҳо аҳаммияти ҷиддӣ дода, ба далелҳо аз лиҳози талаботи қонун нисбат ба ҷамъоварӣ ва татбиқи далелҳо баҳои беғараз диҳанд [3].

Ҳамаи ин гуфтаҳои Пешвои муаззами Миллат гувоҳи он аст, ки масъалаи ҷамъоварӣ санҷиш ва баҳодиҳии далелҳо дар мурофиаи чиноятӣ масъалаи марказӣ ба ҳисоб рафта, ба яке аз соҳаҳои асосии назорати прокурорӣ мансуб мебошад.

Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон самти фаъолияти худро бо мақсади ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои шахрвандон ба роҳ мондааст ва новобаста аз оне, ки шахс айбдоршаванда, шоҳид ё ҷабрдида бошад. Қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ бо мақсади ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиати давлат, ҷамъият, ташкилоту корхонаҳои давлатию ғайридавлатӣ ва шаҳрвандон, ки аз ҷиноят зарар дидаанд, сари вақт ошкор ва тафтиш намудани ҷиноятҳо, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсони ҷиноят содиркарда, риоя намудани меъёрҳои мурофиавӣ ҳангоми татбиқи қонуни ҷиноятӣ, кафолати ҳимояи манфиати қонунии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ ва дигар шахсон тартиби муайянеро муқаррар намудааст, ки иҷро ва риоя намудани онҳо барои мақомоти судӣ, прокуратура, тафтиши пешакӣ ва таҳқиқ, инчунин барои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ҳатмӣ мебошанд [4].

Намудҳои алоҳидаи далелҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ пешбинӣ гардидаанд, ки ҳар кадомашон аз якдигар бо хусусиятҳои ба худ хос фарқ мекунанд. Нақш ва аҳамияти технологияи иттилоотӣ барои муносибатҳои мавҷудаи ҷамъиятӣ аз ҷумла муносибатҳои мурофиавӣ хело назаррас буда, айни замон низ дар ҳоли рушд қарор доранд. Дар ин замина бо рушди технологияи иттилоотӣ содиршҷвии ҷиноятҳо низ дар ин самт хеле зиёд гардидааст, ки дар рафти тафтиши онҳо дар мурофиаи ҷинояти як қатор проблемаҳо ба вуҷуд омадаанд. Пеш аз ҳама проблемаи асосии тафтиши воситаҳои электронӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ аз он иборат аст, ки субъектоне, ки ҷараёни таҳқиқ ва тафтишро дар ин самт ба амал мебароранд метавонанд ба маълумотҳое дастрасӣ пайдо намоянд, ки дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ ва оилавии шаҳрвандонро ба таври назаррас маҳдуд намояд [5, с. 249].

Инчунин Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи 24 маҳрамияти мукотибот ва суҳбатҳои телефониро кафолат додааст [6].

Бинобар ин танзими ҳуқуқии далелҳои электронӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ танзими ҳуқуқии махсусро тақозо менамояд. Мафҳуми қонунии далелҳои электронӣ дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода нашудаст. Ин мафҳум айни замон фақад дар адабиётҳои илмии ватанию хориҷӣ ва қонунгузории як қатор мамлакатҳои хориҷӣ истифода бурда мешавад. Аммо зарурияти омузиши далелҳои электронӣ ва танзими ҳуқуқии ин падидаи нав яке аз талаботҳои воқеии замони муосир ва амалияи тафтишотӣ ба ҳисоб меравад, зеро дар амалияи тафтошоти аз далеҳое, ки аз сарчашмаҳои электронии иттилоот ба даст оварда шудаанд дар раванди исботкунӣ ба таври васеъ истифода мебаранд. Диққати махсусро дар ин хусус таҷрибаи якчан давлатҳои хориҷи аз ҷумла ИМА ба худ ҷалб менамояд. Дар қонунгузории ин кишвар ин падида солҳои зиёдест, ки ҳамчун як институти алоҳида омухта мешавад.

“Далелҳои электронӣ” – гуфта тамоми намуди далелҳое дар назар дошта шудааст, ки аз сарчашмаҳои электронии иттилоот гирифта шуда, дар шакли электронӣ мавҷуд мебошанд. Дар замони муосир, ки технологияи иттилооти бо

суръат рӯ ба инкишоф аст, содирнамои ҷиноятҳо низ бо истифода аз технологияи иттилоотӣ ва шабакаои иттилоотию коммуникатсионӣ кам нестанд. Шахсоне, ки бо ин роҳ ҷиноят содир намудаанд ҳатаман дар ин ё он шакл аз худашон пайе (осори ҷиноят) боқӣ мегузоранд ва дарёфт намудани ин пайҳо барои сарри вақт кушодани гиреҳи ҷиноят ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахснони содиркунандаи чунин ҷиноятҳо кумаки беандоза мерасонанд.

Мусаллам аст, ки ҷиноятҳое, ки бо истифода аз воситаҳои электронӣ содир шудаанд ё объекти содир намуданашон воситахои электронӣ будаанд, ҳатман пайоҳояшон низ дар шакли электронӣ боқӣ мемонад, ки онҳоро дар илми мурофиаи ҷиноятӣ “далелҳои электронӣ” меноманд Сабаби дар илми мурофиавии ҷиноятӣ далелҳои электронӣ ном гирифтани онҳо дар сарчашмаҳои электронии иттилоот мавҷуд буданашон мебошад.

Ягона мафҳуме, ки дар Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сарчашмаҳои электронии иттилоот омадааст ин муқаррароти қисми 2-и моддаи 82-и Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад , ки ба таври зайл пешбинӣ шудааст:

Ҳуҷҷат метавонад маълумотеро дар бар гирад, ки хаттӣ ё ба таври дигар сабт шудааст. Ба ҳуҷҷат маводи аккосӣ ва навори кино, сабти аудиою видео дохил мешаванд, ки аз сарчашмаҳои электронии иттилоот ва манбаъҳои дигар гирифта шудаанд ё ба тартиби пешбини намудаи моддаи 86 Кодекси мазкур пешниҳод ва ҳамчун далели парванда эътироф гардидаанд [7].

Ба сифати далелҳои электронӣ далелҳи зерине, ки дар кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд баромад карда метавонанд [8]:

– далелҳои шайъӣ;

– ҳуҷҷатҳои дигар;

– сабтҳои пинҳонӣ;

– гуфтугуҳои телефонии гушкардашуда ва сабтгардида;

– мушоҳидаҳои электронӣ видео ва магнетафонӣ;

Аз сабаби оне, ки дар Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мафхуми сабтҳои пинҳонӣ ва мушоҳидаҳои электронӣ, видео ва магнетафонӣ дода нашудааст дар амалияи тафтишии Ҷумҳурӣ ин далелҳоро ҳамчун далелҳои шайъӣ ва ё ҳуҷҷатҳои дигар баҳо медиҳанд, ҳол он, ки як қатор олимон дар он ақидаанд, ки далелҳои электронӣ бояд ҳамчун далели мустақил дар қонунгузорӣ пешбинӣ гарданд [9, с. 116].

Дар ин бора олими ватанӣ Н.Б Хоҷаева чунин ибрози ақида намудаанд: “Сабтҳои пинҳонӣ – ҳамчун далели алоҳида дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбини шудааст ва ба мисли дигар далелҳо дар алоҳидагӣ шарҳ дода нашудааст. Проблемаи амалия дар он аст, ки дар сатҳи қонунгузорӣ ин навъи далелро эътироф мекунанд, аммо дар амалия истифода бурдани он нофаҳмиро ба миён меорад чунки Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми онро пешбини намекунад [10, с. 94-96].

Дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии Федерасияи Руссия сабтҳои пинҳоние, ки амали ҷинояти содиршударо дар худ бевосита дарҷ намудаанд, ба сифати далелҳои шайъӣ баромад менамоянд. Агар сабти пинҳонӣ маълумотро дар бораи ягон ҳуҷҷат дар худ дарҷ карда бошад он гоҳ ҳачун (ҳуҷҷатҳои дигар) ба парванда роҳ ҷой дода мешавад [11].

Ин масъалаи мазкурро дар соҳаҳои мурофиаи ҷиноятӣ олимони зерини илми мурофиаи ҷиноятии ватанию хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор додаанд. Дар умум дар мавзуъи далелҳо, исботкунӣ ва сарчашмаҳои делелҳо, олимони ватанӣ ба монанди доктор, Абдуллоев.П.С, дотсент, Муҳиддинов А.А., муаллими калон Хоҷаева Н.Б., ва ассистент Мадвализода Комер Мадвалӣ рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ ҳимоя намудаанд. Дар самти “Далелҳои электронӣ”бошад як қатор олимони рус аз қабили М.А. Ефремова, В.Б. Бехова, С.В.Зуев, С.П. Кушниренко, Е.И. Панфиловой, Ю.Н Соколова, Арипов, А.Б Кудриятсевой, Р.О. Оконенко. Баласова А.В ва дигарон таҳқиқотҳои илмӣ намуда, дар ин самт рисолаҳои номзадии хешро ҳимоя намудаанд.

Метавон хулоса намуд, ки раванди тарақи ва рушди техника ва технологияи иттиллоти ба он оварда расонидааст, ки ҳангоми содир намудани ҷиноят низ ҷиноятқор аз он бомақсади амали намудани кирдори ҷиноятии худ ба таври самаранок истифода мебарад. Агар дар баъзе ҳолатҳо истифода аз технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ раванди содир намудани ҷиноятро осон гардонад ё ба содир намудани ҷиноят мусоидат кунад, пас дар бештари мавридҳо барои пайдо намудани ҷиноятқорон, шарикони ҷиноят ва сари вақт кушодани гиреҳи ҷиноят кумаки беандоза мерасонад.

Ҳар як соҳаи илм аз ҷумла илми мурофиаи ҷиноятӣ аз замони пайдоиш то ба имрӯз ташаккул ва инкошоф ёфта айни замон низ дар ҳоли рушд қарор дорад. Дар ин раванд яке аз институтҳои фаъоли мурофиаи ҷиноятӣ, ки дар робита бо

ташаккули техника ва тенологияи нави иттиллоотӣ бусуръат рӯ ба инкишоф аст, ин институти далелҳо ва исбот дар мурофиаи ҷиноятӣ мебошад. Пайдоиши навъҳои нави далел дар Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2009 аз қабили: сабтҳои пинҳонӣ, гуфтугӯҳои телефонии гушкардашуда ва сабтгардида, мушоҳидаҳои электронӣ, видео ва магнетафонӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки бо ташаккули техника ва технологияи иттилоотӣ навъҳои нави далел низ рӯй кор меоянд.

Замоне буд, ки чунин навъҳои далели зикргардида дар Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (то соли 2009) вуҷуд надоштанд ва зарурият ба мавҷудияти онҳо низ ҷой надошт, аммо бо ташаккул ва рушди технологияи иттилоотӣ ва пайдоиши роҳҳои нави ирсоли иттилоот навъҳои нави далел низ ба вуҷуд омаданд. Имрӯз бошад зарӯрияти дар Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудани навъи нави далел “далелҳои электронӣ” ё “иттилооти электронӣ” пеш омадааст. Албатта ворид намудани далелҳои электронӣ ҳамчун намуди мстақили далел кори саҳл нест, чунки барои ба Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудани ягон намуди далели нав мавҷудияти ду шарти асосӣ ҳатмӣ мебошад.

Хусусияти фарқкунандаи далелҳои электронӣ дар он зоҳир мегардад, ки чунин намуди далелҳо дар сарчашмаҳои электронии иттилоот мавҷуд буда, на ҳама вақт шахси ваколатдори пешбарандаи парвандаи ҷиноятӣ метавонад бевосита ба онҳо дастрасӣ пайдо намояд. Проблемаҳои далелҳо ва навъҳои онҳо аз ҷумла далелҳое, ки дар сарчашмаҳои электронии иттилоот мавҷуд мебошанд дер боз аст, ки диққати олимону муҳаққиқони илми мурофиаи ҷиноятиро ба худ ҷалб намудаанд. Айни замон рушди илму техника ва технологияи иттилоотию комуникатсионӣ инчунин содирнамоои ҷиноятҳо бо истифода аз технологияи иттилоотӣ зарурати онро ба вуҷуд овардааст, ки як қатор олимону муҳаққиқони ватанию хориҷӣ дар ин самт таҳқиқотҳои илмӣ анҷом диҳанд.

Аз хуллосаҳои додашуда натиҷагирӣ намуда, ҷиҳати такмили конунгузории мурофиавии ҷинояти пешниҳод менамоем:

1. Дар моддаи 6 Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми сарчашмаҳои электронии иттилоот ба тарики зайл дода шавад: Сарчашмаҳои электронии иттилоот гуфта, чунин сарчашмаоеро меноманд, ки дорои хотираи муайяни нигоҳдорӣ буда, дар онҳо иттилооти электронии барои парвандаи ҷиноятӣ аҳамият дошта нигохдорӣ карда мешавад ва дорои хусусияти интиколӣ ба дигар сарчашмаҳои элекетронии иттилоот мебошанд.

2. Дар моддаи 78 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон махфуми сабтхои пинхонӣ, гуфтугухои телефонии гушкардашуда ва сабтгардида, мушоҳидаҳои электронӣ, видео ва магнетафонӣ дода шавад то ин ки таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд, судя тавонанд ҳангоми бо чинин намуди далелҳо рӯ ба рӯ гардидан ба онҳо дуруст баҳогузорӣ намоянд.

3. Дар қисми 3 моддаи 78 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби гирифтан, ба парванда ҳамроҳ намудан ва ба соҳиби қонуниаш баргардонидани сарчашмаи электронии иттилоот ба тарики зайл пешбинӣ карда шавад: сарчашмаҳои электронии иттилооте, ки дар ҷараёни тафтиши пешакии парвандаи ҷиноятӣ мусодира шудаанд, вале ҳамчун далели шайъӣ эътироф карда нашудаанд, бояд ба ашхосе, ки аз онҳо мусодира карда шудаанд, баргардонида шаванд.

4. Дар қисми 4 моддаи 79 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд тартиби нусхабардорӣ намудани иттилооти аз сарчашмахои электронии иттилоот гирифташуда ба тариқи зайл дода шавад: Пас аз иҷрои амалҳои фаврии тафтишотӣ, агар имконнопазирии баргардонидани сарчашмаҳои электронии иттилоот дар ҷараёни тафтишот ба соҳиби қонунии онҳо мавҷуд набошад маълумоте, ки дар ин воситаҳо мавҷуданд, бо дархости соҳиби қонунии сарчашмаҳои электронии иттилооти мусодирашуда нусхабардорӣ карда шуда, худи сарчаша ба соҳиби қонуниаш баргардонида мешавад. Нусхабардории чунин иттилоот ба дигар сарчашмахои электронии иттилоот, бо иштироки соҳиби қонунии сарчашмахои электронии иттилооти ҳабсшуда ё намояндагони онҳо ва мутахассис дар ҳузури шахсони холис дар воҳиди мақомоти тафтишоти пешакӣ ё дар суд гузаронида мешавад. Ҳангоми нусхабардории иттилоот бояд шароите муқаррар карда шавад, ки имконияти гум шудан ё тағир ёфтани онро истисно кунад. Нусхабардории маълумот манъ аст, агар он тавонад ба тафтиши ҷиноят халал расонад. Пас аз нусхабардорӣ сарчашмахои электронии иттилооте, ки дорои маълумоти нусхабардоришуда мебошанд, ба соҳиби қонунии васоити электронии гирифташуда ё намояндагони онхо дода мешаванд. Дар бораи нусхабардории иттилоот ва ба соҳиби қонуниашон баргардонидани сарчашмахои электронии иттилооти мусодирашуда мутобқи

талаботи моддаи 172-и кодекси мазкур протокол тартиб дода мешавад.

5. Дар қисми 7-и моддаи 172-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд муқаррароти зерин илова карда шавад: Ба протокол негативҳои акс, сурат, диапозитив, кассета, сабти овоз ва видео, нақшаю тарҳ ва схема, қолаб, изу пай, ки ҳангоми пешбурди амали тафтишӣ анҷом дода шудааст, инчунин сарчашмахои электронии иттилооте, ки ҳангоми интиқол аз дигар сарчашмахои электронии иттилоот ба даст оварда шудаанд ё нусхабардорӣ карда шудаанд, замима мегарданд.

6. Дар қисми 1-и моддаи 182-и Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон азназаргузаронии сарчашмаҳои электронии иттилоот хамчун намуди мустакали азназаргузаронӣ пешбинӣ гардад.

7. Ҳар як далели нисбат ба парвандаи ҷиноятӣ ҷамъоваришуда бояд ба сифати яке аз намуди далелҳо, ки дар қисми 2-юми моддаи 72 Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд мутобиқ гардонида шуда, баҳогузорӣ карда шаванд.

Муқарриз: д.и.ҳ., профессор Назаров А.Қ.

ЭЛЕКТРОННЫЕ ДОКАЗАТЕЛЬСТВА В УГОЛОВНОМ СУДОПРОИЗВОДСТВЕ И ПРОБЛЕМЫ ИХ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ В ПРОЦЕССЕ ДОКАЗЫВАНИЯ

Ключевые слова: уголовное судопроизводство; доказательства; источник доказательств; вещественные доказательства; доказательства; электронные доказательства; процесс доказывания.

Аннотация: В данной статье проанализированы теоретические и практические вопросы электронных доказательств в уголовном процессе и проблемы их использования в процессе доказывания автором с учетом мнений отечественных и зарубежных ученых.

Ходжаева Наргис Баладжоновна **–** старший преподаватель кафедры судебного права и прокурорского надзора юридического факультета Таджикского национального университета. E-mail: somon_010@mail.ru. Тел.: (+992)918-65-82-88.

ELECTRONIC EVIDENCE IN CRIMINAL PROCEEDINGS AND THE PROBLEMS OF THEIR USE IN THE EVIDENTIARY PROCESS

Keywords: criminal proceedings; evidence; source of evidence; physical evidence; evidence; electronic evidence; proof process.

Annotation. This article analyzes the theoretical and practical issues of electronic evidence in criminal proceedings and the problems of their use in the proving process by the author, taking into account the opinions of domestic and foreign scientists.

Khojaeva Nargis Balajonovna **–** Senior Lecturer at the Department of Judicial Law and Prosecutorial Supervision of the Law Faculty of the Tajik National University. E-mail: somon_010@mail.ru Phone: (+992)918-65-82-88.

Руйхати адабиёт:

1. Дастурамал оид ба назорати исботкунӣ, ҷамъоварӣ, баҳодиҳии далелҳо, банду басти кирдори айбдоршавандагон. Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 ноябри соли 2011.

2. Сомонаи расмии Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон – www.president.tj хабархо, санаи 10.07.2014 12:49, шаҳри Душанбе.

3. Сомонаи расмии Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон – www.president.tj хабархо, санаи 10.07.2014 12:49, шаҳри Душанбе.

4. Дастурамал оид ба назорати исботкунӣ, ҷамъоварӣ, баҳодиҳии далелҳо, банду басти кирдори айбдоршавандагон. Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 ноябри соли 2011.

5. Хоҷаева Н.Б. Танзими ҳуқукии далелҳои электронӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ: мафҳум ва моҳияти он. Ҳуқуқи инсон: масъалаҳои назарӣ ва амалӣ: маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ (6-уми декабри соли 2024) // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Мирзозода П.З “Сомон Принт”. – Душанбе: – 2024. – 648 с.

6. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо тағйироту иловаҳо аз 26.09.1999; 22.06.2003 ва 22.05.2016), – Душанбе: – 2016.

7. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2009 таҳти №564.

8. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2009 таҳти №564.

9. Соколов Ю. Н. “Технологияҳои иттилоотӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ”. Монография. – Еетиринбург. – 2010. – 116 с.

10. Хоҷаева Н.Б. «Сарчашмаҳои далел мувофиқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Руссия» Паёми ДМТ. Маҷаллаи илмӣ. – Душанбе: «Сино». – 2015. № 3/1 (158) – С. 92-101.

11. Хоҷаева Н.Б. Танзими ҳуқуқии сарчашмаҳои электронии иттилоот дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон**.**

Список литературы:

1. Инструкция по контролю доказательств, сбору, оценке доказательств, упаковке действий обвиняемых. Генеральная прокуратура Республики Таджикистан 30 ноября 2011 года.

2. Официальный сайт Президента Республики Таджикистан – www.president.tj новости, 10.07.2014 12:49, город Душанбе.

3. Официальный сайт Президента Республики Таджикистан – www.president.tj новости, 10.07.2014 12:49, город Душанбе.

4. Инструкция по контролю доказательств, сбору, оценке доказательств, упаковке действий обвиняемых. Генеральная прокуратура Республики Таджикистан 30 ноября 2011 года.

5. Ходжаева Н.Б. Правовое регулирование электронных доказательств в уголовном судопроизводстве: его понятие и сущность. Права человека: теоретические и практические вопросы: материалы международной научно-теоретической конференции (6 декабря 2024 г.) // под редакцией доктора юридических наук, профессора Мирзозода П.З "Сомон Принт". – Душанбе: – 2024. – 648 с.

6. Конституция Республики Таджикистан (с изменениями и дополнениями от 26.09.1999; 22.06.2003 и 22.05.2016), – Душанбе: – 2016.

7. Уголовно-процессуального кодекса Республики Таджикистан от 3 декабря 2009 года №564.

8. Уголовно-процессуального кодекса Республики Таджикистан от 3 декабря 2009 года №564.

9. Соколов Ю.Н. “Информационные технологии в уголовном процесе” Монография. – Еетиринбург. – 2010. – 116 с.

10. Ходжаева Н.Б. «Источники доказательств в соответствии с уголовно-процессуальным законодательством Республики Таджикистан и Российской Федерации» сообщение ДМТ. Научный журнал. – Душанбе: "Сино". – 2015. № 3/1 (158) – С. 92-101.

11. Ходжаева Н.Б. Правовое регулирование электронных источников информации в Уголовно-процессуальном кодексе Республики Таджикистан.

List of literature:

1. Instructions on the control of evidence, collection, evaluation of evidence, and packaging of the actions of the accused. The General Prosecutor's Office of the Republic of Tajikistan on November 30, 2011.

2. The official website of the President of the Republic of Tajikistan – www.president .tj news, 07.10.2014 12:49 p.m., the city of Dushanbe.

3. The official website of the President of the Republic of Tajikistan – www.president .tj news, 07.10.2014 12:49 p.m., the city of Dushanbe.

4. Instructions on the control of evidence, collection, evaluation of evidence, and packaging of the actions of the accused. The General Prosecutor's Office of the Republic of Tajikistan on November 30, 2011.

5. Khodzhaeva N.B. Legal regulation of electronic evidence in criminal proceedings: its concept and essence. Human rights: theoretical and practical issues: proceedings of the International scientific and theoretical conference (December 6, 2024) // edited by Doctor of Law, Professor Mirzozod P.Z. Somon Print. – Dushanbe: – 2024. – 648 p.

6. Constitution of the Republic of Tajikistan (with amendments and additions dated 09.26.1999; 06.22.2003 and 05.22.2016), Dushanbe: 2016.

7. Code of Criminal Procedure of the Republic of Tajikistan dated December 3, 2009 No. 564.

8. Code of Criminal Procedure of the Republic of Tajikistan dated December 3, 2009 No. 564.

9. Sokolov Yu.N. “Information technologies in the criminal process” Monograph. – Edinburgh. – 2010. – 116 p.

10. Khodzhaeva N.B. "Sources of evidence in accordance with the criminal procedure legislation of the Republic of Tajikistan and the Russian Federation" DMT communication. Scientific journal. – Dushanbe: "Sino". 2015. No. 3/1 (158) – pp. 92-101.

11. Khodzhaeva N.B. Legal regulation of electronic information sources in the Criminal Procedure Code of the Republic of Tajikistan.

12.00.10 – ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ; ҲУҚУҚИ АВРУПО
12.00.10 – МЕЖДУНАРОДНОЕ ПРАВО; ЕВРОПЕЙСКОЕ ПРАВО
12.00.10 – INTERNATIONAL LAW; EUROPEAN LAW

ТДУ:
Қодиров Некруз Абдулмаҷидович,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
Тел.: (+992) 905- 80-86-86
Email: master.nek@mail.ru

Қурбонзода Муҳаммад Саймаҳмуд,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, докторанти PhD-и соли 2-юми кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ
Тел.: (+992) 986-76-98-98
Email: qurbonzoda1111@gmail.com

АСОСҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ – ҲУҚУҚИИ ҲАМКОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО СОЗМОНИ ОЗУҚАВОРӢ ВА КИШОВАРЗИИ СОЗМОНИ МИЛЛАЛИ МУТТАҲИД (ФАО)

Калидвожаҳо: ҳуқуқи байналмилалӣ, амнияти озуқаворӣ, Созмони озуқаворӣ ва кишоварзии (ФАО), СММ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, рушди соҳаи кишоварзӣ, идоракунии захираҳои об, созишномаҳои байналмилалӣ, қонунгузории миллӣ.

Фишурда: Мақола ҷанбаҳои ҳуқуқии байналмилалии ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Созмони озуқаворӣ ва кишоварзии СММ (ФАО) -ро фаро гирифта, асосҳои ҳуқуқӣ, самтҳо ва натиҷаҳои ҳамкорӣ, аз ҷумла татбиқи лоиҳаҳои муштарак, масъалаҳои амнияти озуқаворӣ, модернизатсияи техникаи кишоварзӣ ва идоракунии захираҳои об таҳлил карда мешаванд.

Ҳамкорӣ миёни давлатҳо ва созмонҳои байналмилалӣ яке аз масъалаҳои муҳим дар замони муосир ба ҳисоб рафта, тавассути ҳамкорӣ давлатҳо дар пешгирии таҳдидҳо ки дар замони ҷаҳонишавӣ ба сари инсоният меоянд, саҳми бориз гузошта, ҷиҳати ҳифзи ҳамаҷонибаи ҳуқуқҳои инсон заминаҳои мукаммал фароҳам меоранд.

Масъалаи ҳамкорӣ яке аз масъалаҳои марказии СММ ба ҳисоб меравад. Дар банди 3 моддаи 1 Оинномаи СММ қайд гардидааст, ки яке аз мақсадҳои СММ ба амал баровардани ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ҳаллӣ масъалаҳои байналмилалии дорои хусусияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, гуманитарӣ тавассути васеъ намудани инкишофи эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон, сарфи назар аз ҷинс, нажод ва ғ. ба ҳисоб меравад[7].

Ба андешаи олими соҳаи ҳуқуқи байналмилалӣ Идизода Ф.Ф., ҳамкории байни давлатҳо яке аз масъалаҳои мубрами ҳуқуқи байналмилалии муосир ба ҳисоб меравад. Зеро дар замони муосир ягон давлат наметавонад тамоми масъалаҳои сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ, илмиву техникиро бе ҳамкорӣ ба давлатҳои дигар ва созмонҳои байналмилалӣ ҳаллу фасл намояд[5. с.399].

Дар воситаи таълимие, ки зери таҳрири мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дотсент Қодиров Н.А., ва дотсент Қодиркулов Х.Р., ба табъ расидааст мафҳуми принсипи ҳамкории давлатҳо асосан дарбаргирандаи чунин самтҳо ба монанди уҳдадории давлатҳо дар ҳамкорӣ дар ҳама соҳаи робитаи байналмилалӣ, новобаста аз тафовут дар низоми сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии давлатҳо ва ҳамкориҳо дар ҳама соҳаҳо мувофиқи мақсад ва принсипҳои Оинномаи СММ, мебошад[10. с.89].

Ба андешаи мо ҳамкории давлатҳо яке аз мубрамтарин масъалаҳо дар замони муосир ба ҳисоб рафта, давлатҳо сарфи назар аз низоми сиёсӣ ва иқтисодиву иҷтимоияшон байни якдигар ва бо созмонҳои гуногуни байналмиллалӣ дар соҳаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, илмӣ, гуманитарӣ ва ғ. ҳамкорӣ намуда, ҳадафи ниҳоии онҳо дастёб гардидан ба эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва пойдор мондани сулҳу суботи сартосарӣ мебошад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва афзоиши таҳдидҳо дар соҳаи амнияти озуқаворӣ, ҳамкории кишварҳои рӯ ба рушд бо созмонҳои байналмилалӣ ба як унсури стратегии рушди устувор табдил ёфтааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун як кишвари аграрӣ бо манобеи маҳдуди табии аз ҷумла заминҳои кишт бо назардошти он, ки 93 фисади ҳудуди кишварро куҳҳо ва танҳо 7 фисади онро ҳамвориҳо ташкил медиҳанд, инчунин бо мушкилоти тағйирёбии иқлим, рӯ ба рӯ мебошад ғайр аз ин камбуди заминҳои обёришаванда аз ҷумлаи мушкилоте мебошнд, ки зарурати таъмини амнияти озуқавориро дучанд мегадонанд. Ҳалли ин масъалаҳо ба як муносибати ҷиддӣ ниёз дорад, ки таҳияи сиёсати самараноки аграрӣ, ҷалби таҷрибаи байналмилалӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои муосирро дар бар мегирад. Таъмини амнияти озуқаворӣ як раванди хеле мураккабест, ки аз хоҷагиҳои деҳқонӣ оғоз ёфта, дар мизи истеъмолкунанда ба охир мерасад[3].

Бояд қайд намуд, аз рӯйи нишондиҳандаҳои омории Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ ва ФАО, дар натиҷаи истеъмоли ғизое, ки бо бактерияҳо, вирусҳо, паразитҳо ё моддаҳои кимиёвӣ олуда шудааст, ҳамасола 600 миллион нафар, бемор мешаванд, ки аз ин шумора 420 ҳазор нафари онҳо дар натиҷаи бемориҳои ғизоӣ ба ҳалокат мерасанд.

Созмони озуқаворӣ ва кишоварзии СММ (ФАО) як муассисаи махсусгардонидашудаи Созмони Милали Муттаҳид буда, дар самти барҳам додани гуруснагӣ, баланд бардоштани сифати ғизо, рушди соҳаи кишоварзӣ ва идоракунии устувори захираҳои табиӣ фаъолият мекунад[11. с.253]. Аз замони таъсисаш дар соли 1945, ин Созмон нақши марказиро дар ташаккули сиёсати ҷаҳонии амнияти озуқаворӣ бозида, ба кишварҳои узв кӯмаки техникӣ ва молиявӣ мерасонад, то рушди бахши аграриро таъмин намоянд. Ҳуҷҷати асосие, ки фаъолияти ФАО-ро танзим мекунад, Оинномаи ФАО мебошад, ки 16 октябри соли 1945 қабул шудааст. Дар ин санад принсипҳои асосии ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи амнияти озуқаворӣ ва кишоварзӣ муайян гардидаанд. Бар асоси он, ҳадафҳои асосии ФАО аз инҳо иборатанд:

1. Дар доираи салоҳияти худ баланд бардоштани сифати ғизо ва сатҳи зиндагии одамон;
2. Таъмини афзоиши самаранокии истеҳсол ва тақсимоти маҳсулоти хӯрокворӣ ва кишоварзӣ;
3. Беҳтар кардани вазъи иҷтимоии аҳолии деҳот;
4. Мусоидат ба рушди иқтисоди ҷаҳонӣ ва раҳоии инсоният аз гуруснагӣ[8].

ФАО дар ҳалли ин мушкилот нақши калидӣ дорад, зеро ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳияи механизмҳои самараноки идоракунии амнияти озуқаворӣ, рушди соҳаи кишоварзӣ, идоракунии самараноки захираҳои обӣ, мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим, баланд бардоштани сифати ғизо ва ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ дар бахши кишоварзӣ кӯмак мерасонад.

ФАО инчунин курсҳои омӯзишӣ, семинарҳо ва тренингҳоро барои баланд бардоштани дониши кишоварзон ташкил мекунад.

Яке аз муҳимтарин самтҳои ҳамкорӣ мутобиқсозии стандартҳои миллӣ оид ба сифати маҳсулоти озуқаворӣ ва амнияти он ба талаботи байналмилалӣ мебошад. Дар доираи ин ташаббус санадҳои меъёриву ҳуқуқии миллӣ мутобиқи тавсияҳои ФАО ва Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС) таҳия карда шуда, мониторинги амнияти озуқаворӣ амалӣ гардида, назорати таркиби моддаҳои зарарнок дар маҳсулоти хӯрокворӣ пурзӯр карда мешавад. Инчунин, механизмҳои сертификатсия ва стандартизатсияи маҳсулоти кишоварзӣ такмил дода мешаванд.

Тавре, ки маълум аст, Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои муҳими обӣ мебошад, аммо истифодаи самараноки онҳо яке аз афзалиятҳои муҳими рушди кишвар боқӣ мемонад. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СММ ҳамкориҳои густурдаро дар самти обу иқлим ба роҳ монда, яке аз субъектҳои пешсаф дар ҷомеаи ҷаҳонӣ маҳсуб меёбад. Ахиран дар шаҳри Душанбе 11 июни соли 2024 Конференсияи сеюми байналмилалии сатҳи баланд оид ба татбиқи “Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018 – 2028» баргузор гардид[6. с.136]. Дар кори ин чорабинии сатҳи баланд ҳайатҳои расмии беш аз 100 давлат аз ҷумла, давлатҳои узви ФАО иштирок намуданд. Дар Конференсия ба масъалаи истифодаи оқилонаи захираҳои маҳдуди об дар тамоми ҷаҳон диққати махсус дода шуда, муҳим будани мушкилот аз ҷониби иштирокчиёни

семинар тасдиқ карда шуд. Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ФАО инчунин, лоиҳаҳои таҷдиди низоми обёрӣ, такмили идоракунии захираҳои обӣ ва мутобиқсозии кишоварзӣ ба тағйирёбии иқлим ва истифодаи технологияҳои сарфакоронаи об, ба монанди системаи қатрагӣ ва дигар усулҳои каммасрафи обёриро дар бар мегирад.

ФАО як қатор лоиҳаҳоро амалӣ менамояд, ки ба баланд бардоштани самаранокии истифодаи об дар соҳаи кишоварзӣ нигаронида шудаанд. Аз ҷумла, ташкили Ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об (АИО), ки ба тақсимоти самараноки захираҳои обӣ дар байни минтақаҳои кишоварзӣ мусоидат менамоянд ва ворид намудани усулҳои муосири обёрӣ, ки ба коҳиши талафоти об ва баланд бардоштани ҳосилнокӣ мусоидат мекунанд.

Ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ФАО дар асоси як қатор созишномаҳои байналмилалӣ, шартномаҳо ва санадҳои меъёриву ҳуқуқии миллӣ, ки амнияти озуқаворӣ, рушди соҳаи кишоварзӣ ва идоракунии устувори захираҳои табииро танзим мекунанд, сурат мегирад. Ҳадафи асосии ин ҳамкорӣ таъмини истиқлолияти озуқаворӣ, рушди комплекси агросаноатӣ ва мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим мебошад.

Яке аз ҳадафҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ин таъмини амнияти озуқаворӣ буда, тибқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қисмати дуюми ин ҳадафро дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат ташкил медиҳад[9].

Дар банди дуюми Барномаи амнияти озуқвории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 2020, №386, тасдиқ гардида амалӣ карда шуд қайд гардидааст, ки таъмини амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои асосии бехатарии иқтисодӣ, омили бақои давлатдорӣ ва истиқлолият, низоми муҳими таъминоти аҳолӣ бо озуқа ва сиёсати демографӣ, тандурустӣ, таъмини фаъолнокии ҷисмонӣ, дарозумрӣ ва зиндагии арзандаи аҳолӣ мебошад[4].

Механизмҳои ҳуқуқии байналмилалии ҳамкорӣ ба меъёрҳои Оинномаи ФАО, созишномаҳои дуҷонибаи Тоҷикистон бо ФАО, ӯҳдадориҳои байналмилалии кишвар дар доираи СММ ва Созмони умумиҷаҳонии савдо, инчунин қонунгузории миллӣ такя мекунанд. Дар маҷмӯъ, онҳо низоми мукаммали танзими ҳуқуқиро ташкил медиҳанд, ки ба ташаккули сиёсати аграрии устувор ва таъмини амнияти озуқаворӣ мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ мусоидат менамоянд.

Ҳуҷҷати асосие, ки фаъолияти ФАО-ро танзим мекунад, Оинномаи ФАО мебошад, ки 16 октябри соли 1945 қабул шудааст. Дар ин санад принсипҳои асосии ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи амнияти озуқаворӣ ва кишоварзӣ муайян гардидаанд.

Оинномаи ФАО инчунин, уҳдадории кишварҳои узвро дар таҳия ва татбиқи стратегияҳои самараноки соҳаи кишоварзӣ, ҳамоҳангсозии ташаббусҳои байналмилалӣ дар самти мубориза бо гуруснагӣ ва ҷорӣ намудани стандартҳои ҷаҳонии таъминоти озуқаворӣ пешбинӣ мекунад. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки соли 1995 узви ФАО шудааст, ӯҳдадор аст, ки сиёсати миллии худро бо меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ созад. ФАО соли 2014 намояндагии худро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ифтитоҳ намуд.

Яке аз санадҳои муҳими ҳуқуқии ҳамкорӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ФАО Созишномаи ҳамкорӣ, ки соли 1996 ба имзо расид, ки худи ҳамин сол дар асоси ин ҳуҷҷат шуъбаи ҳамоҳангсозии ҳолатҳои фавқулодда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кушода шуд. Чорабиниҳои аввал асосан ба қонеъ кардани дархостҳои фаврӣ дар бораи таъминоти маҳсулоти кишоварзӣ ва кӯмак ба гурезаҳои баргашта ва қурбониёни хушксолӣ равона карда шуда буданд дастгирии донорӣ дар он вақт асосан аз ҷониби Шветсия ва Норвегия амалӣ карда мешуданд[1]. Инчунин, ФАО ва Ҷумҳурии Тоҷикистон созишномаи дигари ҳамкориро соли 2016 ба имзо расониданд. Дар доираи созишномаи мазкур се самти асосии ҳмкорӣ яъне амнияти озуқаворӣ, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва муқовимат ба тағйирёбии иқлим барои давраи солҳои 2016-2017 муайян карда шуда буд[2].

Инчунин, ФАО ва Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2018 санади лоиҳавии «Баланд бардоштани иқтидори таҳкими амнияти озуқаворӣ ва беҳтар кардани ғизо дар як қатор кишварҳои Қафқоз ва Осиёи Марказӣ» - ро имзо карданд[3].

Дар доираи ин созишнома, ФАО ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирии методӣ ва машваратӣ пешниҳод намуда, дар таҳияи барномаҳои миллии рушди соҳаи кишоварзӣ, мониторинги амнияти озуқаворӣ ва ҷорӣ намудани тадбирҳои навсозии бахши аграрӣ мусоидат менамояд.

Тавофуқҳои болозикр самтҳои асосии ҳамкории дуҷонибаро муайян намуда, ба таъмини амнияти озуқаворӣ, рушди соҳаи кишоварзӣ, баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои замину об ва ҷорӣ намудани

технологияҳои нав дар комплекси агросаноатӣ равона шудаанд.

Дар натиҷаи таҳлилҳо ба хулосае омадем, ки пешниҳодҳои зеринро манзур намоем:

1. Ҳарчи зудтар таҳия ва қабул намудани Барномаи амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои панҷ соли оянда.

2. Зиёд намудани курсҳои омӯзиши ва семинарҳо бо кишоварзон ҷиҳати баланд бардоштани маданияти истифодаи замин бо ҷалби мутхасисони ФАО.

3. Ҷалби ҳар чӣ бештари грантҳо ҷиҳати сармояигузории мустақим дар бахши кишоварзӣ ва ба ин тариқ мусоидат намудан ба дастёбии истиқлолияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ҳамин тариқ, ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ФАО дар раванди ҷаҳонишавӣ, ки таҳдидҳои амниятӣ рӯ ба афзоиш доранд, инчунин, дар мутобиқсозии стандартҳои миллӣ ба меъёрҳои байналмилалӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва рушди соҳаи аграрӣ аҳамияти калидӣ дошта, дар оянда бо ворид намудани технологияҳои инноватсионӣ дар ин самт барои баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бозорҳои байналмилӣ, мусоидат менамояд.

МЕЖДУНАРОДНО-ПРАВОВЫЕ ОСНОВЫ СОТРУДНИЧЕСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН С ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ И СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОЙ ОРГАНИЗАЦИЕЙ ОБЪЕДИНЕННЫХ НАЦИЙ (ФАО)

Ключевые слова: международное право, продовольственная безопасность, продовольственная и сельскохозяйственная организация (ФАО), ООН, Республика Таджикистан, развитие сельского хозяйства, управление водными ресурсами, международные соглашения, национальное законодательство.

Аннотация. В статье будут рассмотрены международно-правовые аспекты сотрудничества Республики Таджикистан с продовольственной и сельскохозяйственной организацией ООН (ФАО), проанализированы правовые основы, направления и результаты сотрудничества, включая реализацию совместных проектов, вопросы продовольственной безопасности, модернизации сельскохозяйственной техники и управления водными ресурсами.

Кодиров Некруз Абдулмаджидович - Таджикский национальный университет, юридический факультет, заведующий кафедрой международного права, кандидат юридических наук, доцент, Email: master.nek@mail.ru, Тел.: (+992) 905- 80-86-86.

Курбонзода Мухаммад Саймахмуд - Таджикский национальный университет, юридический факультет, докторант (PhD) второго курса кафедры международного права, , E-mail: qurbonzoda1111@gmail.com, Тел.: (+992) 986-76-98-98.

THE INTERNATIONAL LEGAL FRAMEWORK FOR COOPERATION BETWEEN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE FOOD AND AGRICULTURE ORGANIZATION OF THE UNITED NATIONS (FAO)

Keywords: international law, food security, Food and Agriculture Organization (FAO), UN, Republic of Tajikistan, agricultural development, water resources management, international agreements, national legislation.

Annotation. The article will consider the international legal aspects of cooperation between the Republic of Tajikistan and the Food and Agriculture Organization of the United Nations (FAO), analyze the legal framework, directions and results of cooperation, including the implementation of joint projects, issues of food security, modernization of agricultural machinery and water resources management.

Qodirov Nekruz Abdulmajidovich - Tajik National University, Faculty of Law, Head of the Department of International Law, Candidate of Legal Sciences, docent, E-mail: master.nek@mail.ru, Tel.: (+992) 905- 80-86-86,

Qurbonzoda Muhammad Saimahmud - Tajik National University, Faculty of Law, second-year PhD student at the Department of International Law, E-mail: qurbonzoda1111@gmail.com, Tel.: (+992) 986-76-98-98,

Адабиёт:

1. https://khovar.tj. /(санаи муроҷиат 15.03.2025).
2. Арзебии фаъолияти ФАО Дар Тоҷикистон (2004-2009), Р. 26, (Захираи электронӣ). Манбаи дастрасӣ: https://www.livestock-emergency.net/wp-content/uploads/2020/04/FAO-2009. (Санаи муроҷиат: (17.03.2025).
3. Барномаи амнияти озуқвории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 2020, №386, (Зхираи электронӣ). Манбаи дастрасӣ: https://taas.tj/barnoma-va-loiha/ (санаи муроҷиат 16.03.2025).
4. Идизода Ф.Ф., Асосҳои байналмилалӣ-ҳуқуқии ҳамкориҳои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Асамблеяи байнипарлумонии давлатҳои иштирокчии ИДМ. Маҷаллаи давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2024. - №1(33). 364. С.
5. Кафолатҳои байналмилалии таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи ҳамкориҳои он бо институтҳои байналмилалӣ. Н.и.ҳ., дотсент Қодиров Н.А., ва доктор PhD соли 2, Қурбонзода М.С., Маводҳои конференсияи байналмилалии илмӣ – назариявӣ бахшида ба 100-солагии Виктор Аркадевич Ойгензихт. кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ. Соли 2024. 269. С.
6. Оинномаи СММ аз 26 июни соли 1945. (Зхираи электронӣ). Манбаи дастрасӣ: https://www.un.org/ru/about-us/un-charter/full-text (санаи муроҷиат: 17.03.2025).
7. Оинномаи Созмони кишоварзӣ ва озуқавории СММ аз 16 октябри соли 1945. (Захираи электронӣ). Манбаи дастрасӣ: https://www.fao.org/4/K8024r/K8024r. (санаи муроҷиат 18.03.2025).
8. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016. (Захираи электронӣ). Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj (санаи муроҷиат 18.03.2025).
9. ФАО ва Тоҷикистон созишномаи ҳамкорӣ имзо карданд, (Захираи электронӣ). Манбаи дастрасӣ: https://www.fao.org/family-farming/detail/en/c/415625/. (Санаи муроҷиат: (19.03.2025).
10. Ҳуқуқи байналмилалӣ (қисми умумӣ). Воситаи таълимӣ. Муҳаррирони масъул мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалиии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дотсент Қодиров Н.А., ва дотсент Қодиркулов Х.Р., - Душанбе, “Аршан”, 2023. 319. С.
11. Ҳуқуқи байналхалқӣ. Китоби дарсӣ, ҳайати муаллифон, муҳаррири масъул, профессор Менглиев Ш.М. Душанбе, 2010. 530. С.

Литература:

1. https://khovar.tj. / (дата обращения 15.03.2025).
2. Оценка деятельности ФАО в Таджикистан (2004-2009), стр. 26, (Электронный ресурс). Источник доступа: https://www.livestock-emergency.net/wp-content/uploads/2020/04/FAO-2009. (дата обращения: 17.03.2025).
3. Программа продовольственной безопасности Республики Таджикистан на 2020-2024 годы, постановление Правительства Республики Таджикистан от 25 июня 2020 года, №386, (электронный ресурс). Источник доступа: https://taas.tj/barnoma-va-loiha/ (дата обращения 16.03.2025).
4. Идизода Ф.Ф., Международные правовые основы сотрудничества Маджлиси Оли Республики Таджикистан с Межпарламентской Ассамблеей государств-участников СНГ. Журнал государственности и прав человека. – 2024. - №1(33). 364. С.
5. Международные гарантии обеспечения национальной безопасности Республики Таджикистан на основе ее сотрудничества с международными институтами, к.ю.н.- доцент Кадиров Н.А. и доктор философии 2 года, Курбанзода М.С., Материалы международной научно-теоретической конференции, посвященной 100-летию Виктора Аркадевича Ойгензихта. кафедра предпринимательского права и бизнеса юридического факультета ТНУ. 2024 год. 269. С.
6. Устав ООН от 26 июня 1945 года. (Электронный ресурс). Источник доступа: https://www.un.org/ru/about-us/un-charter/full-text (дата обращения: 17.03.2025).

7. Устав сельскохозяйственной и продовольственной организации ООН от 16 октября 1945 года. (Электронный ресурс). Источник доступа: https://www.fao.org/4/K8024r/K8024r. (дата обращения 18.03.2025).

8. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан от 1 декабря 2016 года. (Электронный ресурс). Источник доступа: https://mmk.tj (дата обращения 18.03.2025).

9. ФАО и Таджикистан подписали соглашение о сотрудничестве (Электронный ресурс). Источник доступа: https://www.fao.org/family farming / detail/c/c / 415625/. (Дата обращения: (19.03.2025).

10. Международное право (общая часть). Учебние пособие. Ответственные Редакторы заведующий кафедрой международного права юридического факультета ТНУ доцент Кадиров Н.А. и доцент Кадыркулов Х.Р., - Душанбе, "Аршан", 2023. 319. С.

11. Международное право. Автор книги, авторский состав, ответственный редактор, профессор Менглиев Ш.М. Душанбе, 2010. 530. С.

Literature:

1. https://khovar.tj. / (accessed 03/15/2025).

2. ASSESSMENT OF FAO'S ACTIVITIES IN TAJIKISTAN (2004-2009), p. 26, (Electronic resource). Access source: https://www.livestock-emergency.net/wp-content/uploads/2020/04/FAO-2009. (date of access: 03/17/2025).

3. The Food Security Program of the Republic of Tajikistan for 2020-2024, Resolution of the Government of the Republic of Tajikistan dated June 25, 2020, No. 386, (electronic resource). Access source: https://taas.tj/barnoma-va-loiha / (accessed 03/16/2025).

4. Idizoda F.F., International legal foundations of cooperation between the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan and the Interparliamentary Assembly of the CIS Member States. Journal of Statehood and Human Rights. – 2024. - №1(33). 364. C.

5. International guarantees of national security of the Republic of Tajikistan based on its cooperation with international institutions, PhD in Law, Associate Professor Kadirov N.A. and PhD 2 years, Kurbanzoda M.S., Proceedings of the international scientific and theoretical conference dedicated to the 100th anniversary of Victor Arkadevich Eugensiht. Department of Business Law and Business of the Law Faculty of TNU. 2024. 269. p.

6. The UN Charter of June 26, 1945. (Electronic resource). Access source: https://www.un.org/ru/about-us/un-charter/full-text (date of request: 03/17/2025).

7. The Charter of the United Nations Agricultural and Food Organization dated October 16, 1945. (Electronic resource). Access source: https://www.fao.org/4/K8024r/K8024r. (accessed 03/18/2025).

8. The National Development Strategy of the Republic of Tajikistan dated December 1, 2016. (Electronic resource). Access source: https://mmk.tj (accessed 03/18/2025).

9. FAO and Tajikistan sign cooperation agreement (Electronic resource). Access source: https://www.fao.org/family farming / detail/c/c / 415625/. (Date of request: (03/19/2025).

10. International law (general part). The training manual. Responsible Editors Head of the Department of International Law of the TNU Faculty of Law, Associate Professor Kadyrov N.A. and Associate Professor Kadyrkulov H.R., - Dushanbe, "Arshan", 2023. 319. P.

11. International law. The author of the book, the author's staff, the responsible editor, professor Mengliev S.M. Dushanbe, 2010. 530. P.

12.00.14 – ҲУҚУҚИ МАЪМУРӢ; МУРОФИАИ МАЪМУРӢ
12.00.14 – АДМИНИСТРАТИВНОЕ ПРАВО; АДМИНИСТРАТИВНЫЙ ПРОЦЕСС
12.00.14 – ADMINISTRATIVE LAW; ADMINISTRATIVE PROCESS

ТДУ 342. 924
Нуриддинзода Суфӣ Нуриддин,
дотсенти кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия
Тел: (+992) 908-11-55-98,
E-mail: Sufi-1986@mail.ru

БАЪЗЕ АЗ ПРОБЛЕМАҲОИ АМАЛӢ ВА НОРАСОГИИ ҚОНУНГУЗОРӢ ОИД БА БАРРАСИИ ПАРВАНДАИ ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИИ МАЪМУРӢ

Калидвожаҳо: Огоҳ намудан**;** муҳлати баррасӣ; муҳлатҳои мурофиавӣ; вақт ва маҳалли баррасӣ; протоколи маҷлиси судӣ; тартибот; мурофиавӣ; парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ.

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур муаллиф кӯшишро ба харҷ додааст, ки баъзе аз проблемаҳои амалӣ ва норасогиҳои меъёрҳои Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба пешбурд ва баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ошкор намояд. Дар мақола масъалаи таҳқиқшуда бо назардошти таҳлили фикру ақидаҳои намояндагони илм, бахусус, олимони соҳаи ҳуқуқи маъмурӣ ва алоқаманд намудани фикру ақидаҳои онҳо бо муқаррароти қонунгузории соҳавӣ ва таҷрибаи амалии мақомоти ваколатдор оид ба пешбурд ва баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Бартараф намудани проблема ва норасогиҳои дар мақола баррасишуда ва пешниҳодҳои дар хулосаи он манзуршуда яке аз шартҳои муҳимми ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрвандон ба ҳисоб меравад.

Қайд намудан ба маврид аст, ки дар замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан, баъд аз ба таври райпурсии умумихалқӣ қабул намудани Конститутсия, санадҳои меъёрии ҳуқуқии аз ҷиҳати техникаи қонунгузорӣ мувофиқ ва кодификатсионие, ки танзимгари муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва ҷавобгарии маъмурӣ мебошанд, аз ҷониби маҷлиси қонунгузории давлат қабул карда шуда, мавриди амал қарор доранд. Олими тоҷик, С.И. Иброҳимов дар мавзӯи самтҳои асосии таҳаввулот ва инкишофи институти адлияи маъмурӣ дар давлатҳои Осиёи Марказӣ таҳқиқоти илмӣ гузаронида, қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро вобаста ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулшуда дар ин самт ба се давра ҷудо намудааст: солҳои 1991-1996; 2000-2008; 2009 то инҷониб (соли 2011) [1, с. 193-217]. Доктори илми ҳуқуқ, Б.Ҳ. Раззоқов бошад, таҳаввулоти шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии идоракуниро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз қабули Конститутсия дар асоси қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба чунин давраҳо ҷудо намудааст: 1) соли 1994 то 1999; 2) соли 2000 то 2005; 3) соли 2006 то инҷониб (соли 2014) [2, с. 19]. Азбаски муносибатҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ предмети танзими меъёрҳои соҳаи ҳуқуқи маъмурӣ (идоракунӣ) мебошанд, пас тақсимбандии инкишофи қонунгузориро, ки аз ҷониби Б.Ҳ. Раззоқов ба анҷом расонида шудааст, ба мавзӯи таҳқиқшаванда алоқаманд медонем.

Новобаста аз оне, ки таҳқиқотҳои илмии олимони болозикр чанд сол қабл тадқиқ гардидаанд, аммо шаҳодатгари таҳаввулоти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи танзими муносибатҳо оид ба пешбурд ва баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба ҳисоб мераванд. Ба ғайр аз ин, бо дарназардошти қабули Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз соли 2013, Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2014-2020, Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2021-2025, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ», дар таҳрири нав ва бо номи нав қабул намудани Кодекси маданӣ (пештар граждани), тағйиру иловаҳои зиёд дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ, пайгириҳои иҷрои талаботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ислоҳоти низоми судӣ-ҳуқуқӣ ва ғайра, фикр менамоем, ки тақсимбандии таҳаввулот ва инкишофи қонунгузории миллӣ дар самти танзими муносибатҳои адлияи маъмурӣ таҳқиқоти илмии навро талаб дорад.

Қабули Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аслан натиҷаи ислоҳоти соҳаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус, ислоҳоти низоми судӣ-ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад, ки дар як вақт ба риоя, иҷро ва кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон мусоидат намуда, ҳуқуқу манфиатҳои мурофиавии онҳоро ҳимоя менамояд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз аз 24 апрели соли 2010 суханронӣ намуда, зарурати идома додани ислоҳоти судиро таъкид намуда, масъалаи таҳия ва пешниҳоди барномаи нави мукаммали соҳаро барои солҳои минбаъда ба миён гузошта буданд. Дар ҳамин асно Сарвари давлат ёдрас намуданд, ки таҳия ва пешниҳоди Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ бояд дар назар гирифта шавад ва таъкид сохтанд, ки «ҷиноятқориро танҳо бо пурзӯр намудани ҷазо барҳам додан ғайриимкон мебошад» [3]. Албатта, натиҷаи чунин таклиф ва пешниҳоду талаботҳои Сарвари давлат буд, ки соли 2013 Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд.

Кодекси зикршуда аз ҷиҳати муқаррарот ва мазмун дарбаргирандаи танзими тамоми муносибатҳои соҳавии хеш буда, ба таври пурра асосҳои умумӣ ва муқарраротҳои махсусро вобаста ба пешбурд ва баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, инчунин иҷрои қарорҳоро вобаста ба намудҳои алоҳидаи ҷазои маъмурӣ муайян менамояд. Муқоисаи муқаррароти назариявии меъёрҳои Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба механизми дар амал воқеӣ гардонидани меъёрҳои санади меъёрӣ-ҳуқуқии зикршуда предмети таҳқиқи мавзӯъ ва шарти зарурии ҳалталаби масъала ба ҳисоб меравад.

Баррасии парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ин зинаи марказии пешбурд оид ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба ҳисоб меравад. Чунин ҳолат дар тамоми чорабиниҳои муайяншуда ва дар алоқамандӣ ба фаъолияти юрисдиксионии мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи баамалбарории вазифаҳои пешбурд оид ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ бо мақсади муайян намудани ҳолатҳои воқеии кор аз рӯи маводҳои парванда ва қабули қарори мувофиқаткунанда дар назар дошта мешавад.

Дар натиҷаи гузаронидани таҳлил оид ба фаъолияти амалии мақомоти ваколатдори давлатӣ ҷиҳати пешбурд ва баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ баъзе проблема ва норасогиҳои фаъолияти амалӣ ва муқаррароти қонунгузории мурофиавии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистонро мушоҳида намудан мумкин аст.

Яке аз проблемаҳои аввалин дар баррасии парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ номуайян будани механизми огоҳонии шахсе, ки нисбаташ парванда бояд баррасӣ карда шавад, ба ҳисоб меравад. Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ муайян менамояд, ки баррасии парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ бо иштироки шахсе, ки нисбаташ парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар пешбурд қарор дорад, баррасӣ карда мешавад [4]. Аммо тартиб ва механизми хабардоркунии шахс ва ҳамчунин моҳияти «огоҳ намудан» ва талабот оид ба шакл, вақт ва мазмуни ҳуҷҷати хабардоркунӣ пебинӣ нагардидааст.

Дар амалияи судӣ оид ба баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ фақат муайян аст, ки дар баррасии парванда шахси ба ҷавобгарӣ кашидашаванда хабардор карда мешавад, аммо дар як ҳолат метавонад шумораи зиёди парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ баррасӣ гарданд, ки ин ба меъёри дигари қонунгузорӣ оид ба тайёрии баррасии парванда наметавонад мувофиқат намояд.

Огоҳонидан тавассути почта проблемаи дигар аст, ки аллакай шахс дар чунин ҳолат метавонад ҷойи истиқоматашро иваз намуда бошад. Бо мақсади нагузаронидани муҳлати баррасии парванда хуб мешавад, агар пеш аз фиристонидани огоҳнома мақомоти дахлдори ҷойи зисти иштирокчиёни парванда аз натиҷаи боздид ба мақомоти баррасикунандаи парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ хабари фаврӣ расонад.

Дошина П. А амалкунии низоми самараноки реҷаи шиносномавиро дар давлат яке аз роҳҳои ҳалли масъалаи баррасишаванда меҳисобад. Чунончӣ қайд намудааст, ки бақайдгирии муваққатии ҷойи зисту зиндагонии шаҳрвандон бояд ба таври фаъолона амал намояд, яъне дар чунин ҳолат равон намудани огоҳнома оид ба иштирок дар баррасии парванда метавонад ба суроға ва унвонии муайян расад [5, с. 66-72]. Аз муқаррароти қонунгузорӣ ва натиҷаҳои таҳлили илмӣ бар меояд, ки зарурати коркарди механизми нави огоҳкунии шахси ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидашаванда вуҷуд дорад.

Тибқи муқаррароти моддаи 134 Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҳангоми тайёрӣ барои баррасии парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ як қатор масъалаҳо бояд ҳал карда шуда, оид ба онҳо таъйинот ё қарор қабул карда шавад.

Пеш аз ҳама масъалаи таъйин кардани вақт ва маҳалли баррасии парванда бояд дида баромада шавад. Вақт муайянкунандаи маҳаки асосии муҳлатҳои мурофиавӣ ба ҳисоб рафта, дар чунин ҳолат соатҳои кориро дар бар мегирад. Аз фаъолияти амалии мақомоти ваколатдор оид ба баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ бар меояд, ки дар баъзе ҳолатҳо вақт ҳамчун муайянкунандаи муҳлатҳои мурофиавӣ ба инобат гирифта намешавад. Ба таври мисол, дар ҷойи ҳодисаи кирдори ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб додани протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва дар як вақт баанҷомрасида ҳисобидани он. Аммо, набояд фаромуш сохт, ки исботи бегуноҳии шахс ҳуқуқи шахси ҳуқуқвайронкунанда набуда, балки исботи гунаҳгории шахс ин уҳдадории шахси ваколатдори пешбарандаи парванда мебошад. Яъне, дар чунин вақти кутоҳ ҳарчанд, ки шахс худро ба гунаҳгорӣ мезанад, аммо шахси ваколатдори пешбарандаи парванда бояд ба он маҳдуд нашуда, муҳлатҳои мурофиавиро ҷиҳати муайян намудани сабабу шароитҳои мусоидаткунандаи ҳуқуқвайронкунӣ, ки асос барои аз байн бурдани ҳуқуқвайронкуниҳо мебошанд, риоя намояд. Аз тарафи дигар дар чунин муҳлати кутоҳ имконияти воқеии исботи гунаҳгории шахс амалан номумкин аст.

Маҳалли баррасии парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмуриро қонунгузорӣ дар ҷойи содиршавии кирдор, ҷойи истиқомати шахси содирнамудаи кирдор ва вобаста ба кирдорҳои маъмурии вайронкунии қоидаҳои бехатарии ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт бошад, дар ҷойи бақайдгирии воситаи нақлиёт ба таври алтернативӣ муайян намудааст. Мақсад аз дар ҷойи истиқомат ва ҷойи бақайдгирии воситаи нақлиёт баррасӣ намудани парванда, ин пешгирӣ аз сарф ва хароҷоти зиёдатии маблағҳои шахси ҳуқуқвайронкунанда ва хусусиятҳои хоси муқаррароти қонунгузорӣ буда, дар як вақт қувваи бозгашти қонунро дар ҷомеаи ҳуқуқбунёд дар бар мегирад. Аммо, вобаста аз муроҷиат ва таҳлили гуфти омма бар меояд, ки аксарияти вақт чунин муқаррароти қонунгузорӣ ичро ва риоя намегардад. Ба таври мисол, ҳангоми гирифтани ҳуҷҷатҳои ронандагии шахс системаи ирсолкунандаи чунин ҳуҷҷатҳо ба ҷойи истиқомати шахси ҳуқуқвайронкунанда дар вақти таъйини корро ба анҷом намерасонад.

Аз дигар тараф бо мақсади хусусияти тарбиявӣ бахшидан ба баррасии парванда қонунгузорӣ муайян намудааст, ки парванда метавонад дар ҷойи кор ё таҳсили шахси ҳуқуқвайронкунанда баррасӣ карда шавад [4], аммо дар амал воқеӣ шудани чунин меъёр қариб, ки ба чашм намерасад.

Қонунгузории мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ иштироки шахси холисро дар баъзе аз амалҳои мурофиавӣ ҳатмӣ медонад. Дар амалияи фаъолияти мақомоти ваколатдор оид ба пешбурд ва баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар ин самт аз рӯи таҳлил ба расмиётчигӣ во хурдан мумкин аст. Чунончӣ, Дошина П.А қайд намудаанд, ки дар аксарияти ҳолатҳо ҳамчун шахси холис истифода бурдани шахсе, ки имконияти доимии дастрасӣ ба шахси ваколатдори пешбарандаи парвандаро дорад, ба чашм мерасад [5, с. 66-72].

Масъалаи дигари предмети таҳқиқ ва муҳокимаи мавзӯъ ба расмият надаровардан ва дар маводҳои парванда замима накардани маълумоти тасдиққунанда ҷиҳати хароҷоти маблағҳои даъвати иштирокчиёни парванда ва дигар маблағҳои хароҷотии парванда ба ҳисоб меравад, ки дар охир оид ба пардохти онҳо мушкилот эҷод мегардад, ҳоло он ки дар Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ масъалаи зикршуда ба таври пурра танзими худро ёфтааст. Эҷод шудани мушкилот оид ба пардохти маблағҳои хароҷотӣ низ ба ҳалли воқеии кор оид ба ҳодисаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ метавонад таъсири манфӣ расонад. Яъне, дар ин ҳолат мумкин аст иштирокчиёни даъватӣ ба маҳалли баррасии парванда ҳозир нашаванд. Ҳозир нашудани онҳо бошад албатта таҳқиқ ва таҳлили маълумоти доштаашонро оид ба ҳодисаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ё тасдиқи амалҳои мурофиавии гузаронидашуда истисно намуда, дар умум мақсади баррасии парвандаро аз рӯи мазмуни қонунгузорӣ коста мегардонад.

Тибқи муқаррароти моддаи 138 Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оид ба баррасии парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҳатман тартиб додани протокол пешбинӣ гардидааст. Қайд кардан ба маврид аст, ки чунин протокол протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмуриро дар назар надошта, балки протоколи тасдиққунандаи ҷараёни баррасии парвандаро дар назар дорад. Аз натиҷаи таҳлил бар меояд, ки тартиб додани чунин протокол фақат дар мурофиаи судии баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҷой дошта, дар фаъолияти амалии дигар мақомоти ваколатдор оид ба баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ вуҷуд надорад. Вобаста ба масъалаи мазкур, Мельгунов В.Д баррасии парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмуриро аз ҷониби суд то

андозае оид ба риоя гардидани талаботи мурофиа ва мувофиқ ба риояи ҳуқуқи инсон медонад [6, с. 208-212]. Панкова О.В бошад вобаста ба мавҷудияти протоколи раванди баррасии парванда ақидаи Мельгунов В.Д-ро дастгирӣ менамояд [7, с.123].

Ақидаи муҳаққиқони болозикр ҷонибдорӣ гардида, қайд намудан ба маврид аст, ки ҷой додани маълумотҳое, ки дар ҷараёни баррасии парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ заруранд дар протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ки дар шакли варақа (бланка)-и расмӣ тасдиқ гардидааст, имконнопазир аст.

Риоя шудани тартибот дар маҷлиси судӣ муқаррароти дигари асосии қонунгузорӣ дар баррасии парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба ҳисоб меравад. Тарзи мурофиавии баррасии парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар чунин ҳолат аз рӯи мазмун ва мантиқи муқаррароти қонунгузорӣ фаъолияти мақомоти суд ва дигар мақомоти ваколатдори давлатиро оид ба баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба таври ягона муайян намудааст. Яъне, ягон муқаррарotҳои дигари фарқкунанда вобаста ба фаъолияти мақомоти дигари давлатӣ дар баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ пешбинӣ нагардидааст. Аммо, муқаррароти моддаи 139 Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар баррасии парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурие, ки аз ҷониби дигар шахсони ваколатдори мақомоти давлатӣ дида баромада мешавад, риояи тартиботро гӯё истисно кардааст. Инчунин тарзи ягонаи баамалбарории мурофиа ва раванди баррасии парванда аз ҷониби суд ва дигар мақомоти ваколатдори давлатӣ ба таври якхела пешбинӣ нашудааст, ки дар асл ин фаъолият мақсади ягонаро доро мебошад.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳқиқи мавзӯъ бо дарназардошти таҳлили муқаррароти қонунгузории мурофиаи маъмурӣ, фикру ақидаҳои олимон, муроҷиат ба татбиққунандагони қонун ва шахсоне, ки қонун нисбаташон татбиқ мешавад, пешниҳодҳои зерин манзур карда мешавад:

- дар замони ислоҳоти низоми судӣ-ҳуқуқӣ, ки аслан қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии нав ва даровардани тағйироту иловаҳои зиёд ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда, ҳамчунин, тағйиротҳои сохтории мақомоти ваколатдори татбиққунандаи онҳо дар назар дошта мешавад ва ба чашм мерасад, тақсимбандии давраҳои инкишоф ва таҳаввулоти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба адлияи маъмурӣ дар давраи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон коркарди нави илмиро тақозо дорад;

- пурра намудани меъёрҳои қонунгузории мурофиаи маъмурӣ оид ба шакл ва механизми огоҳкунии иштирокчиёни баррасии парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва алоқаманд намудани меъёри қонунгузорӣ оид ба фаъолияти ҳамаи мақомоти ваколатдори давлатӣ, ки риоя накардани тартибот ҳангоми баррасии парванда ва беэҳтиромӣ нисбати онҳо ҷавобгариро ба вуҷуд меорад;

- назорати қатъӣ аз болои фаъолияти мақомоти ваколатдори давлатӣ ва шахсони мансабдори он оид ба риояи муҳлатҳои мурофиавӣ, маҳал ва ҷойи баррасии парванда, ҷалби шахсони воқеӣ ва айнии холис дар амалҳои мурофиавӣ, ба расмият даровардани ҳуччатҳои лозимӣ оид ба хароҷот ва протоколи паррасии парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз рӯи талаботи Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ.

НЕКОТОРЫЕ ПРАКТИЧЕСКИЕ ПРОБЛЕМЫ И НЕДОСТАТКИ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА О РАССМОТРЕНИИ ДЕЛ ОБ АДМИНИСТРАТИВНЫХ ПРАВОНАРУШЕНИЯХ

Ключевые слова: Предупреждение; сроки рассмотрения; процессуальные сроки; время и место рассмотрения; протокол судебного заседания; порядок; процессуальный; дело об административном правонарушении.

Аннотация. В статье автор попытался раскрыть некоторые практические проблемы и нормативные недостатки Процессуального кодекса об административных правонарушениях Республики Таджикистан по ведению и рассмотрению дел об административных правонарушениях. В статье рассматриваемая проблема проанализирована с учетом анализа мнений представителей науки, в особенности ученых в области административного права, с целью сопоставления их мнений с содержанием отраслевого законодательства и практического опыта уполномоченных органов по ведению и рассмотрению дел об административных правонарушениях. Устранение проблем и недостатков, рассматриваемых в статье и предложения, предоставленные в заключении являются одним из важных условий защиты конститутционных прав и свобод человека и гражданина**.**

Нуриддинзода Суфи Нуриддин - доцент кафедры административного права и административной деятельности факультета №2 Академии МВД Республики Таджикистан, подполковник милиции**,** E-mail: Sufi-1986@mail.ru, Тел: (+992) 908-11-55-98.

SOME PRACTICAL PROBLEMS AND DEFICIENCIES IN THE LEGISLATION DEALING WITH ADMINISTRATIVE OFFENCES

Key words: Warning; terms of consideration; procedural terms; time and place of consideration; protocol of the court session; order; procedural; case of an administrative offense.

Annotation. In the article, the author tried to reveal some practical problems and regulatory shortcomings of the Procedural Code of Administrative Offenses of the Republic of Tajikistan on the management and consideration of cases of administrative offenses. In the article, the problem under consideration is analyzed taking into account the analysis of the opinions of representatives of science, especially scientists in the field of administrative law, in order to compare their opinions with the content of sectoral legislation and the practical experience of authorized bodies for the conduct and consideration of cases of administrative offenses. The elimination of the problems and shortcomings discussed in the article and the proposals provided in the conclusion are one of the important conditions for the protection of constitutional rights and freedoms of Human and citizen.

Nuriddinzoda Sufi Nuriddin - associate professor of the Department of administrative law and administrative activity of the faculty No. 2 of the Academy of the Ministry of internal Affairs of the Republic of Tajikistan, lieutenant colonelmilitia, E-mail: Sufi-1986@mail.ru, Tel: (+992) 908-11-55-98.

Адабиёти истифодашуда:

1. Ибрагимов С.И. Основные направления формирования и развития института административной юстиции в государствах Центральной Азии: сравнительно-правовое исследование. /Ибрагимов Солиджон Ибрагимович. – Душанбе: Дониш, 2011-217 с.

2. Раззаков Б.Х. Проблемы теории и практики организации исполнительной власти Республики Таджикистан: Автореф. дисс. докт. юридич. наук: 12 00 01./Раззоков Баходур Хаётович. – М., 2014. -39 с.

3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 апрели соли 2010. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: **http://ombudsman.tj**›files/Payom-24.04.2010.pdf. (санаи мурочиат: 15.09.2024 с).

4. Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон. (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, №7, мод. 502; с. 2014, №3, мод. 145, №7, қ. 1, мод. 391, №11, мод. 644; с. 2015, №3, мод. 202, №7-9, мод. 709, мод. 710, мод. 711, №11, мод. 956, №12, Қ. 1, мод. 1109; с. 2016, №3, мод. 133, №7, мод. 615; Қонунҳои ҶТ аз 30.05.2017 с., №1419; аз 02.01.2018 с., №1476; аз 17.05.2018 с., № 1519, 1520; аз 02.01.2020 с., №1660; 04.07.2020 № 1695; аз 04.07.2020 № 1699, 07.08.2020 №1716).

5. Дошин П.А. Актуальные проблемы уведомления в производстве по делам об административных правонарушениях // Юридический мир, 2006, № 10. – С. 66-72.

6. Мельгунов В.Д. О некоторых вопросах совершенствования процедуры рассмотрения дел об административных правонарушениях // Административная ответственность: вопросы теории и практики. Сборник статей. - М.: Изд-во ИГиП РАН, 2005. - С. 208-212.

7. Панкова О.В. Настольная книга судьи по делам об административных правонарушениях /; под ред. Н. Г. Салищевой. - Москва : Проспект, 2008. - 300 с.

Использованная литература

1. Ибрагимов С.И. Основные направления формирования и развития института административной юстиции в государствах Центральной Азии: сравнительно-правовое исследование. /Ибрагимов Солиджон Ибрагимович. – Душанбе: Дониш, 2011-217 с.

2. Раззаков Б.Х. Проблемы теории и практики организации исполнительной власти Республики Таджикистан: Автореф. дисс. докт. юридич. наук: 12 00 01./Раззоков Баходур Хаётович. – М., 2014. -39 с.

3. Послание Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 24 апреля 2010 года. [Электронный ресурс]. Источник доступа: **http://ombudsman.tj**›files/Payom-24.04.2010.pdf. (дата обращения: 15.09.2024).

4. Процессуальный кодекс об административных правонарушениях Республики Таджикистан. (Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2013 г., №7, ст. 502; 2014 г., №3, ст. 145, №7, ч. 1, ст. 391, №11, ст. 644; 2015 г. №3, ст. 202, №7-9, ст. 709, ст. 710, ст. 711, №11, ст. 956, №12, ч. 1, ст. 1109; …. от 04.07.2020 г, №1699, 07.08.2020 г, №1716).

5. Дошин П.А. Актуальные проблемы уведомления в производстве по делам об административных правонарушениях // Юридический мир, 2006, № 10. – С. 66-72.

6. Мельгунов В.Д. О некоторых вопросах совершенствования процедуры рассмотрения дел об административных правонарушениях // Административная ответственность: вопросы теории и практики. Сборник статей. - М.: Изд-во ИГиП РАН, 2005. - С. 208-212.

7. Панкова О.В. Настольная книга судьи по делам об административных правонарушениях /; под ред. Н. Г. Салищевой. - Москва : Проспект, 2008. - 300 с.

References

1. Ibragimov S.I. The main directions of formation and development of the institute of administrative justice in the Central Asian states: a comparative legal study. /Ibragimov Solijon Ibragimovich. - Dushanbe: Donish, 2011-217 p.

2. Razzakov B.Kh. Problems of theory and practice of organizing the executive power of the Republic of Tajikistan: Author's abstract. diss. doc. legal Sciences: 12 00 01./Razzokov Bahodur Khayotovich. – M., 2014. -39 p.

3. Message of the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon to the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan dated April 24, 2010. [Electronic resource]. Access source: http://ombudsman.tj›files/Payom-24.04.2010.pdf. (date accessed: 09/15/2024).

4. The Procedural Code of Administrative Offenses of the Republic of Tajikistan. (Bulletin of the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, 2013, No. 7, Article 502; 2014, No. 3, Article 145, No. 7, Part 1, Article 391, No. 11, Article 644; 2015, No. 3, Article 202, Nos. 7-9, Article 709, Article 710, Article 711, No. 11, Article 956, No. 12, Part 1, Article 1109; …. dated 04.07.2020, No. 1699, 07.08.2020, No. 1716).

5. Doshin P.A. Current issues of notification in proceedings on administrative offenses // Legal World, 2006, No. 10. – P. 66-72.

6. Melgunov V.D. On some issues of improving the procedure for considering cases of administrative offenses // Administrative liability: issues of theory and practice. Collection of articles. - M.: Publishing house of the Institute of Law and Public Policy of the Russian Academy of Sciences, 2005. - P. 208-212.

7. Pankova O.V. Handbook of a judge on cases of administrative offences /; edited by N.G. Salishcheva. - Moscow: Prospect, 2008. - 300 p.

УДК 351.741:342.9
ШАРИФЗОДА С.Ш.
Заместитель начальника факультета № 2 Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, полковник милиции
Тел: (+992)900-09-04-69
E-mail: sodikjon69@yandex.ru

ГАРАНТИИ СОЦИАЛЬНОЙ И ПРАВОВОЙ ЗАЩИЩЁННОСТИ СОТРУДНИКА ОВД РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН: ПРЕДПОСЫЛКА РЕАЛИЗАЦИИ АДМИНИСТРАТИВНО-ПРАВОВОГО СТАТУСА

Ключевые слова: административно-правовой статус, органы внутренних дел, сотрудник, гарантии, социальная защита, стратегия, правовая защита, реформа, социальная защищенность, правовая защищенность.

Аннотация. В статье рассматривается проблема, связанная с гарантиями социальной и правовой защищённости сотрудника органов внутренних дел Республики Таджикистан. Изучив мнение ученых, а также исследовав структуру административно-правового статуса сотрудника ОВД, автор пришел к выводу о том, что правовое регулирование социальной защиты сотрудника ОВД, как государственного служащего, нуждается в дальнейшем совершенствовании.

